Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Факултети ҳуқуқшиносӣ
Кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

Ба истиқболи ҷашни 20 солагии қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60 солагии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М.З. бахшида мешавад

ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Воситаи таълимӣ

Бо қарори Шӯрои илмӣ-методии ДМТ ба сифати воситаи таълимӣ барои чоп тавсия шудааст.

Душанбе - 2014

УДК: 340:338.22 (076) (0575.3)
ББК: 67.404
С-18

Муаллиф:

Сангинов Дониёр Шомаҳмадович - мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент.

Муҳаррири масъул:

Раҳимов М.З. доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор.

Муқарризон:

Ғаюров Ш.К., доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор.
Шонасридинов Н.Ш., номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент.
Нодиров Ф.М., номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент.
Сулаймонов Ф.С. номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент.

Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): Воситаи таълимӣ // Душанбе: «ЭР-граф», 2014, -- 500 саҳ.

Воситаи таълимии мазкур мувофиқи барномаи фанни таълимии «Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои муассисаҳои олии ҳуқуқшиносӣ бо дарназардошти тағйиротҳои охирини қонунгузорӣ то 1-январи соли 2014 тайёр карда шудааст. Дар он хусусияти мавзӯъ ва усули соҳаи ҳуқуқи мазкур, махсусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ дарҷ шудааст.

Он барои донишҷӯён, аспирантҳо, муаллимони муассисаҳои олии ҳуқуқиву иқтисодӣ ва кормандони амалии соҳаи соҳибкорӣ тавсия карда мешавад.

© Сангинов Д.Ш. 2014.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии худ стратегияи ислоҳоти иқтисодию иҷтимоиро, ки ба бунёди асоси низоми нави иқтисодӣ ва таъмини сатҳи баланди некӯаҳволии мардум равона карда шудааст, ба таври қатъӣ амалӣ намуда, диққати асосиро ба таъсиси дастгоҳҳои нави истеҳсолӣ дар соҳаи иқтисод, тақдид ва фаъолияти самараноки корхонаҳои саноатии мавҷудбуда, ҷалби сармояи хориҷӣ, инчунин ҷорӣ намудани технологияи нав равона мекунад. (Баромад дар *Форуми соҳибкорон дар доираи Конференсияи 5-уми RECCA-V дар шаҳри Душанбе 26.03.2012с.)* .

Дастгирии соҳибкорӣ ва таъсис додани корхонаҳои истеҳсолӣ омили асосии таъмини тарққиёти иқтисодиёт , таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад ва Ҳукумати мамлакат ба масъалаи дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва ташаббуси бунёдкоронаи шаҳрвандон диққати махсус медиҳад *(Баромади Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо сардорон ва фаъолони вилояти Суғд 29.10.2012с.)*.

Дар ҳафт соли охир ба мақсади тараққиёти соҳибкорӣ, пеш аз ҳама соҳибкории истеҳсолӣ, муҳити мӯътадил барои фаъолияти соҳаи хусусӣ таъсис дода шуд. Чорабиниҳои дар ин давра амалинамуда, алалхусус қонунигардонии моликият ва воситаҳои шаҳрванд, эълон намудани маратория ба фаъолияти субъектони соҳибкории истеҳсолӣ, амалӣ намудани ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳӣ, мустаҳкам намудани ҳамкории давлат ва соҳаи хусусӣ, инчунин қабул намудани Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар солҳои 2012-2020 ба тараққиёти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ такони ҷиддӣ бахшиданд.

(Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ 26.04.2013с.).

МУНДАРИҶА

САРСУХАН 12

ҚИСМИ УМУМӢ

БОБИ I. ИҚТИСОД, БОЗОР ВА ҲУҚУҚ 17
1.1. Иқтисод: хусусиятҳои асосӣ ва вазифаҳо 17
1.2. Таносуби иқтисод ва ҳуқуқ 19
1.3. Таркиб ва сохтори бозор 20

БОБИ II. МАФҲУМ, МАВЗӮ ВА НИЗОМИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ 24
2.1. Ҳуқуқи соҳибкорӣ: мафҳум ва мавзӯ 24
2.2. Усулҳо ва принсипи ҳуқуқи соҳибкорӣ 24
2.3. Вазифаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ 28
2.4. Мавқеи ҳуқуқи соҳибкорӣ дар низоми ҳуқуқ 28
2.5 Таносуб ва таъсири мутақобилаи меъёрҳои хусусии ҳуқуқӣ ва оммавии ҳуқуқӣ дар танзим намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ. 30
2.6. Низоми фанни ҳуқуқи соҳибкорӣ 31
2.7. Илми ҳуқуқи соҳибкорӣ: таърихи пайдоиш ва инкишоф 33

БОБИ III. САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ ВА ТИҶОРАТ 39
3.1. Мафҳум ва намудҳои сарчашмаи ҳуқуқи соқибкорӣ ва тиҷорат 39
3.2. Масъалаи соҳибкорӣ дар Сарқонуни ҶТ, Кодекси андози ҶТ, Кодекси граждании ҶТ ва дар дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ 39
3.3. Нақши санадҳои корпоративӣ дар танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ 43
3.4. Татбиқи санадҳои байналмиллалӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ. 46

БОБИ IV. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИ ДАР МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶА 48
4.1. Мафҳум, мавзӯ ва институтҳои ҳуқуқи соқибкорӣ дар мамлакатҳои хориҷа 48
4.2. Сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати мамлакатҳои хориҷӣ 54
4.3. Мақсад,вазифа ва шаклҳои асосии танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ 59

БОБИ V. СУБЪЕКТОНИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ 61
5.1. Мафҳум ва намудҳои субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат 61
5.2. Таъсиси ташкилотҳои тиҷоратӣ 62
5.3. Бақайдгирӣ ва иҷозатдиҳии фаъолияти соҳибкорӣ 66
5.4. Қобилияти ҳуқуқдории субъектони фаъолияти соҳибкорӣ.. 80
5.5. Соҳибкорони инфиродӣ 82
5.6. Ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ 88
5.7. Вазъи ҳуқуқии соҳибкорони хориҷӣ дар ҶТ 95

БОБИ VI. ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ НАМУДҲОИ АЛОҲИДАИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ 98
6.1. Хусусиятҳои таъсис ва ба даст овардани фоида дар ширкати хоҷагидорӣ 98
6.2. Ширкате комил..... 100
6.3. Ширкати ба боварӣ асосёфта 101
6.4. Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд 103
6.5. Ҷамъияти дорои масъулияташ иловагӣ 104
6.6. Ҷамъияти саҳомӣ..... 105
6.7. Ҷамъияти фаръӣ ва вобаста..... 108
6.8. Кооперативи истеҳсолӣ..... 109
6.9. Фаъолияти фоидаовари корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ..... 111
6.10. Иттиҳоди соҳибкорон 113

БОБИ VII. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ МУФЛИСШАВӢ.... 116
7.1. Мафҳум ва аломатҳои муфлисшавӣ..... 116
7.2. Расмиётҳои муфлисшавӣ..... 116
7.3. Идоракунии берунӣ..... 118
7.4. Мушоҳида 125
7.5. Истеҳсолоти озмунӣ 130
7.6. Созишномаи мусолиҳа 137
7.7. Ваколати маҷлиси кредиторон 140
7.8. Ҷавобгарии ҳуқуқии барои вайрон намудани муқаррароти қонунгузорӣ дар соҳаи муфлисшавӣ..... 142

БОБИ VIII. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МЕНЕҶМЕНТ..... 144
8.1. Мафҳум, мазмун ва намудҳои менеҷмент..... 144
8.2. Функся ва принсипҳои менеҷмент..... 151
8.3. Таъминоти ҳуқуқии менеҷмент 154
8.4. Нақшаи соҳибкорӣ 155
8.5. Вазъи ҳуқуқии менеҷер..... 157

БОБИ IX. РЕЖИМИ ҲУҚУҚИИ МОЛУМУЛКИ СОҲИБКОР 162
9.1. Молумулк ҳамчун асоси фаъолияти соҳибкорӣ 162
9.2. Ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои амволӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ 163
9.3. Ашёҳо ва асъор ҳамчун объекти фаъолияти соҳибкорӣ 164
9.4. Ҳуқуқи молумулкии соҳибкор ба қоғазҳои қимматнок.....166
9.5. Таснифи қоғазҳои қимматнок 168
9.6. Иттилооти иҷтимоӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ 169
9.7. Моликияти зеҳнӣ. Тамғаи молӣ (тамғаи хизматрасонӣ) номи фирмавӣ. Номи ҷои баромади мол. Ихтироот, модели судманд ва намунаи саноатӣ.....172

БОБИ X. ҲУҚУҚИ ХУСУСИГАРДОНӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ..... 176
10.1. Мафҳум, субъект ва объекти хусусигардонӣ 176
10.2. Тартиб ва тарзҳои хусусигардонии моликяти давлатӣ.....177
10.3. Аҳамияти шартномаҳои граждани дар танзимнамоии хусусигардонӣ 181

БОБИ XI. ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИТИ СОҲИБКОРӢ 183
11.1. Мақсад ва вазифаҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ 183
11.2. Шаклҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкорӣ ва назорати он 184
11.3. Сарчашмаҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ 186
11.4. Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон 189

БОБИ XII. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ ТЕХНИКӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ 193
12.1. Моҳияти ҳуқуқии танзими техникӣ.....193
12.2. Мафҳум ва хусусиятҳои стандартонӣ 194
12.3. Моҳияти ҳуқуқии сертификатсия ва декларатсиякунонии мутобиқат.....196
12.4. Асосҳои ченаки ягона.....204
12.5. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани муқаррароти қонунгузорӣ дар соҳаи танзимкунии техники фаъолияти соҳибкорӣ 205

БОБИ XIII. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ РАҚОБАТ ВА МАҲДУДКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ИНҲИСОРӢ ДАР БОЗОРИ МОЛӢ 211
13.1. Моҳияти танзими ҳуқуқии раҳобати иқтисодӣ ва фаъолияти инҳисорӣ дар бозори молӣ 211
13.2. Мафҳум, вазифа ва намудҳои фаъолияти рақобатӣ 212
13.3. Мафҳум ва аломатҳои мавқеи ҳукмфармо 215
13.4. Мафҳум ва намудҳои фаъолияти инҳисорӣ 216
13.5. Мафҳум ва шаклҳои рақобати бевиҷдонона 219
13.6. Воситаҳои ҳуқуқии пешгирии вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисории ҶТ 220
13.7. Монополияи табиӣ ва танзими ҳзуқуқии он 225

БОБИ XIV. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ НАРХ ВА НАРХГУЗОРӢ ДАР БОЗОРҲОИ МОЛӢ 229
14.1. Мафҳум ва тартиби нархгузорӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ 229
14.2. Нархҳои озод ва тартиби ҳуқуқии татбиқи онҳо 234
14.3. Нархгузории субъектони хоҷагидоре, ки вазъи ҳукмфармо ва монополияти табииро соҳибанд. 235
14.4. Нархгузорӣҳангоми хусусигардонӣ ва хариди давлатӣ.....238
14.5. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои муқаррар намудани наохҳои беасос ва ғайриқонунӣ 246

БОБИ XV. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ ФАЪОЛИЯТИ БИРЖАВӢ 249
15.1. Моҳият, принсип ва вазифаҳоии биржаҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ 249
15.2. Биржа ҳамчун шакли ташкилии фаъолияти миёнравӣ: сохтор, мақомотҳои идоракунӣ ва баррасии баҳсҳо 251
15.3. Вазъи ҳуқуқии брокерҳо, дилерҳо ва дигариштирокчиёни муносибатҳо 255
15.4. Мафҳум ва функсияи аҳдҳои биржавӣ 258
15.5. Намудҳои аҳдҳои биржавӣ 260
15.6. Вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни савдои биржавӣ.....264
15.7. Ҷавобгарии ҳуқуӣ барои риоя накардани қонунгузори дар савдои биржавӣ 265

ҚИСМИ МАХСУС

БОБИ XVI. ШАРТНОМА ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ 266
16.1. Мафҳум ва хусусияти шартномаҳои соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ 266
16.2. Бастан, тағйир додан ва қатъ намудани шартномаҳои соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ 267

БОБИ XVII. ҲУҚУҚИ ИТТИЛООТӢ ВА ВОСИТАҲОИ ИТТИЛООТОНӢ ДАР АМАЛИСОЗИИ СОҲИБКОРӢ ВА ТИҶОРАТ. 275
17.1. Моҳияти ҳуқуқи иттилоотии соҳибкор.....275
17.2. Ҳуқуқи моликият ба сарватҳои иттилоотӣ ва воситаҳои иттилоотонӣ.....277
17.3. Иттилооти ҳуҷҷатикунонида 280
17.4. Масъалаҳои ҳуқуқии Интернет ва савдои электронӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ 284
17.5. Аҳамияти имзои электронӣ-рақамӣ 291
17.6. Қонунгузории ҶТ дар соҳаи иттилоот ва иттилоотонӣ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин иборат аст:.....294
17.7. Ҳифзи иттилооти тиҷоратӣ.....294

БОБИ XVIII. ҲУҚУҚ БА РЕКЛАМАИ ТИҶОРАТӢ..... 297
18.1. Мафҳум ва танзими ҳуқуқии истеҳсол ва паҳнкунии маҳсулоти рекламавӣ 297
18.2. Субъектҳои муносибатҳои рекламавӣ 298
18.3. Талаботҳои нисбати реклама пешниҳодшуда 298
18.4. Мафҳум ва намудҳои рекламаи номуносиб.....300
18.5 Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои истеҳсол ва паҳн намудани рекламаи номуносиб 302

БОБИ XIX. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ PR-ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР АЛОҚАМАНДИИ СОҲИБКОР ВА ИСТЕЪМОЛКУНАНДА..... 306
19.1. Моҳияти ҳуқуқии PR- хизматрасонӣ дар алоқаҳои иҷтимоӣ.....306
19.2. Вазъи шуъбаи робита бо ҷамъият (пресс-секретаря), услубшинос, рекламачӣ, спичрайтера ва имиджмейкер.....310
19.3. Мавқеи эҳсонкорӣ, гуфтушунидҳои бевосита, баромади соҳибкорон,игуфтушунидҳои аудиовизуалӣ ва телефонӣ дар инкишофи алоқаи иҷтимоӣ 317

19.4. Ба даст овардани боварии
истеъмолкунандагон(муштариён).....320
19.5. Аҳамияти алоқаи соҳибкор бо ҷамъият.....321
19.6. Поквиҷдонӣ – гарави ба даст овардани фаъолияти
самараноки соҳибкорӣ.....322

БОБИ ХХ. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ
СОҲИБКОРӢ 324
20.1. Мафҳум ва аҳамияти ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ. ...324
20.2. Қоидаи баҳисобгирии муҳосибӣ 326
20.3. Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии содакардашуда
барои соҳибкорони хурд.....332
20.4. Ҷавобгарии ҳуқуқии соҳибкорон барои вайрон
намудани қоидаи баҳисобгирии муҳосибӣ.....333

БОБИ ХХI. УҲДАДОРИИ ҲИСОБОТИИ МУҲОСИБӢ
ВА ОМОРИИ СОҲИБКОРОН..... 337
21.1. Мафҳум ва асосҳои ҳуқуқии уҳдадориҳои муҳосибӣ
ва омории соҳибкорон 337
21.2 Моҳияти ҳуқуқии ҳисоботи муҳосибӣ 342
21.3. Иҷрои номатлуби уҳдадориҳои ҳисоботи муҳосибӣ
ва омориисоҳибкорон.....347
21.4. Ҷавобгарии маъмурӣ барои иҷро накардани
уҳдадориҳои ҳисоботи муҳосибӣ ва оморӣ.....348

БОБИ ХХII. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ХИЗМАТРАСОНИИ
АУДИТӢ 351
22.1. Мафҳум, мазмун ва намудҳои хизматрасонии аудитӣ.....351
22.2. Ташкил ва амалӣ намудани хизматрасонии аудитӣ.....352
22.3. Иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти аудиторӣ.....356
22.4. Мафҳум ва мазмуни шартномаи хизматрасонии аудитӣ...356
22.5. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани
қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти аудиторӣ 360

БОБИ ХХIII. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БОЗОРИ АСЪОР 362
23.1. Моҳият, мазмун ва намудҳои амалиёти асъор
бо қонунгузории ҶТ.....362
23.2. Ҳуқуқи соҳибкор ба асъор ва амалиёти асъорӣ 367
23.3. Мақомоти давлатии танзими амалиёти асъор
ва ваколатҳои онҳо барои баамал баровардани назорати
асъор 368

БОБИ XXIV. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БОЗОРИ ХИЗМАТҲОИ БОНКӢ 371
24.1. Мафҳум ва аҳамияти ҳуқуқии хизматҳои бонкӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ 371
24.2. Ҷабҳаҳои шартномавии хизматҳои бонкӣ.....373
24.3. Танзими давлатии ташкили ҳисоббаробаркунӣ.....374
24.4. Хизматҳои бонкӣ оид ба ҷалби воситаҳои пулӣ 376
24.5. Хизматҳои бонкӣ оид ба паҳнкунии воситаҳои пулӣ 376

БОБИ XXV. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БОЗОРИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИММАТНОК..... 378
25.1. Мавқеи бозори қоғазҳои қимматнок дар фаъолияти соҳибкорӣ 378
25.2. Эмитентҳои қоғазҳои қимматнок.....380
25.3. Эмиссияи саҳмия ва дигар қоғазҳои қимматнок аз ҷониби ҷамъияти саҳҳомӣ.....382
25.4. Танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузор дар бозори қоғазҳои қимматнок.....385
25.5. Иштирокчиёни бозориқоғазҳои қимматнок.....387

БОБИ XXVI. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ..... 398
26.1. Мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқии сармоягузории соҳибкорӣ. 398
26.2. Намудҳои асосҳои инвеститсия 400
26.3. Имтиёзҳои дар соҳаи мазкури фаъолияти соҳибкорӣ ҷойдошта 401
26.4. Мафҳум ва шакли шартномаи сармоягузорӣ 403
26.5. Кафолати давлатии ҳифзи соҳибкор ҳамчун сармоягузори фаъол.....403

БОБИ XXVII. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ..... 407
27.1. Мафҳуи ва намудҳои инноватсия. 407
27.2. Фаъолияти инноватсионӣ 409
27.3. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ 410
27.4. Шаклҳои ҳуқуқии таъсис ва амалисозии инноватсия 412
27.5. Танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ 413

БОБИ XXVIII. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ САЙЁҲӢ 417
28.1. Мафҳум ва намудҳои фаъолияти сайёҳӣ.....417

28.2. Вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни фаъолияти сайёҳӣ 419
28.3. Шартнома ҳамчун шакли ҳуқуқии
хизматрасонии сайёҳӣ.....432

БОБИ ХХІХ. МОҲИЯТИ ҲУҚУҚИИ ЛИЗИНГИ
МОЛИЯВӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ 439
29.1. Мафҳум ва мазмуни лизинги молиявӣ 439
29.2. Намудҳои алоҳидаи лизинги молиявӣ ва аломатҳои
шартномавии онҳо 441
29.3. Вазъи ҳуқуқии ширкатҳои лизингӣ дар ҶТ 448

БОБИ ХХХ. ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ ВА МАНФИАТҲОИ
ҚОНУНИИ СОҲИБКОРОН 452
30.1. Шакл ва тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон 452
30.2. Шакли ҳимояисудии ҳуқуқи соҳибкорон.....455
30.3. Шакли ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорон 459

БОБИ ХХХІ. КОРИ ҲУҚУҚӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ
СОҲИБКОРӢ 461
31.1. Мафҳум ва вазифаи кори ҳуқуқӣ дар шароити имрӯзаи
инкишофи соҳибкорӣ.....461
31.2. Шаклҳо ва тартиби пешбурди кори ҳуқукӣ
дар фаъолияти соҳибкорӣ 462
31.3. Вазъи ҳуқуқиимашваратчии ҳуқуқии соҳибкор
ва адвокати он 463
31.4. Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқии манфиатҳои қонунии
соҳибкорон 466
31.5. Баҳсҳои ҳуқуқие, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ
ба миён меояд 467

БОБИ ХХХІІ. ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИИ СУБЪЕКТОНИ
ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ..... 469
32.1. Ҷавобгарии соҳибкор: мафҳум ва шарти пайдоиши он.....469
32.2. Муқаррароти ҳуқуқии ҷавобгарии соҳибкорӣ
дар шартнома 469
32.3. Ҳолатҳои озод намудани соҳибкор аз ҷавобгарӣ
барои ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи савдо ва молия.....471
32.4. Ҷавобгарии соҳибкор барои ҷиноятҳои иқтисодӣ.....474

САРСУХАН

Дар солҳои соҳибистиқлолии давлатӣ дар мамлакат доимо истилоҳоти муҳим ва мақсадноки иқтисодӣ ва дигаргуниҳои сохторию институтсионалӣ, ки барои ба стандартҳои ҷаҳонии низоми бонкӣ ва молиявии замонавӣ ҷавобгӯ будан мусоидат мекунад, гузаронда мешавад. Дар бист соли истиқлолият мушкилотҳо ва монеаҳои давраи нав бартараф карда шуданд, пойдевори давлати мустақил гузошта шуд, оғози иқдомҳои бузурги бунёдкорона ва дигаргуниҳои куллии иқтисодию иҷтимоӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баровардани мамлакат аз бумбусти комуникатсионӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ ба стратегия ва самти асосии сиёсати давлатӣ мубаддал гаштааст. Аз соли 1997 яъне пас аз бунёди сулҳ дар мамлакат , иқтисодиёти мамлакат рӯ ба тараққӣ ниҳод. Ҳатто дар соли 2009, вақте ки бӯҳрони молиявии ҷаҳон ба қуллаи баланд расид ва дар пастравии иқтисодиёти ҷаҳон ба назар мерасид, ба Тоҷикистон муяссар гардид, ки таъсири ин бӯҳронро ба иқтисодиёт кам намуда тамоюлҳои мусбии тараққиёти иқтисодиётро нигоҳ дорад. Тоҷикистон муносибатҳои иқтисодии худро дар арсаи ҷаҳони дар асоси шарикии комилҳуқуқ ва ҳамкории мутақобила ба роҳ мондааст. Иқдомҳои пайдарпайи Президенти мамлакат дар ин соҳа ба васеъшавии доимии ҳамкорӣ бо шарикон оид ба тараққиёт ва ҷомеа равона аст, ки болоравии обрӯи Тоҷикистонро дар солҳои истиқлолияти давлатӣ дар арсаи ҷаҳонӣ таъмин намуд. Бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва давлатҳои бузурги дунё муносибатҳои иқтисодиро ба роҳ монд ва имрӯз ин мамлакатҳо ба амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ ва беҳтар гардонии некӯаҳволии мардум саҳми худро гузошта истодаанд. Аз аввалҳои асри 21, дар соли 2000 –ум бо ташаббуси Президент, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори 191 мамлакати ҷаҳон Эъломияи Ҳазорсоларо ба имзо расонд. Вобаста ба ин, Ҳукумати Тоҷикистон чораҳои ба уҳдадорӣ оид ба таъмини васеъшавии ҳамкории байналхалқӣ ва расидан ба мақсади Инкишофи Ҳазорсола ҷавобгӯро андешид. Дар соли 2010 бо ташаббуси СММ бахшида ба оғози амали даҳсолаи Эъломияи Ҳазорсола симпозиуми байналхалқӣ таъсис намуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бевосита ба ин форуми намояндагии байналмиллалӣ, ки моҳи сентябри соли 2010 дар ООН баргу-

зор гардид иштирок намуда, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дастовардҳои мамлакатро муаррифӣ намуд. Дар ин вохӯрӣ Президенти мамлакат диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба муаммоҳои инкишофи босубот, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли ин муаммоҳо, ки хислати дурудароз доранд, аз он ҷумла тағйирёбии иқлим, ҳифзи мавҷудоти биологии гуногун ва инкишофи ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи сарвати об ҷалб намуд. Бо ташаббус ва дастгириИПрезиденти мамлакат барои инкишофи босуботи иқтисодиёти мамлакат Стратегияи миллии тараққиёт дар солҳои то 2015, як қатор стратегияҳо ва барномаҳои миёна муҳлат , ки барои ба Мақсади Инкишофи Ҳазорсола расидан хизмат мекунад, тайёр ва қабул шуда, ҳоло амал мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бартариятҳои миллии худро дар ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ муайян намуд ва қувваи худро барои расидан ба ин мақсадҳои стратегӣ равона мекунад. Амалисозии самараноки ҳуҷҷатҳои стратегӣ, барқарорсозии иқтисодиёт ва ба даст овардани сатҳи макро-иқтисодии босубот , сатҳи камбизоатиро аз 72,4 фоизи соли 2003 то ба 46,7 фоиз дар соли 2009 паст намудааст. Ҷараёни истилоҳот дар тамоми сохторҳои соҳавии иқтисодиёти мамлакат ва амалисозии бартарияти миллии дар асоси таъмини самараноки ҳамкорӣ бо шарикон оид ба тараққиёт, дар зери назорати бевосита ва пайвастаи сарвари давлат қарор дорад. Ба ин мақсад Президенти мамлакат Шӯрои тараққиёти миллиро таъсис дод, ки ба таъмини ҳаматарафа ва мақсадноки Стратегияи миллии тараққиёт ва стратегияҳои миёнамуҳлат бо баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ бо ҷалби сармояи бевосита ва маблағгузории шарикон оид ба тараққиёт,машғул мебошад. Дар ҷумҳурӣ ҳуҷҷатҳои стратегии инкишофи иҷтисодӣ-Тараққиёти стратегии миллӣ дар даврвҳои то соли 2015 ва давраи дуюм Стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2012 амалӣ шуда истодааст. Мақсад ва зарурати қабули Барномаҳои мазкур устуворона баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, аз ҷумла онҳое, ки ба муносибати иҷтимоии табақаҳо ниёз дорад, бо роҳи тараққиёти иқтисодиёт , ки барои мубаддал гардондани Тоҷикистон ба давлати мутарққии демократӣ,ки дар онҷо ҳама табақаҳои ҷамъият аз ҳама манфиатҳои ҷараёнҳои сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ истифода мекунанд равона аст , ба шумор меравад. Барои ба ин мақсад расидан монеаҳои зиёд бартараф карда шудаанд ва имрӯз Тоҷикистон ба давлате мубаддал гардидааст, ки дар он ҷо иқтисоди бозоргонии замонавӣ ҳукмфармо буда, асоси аслии пешравиҳои бузурги инкишофи босубот гузош-

та шудааст. Дар натиҷаи истилоҳот ва дигаргуниҳо дар солҳои охир тамоюли тарққиёти иқтисодӣ, ки бамеъёрдарории нишондодҳои макроиқтисодӣ мусоидат мекунад, таъмин карда шудааст. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз соли 1997 2,6 баробар афзудааст, сатҳи миёнаи солонаи зиёдшавии он 7,1 фоизро ташкил медиҳад. Чунин тараққиёти иқтисодиёт аз ҳисоби болоравии бетанаффуси ҳамаи соҳаи фаъолият ба даст омадааст. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз соли 1997 то имрӯз 2,5 баробар, маҷмӯи маҳсулотҳои кишоварзӣ 2,8 баробар, ҳаҷми боркашонӣ бо тамоми намуди нақлиёт 1,7 баробар, мусофиркашонӣ 4,3 баробар, ҳаҷми муомилоти савдои чакана 3,2 баробар, хизматрасонии аслӣ ба аҳолӣ 7,8 баробар , ҳаҷми буҷети давлат 75 баробар, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 36,3 баробар ва даромади пули аҳолӣ 38 баробар афзудааст. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба мақсади инкишофи иқтисодиёти миллӣ корҳои назаррас ба анҷом расонда шуд, зиёда аз 80 барномаҳои соҳавӣ қабул шуд, ки бевосита ба болоравии соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намудааст. Дар ҷараёни амалисозии Барномаҳои бехатарии озуқаворӣ, Ҷумҳури Тоҷикистон бартарияти миллии худро дар асоси меъёрҳои шарикии комилҳуқуқ ва васеъ намудани ҳамкориҳои байналмиллалӣ ба роҳ монда, ба бунёд намудани муносибатҳои дуҷонибаи ҳамкориҳои иқтисодии манфиатнок дар минтақа ва дар арсаи ҷаҳон кӯшишҳои пайдарпай карда истодааст. Дар обита бо ин, ба мақсади ҳал намудани муаммоҳои ҷойдошта ва мувофиқа намудани барномаҳои якҷоя оид ба таъминоти бехатарии озуқаворӣ, дар мамлакат бо созмонҳои байналмиллалӣ, аз он ҷумла бо Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии СММ, Созмони умумиҷаҳонии озуқаворииСММ ва Барномаи ёрии техники Бонки умумиҷаҳонӣ дар бахши ҳалли масъалаҳо оид ба ҳолати бехатари и озуқаворӣ дар ҳолатҳои зарурӣ, инчунин ҳангоми амалисозии Барнома муносибати зич ба роҳ монда шудааст. Чораҳои амалӣ оид ба таъсис намудани намояндаи савдоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаҳое, ки ба муомилот баровардани маҳсулоти ватанӣ бисёр манфиатнок аст ва имрӯз дар 23 мамлакатҳои хориҷӣ намояндаи савдоӣ амал мекунад. Бо дарназардошти зарурати ҷалби сармоя ва омӯзиши талаботи бозори беруна ба маҳсулоти ватанӣ намояндагиҳои Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаҳои алоҳидаи зиёда аз дах давлати хориҷа таъсис дода шудааст. Дар соли 2010 барои беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ якчанд чораҳо андешида шуд. Хулоса, мувофиқи ҳисоботи Бонки

умумиҷаҳонӣ «Ҷараёни савдо» Тоҷикистон ду бор пай дар пай ба даҳгонаи мамлакатҳои ислоҳотӣ шомил гардидааст. Соли 2010 Тоҷикистон ба мавқеи 13-ум баромад. Дар замони имрӯза дар мамлакат чораҳои амалкунанда оид ба батартибдарорӣ ва мувофиқгардонӣ ба қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ барои таъмини самараноки ва шаффофияти ҷараёни соҳибкорӣ қабул карда шудааст. 10 декабри соли 2012 Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Созмони умумиҷаҳонии савдо гардид. Дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол ин санаи муҳим ба ҳисоб меравад, ки ба инкишофи устувори минбаъдаи иқтисодию иҷтимоии ҷамъият мусоидат мекунад.

Мувофиҷи Қарори Ҳукумати Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат сохтмони зиёда аз 200 корхонаи саноатӣ ба маблағи қариб 4 млрд. сомонӣ пешбинӣ шудааст. Фаровонии бозори истеъмолии мамлакат, пеш аз ҳама бо роҳи таъмин намудани инкишофи соҳаи кишоварзӣ бо истифодаи технологияи замонавӣ, мустаҳкам намудани фаъолияти корхонаи коркарди маҳсулот, баланд бардоштани самаранокии истифодаи об ва захираҳои замин, инкишофи соҳаи тухмипарварӣ ва чорводорӣ таъмин карда мешавад. Қабул намудани чораҳои мушаххас оид ба таъминоти максималии аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ ва умуман бо маҳсулоти хӯрокворрии истеҳсоли ватанӣ зарур аст. Қайд намудан лозим аст, ки имрӯз дар бозори озуқаворрии мамлакат фаровонии маҳсулоти хурокворӣ мушоҳида мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2012 истеҳсолоти дохилии мамлакат маҳсулоти асосии хӯрокворирo таъмин намуд, аз он ҷумла бо гӯшт-80%, бо тухм-75%, бо донагиҳо ва орд-50%, бо биринҷ-80%, бо картошка,сабзавотҳо,полезӣ ва мева-зиёда 100%[1].

Воситаи таълимӣ воситаест, к ибо ёрии он ҳуқуқҳо дониста мешаванд, дар бораи ин ё он мавзӯ маълумот ба даст меояд. Воситаи таълимӣ оид ба ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат маълумотро дар бораи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дарҷ намудааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки мазмуни онро танҳо гуфтаҳои санадҳои меъёрӣ ташкил медиҳанд. Ин кӯшишҳо вазифаи мушкилтареро ҳал мекунад: аз як тараф,нишон додан лозим аст, ки чихел ва бок адом роҳ муносибатҳои мушаххас дар бозор танзим карда мешавад, аз тарафи дигар,муайян намудани принсип, асоси

[1]Ниг.: Паёми Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2013// http://prezident.tj/ru/node/4324.

танзимнамоии ҳуқуқии муносибатҳои бозорӣ, ки доимо дар зери тағйирот қарор надоранд.

Воситаи таълимии мазкур, ба талаботи мазмуни нақшаҳои фанни «Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Стандарти давлатии маорифи маълумоти олии касбӣ дарҷ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Ба мақсади гирифтани маълумоти боз ҳам зиёдтар оиди ин фан дар мазмуни воситаи таълимӣ мавзӯҳое ҷойгир карда шудаанд, ки аз ҳадди талаботи ҳатмии барнома берун мебароянд, аммо барои пурра ва дақиқ қабул дарк намудани ҳамаи низоми танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ зарур мебошад.

Сохтори воситаи таълимӣ ва бобҳои алоҳидаи он мақсади ба хонанда расондани маводҳои мураккаби ҳуқуқӣ бо пайдарҳамии мантиқӣ, ки механизми танзимнамоии ҳуқуқиро дар умум таҳлил мекунад, доро мебошад:аз умумӣ аммо масъалаҳои муҳими мафҳуми соҳибкорӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ то намудҳои мушаххаси фаъолияти соҳибкорӣ, воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон. Ҳама мавод ба ду қисм ҷудо мешавад. Дар мазмуни воситаи таълими ҷои муайянро бобҳое, ки ба танзими ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи бозор, умуман дар бораи танзими ҳуқуқии иқтисоди бозоргонии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотдиҳанда, инчунин фаслҳое , ки ба танзими давлатӣ, ки ҳамаи муносибатҳои бозорию соҳибкориро фаро гирифта, дар бораи фанни музкур маълумоти комплексӣ медиҳад мегирад.

Санадҳои меъёрӣ то 1 сентябри соли 2013 бо дар назардошти тағйироту иловаҳои вориднамуда то санаи нишондодашуда, оварда шудааст.

Новобаста аз он, ки воситаи таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии ҳуқуқшиносӣ навишта шудааст, он ба пуррагӣ метавонад аз ҷониби донишҷӯёни мактабҳои олии иқтисодӣ ва кормандони амалия истифода бурда шавад.

ҚИСМИ УМУМӢ
БОБИ I. ИҚТИСОД, БОЗОР ВА ҲУҚУҚ

1.1. Иқтисод: хусусиятҳои асосӣ ва вазифаҳо.
1.2. Таносуби иҳтисод ва ҳуқуҳ
1.3. Таркиб ва сохтори бозор

1.1. Иқтисод: хусусиятҳои асосӣ ва вазифаҳо

Иқтисодиёт (Экономика аз калимаи қадимаи юнонӣ οἶκος – хона ва νόμος – қоида, қонун, яъне қоидаи пешбурди хоҷагӣ) фаъолияти хоҷагии одамон,инчунин маҷмӯи муносибатҳои дар низоми истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмол ба вуҷуд меоянд мебошад. Иқтисодиёт - маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар соҳаи истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмоли неъмаиҳои моддӣ ба вуҷуд меояд ба ҳисоб меравад. Бори аввал истилоҳи «экономика» дар асарҳои илмии Ксенофонт, ки онро «илми табиӣ» ном мебарад, дар асрҳои IV то мелод пайдо шудааст. Арасту иқтисодро ба хрематистика – соҳаи фаъолияти одамон барои ба даст овардани самара - муқобил гузошт. Дар фалсафаи имрӯза иқтисод ҳамчун низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз нигоҳи мафҳуми арзиш баррасӣ карда мешавад. Вазифаи асосии иқтисод дар он аст, ки бояд доимо чунин неъматҳоеро офарад, ки барои зиндагонии одамон зарур бошад ва бидуни он ҷамъият инкишоф намеёбад. Иқтисод барои дар олами маҳдудиятҳои захираҳо таъмин намудани талаботи одамон ёрӣ мерасонад. Иқтисоди ҷамъият ба худ як организми мураккаб ва фарогирандаеро дарбар мегирад, ки зиндагии ҳар як одам ва ҷамиятро таъмин мекунад[1].

Бо забони имрғза иқтисод маънои зиёд дорад ва се маънои асосиро доро мебошад. Якум, иқтисод- ин маҷмӯи муносибатҳое мебошад, ки бо истеҳсолот ва ҳама фаъолияти хоҷагии одамон алоқаманд мебошад. Аз рӯи хислат ин муносибатҳо, бо шакл ва усули пешбурди хоҷагӣ фарқ мекунанд, масалан, иқтисодиёти бозорӣ ва маъмурию фармоишӣ, анъанавӣ ва омехта. Дуюм, иқтисод-ин хоҷагии минтақа,мамлакат, гурӯҳи алоҳида ва тамоми ҷаҳон мебошад.Сеюм, иқтисод гуфта фанни таълимиро меноманд, кия гон соҳаи ҳаёти хоҷагии ҷамъиятро меомӯзад. Дар асоси ин се маъно мумкин аст мафҳуми умумии иқтисодро дарёбем.

Ба хусусиятҳои асосии иқтисод инҳо дохил мешаванд:

[1] Ниг.: Экономика// http://ru.wikipedia.org/wiki.

– Мавҷудияти ҳиссаи асосии моликияти хусусӣ дар воситаҳои истеҳсолот дар хоҷагии миллии мамлакат (50%);

– талабот ба мол, маҳсулот ва хизматрасониҳо аз ҷониби истеъмолкунандагон;

– пешниҳоди мол, маҳсулот ва хизматрасониҳо аз ҷониби истеҳсолкунвӯандагон;

– нархҳои озод ба молҳо ва хизматрасониҳо;

– рақобат дар асоси таъсири мутақобилаи талабот ва пешниҳод;

– таъминоти ҳуқуқии (қонунгузории) дастгоҳи бозорӣ;

– демократикунонии ҷамъият, ба ҳама шаҳрвандон додани ҳуқуқ барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар тамоми соҳаи иқтисод.

Вазифаи асосии иқтисод фаҳмидан ва фаҳмондан, ки хоҷагии иқтисод чи гунна амал мекунад, инчунин чигуна он бояд кор кунад, ки ба аҳолӣ сатҳи зиндагии арзандаро таъмин намояд. Ҳалли вазифаи мазкур бо ёрии функсияҳои зерини иқтисодӣ ба амал бароварда мешавад.

Вазифаи дарккунӣ. Барои амалӣ намудани он иқтисодчиён аввал маълумотҳои мушаххасро оид ба ягон масъалаи иқтисодӣ ҷамъ намуда, ҷамъбаст мекунанд ва мафҳумҳо ва категорияҳои иқтисодиро ба вуҷуд меоранд. Пас онҳо алоқаи устувори байни омилҳои иқтисодиро маълум мекунанд ва қонуниятҳои он, қонун ва ё принсипи иқтисодро номбар мекунанд, масалан қонуни маҳдудияти захираҳо. Дар охир иқтисодчиён назария эҷод мекунанд, ки дониши низомнокшуда ва умумиро дар бораи мавзӯи таҳлилшуда дар бар мегирад. Масалан, назарияи рафтори самараноки истеъмолкунанда, назарияи талабот ва пешниҳод.

Вазифаи методологӣ. Дар ҷараёни дарки ҳаёти иқтисодии ҷамъият, иқтисодиён усулҳои ташкили самараноки истеҳсоли мол ва хизматрасониро таҳия мекунанд. Онҳо интизоми иқтисодёти мушаххасро тартиб медиҳанд. Масалан, усули паст намудани харочоти истеҳсоли неъмат дар саноат, кишоварзӣ, савдо, дар нақлиёт, усули болобарии даромад.

Вазифаи танқидӣ. Моҳияти ин вазифа дар он аст, ки дастовардҳо ва камбудиҳои пешбурди хоҷагиро муайян кунад: хонагиро, истеҳсолиро, миллиро ва ҷаҳониро. Ба маркази диққати иқтисодчиён масъалаи нархгузории бозор, сиёсати иҷтимоӣ, андоз ва буҷавии давлат меафтад.

Вазифаи прагматӣ, яъне вазифаи таҷрибавӣ, амалӣ мебошад. Назарияи иқтисод барои қабули қарорҳои самаранок оид ба

истеҳсолот, мубодила ва истеъмоли мол ва хизматрасониҳо асос мебошад. Вай имконият медиҳад, ки ҳукумат оид ба босуботии иқтисод чораҳои амалкунанда андешад, дар ҷамъият ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ гузаронад.

Вазифаи пешгӯӣ. Натиҷаи таҳлилҳои фаъолияти хоҷагии одамон имконияти пешгӯии тараққиёти иқтисодиро медиҳад. Ин маънои онро надорад, ки назарияи иқтисод, чун фолбин метавонад ояндаро пешгӯӣ кунад. Аммо он метавонад оқибатҳои бисёре аз ҳодисаҳои иқтисодиро, баъзан қарорҳои давлатиро муайян кунад. Масалан, паст кардани андоз аз даромади корхона ба чӣ оварда мерасонад, ё баланшавии нарх ба қувваи барқ, ё дар муҳлати муайян рад кардани пардохти қарзи давлат.

Вазифаи маълумотӣ. Назарияи иқтисод дониш медиҳад, фикрронӣ ва фарҳанги иқтисодии бисёр одамонро, хоҳиши назариявӣ ҳал намудани масъалаи ҳаётиро дорад, ба вуҷуд меорад. Масалан дар ташкили фаъолияти худ, бо пардохти манфиатноки воситаҳои пулӣ, ба даст овардани амволи ғайриманқул.

Вазифаи мафкуравӣ (идеологӣ). Моҳияти вазифаи мазкур дар бунёд намудани низоми ҷаҳонбинӣ, ки боварии ахлоқии одамонро ба оянда таъмин менамояд, мебошад. Ин вазифаро махсусан иқтисодчии америкоӣ Р.Л. Хейлбронер ҷудо намудааст: «Илми иқтисодӣ бояд худро на танҳо чун фанни аналитикӣ, балки ҳамчун фанни идеологӣ низ дарк кунад.

1.2. Таносуби иқтисод ва ҳуқуқ

Иқтисод – ин тамоми фаъолияти одамон буда, бо таъмин намудани шароити моддии ҳаёти онҳо алоқаманд мебошад.Таносуби иқтисод ва ҳуқуқ дар оқибатҳои иҷтимоӣ, намудҳои низоми идоракунӣ ва ҳадди мудохилаи давлатию ҳуқуқӣ ба иқтисод зоҳир мегардад.

Оқибатҳои иҷтимоии таносуби иқтисод ва ҳуқуқ:

а) мусбӣ – ҳуқуқ ба инкишофи иқтисод ҳамон вақте мусоидат мекунад, ки вай ба самти инкишофи ҷамъият мувофиқ бошад;

б) манфӣ – ҳуқуқ инкишофи иқтисодро ҳамон вақте боз медорад, ки агар он ба қонуни инкишофи ҷамъиятии объективии иқтисод мухолифат кунад.

Намудҳои низоми идоракунии иқтисод:

а) фармоишию маъмурӣ – танзими давлатию ҳуқуқии иқтисод;

б) бозорӣ – худтанзимнамоии фавқулода;

в) омехта– қонунҳои бозорро бо танзими боақлонаи давлатии иқтисод якҷоя мекунад.

Ҳадди мудохилаи давлатию ҳуқуқӣ ба иқтисод:

Пределы государственно-правового вмешательства в экономику:

а) мақсад, вазифа ва принсипи муносибатҳои иқтисодиро қонунан муайян мекунад;

б) ҳама шаклҳои моликиятро қонунан муқаррар ва кафолат медиҳад;

в) тартиби қонунии баррасии баҳсҳои хоҷагӣ, граждани ва дигарҳоро муайян мекунад;

г) монполия, рақобатҳои бевиҷдононаро манъ мекунад;

д) ҷавобгариро барои ҳуқуқвайронкунро дар соҳаи иқтисод муқаррар мекунад[1].

1.3. Таркиб ва сохтори бозор

Таркиби бозор дар мафҳуми он зоҳир мегардад. Умуман гирем бозор ин низоми муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар ҷараёни истеҳсолот, муомилот ва тақсимоти мол ба вуҷуд меояд, инчунин муомлоти воситаи пулӣ ба ҳисоб меравад. Бозор дар якҷогӣ бо тараққиёти истеҳсолот, бо ба мубодила ҷалб намудани на танҳо молҳои истеҳсолшударо, инчунин молҳое, ки натиҷаи меҳнат намебошанд инкишоф меёбад. Дар шароити ҳукмфармоии муносибатҳои бозоргонӣ ҳама муносибатҳои одамон дар ҷамъият ба хариду фурӯш фаро гирифта шудааст. Муфассалтар гуем, бозор соҳаи мубодилаест, ки алоқаи байни агенти истеҳсолоти ҷамъиятро дар шакли хариду фурӯш, яъне алоқаи истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон, истеҳсолот ва истеъмолотро ба амал мебарорад.

Таркиби бозор аз субъект ва объект иборат аст. Субъекти бозор фурӯшанда ва харидор ба ҳисоб меравад. Ба ҳайси фурӯшанда ва харидор истеъмолкунанда (як ё якчанд шахс), фирма (корхона), давлат баромад мекунад. Бисёр субъектони бозор ҳам ба ҳайси харидор ва ҳам ба ҳайси фурӯшанда баромад мекунад. Ҳама субъектони хоҷагӣ дар бозор «равиши» алоқаманди хариду фурӯшро таъсис дода, ба ҳамдигар таъсири зич мерасонад. Объекти бозор мол ва пул мебошад. Ба сифати мол на танҳо молҳои истеҳсолшуда, инчунин омилҳои истеҳсолот (меҳнат, сармоя)хизматрасонӣ баромад мекунад. Ба ҳайси пул ҳама воситаҳои молиявӣ,ки аз ҳама асоситариншон худи пул мебошад.

---

[1]Ниг.: Соотношение права и экономики, права и политики// http://www.tamognia.ru/faq/detail.php? ID=1602913.

Сабаби асосии пайдоиши бозор ин маҳдудияти табиии қобилияти истеҳсолкунии одамон мебошад. Ҳатто одами қобилиятноктарин метавонад танҳо шумораи ками неъматҳоро истеҳсол кунад. Дар ҷамъият на танҳо имкониятҳои истеҳсолии одамон, балки ҳама дигар омилҳои истеҳсолот (замин, техника, аҳёи хом) низ маҳдуд аст. Шумораи умумии онҳо ҳадди худро дорад, ба ягон соҳа татбиқ намудани он, имконияти истифодаи чунин имкониятро ба дигараш истисно мекнад. Дар назарияи иқтисод ин падида қонуни маҳдудияти захираҳо ном гирифтааст. Маҳдудуяти захираҳо бо роҳи мубодилаи як мол ба моли дигар дар бозор бартараф карда мешавад. Сабаби пайдоиши бозор вобастагии иқтисодии молистеҳсолкунандагон низ мебошад барои он, ки онҳо тавонанд натиҷаи меҳнати худро ихтиёрдорӣ кунанд. Ба мубодилаи неъматҳо танҳо истеҳсолкунандагони мустақил, мухтор ва қарори хоҷагӣ қабул намуда метавонад машғул шавад. Вобастагии иқтисодӣ маънои онро дорад, ки худи истеҳсолкунанда ҳал мекунад, кик адом маҳсулотро истеҳсол кунад, чигуна онро истеҳсол кунад, ба кӣ ва дар куҷо онро онро фурӯшад. Режими ҳуқуқии асосии ҳолати вобастагии иқтисодӣ режими моликияти хусусӣ мебошад. Мубодилаи маҳсулоти меҳнати инсонӣ дар навбати аввал ҳастии моликияти хусусиро пеш меорад. Бо тараққиёти моликияти хусусӣ хоҷагии бозоргонӣ низ инкишоф ёфт.

Вазифаи бозор. Вазифаи асоситарини бозор – ба танзимдарорӣ мебошад. Дар танзимнамоии бозоргонӣ таносуби талабот ва пешниҳод, ки ба нархҳо таъсир мерасонад, аҳамияти калон дорад. Нарх боло равад ба васеъкунии истеҳсолот, пстшавии нарх ба камкунии истеҳсолот хабар медиҳад. Дар шароити имрӯза иқтисод на танҳо бо «дасти ноаён», ки А. Смит навишта буд, балки бо дасти давлатӣ низ идора мекунад. Аммо бозор дар бисёр вазъиятҳо мувозинаткунии иқтисодиро муайян намуда, нақши танзимнамоии худро то ҳол нигоҳ медорад. Бозор ҳамчун танзимкунандаи истеҳсолот, талабот ва пешниҳод баромад мекунад. Ба воситаи механизми қонуни арзиши талабот ва пешниҳод, он таносуби зарурии истеҳсолотро дар иқтисод муқаррар мекунад. Бозор вазифаи ҳавасмандгардониро иҷро мекунад. Ба воситаи нарх он ҷорӣ намудани дастовардҳои пешрави илмию техникӣ, кам кардани хароҷот ба истеҳсоли маҳсулот ва баланд бардоштани сифати он, васеъ намудани намунаҳои мол ва хизматрасониҳоро ҳавасманд мекунад. Вазифаи дигари бозор иттилоотӣ мебошад. Бозор ба худ сарчашмаи ғании маълумот,

дониш, маълумоти ба субъекти хоҷагӣ зруриро дарҷ мекунад. Вай дар бораи сифат, намуна ва сифати он маҳсулотҳо ва хизматрасониҳо,ки ба он ворид карда мешавад маълумот медиҳад. Мавҷудияти иттилоот ба ҳар як фирма имконият медиҳад, киистеҳсолоти худро бо шароити тағйирёбандаи бозор муқоиса кунанад. Вазифаи миёнравии бозор дар он зоҳир мегардад, ки дар иқтисоди бозоргонии мӯътадил бо рақобати пешрафта истеъмокунанда имконияти интихоби маҳсулотсупори қулайро дорад. Ба фурӯшанда бошад имконияти интихоби харидори мувофиқро медиҳад. Бозор вазифаи тозакунандаро иҷро мекунад. Он истеҳсолоти ҷамъиятро аз воҳидҳои беқуввати иқтисодӣ, ноустувор тоза мекунад ва баръакс фирмаҳои манфиатовар, уҳдабаро ва пешравро дастгирӣ мекунад. Бозор имконият медиҳад, ки масъалаҳои сатҳи зиндагӣ, сохтор ва самаранокии истеҳсолотро ҳал намоем. Бозор имконият медиҳад то арзишҳои ҷамъиятиро истифода барем. Бозор худ арзиши тамаддуни ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Он имконияти худро дар мамлакатҳои тараққиёфта, инкишофёфта новобаста аз хусусиятҳои миллӣ, мафкуравӣ нишон медиҳад. Дастгоҳи бозор иқтисодиётро аз камчинии мол ва хизматрасонӣ озод мекунад. Чи дар назария ва чи дар амалия иқтисоди бозоргонӣ бисёртар дар ҳудуди он захираҳое бекамчинӣ аст, ки мамлакат онҳоро дорад. Камчинӣ ба манфиати иштирокчиёни бозор мухолифат мекунад. Мухолифат байни пайдоиши талабот ва пешниҳод имконият дорад. Онҳо ба патенсиали илмию техники дар ҷамъият мавҷудбуда, мавҷудияти захираҳо вобаста буда хислати муваққатӣ дорад. Бозор дар байни истеҳсолот ва истеъмол вазифаи зинаи алоқамандкунандаро иҷро мекунад. Бозор ба ҳама марҳалаи азнавистеҳсол – итеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмол таъсир мерасонад. Ба ин маъно бозор низоми худтанзимкунандаи ҳамаи зинаҳо, ки дар зери таъсири доимии талабот ва пешниҳод қарор доранд. Ба воситаи вазифаи иҷтимоӣ бозор истеҳсолкунандагонро тафриқа (диференсиатсия) мекунад. Вай ба давлат имконияти хубро барои ба даст овардани адолати иҷтимоӣ дар иқтисодиёти миллӣ медиҳад, ки бадаст овардани он дар шароити давлатдории тоталитарӣ имкон надошт.

Принсипҳои асосии амалкунии иқтисоди бозоргонӣ инҳо мебошанд: озодии фаъолияти иқтисодӣ, хоҷагӣ ва соҳибкории хусусӣ ва гурӯҳи иҷтимоӣ; бартарияти истеъмолкунанда; дар назди истеъмолкунанда намуди махсуси ҷавобгарӣ ба вуҷуд меояд ва истеъмолкунанда хоҳиш, ирода ва табъи худро ба

истеҳсолкунанда мефармояд; нархгузорӣ дар бозор: нарх дар бозор дар натиҷаи савдои фурушанда ва харидор, таъсири мутақобилаи талабот ва пешниҳод ба вуҷуд меояд; муносибатҳои шартномавӣ; рақобат; танзими давлатии бозор ва муносибатҳои бозоргонӣ. Ба ҳайси олоти танзимнамоии бозор барномаҳои давлатӣ, андозбандӣ, низоми молию қарзӣ ва бонкӣ; шаффофияти иқтисод: ташкилотҳои хоҷагӣ ва соҳибкорон ҳуқуқи амалӣ намудани амлиётҳои иқтисодии беруниро бо риоя намудани шартҳои муайян ва маҳдудиятҳо доро мебошад; таъмин намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ баромад мекунад.

БОБИ II. МАФҲУМ, МАВЗӮ ВА НИЗОМИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ

2.1. Ҳуқуқи соҳибкорӣ: мафҳум ва мавзӯ
2.2. Усул ва принсипҳои ҳуқуқи соқибкорӣ ва тиҷорат
2.3. Вазифаҳои ҳуқуқи соқибкорӣ ва тиҷорат
2.4. Мавқеи ҳуқуқи соқибкорӣ дар низоми ҳуқуқ
2.5. Таносуб ва таъсири меъёрҳои оммавӣ ва хусусӣ дар танзимнамоии ҳуқуқи соқибкорӣ ва тиҷорат
2.6. Низоми фанни ҳуқуқи соқибкорӣ ва тиҷорат
2.7. Илми ҳуқуқи соқибкорӣ: таърихи пайдоиш ва инкишоф

2.1. Ҳуқуқи соҳибкорӣ: мафҳум ва мавзӯ

Ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ ин маҷмӯи меъёрҳое мебошад, ки муносибатҳои соҳибкорӣ, муносибатҳои бо онҳо алоқаманд , инчунин муносибатҳои танзими давлатии фаъолияти мазкурро ба танзим медарорад.

Муносибатҳои ҷамъиятие, к ибо меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ба танзим дароварда мешавад, мавзӯи соҳаи мазкурро ташкил медиҳад.

Ин муносибатҳо ба се гурӯҳ ҷудо мешавад.

1) муносибатҳои соҳибкорӣ, яъне муносибатҳое, ки дар ҷараёни баамалбарори фаъолияти оҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд.

2) мунсибатҳои ғайритиҷоратие, ки ба муносибатҳои соҳибкорӣ зич алоқаманд мебошанд. Баъзан чунин муносибатҳо дар вақти баамл баровардани фаъолияти хислати ташкилию молу мулкӣ дошта (масалан, таъсис ва барҳамдиҳии ташкилоти тиҷоратӣ), фаъолияти як қатор ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (муассиса, корхона ва ғ.), фаъолияти биржаҳои меҳнатӣ ва фондӣ оид ба ташкил намудани савдо дар бозори зарурӣ ба вуҷуд меояд. Чунин фаъолияти хоҷагӣ хислати ғайритиҷоратӣ дорад, аммо асос бунёд мекунад, аксар вақт шарти зарурӣ мебошад, барои фаъолияти соҳибкории оянда замина мебошад.

3) Муносибате, ки дар ҷараёни танзимнамоии давлатии соҳибкорӣ ба вуҷуд меояд. Давлат ба мақсади амалисозии манфиати оммавии ҷамъият ба субъектони бамалбарорандаи фаъолияти соҳибкорӣ бо усулҳои гуногун ва бо татбиқи шаклҳои гуногун таъсир мерасонад.

2.2. Усулҳо ва принсипи ҳуқуқи соҳибкорӣ

Усули танзимнамоии ҳуқуқии ба ҳама соҳаҳо татбиқшаванда, дар худ тарз ва қоидаҳои танзимнамоии муносибатҳои байни

субъектонро ифода мекунад. Одатан чунин усулҳо ба ҳама соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятии ба қисми сохтори ҳуқуқии мазкур хизматкунанда мавҷуд аст.

Ба усулҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ инҳо дохил мешавад:

1) Усули фармоишӣ ҳатмӣ (дарбаргирандаи усули фармоиш ва маънкунӣ). Фармоиши ҳатмӣ ҳамон вақте татбиқ карда мешавад, ки як тарафи муносибат ҳуқуқи додани фармони барои барои иҷроиш ҳатмиро ба тарафи дигар дошта бошад. Бо ёрии онҳо меъёрҳои ҳуқуқи императивӣ ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқиро ба субъектони муносибатҳои соҳибкорӣмуқаррар мекнад. Усули фармоиши ҳатмӣ ба танзими бевоситаи давлатии фаъолияти соҳибкорӣ хос мебошад, масалан, ҳатмӣ будани бақайдгирии давлатии субъектони соҳибкорӣ, меъёрҳои қонунгузории андоз ва ғ.

2) усули қарори мухторӣ. Қарорҳои мухторӣ дар он зоҳир мегардад, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ (ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни фаъолияти соҳибкорӣ) бо созиши тарафҳо муқаррар карда мешавад.

3) усули тавсия. Дар ин ҳолат як тарафи муносибатҳои ҳуқуқӣ ба тарафи дигар ягон намуд рафторро дар ин ё он ҳолат пешниҳод мекунад, дар бораи тартиби пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ тавсия медиҳад.

4) усули ризоятӣ. Дар ин ҷо субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ масъалаҳои ба вуҷудомадаро мустақилона ҳал мекунад, ҳангоми ба ягон муносибат ворид шудан бо розигии дигар иштирокчиён ҳал мекунад.

Ғояҳои асосии ҳуқуқи соҳибкорӣ, принсипҳои он ҳама меъёрҳои ҳуқуқиро эътироф мекунад, танзими мақсадноки соҳибкориро дар ҳама сатҳ (ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ)таъмин мекнад. Принсипҳоеро, ки ҳуқуқи соҳибкорӣ аз он асос ёфтааст муҳокима мекунем:

а) принсипи озодии иқтисодӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодии субъектон ва дастгирии уҳдабарӣ дар соҳибкорӣ. Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вақтҳои зиёд бо доираи идоракунии директивӣ пахш шуда буд, дар тамоми ҷараёнҳои пешбурди хоҷагӣ, омилҳоро барои кӯшиши кори самаранок аз байн бурда буданд. Аз ин лиҳоз ҳангоми гузаштан ба бозор зарурати бавуҷуд овардани омил барои меҳнати истеҳсолкунандаи сатҳи олӣ, ки ба таъмин намудани талаботи аслии ҷамъият равона аст, пеш омад. Қонунгузории бозор барои чунин меҳнат озодии беҳадро пешниҳод мекунад. Ба ҳайси принсипи кори субъектони фаъо-

лияти соҳибкорӣ вазифа муқаррар шудааст, ки ягон қарорро зиёда ва ё аз ҷои набуда эҷод накунад, ба ғайр аз қоидаи камтарини соҳибкорӣ, ки манфиатнокиро ба инкишофи истеҳсолот, хубтар намудани сифати мол, кор ва хизматрасонӣ бо чораҳои иқтисодӣ муқаррар мекунад. Масалан, ҳифзи манфиати иқтисодии субъекти соҳибкорӣ ва дастгирии уҳдабарояш дар имтиёзҳои андоз дарҷ ёфтаанд. Корхона ва соҳибкорон, ки истеҳсолотро васеъ карда истодаанд, омодабошии техникии онро ба амал бароварда истодаанд, ҷорӣ намудани иқтидори нав, инкишофи инфрасохтори иҷтимоӣ, ба чорабиниҳои ҳифзи табиат маблағгузорӣ кардани онҳо, имтиёзҳои андозро соҳиб мегардад. Мустақилияти субъекти соҳибкорӣ ва уҳдабарояш бо ваколатҳои васеъ ва ҳуқуқҳои молумулкӣ таъмин карда мешавад.

б) принсипи мудохилаи давлат ба муносибатҳои хоҷагии халқ дар асоси татбиқи чораҳо ва усулҳои иқтисодӣ бартарият дорад. Ба ҷои усули фармоишӣ дар ҷумҳурӣ усулҳои иқтисодӣ омаданд, яъне ба татбиқи чораҳои манфиатноки колективи меҳнатӣ, шахони алоҳида ба зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолоти мол, ко рва хизмат, зиёдкунии навъҳо ва баланд бардоштани сифати онҳо. Ба шумораи чунин чораҳо татбиқи меъёри ягонаи андоз, на меъёрҳои интихобӣ, ки ба корхонаи хуб фаъолияткунанда таъсири манфӣ раонданд, зеро бо ёрии онҳо маводҳо аз корхонаҳои сердаромад гирифта ба корхонаҳои камдаромад дода шуд, дохил мешаванд. Андозбандӣ чунон муқаррар шудааст, ки корхонаҳо ба инкишофи он манфиатдор бошанд ва ба равонсозии даромад ба Фонди истеъмолкунӣ роҳ надиҳанд. Дастаки асосии иқтисодӣ нарх мебошад. Дар он ҳадде, ки онҳо ваколати давлатро муқаррар мекунанд, нархҳо мақсаднок барои ҳавасмандгардонии истеҳсолот барои пур кардани бозор бо мол, кор ва хизмати мувофиқ истифода мешавад. Барои амалӣ сохтани барномаи давлатии мазкур маблағгузории (ассимилятсияи) мақсаднок, дотатсия ва субидия истифода бурда мешавад. Таъсири давлатӣ метавонад бевосита, яъне директивӣ бошад. Он ҷо, ки манфиати давлату ҷамъият аст ҳифзи самараноки онҳо талаб карда мешавад, мақомотҳои ваколатдори давлат ҳуқуқ дорад қонуншиканиро пешгирӣ намоянд, фармонҳои ҳатмӣ диҳад, ҳуқуқвайронкунандагонро ба ҷавобгарӣ кашад.

в) принсипи рақобат ва ҳимоя аз монополия. Дар шароити бозор бартариятро дар тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ танҳо онҳое ба даст меоранд, ки дар соҳибкорӣ ба натиҷаҳои беҳтарин ноил гаштааст, молҳои (ко рва хизмати) хушсифат ва

рақобатпазирро бо хароҷоти кам истеҳсол намудааст. Принсипи мазкур омили инкишофи иқтисодиёт мебошад. Вай субъекти рақобатпазирро ҳавасманд гардонда, корхонаҳои бад фаъолиятқунандаро, ки бо сабаби зарарбинии дурудароз ва надоштани қобилияти пардохткунӣ, набудани талабот ба молҳои истеҳолшуда мебояд азнав ташкил карда шавад ва ё чун муфлис барҳам дода шавад, аз байн мебарад. Принсипи мазкур дар Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» амалӣ карда мешавад. Қонун танҳо рақобати бовиҷдононаро ҳифз менамояд ва ба сӯистифода дар фаъолияти рақобатчиён роҳ намедиҳад.

г) принсипи қонуният умумисоҳавӣ бошад ҳам, аммо дар шароити бозор дар соҳаи иқтисод хусусияти махсусро ифода мекунад. Соҳибкорон метавонанд ҳама намуди фаъолиятро, ки ҳонун манъ накардаат баамал бароранд. Корхонаҳое, ки дар ҳақиқат ба давлату ҷамъият фоидаоваранд ва муқарраротҳои манънамудаи бевоитаи қонкнро риоя намуда, ҳуқуқи дигаронро поймол накарда бошад, вайронкунандаи қонун ҳиобида намешаванд. Инчунин баръакси ин, фаъолияти корхонақои давлатӣ ва комуналиро бо ноуҳдабароияшон бо принсипи зерин зиддиқонунӣ меҳисобем: Ҳеч чиро вайрон накарда бошад ҳам ба чизе ноил нагашт. Чунин фаҳмиши қонун ба иқтисоди бозоргонӣ мувофиқат мекунад. Озодии интихоби рафтор маънои онро дорад, ки соҳибкории ғайрифаъол ва бе ташаббускорӣ ба қонун мувофиқ нест.

д) принипи ба даст овардани фоида ҳамчун мақсади фаъолияти соҳибкорӣ – омили аосӣ,ангезаи бедоркунандаи соҳибкорӣ. Фоида - фарқияти байни даромади ба дастомада ва хароҷоти масрафшуда.

е) принсипи баробарии ҳуқуқии ҳама шакли моликият. Дар ҶТ Шаклҳои моликияти хусусӣ, давлатӣ ва ҳоказо эътироф кадашуда ҳифз карда мешаванд. Мувофиқи принсипи мазкур қонунгузор наметавонад ба ягон шакли моликияти субъектоне, ки фаъолияти соҳибкориро бо истифолаи моликияти давлатӣ ё шахсӣ ба амал мебароранд, бартарият ва ё маҳдудият муқаррар намояд.

ё) принсипи таноуби манфиатҳои хусусӣ ва оммавӣ. Ба вуҷуд омадани муносибати дуноҷонибаи пурраи шахс ва давлат бе мувофиқакунии манфиати онҳо, ки ҳамчун ангезаи рафтор, амал ё беамалӣ баромад мекунад, имкон надорад. Ҳар фард ё гурӯҳ манфиати худро дорад, ки метавонад бо манфиати ҷамъиятӣ алоқаманд бошад, дар баробари он вуҷуд дошта бошад ва ё муқобили он бошад. Манфиати давлат бошад, дар сиёсати он

дарҷ гардида, бо манфиати шаҳрвандон ва иттиҳоди онҳо алоқаманд мебошад. Гуногунрангии алоақи давлат ва шахсият таносуби гуногунсамти манфиатҳои онҳоро низ муайян мекунад. Манфиатҳои оммавии коркардкардаи давлат барои бунёд амалкунии институтҳои давлатию ҷамъиятӣ асос мебошад. Манфиатҳои хусусӣ талаботи шаҳрвандон ва тшкилотҳоро ифода мекунад ва ин омили асосии фатъолияти онҳо мебошад. Зарурати баҳисобгирии манфиати хусусию умумӣ таъсири замонавии мутақобилаи шахсият, ҷамъият ва давлатро ифода мекунад.

2.3. Вазифаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ

Барои тавсифи ҳуқуқии ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ манфиати боз як маҳак , ки мувофиқи он ҳуқуқи соҳибкорӣ ба низоми ҳуқуқи ҶТ пайаст мешавад пеш меояд. Вазифаи ҳуқуқи соҳибкорӣ ин самти асосии таъсиррасонии он ба муносибатҳои соҳибкорӣ мебошад. Ду вазифаи асосии ҳуқуқи соҳибкориро ҷудо мекунанд: танзимкунанда ва ҳифзкунанда.

1) Вазифаи танзимкунанда танзимнамоии давлатии инкишофи мусбии муносибатҳои соҳибкориро ифода мекунад.

2) Вазифаи ҳифзкунандаи *ҳуқуқи соҳибкорӣ* ҳифзи муносибатҳои соҳибкориро аз таҷовуз, муносибатҳои тангкунӣ, ки ба шахс, ҷамъият ва давлат зарароваранд таъмин менамояд.

2.4. Мавқеи ҳуқуқи соҳибкорӣ дар низоми ҳуқуқ

Дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи соҳибкорӣ дар қатори соҳаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, граждани, меҳнатӣ, молиявӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ соҳаи шуқуқи мустақил мебошад. Меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ қоидаи фаъолияти хоҷагии субъекти соҳибкориро муқаррар мекнад.

Мебинем, ки ҳуқуқи соҳибкорӣ бо дигар соҳаҳои ҳуқуқ байни худ чигуна муносибат мекунанд:

1) соҳаи асосии соҳаҳои ҳуқуқ ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад, ва ё дар асоси он соҳаҳои дигари ҳуқуқ аз ҷумла ҳуқуқи соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд. Асоси танзими ҳуқуқии онро Конститутсияи ҶТ, ки 6 ноябри соли 1994 қабул гардидааст ташкил медиҳад, асоси ҳуқуқии ҳама қонунгузории амалкунандаро ифода мекунад. Конститутсияи ҶТ озодии фаъолияти иқтисодиро кафолат медиҳад. Шакли хусусӣ ва давлатии моликият эътироф ва ҳифз карда мешавад. Конститутсияи ҶТ қувваи олии юридикӣ дорад, мустақиман амал мекунад ва дар тамоми қалamрави ҶТ татбиқ мегавад. Дар Конститутсия озодии фаъолияти иқтисодӣ

муқаррар шуда, дастгоҳи иқтисоди бозоргонӣ дарҷ гардидааст. Таъсис ва амалкунии бозори ягона, муомилоти озоди мол, ко рва хизмат ва воситаҳои пулӣ дар тамоми ҳудуди мамлакат, дастгирӣ ва инкишофи рақобати бовиҷдонона, роҳ надодан ба фаъолияти иқтисодие, ки ба ташкили монополия ва маҳдудкунии рақобат равона аст, кафолат дода шудааст.

2) аз рӯи аҳамият соҳаи навбатии ҳуқуқ, к ибо *ҳуқуқи соҳибкорӣ* робитаи дуҷониба дорад, ҳуқуқи граждани, ки дар худ низоми меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ифода намуда ба озодии ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокчиёни ин муносибатҳо, усули баробарҳуқуқии тарафҳо асос меёбад , ба шумор меравад.

Муносибатҳои молумулкие, ки мавзӯи ҳуқуқи граждани мебошад, метавонад чунин ифода ёбад: тааллуқ доштани молумулк ба шахси муайян (муносибатҳои молумулкӣ); идоракунии молумулки ташкилот (муносибатҳои корпоративӣ);гузаштани молумулк аз як шахс ба шахси дигар (муносибатҳои уҷдадорӣ). Муносибатҳои ғайримолумулкии бо молумулкӣ алоқаманд, намуди ҳуқуқи истисноиро ифода мекунад (муаллифӣ, патентӣ ва ғ.). Кодекси граждани, қонунҳои дигар ва санадҳои ҳуқуқи дигар, ки меъёрҳои ҳуқуқи гражданиро ифода мекунад, на танҳо мафҳуми қонунии фаъолияти соҳибкориро ифода мекунад, балки хусусиятҳои сарчашмаҳои танзимнамоии граждании он, иштироки онҳоро дар уҳдадориҳо муайян мекунад. Хусусияти ҳуқуқи граждани дар он зоҳир мегардад, ки он муносибатҳои байни субъектони баробарҳуқуқ ва мустақилро, к ибо ҳамдигар бо хоҳиши худ муносибат мекунанд, ба танзим медарорад. Ҳуқуқи граждани – ин танзимунаки муносибатҳои бозоргонӣ мебошад. Бо соҳаҳои дигари ҳуқуқ он метавонад ба фаъолияти соҳибкории соҳаи иқтисод таъсир расонад. Меъёрҳои танзимкунандаи соҳибкорӣ, яъне фаъолият оиди мунтазам ба даст овардани фоида аз ҳуқуқи граждани маҳдуд карда шудаанд.

3) Ҳуқуқи маъмурӣ муносибатҳои ҷамъиятии дар соҳаи идоракунии давлатӣ бавуҷудояндаро (тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳиимақомотҳои иҷроияи ҳама зинаҳо, рномгӯи онҳо, мақсад ва вазифаҳо, ваколат, сохтор, тартиби амалкунӣ) ба танзим медарорад. Он ба ташкилотҳои ғайридавлатӣ низ таъсири муайяни танзимнамоиро мерасонад. Масалан, бақайдгирии ҳатмии давлатӣ. Меъёрҳои ҳуқуқи маъмури вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва дигар муассисаҳои ғайридавлатиро дар соҳаи

муносибатҳои маъмурӣ муқаррар мекунад. Ҳуқуқи маъмурӣ бомавҷуд будани хусусияти «ҳокимият-итоат» фарқ мекунад ва ва муносибатҳои субъектони нобаробарҳуқуқро ба танзим меларорад. Дар қатори соҳаҳои дар боло номбаршуда фаъолияти соҳибкориро меъёрҳои қонунгузории молиявӣ, меҳнатӣ, кишоварзӣ, ҷиноятӣ ва меъёрҳое, ки мафҳуми ҳуқуқи оммавиро фаро мегирад ба танзим медарорад.

2.5 Таносуб ва таъсири мутақобилаи меъёрҳои хусусии ҳуқуқӣ ва оммавии ҳуқуқӣ дар танзим намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ.

Дар ҳуқуқи соҳибкорӣ масъалаи асосии хусусияти принсипидошта аз нуқтаи назари ҷудо намудани ҳуқуқ ба хусусӣ ва оммавӣ дар мавҷуд будан ё набудани ягон хусусияти муайянкунандаи махсусияти ҳуқуқи соҳибкорӣ , танзими фаъолияти соҳибкорӣ зоҳир мегардад. Посух ба суоли мазкур бо ақидаи умумӣ оид ба таносуби ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ муайян карда мешавад. Аз нуқтаи назари Суханов Е.А. «ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ мавҷудияти худро ҳамчун ду шохаи мустақил ва соҳибихтиёри танзими ҳуқуқӣ,ҳамчун ду шакли гуногуни таъсирасонии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар тамоми тартиботи ҳуқуқии инкишофёфта давом дода истодаанд». Ҳуқуқи хусусӣ бо табиати худ шакли ягонаи муомилоти мӯътадили молумулкӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ мебошад. Алексеев С.С. инчунин қайд мекунад, ки «диққати зарурӣ бояд ба ҳуқуқи хусусӣ дода шавад, он (дар қатори ҳуқуқи инсон) ҷараёнҳои асосиро, ки ба пайдоиши низоми ҳуқуқҳои субъективӣ, ки фазои кафолатнокро барои амалӣ намудани фаъолияти фаъоли одамон, эҷодиёти онҳо, ташаббусҳо, ҷасорати уҳдабароёнаи кор мекушояд, ифода мекнад». Нуқтаҳои назари овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи онҳо бартариятро ба ҳуқуқи хусусӣ медиҳанд, аз он ҷумла дар вақти танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ. Дар ин бора ақидаи дигар ҳам ҷой дорад. Инак, Тихомиров Ю.А. менависад, ки «умуман болоравии нақши ҳуқуқи оммавиро дар шакли наваш дар ҷараёнҳои ҷамъиятии замонавӣ бе баҳс қайд намудан мумкин аст». Тихомиров Ю.А. қонунгзории иқтисоди ва соҳаои онро, ки ба ҳуқуқи оммавӣ ворид намудан мумкин аст, номбар мекунад. Чунин ба назар мерасад, ки хусусияти ҳуқуқи соҳибкорӣ, танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин қонунгузории соҳибкорӣ дар пайвасткунӣ, ҳамкории мутақобилаи манфиатҳои хусусии ҳуқуқӣ ва оммави ҳуқуқӣ,

воситаҳои хусусии ҳуқуқӣ ва оммавӣ ҳуқуқӣ, муносибатҳои хусусии ҳуқуқӣ ва оммавӣ ҳуқуқӣ ифода меёбад. Хусусияти ҳуқуқи соҳибкорӣ, танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ аз нуқтаи назари ҷудо намудани ҳуқуқ ба хусусӣ ва оммавӣ дар ҳамин зоҳир мегардад. Фаҳмишҳои ҷолиб дар ин маврид ба ҳуқуқи соҳибкорие таалуқ дорад, ки Мамутова В.К. гуфтааст: "Ба мазмуни ҳуқуқи соҳибкорӣ пайвасткунии унсурҳои ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ хос аст. Чунин якҷоякунии меъёр хислати эвристӣ, илмию тафсифӣ мегирад, ки ифодаи соҳавии сохтори низоми ҳуқуқ ва қонунгузорӣ намебошад. Асосҳои хусусии ҳуқуқӣ ва оммавии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ва қонунгузорӣ истифода мешавад. Дар ин ҳолат худи мафҳуми ҳуқуқи хусусӣ дар татбиқи он ба муносибатҳои иқтисодӣ баҳснок менамояд ё ҳуқуқ вобастагии ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи оммавиро таъмин намуда, худ дар бисёр ҳолатҳо нақши олоти оммавиро иҷро мекунад». Хулосаи мазкур дар мазмуни санадҳои меъёрие, ки муносибатҳоро дар соҳаи гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ ба танзим медарорад тасдиқи худро меёбад.

Ҳамин тавр, воситаҳои оммавӣ-ҳуқуқии танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ бевосита ба мазмуни воситаҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ таъсир мепасонад. Бе назардошти ин вазъият, татбиқи воситаҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ нопурра мешавад, мумкин аст хато ҳам шавад. Дар навбати худ, воситаҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бевосита дар муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад. Инак мувофиқи моддаи 70 КА ҶТ дар асоси аризаи хаттии андозсупоранда, ба ӯ мумкин аст бо таъхирандозии пардохти андоз, ҷаримаҳо ва фоизҳо дода шавад. Аз ин рӯ тасдиқ намудан мумкин аст, ки бисёре аз воситаҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ба воситаҳои хусусӣ-оммавӣ омехта шуда дар танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад.

2.6. Низоми фанни ҳуқуқи соҳибкорӣ

Ҳуқуқи соҳибкорӣ муносибатҳои гуногунро дар амалинамоии соҳибкорӣ ва роҳбарӣ кардан ба онҳо ба танзим медарорад. Ба ин мақсад ҷамъи санадҳои меъёрию ҳуқуқии муайян, меъёр ва институтҳои ҳуқуқи соҳибкориро истифода мебарад. Пайдарпайии мантиқан ва мувофиқаи дохилии ҷойгиршавии меъёрҳо ва иснститутҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ низоми ҳуқуқи соҳибкориро ташкил медиҳанд. Низоми ҳуқуқи соҳибкорӣ ба таври объективӣ ба вуҷуд меояд ва ба хусусиятҳои махсуси муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба мавзӯи ҳуқуқи соҳибкорӣ дохил мешаванд, асос

меёбад. Ҷойгиршавии низомноки ҳуқуқи соҳибкорӣ барои мақомотҳои ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқтатбиққунанда на танҳо аҳамияти назариявӣ балки аҳамияти амалияви низ дорад. Дар ҳолати қабул намудани санади меъёрию ҳуқуқии нав , ки фаъолияти соҳибкориро ба танзим медарорад, мазмуни онро ба санадҳои ҳуқуқии амалкунанда мувофиқ намудан зарур аст. Иҷро намудани ин осон аст, агар меъёрҳои соҳаи ҳуқуқи мазкур дар низоми муайян ҷойгир шуда бошанд, агар дар ҳолати бенизомӣ қарор дошта бошанд, бисёр мушки ласт. Ба вазъияти мушаххас меъёри ба он мувофиқро ёфта татбиқ намудан осонаст, агар ин меъёрҳо низомнок карда шуда бошанд. Мисоли равшани ба ин муқоисаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии зиёди умумидавлатӣ, байниидоравӣ, ки фаъолияти хоҷагии то ислоҳоти иҷтисодиро ба танзим медарорад, инчунин Кодекси граждании ҶТ , ки фаъолияти соҳибкории иқтисоди бозоргони мамлакати моро муқаррар мекунад, шуда метавонад. Бе шак, дар замони имрӯза қонуни ягонаи кодификатсияшуда барои танзими муносибатҳои соҳибкорӣ барои татбиқ қулай аст. Мисли дигар соҳаҳо низоми ҳуқуқи соҳибкорӣ низ аз ду қисм иборат аст: умумӣ ва махсус. Дар қисми умумӣ муқаррароти умумӣ оид ба ҳама бобҳо ва институтҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дарҷ гардидааст. Он якрангии мавзӯи танзимнамоии соҳаро ифода мекунад, асоси якҷоякунии ҳама меъёрҳои соҳавӣ мебошад. Қисми умумӣ иҷозат медиҳад, ки ихтилофотро дар танзимнамоии ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии табиатан ба ҳам монанд бартараф кунем ва ягонагии зарурии танзими ҳуқуқиро дар соҳаи иқтисод таъмин намоем. Инак, бо қисми умумии ҳуқуқи соҳибкорӣ батанзимдарории ягонаи муносибатҳо оид ба моликият, таъсиси шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии соҳибкорӣ баамал бароварда шуд. Институтҳои қисми умумиро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: 1) муқаррароти умумӣ ба маънои худӣ , 2) муқаррарот, ки ба танзими ҳуқуқии намудҳои функсионалии фаъолият дар иқтисод алоқаманд мебошад. Ба қисми махсус меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқӣ,ки ба танзимкунии намудҳои алоҳидаи соҳаи хоҷагии халқ ва намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ таалуқ доранд,дохил мешавад.

Ба вазифаи ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун фанни таълимӣ омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ва амалияи татбиқи онҳо, ки дар маҷмӯ ҳуқуқи соҳибкориро ҳамчун соҳаи мустаҳил таъсис медиҳанд дохил мешавад. Аммо қонунгузории амалкунандаро дар доираи фанни тахълимӣ омӯхтан кифоя намебошад. Он мета-

вонад зуд-зуд иваз шавад. Омӯзиш ҳамон вақт метавонад бо муваффақият бошад, ки агар он ба натиҷаи таҳлилҳои илмӣ асос ёбад. Барои ҳамин дар соҳаи омӯзиши фанни таълимии муҳокимашаванда омӯзиш ва дарки мафҳум, муҳокимаҳо, консепсияҳо, фикр ва назарияҳои коркардаҳои илмӣ дохил мешавад. Дар фаннни таълимии ҳуқуқи соҳибкорӣ мавқеъ ва ақидаҳо оид ба мавзӯ ва усули ҳуқуқи соҳибкорӣ, механизми таъсис ва амалкунии сохторҳои соҳибкорӣбозори ҳуқуқии моликияти ташкилотҳои тиҷоратӣ, механизми танзими ҳуқуқии соҳибкорӣ аз ҷониби давлат, механизми хоҷагидорӣ ва ҷавобгарии хоҷагӣ ифода мегардад. Дар натиҷа донишҷӯ на танҳо донишҳо оид ба қонун ва амалияи татбиқи он, балки қонуниятҳои инкишофи онро низ аз худ мекунад, бо дастгоҳи мафҳумҳои илман коркардкардашуда, меъёри ҳуқуқи бо назария алоқаманд, қоидаҳои татбиқ ва фаҳмиши он шинос мешавад. Аз низоми ҳуқуқ ва қонунгузорӣ оид ба соҳибкорӣ низоми фанни таълимии соҳибкорӣ сохта мешавад. Аммо фанни таълимӣ на танҳо соҳаи ҳуқуқ, балки илми ҳуқуқро низ дарбар магирад. Дар фанни таълимӣ мафҳумҳои илмии бисёр мафҳумҳо, хулосаҳо ва андешаҳои илмӣ, амалияи судро меомӯзанд. Дар қисми умумии фанни таълимии ҳуқуқи соҳибкорӣ мафҳуми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва инкишофи илми он, шаклҳои ташкилию ҳуқуқии соҳибкорӣ ва режими ҳуқуқии моликияти корхонаҳои тиҷоратӣ, масъалаҳои ҳуқуқии хусусигардонӣ ва танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, масъалаҳои ҳуқуқии хоҷагии ҳисоббаробаркунӣ ва ҷавобгари ҳуқуқӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ, таносуби уҳдадориҳои хоҷагӣ ва шартномаҳои хоҷагӣ, масъалаҳои ташкилии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон дар суди иқтисодӣ омӯзонда мешавад. Дар қисми махсусии фанни таълимии ҳуқуқи соҳибкорӣ масъалаҳои ҳуқуқии хоҷагии халқ омӯзонда мешавад.

2.7. Илми ҳуқуқи соҳибкорӣ: таърихи пайдоиш ва инкишоф

Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва хоҷагидорӣ сарчашмаи худро аз асарҳои олимони ҳуқуқшинос дар XVIII — авали асри XIX Ушинский К.Д. мегирад,ки аввалин маротиба дар илми ҳуқуқӣ зарурати ҷудо намудани Ҳуқуқи хоҷагидориро ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ аз Ҳуқуқи граждани асоснок намудааст. Ба назар гирифтан лозим аст, ки масъалаи танзимнамсоии соҳибкорӣ дар соҳаҳоии ҳуқуқи граждани, молиявӣ, савдо, замин тадқиқот шудааст. Дар соли 1876 Нерсесов Н.О. ба мақсали омӯзиши махсуси масъалаи

ҳуқуқии танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ дар Донишгоҳи Москва кафедраи ҳуқуқи савдоро асос мегузорад ва бори нахуст дар донишгоҳ ба хондани лексияи ҳуқуқи савдо шурӯъ мекунанд, баъдтар (соли 1896) китоби «Ҳуқуқи савдо» нашр мегардад. Ҳиссаи асосиро дар пайдоиши ақидаи ҳууқуқи соҳибкорӣ Янжул И.И., дар асрҳои XIX — авали асри XX гузоштааст, дар асарҳои худ диққати махсусро ба масъалаи танзими ҳуқуқии соҳибкорӣ ва пеш аз ҳама ба соҳаи фаъолияти истеҳсолӣ (охири асри XIX — авали асри XX .),равона намуд, инчунин масъаларо оид ба вобастагии асосҳои ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи оммавиро дар танзимнамоии муносибатҳои соҳибкорӣ (савдоӣ, саноатӣ, замин ва ғ.) ба миён гузоштааст. Қайд намудан ҷоиз аст, ки ақидаи илмии Ҳуқуқи соҳибкорӣ инчунин дар асарҳои Цитович П.П. («Таълимот дар бораи фоидаҳои соҳибкорӣ" (Киев, 1889) ; «Очеркҳо оид ба назарияи савдопо» (СПб., 1902) ; Шершеневич Г.Ф. («Фанни ҳуқуқи савдо» (М., 1908) , инчунин Каминки А.И. («Ширкатҳои саҳҳомӣ. Тадқиқотҳои ҳуқуқӣ» (СПб. 1902) ; « Иттифоқҳои соҳибкорӣ (очеркҳои ҳуқуқи картелӣ») (СПб., 1909) ; «Асосҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ» (Петроград, 1917) дарҷ гардида буданд.

Консепсияи имрӯзаи ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ, соҳаи қонунгузорӣ, илм ва фанни таълимӣ аз он бар меояд, ки бозор дар фаҳмиши классикӣ ва бозори танзимкунандаи давлатӣ ва иҷтимоию нишонӣ дар шароити имрӯза яехела нест. Ҷонибдорони консепсия дасдиқ мекунанд, ки дар баробари фаъолияти хусусии соҳибкорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи иқтисоди давлат мавҷуд аст ва амал мекунад. Аммо гап дар сари мавҷудияти шаклҳои махсуси фаъолияти соҳибкорӣ намеравад-соҳибкории давлатӣ, ки танзими махсуси ҳуқуқиро, ки аз доираи ҳуқуқи хусусии анъанавӣ берун мебарояд талаб мекунад. Дар шароити имрӯза шакли махсуси алоқамандии давлат ва бозор мавҷуд аст, ки батанзимдарории фаъолияти соҳибкорӣ бо усулҳои ҳуқуқи хусусӣ (анъанавӣ, дар доираи ҳуқуқи граждани) номумкин аст. Тасаввурот дар бораи он, ки ингуна муносибатҳоро дар доираи ҳуқуқи хусусии анъанавӣ ба танзим даровардан мумкин аст, дар амалияи қонунгузорӣ танҳо ба яке аз ин ду оқибат бурда мерасонад: ба кодекси граждани ҷорӣ намудани унсурҳои ба он бегона, ки хислати давлатӣ, оммавӣ доранд ва ё, ба ақидаи танзимнамоии соҳибкоории давлатӣ берун аз бозор. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, зеро ҳуқуқи граждани, чун кодекси савдо дар бахши хусусӣ баробар аст, институти иқтисоди бозорию давлатӣ, танзимии давлатӣ ва

иҷтимоии марказиро қабул намекунад, ҳамин тавр, талаботи пайдоиши Ҳуқуқи соҳибкорӣ объективона ба вуҷуд меояд. Ҳуқуқи соҳибкорӣ имрӯз як қисми ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқ ҳамчун ҳуқуқи иқтисоди бозоргонӣ ба шумор меравад. Аммо фаҳмиши ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ, бо инҷадар тамоюлҳои инкишофёфтааш на ҳама вақт аз ҷониби ҳама ҳуқуқдонҳо чун соҳаи асосии ҳуқуқ ҷудо карда мешуд. Масъала дар бораи ягонагӣ ва гуногунии танзими ҳуқуқии муносибатҳои молумулкӣ дар давраи шӯравӣ бисёр баҳснок буд. Баҳсҳои асосӣ дар байни намояндагони консепсияи хоҷагию ҳуқуқӣ ва сивилистӣ бурда мешуд. Моҳияти якум дар танзимнаоии соҳаи ягонаи ҳуқуқи хоҷагӣ бо танзимнамоии муносибатҳо оид ба фаъолияти хоҷагӣ (муносибатҳои субъектони баробарҳуқуқ) ва муносибатҳо оид ба идоракунии ин фаъолият таҷассум мегардад. Ҷонибдорони равияи сивилистӣ дар нуқтаи назарее устуворанд, ки мувофиқи он муносибатҳои хоҷагидорӣ наметавонад бо соҳаи ҳуқуқи ягонаи мустақил танзим карда шавад,бояд бо якчанд соҳаҳои ҳуқуқ (граждани,молиявӣ, маъмурӣ) ба танзим дароварда шавад. Нуқтаи назаре боиси дастгирӣ аст, ки мувофиқи он ҳуқуқи соҳибкорӣ наметавонад ба соҳаи махсуси ҳуқуқ вобаста бошад, ақидаи мазкур дар асари Суханова А.А. дастгирии худро ёфтааст. Он инчунин «вобастагии кулли қонунгузории мувофиқро, инчунин ҷудо намудани фанни таълимӣ, ки ба омӯзиши ҳуқуқии танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ, ки хислати комплексӣ дорад ва тартиби ҳам ҳуқуқи хусусӣ ва ҳам ҳуқуқи оммавиро фаро мегирад, бахшида шудааст» эътироф мекунад[1]. Ҷонибдорони консепсияи ҳуқуқи соҳибкорӣ аз он бар меоранд, ки қонунгузорӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ва иқтисод наметавонад танҳо хусусӣ ва ё танҳо оммавӣ бошад. Соҳаҳои фаъолияти зиндагии ҷамъият бо хусусияти худ намегузорад, ки танҳо ҳуқуқи хусусӣ ва ё танҳо ҳуқуқи оммавӣ ба вуҷуд биёяд. Ҷудо намудани ҳуқуқ ба соҳаҳо ва асоснок намудани мустақилияти онҳо ҳам барои илми ҳуқуқӣ ва ҳам барои таълим додани ҳуқуқӣ саволҳои зиёдро ба миён меорад. Аммо ин масъала бисёртар дохилии ҳуқуқӣ мебошад ва барои худи олимони ҳуқуқ зарур мебошанд. Умуман барои ҷамъият танзимнамоии пурра ва самараноки соҳибкорӣ асосӣ ба шумор меравад. Консепсияи ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи комплексии соҳаи ҳуқуқ таи чанд сол аст, ки дар ҶТ ва дар мамлакатҳои хориҷӣ коркард

[1]Ниг.: Гражданское право. Учебник под редакцией Е. А. Суханова. Т. 1, М. 1998, С. 19.

шуда истодааст (консепсияи «тиҷорат-ҳуқуқ» ё business law). Аз ин нуқтаи назар ақидаҳои шаст сол пеш пешниҳод намудаи Райхер В.К. дар бораи он, ки соҳаҳои комплексии ҳуқуқ бояд ба се шарт ҷавобгӯ бошанд аҳамияташро гум мекунад. Ин се шарт инҳо мебошанд:Ин маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд ба хусусияти доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ мувофиқ бошад, яъне мавзӯи ягона дошта бошад; Чунин доираи махсуси муносибатҳои танзимшаванда бояд аҳамияти бузурги ҷамъиятӣ дошта бошанд.таъсис додани чунин маҷмӯи маводҳои меъёрию ҳуқуқӣ бояд ҳаҷми васеъ дошта бошад. Мавқеи мустақилияти ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ дар асрҳои Лаптев В.В., Мамутов В.К., Мартемянов В.С. дарҷ гардидааст. Инак, Мартемянов В.С. ҳуқуқи соҳибкориро ҳамчун соҳа муайян намудааст, ки мувофиқи он ҳуқуқи соҳибкорӣ «маҷмӯи меъёрҳое мебошад, ки муносибатҳои соҳибкорӣ ва муносибатҳои бо он алоқамандро, аз ҷумла муносибатҳои ғайритиҷоратӣ, инчунин муносибатҳо оид ба танзимнамоии давлатии иқтисод ба мақсади таъмин намудани манфиати давлат ва ҷамъият ба танзим медарорад»[1]. Хусусияти ҳуқуқи соҳибкорӣ инчунин қонунгузории соҳибкорӣ дар мувофиқа, ҳамкории манфиатҳои ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ, воситаҳои ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ ифода меёбад. Қайд намудан зарур аст, ки имрӯз ин ё он соҳаи ҳуқуқро танҳо ба ҳуқуқи хусусӣ ва ё танҳо ба ҳуқуқи оммавӣ шомил кардан осон нест. Наздикшавии танзимнамоии соҳаи ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи оммавӣ ба вуҷуд омада истодааст, ки дар болоравии бениҳояти нақши судҳо дар ҳал намудани баҳсҳои дар соҳаи соҳибкорӣ ба миён омада бо татбиқи воситаҳои ҳуқуқи оммавӣ ифода меёбад. Ҳамин тавр нуқтаи назаре, ки бисёртар асоснок карда шудааст ва даврaҳои инкишофи низоми ҳуқуқи имрӯзаро ифода мекунад, ин «ҳуқуқи соҳибкорӣ - соҳаи мустақили ҳуқуқ мебошад, ки дорои тамоюли инкишофёбанда мебошад» ба шумор меравад.

Дар солҳои 90-ум дар ИҶШС гузариш аз иқтисодиёти нақшавӣ ба иқтисодиёти бозоргонӣ оғоз гардид, ки тағйирёбии консепсияи ҳуқуқи соҳибкории мавҷудбударо талаб намуд. Ҳуқуқи соҳиибкории имрӯза мувофиқи мафҳуми Лаптев В.В. ҳуқуқи фаъолияти соҳибкорӣ номида мешавад. Нақши дигар олимонро (Мартемянов В.С., Мамутов В.К., Андреев В.К., Быков В.Г. ва ғ.), паст назада қайд намудан лозим аст, ки Лаптев В.В. аввалин шуда асосҳои илмии фанни ҳуқуқи соҳибкориро

[1] Ниг.: Мартемьянов В. С. Хозяйственное право: Учебник. Т. 1. М. 1994. С.1.

коркард намуд. Консепсияи имрӯзаи ҳуқуқи соҳибкорӣ тасаввуротро оид ба мавзӯи он аз назарияҳои пештара дида дигшар намуд. Ба ин тасаввуротҳо дар соҳаи ҳуқуқи соҳибкорӣ муносибатҳои дар ҷараёни амалисозии моликияти шаҳрвандон бавуҷудомада ҳам мегузаранд. Шумораи субъектон-иштирокчиёни муносибатҳои хоҷагидорӣ низ авзуд.

Масъалаҳои танзими ҳуқуқии ҳаёти хоҷагӣ диққати махсуси илми ҳуқуқро, ки инкишофи доимӣ ва аслии як қатор назарияҳои ҳуқуқи қонунгузории хоҷагиро таъсис додаанд ба худ ҷалб мекунад. Панҷто асосиашро нишон додан мумкин аст:

1) Консепсияи «ҳуқуқи дусамта» (Стучка П.И.), ин назария дар солҳои 20-ум паҳн гашта буд.

2) Консепсияи тоҳарбии ҳуқуқи соҳибкорӣ (Гинтсбург Л.Я., Пашуканис Е.Б.), дар солҳои 30-ум ин назария ба ҷои консепсияи «ҳуқуқи дусамта» омадааст.

3) Консепсияи «ҳуқуқи хоҷагию маъмурӣ» (Братус С.Н.).

4) Консепсияи соҳаи комплексии ҳуқуқ (Толстой Ю.К., М.Д. Шаргородский М.Д.). Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорони ин консепсия Рахимов М.З., Исмоилов Ш.М., Шонасридинов Н.Ш., Ғаюров Ш.К., Нодиров Ф.М. ва дигарон мебошанд.

5) Дар солҳои 60-ум консепсияи нави ҳуқуқи соҳиборӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ ба вуҷуд омад. (Лаптев В.В., МамутовВ.К.). Ба фикри мо консепсияи мазкур асосноктар мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал илми ҳуқуқи хоҷагидорӣ (соҳибкорӣ) аз ҷониби корманди шоистаи илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор Виктор Аркадевич Ойгензихт тадқиқ карда шудааст. В.А.Ойгензихт дар соли 1981 кафедраи қонунгузории хоҷагӣ ва ҳуқуқи меҳнати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро асос гузоштааст ва то соли 1991 мудири кафедраи мазкур буд. Ойгензихт В.А. муаллифи асарҳои зиёди асосӣ ба ҳисоб меравад[1].

---

[1]Ниг.: Имущественная ответственность в хозяйственных договорах. Учеб. пособие / В.А. Ойгензихт; Тадж. гос. ун-т. Душанбе, 1980. -111с.; Проблема риска в гражданском праве. Душанбе.: "Ирфон", 1972,- 224с.; Проблема риска в гражданском праве. //Автореф. дисс. док. юрид. наук. М.; 1974. 35с.; Риск при просрочке исполнения. Укрепление законности и правопорядка в период строительства коммунизма. Часть 3. Душанбе; 1973. - с. 174-197; Презумпции в советском гражданском праве. Душанбе: "Ирфон", 1976. 190с.; Имущественная ответственность в хозяйственных договорах. Душанбе, 1980. 112с.; Юридическое лицо и трудовой коллектив: Сущность. Поведение. Ответственность. Учебное пособие. Душанбе; 1988. 116с.; Воля и волеизъявление. Очерки теории, философии и психологии права.

Дар соли 1991 кафедраи қонунгузории хоҷагидорӣ ва ҳуқуқи меҳнатӣ ба кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ номгузорӣ карда шуд. Пас аз ба даст овардани соҳибистиқлолӣ инҳо буданд: 1) н.и.ҳ., профессор Исмоилов Ш.М. (с.1991-1994.); 2) н.и.ҳ., профессор Раҳимов М.З. (с.1995-2000.); 3) н.и.ҳ., дотсент Шонасридинов Н.Ш.(с.2000-2012) . Аз соли 2012 мудири кафедра н.и.ҳ., дотсент Сангинов Д.Ш. мебошад.

Инкишофи илми ҳуқуқи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асарҳои илмии чунин олимони бузурги ватанӣ алоқаманд мебошад:

Раҳимов М.З., Исмоилов Ш.М., Шонасридинов Н.Ш., Ғаюров Ш.К., Нодиров Ф.М., Бозоров Р.Б ва дигарон[1]. Дар замони имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама институтҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ аз тарафи олимон, кормандони ҷавони илмӣ дар сатҳи рисолавӣ таҳлил шудааст ва ё таҳлил шуда истодааст.

Душанбе.: Изд-во "Дониш", 1983. 256с.; Альтернатива в гражданском праве. Душанбе: Изд-во "Ирфон", 1991. 115с.;

[1] Масалан, Абдуҷалилов А. Правовое регулирование электронной коммерции в глобальной сети Интернет законодательством Республики Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2009; Абдуллаева Р.А. Проблемы правового регулирования аудиторской деятельности в Республике Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2010.217с.; Ахунов Б.Ю. Защита прав субъектов предпринимательской деятельности по законодательству Республики Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2010.; Бобоев Д.К. Договор коммерческой концессии по законодательству Республики Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2010; Гафуров А.Д. Правовое регулирование дисциплины расчетов в условиях рыночной экономики. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2004.; Каримов А.К. Проблемы правового обеспечения конкурентной деятельности в Республике Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2010. 188с.; Муртазакулов Д.С. Гражданско-правовой статус дехканских (фермерских) хозяйств по законодательству Республики Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2000; Носиров А.Р. Правовой механизм несостоятельности (банкротства) банков и иных кредитных организаций по законодательству Республики Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2008; Носиров Н.Б. Гарантии обеспечения частных и публичных интересов по законодательству Республики Таджикистан о банкротстве. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2009; Салибаева Н.А. Защита прав инвесторов на рынке ценных бумаг в Республике Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2004; Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан. Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. Душанбе, 2010. 193с.; Султонова Т.И. Злоупотребление хозяйствующими субъектами доминирующим положением на товарном рынке в Республике Таджикистан: вопросы теории и законодательства. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2007 и д.р.

БОБИ III. САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ ВА ТИҶОРАТ

3.1. Мафҳум ва намудҳои сарчашмаи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

3.2. Масъалаи соҳибкорӣ дар Сарқонуни ҶТ, Кодекси андози ҶТ, Кодекси граждании ҶТ ва дар дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ

3.3. Нақши санадҳои корпоративӣ дар танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ

3.4. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ дар танзими фаъолияти соҳибкорӣ

3.1. Мафҳум ва намудҳои сарчашмаи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

Сарчашмаи ҳуқуқи соҳибкорӣ ин шакли зоҳирии ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ,яъне тарзҳои қайдкунии гуногун, объективикунонии қоидаи дар соҳаи соҳибкорӣ ба миёномада мебошад.

Намудҳои зерини сарчашмаи ҳуқуқи соҳибкориро ҷудо мекунанд:

1) санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ;

2) анъанаҳои муомилоти корӣ;

3) принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофгаштаи ҳуқуқи байналхалқӣ ва шартномаҳои байналхалқии ҶТ.

3.2. Масъалаи соҳибкорӣ дар Сарқонуни ҶТ, Кодекси андози ҶТ, Кодекси граждании ҶТ ва дар дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ

Сарчашмаи асосии ҳуқуқи соҳибкорӣ Конститутсияи ҶТ мебошад , ки 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст. Вай қувваи олии юридикӣ дорад, мустақиман амал мекунад ва дар тамоми қалamрави ҶТ татбиқ карда мешавад. Қонун ва дигар санадҳои меъёрҳои ҳуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шаванда, намобояд ба Конститутсияи ҶТ мухолифат кунад. Ба ҳуқуқи соҳибкорӣ аҳамияти асосиро он меъёрҳои конститутсионие соҳиб мегарданд, ки принсипҳои соҳавиро ифода мекунад. Ба ғайр аз ин дар Қонуни асосӣ кафолати коститутсионии соҳибкорӣ, маҳдудиятҳои коститутсионӣ дарҷ гардидаанд.

Баъзе моддаҳои Конститутсияро, ки сарчашмаи ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошанд дида мебароем:

***Моддаи* 12**. Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд.

Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медихад.

***Моддаи* 14**. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳалли ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд.

Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

***Моддаи* 24**. Шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳақ дорад.

***Моддаи* 32**. Ҳар кас ҳақ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад.

Ҳеҷ кас ҳақ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пурраш давлат гирифта метавонад.

Товони зарари модди ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо руёнида мешавад.

Сарчашмаи дигари ҳуқуқи соҳибкорӣ Кодекси андози ҶТ мебошад, ки 17 сентябри соли 2012 таҳти №901 қабул шудааст. КА ҶТ андозбандии субъектони фаъолияти соҳибкориро муқаррар мекунад. Мувофиқи КА ҶТ ба Ба низомҳои махсуси андозбандӣ инҳо дохил мешаванд: низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд; низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд; низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона); низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ.

Ғайрирезиденте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкориро тавассути миёнарави мустақиле (брокер ва (ё) дигар агенти мустақиле, ки дар асоси шартномаи супориш, комиссия, консигнатсия ё дигар шартномаи шабеҳ амал мекунад) анҷом дода, барои аз номи ин ғайрирезидент имзо намудани шартномаҳо (қарордодҳо) ваколат надорад, муассисаи доимӣ ба ҳисоб намеравад. Таҳти мафҳуми миёнарави мустақил шахсе фаҳмида мешавад, ки дар доираи фаъолияти муқаррарии (асосии) худ вазифаи миёнаравиро бо мақсади ҳамкории тарафҳо амалӣ намуда, аз нигоҳи ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам иқтисодӣ ба ғайрирезидент вобаста намебошад. Дар асоси моддаи 8 КА ҶТ ба мақсади андозбандӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ фаъолияти мустақиле дониста мешавад, ки таҳти таваккали худи шахсоне, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бояд ба ҳамин сифат ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, амалӣ карда мешавад ва барои ба даст овардани фоидаи (даромади, ҷуброни) мунтазам аз истифодаи молу мулк, фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасонӣ равона гардидааст. Намудҳои зерини фаъолият ба сифати фаъолияти соҳибкорӣ эътироф карда намешаванд: фаъолияти тамоми зинаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки мустақиман бо амалӣ намудани ваколатҳои ба онҳо вогузоркардашудаи давлатӣ алоқаманд мебошанд; фаъолияти эҳсонкорӣ; фаъолияти динӣ; фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ; фаъолияти муассисаҳое, ки аз ҳисоби муассис маблағгузорӣ карда мешаванд; аз ҷониби шахсони воқеӣ иҷро гардидани кори кироя.

Барои мақсадҳои андозбандӣ амалӣ намудани намудҳои зерини фаъолият аз ҷониби шахси воқеӣ, муассисаи аз ҳисоби муассис маблағгузоришаванда ва (ё) ташкилоти ғайритиҷоратӣ фаъолияти соҳибкорӣ эътироф намешавад, ба шарте ки ин фаъолият барои шахси онро амаликунанда фаъолияти асосӣ набошад: ҷойгир намудани маблағҳои пулӣ дар ташкилотҳои қарзӣ; ба иҷора додани молу мулки манқул ва (ё) ғайриманқул; додани молу мулк ба идоракунии боэътимод; харидан (фурӯхтан) ё ба дигар шахс додани ҳисса дар сармояи оинномавии шахси ҳуқуқӣ ё коғазҳои қиматноки он; харидан (фурӯхтан) ё ба дигар шахс додани вомбаргҳо ё ҳама гуна векселҳои дигар; харидан (фурӯхтан) ё ба дигар шахс додани саҳм дар фонди ҳиссавии сармоягузорӣ ва (ё) ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳама гуна ҳуқуқҳои шабеҳи ба фурӯшанда тааллуқдошта; кори кирояи дар асоси шартномаҳои (қарордодҳои) хусусияти граждании ҳуқуқидошта ё ин ки бе

шартномаҳо (қарордодҳо) амалишаванда. Дар он қисме, ки шахсони анҷомдиҳандаи фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамоянд, фаъолияти соҳибкории чунин шахсон бояд андозбандӣ гардад, дороиҳо ва фаъолияти онҳо, ки бевосита ба амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманданд, бояд дар алоҳидагӣ (ҷудо аз фаъолияти асосӣ) ба ҳисоб гирифта шаванд. Фаъолияти муассисаҳои давлатӣ, ки қисми маблағҳои махсусашон дар ҳаҷм ва бо тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ ба буҷет ситонида мешавад, фаъолияти соҳибкорӣ эътироф намешавад, агар қонунгузорӣ тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

Кодекси граждании ҶТ дар танзимнамоии худ ҳам муносибатҳои соҳибкорӣ ва ҳам молиро, ки ба таъмин намудани эҳтиёҷоти истеъмоли пеш аз ҳама шаҳрвандон равона аст, дар бар мегирад. Кодекс меъёрҳои зиёди танзимкунандаи соҳибкориро дар бар мегирад. Аз мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ сар карда, шакли ташкилию ҳуқуқии амаликунии он, тартиботи молумулкии соҳибкорон то шартномаҳои соҳибкорӣ дар КГ ҶТ дарҷ гардидааст. КГ намудҳои гуногуни ҷавобгарии гражданиро соҳибкоронро муҷаррар мекунад.

Нақши пешбарандаро дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ қонунҳо мебозанд: а) қонунҳое, ки ҳолатҳои умумии намудҳои муайяни бозорро танзим мекнанд, масалан Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол »; б)қонунҳое, ки вазъи ҳуқуқии субъектони дар бозор амалкунандаро муқаррар мекунанд, масалан Қонуни ҶТ «Дар бораи Ҷамъияти саҳҳомӣ»; в) қонунҳое, ки намудҳои алоҳидаи фаъолоти соҳибкориро ба танзим медароранд, масалан Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ»; г) қонунҳое, ки дар худ соҳаи танзимкунии гурӯҳи якум ва дуюмро омехта мекунад, яъне вазъи ҳуқуқии субектро, ки ба ягон нмауди фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст муқаррар мекунад, масалан Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» д) қонунҳое, ки талаботро ба фаъолияти соҳибкорӣ муқаррар мекунад, масалан Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият» ва ғайра.

Санадҳои зерқонунӣ. Дар байни онҳо мо бояд пеш аз ҳама фармонҳои Президенти ҶТ-ро номбар кунем. Санадҳои қабулнамудат Президент набояд ба Конститутсия ва қонунҳо мухолифат кунад. Фармонҳо ҳамчун воситаи танзимнамоии муносибатҳои соҳибкорӣ барои бартараф намудани масъалаҳо дар ҳалли ин ё он масъалаҳо зарур аст. Масалан, Фармони Пре-

зиденти ҶТ «Дар бораи эълон намудани маратория дар ҳама намуди тафтишоти фаъолияти субъектони соҳибкорон, ки дар соҳаи истеҳсолот машғуланд» аз зо сентябри соли 2011.

Қарори Ҳукумати ҶТ, ки мувофиқи салоҳияти он қабул карда шудааст, мнчунин ба шумораи сарчашмаи ҳуқуқи соҳибкорӣ дохил мешавад. Санадҳои Ҳукумат ба маънои имконияти танзимнамоашон бояд дар инкишоф ва иҷроиши қонунҳо қабул карда шаванд. Масалан, Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 декабри 2004 таҳти №469 «Дар бораи консепсияи тараққиёти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврaҳои то соли 2015» ва ғ.

3.3. Нақши санадҳои корпоративӣ дар танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ

Инкишофи босуръати муносибатҳои хоҷагию иқтисодӣ дар ҶТ зарурати танзими зарурии ҳуқуқии онро тақозо мекунад. Пайдоиши шумораи зиёди субъектони нави ҳуқуқ, ки дар фаъолияти худ асосҳои ҳуқуқи умумӣ ва ҳуқуқи хусусиро якҷоя мекунанд, ба таври дигар дидани имконияти танзимнамоии ҳуқуқиро тақозо мекунад. Мувофиқи Конститутсияи ҶТ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар ҳудуди давлат ширкатҳои гуногун, ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ,ки баъзан корпоратсия ном мебаранд таъсис дода мешавад.Ингуна ташкилотҳо имрӯзҳо садҳо ҳазор мебошанд, онҳо дар қаламвар давлат ва берун аз он таъсис дада шуда амал мекунанд . Кодекси граждании ҶТ ва дигар қонунҳо ба копоратсияҳо имконият медиҳанд, ки онҳо фаъолияти худро дар асоси санадҳои дохилӣ танзим намоянд. Ҳар як корпоратсия оиннома, низомнома ва дигар ҳуҷҷати таъсисӣ, қоидаҳои гуногуни тартиботи дохилӣ, иштироки аъзоёни ташкилоти мазкур дар идоракунӣ, баҳисобгирии фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, муносибати дутарафа бо тамои қисмҳои ташкилот ва муштариёни он ва санадҳои дигар, ки дар сатҳи дохилӣ муносибатҳои корпоратсияро байни иштирокчиёни он, кормандон ва мақомоти идоракунии он ба танзим медарорад, доро мебошад. Ҳамаи ин қоидаҳо, агар аз ҷониби худи ташкилот, мақомотҳои он дар асос ва мувофиқи қонун ва дигар санадҳои мақомотҳои давлатӣ муқаррар шуда бошанд, хислати санадҳо ва меъёрҳои корпоративиро мегирад. Нақш ва аҳамияти санадҳои корпоративӣ дар ҷараёни танзимнамоии муносибатҳои ҷамъиятӣ боло рафта истодааст. Ҳатто шумораи тақрибии ингуна санадҳоро баҳогузорӣ намудан номумкин аст, аммо бо боварӣ тасдиқ намудан мумкин аст, ки шумораи онҳо имрӯзҳо аз тамоми қонунгузории амалку-

нанда зиёд буда доимо зиёд шуда истодааст. Чунин санадҳо табиати нотакрои ҳуқуқӣ доранд, дорои хусусияти махсуси қувваи ҳуқуқӣ ва соҳаи амал мебошанд, дар низоми сарчашмаи ҳуқуқ ҷои муайянро соҳибанд.

Фаъолноккунии танзимнамоии корпоративӣ чи дар васеъшавии ҳудуди он ва чи дар чуқуртар шудани мазмун, инчунин дар мукаммалгардии шакли ташкилию ҳуқуқии он ифода меёбад. Дар давраҳои пештар ҳуқуқ ҳамчун олоти муҳими ислоҳоти иқтисодӣ ва демократикунонии ҷамъият баромад мекард. Дар миёни чунин шакли ташкилию ҳуқуқии танзимнамоӣ аҳамияти зарурироо меъёрэҷодкунии корпоративӣ соҳиб мегардад.

Меъёри ҳуқуқии корпоративӣ – яке аз сарчашмаҳои асосӣ ва мукаммалгаштаи ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад. Санадҳои корпоративие, ки корҳои мушаххасро ҳал мекунад, аз фарқият бо санадҳои меъёрӣ санадҳои индивидуалии корпоративӣ номида мешавад. Санадҳои меъёрии корпоративӣ дар баробари санадҳои қонунгузорӣ барои ҳал намудани корҳои индивидуалӣ асоси ҳуқуқӣ дорад.

Санадҳои меъёрии корпоративӣ – ин ҳуҷҷати мақомоти идоракунии корпоратсия мебошад, ки дорои меъёрҳои корпоративӣ мебошад. Санадҳои корпоративӣ аз ҷониби мақомоти идоракунии дар корпоратсия мавҷудбуда, ки барои ҳал намудани ин ё он масъалаҳои ҳаёти истеҳсолию иҷтимоии коллектив ваколатдор карда шудааст, қабул карда мешавад. Дар он бояд иродаи коллектив ифода ёбад, аз ин ҷо ҳокимиятнокии он, ҳатто баъзе авторитарият, инчун расмиёт ва ҳатмияти он манша мегирад. Санадҳои корпоративӣ дорои аломатҳои зерин мебошад. Якум, он хислати ҳуқуқэҷодкунӣ дорад, яъне дар он меъёрҳои корпоративӣ ё муқаррар мешавад, ё тағйир меёбад ва ё амали онҳо қатъ мегардад. Дуюм, санади корпоративӣ бояд аз ҷониби мақомоти идоракунӣ танҳо дар доираи салоҳияти худ қабул карда шавад, вагарна барои як масъала дар корпоратсия якчанд қарорҳои меъёрӣ амал мекунад, байни онҳо мумкин аст гуногунӣ ва мухолифат ба чашм расад. Ҳамаи инҳо ба танзимнамоии босифати мунсибатҳои дохиликорпоративӣ имконият намедиҳанд. Сеюм, санади корпоративӣ ҳамеша дар шакли ҳуҷҷат (қарори маҷлиси умумӣ, шӯрои директорон, фармони роҳбар ва ғ.) қабул карда мешавад. Ин ҳуҷҷатҳо бояд реквизиҳои худро (намуди санади корпоративӣ, номи он, мақомоти идоракунандаи онро қабулнамуда, санаи қабул, рақам ва ғ.) дошта бошад. Шакли хаттӣ барои фаҳмиши ягонаи талаботи санади корпоративӣ,

мавҷудияти ҷавобгарӣ барои иҷро накардани он зарур аст. Чорум, санадҳои корпоративӣ набояд ба Конститутсияи ҶТ, санадҳои қонунгузорӣ ва корпоративӣ, ки дорои қувваи олии ҳуқуқӣ мебошад, масалан фармони роҳбар- ба қарори ҷамомади умумӣ мухолифат кунад. Дар баробари санадҳои меъёрии корпоративӣ дар корхона санадҳои дигари корпоративӣ, ки хислати меъёрӣ надоранд қабул карда мешавад. Ба онҳо инҳо дохил мешаванд: Санадҳои фаҳмондадиҳӣ ё санадҳои шарҳдиҳӣ. Фарқияти онбҳо аз санадҳои меъёрии корпоративӣ дар он аст, ки онҳо меъёри нав муқаррар намекунанд, танҳо меъёрҳои дар ягон намуд санад ҷойдоштаро асоснок, мушаххас мекунанд, меъёрҳоро тафсир мекунанд. Масалан, дар Қоидаи тартиботи дохилии меҳнат ба сифати ҷавобгарӣ барои гунаҳкорона иҷро накардани уҳдадориҳои меҳнатӣ аз кор озод намудан пешбинӣ шудааст. Аммо пеш аз он бояд аз гунаҳкор баёнот гирифта шавад, агар савол ба миён ояд, ки шакли баёнот ва тартиби гирифтани он чигуна аст, он дар санади махсуси корпоративӣ мавҷуд аст, ки онро санади шарҳдиҳӣ гуфтан зарур аст. Бисёртар ингуна санадҳо барои он истифода бурда мешаванд, ки то ба маълумот расонанд ва бо назардошти хусусияти ин ё он санадҳои қонунгузории корхонаи мушаххас (Қарори ҳукумат, дастурамали вазоратҳо) фаҳмонда шавад. Санадҳои амалисозии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо :шартномаҳо (дар бораи ҳамкорӣ, мусобиқа байни сохторҳо), фамони роҳбар, ки хислати мушаххас дорад (додани мукофотпулӣ, туҳфаи қиммат, додани қарз ва ғ.), забонхат, вомбарг ва ғ. Санадҳои татбиқ, ки ҷавобгариро ба шахсони мушаххас муқаррар мекунад (фармон дар бораи додани танбеҳ, аз кор озод намудан барои прогул ва ғ.).

Намудҳои санадҳои меъёрии корпоративӣ. Таснифи онҳоро бо якчанд асос ба амал баровардан мумкин аст. Аз рӯи субъект санадҳои меъёрии корпоративӣ ба санадҳои колективи корхона, саҳҳомон, коргарони кироя (санадҳои райъпурсии корпоративӣ, санадҳои ҷамомади умумӣ), санадҳои мақомоти иҷроия ва билохира санади роҳбарони корпоратсия, к ибо тартиби танҳоӣ қабул мекунад, ҷудо мешаванд. Аз рӯи аломати соҳавӣ санадҳои меъёрии корпоративӣ, ки муносибатҳои молиявӣ (санадҳои корпоративии молиявӣ), соҳаи идоракунӣ (санадҳои корпоративии маъмурӣ),соҳаи татбиқи меҳнатӣ (санадҳои корпоративии меҳнатӣ), соҳаи таъминоти иҷтимоӣ (санадҳои корпоративии оид ба нафақа, манзил ва ғ.) ва билохира соҳаи молумулкиро (санадҳои ҳуқуқии граждани) ба танзим медарорад. Ин намуди

санадҳо дар қисми махсуси китоби мазкур ба таври кофӣ дида мешавад.

Талаботҳои ба санадҳои меъёрии корпоративӣ пешниҳодшаванда. Барои он, ки танзимкунандаи амалкунандаи ҳаёти колективи корпоратсия бошӣ, санадҳои меъёрии корпоративии дар он қабулшаванда, бояд ба талаботҳои зерин қавоб диҳад. 1.Санадҳои меъёрии корпоративӣ вазъият мақомоте нишон дода мешавад, ки онро қабул намудааст: ҷамомади умумӣ, шӯрои директорнбояд ба ҳақиқати объективӣ мувофиқат кунад. 2. Санадҳои меъёрии корпоративӣ бояд сохти муайян дошта бошад, на инки ҷамъи бемантиқи меъёрҳо. 3. Санадҳои меъёрии корпоративӣ бояд ба ҳама аъзоёну кормандони корпоратсия фаҳмо бошад. 4. Санадҳои меъёрии корпоративӣ бояд ҳама реквизитҳои ҳатмиро, аз қабили шакли санади корпоративӣ, одатан мақомоти онро қабулнамударо нишон медиҳанд: ҷамомади умиумӣ, шӯрои директорон, роҳбарони корхона ё қисмҳои сохторҳо ва ғ-ро доро бошад.

3.4. Татбиқи санадҳои байналмиллалӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ.

Асос барои татбиқи санадҳои байналмиллалӣ муқаррароти қ. 3-4 м. 10 Конститутсияи ҶТ, ки мувофиқи он «Санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналмиллалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқи ҷумҳурӣ мебошад. Дар ҳолати мухолифати қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналмиллалии эътирофнамудаи ҷумҳурӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналмиллалӣ амал мекунад. Қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналмиллалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пас аз интишори расмӣ ба қувваи қонунӣ медарояд». Принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалии умумиэътироф-шуда ва шартномаҳои байналмиллалии ҶТ, қисми таркибии низоми ҳуқуқи он мебошад. Агар шартномаи байналмиллалии ҶТ тартиби дигари қоидаи шартномаи байналмиллалиро муқаррар кунам. Муқарроти шартномаи байналмиллалӣ нисбати муносибатҳои байни шахсони фаъолияти соҳибкориро бамал бароранда бавуҷудоянда бевосита татбиқ карда мешавад, ба ғайр аз ҳолате, ки барои татбиқи он қабули санади дохилидавлатӣ талаб карда шавад. Шартномаи байналмиллалӣ созишномае, ки байни ҶТ ва давлати хориҷӣ ё бо ташкилоти байналмиллалӣ дар шакли хаттӣ басташуда, бо ҳуқуқи байналхалқӣ танзим карда мешавад, новобаста аз он, ки чунин созишнома дар як ё якчанд ҳуҷҷати ба ҳам алоқаманд дарҷ гардидааст, инчунин новобаста аз номи он

эътироф карда мешавад. Аҳамияти асосиро он шартномаҳои (конвесияи) бисёртарафае, ки ба танзимнамоии муносибатҳои соҳибкорӣ муносибати бевосита дорад соҳиб аст. Конвенсияи ООН – ро оид ба шартномаи хариду фурӯши байналмиллалии мол соли 1980 (Конвенсияи Вена) ҷудо намудан мумкин аст. Аҳамияти он пеш аз ҳама дар он аст, ки он якҷоякунии меъёрҳои моддию ҳуқуқиро, ки муносибатҳои паҳнгаштаи намуди шартнома-хариду фурӯшро танзим мекунад, ифода мекунад. Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ аз 4 ноябри соли 1950 муқаррар мекунад, ки ҳар як шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба эҳтироми моликияти худ ҳуқуқ дорад. Аз фарқият бо дигар муқаррароти Конвенсия моддаи нишондодашуда на танҳо ҳуқуқи шахсони воқеӣ, балки ҳуқуқи шахсони ҳуқуқиро, аз ҷумла ҷаъият ва ширкатро ҳифз мекунад. Барои ҳамин муқаррароти мазкур, инчунин қарори Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон сарчашмаи муҳими ҳуқуқи соҳибкорӣ ба шумор меравад.

Ба шумораи ҳуҷҷатҳои байналмиллалие, ки фаъолияти соҳибкориро ба танзим медарорад, инҳоро номбар кардан мумкин аст:

1) Конвенсияи СММ оид ба шартномаи байналмиллалӣ оид ба ҳамлу нақли бор бо нақлиёти автомоболӣ соли 1956;

2) Конвенсияи СММ оид ба шартномаи байналмиллалӣ оид ба хариду фурӯши байналмиллалӣ соли 1980;

3) Конвенсияи СММ оид ба шартномаи байналмиллалӣ оид ба вомбаргҳои байналмиллалии интиқолӣ ва вомбаргҳои оддӣ соли 1988 ;

4) Принсипҳои байналмиллалии шартномаи тиҷоратӣ (Принсипҳои УНИДРУА);

5) Конвенсияи патентии Авруосиё соли 1994 ва ғ.

БОБИ IV. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИ ДАР МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶА

4.1. Мафҳум, мавзӯ ва институтҳои ҳуқуқи соқибкорӣ дар мамлакатҳои хориҷа

4.2. Сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи соқибкорӣ ва тиҷорати малакатҳои хориҷа

4.3. Мақсад, вазифа ва шаклҳои асосии танзими ҳуқуқи соқибкорӣ ва тиҷорати мамлакатҳои хориҷа

4.1. Мафҳум, мавзӯ ва институтҳои ҳуқуқи соқибкорӣ дар мамлакатҳои хориҷа

Дар робита бо амалисозии азнавсозии қатъии иқтисодӣ ва тағйироти муҳими танзимнамоии муносибатҳои соҳибкорӣ, аҳамияти асосиро таҷрибаи мамлакатҳои иқтисоди бозоргониашон таррақиёфта соҳиб мегардад. Дар мамлакатҳои хориҷӣ низомҳои ҳуқуқӣ таърихан ба вуҷуд омаданд. Асоситарини онҳо романно-олмонӣ (континенталӣ) ва анло-америкоӣ мебошад. Ҷудокунии ҳуқуқ ба хусусӣ ва оммавӣ таснифи муҳими меъёр ва институтҳои ҳуқуқӣ дар мамлакатҳои низоми ҳуқуқии романно-олмонӣ, яъне дар он мамлакатҳое, ки ба ҳуқуқашон ҳуқуқи одатии римӣ таъсир расондааст ба шумор меравад. Дар ҳуқуқи англисӣ ҷудо намудани ҳуқуқ ба хусусӣ ва оммавӣ ҷой надорад, зеро ҳуқуқи англисӣ бо пайдоиши худ ҳамчун ҳуқуқи оммавӣ аст. Одати нишондодашударо ҳуқуқи ИМА ҳам қабул намуд. Масъалаи таносуби ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ на танҳо масъалаи умуминазариявӣ мебошад. Он хислати прагматикӣ дорад, чунки аз қарори он ҳуқуқи давлат ба мудохила дар ҳуқуқи хусусӣ, дар соҳаи иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва ғайра вобаста аст. Ҳуқуқи оммавӣ дар мамлакатҳои Аврупои континенталӣ одатан чунин соҳаҳоро фаро мегирад, ба монанди ҳуқуқи давлатӣ (конститутсионӣ), маъмурӣ, молиявӣ ва ҷиноятӣ. Асоси ҳуқуқи хусусиро ҳуқуқи граждани ташкил мекунад. Дар баъзе малакатҳо фаъолияти хоҷагӣ, ки ба сифати касб ба мақсади гирифтани фоида ба амал барварда мешавад, бо меъёрҳои ҳуқуқи савдо ба танзим даровар-да мешавад. Дар натиҷаи шӯришҳои буржуазӣ сохти ҷамъияти феодалӣ ва як қатор институтҳои ҳуқуқии он, ки дар роҳи инкишофи қувваи истеҳсолӣ ва соҳибкорӣ буданд, шикаст хурданд.

Дар авали асрҳои XVIII дар Франсия корҳои бузурги кодификатсионӣ дар соҳаи ҳуқуқи граждани ва савдо гузаронда шуд. Дар соли 1804 Кодекси граждани қабул шуд, соли 1807 бошад Кодекси савдо қабул шуд, яъне ҷудокунии ҳуқуқи хусусӣ ба

ҳуқуқи граждани ва савдо гузаронда шуд. Ҳуқуқи савдо дар шароити давлати феодалӣ ба вуҷуд омад, ки ба табақавӣ шудани ҷамъият, мураккабшавӣ ва инкишофёбии савдо, фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Шароити хубтар барои таҳаввулоти ҳуқуқи савдо дар асри миёна дар Италия, ки маркази савдои баҳримиёназаминӣ ба шумор мерафт, ба вуҷуд омадааст. Табақаи тоҷирон дар фаъолияти касбии худ, ки аввал дар дохили корпоратсияҳои тоҷирӣ ва баъдтар дар фазои шаҳрҳо бо одат ҳукмфармоӣ мекард. Ҳамин тавр оҳиста-оҳиста ҳуқуқи мумилоти савдо, ки аввал нисбати шахсони мартабаи тоҷир дошта паҳн мегашт ва ҳуқуқи тоҷирон номида мешуд. Меъёрҳои дар муомилоти савдо коркардшуда аз насл ба насл, аз падар ба писар, ба ҳайси одати гузаштагон, дар аввал дар доираи маҳдуди корпоратсияи тоҷирон, баъдтар бошад, бо таъсис додани одати ҳатмӣ барои ҳама тоҷирони шаҳр, чун одати шаҳри мазкур татбиқ шуд. Дар баробари хислати табақавии ҷамъияти феодалӣ, пайдоиши меъёрҳои махсус ба фаъолияти махсуси тоҷирон, яъне таъсиси истеҳсолот, савдо мусоидат намуд. Меъёрҳои ҳуқуқи граждани, ки аз иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ амалӣ намудани расмиётҳои мушкилро талаб мекунад, ба талаботи асосии муомилоти савдо, яъне таъсиси шароит барои зуд ва устувор ҳамлу нақл кардани арзишҳоаз як субъект ба субъекти дигар ва дар ин ҳол қайди ҷиддии ҳуқуқ ба молумулк, ҷавоб надоданд. Барои ҳуқуқи савдо инчунин присипи равиши индивидуалӣ ба баҳогузории рафтори шахси уҳдадор бе баҳисобгирии мавқеи умумиэътирофгашта, дар амалияи савдо, руҳияи вобастагии миллии ҳуқуқи граждани номувофиқ буд. Дар шаҳрҳои аввал Италия ва баъдтар дар шимоли Аврупо, одатҳои савдо ва қарорҳои судҳо оид ба масъалаҳои савдоро кӯшиш намуданд то сабт намоянд, бо пешрафти фаъолияти савдои тоҷирон ва тоҷирони баҳрӣ бошад, бо мустаҳкамкунии бозорҳо васеъшавии соҳаи амали ҳуқуқи одатӣ чи дар макон ва чи дар доираи ашхос ба амал меояд. Одати тоҷирон барои танзимнамоии на танҳо муносибатҳои байни шахсони табақаҳои тиҷоратӣ, балки шахсони дигарро, ки ба муносибати хислати савдоӣ дошта дохил мешавад татбиқ карда мешавад, яъне оҳиста-оҳиста ҳуқуқи савдогарон ба ҳуқуқи савдо мубаддал гашт. Аммо барои ба вуҷуд омадани ҳуқуқи савдо ба маънои имрӯзааш, роҳи дарози таърихӣ, ки дар он аз сабти аввалини одатҳо, қайди оддии онҳо давлатҳои алоҳидаи феодалӣ ба кодификатсиякунии одатҳои савдоӣ гузаштанд, зарур буд. Кӯшишҳои зиёдтар ба ин самт дар Франсия дар давраи Людови-

ки XIV вақте, ки дар тамоми қаламрави шоҳигарӣ ду ордонанс (қонун) коркард ва мавриди амал қарор дода шуда буд – Ордонанс оид ба савдо с.1673 ва Ордонанс оид ба шиноварӣ дар баҳр с.1681 карда шуда буд. Ин ҳуҷатҳо ба таври назаррас ба муттаҳидкунии танзими ҳуқуқии амалиётҳои савдо дар ҳудуди Франсия мусоидат намуд. Ордонансҳо асоси Кодекси савдои франсузии соли 1807, ки имрӯзҳам амал мекунад, мебошад. Инкишофи муносибатҳои савдо пас аз инқилоби буржуазӣ дар Франсия танзимнамоии ҳуқуқиро, ки ба шароити нав мувофиқ аст, талаб менамояд. Франсия аввалин мамлакате буд, ки масъалаи таъсис додани қонунгузории граждани ва савдо бомуваффақият ҳал карда шуд. Ин ҳарду санад (Кодекси граждании Франсия соли 1804 ва Кодекси савдои Франсия соли 1807) қонунҳои то имрӯз амалкунанда мебошанд. Вақте дар давлат барои танзимнамоӣ падидаи муносибатҳои якранги молумулкӣ дар соҳаи ҳуқуқи хусусӣ рост ояд, ду қонун – қонуни граждани ва савдо татбиқ карда мешавад, духелагӣ дар қонунгузорӣ, ки муносибатҳои хусусии ҳуқуқиро ба танзим медарорад, «дуализми ҳуқуқи хусусӣ» номида мешавад, мамлакатҳое, ки ба таҷрибаи Франсия рӯй оварданд, ба гурӯҳи малакатҳои низоми духелагии ҳуқуқи хусусӣ дохил мешавад. Ба ин гурӯҳ Германия, Испания, Португалия, Япония ва дигарон дохил мешавад. Асоси пайдоши дуализми ҳуқуқи хусусӣ, маҳдудияти табақавии ҷамъияти феодалӣ ва махсусияти фаъолияти касбии табақаи тоҷирон ба шумор меравад. Ҳуқуқи савдо дар Англия дигаргунтар инкишоф ёфтааст. Бе шубҳа дар Англия ҳам табақаи тоҷирон дар фаъолияти амалии худ, қоидаи рафтор, яъне одатҳои тоҷиронро истифода менамуданд. Аммо махсусияти инкишофи ҳуқуқи Англия ин хлати ҳуқуқи амсолӣ доштани он буда, дар он зоҳир мегардад, ки одати дар амалия бавуҷудомада ва аз ҷониби суд боре ба сифати меъёри ҳуқуқи одатӣ татбиқшуда, ба ҳама наслҳои оянда ҳамчун меъёри амсолӣ амал мекунад, яъне фурӯбарии одатҳо аз ҷониби амсол ба амал меояд. Дар амсоли пешбарандаи соли 1875 мафҳуми ҳуқуқи савдо оварда шудааст, ки мувофиқи он ҳуқуқи савдо ин одати тоҷирон ва савдогарон дар соҳаҳои гуногуни савдо бо қарори судҳои ҳуқуқи умумӣ тасдиқшуда мебошад. Дар рафти инкишофи таърихӣ ба ҳуқуқи савдои Англия ҳуқуқи римӣ таъсир расондааст, аммо алакай дар асри XVII ҷараёни якҷоякунии бҳуқуқи савдо бо ҳуқуқи граждании умумӣ дар асри XVIII ба анҷом расид. Дар ИМА, чун дар Англия ҳуқуқи савдо ба сифати соҳаи алоҳида ҷудо намешавад.

Аммо ИМА мамлакате мебошад, ки дар давраи пайдоиш ва инкишофи муносибатҳои капиталистӣ (сармоядорӣ) ба вуҷуд омадааст ва барои ҳамин ҳуқуқи граждании штатҳои алоҳида меъёрҳоеро дар бар мегирад, ки барои танзим намудани муносибатҳои дар фаъолияти соҳибкорӣ бавуҷудоянда таъин шудааст. Ба мақсади якҷоякунии танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар муомилоти граждани ва савдо, аз ҷониби штатҳо қонунҳои ҳамшакл оид ба масъалаҳои мушаххас коркард ва қабул шуда истодааст. Барои масъалаҳои танзимшаванда аз рӯи ҳаҷм ва аҳамиятнокӣ ҷои асосиро Кодекси ҳамшакли савдо ишғол мекунад. Коркарди кодекси савдо, падидаи дар оянда зарурӣ мебошад, он ИМА – ро барои ба малакатҳои низоми ҳуқуқи дуалистӣ шомил кардан асос намедиҳад, зеро дар ИМА истилоҳи «ҳуқуқи савдо» татбиқ мегардад, аммо ба маънои маҳдудтар дар муқоиса бо низоми ҳуқуқи давлатҳои аврупо. Ба ин нигоҳ накарда, дар ИМА ва Англия дар муассисаҳои таълимӣ фанни ҳуқуқи савдоро мехонанд, китобҳо нашр мекунанд ва ҳуқуқшиноси мутахассис оид ба муомилоти савдо тайёр мекунанд. Ҷараёнҳои таъсири дуҷонибаи ҳуқуқи граждани ва савдоро фарогиранда ба ҳам алоқаманд мебошанд. Меъёрҳои ҳуқуқи граждани ва савдо дар таносуби меъёрҳои умумӣ ва махсус ифода мегардад. Дар мамлакатҳои низомашон дуалистӣ таъсири мутақобилаи онҳо ба назар мерасад. Бисёр вақт бо таъсири амалияи тиҷоратии ҳуқуқи савдо меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқи граждани тағйир меёбад. Ин ҷараён «комертсиализатсия»-и ҳуқуқи граждани ном гирифт.

Алакай аз номи ҳуқуқи соҳибкории мамлакатҳои хориҷӣ маълум аст, ки хислати мафҳуми он бо ду аломат:хислати тиҷоратӣ (савдоӣ) доштани муносибатҳои танзимшаванда ва хусусияти миллӣ доштани танзими ин муносибатҳо ифода мегардад. Инчунин қайд намудан ҷолиб аст, ки доираи муносибатҳои бо ҳуқуқи савдо танзимшаванда, дар ҳақиқат аз замонҳоии қадим танҳо бо доираи муомилот маҳдуд карда шуда буд. Аммо, оҳиста-оҳиста бо инкишофи муносибатҳои капиталистӣ, доираи амали ҳуқуқи савдо васеъ шуд, меъёрҳои он ҳама муносибатҳое, ки иштирокчиёнашон мақсади ба даст овардани фоидаро доштанд танзим менамуд. Ҳуқуқи савдо «ҳама чиро, ки фаъолияти соҳибкорӣ номидан мумкин аст, яъне фаъолияти соҳибкорон,ки барои ба даст овардани фоида равона аст фаро мегирифтагӣ шуд. Васеъшавии муносибатҳои иқтисодӣ, ки ба зери амали ҳуқуқи савдо меафтиданд ба коммертсиализатсияи умумии ҳуқуқи граждани бурда мерасонад, оҳиста-оҳиста ҳудуди байни ҳуқуқи

савдо ва гражданӣ шартӣ ва ҳаракаткунанда мегардад, тамоюлҳои дақиқ барои ҷудокунӣ аз байн меравад». торгового права, ведет к коммерциализации гражданского права в целом, постепенно границы между торговым и гражданским правом становятся условными и подвижными, четкие критерии разграничения стираются». Авилов Г. Е. инчунин қайд мекунад, ки ҳуқуқи савдои мамлакатҳои хориҷӣ, ҳатто дар оянда аз ҳуқуқи гражданӣ ҷудо шаванда, маҳз муносибатҳои хислати хусусӣ дошторо, ки ба баробарии иштирокчиёни он на бо итоати маъмурӣ ё ҳокимиятии он асос ёфтааст, танзим мекунад. Институтҳои асосии ҳуқуқи савдои мамлакатҳои хориҷӣ институтҳои классики ҳуқуқи гражданӣ мебошад: шахс, аҳдҳо ва намояндагӣ, таъминоти уҳдадорӣ, хариду фурӯш, қарз, иҷора, намудҳои дигари шартнома ва ғайра. Таносуби ҳуқуқи тиҷоратӣ ва гражданӣ дар мамлакатҳои гуногун метавонад дорои хусусияте бошад, ки мутааллиқии мамлакатро ба ин ё он низоми ҳуқуқ пешакӣ муайян менамояд: ба низоми ҳуқуқи континенталӣ (романно-олмонӣ) ё ба низоми ҳуқуқи ҳуқуқи умумӣ (англо-америкоӣ). Ба малакатҳои низоми континенталӣ мамлакатҳои Аврупо (ба ғайр аз Британияи Кабир) дохил мешаванд, як қатор мамлакатҳои дигаре, ки ин низоми ҳуқуқро қабул намуданд, инҳо мебошанд: мамлакатҳои зиёди Америкои Лотинӣ, Япония ва Хитой. Хусусияти фарққунандаи низоми ҳуқуқи континенталӣ дар хислати сарчашмаҳои ҳуқуқи он мебошад. Дар чорчубаи низоми ҳуқуқи континенталӣ низоми пандектӣ ва институтии ҷойгиркунии институтҳои ҳуқуқи хусусӣ фарқ карда мешавад. Низоми пандектии ҷойгиркунии институтҳои ҳуқуқи хусусӣ аз ҷониби ҳуқуқдонҳои олмонӣ коркард карда шуда дар ДДО соли 1896 асос гузошта шуд. Баъдтар он аз ҷониби як қатор мамлакатҳо қабул шуд, алалхусус Россия. Моҳияти низоми пандектӣ дар ҷойгиршавии махсуси маводҳои ҳуқуқӣ бо роҳи ҷудо намудани кодекс ба қисми умумӣ ва махсус, ҷамъкунии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар зерсоҳаҳо (ҳуқуқи амволӣ, ҳуқуқи уҳдадорӣ, ҳуқуқи мерос ва ғ.), муқаррар намудани иерархияи расмии меъёрҳои ҳуқуқ зоҳир мегардад. Дар ингуна низоми ҳуқуқ ҳуқуқи тиҷоратӣ (Handelsrecht) бо ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун хусусӣ ва оммавӣ муносибат мекунад. Асоси ҷудокунии фаъолияти соҳибкорӣ аз фаъолияти оддии иқтисодӣ ва он муносибатҳое, ки аз он вобаста аст тамоюлҳои субъективии он мебошад. Тамоюлҳои субъективии он инҳо мебошанд: фаъолият аз ҷониби соҳибкор баамал бароварда мешавад, ки бо роҳи бақайдгирӣ вазъи махсус мегирад.

Низоми институтсионалӣ дар ҷойгиркунии маводҳои моддӣ бо институтҳо бе ҷудо намудани қисми умумӣ зоҳир мегардад.Баъзан дар асосҳои КГО низоми институтсионалӣ муқаррар шудааст, институтҳои алоҳида ҷудо карда мешавад:шахс, ашёҳо, даъво ва ғ. Дар чунин низоми ҳуқуқ дар ҳолати дар баробари кодекси гражданӣ ҷудо намудани кодекси савдо ҳуқуқи тиҷоратӣ (Droit commercial) ҳамчун соҳаи мустақил дида мешавад, ки таъсири мутақобилаи меъёрҳои ҳуқуқи гражданиро истисно намекунад. Асоси ҷудокунии фаъолияти тиҷоратӣ ва муносибатҳое, ки аз он вобаста аст тамоюлҳои объективии он мебошад. Тамоюлҳои объективии он инҳо мебошанд: фаъолият новобаста аз он, ки онро кӣ ба амал мебарорад – коммерсант ва ё шахси дигар, тиҷоратӣ мебошад. Комерсант шахсе мебошад, ки аҳдҳои тиҷоратиро ба амал мебарорад. Аҳдҳои тиҷоратӣ аз шумораи гражданӣ бо номгӯяшон ва бо нишон додани тамоюли ҷудокунии онҳо ҷудо карда шудаанд : «ба даст овардани мол ба мақсади дар оянда бо ҳамон шакл ва ё бо коркарди он ба каси дигар додан» (м. 632, 633 КСФ с.1807). Низоми ҳуқуқи умумӣ (common law) дар Англия дар натиҷаи фаъолияти судҳо пайдо шуд ва баъдан аз ҷониби мамлакатҳое, ки дар зери ҳокимияти онҳо қарор доштанд ё аъзои Ҳамкории Британиёгии миллӣ мебошанд, қабул карда шуд. Ҳуқуқи англисӣ инчунин асоси ҳуқуқи ИМА-ро ташкил медод. Хусусияти низоми ҳуқуқи умумӣ ин доираи сарчашмаҳое, мебошанд, ки асосиашонро на санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ балки амсоли судӣ (амалияи судӣ) ташкил медиҳад. Суд дар доираи амсоли судӣ ҳуқуқ дорад меъёрҳои ҳуқуқро эҷод намуда, онро барои ҳалли масъалае, ки баррасӣ карда мешавад, татбиқ намояд. Ҳуқуқи гражданӣ ва савдои Британияи Кабир ва ИМА (ба истиснои штатҳои алоҳида) ба таври кодификатсияи аврупоӣ кодификатсия карда нашудааст. Дар мамлакатҳои низоми ҳуқуқи умумӣ сохтори ҳуқуқи хусусӣ аз ҳуқуқи хусусии дар низоми ҳуқуқи романно-олмонӣ қабулшуда фарқ мекунад. Инҷо ҷудокунии принсипии ҳуқуқ ба ҳуқуқи гражданӣ ва савдо вуҷуд надорад. Ба мафҳуми ҳуқуқи тиҷоратӣ бисёртар мафҳуми «Business Law» мувофиқ меояд. Муносибатҳое, ки дар низоми ҳуқуқи континенталӣ мавзӯи ҳуқуқи тиҷоратӣ мебошад, дар низоми ҳуқуқи умумӣ бо меъёрҳои чунин фаслҳои ҳуқуқи хусусӣ, ба монанди ҳуқуқи корпоративӣ, ҳуқуқи шартномавӣ, ҳуқуқи моликият ба танзим дароварда мешавад. Ҳамин тавр, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати мамлакатҳои хориҷӣ, ба баъзе хусусиятҳои миллӣ нигоҳ накарда, ҳамчун соҳаи мустақил, маҷмӯи меъёрҳои умумӣ

ва махсуси ҳуқуқ, ки муносибатҳои соҳибкорӣ ва тиҷоратиро ба танзим медарорад, дида мешавад.

4.2. Сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати мамлакатҳои хориҷӣ

Сарчашмаи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати мамлакатҳои хориҷӣ чунин шакли зоҳирии ифодаёбии ҳуқуқро мемонанд, ки барои ба танзим даровардани фаъолияти соҳибкории мамлакати мазкур бо дар назардошти хусусиятҳои таърихӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии он таъин шудааст. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ бо санадҳои қонунгузории миллӣ (қонунҳо,санадҳои маъмурии меъёрӣ), бо шартномаҳои байналмиллалии мамлакати мазкур, бо одатҳои муомилоти корӣ (одатҳои савдо), бо амалияи судӣ, баъзан бо доктринаи ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад[1].

Дар баъзе мамлакатҳо, масалан Германия, Франсия, Чехия, Япония низоми дуалистии ҳуқуқи хусусӣ қабул карда шудааст: дар он ҳам кодекси граждани ва ҳам кодекси савдо амал мекунад, дар дигар мамлакатҳо низоми монистӣ қабул шудааст: танҳо кодекси ягонаи граждани амал мекунад, масалан дар Италия, Швейтсария, Нидерландия. Новобаста аз он, ки кадом низоми ҳуқуқи хусусӣ дар ин ё он мамлакат қабул шудааст,баъзе фаслҳои муҳими ҳуқуқи тиҷоратӣ метавонад дар қонунҳои махсус ифода ёбад, яъне дар чорчӯбаи кодексҳо (масалан, дар қонун дар бораиташкилотҳои тиҷоратӣ, зиддиинҳисорӣ, бонкӣ, суғуртавӣ, сохтмонӣ, сармоягузорӣ ва ғ.). Дар Франсия сарчашмаи асосии ҳуқуқи тиҷоратӣ Кодекси тиҷоратии Франсия (КТФ) (Code commercial), мебошад, ки с.1999 қабул шудааст. КТФ инкорпоратсияи қонунгузории савдои пештараи Франсияро ифода мекунад ва аз нӯҳ китоб иборат аст: 1. Муқаррароти умумӣ оид ба савдо; 2. Дар бораи ширкатҳо ва гурӯҳҳои савдоӣ, бо мутаҳид намудани манфиати иқтисодӣ; 3. Дар бораи баъзе шаклҳои фурӯш бо шартҳои истисноӣ; 4. Дар бораи озодии нарх ва рақобат; 5. Дар бораи ҳуҷҷатҳо ва кафолатҳои муомилотӣ; 6. Дар бораи вазъияти мушкили корхона; 7. Дар бораи ташкили савдо; 8. Дар бораи баъзе ихтисосҳое, ки ба тартиб даровардан лозим аст; 9. Муқаррароте, ки ба минтақаҳои наздибаҳрӣ тааллуқ доранд. Дар баробари КСФ қонунгузории савдои Франсия дигар қонунҳоро пешниҳод мекунад: Дар бораи суғурта с.1967; Дар бо-

[1]Ниг.: Основные источники предпринимательского права развитых стран с рыночной экономикой// http://oprave.ru/?p=23319.

раи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон с. 1993; Дар бораи моликияти зеҳнӣ с.1992. ва дигарон.

Сарчашмаи махсуси ҳуқуқи тиҷоратии Олмон Уложенияи савдои Олмон (УСО) (Handelsgesetzbuch) , ки соли 1897 қабул шудааст. Меъёрҳои он махсус буда дар назди меъёрҳои УСО бартарӣ дорад, меъёрҳое, ки якҷоя бо муносибатҳои танзим нанамудаи УСО татбиқ мешавад. УСО аз панҷ китоб иборат аст: 1. Табақаи савдоӣ; 2.Ширкати савдоӣ ва ширкати пинҳонӣ; 3. Китобҳои савдоӣ; 4. Аҳдҳои савдоӣ; 5. Савдои наздибаҳрӣ. Дар баробари УСО қонунгузории савдои Олмон як қатор қонунҳоро пешниҳод мекунад: Қонуни саҳҳомӣ с.1965; Қонун дар бораи ҷаъияти дорои масъулияташ маҳдуд с.1892; Қонун дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ ва матлубот с.1889 ва ғ.

Хусусияти қонунгузори Швейтсария дар он зоҳиор мегардад, ки кодекси савдо вуҷуд надорад. Муносибатҳои савдоӣ бо Кодекси граждании Швейтсария с.1907, Қоунуни Швейтсарии уҳдадорӣ с.1911, инчунин бо як қатор қонунҳои дигар: Қонун дар бораи рӯёндани қарзҳо ва муфлисшавӣ с.1889; Қонун дар бораи картелҳо ва дигар маҳдудиятҳои рақобат с.1995; Қонун дар бораи шартномаи суғурта с.1908 ва ғайра ба танзим дароварда мешавад. Кодекси граждании Швейтсария аз чор китоб иборат мебошад:

Субъекти ҳуқуқ - шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ; 2.Ҳуқуқи оилавӣ; 3. Ҳуқуқи мерос; 4. Ҳуқуқи моликият;. Қоунуни Швейтсарии уҳдадорӣ Кодекси граждании Швейтсарияро пурра мекунал ва аз панҷ қисм иборат мебошад: 1. Муқаррароти умумӣ; 2. Намудҳои алоҳидаи уҳдадорӣ; 3. Ширкатҳои савдо; 4.Бақайдгирии савдоӣ, номи фирмавӣ ва пешбурди баҳисобгирии савдо; 5. Қоғазҳои қимматнок.

УСО ба қонунгузории Япония, Туркия ва як қатор мамлакатҳои дигар таъсир расондааст. Яке аз кодификатсияҳои нави ҳуқуқи граждани ва савдои Нидерландҳо мебошад.Дар инҷо ба ҷои Кодекси граждани ва Кодекси савдо с.1838 Коекси ягонаи граждани қабул гардид, ки аз нӯҳ китоб иборат аст: 1. Дар бораи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқи оилавӣ; 2. Дар бораи шахсони ҳуқуқӣ; 3. Муқаррароти умумӣ, ки ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои молумулкӣ тааллуқ дорад; 4. Дар бораи ҳуқуқи мерос; 5. Дар бораи ҳуқуқи амвол; 6. Қисми умумии ҳуқуқи уҳдадорӣ; 7. Дар бораи намудҳои алоҳидаи шартнома; 8. Дар бораи ҳуқуқи нақлиёт; 9. Дар бораи моликияти зеҳнӣ. Ба сарчашмаи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ инчунин одатҳои савдо дохил мешавад. Масалан,

дар Франсия мувофиқи муқаррароти Қонун дар бораи одатҳои савдо с.1866 гӯшае ҷойгир аст, ки номгӯи қоидаҳои ба сифати одат дар рафти амалинамоии аҳдҳои фурӯши мол ба вуҷуд омадааст (вазни муайяни мол, тартиби борпечкунӣ ва ғ.) дар бар мегирад. Қонун татбиқи чунин қоидаҳоро ба ҳама аҳдҳои савдои фурӯш, ба истиснои муқаррароти шартнома, муқаррар мекунад. Дар Олмон одат, одатҳои савдоба қонун баробар карда мешавад, зеро мувофиқи УГО қонун гуфта ҳама меъёрро, ки дар ҷараёни савдо ба вуҷуд омадааст эътироф карда мешавад (м.2 Қонуни муқаддимавӣ ба УГО).

Дар мамлакатҳои низоми ҳуқуқи континенталӣ амсоли судӣ дар муқоиса бо мамлакатҳои низоми ҳуқуқи умумӣ нақши наонқадар муҳимро мебозад ва ба сифати сарчашмаи танзимнамоии ҳуқуқ баромад намекунад. Амсоли судӣ дар ин ҷо дар танзимнамоии муносибатҳои тиҷоратӣ бо роҳи фаҳмондадиҳии меъёри қонунгузорӣ аз ҷониби суд ва пур намудани нуқсонҳои қонун нақши муҳим дорад. Дар робита бо ин қайд намудан мумкин аст, ки тамоюли наздикшавии низомҳои ҳуқуқи континенталӣ ва ҳуқуқи умумӣ мавҷуд аст: дар мамлакатшои Аврупои континенталӣ, алалхусус Россия, аҳамияти асосиро амалияи судӣ мегирад. Болоравии амалияи судӣ дар мамлакатҳои низоми ҳуқуқи континенталӣ дар ивазшавии босуръати шароитҳои иқтисодӣ, вақте барои танзимнамоӣ «дар муқоиса бо қонун олоти дақиқтар лозим аст, ки ҷунбишҳои камтарини вазъи низоми хоҷагии бозорро пайдо намуда, зуд бартараф намояд», фаҳмонда мешавад. Дар низоми ҳуқуқи умумӣ сарчашмаи муҳимтарини ҳуқуқ амсоли судӣ мебошад (case law). Аммо дар соҳаи танзимнамоии ҳуқуқии фаъолияти тиҷоратӣ, инчунин ҷои асосиро санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ мегирад(statute law). Дар малакатҳои низоми ҳуқуқи умумӣ тамоюли болоравии нақши қонун ба чашм мерасад. Кодификатсияи меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ дар ин ҷо, чун дар мамлакатҳои континенталӣ наонқадар амалӣ карда мешавад. Қарибки ҳама институтҳои ҳуқуқи савдои Британияи Кабир дар қонунгузорӣ дарҷ гардиданд ва дар назди ҳуқуқи амсолӣ бартарият дорад. Қонунҳо дар бораи фурӯши мол, дар бораивомбаргҳо, дар бораи моликият, дар бораи ширкатҳо, дар бораи назорати асъор, дар бораи савдои адолатнок, дар бораи ғайри қобили пардохт ва дигарон амал мекунад. Дар таъсисёбии қонунгузории Британияи Кабир дохилшавии он ба «Бозори умумӣ» с.1973 ба таври назаррас мусоидат кардааст. Баъдтар (пас аз соли 1992) ин гузарондани мувофиққунии қонунгузории Бри-

танияи Кабирро ба қонунгузории ИА. Дар ИМА асоси қонунгузории савдоро РРЯС(Рақами рамзии ягонаи савдо) (Uniform Commercial Code) ташкил медиҳад, ки соли 1962 расман интишор шуда, соли 1968 ба ҳама штатҳои ИМА ба ғайр аз яктои он қабул карда шуд. РРЯС ИМА аз 11 фасл иборат мебошад, ки муносибатҳои фурӯши мол, иҷора, депозит ва ҳисоббаробаркунии бонкӣ, ҳуҷҷатҳои муомилотӣ ва молтақсимкунанда, ҳуҷҷатҳои инвеститсионӣ таъмини аҳдҳо ва дигарҳоро танзим мекунад. Баъзе соҳаҳои муомилоти савдо дар ИМА бо қонунҳои алоҳида ба танзим дароварда мешавад: Қонун дар бораи тарифҳо с. 1930; Қонун дар бораи савдо с. 1974, Қонун дар бораи муфлисшавӣ с.1978 ва ғ. Дар сатҳи штатҳо инчунин қонунҳое амал мекунанд, ки муомилоти савдоро ба танзим медароранд. Дар малакатҳои низоми ҳуқуқи умумӣ амалияи судӣ (амсоли судӣ) яке аз сарчашмаҳои асосии ҳуқуқ мебошад. Дар зери мафҳуми амалияи судӣ дар ин ҷо нуқтаи назари дар қарор дарҷгаштаи судяҳо фаҳмида мешавад, ки дар оянда барои ҳалли масъалаҳои шабеҳ аз ҷониби судҳо, аҳамияти муҳим дорад. Ингуна сарчашмаи ҳуқуқро амсол меноманд. Мувофиқи доктринаи «stare decisis» суд ҳуқуқ дорад дар чорчӯбаи амалияи судӣ меъёрҳои ҳуқуқиро таъси диҳад, ки барои ҳалли масъалаи баррасишаванда т атбиқ карда мешавад. Дар Британияи Кабир амсоли суди хислати иерархӣ дорад, ки сатҳи судҳои аъсисдодаи ин амсолро муайян мекунад: Палатаи лордҳо (суди зинаи олӣ), Суди апелятсионӣ, Суди баланд. Қарори судҳои графигарӣ, ки зинаи аввали судӣ мебошад, амсоли судиро таъсис намедиҳад. Маълумот дар бораи амсолҳои судӣ дар маҷмӯи қарорҳои судӣ нигоҳ дошта мешавад. Дар ИМА дар натиҷаи қабул намудани ҳуқуқи англисӣ ҳуқуқи амсолии худро таъсис дод. Нақши муҳимро дар танзимнамоии муносибатҳои тиҷоратӣ дар мамлакатҳои низоми ҳуқуқи умумӣ одати муомилоти корӣ, ё одати савдо мебозад. Дар Британияи Кабир одати савдо ҳамчун қоидаи рафтор маънидод карда мешавад, ҳамон қадар дар соҳаи муайяни муомилоти савдо маълум аст, ки онро як қисми шартномаи басташуда хондан зарур аст, агар инро тарафҳо бевосита ва ё бо шакли дигар истисно накарда бошанд. Дар ИМА аҳамияти асосиро анъанаҳои савдо ва тартиботи муқарраршуда соҳиб аст. РРЯС ИМА анъанаи савдоро ҳамчун муносибатҳои таҷрибаи корие муайян мекунад, ки риояи он дар ин ё он ҷой, касб ё соҳаи фаъолият ҳамон қадар доимӣ аст, ки интизории чунин риоякориро, ин чунин дар алоқамандӣ бо ягон аҳди мушаххас рӯйпӯш мекунад (м. 1 - 205) .

Тартиботи муқарраршуда рафтори якхелаи тарафҳоро дар аҳдҳои пешомадаи байни онҳо меноманд, бо воситаи он мақсадҳои онҳо дар аҳдҳои мушаххас маълум карда мешавад. Тамоюли наздикшавии низомҳои ҳуқуқӣ дар Аврупо, зарурати алоқаманди инкишофи муомилоти савдо ба таъсисёбии ҳуқуқи савдои аврупоӣ, ки сарчашмаи он соишномаи байналмиллалӣ, қонунгузории ИА, амалияи судӣ, одатҳои савдо мебошанд, оварда расонд. Асоси ИА созишнома оид ба таъсис додани Ҷомеаи иқтисодии Аврупо, ки номи Шартномаи римиро гирифт, мебошад. Дар шартнома таъсиси бозори умумии мамлакатҳои иштирокчиён пешбинӣ шуда буд. Васеъшавии ҳайъати иштирокчиёни ҶИА ва ҷуқуршавии ҷараёнҳои якҷоякунӣ дар Аврупо ба бастани Шартномаи Маастрихтӣ оид ба таъсиси Иттиҳоди Аврупо дар с.1992 оварда расонд. Мувофиқи шартнома мақомоти олии ИА Парламенти Аврупо, Шӯрои Иттиҳоди Аврупо, Коммисия ва Суд мебошад. Мувофиқи созишномаи мазкур мақомотҳои ИА метавонанд санадҳои меъёрӣ, ки аҳамияти ҳуқуқиашон якхела намебошад. Якум, ин санадҳои ҳуқуқӣ дар қаламрави мамлакатҳои аъзои ИА барои татбиқ ҳатмӣ мебошад. Ба онҳо регламент, (regulations), директивҳо (directives) ва қарор (decisions) дохил мешавад.. Регламентҳо санади дар қаламрави ҳама давлатҳои аъзои ИА амали бевоситадошта мебошад, ки ба ҳамаи ин давлатҳо ҳатмӣ мебошад. Мисоли чунин санад Регламенти ИА № 1346 аз 29 маи с.2000 мебошад, кимуносибатҳои муфлисшавии трансҳудудиро ба танзим медарорад. Директивҳо низ ҳатмӣ мебошанд, аммо онҳо танҳо мақсадро, ки бояд давлатҳои аъзои ИА дар ҷараёни муносибатҳои мазкур ба он расанд муайян менамояд, масалан Директиви ИА 85/374 «Оид ба наздиккунии қонунгузорӣ ва санадҳои зерқонунии мамлакатҳои аъзо оид ба ҷавобгарӣ барои маҳсулоти бесифат». Қарор хислати суроғавӣ дорад ва барои давлатҳои аъзои ИА, ки ба онҳо равона аст ҳатмӣ мебошад. Дуюм, ин тавсияҳо (recommendations) ва хулосаҳо (opinions), ки ҳатмӣ намебошад, аммо мувофиқи амалияи Суди Аврупо чунин тавсияҳо тавсия карда мешавад, ки агар онҳо меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи ҳатмиро пурра созанд ба инобат гиранд. Ҳуқуқи савдои ИА-ро тавсиф намуда, дар бораи кори бо коркарди Кодекси граждании Арупо алоқамандр ҳарф назадан номумкин аст. Фарқият дар анъанаҳои миллии танзими ҳуқуқии як қатор институтҳои ҳуқуқи граждани (алалхусус ҳуқуқи оилавӣ ва мерос) чунон бузург аст, ки ҳарф танҳо танҳо дар бораи кодификатсияи ҳуқуқи муомилоти савдо меравад, ки дар болои он кор

рафта истодааст. Баъзан ақидаи коркарди лоиҳаи Кодекси якхелаи савдои Аврупо ҷой дорад, аммо амалинамоии он ба коркарди Принсипҳои ҳуқуқи шартномавии аврупоӣ, кибо табиати худ одатҳои савдо мебошад, оварда расонд.

4.3. Мақсад,вазифа ва шаклҳои асосии танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ

Ҷамъияти имрӯза хислати ҳолати гузариши иқтисодиро дорад, ки ҳангоми омӯзиш таносуби давлат, ҳуқуқ ва иқтисодро ба назар нагирифта намешавад. Аммо дар ҳама ҳолат гап дар бораи иқтисодиёти навъи бозоргонӣ, дар бораи бозор меравад. Зарурати объективии танзимнамоии муносибатҳои бозоргонӣ ба маҳдудияти имкониятҳои иқтисоди бозоргонӣ дар истеҳсолоти мол, ки ангезаи асосии бедоркунандаи фаъолияти давлат дар соҳаи иқтисодиёт мебошад асос меёбад. Ба молҳои ҷамъиятӣ одатан низоми миллии маориф, тандурустӣ, мудофиаи давлат, низоми ҳифзи муҳити зист, таъсис ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷамъият ва иқтисодиёт дохил мешавад. Бо ёрии давлат азнавтақсимкунии неъматҳои моддӣ ба амал бароварда мешавад, муҳити рақобатнок дар иқтисодиёт таъсис дода мешавад, бозор бо маълумоти зарурӣ таъмин карда мешавад, оқибатҳои нохуши фаъолияти соҳибкорони алоҳида, ки меъёрҳои муқаррарнамудаи баамал баровардани фаъолияти соҳибкориро вайрон мекунад кам карда мешавад. Қайд намудан лозим аст, ки на танҳо таъсири давлат ба иқтисодиёт,балки таъсири иқтисодиёт ба давлат , ки аз таҳлилҳои сиёсӣ мисли ҳисобот аён аст. Бӯҳрони «душанбеи сиёҳ» , дефолтҳо ба таёйирёбии ҳукумат, кормандони давлатӣ, дигаргунӣ дар сохтори ташкилотии мақомотҳои идоракунии давлат оварда мерасонад. Танзимнамоии иқтисодиёт дақиқан дар асоси сиёсати иқтисодии давлатӣ ба амал бароварда мешавад. Якхела шуморидани мафҳумҳои «танзими давлатии иқтисодиёт» ва «сиёсати иқтисодии давлат» нодуруст аст. Сиёсати иқтисодии давлат самтҳои асосии фаъолияти давлат дар соҳаи иқтисодиёт мебошад, танзими давлатии иқтисодиёт бошад, ин фаъолияти давлат дар симои мақомотҳои он, ки ба амалисозии сиёсати иқтисодии давлат бо истифодаи воситаҳо, шакл ва усулҳои махсус равона аст. Мавҷуд набудани сиёсати иқтисодии давлати дақиқ ташкил шуда, ба таври дахлдор тартиб дода шуда ва пешгӯянда-ин камбудии асосӣ, ки ба танзими самараноки давлатии бозор монеа мешавад ба шумор меравад.

Ба принсипҳои соҳавии асосии ҳуқуқи соҳибкории мамлакатҳои хориҷӣ инҳо дохил мешаванд:

1) принсипи озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти манънакардаи қонун;

2) принсипи минтақаи ягонаи иқтисодӣ;

3) принсипи асъори ягона дар ҳудуди мамлакат;

4) принсипи эътироф ва ҳифз намудани ҳама шакли моликият;

5) принсипи дахлнопазирии моликияти хусусӣ;

6) принсипи интиқоли озоди мол,кор, хизмат ва воситаҳои молиявӣ;

7) принсипи дастгирии рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ;

8) принсипи тартиби ягонаи андозбандӣ;

9) принсипи ҷуброни зараре, ки бо амал ва қарори мақомоти ҳокимият расонда шудааст;

10) принсипи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ;

Ин принсипҳо бо принсипҳои ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон монанд аст. Дар мамлакатҳои хориҷӣ шаклҳои гуногуни танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуд аст. Масалан, қонунгузорӣ,шартномавӣ,корпоративӣ[1].

[1] Ниг.: Принципы предпринимательского права// http://coolreferat.com/Принципы_предпринима-тельского_ права.

БОБИ V. СУБЪЕКТОНИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ

5.1. Мафҳум ва намудҳои субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат
5.2. Таъсиси ташкилотҳои тиҷоратӣ
5.3. Бақайдгирӣ ва иҷозатномадиҳии фаъолияти соҳибкорӣ
5.4. Қобилияти ҳуқуқдории субъектони фаъолияти соҳибкорӣ
5.5. Соҳибкории инфиродӣ
5.6. Ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ
5.7. Вазъи ҳуқуқии соҳибкорони хориҷӣ дар ҶТ

5.1. Мафҳум ва намудҳои субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

Субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ - шахсе, к ибо доштани аломатҳои ба он хос метавонад иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ бошад.

Аломатҳои субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ инҳо мебошанд:

а) қонунигардонӣ ба таври муқаррарнамудаи қонун; Соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилот ба сифати субъектони хоҷагидор бо ёрии бақайдгирии давлатӣ қонуни гардонда мешаванд;

б) мавҷудияти ваколати хоҷагидорӣ, яъне маҷмӯи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои хоҷагӣ, ки ба субъекти хоҷагидор мувофиқи қонун, ҳуҷҷатҳои таъсис, дар ҳолатҳои алоҳида дар асоси иҷозатнома ҷудо карда шудааст. Ваколати умумӣ, маҳдуд, махсус ва истисноиро ҷудо мекунанд. Ваколати умумӣ ба субъектон имконият медиҳад, ки ҳуқуқ дошта бошанд ва уҳдадориро иҷро намоянд,ки барои ба амал баровардани тамоми намуди фаъолияти соҳибкории манънакардаи қонун зарур аст. Ваколати умумиро ташкилоти тиҷоратӣ, ба истиснои корхонаи воҳиди давлатӣ ва дигар намудҳои ташкилоти муқаррар намудаи қонун доро мебошанд. Ваколати маҳдудро субъекте доро мебошад, ки ваколати худро дар ҳуҷҷатҳои таъсис бо дарҷ намудани мақсади фаъолияти худ дар ҳуққати таъсис, мустақилона маҳдуд намудааст. Аҳдҳои амалинамудаи ташкилот, ки ба мақсади фаъолият, ки дар ҳуҷҷати таъсис маҳдуд карда шудааст, мухолифат мекунад, дар ҳолати пешбинӣ намудаи қонун мумкин аст аз ҷониби суд беэътибор дониста шавад. Ваколати махсусро қонун ба субъекте медиҳад, ки бевосита дар қонун гуфта шудааст, ки онҳо бояд мақсади фаъолияташонро дар ҳуҷҷати таъсис нишон диҳанд. Онҳо метавонанд ба ҳамон фаъолият, ки дар оиннома дарҷ гардидааст ҳуқуқ ва уҳдадории мувофиқ дошта бошанд. Ба субъект ваколатҳои махсус корхонаи воҳиди давлатӣ ва ташкилотҳои

ғайритиҷоратӣ дохил мешаванд. Ваколати истисноиро субъекте доро мебошад, ки барои худ чунин фаъолиятеро интихоб намудааст, ки дар баробари он ба амал баровардани фаъолияти соҳибкории дигар (ширкати суғуртавӣ, ташкилотҳои қарзӣ, ташкилотҳои аудиторӣ ва ғ.) бо қонун манъ карда шудааст. Аҳдҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои ваколати махсус ва истисноӣ дошта, бо вайронкунии мавзӯ ва мақсади фаъолияти онҳо ба амал бароварда мешавад, беэътибор дониста мешавад;

в) мавҷудияти молумулки мустақил ҳамчун асос барои баамал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ. Шаклҳои ҳуқуқии чунин мустақилиҳо ҳуқуқи моликият, пешбурди хоҷагӣ, идораи оперативӣ шуда метавонад. Молумулки мустақил дар тавозун аз ҷониби субъектон ба назар гирифта мешавад ва асоси ҷавобгарии мустақили молумулкӣ шуда метавонад;

г) ҷавобгарии мустақили молумулкӣ маънои онро дорад, ки субъекти хоҷагидор худ дар назди шарикон ва давлат бо молумулки худ ҷавоб медиҳад. Мувофиқи қоидаи умумӣ муассисс (иштирокчии) шахси ҳуқуқӣ ё молики молумулки он аз рӯи уҳдадориҳои шахси ҳуқуқи масъулият надорад, шахси ҳуқуқӣ бошад аз рӯи уҳдадориҳои молик ва ё иштирокчӣ масъулият надорад. Истисно аз ин қоида мумкин аст дар оиннома ва қонун пешбинӣ гардад. Масалан аз рӯи уҳдадориҳои ширкати хоҷагидорӣ шарикони комил масъулияти муштарак доранд.

Намудҳои субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои давлатӣ; соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқӣ.

5.2. Таъсиси ташкилотҳои тиҷоратӣ

Мақсади таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ ин бо роҳи ба истеъмолкунанда ба даст овардани фоида барои ҳамаи ташкилот мебошад. ТТ метавонад аз ҷониби шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ таъсис дода шавад, шакли ТТ аз сатҳи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамаи ташкилот ва ҳам аъзоёни он шахсан, инчунин аз шумораи иштирокчиён-муассисон вобаста аст. Тартиби таъсиси ТТ аз шакли ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки ташкилот доро мебошад, фарқ мекунад. Аммо бисёр давраҳои он якхела аст. Барои таъсис қарор оид ба таъсиси ТТ ё протоколи маҷлиси муассисон зарур аст, агар онҳо 2 ва ё зиёдтар бошанд Оинномаи ташкилот, ки ҳуҷҷати асосӣ буда вазъияти ташкилотро муаррифӣ мекунад: ном, суроға, шумораи муассисон, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, тартиби қабул намудани қарор ва шартҳои аз ҳайъати он баромадан талаб карда мешавад. Барои ҳар як шакли ташкилот ариза барои бақайдгирӣ,

пардохти боҷи давлатӣ вуҷуд дорад. ТТ бо таъсис додани шахси ҳуқуқӣ чунин шаклҳоро мегирад: Ширкати хоҷагӣ (ширкати ба бовари асосёфта, ширкати комил); Ҷамъият (ҶДММ, ҶДМИ, ҶС); Кооперативҳои истеҳсолӣ; Корхонаҳои давлатӣ. Интихоби шакли ташкилот аз фаъолияти ояндаи ташкилот ва шумораи муассисон вобаста аст. Муассис метавонад як шахс (шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ) ва ё якчанд шахс бошад.

Таҳлили санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда аз он шаҳодат медиҳад, ки қонунгузорӣ мафҳуми «таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ»-ро пешбинӣ накардааст. Бар замми ин бенуқсонии бақайдгирии ҳуқуқии ҷараёни таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ бисёртар аз фаҳмиши дурусти моҳияти падидаи муҳокимашаванда, мафҳум ва хусусияти он вобаста аст. Ба фикри Ершова И.В. «дар зери мафҳуми таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ амалӣ намудани амалҳои аҳамияти ҳуккуқӣ дошта ва қабул намудани санади дахлдор, ки барои ба шахс додани вазъи ҳуқуқии субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ равона аст, фаҳмида мешавад»[1]. Ба ақидаи Борисова С.В., «ҷараёни таъсиси субъекти фаъолияти соҳибкорӣ, ин аз ҷониби соҳибкори оянда баамал баровардани ҳуқуқҳои конститутсионии худ, як қатор амалҳои ҳуқуқии аҳамиятнок, ки хислати канвойи ягонаи ташкилӣ дорад ва мувофиқи қоидаи муқаррарнамудаи қонуни амалкунанда ба амал бароварда мешавад, мебошад. Он вазифаи механизми ҳуқуқии «интиқол» -и шаҳрвандонро ба иштирокчии муносибатҳои соҳибкорӣ, ки ба худ чунин унсурҳоро дарҷ мекунад, иҷро мекунад: ҳуқуқи субъекти ташкилотҳои соҳибкорӣ будан, вазъи ҳуқуқии онҳо, воситаҳои қонунигардонии давлатӣ ва ғ.[2]. Ба ақидаи Горлова В.А., «таъсиси шахси ҳуқуқӣ – ин маҷмӯи амалҳои ҳуқуқии аҳамиятноки ба ҳам алоқаманд ва аз ҷониби муассисон баамал бароранда, ки дар қонун ва шартномаи таъсис дарҷ гардидааст, ба шумор меравад»[3]. Як қатор таҳлилҳо таъсиси шахси ҳуқуқиро ба воситаи зинаҳои таъсиси он муайян мекунад[4]. Аломатҳои таъсиси ташкилоти тиҷоратиро ба вуҷуд меорем. 1. Таъсиси ташкилоти

---

[1]Ниг.: Ершова И. Создание коммерческой организации // Закон. 2001. № 8. С. 62.

[2]Ниг.: Борисова С.В. Организационные и правовые основы создания субъектов предпринимательской деятельности в России. Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. М., 2002. С. 105.

[3]Ниг.: Горлов В.А. Правовое положение обществ с ограниченной ответственностью. Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. Екатеринбург, 1998. С. 83.

[4]Ниг.: Коммерческое право: Учебник / Под ред. В.Ф. Попондопуло, В.Ф. Яковлевой. Спб., 1998. С. 58.

тиҷоратӣ ҳама вақт фаъолиятро ифода мекунад. Асоси таъсиси шахси ҳуқуқиро амалҳои ҳуқуқӣ – созишномаи муассисон, санади бақайдгирии мақомот ташкил медиҳад. 2.Мазмуни фаъолиятро оид ба таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ ва бақайдгирии давлатии он ташкил медиҳад. 3. Равона будан ба натиҷаи охирин – ба шахс додани вазъи субъектони фаъолияти соҳибкорӣ. придание лицу статуса субъекта предпринимательской деятельности. 4. Субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба таъситси ташкилоти тиҷоратӣ инҳо мебошанд: муассисон: шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ, мақомотҳои давлатӣ ва маҳаллӣ; давлат дар симои мақомотҳои бақайдгирандаи он.

Ҳамин тавр, таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ – ин фаъолияти шаҳрвандон ва (ё) шахси ҳуқуқӣ, мақомотҳои давлат оид ба таъсис ва бақайдгирии давлатии ташкилот, ки барои ба шахс вазъи субъектони фаъолияти соҳибкорӣ додан равона аст. Институти таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ дар асоси принсипҳои муайяне, ки моҳият ва аҳамияти иҷтимоии онро ифода мекунад, ба вуҷуд омада амал мекунад. Принсипи қонуният. Дар таъсисдиҳии ташкилоти тиҷоратӣ принсипи қонуният маънои онро дорад, ки: якум, ҳуҷҷатҳои таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ бояд ба талаботи қонунгузорӣ мувофиқат кунад, дуюм, муассисон бояд тартиби таъсиси ташкилоти тиҷоратиро, ки қонунгузорӣ муайян намудааст, риоя намоянд. Принсипи эътимоднокӣ маънои онро дорад, ки муассиси ташкилот бояд дурустии маълумотро, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсис ва дигар ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод шуда ҷойгир аст таъмин намоянд. Принсипи ташаббускорӣ маънои онро дорад, ки таъсисдиҳии ташкилоти тиҷоратӣ бо ташаббуси муассисон, ки дар чорчубаи муносибатҳои хусусӣ амал мекунанд ба амал бароварда мешавад. Муассисон дар интихоби шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратии таъсисдиҳандаашон, дар интихоби номи он ташкилоти тиҷоратӣ, вақт,макони таъсисдиҳии ташкилоти тиҷоратӣ ва дигар масъалаҳои таъсисдиҳӣ озод мебошанд. Санади хоҳиши хусусӣ – ифодаи иродаи муассисон- шарти зарурии таъсисдиҳии ташкилоти тиҷоратӣ ба шумор меравад. Принсипи якхелагӣ. Мувофиқи принсипи якхелагӣ ҷараёни таъсисдиҳии ташкилоти тиҷоратӣ бо меъёрҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии вазорату идораҳо ба танзим дароварда мешавад. Ҳуҷҷати бақайдгирии намуди ягона муқаррар карда шудааст, маълумот дар бораи таъсисдиҳии ташкилоти тиҷоратӣ ба Феҳристи ягонаи давлатии

шахсони ҳуқуқӣ ворид карда мешавад, мақомоти бақайдгиранда мақомоти андоз ба шумор меравад.

Принсипи зинавӣ. Принсипи мазкур маънои онро дорад, ки таъсисдиҳии ташкилоти тиҷоратӣ - ин риояи пайдарпайи як қатор расмиётҳо, аз қабили бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ мебошад, аммо бо ин маҳдуд намешавад. Ҷараёни таъсисдиҳии ташкилоти тиҷоратӣ як қатор зинаҳои пайдарпайи алоқамандро дар бар мегирад. Асоси таъсисдиҳии ташкилоти тиҷоратро рафтори ҳуқуқии муассисон – созишномаи муассисон, санади мақомоти идоракунӣ (бақайдгирӣ) ташкил медиҳад. Чун қоида барои таъсисдиҳии ташкилоти тиҷоратӣ як қатор таркиби ҳуқуқӣ лозим аст. Фактҳои ҳуқуқии зарурӣ бо хоҳиши шахс (муассис, мақомоти идоракунӣ) бо пайдарпайии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба вуҷуд меоянд. Худсарона пайдарпайии таъсисдиҳии ташкилоти тиҷоратро тағйир додан мумкин нест. Захаров В.А. зинаҳои зерини таъсисдиҳии ташкилоти тиҷоратро нишон медиҳад: 1) зинаи то бақайдгирӣ; 2) зинаи бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ; 3) зинаи баъди бақайдгирӣ. Ба ақидаи Кашанин Т.В., «таъсисдиҳии корпоратсия ба зинаҳои асосии зерин ҷудо мешавад: 1) чорабиниҳои иқтисодӣ оид ба таъсиси корпоратсия; 2) ҷамъ намудани ҳайъати муассисон; 3) коркарди оиннома; 4) бақайдгирии он; 5) чорабиниҳои ташкилотӣ оиди ба охир расидани таъсиси корпоратсия». Жилинский С.Э. ду зинаи таъсисдиҳии ташкилоти тиҷоратиро муайян мекунад: «Якум – тайёрӣ. Он барои соҳибкорони оянда аз ҳама масъулиятнок ва мураккабтарин ба шумор меравад. Дар ин зина меъёри локалии намунавии соҳибкорӣ тайёр карда мешавад, ки дар ҳуҷҷати таъсис – оиннома ё шартномаи таъсис дарҷ мегардад. Маҳз дар асоси онҳо шахси ҳуқуқӣ амал мекунад, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешавад. Зинаи дуюм – бақайдгирии давлатӣ». Бризгалин А. чунин мешуморад, ки «таъсиси корхона дар якчанд зина амалӣ карда мешавад: а) қабули қарор оид ба таъсиси корхона; б) Тасдиқ намудани оинномаи он ва шартномаи таъсис; в) бақайдгирии давлатӣ; г) таъсис додани фонди оинномавии корхона». Ҳамин тавр, дар адабиётҳои илмӣ ҳоло муайяният ва ягонагии мафҳуми зинаҳои таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ вуҷуд надорад, гарчанде, ки бисёре аз таҳлилгарон таъсиси ташкилоти тиҷоратиро ҷараёни зинавӣ меҳисобанд. Аммо таҳлили б. 2 м.51 Кодекси граждании ҶТ аз он дарак медиҳад, ки қонунгузор нуқтаи назарро оид ба таъсиси «якваҳта»- шахси ҳуқуқиро дастгирӣ мекунад: ҷойгир намудани он ба Феҳристи давлатӣ. Инак, мувофиқи б.2 м. 51 Ко-

декси граждании ҶТ «Шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ таъсис додашуда эътироф карда мешавад». Мувофиқи б.3 м. 49 Кодекси граждании ҶТ «қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ дар вақти таъсиси он ба вуҷуд меояд (б.2 м.51) ».

5.3. Бақайдгирӣ ва иҷозатдиҳии фаъолияти соҳибкорӣ

Соҳибкорон бо тартиби муқаррар намудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 маи соли 2009, №508 бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд[1]. Маълумот оид ба бақайдгирии давлат, аз ҷумла бақайдгирии ташкилоти тиҷоратӣ, номи фирмавӣ ба Феҳристи ягонаи давлати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ба шиносоии умум дастрас мебошад, ҷой карда мешавад. Бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (минбаъд-бақайдгирии давлатӣ) – амали мақомоти вако-латдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (минбаъд– мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ) дар хусуси ба расмиёт даровардани воқеияти ҳуқуқии таъсисёбӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкорони инфиродӣ ва қатъ намудани фаъолияти онҳо (минбаъд - соҳибкорони инфиродӣ), таъсисёбӣ ва қатъ намудани фаъолияти филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, инчунин ворид намудани маълумот дар бораи онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ. Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (минбаъд - Феҳристи ягонаи давлатӣ) - махзани ягонаи давлатии иттилоотӣ дар бораи шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои онҳо, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ. Бақайдгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ мувофиқи принсипи «равзанаи ягона» бе гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида амалӣ гардонида мешавад. Бақайдгирии давлатӣ мувофиқи принсипи «равзанаи ягона» мазмуни зеринро дорад: 1) барои бақайдгирии давлатӣ аризадиҳанда ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкурро танҳо ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ аз рӯи маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ (маҳалли зисти роҳбари шахси ҳуқуқӣ), маҳалли зисти (фаъолияти) соҳибкори инфиродӣ, маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) филиал ё намоянда-

[1] Ахбри Маҷлиси Оли ҶТ с.2009., №5, м. 316; с.2010., №12, м.828.

гии шахси ҳуқуқии хориҷӣ (маҳалли зисти роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ) пешниҳод менамояд. Барои дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида ва пуррагии маълумоти дар онҳо инъикосёфта, аризадиҳанда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариро ба зимма дорад; 2) мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ маълумотро дар бораи шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷиро ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намуда, дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи қайди баҳисобгирии андоз, омор ва суғуртаи иҷтимоии давлатиро медиҳад. Бақайдгирии давлатӣ дар Феҳристи ягонаи давлатӣ бақайдгирии яквақтаро дар мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ, мақомоти давлатии омор ва мақомоти суғуртаи иҷтимоии давлатиро дар назар дорад. 3) ҳангоми бақайдгирӣ дар Феҳристи ягонаи давлатӣ ба субъектҳо Рақами ягонаи мушаххас дода мешавад, ки барои ҳар як шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ такрорнашаванда мебошад. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ: 1) пас аз қабули ҳуҷҷатҳои таъсисӣ дар муддати то се рӯзи корӣ нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ, филиал ё намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва дар муддати як рӯзи корӣ нисбат ба соҳибкорони инфиродӣ маълумотро ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид менамоянд; 2) пас аз иҷрои амалҳои дар банди 1) қисми мазкур пешбинишуда, ин маълумотро дар шакли электронӣ барои гузаронидани қайди дохилии баҳисобгирӣ ба мақомоти давлатии омор ва мақомоти суғуртаи иҷтимоии давлатӣ мефиристанд ва ба мақомоти номбаршуда дастрасии онро таъмин менамоянд. Мақомоти давлатии омор ва мақомоти суғуртаи иҷтимоии давлатӣ аз рӯи маълумоти гирифташуда дар муддати на дертар аз як рӯзи корӣ қайди дохилии баҳисобгирии шахси ҳуқуқӣ, филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкори инфиродиро анҷом дода, маълумотро доир ба шахси мазкур (бо тасдиқи ба қайди дохилӣ гирифтан) дар шакли электронӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ бозпас мефиристанд. 5. Рақами ягонаи мушаххас танҳо як маротиба ҳангоми бақайдгирии аввалия дода мешавад, дар тамоми давраи фаъолият бояд тағйир наёбад ва дар мавриди бекор гардидани бақайдгирии субъекти мушаххас ба субъекти дигар дода нашавад. 6. Субъектҳои бақайдгирифташуда уҳдадоранд Рақами ягонаи мушаххаси худро дар мукотибаи худ

бо шахсони сеюм нишон диҳанд. 7. Мақоми анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳангоми додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ онҳоро дар бораи уҳдадории пешниҳод намудани ҳисоботи давлатии муқарраргардида ба мақомоти давлатии омор, суғуртаи иҷтимоии давлатӣ бо роҳи қайд намудани ин уҳдадорӣ дар ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ хабардор мекунад. 8. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ барои кушодани суратҳисобҳо дар ташкилотҳои бонкӣ, инчунин барои тайёр намудани мӯҳр ва тамғаи шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ асос мебошад. 9. Талаб намудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ бо мақсади бақайдгирии давлатӣ, дода шудани Рақами ягонаи мушаххас, рақами мушаххаси суғуртавӣ ва рамзҳои оморӣ, ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур манъ аст.

Бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки номгӯи онҳоро моддаи 11 Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, бо додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардонанд.

Агар пас аз ба охир расидани панҷ рӯзи корӣ мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ қарорро дар бораи бақайдгирии давлатӣ ё рад кардани бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ қабул накарда бошанд ва ё ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқиро надода бошанд, мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ уҳдадоранд фавран, пас аз гузаштани мӯҳлати дар боло нишондодашуда, ба Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумотро дар бораи таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ ворид созанд ва ба аризадиҳанда дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ Шаҳодатнома диҳанд ё онро ба суроғаи дар ариза нишондодашуда фиристанд. Ҳуҷҷатҳоро барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ муассисони шахси ҳуқуқӣ ё шахсони ваколатдори онҳо пешниҳод карда метавонанд. Шахсони ваколатдор инҳо буда метавонанд: 1) роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқӣ, ки ваколатҳои ӯро қарори муассисон дар бораи таъйин намудани ӯ тасдиқ мекунад; 2) шахси дигаре, ки аз номи муассисони шахси ҳуқуқӣ дар асоси ваколатнома баромад мекунад.

Барои амалигардонии бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд: 1) ариза барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ. Дар ариза маълумоти зерин нишон дода мешавад: а) шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ; б) номи пурраи (дар ҳолати мавҷуд будан, инчунин номи кӯтоҳи) фирмавии шахси ҳуқуқӣ бо забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; в) маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ; г) тарзи ташкилёбии шахси ҳуқуқӣ (таъсисёбӣ ё азнав-ташкилдиҳӣ); д) маълумот дар бораи муассис (муассисон) ва роҳбари шахси ҳуқуқӣ (номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ, насаб, ном ва номи падари шахси воқеӣ, маҳалли ҷойгиршавии шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, маълумот барои тамосс); е) намуди (намудҳои) асосии фаъолияте, ки шахси ҳуқуқӣ нияти анҷом додани онро (онҳоро) дорад; ж) санаи пешниҳод гардидани ариза ва имзои аризадиҳанда. 2) қарори муассис (протоколи маҷлиси муассисон) дар бораи таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ. Қарор дар бораи таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби муассис (муассисон)-и шахси ҳуқуқӣ имзо карда мешавад; 3) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқии таъсисёбанда дар сурати аз ҷониби роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқии таъсисёбанда пешниҳод гардидани ҳуҷҷат ё нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ва ваколатнома ба номи шахси ваколатдор дар сурати аз ҷониби шахси ваколатдори муассисон пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ; 4) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти ҳар як муассиси (шахси воқеии) шахси ҳуқуқии таъсисёбанда ва маълумотномаи мақомоти андоз нисбат ба муассис - шахси ҳуқуқӣ доир ба надоштани қарзи андоз; 5) дар ҳолати таъсис додани шахси ҳуқуқӣ дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ маълумотномаи маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ; 6) иқтибоси ҳуҷҷат дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ё нусха аз феҳристи шахсони ҳуқуқии давлати хориҷӣ (ё дигар ҳуҷҷати дигари аз рӯи қувваи ҳуқуқиаш ба он баробар, ки мақоми шахси ҳуқуқии хориҷиро исбот менамояд), дар сурате, ки агар муассис шахси ҳуқуқии хориҷӣ бошад; 7) хулосаи мақомоти дахлдор дар мавриди бақайдгирии воситаҳои ахбори омма; 8) пардохтномаи (квитансия) боҷи давлатӣ.

2. Ҳуҷҷатҳои иловагии пешниҳодшаванда барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии бо роҳи азнавташкилдиҳӣ таъсисёфта

инҳо мебошанд: 1) қарори мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ дар бораи азнавташкилдиҳӣ бо ҳатман нишон додани шакли азнавташкилдиҳӣ; 2) санади (акти) супурдан ё баланси тақсимот вобаста аз шакли азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ. 3) хулосаи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми якуми моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол». 3. Барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти ан-ҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намудани Оинномаи шахси ҳуқуқӣ талаб карда намешавад. 4. Барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ пешниҳод на-мудани ҳуҷҷати тасдиққунандаи ташаккулёбии сармояи оинномавӣ талаб карда намешавад. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи ташаккулёбии сар-мояи оинномавӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад. Дар ҳолати ташкил надодани ҳадди ақали ҳаҷми сармояи оинномавӣ шахси ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ доранд бо талаби барҳам додани чунин шахси ҳуқуқӣ ба суд муроҷиат кунанд. 5.Ҳуҷҷатҳои дар бандҳои боло нишондодашуда, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҷума карда шаванд. Ҳуҷҷатҳои дар боло нишондодашуда, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд бо тартиби муқарраргардида қонунӣ (легализатсия) гардонида шаванд. Тарҷумаи ҳуҷҷатҳои дар боло нишондодашуда, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд ба тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шаванд. Қонунигардонии (легализатсияи) ҳуҷҷатҳое, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷии мамлакатҳои иштирокчии шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалии дахлдори эътирофнамудаи Тоҷикистон пешниҳод мегарданд, талаб карда намешавад. Бақайдгирии давлатӣ дар асоси пурра пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки Қонуни мазкур муқаррар намудааст, анҷом дода мешавад. Талаб намудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ манъ аст. Барои бақайдгирии давлатӣ аризадиҳанда ҳуҷҷатҳоро шахсан пешниҳод

менамояд. Ба аризадиҳанда оид ба гирифтани ҳуҷҷатҳо бо нишон додани номгӯй ва санаи қабули онҳо аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ забонхат дода мешавад. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ мебошад. Ҳамзамон, дар ин Шаҳодатнома бояд нишондод оид ба зарурати пешниҳод намудани ҳисоботи дахлдори оморӣ ва ҳисобот оид ба суғуртаи иҷтимоӣ ба мақомоти дахлдор мавҷуд бошад. Дар ҳолати гум кардани Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ муассиси (муассисони) шахси ҳуқуқӣ ё шахсони дигари ваколатдори шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ оид ба гирифтани нусхаи (дубликати) он мурочиат намоянд, ки он дар муддати ду рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани аризаи дахлдор дода мешавад. Ба ариза эълон дар бораи аз эътибор соқит донистани Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ, ки дар яке аз воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ нашр гардидааст, замима карда мешавад.

Бақайдгирии давлатии шахси воқеиро ба сифати соҳибкори инфиродӣ мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати се рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дар Қонун нишондодашуда амалӣ мегардонанд. Бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ҳангоми гирифтани Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ӯ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ё ҳангоми гирифтани Патент барои ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар маҳалли анҷомдиҳии фаъолияти соҳибкории чунин шахс амалӣ мешавад. Агар пас аз ба охир расидани мӯҳлати нишондодашуда, мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ Қарорро дар бораи бақайдгирии давлатӣ ё рад кардани бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ қабул накарда бошад, мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ уҳдадор аст, бе таъхир пас аз гузаштани мӯҳлати дар боло нишондодашуда ба Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумотро дар бораи шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ворид созад ва ба аризадиҳанда ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси воқеиро ба сифати соҳибкори инфиродӣ диҳад ё онро ба суроғаи дар ариза нишондодашуда фиристад. Бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ роҳ дода намешавад, агар бақайдгирии давлатии амалкунандаи ӯ ба ин сифат, ба истиснои ҳолати пешбининамудаи Қонун, эътиборашро гум накарда бо-

шад ё аз рӯзи қабул намудани қарори суд оид ба муфлисшавии ӯ дар натиҷаи қонеъ гардонида натавонистани талаботи кредиторон, ки ба фаъолияти пештараи соҳибкории ӯ вобаста мебошад, мӯҳлат нагузаштааст ё мӯҳлате, ки бо санади суд ба ӯ ҳуқуқи ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан манъ гардидааст, ба охир нарасидааст. Барои амалӣ гардонидани бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд: 1) ариза барои бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ. Дар ариза маълумоти зерин нишон дода мешавад: а) ному насаби шахси воқеӣ; б) суроғаи ҷойи истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (суроғае, ки дар он ҷой шахси воқеӣ ба қайд гирифта шудааст), суроғаи ҷойи истиқомати муваққатӣ ва маҳалли анҷомдиҳии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ, маълумот барои тамос бо шахси воқеӣ; в) рақами мушаххаси андозсупорандаи (РМА) шахси воқеӣ; г) намуди (намудҳои) асосии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки шахси воқеӣ хоҳиши анҷом додани онро (онҳоро) дорад; д) санаи пешниҳод гардидани ариза ва имзои аризадиҳанда. 2) нусхаи ҳуҷҷате, ки шахсияти шахси воқеиро тасдиқ мекунад, инчунин ду расми андозаи 4х6; 3) нусхаи сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин ё нусхаи қарор дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин дар ҳолати бақайдгирии хоҷагии деҳқонии (фермерии) фардӣ ё оилавӣ, рӯйхати аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), рақами мушаххаси андозсупоранда барои ҳар яки онҳо; 4) нусхаи ҳуҷҷате, ки дар асоси он ба шахси воқеии хориҷӣ сукунат ва амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст (раводид, варақаи бақайдгирӣ, иҷозатномаи иқомат); 5) пардохтномаи (квитансияи) боҷи давлатӣ, ва ё пардохтномаи (квитансияи) пешпардохти маблағи Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ барои шумораи муайяни моҳ (мӯҳлати амали Патент) – барои шахсоне, ки хоҳиши гирифтани Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродиро доранд.

Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ва ё Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ мебошанд. Шахси воқеӣ метавонад

фаъолияти соҳибкории инфиродиро дар асоси Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ тибқи рӯйхате, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад, амалӣ намояд. Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ҳуҷҷате мебошад, ки барои машғул шудан ба ҳама намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ҳуқуқ медиҳад, агар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд. Шахси воқеӣ наметавонад дар як вақт ҳам соҳиби Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва ҳам соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бошад. Дар ҳолати гум кардани Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ё Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ, соҳибкори инфиродӣ ҳуқуқ дорад ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ барои гирифтани нусхаи (дубликати) он мурочиат намояд. Нусхаи (дубликати) Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ё Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар асоси аризаи соҳибкори инфиродӣ дар муддати ду рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳоди ариза бо қайди «Нусха (дубликат)» дода мешавад. Ба ариза эълон дар бораи аз эътибор соқит донистани Шаҳодатнома ё Патенти гумшуда, ки дар яке аз воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ нашр гардидааст, замима мегардад.

Дар замони имрӯза танзимнамоии иҷозатномадиҳии фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 маи соли 2004, №37, Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 апрели соли 2007 , №172 «Низомнома оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият» ба амал бароварда мешавад. Дар зери *иҷозатнома (литсензия)* – иҷозати махсусе, ки барои амалӣ намудани фаъолияти мушаххас бо риояи ҳатмии шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ онро мақомоти иҷозатномадиҳанда ба шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ додаст фаҳмида мешавад. *Иҷозатномадиҳӣ (литсензиякунонӣ)* – чорабиниҳоест, ки ба иҷозатномадиҳӣ, аз нав ба расмиётдарории ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудияти иҷозатномаро тасдиқ мекунанд, боздоштан ва барқарор намудани амали иҷозатнома, бекор кардани он ва ба назорати мақомоти иҷозатномадиҳанда оиди аз тарафи

иҷозатномадор риояи шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ ҳангоми ба амал баровардани намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашаванда вобаста мебошад. Номгӯи намудҳои фаъолияте, ки барои амалӣ намудани онҳо иҷозатнома зарур аст дар моддаҳои 17-18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»[1]. Мутобиқи Қонун барои намудҳои зерини фаъолият иҷозатнома зарур аст: фаъолият оид ба додани сертификатҳои калидҳои рақамии имзои электронӣ, ба қайд гирифтани соҳибони имзоҳои рақамии электронӣ, хизматрасонӣ вобаста ба истифодаи имзоҳои рақамии электронӣ ва тасдиқ кардани ҳаққонияти имзоҳои рақамии электронӣ; фаъолият оид ба ошкор намудани таҷҳизоти электроние, ки барои махфӣ қабул намудани маълумот дар биноҳо ва воситаҳои техникӣ таъин гардидаанд (ба истиснои ҳолатҳое, ки агар ин фаъолият барои таъмини эҳтиёҷоти худи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфироди анҷом дода шавад); фаъолият оид ба коркард ва истеҳсоли намудҳои маълуми воситаҳои ҳифзи маълумоти махфӣ; фаъолият оид ба ҳифзи техникии маълумоти махфӣ; фаъолият оид ба коркард ва истеҳсоли воситаҳои махсуси техникие, ки барои ба даст овардани иттилооти махфӣ истифода бурда мешаванд, фурӯши ин воситаҳо ва инчунин хариди онҳо бо мақсади фурӯш дар ҳолатҳое, ки ин намудҳои фаъолият аз тарафи соҳибкорон ва шахсони ҳуқуқии ба соҳибкорӣ машғулбуда амалӣ гардонида мешаванд; фаъолият оид ба тайёр кардани маҳсулоти матбаавии аз сохтакори муҳофизатшаванда, аз ҷумла коғазҳои қиматнок, инчунин савдои маҳсулоти мазкур; фаъолият оид ба фурӯши яроқи ғайринизомӣ ва хизматӣ, қисмҳо ва лавозимоти он; фаъолият оид ба таъмир ва хизматрасонии механизмҳои борбардорӣ (ба истиснои ҳолатҳое, ки агар ин фаъолият барои таъмини эҳтиёҷоти шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ анҷом дода шавад); фаъолият оид ба истифодаи иншоотҳои истеҳсолие, ки хавфи таркидан, сӯхтан ва химиявӣ доранд; фаъолият оид ба истеҳсол, коркард, истихроҷи нафт, газ, ангишт ва истифодаи шабакаҳои иншооти нафтӣ ва газӣ; фаъолият оид ба нигоҳдорӣ ва фурӯши нафту газ ва маҳсулоти коркарди онҳо (ба истиснои ҳолатҳое, ки агар ин фаъолият барои таъмини эҳтиёҷоти худи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ анҷом дода шавад); фаъолият оид ба васл, танзим ва таъмири иншоотҳо ва таҷҳизоти

[1] АМОҶТ, с.2004., № 5, м. 348; с.2005., №3, м. 120; с.2006, №7, м.343; с.2007., №6, м.433;с. 2008., №1, қ.2. м.14; с.2008, №6, м.457; с.2008, №10, м. 816; с.2009., №3, м.78; с.2009., №5, м.326; с.2009., №9-10, м.544; с.2010., №12, м.821.

энергетикӣ (ба истиснои ҳолатҳое, ки ин кор барои таъмини эҳтиёҷоти худи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ анҷом дода шавад); фаъолият оид ба гузаронидани экспертизаи бехатарии саноатӣ; фаъолият оид ба истеҳсол, нигоҳдорӣ, паҳн кардан, интиқол додан ва истифодаи маводи таркандаи таъиноти саноатӣ; фаъолият оид ба истеҳсол ва паҳн намудани маҳсулоти тарфгарӣ (пиротехникӣ), ки ба кадастри давлатии маводи таркканда дохил шудаанд; фаъолият оид ба иҷрои корҳои васлу таъмир ва хизматрасонии воситаҳои таъмини аз сӯхтор пешгирӣ кардани биною иншоотҳо; фаъолият оид ба истеҳсол, додан ва тақсим кардани энергияи барқ (ба истиснои ҳолатҳое, ки агар ин фаъолият барои таъмини эҳтиёҷоти шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ анҷом дода шавад); фаъолият оид ба корҳои лоиҳакашӣ ва тадқиқотӣ, сохтмони биноҳо ва иморату иншоот, аз ҷумла васеъкунӣ, азнавсозӣ, таъмир ва барқарор кардани объектҳои мавҷуда; фаъолият оид ба корҳои лоиҳакашӣ ва тадқиқотӣ, сохтмон, таъмир ва барқарор кардани роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва иншоотҳои роҳ; фаъолият оид ба корҳои маркшейдерӣ; фаъолияти геодезӣ ва харитасозӣ; фаъолият дар соҳаи обуҳавосанҷӣ ва соҳаҳои ба он алоқаманд, аз ҷумла иҷрои корҳои фаъолона таъсир расонидан ба ҳодисоту раванди обуҳавосанҷӣ ва геофизикӣ; фаъолияти фарматсевтӣ (тайёр ва истеҳсол кардани доруворӣ ва воситаҳои косметикӣ, истеҳсоли молу техникаи тиббӣ, фурӯши доруворӣ ва молҳои тиббӣ, истеҳсол ва фурӯши ғизои иловагии табобатию профилактикӣ); фаъолияти хусусии тиббӣ; фаъолият оид ба хизматрасонии техникии техникаи тиббӣ (ба истиснои ҳолатҳое, ки агар ин кор барои таъмини эҳтиёҷоти худи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ анҷом дода шавад); фаъолият бо истифодаи ангезандаҳои бемориҳои сирояткунанда; фаъолият оид ба истеҳсоли воситаҳои дезинфексионӣ, дезинсексионӣ ва дератизатсионӣ; фаъолият оид ба киштукори растаниҳои нашъадор ба мақсадҳои илмӣ, ҳамчунин таҳияи воситаҳои нави нашъадор ва моддаҳои психотропӣ; фаъолияти вобаста ба муомилоти қонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо (таҳия, истеҳсол, тайёр кардан, коркард, нигоҳ доштан, интиқол, муросилот, додан, фурӯш, тақсимот, соҳиб шудан, истифода, воридот ва содирот); фаъолияти вобаста ба манбаъҳои афканишоти иондоркунанда; фаъолият вобаста ба воридоту содирот, истеҳсол, фурӯш, истифода, ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ, коркард ва нобуд кардани моддаҳои радиоактивӣ; фаъолият оид ба

мусофиркашонӣ ва боркашонӣ бо нақлиёти ҳавоӣ; фаъолият оид ба мусофиркашонӣ ва боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ *(ба истиснои ҳолатҳое, ки ин фаъолият барои таъмини эҳтиёҷоти худи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ анҷом дода шавад);* фаъолият оид ба мусофиркашонӣ ва боркашонӣ бо нақлиёти роҳи оҳан (ба истиснои ҳолатҳое, ки агар ин фаъолият барои таъмини эҳтиёҷоти худи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ анҷом дода шавад ва набаромадан ба роҳи оҳани истифодаи умум); фаъолият оид ба хизматрасонии техникӣ ва таъмир дар нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан; фаъолияти терминалҳои мусофиркашонӣ ва боркашонӣ; фаъолият оид ба хизматрасонии техникӣ ҳангоми парвози нақлиёти ҳавоӣ; фаъолият оид ба таъмир ва хизматрасонии техникии нақлиёти ҳавоӣ; фаъолият оид ба ҷамъоварӣ, истифода, безараргардонӣ, кашонидан ва ҷойгиркунонии партовҳои хатарнок; фаъолият оид ба ташкилу нигоҳдории кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото; фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ); фаъолияти туристӣ; фаъолият оид ба тайёр кардан, коркард ва фурӯши пораву партови металлҳои сиёҳ ва ранга; фаъолияти бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон; фаъолияти аудиторӣ; фаъолияти ломбардҳо; фаъолият дар соҳаи биржа; фаъолияти суғуртавӣ; фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок; фаъолият оид ба истеҳсол, воридот ва содироти маҳсулоти тамоку; фаъолияти хусусии байторӣ; фаъолияти адвокатҳои ваколатдор; фаъолияти соҳаи маориф (ба истиснои муассисаҳои давлатии таълими томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ); фаъолияти вобаста ба муомилоти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо (коркарди пораву партови металлҳои қиматбаҳо бо мақсади ба даст овардани натиҷаи ниҳоии маҳсулот, холис кардани металлҳои қиматбаҳо ва рекуператсияи сангҳои қиматбаҳо, аз аҳолӣ харидани маснуоти заргарӣ ва дигар маснуоти аз металлу сангҳои қиматбаҳо сохташудаи рӯзгор ва шикастапораҳои онҳо, хариду фурӯши яклухт ва чаканаи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо); фаъолияти кормандони масъули патентӣ; фаъолияти соҳаҳои телевизион, радиошунавонӣ ва истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ; фаъолияти ба даст овардан, фурӯш, истифода, партов ва нобуд кардани моддаҳои вайронкунандаи қабати озон ва маҳсулоти дорандаи онҳо, инчунин ҳамаи намуди фаъолият, ки бо васлнамоӣ,

хизматрасонӣ ва таъмири таҷҳизоте, ки бо истифодаи моддаҳои вайронкунандаи қабати озон кор мекунанд; фаъолият оид ба ҷамъоварӣ ва тайёр намудани ашёи хоми доруворӣ; фаъолияти фондҳои ғайридавлатии нафақа; фаъолияти Бюрои таърихи қарз.

Тибқи Қонуни номбурда тартиби махсуси иҷозатномадиҳӣ намудҳои зерини фаъолиятро дар бар мегирад: фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ; фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ; фаъолияти соҳаи истеҳсол ва муомилоти спирти этилӣ, машрубот ва маҳсулоти спиртдор; фаъолият дар соҳаи алоқаи баркӣ;фаъолият оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ; фаъолият оид ба истифодабарии объектҳои олами наботот ва ҳайвонот, ки ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил гардидаанд; фаъолият, кор ва хизматрасонӣ дар соҳаи истифодаи энергияи атом. Иҷозатномадиҳии фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ ва амалиёт бо асъори хориҷӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ, танзими асъор ва назорати асъор ба танзим даровардa мешавад. Номгӯи намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашавандаро танҳо дар ҳолати даровардани тағйиру иловаҳо ба Қонуни номбурда тағйир додан мумкин аст. Фаъолияте, ки дар ин рӯйхат ҷой надошт, ба иҷозатнома ниёз надорад.

Дар қонунгузорӣ якчанд қоидаи иҷозатномадиҳӣ дарҷ гардидааст. Якум, иҷозати иҷозатномаи намуди фаъолият метавонад аз ҷониби литсензиат дар ҳама ҳудуди ҶТ амалӣ намояд. Дуюм, иҷозатнома барои амалӣ намудани фаъолияти дар он дарҷгардида ва танҳо аз ҷониби субъекти хоҷагии иҷозатнома гирифта ҳуқуқи амалӣ намуданро дорад, яъне иҷозатнома ба каси дигар дода намешавад ба истиснои ҳолатҳои вориси ҳуқуқӣ ҳангоми азнавташкилкунии шахси ҳуқуқӣ. Сеюм, иҷозатнома ба муҳлати муайян-на камтар аз 5 сол дода мешавад. Муҷаррарот оид ба иҷозатномадиҳии намудҳои махсуси фаъолият мумкин аст, инчунин амали бемӯҳлати иҷозатномаро пешбинӣ кунад. Мӯҳлати амали иҷозатнома бо тартиби аз нав ба расмиёт даровардани ҳуҷҷате, ки иҷозатнома доштани шахсро тасдиқ мекунад, дароз карда мешавад. Расмимётҳои иҷозатномадиҳӣ давраҳои зеринро дарбар мегирад. 1. Пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои ҳиҷозатномадиҳии мазкур. Номгӯи мақомотҳои иҷозатномадиҳанда дар Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳии намудҳои алоҳидаи фаъолият» пешбинӣ шудааст. Довталаби иҷозатнома барои гирифтани иҷозатнома ба мақомоти иҷозатномадиҳанда ҳуҷҷатҳои зе-

ринро пешниҳод менамояд: ариза дар бораи додани иҷозатнома барои намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда, ки дар он маълумотҳои зерин нишон дода мешаванд: а) барои шахси ҳуқуқӣ – ном ва шакли ташкилию ҳуқуқии корхона, суроғаи ҳуқуқӣ, рақами суратҳисоб ва шуъбаи бонк; б) барои соҳибкори инфиродӣ – ному насаб, ҷойи истиқомат шиноснома, рақам ва таърихи гирифтани он;намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда, ки соҳибкори инфиродӣ ва шахси ҳуқуқӣ мақсади анҷом додани онро дорад ва мӯҳлате, ки дар давоми он чунин намуди фаъолият анҷом дода мешавад; нусхаи ҳуҷҷате, ки бақайдгирии давлатии довталаби иҷозатномаро тасдиқ мекунад; сархати чорум хоиҷ карда шавад; нусхаи ҳуҷҷат дар бораи аз тарафи мақомоти андоз ба довталаби иҷозатнома додани рақами мушаххаси андозсупоранда; ҳуҷҷате, ки пардохти ҳаққи иҷозатномаро барои баррасӣ шудани аризаи довталаби иҷозатнома тасдиқ мекунад; маълумот дар бораи дараҷаи ихтисоси кормандони довталаби иҷозатнома. Ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои мазкур дар низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои дигаре, ки ба шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ мувофиқ будани довталаби иҷозатномаро тасдиқ мекунанд, пешбинӣ шуда метавонанд. Аз довталаби иҷозатнома пешниҳоди ҳуҷҷатҳоеро, ки дар Қонун ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият пешбинӣ нашудаанд, талаб кардан мумкин нест. Ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки ба мақомоти дахлдори иҷозатномадиҳанда барои гирифтани иҷозатнома пешниҳод мегарданд, тибқи рӯйхат қабул карда мешаванд ва нусхаи онҳо бо қайди рӯзи қабули ҳуҷҷатҳо аз ҷониби мақомоти мазкур ба довталаби иҷозатнома фиристода (дода) мешавад. 2. Қабули қарор дар бораи додан (ё надодани) иҷозатнома. Мақоми иҷозатномадиҳанда қарор дар бораи додан ё надодани иҷозатномаро дар мӯҳлати на зиёда аз сӣ рӯзи расидани аризаи довталаби иҷозатнома бо тамоми ҳуҷҷатҳои лозима қабул мекунад. Қарори мазкур бо фармони мақоми иҷозатномадиҳанда ба расмият дароварда мешавад. Мӯҳлати нисбатан кӯтоҳтари қабули қарор дар бораи додан ё надодани иҷозатнома бо низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият муқаррар карда мешавад. Мақоми иҷозатномадиҳанда уҳдадор аст, ки довталаби иҷозатномаро аз қабули қарор дар бораи додан ё надодани иҷозатнома дар мӯҳлати мазкур огоҳ намояд. Мақоми иҷозатномадиҳанда баъди се рӯзи ҳуҷҷати

тасдиққунандаи пардохти ҳаққи иҷозатномадиҳиро пешниҳод кардани довталаби иҷозатнома ба иҷозатномадор ҳуҷҷатеро, ки мавҷуд будани иҷозатномаро тасдиқ мекунад, бепул медиҳад. Иҷозатномадор ба гирифтани дубликати ҳуҷҷати мазкур бо пардохти маблағ ҳуқуқ дорад, ки он бо маблағи пардохт барои аз нав ба расмиятдарории ҳуҷҷате, ки мавҷудияти иҷозатномаро тасдиқ мекунад, баробар аст. Асосҳои надодани иҷозатнома инҳо мебошанд: агар ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи довталаби иҷозатнома дорои маълумоти нодуруст ё ғалат бошад; агар довталаби иҷозатнома, объектҳои ба ӯ тааллуқдошта ё аз тарафи ӯ истифодашаванда ба шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ номувофиқ бошанд; «агар вобаста ба намуди пешбинишудаи фаъолият аз тарафи мақомоти дахлдор ҷиҳати мутобиқати шароити фаъолият ва талаботи ба онҳо пешбинишаванда хулосаи манфӣ дода шуда бошад. Ҳаҷми маҳсулоте (кору хизматрасоние), ки довталаби иҷозатнома истеҳсол мекунад (баҷо меоварад) ё истеҳсолашро(баҷо оварданашро) ба нақша гирифтааст, барои надодани иҷозатнома асос шуда наметавонад. Довталаби иҷозатнома ҳуқуқ дорад нисбати надодани иҷозатнома аз тарафи мақоми иҷозатномадиҳанда ё барои бефаъолиятии вай ба суд мурочиат намояд. 3. Хабарнома дар бораи додан ё надодани иҷозатнома ба довталаби иҷозатнома. Хабарнома дар бораи надодани иҷозатнома ба довталаби иҷозатнома бо нишон додани сабабҳои радкунӣ (супорида), аз он ҷумла реквизхити санади санҷиши имконияти иҷро намудани талабот ва шартҳои муқаррарнамударо иҷро намудани иҷозатномагир, агар сабаби радкунӣ ин иҷро карда натавонистани талабот ва шарти муқарраршуда аз ҷониби иҷозатномагир бошад фиристонида мешавад. Хабарнома дар бораи додани иҷозатнома дар шакли хаттӣ ба довталаби иҷозатнома бо қайди реквизити суратҳисоби бонкӣ ва мӯҳлати пардохти ҳаққи иҷозатномагирӣ фиристонида (супорида) мешавад.Дар қарор оиди додани иҷозатнома ва ҳуҷҷате, ки мавҷуд будани онро тасдиқ мекунад, инҳо нишон дода мешаванд: номи мақоми иҷозатномадиҳанда; барои шахси ҳуқуқӣ - ном ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ, суроғаи ҳуқуқӣ ва маҳалли ҷойгиршавии он; барои соҳибкори инфиродӣ - ному насаб, ҷои истиқомат, маълумоти ҳуҷҷате, ки шахсиятро тасдиқ мекунад; намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда; рақами бақайдгирӣ, рӯз ва мӯҳлати амали иҷозатнома; рақами мушаххаси андозсупоранда ва рақами ягонаи мушаххас; рақами иҷозатнома; рӯзи қабул кардани қарор оиди додани иҷозатнома.

5.4. Қобилияти ҳуқуқдории субъектони фаъолияти соҳибкорӣ

Қобилияти ҳуқуқдории субъектони ҳуқуқи соҳибкорӣ (Қобилияти ҳуқуқдории соҳибкорӣ) қобилияти доштани ҳуқуқ ва уҳдадорӣ оид ба амалӣ намудан ва танзими фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Қобилияти ҳуқуқдории соҳибкорӣ унсури ҷудонашавандаи мафҳуми субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад.Он имконият медиҳад, ки фаъолияти соҳибкориро пеш бурда, дар муносибатҳои соҳибкорӣ иштирок намояд. Дар шароити иқтисодиёти нақшавӣ маҷмӯи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ хусусияти ваколатӣ дошт. Ин мафҳум дар замони имрӯза нисбати субъектоне, ки танзимнамоии фаъолияти хоҷагиро ба амал мебарорад, инчунин нисбати субъектони дохилихоҷагӣ истифода мешавад. Ба субъектоне, ки бевосита фаъолияти хоҷагиро амалӣ менамоянд (соҳибкорони инфиродӣ ва коллективӣ), барои тавсифи ҳуқуқии онҳо дар замони имрӯза мафҳуми қобилияти ҳуқуқдорӣ истифода бурда мешавад. Ин бо он алоқаманд аст, ки меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ, ки фаъолияти соҳибкориро ба танзим медарорад, дар қонунгузории граждани ҷойгир шудааст, ки дар он мафҳуми қобилияти ҳуқуқдорӣ татбиқ мегардад. Аз рӯи нуқтаи назари ҳаҷми ҳуқуқдорӣ ҳуқуқдории умумӣ ва махсус ҷудо карда мешавад. Қобилияти ҳуқуқдории умумӣ имконият медиҳад, ки тамоми намуди фаъолияти соҳибкориро амалӣ намояд, ҳама ҳуқуқро ба даст оварда, ба худ ҳама намуди уҳдадориро қабул намояд. Қобилияти ҳуқуқдории махсус имконият медиҳад, ки дорои на тамоми ҳуқуқ, балки танҳо чунин ҳуқуқҳое, ки ба мавзӯи фаъолияти субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ мувофиқ аст, ба амал мебарорад. Тамоюли хоси инкишофи қобилияти ҳуқуқдории суббъектони хоҷагӣ дар мамлакати мо, ба монанди мамлакатҳои хориҷӣ дар гузариши оҳиста – оҳистаи он аз қобилияти ҳуқуқдории махсус ба қобилияти ҳуқуқдории умумӣ аст. Дар шароити иқтисодиёти нақшавӣ қобилияти ҳуқуқдории корхонаҳои давлатӣ муҳдуд крда шуда буд, дар аввал онҳо танҳо он ҳуқуқҳоеро доштанд, ки бевосита дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст. Дар рафти амалӣ намудани ислоҳоти иқтисодӣ дар солҳои 60-уми асри гузашта ҳуқуқи корхонаҳои давлатӣ васеъ карда шуд, татбиқ намудани усули дигари ин ҳуқуқҳо-усули истиснокунӣ истифода шуданд. Ҳангоми истифодаи он корхона метавонист тамоми масъалаҳои хоҷагии худро ба истиснои онҳое, ки ба ваколати мақомоти идоракунии хоҷагӣ дохил мешаванд ҳал намоянд. Дар охири солҳои 80-ум — аввали 90-уми асри XX принсипи «иҷозат аст, он чи ки қонун

манъ накардааст» эълон карда шуд. Аммо ин принсип дар аввал бо хусусияти махсуси қобилияти ҳуқуқдории корхонаҳо омехта мешуд. Гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ муайян намудани ваколати васеътарро талаб мекунад. Алалхус ин ба намуди асосии корхона - ҷамъияти саҳҳомӣ, ки дар он вақт бисёр таъсис дода мешуд таалуқ дорад. Дар аввал кӯшиш ба харҷ дода шуда буд, ки бо қорорҳои ҳукуматӣ ва фармонҳои президентӣ ваколати корхонаҳоро васеъ кунанд. Қобилияти ҳуқуқдории соҳибкорони инфиродӣ дар қонунгузорӣ дақиқ муайян нашудааст. Мувофиқи моддаҳои 18-19 КГ ҶТ қобилияти доштани ҳуқуқу уҳдадории граждани (қобилияти ҳуқуқдории граждани) нисбати ҳамаи шаҳрвандон ба андозаи баробар эътироф карда мешавад. Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд аз лаҳзаи таваллуд ёфтанаш ба миён омада, пас аз вафоташ қатъ мегардад. Шаҳрванд метавонад ҳам дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он дорои ҳуқуқи моликият ба молу мулк, аз ҷумла асъори хориҷӣ бошад; молу мулкро мерос гирад ва васият кунад; дар қаламрави ҷумҳурӣ озодона ҳаракат карда, ҷои зист интихоб намояд; ҳудуди ҷумҳуриро озодона тарк карда, ба қаламрави он баргардад; бо ҳар гуна фаъолияти манънакардаи санади қонунӣ машғул шавад; мустақилона ё якҷоя бо шаҳрвандон ва шахси ҳуқуқии дигар шахси ҳуқуқӣ таъсис диҳад; ҳар гуна аҳдҳои бо санади қонунӣ манънашударо анҷом дода, дар уҳдадориҳо иштирок намояд; дорои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба ихтироот, асари илмӣ, адабӣ, санъат ва натиҷаҳои дигари фаъолияти зеҳнӣ бошад; ҷуброни зиёни моддӣ ва маънавиро талаб намояд; ҳуқуқи дигари молу мулкӣ ва шахсӣ дошта бошад. Шахси ҳуқуқӣ метавонад мутобиқи мақсадҳои фаъолияти дар ҳуҷҷатҳои таъсисии он пешбинигардида ҳуқуқи граждани ва вобаста ба ин фаъолият уҳдадорӣ дошта бошад. Ташкилотҳои тиҷоратӣ, ба истиснои корхонаҳои воҳид ва намудҳои дигари ташкилотҳои пешбининамудаи қонун метавонанд ҳуқуқу уҳдадориҳое дошта бошанд, ки барои татбиқи ҳар намуди фаъолияти бо қонун манънашуда заруранд. Шахси ҳуқуқӣ бо намудҳои алоҳидаи фаъолияте, ки номгӯи онҳо бо қонун муайян карда мешавад, танҳо дар асоси иҷозатномаи махсус (литсензия) машғул шуда метавонад.

Ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ танҳо дар ҳолатҳо ва мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонун метавонад маҳдуд карда шавад. Нисбати қарори маҳдуд кардани ҳуқуқ ба суд шикоят кардан мумкин аст. Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи таъсиси он ба миён омада, дар лаҳзаи ба охир расидани он қатъ мегардад. Ҳуқуқи

шахси ҳуқуқӣ ҷиҳати татбиқи фаъолияте, ки барои машғул шудан ба он гирифтани иҷозатнома (литсензия) зарур аст, агар дар қонунҳо тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, аз лаҳзаи гирифтани чунин иҷозатнома (литсензия) ё дар мӯҳлати дар он зикргардида ба миён омада, бо гузаштани мӯҳлати амали он қатъ мегардад. Дар қонунгузорӣ ваколатҳои дохилӣ ва сохторҳои он ба иаври гуногун ба тазим дароварда мешавад. Охирин на танҳо дар муносибат бо зерсохторҳо ва корхона дар умум, инчунин бо дигар ташкилотҳо иштирок мекунад. Аммо бо қоидаи умумӣ дар ин ҳолат онҳо аз номи корхонае амал мекунанд, ки низомномаро оид ба чунин зерсохтор (масалан, филиал), ки ваколати мушаххаси хоҷагии он муайян аст тасдиқ кардааст.

5.5. Соҳибкорони инфиродӣ

Соҳибкори инфиродӣ шахси воқеӣ мебошад, ки корро шахсан аз номи худ, аз ҳисоби худ ва таваккали худ пеш мебарад ва мустақилона қарор қабул мекунад. Мувофиқи б.17 м.17 КА ҶТ соҳибкори инфиродӣ – шахси воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамояд. Соҳибкори инфиродӣ ба натиҷаи амалҳои худ масъулияти пурраи шахсиро бар душ дорад. Соҳибкори инфиродӣ мустақилона даромади аз фаъолияташ ба дастомадаро, ки пас аз пардохти андоз боқимондааст ихтиёрдорӣ мекунад.Ҳангоми марги соҳибкор ҳуқуқ ва уҳдадориҳои он ба меросхур ё вориси ҳуқуқии ӯ мегузарад. Шаҳрвандон метавонанд аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ба сифати соҳибкорони инфиродӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд. Нисбати фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад, агар аз қонунҳо ё моҳияти муносибати ҳуқуқӣ тартиби дигаре барнаояд, мутобиқан қоидаҳои КГ истифода мешаванд, ки фаъолияти шахси ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратӣ бударо танзим менамоянд. Шаҳрвандони ки дар ҳайати хоҷагии деҳқонӣ фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳанд, аз бақайдгирии давлатӣ озод мебошанд. Шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо вайрон намудани қонун амалӣ менамоянд, ҳақ надоранд нисбат ба аҳдҳои бастаашон ба он истинод намоянд, ки онҳо соҳибкор намебошанд. Суд метавонад ба чунин аҳдҳо қоидаҳои КГ оид ба уҳдадориҳое, ки ба амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошанд, татбиқ намояд.Шаҳрвандоне, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ тартиби

бақайдгирӣ ва андозбандии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд. Дар асоси Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд аз 31 августи соли 2012, №451 андозбандии даромади умумии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе шаҳрвандӣ, ки фаъолияти соҳибкории инфиродиро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар асоси патент ё шаҳодатнома анҷом медиҳанд, тибқи Қоидаҳои мазкур амалӣ карда мешавад. Соҳибкори инфиродӣ наметавонад дар як вақт фаъолиятро дар асоси ду варақаи патент, ду варақаи шаҳодатнома ё варақаҳои патент ва шаҳодатнома анҷом диҳад. Шахси воқеие, ки дар амал фаъолияти соҳибкориро анҷом дода, аз бақайдгирии давлатӣ нагузаштааст, бо мақсадҳои андозбандӣ соҳибкори инфиродӣ дониста мешавад. Соҳибкори инфиродӣ то он лаҳзае, ки фаъолияти ӯ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда қатъ карда нашудааст, ҳамчун соҳибкоре, ки фаъолияти соҳибкории худро давом медиҳад ва дар назди буҷет уҳдадориҳои андоз дорад, эътироф карда мешавад. Даромадҳои соҳибкори инфиродие, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ гардиданд, ба даромади умумии андозбандишавандаи соҳибкор дохил карда намешаванд. Фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси патент танҳо аз ҷониби шахси воқеие анҷом дода мешавад, ки ба номи ӯ патент дода шудааст. Бо дарназардошти талаботи Қоидаҳои мазкур пардохт барои патент пардохти устувори андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ буда, аз даромади дар амал бадастовардаи соҳибкори инфиродӣ вобаста намебошад. Андозбандии соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда тибқи Қоидаҳо анҷом дода мешавад, агар дар як вақт шартҳои зерин иҷро карда шаванд: а) ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ (патенти дахлдор) ба номи чунин соҳибкор дода шуда бошад; б) маблағи патент барои моҳи (моҳҳои) тақвимии минбаъда аз ҷониби соҳибкор пешакӣ (бо тариқи пешпардохт) пардохт шуда бошад; в) соҳибкори инфиродӣ фаъолиятро бе ҷалби коргарони кироя ва бе амалӣ намудани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ анҷом диҳад; г) намуди фаъолияти соҳибкории анҷомдодашавандаи соҳибкор дар Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки бо қарори мазкур тасдиқ шудааст, пешбинӣ гардида бошад; д) даромади умумии соҳибкори инфиродӣ дар соли тақвимӣ аз 100 ҳазор сомонӣ зиёд набошад. Дар ҳолате, ки шахси воқеӣ амалан коргари кироя маҳсуб ёфта, фаъолияти он бо қонунгузории

меҳнат ва (ё) шартномаи меҳнатӣ ва (ё) тартиби кории шахси ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад, ё шахси воқеӣ танҳо ба як шахси дигар хизмат намуда (кор карда), муносибатҳои онҳо дорои аломатҳои муносибатҳои меҳнати мебошанд, андозбандии чунин шахси воқеӣ дар асоси патент манъ мебошад. Патент дар ҳолати мавҷудияти ҳуҷҷатҳое, ки пешпардохти маблағи патентро барои (моҳи) моҳҳои тақвимии минбаъда тасдиқ менамоянд (барои шахси воқеӣ – шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрвандӣ - дар моҳи (моҳҳои) тақвимӣ то охири соли тақвимӣ ё моҳҳои тақвимии дар раводид ё дигар ҳуҷҷати муқарраршуда дарҷ гардида) эътибор дорад. Дар ҳолате, ки фаъолияти соҳибкори инфиродӣ - дорандаи патент ба талаботҳои Қоидаҳо мутобиқат намекунад, чунин соҳибкори инфиродӣ ҳуқуқи истифодаи системаи патентиро надорад ва уҳдадор аст дар мӯҳлати на зиёда аз 10 рӯзи тақвимӣ бо тартиби муқарраргардида оид ба қатъ намудани бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ариза диҳад. Дар акси ҳол чунин соҳибкори инфиродӣ бо меъёри 10-каратаи андозаи моҳонаи андозҳои ба фаъолияти ӯ дахлдошта андозбандӣ карда мешавад. Маблағи пардохти патент аз намуди фаъолияти соҳибкори инфиродӣ тибки Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, давраи пардохт (моҳҳои пурраи тақвимӣ) ва минтақаи фаъолияти соҳибкории он вобаста мебошад. Агар минтақаи фаъолият тамоми қаламрави ҷумҳурӣ интихоб шуда бошад пас маблағи пардохти патент барои намуди фаъолияти амалишаванда аз рӯи меъёрҳои барои шаҳри Душанбе муқарраршуда муайян карда мешавад. Агар минтақаи фаъолият ҳудуди ягон вилоят (вилоятҳои) Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, маблағи пардохти патент аз рӯи меъёри баландтарини барои шаҳру ноҳияҳои вилояти (вилоятҳои) дахлдор муқарраршуда, муайян карда мешавад. Агар минтақаи фаъолият ду ё аз ин зиёд ноҳияҳои (шаҳрҳои) тобеи ҷумҳурӣ бошад, маблағи пардохти патент аз рӯи меъёри баландтарини барои ин ноҳияҳо (шаҳрҳо) муқарраршуда муайян карда мешавад. Дар ҳолати вайрон кардани талаботи Қоидаҳо соҳибкори инфиродӣ уҳдадор аст, ки маблағи патентро аз рӯи меъёрҳои барои шаҳри Душанбе муқарраршуда пардохт намояд. Дар ҳолате, ки соҳибкори инфиродӣ хоҳиши анҷом додани 2 ё зиёда аз он намудҳои фаъолияти дар Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ пешбинишударо дошта бошад (ё амалан анҷом дода истодааст), чунин соҳибкор 100 фоизи маблағи баландтарини патент барои фаъолияти интихобгардида пешбини-

шуда, инчунин 20 фоизи маблағи патент барои ҳар як дигар намудҳои фаъолияти интихобшуда месупорад. Пардохт барои патент бо дарназардошти таҳрир гаштани Коэффисиентҳои минтақавие, ки андозаҳои пардохтро барои патент дар қаламрави шаҳрҳо ва ноҳияҳо танзим менамоянд ва бо қарори мазкур тасдиқ шудаанд, ҳисоб карда мешавад. Новобаста аз санаи бақайдгирии давлатии оғози фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар асоси патент ё санаи бақайдгирии давлатии қатъ намудани фаъолият, пардохт барои патент барои моҳҳои пурраи тақвимӣ (аз ҷумла моҳи оғози фаъолият ва моҳи қатъи фаъолият) амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон тибқи тартиби муқарраргардида катъ намудани фаъолият тариқи патент то санаи 5 моҳи тақвимӣ уҳдадории пардохт барои патент барои ин моҳи тақвимӣ ташкил наменамояд. Дар ҳолати риоя нагардидани мӯҳлати муқарраршуда маблағи патент барои ҳар моҳи тақвимӣ пурра ба буҷет пардохт мегардад. Ҳангоми бемори бистарӣ будан ё фавти соҳибкори инфиродӣ ва (ё) рух додани сӯхтор дар маҳали фаъолият, ки амалӣ намудани фаъолияти соҳибкориро ғайриимкон менамояд, дар ҳолати пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда маблағи патент дар ин давра пардохт карда намешавад. Баъди ҷамъбасти соли тақвимӣ байни соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва мақомоти андози маҳалли бақайдгирӣ санади муқоисавӣ тартиб дода мешавад. Санади муқоисавӣ на дертар аз 1 марти соле, ки пас аз соли ҳисоботӣ фаро мерасад, бо пешниҳоди расидҳои бонкӣ тартиб дода мешавад. Тартиб додани санади муқоисавӣ байни соҳибкори инфиродӣ ва мақомоти андоз ҳатмӣ мебошад. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи қатъи фаъолияти соҳибкори инфиродӣ тариқи патент фаъолияткунанда ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки қонунгузорӣ дар бораи бақайдгирии давлатӣ муқаррар намудааст. Қоидаҳои андозбандии фаъолият дар асоси шаҳодатнома. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда дорои ҳуқуқи истифодаи меҳнати кироя буда, метавонад тамоми намудҳои фаъолияти соҳибкориро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) Қоидаҳои мазкур маҳдуд накардааст, анҷом диҳад. Андозбандии даромадҳои шахсони воқеӣ, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси шаҳодатнома амалӣ менамоянд, мувофиқи низомҳои махсуси андозбандии муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда вазифадор аст эъломияҳои (ҳисобҳои) андозро тибқи талаботи

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд. Уҳдадориҳои андозии соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда аз натиҷаи фаъолияти соҳибкории ӯ вобаста мебошад. Ҳамзамон меъёри андози иҷтимоии чунин соҳибкори инфиродӣ новобаста аз даромади бадастомада наметавонад аз андозаи ҳадди зиёдтарини андози иҷтимоӣ, ки барои соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда муқаррар шудааст, камтар бошад. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда уҳдадор аст, ки баҳисобгирии муҳосибавии даромадҳо ва хароҷотҳои соҳибкории худро тибқи тартиби соддакардашуда, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ мекунад, амалӣ намояд. Дар ҳолати ҳисобаробаркунӣ бо пули нақд соҳибкори инфиродӣ вазифадор аст, ки тибқи тартиби муқарраршуда мошинҳои назоратӣ-хазинавиро бо хотироти фискалӣ истифода барад. Даромади умумии солонаи соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда аз ҳамаи намудҳои фаъолияти амалишавандаи он наметавонад аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд бошад. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда наметавонад воҳидҳои махсус дошта бошад. Агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад, соҳибкори дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда метавонад ҳамаи намуди фаъолиятро анҷом диҳад, ба истиснои: а) истеҳсоли молҳои зераксизӣ (ба истиснои нӯшокиҳои ғайриспиртӣ) ва амалӣ намудани фаъолияти зераксизӣ; б) фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (ба истиснои воридоти молҳои ниёзи мардум ба маблағи то 500 ҳазор сомонӣ); в) фаъолияти бонкӣ ё намудҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ (ба истиснои амалиёти мубодилаи асъор), фаъолияти суғуртавӣ, фаъолият оид ба идоракунии фондҳои сармоягузорӣ, фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок; г) фаъолият доир ба истифодабарии қаъри замин; д) қабул, коркард ва (ё) таҳвили металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, дигар металлҳо, консентрат, оҳанпора ва маъданҳо; е) фаъолияти савдо ва (ё) хизматрасонӣ, ё фаъолият доир ба хӯроки умумӣ, агар масоҳати ҷойи фаъолият аз 30 м 2 зиёд бошад; ж) фурӯши сӯзишворӣ, гази моеъ ва табиӣ, таъсиси бозорҳо, меҳмонхонаҳо ва хизматрасониҳои варзишӣ; з) ташкили сеҳҳои оҳангудозӣ. Дар ҳолате, ки дар давоми соли тақвимӣ даромади умумии соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд гардад, ин соҳибкори инфиродӣ

вазифадор аст, ки ба мақомоти андози маҳали баҳисобгирии бақайдгирии худ маълумот пешниҳод намуда, фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ аз санаи 1 моҳи минбаъда тибқи тартиби муқарраргардида қатъ намояд. Соҳибкори мазкур метавонад фаъолияти худро дар асоси низоми дигари андозбандии муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ҳамчун шахси ҳуқуқӣ идома диҳад. Вайрон кардани талаботи Қоидаҳои мазкур барои кашидан ба ҷавобгарие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, асос мебошад. Соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда, ки даромади умумиашон дар соли 2012 аз 100 ҳазор сомонӣ бештар мебошад ё намуди фаъолияти онҳо ба Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ мутобиқ намебошад, уҳдадоранд, ки то 1 апрели соли 2013 фаъолияти соҳибкории худро тибқи тартиби муқарраршуда қатъ намоянд. Дар ҳолати дар ин давра ба фаъолият тибқи низоми андозбандии дигар шурӯъ намудани чунин соҳибкорони инфиродӣ аз онҳо боҷҳои давлатӣ барои қатъ намудани фаъолият тибқи системаи патентӣ ва оғоз намудани фаъолият ситонида намешаванд. Соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки даромади умумиашон дар соли 2012 аз 500 ҳазор сомонӣ бештар мебошад, бояд то 1 апрели соли 2013 фаъолияти соҳибкории худро тибқи тартиби муқарраршуда қатъ намоянд (ба истинои супорандагони андози ягона). Дар ҳолати дар ин давра ба фаъолият тибқи низоми андозбандии дигар шурӯъ намудани чунин соҳибкорони инфиродӣ аз онҳо боҷҳои давлатӣ барои қатъ намудани фаъолият ва оғоз намудани фаъолият ситонида намешаванд. Фаъолияти соҳибкории инфиродӣ бо қарори худи соҳибкор ё суд қатъ мегардад. Суд ҳуқуқ дорад фаъолияти соҳибкории инфиродиро дар ҳолати муфлис эълон намудани он ё вайрон намудани қонунгузории амалкунанда қатъ намояд. Аз лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳалномаи мазкур, бақайдгирии давлатии ӯ ба сифати соҳибкори инфиродӣ қувваи ҳуқуқиашро гум мекунад.

Таъмини ҳуқуқии соҳибкори инфиродӣ дар ҶТ дар сатҳи дисертатсионӣ аз ҷониби н.и.ҳ. Маҳмадшоев Ф.А. татқиқ шудааст[1].

[1] Ниг.: Махмадшоев Ф.А. Правовое обеспечение индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан. –Душанбе: «Эр-граф», 2012. – 196с.

5.6. Ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ

Ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ – шакли фаъолияти соҳибкории оддӣ ва паҳнгаштатарин дар мумомилоти мӯътадили молумулкӣ мебошад. Онҳо дар КГ номгӯи намудҳои алоҳидаи ташкилотҳои тиҷоратиро боз мекунанд, ки дар оянда бисёр умумӣ гашта дар доираи он ҳама намуди фаъолияти соҳибкорӣ ба амал бароварда мешавад, аз қабили истеҳсолӣ, савдо, миёнаравӣ, молиявӣ, қарзӣ, суғуртавӣ ва ғ. Ин намуди иттиҳод, ки соҳибкорон таъсис медиҳанд, дар ҳуқуқи аврупоӣ одатан кампания ва дар америкоӣ бошад корпоратсия меноманд.

Ширкат ва ҷамъият аломатҳои умумӣ бисёр доранд. Ҳамаи онҳо ташкилоти тиҷоратӣ мебошанд, ки мақсадашон гирифтани фоида ва тақсим намудани он миёни иштирокчиён мебошад. Онҳо акнун дорои қобилияти ҳуқуқдории умумӣ мебошанд, ки баамал баровардани ҳама намуди фаъолияти соҳибкориро, ки қонун манъ накардааст иҷозат медиҳад. Агар оиннома ё дигар ҳуҷҷатҳои таъсис соҳаи фаъолияти ҷамъият ва ширкати хоҷагидорро маҳдуд кунаду мақомотҳои иҷроияи он бо вайронкунии маҳдудияти мазкур аҳдро аз номи ҷамъият бастанд, онро бо роҳи беэътибор донистан мавриди баҳс қарор додан мумкин аст, танҳо дар ҳолати исбот намудани он, ки контрагент аз ин маҳдудият огаҳӣ дошт. Дар ҳолати баръакс аҳдро иҷро намудан лозим аст, шахсони ваколатдори онро баста дар назди ҷамъият ҷавобгар аст. Ҳамин тавр қонун пеш аз ҳама манфиати дигар иштирокчиёни муомилоти тиҷоратиро, ки набояд аз чунин маҳдудиятҳо огаҳӣ дошта бошанд ва бо ташкилоти тиҷорати ҳамчун бо субъекти дорои қобилияти ҳуқуқдории умумӣ сару кор дорад ҳифз мекунад. Ҷамъият ва ширкат молики ягонаи молумулки худ мебошанд. Ба ҳамаи он, ки сармояи оинномавӣ (дар ҷамъият) ё шариконаи (дар ширкат) онҳо ба ҳиссаи иштирокчиён тақсим мешавад, нигоҳ накарда ин ҳама молиумулки онро ба объекти ҳиссагии моликияти иштирокчиён мубаддал мегардонад. Зеро чунин сармоя воҳиди шартиро, ки аз арзиши (яъне арзиши пулӣ) ҳиссаи иштирокчиён ташкил ёфтааст ифода мекунад. Аз ин лиҳоз «ҳисса» дар чунин сармоя воҳиди шартӣ мебошад, ки ҳаҷми талаботи иштирокчиро аз ҷамъият ё ширкат муайян мекунад. Баръакс бошад нофаҳмо мешавад, ки кадом ҳуқуқро ба моликияти мустақили иштирокчиён худи ҷамъият ё ширкат дорад ва барои чӣ чунин шахси ҳуқуқӣ таъсис дода мешавад, зеро иштирокчиёни муносибатҳои моликияти ҳиссагӣ ҳамеша бо

уҳдадории умумӣ ба ҳамаи молумулкашон гарчанде ба ҳиссаи худ бошад ҳам ҷавобгаранд. Шахси ҳуқуқӣ бошад масъулият надорад (ё дар ин ҳолат ба ӯ молумулкӣ худӣ ба вуҷуд намеояд) ва барои ҳамин ба муассисони он маъноящро гум мекунад. Маълум аст, ки ин хулоса натиҷаи аҷидаҳои нодурусти аввала мебошад. Иштирокчиёни ҷамъият ё ширкат ҳуқуқи худро ба молумулки дар шакли ҳисса ба ҷамъият ва ширкат додаашон аз даст медиҳанд. Дар ивазаш онҳо ҳуқуқи талаби ҳатмиро ба даст меоранд: ба қисми фоида ва квотаи барҳамдиҳӣ (қисми молумулке, ки дар ҳолати барҳам додани шахси ҳуқуқии мазкур пас аз таъмин намудани талаботи ҳамаи кредиторон боқӣ мондааст), инчунин иштирок дар идоракунии корҳои ҷамъият, ки табиатан корпоративӣ буда ба муносибатҳои аъзогӣ асос ёфтааст. Ҷамъият ва ширкат дар асоси шартномаи муассисони он , яъне дар асоси ихтиёрӣ таъсис дода мешавад. Иштирокчиёни ин ташкилотои тиҷорати дар асоси қонун сохтори идоракуниро худашон муайян мекунанд ва мақомоте, ки фаъолияти онҳоро назорат мекунад таъсис медиҳанд. Фарқияти ҷамъият ва ширкат аз он бар меояд, ки ширкат дар қонун ҳамчун иттиҳоди шахсон, ҷамъият бошад ба сифати иттиҳоди сармоя пешбинӣ шудааст. Иттиҳоди шахсон, дар баробари ҳиссаи молумулкӣ, иштироки бевоситаи шахсиро дар корҳои ширкат пешбинӣ мекунад. Чи тавре, ки гап сари иштирок дар фаъолияти соҳибкорӣ меравад, иштирокчиён бояд вазъи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродиро дошта бошад. Мувофиқан соҳибкор метавонад танҳо иштирокчии як ширкат бошад, худи ширкат бошад метавонад танҳо аз соҳибкорон (яъне ҳуқуқ надорад, ки дар таркиби худ ташкилоти ғайритиҷоратӣ ё шаҳрвандонро, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул нестанд дошта бошад) иборат бошад. Аз фарқият аз он ҷамъият чун иттиҳоди сармояҳо иштироки шахсии муассисмонро дар корҳои худ пешбинӣ намекунад, аз ин лиҳоз роҳ медиҳад ба: якум ба дар як вақт иштирок кардан ба якчанд ҷамъият, аз он ҷумла бо фаъолияти хислати якхела дошта (ки хатари молумулкиро паст мекунад), дуюм, иштироки ҳама шахсон, на танҳо соҳибкорони касбӣ. Ба ғайр аз ин иштирокчиёни ширкат ба масъулияти он бо тамоми молумулки худ (ба истиснои ҳиссагузорони шарикони командитӣ) масъулияти бемаҳдуд дорад, пас дар ҷамъият иштирокчиён умуман ба масъулияти ҷамъият ҷавобгар нестанд, танҳо таваккали зарарро (аз даст додани ҳиссаҳо) бар дӯш доранд, агар иштирокчиёни ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдудро ба назар

нагирем. Барои он, ки бо ҳамон як молумулк дубора ба масъулияти якчанд ташкилоти мустақил ҷавобгар будан номумкин аст, чунин ҷавобгарӣ ба манфиати дар як вақт номумкин будани иштироки соҳибкорро ба якчанд ширкат шаҳодат медиҳад. КГ ба ширкат ширкати комил ва ширкати командитӣ (ба боварӣ асосёфта), ба ҷамъият бошад ҷамъияти дорои масъудияташ маҳдуд ва иловагӣ, саҳҳомӣ (шакли кушода ва пӯшида)-ро дохил мекунад. Номгӯи мазкур мукаммал буда, паҳнгаштатарин дар тартиботи ҳуқуқии дигар мебошад. Таъсис додани ҷамъият ва ширкатро бо шаклҳои дигар қонун истисно мекунад. Бар замми ин ҷамъият ва ширкат метавонанд дар фаъолияти ҷамъият ва ширктҳои дигар (ба сифати муассисон) иштирок кунанд. Ин ба пайдои ши шаклҳои гуногуни «омехта», инчунин «модарӣ» (назораткунанда) ва ширкатҳои фаръӣ оварда мерасонад, ки ба шакли мустақили ташкилию ҳуқуқӣ мувофиқат намекунад. Иштирокчиёни чи ширкат ва чи ҷамъият метавонанд ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ бошанд. Дар ин маврид зарур аст, ки иширокчиёни ширкат (ба ғайр аз ҳиссагузорони командитӣ) соҳибкорон бошанд, ба иштирокчиёни ҷамъият бошад ин маҳдудият паҳн намегардад. Ҷамъият метавонад аз ҷониби як шахс ҳам таъсис дода шавад ё як иштирокчӣ дошта бошад. Чунин «ташкилоти як шахс» дар мамлакатҳои иқтисоди бозоргониашон пешрафта бисёр паҳнгашта мебошад. Директиви «Бозори умумӣ» бевосита тавсия медиҳад, ки «ташкилотҳои як шахс» танҳо дар шакли ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд таъсис дода шавад. Шакли ташкилию ҳуқуқии мазкур бояд нақши корхонаи ғайримоликро дар моликони инфиродӣ, ташкилотҳои корпоративӣ, ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ, фондҳои хайриявӣ ва ғайра мушоҳида кунад, зеро КГ акнун таъсиси ташкилотҳои тиҷоратиро дар шакли корхонаҳои воҳид дар асоси моликияти давлатӣ иҷозат медиҳад. Ҷамъияти саҳҳомӣ низ метавонад «ташкилоти як шахс» бо иштироки 100 фоизаи давлат («ҷамъияти саҳомии давлатӣ»), ки ҳуқуқан молики молумулки худ ба шумор меравад бошад. Қонун якчанд маҳдудиятҳоро ба иштирокчиёни ҷамъият (ва ҳиссагузорони командитӣ) пешбинӣ намудааст. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, ҳуқуқи иштирокчиёни ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ва саҳмгузорони ширкатҳои ба боварӣ асосёфта буданро надоранд. Дар ҳолатҳои дигар иштироки онҳо ҳатто дар ҷамъиятҳои

хоҷагидорӣ манъ аст, онҳо ба ин мақсад танҳо метавонанд молумулки мувофиқ ва маҳаллӣ, аз он ҷумла воситаҳои андозсупорандагон, на аз они худро, ба ғайр аз ин мавҷудияти ваколатҳои муайяни ҳокимиятиро, яъне бартарияти вазъи оммавию ҳуқуқии худро истифода кунанд. Муассисаҳое, ки онҳоро моликонашон маблағгузорӣ менамоянд, агар дар қонун тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, бо иҷозати молик метавонанд иштирокчиёни ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ва саҳмгузорони ширкатҳо бошанд. Ин бо махсусияти режими ҳуқуқии молумулки онҳо, ки нисбати онҳочунин шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои маҳдуд доранд, алоқаманд мебошанд. Аммо муассиса метавонад аз фаъолияти хоҷагидорӣ, кимолик ба он дар ҳуҷҷатҳои таъсис иҷозат додааст даромад гирад ва аз ҳисоби он молумулк ба даст орад, ки нисбати онҳо ҳуқуқи васеътари амволӣ пайдо мешавад. Ин гуна молумулк ва даромадро, ки дар тавозуни алоҳидаи ташкилот қайд карда мешавад, ӯ ҳуқуқ дорад мустақилона ихтиёрдорӣ намояд, аз ҷумла онро метавонад ба молумулки ҷамъияти хоҷагидорӣ дар намуди ҳисса гузорад. Истисно будани иштироки категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандонро дар ҷамъият ё ширкат бояд танҳо бо қонун муқаррар карда шавад. Инак, соҳибкорони инфиродие, ки муфлис эълон шудаанд наметавонанд иштирокчии ширкат бошад, чунки аз ҳамин лаҳза ба ин сифат бақайдгирии давлатии онҳо беэътибор мегардад. Қонунгузорӣ дар бораи мубориза бо коррупсия ба шахсони мансабдорони мақомотҳои давлатӣ дар як вақт ба фаъолияти тиҷоратӣ машғул шуданро манъ мекунад. Ба даст овардани саҳмияҳои танҳо ҷамъияти саҳомии шакли кушода ба ҳама категорияҳои шаҳрвандон иҷозат дода мешавад. КГ ба «ташкилотҳои як шахс» (ҷамъият бо иштироки як шахс) иштирокчии ягонаи дигар ҷамъияти хоҷагидориро, яъне иштирокчии ҷамъияти хоҷагидории «ташкилотҳои як шахс» буданро манъ мекунад. Набудани чунин маҳдудият ба пайдоиши «матрешек», яъне ба пурра барҳам додани ҷавобгарӣ оварда мерасонд. Ба назар гирифтан зарур аст, ки маҳдудиятҳои муайян ба иштироки дуҷонибаи як ҷамъият ва ширкат ба ҷамъият ва ширкати дигар метввонад дар қонунгузории зиддимонополӣ ҳам пешбинӣ шавад. Ҳуқуқи камтарини зарурии иштирокчиёни ҷамъият ё ширкат. Ба онҳо чор ҳқуқҳои асосӣ дохил мешавад: 1) ба иштирок дар идоракунии корҳои чунин ташкилоти тиҷоратӣ (ки танҳо дар ҳисагузорони ширкати командитӣ ва саҳмдорони беовоз мавҷуд нестанд масалан, саҳмияҳои бартариятнок); 2) ба гирифтани

маълумоти зарурӣ оид ба фаъолияти он ва шинос шудан бо бо китоби муҳосибот ва дигар ҳуҷҷатҳои ташкилот; 3) ба иштирок дар тақсимоти фоида; 4) ба квотаи барҳамдиҳӣ. Ҳам қонунҳои махсус ва ҳам ҳуҷҷатҳои таъсиси ҷамъият ва ширкати мушаххас метавонад ин номгӯро зиёд кунад, аммо кам карда наметавонад. Дар қатори ин ба иштиокчиёни ҷамъият ва ширкат уҳдадориҳои муайян гузошта мешавад. Ба онҳо инҳо дохил мешаванд: якум, уҳдадорӣ оид ба гузоштани ҳисса; дуюм, уҳдадорӣ оид ба ошкор накардани маълумотҳои махфӣ оид ба фаъолияти ҷамъият ё ширкат. Ҳуҷҷатҳои таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ барои иштирокчиёни он метавонад дигар уҳдадориҳоро пешбинӣ кунад масалан, оид ба гузоштани ҳиссаи иловагӣ,оид ба худдорӣ намудан аз баамалбарории фаъолияти якхела ва ғ. Қайд намудан лозим аст, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштиокчиёни ҷамъият ва ширкат, барои ҳамаи шахсони ҳуқуқии ин шакли ташкилию ҳуқуқӣ умумӣ мебошад. Баъзе аз онҳо мавҷуд будани ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки дар қонун муқаррар шуда, дар ҳуҷҷатҳои таъсис дарҷ мегарданд пешбинӣ мекунад. Ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидории як навъ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс метавонанд бо қарори маҷлиси умумии иштирокчиён ба навъи дигари ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ё кооперативҳои истеҳсолӣ табдил дода шаванд. Дар сурати ба ҷамъият табдил додани ширкат ҳар шарики комиле, ки иштирокчии (саҳмдори) ҷамъият мегардад, дар давоми ду сол аз рӯи уҳдадориҳои аз ширкат ба ҷамъият гузашта бо тамоми молу мулки худ масъулияти иловагӣ ба зимма мегирад. Аз ҷониби шарики собиқа бегона кардани ҳиссааш (саҳмаш) ба ӯ тааллуқдошта ӯро аз чунин масъулият озод намекунад. Қоидаҳои дар ҳамин банд баёнгардида мутобиқан ҳангоми ба кооперативи истеҳсолӣ табдил додани ширкат истифода мешаванд. Ширкатҳои хоҷагидорӣ мумкин аст дар шакли ширкати комил ё ширкати ба боварӣ асосёфта (ширкати коммандитӣ) таъсис дода шаванд.Ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ метавонанд дар шакли ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ё иловагӣ таъсис дода шаванд. Ширкате комил дониста мешавад, ки иштирокчиёни он (шарикони комил) мутобиқи шартномаи байнашон имзошуда аз номи ширкат бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда, аз рӯи уҳдадориҳои он нисбати тамоми молу мулки ба онҳо тааллуқдошта масъулият бар дӯш доранд. Шахс иштирокчии танҳо як ширкати комил буда метавонад. Номи фирмавии ширкати комил бояд инҳоро дар бар

гирифта бошад: номи (унвони) ҳамаи иштирокчиёни он, инчунин калимаҳои «ширкати комил» ё номи (унвони) як ё якчанд иштирокчӣ бо илова кардани калимаҳои "ва компания" инчунин калимаҳои «ширкати комил». Мавқеи шарикони комиле, ки дар ширкати ба боварӣ асосёфта иштирок доранд ва масъулияти онҳо аз рӯи уҳдадориҳои ширкат мувофиқи қоидаҳои КГ дар хусуси иштирокчиёни ширкати комил муайян карда мешавад. Шахс танҳо дар як ширкати ба боварӣ асосёфта шарики комил буда метавонад. Иштирокчии ширкати комил шарики комили ширкати ба боварӣ асосёфта буда наметавонад. Шарики комил дар ширкати ба боварӣ асосёфта иштирокчии ширкати комил буда наметавонад. Номи фирмавии ширкати ба боварӣ асосёфта бояд аз номи (номгӯи) ҳамаи шарикони комил ва калимаҳои “ширкати ба боварӣ асосёфта" ё "ширкати коммандитӣ" ва ё аз номи (номгӯи) на камтар аз як шарики комил бо иловаи калимаҳои "... ва шариконаш" ва калимаҳои “ширкати ба боварӣ асосёфта" ё "ширкати коммандитӣ" иборат бошад. Нисбати ширкати ба боварӣ асосёфта қоидаҳои КГ дар бораи ширкати комил ба ҳамон андозае истифода мешаванд, ки он хилофи қоидаҳои КГ дар хусуси ширкати ба боварӣ асосёфта набошад. Ҷамъияти аз ҷониби як ё якчанд шахс таъсисгардидае ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд дониста мешавад, ки сармояи оинномавии он ба ҳиссаҳои баробар, ба андозаи муайяннамудаи ҳуҷҷатҳои таъсис тақсим шудааст. Иштирокчиёни ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд аз рӯи уҳдадориҳои он масъулият надоранд ва зиёни таваккали марбут ба фаъолияти ҷамъиятро дар доираи арзиши саҳми гузоштаашон бар дӯш доранд. Иштирокчиёни пурра саҳм нагузоштаи ҷамъият, аз рӯи уҳдадориҳои он дар доираи арзиши қисми пардохтанашудаи саҳми ҳар иштирокчӣ масъулияти муштарак доранд. Номи фирмавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд бояд номи ҷамъият ва ибораи "дорои масъулияти маҳдуд"-ро дошта бошад. Мавқеи ҳуқуқии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни он бо КГ ва қонун дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд муайян карда мешаванд. Ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ ҷамъияте дониста мешавад, ки аз ҷониби як ё чанд шахс таъсис гардида, фонди оинномавиаш мувофиқи андозаҳои дар ҳуҷҷатҳои таъсис муайянгардида ба ҳиссаҳо тақсим мешавад; иштирокчиёни чунин ҷамъият аз рӯи уҳдадориҳои он бо молу мулки худ ба андозаи дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ҷамъият муайянгардидаи барои ҳамаашон баробари ар-

зиши саҳми гузоштаашон масъулияти муштараки иловагӣ доранд. Агар дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ҷамъият тартиби дигари тақсимоти масъулият пешбинӣ нагардида бошад, дар сурати муфлисшавии яке аз иштирокчиён масъулияти ӯ аз рӯи уҳдадориҳои ҷамъият байни иштирокчиёни боқимонда мутаносибан ба саҳмҳояшон тақсим карда мешавад. Номи фирмавии ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ бояд номи ҷамъият, инчунин ибораи «дорои масъулияти иловагӣ»-ро дар бар гирад. Нисбати ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ қоидаҳои КГ дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд истифода мешаванд, зеро дар ҳамин модда қоидаҳои дигаре пешбинӣ нагардидаанд. Ҷамъияти саҳомӣ ҷамъияте дониста мешавад, ки фонди оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим шудааст; иштирокчиёни ҷамъияти саҳҳомӣ (саҳмдорон) аз рӯи уҳдадориҳои он масъулият надоранд ва зиёни таваккали марбут аз фаъолияти ҷамъиятро ба андозаи арзиши саҳмияҳои ба онҳо тааллуқдошта ба зимма мегиранд. Саҳмдороне, ки арзиши саҳмияҳоро пурра напардохтаанд, аз рӯи уҳдадориҳои ҷамъияти саҳҳомӣ дар доираи қисми пардохтанашудаи арзиши саҳмияҳояшон масъулияти муштарак доранд. Номи фирмавии ҷамъияти саҳҳомӣ бояд номи он ва ишораи саҳҳомӣ будани ҷамъиятро дар бар гирифта бошад. Мавқеи ҳуқуқии ҷамъияти саҳҳомӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои саҳмдорон мутобиқи КГ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» муайян карда мешавад. Хусусиятҳои мавқеи ҳуқуқии ҷамъиятҳои саҳҳомие, ки бо роҳи хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ таъсис ёфтаанд, инчунин бо қонуни хусусигардонии ин корхонаҳо муайян карда мешаванд. Ҷамъияти саҳҳомие, ки иштирокчиёнаш саҳмияҳои худро бе ризояти саҳмдорони дигар бегона карда метавонад, ҷамъияти саҳҳомии кушода эътироф мегардад. Чунин ҷамъияти саҳҳомӣ ҳуқуқ дорад, ки мутобиқи шартҳои муқаррарнамудаи қонун ва санади дигари ҳуқуқӣ обунаи озоди саҳмияҳои мебаровардааш ва фурӯши озоди онҳоро амалӣ гардонад. Ҷамъияти саҳҳомии кушода ҳар сол ҳисоботи солона, баланси муҳосибавӣ ва ҳисоби фоидаю зиёнро барои маълумоти умум нашр мекунад. Ҷамъияти саҳҳомие, ки саҳмияҳои он танҳо байни муассисонаш ё доираи шахси дигари пешакӣ муайян тақсим мешаванд, ҷамъияти саҳҳомии пӯшида дониста мешавад. Чунин ҷамъият барои обунаи озоди саҳмияҳои мебаровардааш ва ё ба тариқи дигар ба доираи номаҳдуди ашхос ҷиҳати харид пешниҳод кардани онҳо ҳуқуқ надорад.

Саҳмдорони ҷамъияти саҳҳомии пӯшида дар харидани саҳмияҳои аз ҷониби саҳмдорони дигари ин ҷамъият фурӯхташаванда ҳуқуқи афзалиятнок доранд. Шумораи иштирокчиёни ҷамъияти саҳҳомии пӯшида набояд аз шумораи муқаррарнамудаи қонун дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ бештар бошад, дар акси ҳол он бояд дар давоми як сол ба ҷамъияти саҳҳомии кушода табдил дода шавад ва агар пас аз гузаштани ин мӯҳлат шумораи онҳо то ҳадди муқаррарнамудаи қонун кам нашавад, бояд аз тариқи суд барҳам дода шавад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонуни ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ҷамъияти саҳҳомии пӯшида метавонад барои ба маълумоти умум ба табъ расонидани ҳуҷҷатҳои дар КГ зикргардида вазифадор карда шавад.

5.7. Вазъи ҳуқуқии соҳибкорони хориҷӣ дар ҶТ

Барои танзими муносибатҳои бозоргонӣ низоми онро таъсис дадан лозим аст. Чунин низом имрӯзҳо алакай таъсис дода шудааст. Ин қонунгузорӣ оид ба соҳибкорӣ мебошад, ки муносибатҳоро дар соҳаҳои хусусӣ ба танзим медарорад, масалан Қонуни ҶТ «дар бораи ҷамъияти саҳҳомӣ», Қонунуи ҶТ «Дар бораи бозори қоғазҳои қимматнок», Қонунуи ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» ва ғ. Дар қатори таъсис додани қонунгузорӣ дар Тоҷикитон ҷараёни пурраи мустаҳкамкунии сиёсӣ гузашта истодааст, ки ба дар бозори ҶТ омадани соҳибкорони хориҷӣ, ки барои онҳо бисёр ҷалбкунанда аст як такон буд. Дар ин шароитҳо зарур аст, ки режими ҳуқуқиишахсони ҳуқуқии хориҷиро ба мақсади риояи дуҷонибаи ҳам манфиатҳои Тоҷикистон ва ҳам соҳибкорони хориҷӣ дақиқ муайян кунем. Танзими ҳуқуқии соҳаи азкур васеъ ва бисёрҷониба мебошад, зеро муносибатҳое, ки соҳибкорони хориҷӣ ба он дохил мешаванд амалан ҳамаи соҳаҳои фаъолияти хоҷагиро фаро мегирад. Махсусан ин пас аз солҳои 2000-ум, вақте иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гашт ба чашм расид. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои дуҷониба бо соҳибкорони хориҷӣ бошад, пас инҷо гап пеш аз ҳама оид ба сармояи хориҷӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ меравад. Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 12 маи соли 2007, №260[1] сармоягузорони хориҷӣ дар ҶТ инҳо мебошанд: ба сифати сармоягузорони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо эътироф карда мешаванд: давлатҳои хориҷӣ ва воҳидҳои маъмурию ҳудудии онҳо дар

[1] АМОҶТ с.2007г, № 5, м. 365.

шахси мақомоти ваколатдор; ташкилотҳои байналмилалӣ; шахсони ҳуқуқии хориҷӣ; ташкилотҳои хориҷие, ки шахсони ҳуқуқӣ набуда мутобиқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ташкил шудаанд; шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд. Давлат баробарҳуқуқии сармоягузори хориҷӣ ва сармоягузори ватаниро кафолат дода, дар муносибат бо сармоягузорон вобаста ба мансубияти шаҳрвандӣ, миллӣ, забонӣ, ҷинсӣ, нажодӣ, эътиқоди динӣ, ҷои анҷом додани фаъолияти иқтисодӣ, инчунин кишвари асли баромади сармоягузор ва сармоягузорӣ, ба ҳеҷ гуна поймолкунии ҳуқуқ роҳ намедиҳад. Қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи Тоҷикистон эътирофгардида ба сармоягузор ҳимояи пурра ва ҳатмии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниашро кафолат медиҳанд. Дар ҳолати ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории вобаста ба сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорон ба мӯҳлати панҷ сол аз рӯзи интишори расмии тағйиру иловаҳо ҳуқуқи интихоби шароити барои онҳо мусоидтарро доранд. Ин низом нисбат ба тағйиру иловаҳои воридшаванда дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо масъалаҳои амнияти миллӣ, тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист, маънавиёт ва ахлоқ вобастаанд, татбиқ намегардад. Сармоягузор мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷуброни зарари расонидашуда ҳуқуқ дорад, ки дар натиҷаи аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ қабул шудани санадҳои мухолифи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар натиҷаи амалҳои (беамалии) ғайриқонунии шахсони мансабдори ин мақомот ба вай расонида шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯътадилии шартҳои шартномаҳоеро, ки байни сармоягузор ва мақомоти давлатӣ баста шудаанд, кафолат медиҳад, ба истиснои ҳолатҳое, ки тағйиру иловаҳо дар шартномаҳо бо ризоияти тарафҳо ворид карда шаванд. Сармоягузорони хориҷӣ, намояндагони онҳо ва коргарони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фаъолияти сармоягузорӣ қарор доранд, ҳуқуқи ҷойивазкуниро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд, ба истиснои қаламраве, ки дар онҳо шароит ва тартиби будубош бо қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд. Сармоягузорон ҳуқуқ доранд:барои нигоҳ доштан ва истифода бурдани даромадҳо ва маблағҳои дигар дар бонкҳои қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пули миллӣ ва (ё)

асъори хориҷӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобҳои бонкӣ кушоянд; бо салоҳдиди худ фоидаҳои аз фаъолияти худ ба дастовардаро баъди пардохтани андозҳо ва пардохтҳои дигари ҳатмӣ истифода намоянд. Ба сармоягузорон ва кормандони хориҷӣ ҳуқуқи барои ба хориҷа интиқол додани маблағи даромади онҳо ва музди меҳнат бо асъори хориҷӣ, ки ба таври қонунӣ аз сармоягузориҳо ва фаъолияти истеҳсолӣ ба даст омадааст, кафолат дода мешавад. Ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти сармоягузорӣ бе гуноҳи сармоягузор ӯ ба ҷуброни сармояҳояш ва даромадҳои ба ин восита гирифта, дар шакли пулӣ ва ё молӣ аз рӯи арзиши аслӣ дар лаҳзаи қатъи фаъолияти сармоягузорӣ ҳуқуқ дорад. Соҳибкорони хориҷӣ дорои ҳамон ҳуқуқу уҳдадориҳое мебошанд, ки қонунгузор барои соҳибкорони ватанӣ ҷудо намудааст.

БОБИ VI. ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ НАМУДҲОИ АЛОҲИДАИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

6.1. Хусусиятҳои таъсис ва ба даст овардани фоида дар ширкати хоҷагидорӣ
6.2. Ширкати комил
6.3. Ширкати ба боварӣ асосёфта
6.4. Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд
6.5. Ҷамъияти дорои масъулияташ иловагӣ
6.6. Ҷамъияти саҳҳомӣ
6.7. Ҷаъияти фаръӣ ва вобаста
6.8. Кооперативи истеҳсолӣ
6.9. Фаъолияти фоидаовари корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ
6.10. Иттиҳоди соҳибкорон

6.1. Хусусиятҳои таъсис ва ба даст овардани фоида дар ширкати хоҷагидорӣ

Аломатҳои махсуси ҷамъият ва ширкати хоҷагӣ ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ ин дар онҳо мавҷуд будани сармояи оинномавӣ (дар ҷамъият) ё ҳарифона (дар ширкат), ки ба ҳиссаҳои (пасандозҳои) муассисон (иштирокчиён) тақсим шудааст ва вазъи ҳуқуқи моликият ба молумулки ба онҳо тааллуқ дошта ба шумор меравад.

Дар зери сармояи оинномавӣ (шарикона) арзиши умумии ҳиссаи гузоштаи муассисон (иштирокчиён) ба ҷамъият ё ширкат мебошад. Дар ҷараёни фаъолияти ҷамъият ё ширкат арзиши ҳиссаҳои мазкур мумкин аст аз ҳисоби даромад ва дигар сарчашмаҳои манънакардаи қонун зиёд карда шавад. Ҳисса метавонад ҳам дар шакли пул ва ҳам дар шакли ғайрипулӣ бошад. Ба сифати ҳиссаи ғайрипулӣ метавонад қоғазҳои қимматнок, ашёҳои дигар ва ҳуқуқи молумулкӣ, ёҳуқуқҳои дигаре, ки арзиши пулӣ доранд баромад кунанд. Ба ҳайси охирон ҳуқуқи истисноӣ ба натиҷаи фаъолияти эҷодӣ ва воситаҳои фардикунонии шахси ҳуқуқӣ, фардикунонии маҳсулот, корҳ ва хизматҳои иҷрошаванда, дохил мешавад. Дар ин маврид дуруст мешуд агар чунин меҳисобидем, ки ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ имконияти мустақилона ихтиёрдорӣ намудани ҳуқуҳои мазкурро, ки бо шакли муқаррарнамудаи қонун моддӣ гардонда шудааст, пайдо мекунад. Талаботи нишондодашуда нисбати ҳуқуқи молумулкӣ ва дигар ҳуқуқҳо, ки ба ҳиссаи ҷамъият ё ширкат ворид карда мешавад, татбиқ карда мешавад. Баҳогузории пулии

ҳиссаи молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ, ки пул ба шумор намеравад, дар ҷамъияти хоҷагидорӣ бо розигии байни муассисони (иштирокчиён) он ба амал бароварда мешавад ва дар ҳолатҳои пешбинӣ намудаи қонун аз ҷониби коршиноси мустақил баҳогузорӣ карда мешавад. Нисбати ҷамъияти хоҷагидории алоҳида қонун ба мақомотҳои ба он ваколатдор ва ташкилотҳо ҳуқуқи муқаррар намудани ҳадди ниҳоии ҳаҷми молумулки (ғайрипулии) сармояи оинномавиро медиҳад. Сармояи оинномавӣ (шарикона) пояи моддии фаъолияти ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ ва ҳаҷми минималии молумулке, ки манфиати кредиторонро кафолат медиҳад муқаррар мекунад. муайян мекунад. Дар баробари молумулки аз ҳисоби ҳиссаи муассисон (иштирокчиён) таъсисдодашуда, дар ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ метавонад молумулки дигар, ки дар ҷараёни фаъолият истеҳсол ва ё ба даст оварда шуд, мавҷуд бошад. Арзиши чунин молумулк мафҳуми сармояи оинномавиро (шариконаро) фаро намегирад. Ҳама молумулк новобаста аз он, ки аз ҳисоби ҳиссаи муассисон (иштирокчиён) таъсисдодашудааст ё дар ҷараёни фаъолият истеҳсол ва ё ба даст оварда шудааст, ба ҳуқуқи моликияти ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ тааллуқ дорад. Муассисони (иштирокчиёни) ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ молики моликияти мазкур намебошанд.Мафҳуми «ҳиссаи муассис дар сармояи оинномавӣ» дар КГ истифода мешавад. Ҳисса қисми моликияти шахси ҳуқуқӣ мебошад. Ҳуқуқ ба ҳиссаи муассис (иштирокчӣ) дар самояи оинномавии (шарикона) ҷамъият ва ширкати хоҷагӣ, ин унсури муносибатҳои ҳуқуқӣ дар дохили шахси ҳуқуқӣ мебошад. Ҳуқуқи мазкур дар мавриди муайян намудани шумораи овозҳо, ки ба иштирокчиёни маҷлиси умумии ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ, ҳиссаи молумулке, ки дар мавриди аз ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ баромадан ё дар мавриди барҳам хурдани он, ва амалисозии ҳуқуқҳои дигари иштирокчиён бисёр муҳим мебошад. Дар маҷмӯ бо ҳуқуқи номбаршуда ба ҳисса да сармоя ҳуқуқи васеътарро, бо номи ҳуқуқи иштирок кардан дар пешбурди корҳои ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ ташкил мекунад. Маҳз ҳуқуқи мазкур бояд чун объекти муносибатҳои беруна, ки оид ба тағйирёбии таркиби иштирокчиёни ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ пайдо мешавад, хизмат кунад. Ба таркиби моликияте, ки ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ истифода мебарад, метавонад моликияте низ дохил шавад, ки дар асоси шартномаи иҷора ва дигар асосҳои ҳуқуқӣ, ки ба ҳуқуқи моликият дохил намешавад истифода мешавад. Шахсон ва сармояҳо чи дар ҷамъият ва чи

дар ширкат мавҷуданд. Ҷудокунии мазкур, ки онро ҳатмӣ шуморидан мумкин нест, мақсадаш муайян намудани хислати фаъолияти гурӯҳҳои мазкури ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошад. Шарикони комили ширкати хоҷагидорӣ уҳдадоранд, ки шахсан ба фаъолияти ширкат иштирок наиоянд. Аз ин лиҳоз, сифати шахсии иштирокчиён, на ҳиссаи онҳо ба сармояи шарикона, дар фаъолияти ширкат нақши ҳалкунанда мебозад. Баръакс, дар фаолияти ҷамъият нақши асосиро сармоя мебозад, ки иштирокчиён мегузоранд ва идоракунии онро шахси тахассусан тайёрнамуда, ки шарик ё саҳмдор набошад, ҳуқуқи идора карданро дорад. Аз ин лиҳоз шахсият дар фаъолияти ҷамъият нақши муҳим надорад. Барои ширкати хоҷагидорӣ шакли ширкати комил ва ширкати ба боварӣ асосёфта пешниҳод шудааст, барои ҷамъияти хоҷагидорӣ бошад ҶС (ҶСШК ва ҶСШП), ҶДММ ва ҶДМИ пешбинӣ шудааст. Шаҳрвандоне, ки соҳибкор нестанд, метавонанд иштирокчии ҷамъияти хоҷагидорӣ бошанд ва дар ширкати ба боварӣ асосйфта ҳиссагузор бошанд. Шаҳрвандоне, ки соҳибкори инфиродӣ мебошанд, инчунин метавонанд иштирокчии ширкати комил ва ширкати комил дар ширкат бошад, яъне ба сифати иштирокчӣ дар ҳама намуди ширкатҳо бо маҳдудиятҳои пешбининамудаи КГ ҶТ иштирок кунад.

Шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти тиҷоратӣ намебошад метавонад иштирокчии ҷамъияти хоҷагидорӣ бошанд ва дар ширкати ба боварӣ асосйфта ҳиссагузор бошанд. Дар ин маврид ташкилоти аз ҷониби молик маблағгузоришаванда, агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, метавонад ҳуқуқи мазкурро танҳо бо розигии молик истифода барад. Шахси ҳуқуқӣ, ки ташкилоти тиҷоратӣ мебошад, метавонад ба сифати иштирокчӣ дар ҳама намуди ширкатҳо ва ҷамъиятӣ бо маҳдудиятҳои пешбининамудаи КГ ҶТ иштирок кунад. Мақомотҳои давлатӣ ва мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ ҳуқуқ надоранд иштирокчии ҷамъияти хоҷагидорӣ ва ҳиссагузор дар ширкати ба боварӣ асосёфта бошанд.

6.2. Ширкате комил

Ширкате комил дониста мешавад, ки иштирокчиёни он (шарикони комил) мутобиқи шартномаи байнашон имзошуда аз номи ширкат бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда, аз рӯи уҳдадориҳои он нисбати тамоми молу мулки ба онҳо тааллуқдошта масъулият бар дӯш доранд. Шахс иштирокчии танҳо як ширкати комил буда метавонад. Номи фирмавии шир-

кати комил бояд инҳоро дар бар гирифта бошад: номи (унвони) ҳамаи иштирокчиёни он, инчунин калимаҳои «ширкати комил» ё номи (унвони) як ё якчанд иштирокчӣ бо илова кардани калимаҳои "ва компания" инчунин калимаҳои «ширкати комил». Ширкати комил дар асоси шартномаи таъсис бунёд гардида, амал мекунад ва ин шартнома вазифаи оинномаи ширкати комилро низ анҷом медиҳад. Шартномаи таъсисиро ҳамаи иштирокчиёни он имзо мекунад. Шартномаи таъсиси ширкати комил ғайр аз маълумоти дар КГ ҶТ зикргардида, инчунин бояд шартҳоро дар бораи андоза ва таркиби фонди оинномавии (сармояи шариконаи) ширкат; дар бораи андоза ва тартиби тағйир додани ҳиссаи ҳар иштирокчӣ дар фонди оинномавӣ; дар бораи андоза, таркиб, мӯҳлат ва тартиби саҳмгузории он; дар бораи масъулияти иштирокчиён барои вайрон кардани уҳдадориҳои саҳмгузории онро дар бар гирифта бошад. . Идоракунии фаъолияти ширкати комил бо мувофиқаи тамоми иштирокчиён сурат мегирад. Дар шартномаи таъсис мумкин аст ҳолатҳое пешбинӣ карда шаванд, ки қарор бо аксарияти овози иштирокчиён қабул мегардад. Агар дар шартномаи таъсис тартиби дигари муайян намудани шумораи овозҳои иштирокчиён пешбинӣ нагардида бошад, ҳар иштирокчии ширкати комил як овоз дорад. Ҳар иштирокчии ширкат, сарфи назар аз он ки барои пешбурди корҳои умумӣ ваколатдор аст ё не, ҳақ дорад шахсан бо тамоми ҳуҷҷатҳои марбут ба пешбурди кори ширкат шинос шавад. Рад кардани чунин ҳуқуқ ё маҳдуд кардани он, аз ҷумла дар асоси созишномаи иштирокчиёни ширкат, эътибор надорад. Агар дар шартномаи таъсис ё созишномаи дигари иштирокчиён тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, фоида ва зиёни ширкати комил байни иштирокчиёнаш мутаносибан ба ҳиссаи онҳо дар фонди оинномавӣ тақсим карда мешавад. Созиши аз фоида ё зиён бенасибгардондани ҳар кадоме аз иштирокчиёни ширкат, манъ аст. Агар дар натиҷаи расидани зиён ба ширкат арзиши дороиҳои софи он аз андозаи фонди оинномавиаш камтар шавад, фоидаи бадастовардаи он то замоне, ки арзиши дороиҳои нақд аз андозаи фонди оинномавӣ зиёдтар нашавад, байни иштирокчиён тақсим карда намешавад.

6.3. Ширкати ба боварӣ асосёфта

Ширкати ба боварӣ асосёфта (ширкати коммандитӣ) он ширкате дониста мешавад, ки дар он дар баробари иштирокчиёне, ки аз номи ширкат фаъолияти соҳибкориро ба амал бароварда, аз

рӯи уҳдадориҳои ширкат бо молу мулки худ масъулият доранд (шарикони комил), як ё якчанд иштирокчии саҳмгузоре (коммандистон) ҳастанд, ки таваккали зиёни марбут ба фаъолияти ширкатро дар доираи маблағи саҳмгузориашон бар ӯҳда дошта, дар татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби ширкат иштирок намекунанд. Мавқеи шарикони комиле, ки дар ширкати ба боварӣ асосёфта иштирок доранд ва масъулияти онҳо аз рӯи уҳдадориҳои ширкат мувофиқи қоидаҳои КГ ҶТ дар хусуси иштирокчиёни ширкати комил муайян карда мешавад. Шахс танҳо дар як ширкати ба боварӣ асосёфта шарики комил буда метавонад. Иштирокчии ширкати комил шарики комили ширкати ба боварӣ асосёфта буда наметавонад. Шарики комил дар ширкати ба боварӣ асосёфта иштирокчии ширкати комил буда наметавонад. Номи фирмавии ширкати ба боварӣ асосёфта бояд аз номи (номгӯи) ҳамаи шарикони комил ва калимаҳои “ширкати ба боварӣ асосёфта" ё "ширкати коммандитӣ" ва ё аз номи (номгӯи) на камтар аз як шарики комил бо иловаи калимаҳои "... ва шариконаш" ва калимаҳои “ширкати ба боварӣ асосёфта" ё "ширкати коммандитӣ" иборат бошад. Нисбати ширкати ба боварӣ асосёфта қоидаҳои КГ ҶТ дар бораи ширкати комил ба ҳамон андозае истифода мешаванд, ки он хилофи қоидаҳои Кодекси мазкур дар хусуси ширкати ба боварӣ асосёфта набошад. Ширкати ба боварӣ асосёфта дар асоси шартномаи таъсис бунёд гардида, фаъолият мекунад. Шартномаи таъсис аз ҷониби ҳамаи шарикони комил ба имзо расонида мешавад. Шартномаи таъсиси ширкати ба боварӣ асосёфта ғайр аз маълумоти дар КГ ҶТ зикргардида, инчунин бояд шартҳоро дар бораи андоза ва таркиби сармояи муштараки ширкат; дар бораи андоза ва тартиби тағйир додани ҳиссаи ҳар яке аз шарикони комил дар сармояи муштарак; дар бораи андоза, таркиб, мӯҳлат ва тартиби саҳм гузоштаи онҳо, масъулияти онҳо барои вайрон кардани уҳдадориҳои саҳмгузорӣ; дар бораи андозаи умумии саҳми гузоштаи саҳмгузоронро дар бар гирад.

Саҳмгузори ширкати ба боварӣ асосёфта вазифадор аст, ки ба сармояи муштарак саҳм гузорад. Гузоштани саҳмро шаҳодатномаи иштироки аз ҷониби ширкат ба саҳмгузор додашуда тасдиқ менамояд. Саҳмгузори ширкати ба боварӣ асосёфта ҳуқуқ дорад, ки: а) мувофиқи тартиби пешбининамудаи шартномаи таъсис қисми фоидаи ширкатро барои ҳиссааш дар сармояи муштарак гирад; б) бо ҳисоботу баланси ширкат шинос шавад; в) баъди анҷоми соли молиявӣ аз ҳайати ширкат баромада,

мувофиқи тартиби пешбининамудаи шартномаи таъсис саҳми худро гирад; г) ҳиссаи худро дар сармояи муштарак ё як қисми онро ба саҳмгузори дигар ё шахси сеюм диҳад. Мувофиқи шартҳо ва тартиби пешбининамудаи қисми 2 моддаи 100 КГ ҶТ саҳмгузорон нисбат ба шахси сеюм дар харидани ҳисса (қисми он) ҳуқуқи афзалиятнок доранд. Дар сурати тамоми ҳиссаи худро ба шахси дигар додани саҳмгузор иштироки ӯ дар ширкат қатъ мегардад. Дар шартномаи таъсиси ширкати ба боварӣ асосёфта мумкин аст ба саҳмгузор ҳуқуқҳои дигаре пешбинӣ карда шавад.

6.4. Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» аз 10 маи соли 2002, №53[1] Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд (минбаъд ҷамъият) ҷамъияти хоҷагиест, ки аз ҷониби як ё якчанд шахс таъсис дода шуда, сармояи оинномавии он бо ҳиссаи ҳаҷми муайянкардаи ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ тақсим шудааст. Иштирокчиёни ҷамъият аз рӯи уҳдадориҳои он масъулият надоранд ва зиёни таваккали марбут бо фаъолияти ҷамъиятро дар доираи арзиши саҳми гузоштаашон ба ӯҳда доранд. Иштирокчиёни ҷамъият, ки ба сармояи оинномавии ҷамъият саҳмро дар ҳаҷми пурраш нагузоштаанд, тибқи уҳдадории он дар доираи арзиши қисми пардохтнашудаи саҳми ҳар кадом иштирокчии ҷамъият масъулияти муштарак доранд. Ҷамъият дар моликият амволи алоҳида дорад, ки дар баланси мустақили он ба ҳисоб гирифта мешавад, вай аз номи худ ҳуқуқҳои амволӣ ва шахсии ғайриамволиро ба даст дароварда ва онро амалӣ менамояд, уҳдадориро ба зимма гирифта, дар суд даъвогар ва ҷавобгар шуда метавонад. Ҷамъият шахси ҳуқуқӣ буда бо тартиби муқарраркардашуда метавонад дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он суратҳисобҳои бонкӣ кушояд. Ҷамъият ташкилоти тиҷоратӣ буда, дорои ҳуқуқҳои граждани мебошад ва уҳдадориҳои зарурии ба фаъолияташ алоқамандро барои амалӣ намудани ҳамагуна фаъолияти дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нашуда ба зимма мегирад. Ба намудҳои алоҳидаи фаъолияти дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ҷамъият танҳо дар асоси иҷозатнома (литсензия) машғул шуда метавонад. Агар дар шартҳои додани иҷозатнома барои ба амал баровардани намуди муайяни фаъолият талаби чун фаъолияти истисноӣ амалӣ гардонидани он пешбинӣ шуда бошад, ҷамъият дар давоми мӯҳлати амали

[1] АМОҶТ с.2002, №4, қ.2, м. 314; с.2008., №10, м. 810; с.2010., №12, м.815.

иҷозатнома ҳақ дорад танҳо намудҳои фаъолияти пешбиникардаи иҷозатномаро ба амал барорад. Шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ иштирокчиёни ҷамъият буда метавонанд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки гурӯҳи алоҳидаи шаҳрвандонро дар ҷамъиятҳо манъ ё маҳдуд карданаш мумкин аст. Мақомоти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ҳақ надоранд, ки иштирокчиёни ҷамъият бошанд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаи дигареро муқаррар накунад. Ҷамъиятро як шахс таъсис дода метавонад, ки он иштирокчии ягона мегардад. Ҷамъият минъбад ҷамъияти дорои як иштирокчӣ шуда метавонад. Ҷамъият ба сифати иштирокчии ягона ҷамъияти дигари хоҷагии аз як шахс иборат бударо дошта наметавонад. Шумораи иштирокчиёни ҷамъият набояд бештар аз сӣ нафар бошад. Дар ҳолатҳое, ки шумораи иштирокчиёни ҷамъият аз ҳадди муқарраркардаи ҳамин банд зиёд бошад, ҷамъият дар давоми сол бояд ба ҷамъияти кушоди саҳҳомӣ ё кооперативи истеҳсолӣ табдил ёбад. Агар дар давоми мӯҳлати зикрёфта ҷамъият аз нав таъсис дода нашавад ва шумораи иштирокчиёни ҷамъият то ҳадди муқарраркардаи ҳамин банд кам нагардад, он ба тариқи судӣ бо талаби мақоме, ки шахсони хуқуқиро ба қайди давлатӣ мегирад, ё дигар мақомоти давлатӣ ё мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ки онҳоро қонун барои пешниҳоди чунин талаб ҳуқуқ додааст, барҳам дода мешавад. Ҷамъият ҳақ дорад фоидаи софи худро дар байни иштирокчиёни ҷамъият тақсим кунад. Қарор дар бораи тақсими қисми фоидаи ҷамъият дар байни иштирокчиёни ҷамъият аз тарафи маҷлиси умумии иштирокчиёни ҷамъият қабул карда мешавад. Як қисми фоидаи ҷамъият, ки барои тақсим дар байни иштирокчиёни он таъин шудааст, мутаносибан ба саҳми онҳо дар сармояи оинномавии ҷамъият тақсим карда мешавад. Дар оинномаи ҷамъият ҳангоми тасдиқи он ё бо роҳи ба оинномаи ҷамъият ворид кардани тағйирот бо қарори маҷлиси умумии иштирокчиёни ҷамъият, ки ҳамаи иштирокчиёни ҷамъият якдилона қабул менамоянд, мумкин аст тартиби дигари тақсими фоида дар байни иштирокчиёни ҷамъият муқаррар карда шавад.

6.5. Ҷамъияти дорои масъулияташ иловагӣ

Ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ ҷамъияте дониста мешавад, ки аз ҷониби як ё чанд шахс таъсис гардида, фонди оинномавиаш мувофиқи андозаҳои дар ҳуҷҷатҳои таъсис муайянгардида ба ҳиссаҳо тақсим мешавад; иштирокчиёни чунин ҷамъият аз рӯи

уҳдадориҳои он бо молу мулки худ ба андозаи дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ҷамъият муайянгардидаи барои ҳамаашон баробари арзиши саҳми гузоштаашон масъулияти муштараки иловагӣ доранд. Агар дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ҷамъият тартиби дигари тақсимоти масъулият пешбинӣ нагардида бошад, дар сурати муфлисшавии яке аз иштирокчиён масъулияти ӯ аз рӯи уҳдадориҳои ҷамъият байни иштирокчиёни боқимонда мутаносибан ба саҳмҳояшон тақсим карда мешавад. Номи фирмавии ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ бояд номи ҷамъият, инчунин ибораи «дорои масъулияти иловагӣ»-ро дар бар гирад. Нисбати ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ қоидаҳои КГ ҶТ дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд истифода мешаванд, зеро дар ҳамин модда қоидаҳои дигаре пешбинӣ нагардидаанд.

6.6. Ҷамъияти саҳомӣ

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007, №237[1] ҷамъияти саҳомӣ - ташкилоти тиҷоратие, ки сармояи оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим шуда, иштирокчиёни (саҳмдорони) он аз рӯи уҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ масъулият надоранд ва таваккали зарари вобаста ба фаъолияти онро дар доираи арзиши саҳмияҳои марбуташон ба зимма доранд. Ҷамъияти саҳомӣ шахси ҳуқуқӣ буда, уҳдадориҳоеро барои фаъолият ба зимма дорад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ намекунад. Ба намудҳои алоҳидаи фаъолият, ки номгӯи онҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» муайян мекунад, ҷамъияти саҳомӣ метавонад танҳо дар асоси иҷозатнома машғул шавад. Ҷамъияти саҳомӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ таъсисёфта ба ҳисоб меравад. Ҷамъияти саҳомӣ, агар дар оинномаи он тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, бе маҳдудсозии мӯҳлат таъсис дода мешавад. Ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад бо тартиби муқарраргардида дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он суратҳисобҳои бонкӣ кушояд. Ҷамъияти саҳомӣ шахси ҳуқуқӣ ва дорои молу мулки алоҳида мебошад, ки дар тавозуни мустақили он ба ҳисоб гирифта шуда, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии шахсиро ба даст орад, дорои уҳдадорӣ бошад, дар суд ҳамчун

[1] АМОҶТ с.2007. №3, м.170; с.2008., №10, м. 812; с.2009., №5, м.318, №7-8, м.497; с.2010., №1, м.9; с.2010., №12, м.816.

даъвогар ва ҷавобгар баромад кунад. Ҷамъияти саҳомӣ бояд дорои мӯҳри мудаввар бо зикри номи пурраи фирма ба забони давлатӣ бошад. Дар муҳр ҳамчунин метавонад номи фирмавии ҷамъияти саҳомӣ бо ҳама гуна забони дигар сабт гардад. Ҷамъияти саҳомӣ метавонад мӯҳр (штамп) ва бланкаҳои бо зикри номи худ, инчунин бо тартиби муқарраргардида тамғаи моли ба қайд гирифташуда ва дигар воситаҳои тасвирии шинохташаванда дошта бошад. Хусусияти таъсис ва азнавташкилдиҳии ҷамъиятҳои саҳомӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ, сармоягузорӣ ва суғуртавӣ бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии ҷамъиятҳои саҳомие, ки ҳангоми хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ таъсис ёфтаанд ва нисбати онҳо ҳуқуқи махсус оид ба иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идоракунии ҷамъиятҳои саҳомии мазкур («саҳмияи тиллоӣ») истифода бурда мешавад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» муайян мекунад.

Ҷамъияти саҳомӣ дар шаклҳои кушода ва пӯшида таъсис дода мешавад, ки он дар оиннома ва номи фирмавиаш инъикос мегардад. Саҳмдорони ҷамъияти саҳомии кушода метавонанд саҳмияҳои худро бе розигии дигар саҳмдорони ин ҷамъият бегона кунанд. Чунин ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад барои саҳмияҳои баровардааш обунаи кушодаро доир намояд ва онҳоро бо дарназардошти ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фурӯшад. Шумораи саҳмдорони ҷамъияти саҳомии кушода маҳдуд карда намешавад. Ҷамъияти саҳомии кушода ҳар сол ҳисоботи солона, тавозуни муҳосибавӣ ва ҳисоботи фоидаю зарарро барои маълумоти умум нашр мекунад. Ҷамъияти саҳомие, ки саҳмияҳояш танҳо байни муассисони он ё гурӯҳи дигари шахсони қаблан муайянгардида тақсим карда мешавад, ҷамъияти саҳомии пӯшида эътироф мегардад. Чунин ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ надорад ба саҳмияҳои баровардааш обунаи кушода доир намояд ё ба тарзи дигар онҳоро барои харид ба гурӯҳи номаҳдуди шахсон пешниҳод кунад. Шумораи саҳмдорони ҷамъияти саҳомии пӯшида набояд аз панҷоҳ нафар зиёд бошад. Агар шумораи саҳмдорони ҷамъияти саҳомии пӯшида аз шумораи ниҳоии муқараррнамудаи ҳамин қисм бештар бошад, ин ҷамъияти саҳомӣ дар муддати як сол бояд ба ҷамъияти саҳомии кушода табдил дода шавад. Агар шумораи саҳмдорони он то шумораи ниҳоии муқараррнамудаи ҳамин қисм кам нагардад, ҷамъияти саҳомӣ бояд бо тартиби судӣ барҳам дода шавад.

Саҳмдорони ҷамъияти саҳомии пӯшида барои аз рӯи нархи ба дигар шахс пешниҳодшуда харидорӣ намудани саҳмияҳои саҳмдорони ҳамин ҷамъияти саҳомӣ афзалият доранд. Дар оинномаи ҷамъияти саҳомӣ метавонад ба ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқи афзалиятноки аз саҳмдорон харида гирифтани саҳмияҳояшон пешбинӣ карда шавад, ба шарте ки саҳмдорон аз ҳуқуқи афзалиятноки харидани саҳмияҳо истифода накарда бошанд. Саҳмдори ҷамъияти саҳомии пӯшида, ки нияти ба шахси сеюм фурӯхтани саҳмияҳои худро дорад, уҳдадор аст саҳмдорони боқимондаи ҷамъияти саҳомӣ ва худи ҷамъияти саҳомиро бо нишон додани нарх ва дигар шартҳои фурӯши саҳмияҳо хаттӣ огоҳ намояд. Огоҳонидани саҳмдорони ҷамъияти саҳомӣ тавассути ҷамъияти саҳомӣ амалӣ мешавад. Агар дар оинномаи ҷамъияти саҳомӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, огоҳонидани саҳмдорони ҷамъияти саҳомӣ аз ҳисоби саҳмдоре амалӣ мешавад, ки нияти фурӯхтани саҳмияҳои худро дорад. Агар саҳмдорони ҷамъияти саҳомӣ ва (ё) ҷамъияти саҳомӣ аз ҳуқуқи афзалиятнок барои ба даст овардани ҳамаи саҳмияҳои барои фурӯш пешниҳодшаванда истифода накунанд, дар мӯҳлати ду моҳ аз рӯзи гирифтани чунин огоҳинома аз ҷониби ҷамъияти саҳомӣ саҳмияҳо метавонанд ба шахсони сеюм бо ҳамон нарх ва шартҳое, ки ба ҷамъияти саҳомӣ ва саҳмдорони он хабар дода шуда буданд, фурӯхта шаванд. Агар то ба охиррасии ин мӯҳлат аз ҳама саҳмдорони ҷамъияти саҳомӣ, инчунин ҷамъияти саҳомӣ (агар ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқи афзалиятноки ба даст овардани саҳмияҳоро дошта бошад) аризаҳои хаттӣ оид ба истифода ё рад кардан аз ҳуқуқи афзалиятнок гирифта шуда бошад, муҳлати амалинамоии ҳуқуқи афзалиятнок қатъ мегардад. Ҷамъияти саҳомие, ки муассиси он мутобиқи ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (ба истиснои ҷамъиятҳои саҳомие, ки дар ҷараёни хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ таъсис ёфтаанд), метавонанд танҳо ҷамъиятҳои саҳомии кушода бошанд. Ҷамъияти саҳомӣ вазифадор аст соле на камтар аз як маротиба (метавонад ҳар семоҳа ё нимсола) оид ба пардохти суди саҳмияҳо аз рӯи саҳмияҳои паҳнкардашуда қарор қабул кунад. Суди саҳмияи эълонгардида аз рӯи ҳар намуди саҳмия пардохта мешавад. Суди саҳмияҳо аз фоидаи софи ҷамъияти саҳомӣ бо пули миллӣ пардохта мешавад. Суди саҳмияҳои имтиёзноки навъҳои муайян метавонад аз ҳисоби сармояи махсуси барои ҳамин мақсад таъингардидаи ҷамъияти саҳомӣ пардохта шавад. Қарор дар мавриди пардохти суди саҳмияҳои солона (нимсола, семоҳа), андозаи суди саҳмия аз

рӯи ҳар як намуди (навъи) саҳмияҳо аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон қабул карда мешавад. Маблағи суди саҳмия аз андозаи тавсиянамудаи Шӯрои директорони (Шӯрои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ зиёд буда наметавонад. Мӯҳлати пардохти суди саҳмияҳо тибқи оинномаи ҷамъияти саҳомӣ ё қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон дар хусуси пардохти суди саҳмияҳо муайян карда мешавад. Агар дар оинномаи ҷамъияти саҳомӣ ё қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон санаи пардохти суди саҳмияҳо муайян нашуда бошад, мӯҳлати пардохти он набояд аз рӯзи қабули қарор дар хусуси пардохти суди саҳмияҳо аз 90 рӯз бештар бошад. Рӯйхати шахсоне, ки барои гирифтани суди саҳмияҳо ҳуқуқ доранд, дар санаи таҳияи рӯйхати шахсоне, ки барои иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳуқуқ доранд, тартиб дода мешавад. Барои таҳияи рӯйхати шахсони барои гирифтани суди саҳмияҳо ҳуқуқдошта дорандаи номиналии саҳмияҳо дар мавриди шахсоне, ки ӯ ба манфиати онҳо саҳмияҳоро соҳибӣ мекунад, маълумот пешниҳод менамояд. Ҷамъияти саҳомӣ аз рӯи уҳдадориҳои худ бо тамоми молу мулки марбутааш ҷавобгар мебошад. Ҷамъияти саҳомӣ аз рӯи уҳдадориҳои саҳмдорони худ ҷавобгар намебошад. Саҳмдороне, ки арзиши саҳмияҳоро пурра напардохтаанд, дар доираи уҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ оид ба арзиши пардохтнашудаи саҳмияҳояшон дорои масъулияти муштарак мебошанд. Агар муфлисии ҷамъияти саҳомӣ натиҷаи амал ё беамалии саҳмдорони он ё дигар шахси бонуфузи он бошад, ҳангоми нокифоягии молу мулки ҷамъияти саҳомӣ масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ) ба зиммаи ҳамин саҳмдори бонуфуз ё дигар шахсон аз рӯи уҳдадориҳои он мумкин аст гузошта шавад.

6.7. Ҷамъияти фаръӣ ва вобаста

Ҷамъияти саҳомӣ метавонад мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007, №237 ва дигар қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории давлати хориҷӣ, агар дар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ҷамъиятҳои саҳомии фаръӣ ва вобастаи дорои ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро дошта бошад. Ҷамъияти саҳомӣ ҳангоме фаръӣ эътироф мегардад, ки агар дигар ҷамъияти саҳомии асосии бо сабаби иштироки афзалиятноки худ дар сармояи оинномавии он ё мутобиқи шартномаҳои байни онҳо ё ба тариқи дигар имконияти муайян намудани қарорҳои аз ҷониби чунин ҷамъияти саҳомӣ

қабулшавандаро дошта бошад. Ҷамъияти саҳомии фаръӣ аз рӯи уҳдадориҳои ҷамъияти саҳомии асосӣ масъулият надорад. Ҷамъияти саҳомии асосие, ки ҳуқуқи ба ҷамъияти саҳомии фаръӣ додани дастурҳои барояш ҳатмиро дорад, аз рӯи аҳдҳое, ки ҷамъияти саҳомии фаръӣ бо мақсади иҷрои чунин дастурҳо бастааст, бо ин ҷамъияти саҳомӣ масъулияти муштарак дорад. Ҷамъияти саҳомии асосӣ вақте дорои ҳуқуқи ба ҷамъияти саҳомии фаръӣ додани дастурҳои барои иҷро ҳатмӣ эътироф мегардад, ки агар ин ҳуқуқ дар шартнома бо ҷамъияти саҳомии фаръӣ ё оинномаи ҷамъияти саҳомии фаръӣ пешбинӣ шуда бошад. Дар сурати бо гуноҳи ҷамъияти саҳомии асосӣ муфлис шудани ҷамъияти саҳомии фаръӣ ҷамъияти саҳомии асосӣ вобаста ба қарзҳои он масъулияти субсидиарӣ дорад. Саҳмдорони ҷамъияти саҳомии фаръӣ ҳуқуқ доранд аз ҷониби ҷамъияти саҳомии асосӣ ҷуброн намудани зарари ба ҷамъияти саҳомии фаръӣ расонидаашро талаб кунанд. Ҷамъияти саҳомӣ вақте вобаста эътироф мегардад, ки агар дигар ҷамъияти саҳомӣ (бартаридошта) беш аз 20 фоизи саҳмияҳои овоздори ҷамъияти саҳомии якумро дошта бошад. Ҷамъияти саҳомие, ки бештар аз 20 фоизи саҳмияҳои овоздори ҷамъияти саҳомиро ба даст овардааст, бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор бетаъхир дар ин бора маълумот нашр намояд.

6.8. Кооперативи истеҳсолӣ

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» 2 соли 2002, №68[1] кооперативи истеҳсолӣ (артел) - иттиҳоди ихтиёрии шаҳрвандон дар асоси узвият барои фаъолияти якҷояи истеҳсолӣ ё дигари хоҷагидорӣ мебошад, ки ба иштироки шахсии меҳнатӣ ва тарзи дигари иштирок, инчунин аз ҷониби аъзо (иштирокчиён) - и он муттаҳид сохтани аъзоҳаққии саҳмии амволӣ асос меёбад. Ҳуҷҷатҳои таъсисии кооперативҳои истеҳсолӣ (минбаъд кооператив) иштироки шахси ҳуқуқиро дар фаъолияти он пешбинӣ карда метавонад. Кооператив шахси ҳуқуқӣ - ташкилоти тиҷоратӣ мебошад. Кооператив дар асоси принсипҳои зерин таъсис меёбад ва амал мекунад: ихтиёрӣ будани узвият дар кооператив; ёрии ҳамдигарӣ ва таъмини нафъи иқтисодӣ барои аъзои кооператив, ки дар фаъолияти истеҳсолӣ ва дигар фаъолияти хоҷагӣ иштирок менамоянд; тақсими фоида ва зарари кооператив дар байни аъзои он бо назардошти иштироки шахсии меҳнатии онҳо ё иштироки онҳо дар фаъолияти хоҷагии коопера-

[1] АМОЧТ 2002, №11, ст. 687; 2010г., № 12, ст. 819.

тив; дар фаъолияти хоҷагии кооператив маҳдуд кардани иштироки шахсоне, ки аъзои он нестанд; идораи фаъолияти кооператив дар асосҳои демократӣ (як узви кооператив – як овоз дорад); барои ҳамаи аъзои он дастрас будани иттилоот дар бораи фаъолияти кооператив. Шумораи аъзои кооператив набояд аз 5 нафар кам бошад. Ҳар шахси воқеии ба синни 16 расидае, ки бо тартиби муқаррарнамудаи оинномаи кооператив аъзоҳаққии саҳмиро супоридааст, узви кооператив шуда метавонад.Шахси ҳуқуқӣ дар фаъолияти кооператив ба воситаи намояндаи худ мувофиқи талаботи оинномаи кооператив иштирок менамояд. Шумораи аъзои кооперативе, ки аъзоҳаққии саҳмиро супоридаанд, вале бо меҳнати шахсии худ дар фаъолияти он иштирок наменамоянд, аз 25 фоизи шумораи умумии аъзои кооперативи бо меҳнати шахсии худ дар фаъолияти он иштироккунанда зиёд буда наметавонад. Аъзои кооператив, ки ба синни нафақа расидаанд ё бо сабаби аҳволи саломатиашон ба нафақа баромадаанд ё берун аз кооператив ба вазифаи интихобӣ гузаштаанд, ё ки ба сафи Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмат даъват шудаанд, инчунин дар ҳолатҳои дигар бо тартиби муқаррарнамудаи оинномаи кооператив узвияти худро дар он метавонанд нигоҳ доранд. Дар сурати вафоти узви кооператив ворисони ӯ метавонанд ба узвияти кооператив қабул гарданд, агар дар оинномаи кооператив ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад. Дар акси ҳол кооператив ба ворисон арзиши саҳми узви вафоткардаи кооперативро медиҳад. Фоидаи кооператив вобаста ба натиҷаҳои сол муайян карда мешавад. Фоидае, ки баъд аз супоридани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ боқӣ мемонад, дар ихтиёри пурраи кооператив монда, аз ҷониби маҷлиси умумии аъзои кооператив ба мақсадҳое, ки оинномаи кооператив пешбинӣ намудааст, равона карда мешавад. Фоидаи кооперативи дар байни аъзои кооператив, ки ба иштироки шахсии меҳнати он асос меёбад, ба андозаи саҳми онҳо тақсим карда мешавад. Дар байни аъзои кооператив, ки бевосита бо меҳнати шахсиаш дар фаъолияти кооператив иштирок наменамоянд, фоидаи кооператив мутаносибан ба андозаи аъзоҳаққии саҳмии онҳо тақсим карда мешавад. Бо қарори маҷлиси умумии аъзои кооператив қисми фоидаи кооператив мумкин аст дар байни кормандони кирояи онҳо тақсим карда шавад. Тартиби тақсими фоидаро оинномаи кооператив пешбинӣ менамояд. Зиёни кооператив, ки аз рӯи мувозинаи муҳосибавӣ муайян карда мешавад, дар байни аъзои кооператив мувофиқи андозаи музди меҳнати аъзои кооператив тақсим карда мешавад.

Зиёни кооператив аз ҳисоби фонди захиравӣ, кам кардани саҳмпулии афзоянда ё аз ҳисоби аъзоҳаққии саҳмии иловагии гузошташуда ҷуброн мешавад.

6.9. Фаъолияти фоидаовари корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ» аз 28 феврали соли 2004, №10 [1] Корхонаи воҳиди давлатӣ - ташкилоти тиҷоратиест, ки ҳуқуқи ба амволи вобастакардаи молик соҳиб шуданро надорад. Ба корхонаҳои давлатӣ мансубанд: а) корхонаҳои воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ; б) корхонаи давлатӣ бо ҳуқуқи идораи оперативӣ. Вобаста ба намудҳои моликияти давлатӣ корхонаҳо тақсим мешаванд: а) ба корхонаҳое, ки таҳти моликияти ҷумҳуриявӣ қарор доранд – корхонаҳои давлатии ҷумҳуриявӣ; б) ба корхонаҳое, ки таҳти моликияти ҳокимияти маҳаллӣ қарор доранд – корхонаҳои давлатии коммуналӣ. Ҳалли вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки талаботи ҷомеа ва давлатро муайян мекунанд, самтҳои асосии фаъолияти корхонаҳои давлатӣ мебошанд. Вазифаҳои асосии корхонаҳои давлатӣ инҳоянд: а) таъмини моддии қудрати мудофиавии давлат ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеа; б) истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ); в) анҷом додани фаъолият дар соҳаҳое, ки ба вазифаҳои давлат мансубанд. Корхонаи давлатии ҷумҳуриявӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад. Корхонаи давлатии коммуналӣ бо санади мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад. Муассиси корхонаи давлатӣ метавонад мақоми давлатие, ки барои таъсиси корхона қарор қабул кардааст, ё мақомоти идоракунии давлатии ваколатдоркардашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад. Муассисе, ки дар бораи таъсиси корхонаи давлатӣ қарор қабул кардааст, ҳақ дорад мақомоти давлатии дахлдорро ваколатдор намояд, ки қисме аз ҳуқуқҳои ӯро нисбати корхонаҳои давлатӣ татбиқ намояд. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти ваколатдоркардашуда нисбат ба корхонаи давлатӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ҳокимияти маҳаллӣ муайян карда мешавад. Феҳристи корхонаҳои давлатии ҷумҳуриявиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд. Феҳристи корхонаҳои давлатии коммуналӣ аз тарафи раисони дахлдори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо тасдиқ

[1] Ахбори Маҷлиси Оли ҶТ с.2004. №2, м. 42; с.2008., №10, м.807; с.2010., №12, м.818.

карда мешавад. Корхонаи воҳиди давлатӣ метавонад баробари дигар корхонаҳои таъсисёфта дар соҳаҳои зерин амал намояд: тарҳрезӣ, истеҳсол ва таҳвили маҳсулот барои эҳтиёҷоти давлат, аз қабили яроқи ҷангӣ, лавозимоти ҷангӣ, техникаи ҳарбӣ, амволи дигари ҳарбӣ, маснуоти масолеҳи комплектонӣ, бо мақсади таҳкими қобилияти мудофиавӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон; барҳамдиҳӣ (нобудсозӣ, партовкунонӣ, гӯрондан) ва коркарди воситаҳои ҳарбию –техникии бекоршуда; истихроҷ, истеҳсол, ҳамлу нақл, коркард, гӯркунӣ, фурӯши уран ва дигар маводи радиоактивӣ, ба андозаи зиёда аз меъёри истифодаи онҳо, бе зарурати истифодаи воситаҳои махсуси муҳофизат; тайёр кардан ва фурӯхтани дорувор, воситаҳои табобатӣ, таҷҳизот ва асбобҳои тиббӣ; анҷом додани фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳое, ки ба монополияи давлатӣ мутааллиқанд; анҷом додани фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи таъмини қувваи барқ, об, гармӣ ва газ; расонидани хизмат тавассути нақлиёти роҳи оҳан ва истифодаи умумӣ, интиқоли ҳавоии бор ва мусофирон; расонидани хизмати алоқа (аз ҷумла алоқаи почта) ва телекоммуникатсионӣ, истифодаи хатҳои алоқаи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ; расонидани хизмат дар соҳаи хоҷагии коммуналӣ ва манзилӣ, инчунин дигар системаҳои таъмини ҳаёт дар инфрасохтори ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ки вобаста ба эътиборнокии ҳолати монополияи табиӣ ва аҳамиятнокии иҷтимоию иқтисодиашон идораи бевоситаи давлатиро тақозо доранд; дар соҳаи бонкӣ, суғуртавӣ ва дигар фаъолияти қарзию молиявӣ; анҷом додани фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи табиат, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, илм, фарҳанг ва варзиш; анҷом додани фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ дар соҳаи телевизион (аз ҷумла телевизиони кабелӣ) ва радиошунавонӣ, фаъолияти ноширӣ ва полиграфӣ; анҷом додани фаъолияти дигари истеҳсолию хоҷагӣ, ки дар нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ шудаанд; дар дигар соҳаҳои фаъолият мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Корхонаи давлатӣ метавонад баробари корхонаҳои дигари таъсис ёфта дар соҳаҳои зерини муқаррар намудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намояд: нигоҳдорӣ ва инкишофи шабақаи роҳҳои давлатии автомобилгард ва дигар объектҳои инфрасохтор, ки барои онҳо тибқи қонунгузорӣ тартиби махсуси маблағгузорӣ муқаррар шудааст; иҷрои корҳои наҷотбахшӣ дар кӯҳсор ва дигар корҳои махсус дар вазъияти фавқуллода ва садамавӣ, ҳифз аз сӯхтор, обхезиҳо ва

дигар фалокатҳои табиӣ; анҷом додани фаъолияти истеҳсолӣ дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; истеҳсоли корҳои топографию геодезӣ ва картографӣ; анҷом додани фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи табиат, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, илм, фарҳанг ва варзиш; анҷом додани дигар фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ, ки дар нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ шудаанд. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии корхонаи давлатӣ бо ин роҳ сурат мегирад: нисбати корхонаи давлатии моликияти ҷумҳуриявӣ – бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; нисбати корхонаи давлатии моликияти коммуналӣ – бо санади мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ. Корхонаи давлатӣ мумкин аст бо асосҳои дигари пешбининамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шавад. Амволи боқимондаи корхонаи барҳамдодашуда баъди қонеъ гардонидани талаботи кредиторҳо аз тарафи молик ё мақоми ваколатдор аз нав тақсим карда мешавад. Маблағҳои боқимондаи корхонаи барҳамдодашуда, аз ҷумла маблағҳои дар натиҷаи фурӯши амволи ин корхона ба дастомада баъди қонеъ кардани талаботи кредиторҳо ба даромади буҷети дахлдор ворид мешаванд.

Ташкилоте, ки молик барои амалӣ гардонидани вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ё вазифаҳои дигари дорои хусусияти ғайритиҷоратӣ таъсис дода, онро пурра ё қисман маблағгузорӣ мекунад, муассиса дониста мешавад. Ҳуқуқи муассиса ба молу мулки ба вай вобасташуда ва харидаи он мутобиқи моддаҳои 313 ва 315 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад. Муассиса аз рӯи уҳдадориҳои худ бо маблағи пулии дар ихтиёраш буда масъулият дорад. Дар сурати нокифоя будани ин маблағ молики молу мулки дахлдор аз рӯи уҳдадориҳои он масъулияти иловагӣ дорад. Хусусияҳои мавқеи ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи муассисаҳои давлатӣ ё муассисаҳои дигар тибқи қонун муайян карда мешаванд.

6.10. Иттиҳоди соҳибкорон

Иттиҳоди соҳибкорон – намуди гуногуни ҷамъият, ширкат, корхона мебошад, ки мақсади таъсис додани он мустаҳкам намудани асоси молиявӣ ва маълумот, дар умум маҳорати технологии соҳибкорони алоҳида – иштирокчиёни иттиҳод мебошад. Иттиҳоди соҳибкорон вобаста ба хислати иттиҳод фарқ мекунад: ширкат иттиҳоди шахсон буда, дар иштироки шахсии онҳо ба пешбарии кори ширкат ифода мегардад;ҷамъият ва ширкат

иттиҳоди сармояҳо буда, мақсади ҷамъ кардани охиронро дорад, иштироки аъзоён дар корҳои ҷамъият ҳатмӣ нест. Иттиҳоди соҳибкоронинчунин бо сатҳи ҷавобгариашон иштирокчиёни иттиҳод аз рӯи уҳдадориҳои иттиҳод фарқ мекунад: бо ҳамаи молумулкаш (ҷавобгарии пурра) ё танҳо бо саҳми гузоштааш (ҷавобгарии маҳдуд). Ташкилотҳои тиҷоратӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкориашон, инчунин намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии молу мулкӣ метавонанд тибқи шартномаи байни худ иттиҳодияҳоро дар шакли ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) таъсис диҳанд, ки онҳо ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд. Агар бо қарори иштирокчиён ба зимаи ассотсиатсия (иттифоқ) фаъолияти соҳибкорӣ гузошта шавад, чунин ассотсиатсия (иттифоқ) бояд бо тартиби пешбининамудаи ҳамин Кодекс ба ҷамъият ё ширкати хоҷагидорӣ табдил дода шавад. Барои татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ҳуқуқ доранд, ки ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ таъсис диҳанд ё дар онҳо иштирок намоянд. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои дигари ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла муассисаҳо, метавонанд ихтиёран дар ассотсиатсияҳои (иттифоқҳои) ин ташкилотҳо муттаҳид шаванд. Ассотсиатсияи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошад. Ассотсиатсия шахси ҳуқуқӣ мебошад. Аъзои ассотсиатсия мустақилияти худ ва ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро нигоҳ медоранд. Ассотсиатсия аз рӯи уҳдадориҳои аъзои худ масъулият надорад. Аъзои ассотсиатсия аз рӯи уҳдадориҳои он ба андоза ва мувофиқи тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия пешбинигардида масъулияти иловагӣ доранд. Номи ассотсиатсия бояд ишора ба мақсади асосии фаъолияти он ва мақсади асосии фаъолияти аъзои онро бо иловаи калимаҳои "ассотсиатсия" ё "иттифоқ" дар бар гирифта бошад. Аъзои ассотсиатсия мустақилияти худ ва ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро нигоҳ медоранд. Ассотсиатсия аз рӯи уҳдадориҳои аъзои худ масъулият надорад. Аъзои ассотсиатсия аз рӯи уҳдадориҳои он ба андоза ва мувофиқи тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия пешбинигардида масъулияти иловагӣ доранд. Номи фирмавии ассотсиатсия бояд ишора ба мақсади асосии фаъолияти он ва мақсади асосии фаъолияти аъзои онро бо иловаи калимаҳои "ассотсиатсия" ё "иттифоқ" дар бар гирифта бошад. Ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия (иттифоқ) шартномаи таъсиси аз ҷониби аъзоёни он имзогардида ва оинномаи тасдиқнамудаи онҳо мебошанд. Дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия ғайр аз маълумоти дар КГ зикргардида бояд шартҳои зерин дарҷ гардида бошанд: дар бораи ҳайат ва

салоҳияти мақомоти идораи ассотсиатсия ва тартиби қарор қабул кардани онҳо, аз ҷумла доир ба масъалаҳое, ки қарор аз рӯи онҳо якдилона ё бо аксарияти кулли овози аъзои ассотсиатсия қабул карда мешавад ва дар бораи тақсими молу мулке, ки пас аз барҳам додани ассотсиатсия боқӣ мондааст. Аъзои ассотсиатсия (иттифоқ) ҳуқуқ доранд, ки аз хизматҳои он ба таври ройгон истифода намоянд, ба шарте ки дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад ва аз хусусияти хизматрасонӣ барнаояд. Узви ассотсиатсия (иттифоқ) ҳақ дорад, ки пас аз хотимаи соли молиявӣ бо салоҳдиди хеш аз ҳайати ассотсиатсия барояд. Дар ин сурат ӯ аз рӯи уҳдадориҳои ассотсиатсия дар давоми ду соли пас аз хориҷ шуданаш мутаносибан ба аъзоҳаққии худ масъулияти иловагӣ бар дӯш дорад. Узви ассотсиатсия дар ҳолатҳо ва мувофиқи тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия муқаррагардида мумкин аст бо қарори иштирокчиёни боқимонда аз он хориҷ карда шавад. Дар мавриди аъзоҳаққии молу мулкӣ ва масъулияти узви хориҷшудаи ассотсиатсия қоидаҳои марбут ба баромадан аз ҳайати ассотсиатсия истифода мешаванд. Бо ризоияти узви ассотсиатсия ба он метавонад узви нав шомил шавад. Ба ассотсиатсия (иттифоқ) шомил шудани иштирокчии нав мумкин аст вобаста ба масъулияти иловагии доштаи он оид ба уҳдадориҳои ассотсиатсия (иттифоқ), ки то шомилшавии ӯ ба миён омадааст, сурат гирад. Дастгирии самараноки соҳибкорӣ бе таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятии корфармоёни инфрасохтори молиявии худӣ дар низом, ки аз ҳама институтҳои молиявии зарурӣ иборат аст, аз ҷумла: бонкҳои тиҷоратҷ; фондҳо ва ширкатҳои сармоягузорӣ; фонди ғайридавлатии инноватсионӣ; ширкатҳои суғуртавӣ, алалхусус суғуртаи саломатӣ; ҷамъиятҳои боварӣ; фонди нафақавии ғайридавлатӣ; ширкатҳои аудиторӣ ва дигарон имкон надорад. Барои самараноктар иҷро намудани вазифаи идоракунии иттифоқи соҳибкорон мумкин аст ё гурӯҳи соҳаҳо, ки масъалаи умумӣ доранд, ё соҳаҳои алоҳида, гурӯҳи корхонаҳоро фаро гирад. Ҳамин тавр сохтори ташкилии иттифоқҳо ташкил меёбад.

БОБИ VII. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ МУФЛИСШАВӢ

7.1. Мафҳум ва аломатҳои муфлисшавӣ
7.2. Расмиётҳои муфлисшавӣ
7.3. Идоракунии беруна
7.4. Мушоҳида
7.5. Истеҳсолоти озмунӣ
7.6. Созишномаи мусолиҳа
7.7. Ваколати маҷлиси кредиторон
7.8. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани муқаррароти ҳонунгузорӣ дар соҳаи муфлисшавӣ

7.1. Мафҳум ва аломатҳои муфлисшавӣ

Мувиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ» аз 8 декабри соли 2003, №46[1] муфлисшавӣ – аз тарафи қарздор дар ҳаҷми пурра қонеъ карда натавонистани талаби кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва (ё) иҷро карда натавонистани уҳдадориҳои ворид намудани пардохтҳои ҳатмӣ, ки аз ҷониби суд эътироф шудаанд ё қарздор қодир набуданашро эълон намудааст. Шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва ҳамчунин шахсони ҳуқуқии хориҷӣ барои қонеъ намудани талабҳои кредиторон аз рӯи уҳдадориҳои пулӣ ва ҳамчунин иҷрои пардохтҳои ҳатмии ба буҷет аз ҳисоби амволи онҳо воридшаванда қодирнабуда ҳисобида мешаванд, агар чунин уҳдадориҳо аз тарафи онҳо дар давоми се моҳ аз лаҳзаи эътибор пайдо карданашон иҷро карда нашаванд ва агар маблағи умумии уҳдадориҳояшон аз арзиши амволи ба онҳо тааллуқдошта зиёд бошад.

7.2. Расмиётҳои муфлисшавӣ

Мавҷуд набудани мафҳуми қонунии ин истилоҳи муҳими ҳуқуқи озмунӣ онро дар назария ва амалия ба тарафҳои муқобил тақсим намуд. Мувофиқи Фарҳанги истилоҳоти забони тоҷикӣ, «расмиёт – ин амалҳои пайдарпаи муқарраршуда ва қабулшуда барои ба амал баровардан ё ба расмиёт даровардани ягон кор мебошад». Мафҳуми ба ин монанд дар Луғати истлоҳоти хориҷӣ низ ҷой дорад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ба мафҳуми расмиётҳои муфлисшавӣ кам диққат дода мешавад. Яке аз мафҳуми таҳлилшуда расмиётҳои муфлисшавиро чунин маънидод мекунад: «маҷмӯи амалҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ, ки дар қонунгузории муфлисшавӣ муқаррар шудааст ва барои ба натиҷаи пешбинӣ

[1] Ахбори Маҷлиси Олӣ ҶТ с. 2003., №12, м.674; с.2008,. №10.м.813; с.2009., №5, м.317.

намудаи қонун бо мақсади ниҳоии таъмин намудани талаботи кредиторон равона аст, ба шумор меравад». Попондопуло В.Ф. ба расмиётҳои муфлисшавӣ танҳо онҳоеро дохил мекунад, ки нисбати қарздорони аз ҷониби суд муфлис эътирофшуда татбиқ мегардагд. Медведев П. мегӯяд, ки «расмиётҳои муфлисшавӣ ин маҷмӯи ҳама чораҳое, ки нисбати қарздорони муфлис истифода мешавад». Мафҳуми ба ин монанди «расмиётҳои муфлисшавӣ»-ро якчанд муаллифони дигар низ пешниҳод мекунанд. Аммо кӯшиши дар мафҳум ҷой намудани ҳама зинаҳои расмиётҳо – аз қобилияти пардохт надоштани ташкилоти қарзӣ то барҳам хӯрдани он – бисёр номувофиқ ва ба қонун мухолиф мебошад, зеро Қонун дар бораи муфлисшавӣ намудҳои расмиётҳои муфлисшавиро ба таври императив муқаррар намуда, дар зери ҳар як расмиёт танҳо қисми ҳама чораҳоро, ки нисбати қарздор татбиқ мегардад, дар назар дорад. Расмиётҳои муфлисшавӣ, чун қоида дар парвандаи муфлисшавӣ ягона мебошад ва барои ҳамин ҳама чораҳои дар қонунгузории муфлисшавӣ пешбинӣ шударо, ки баррасии парванда оид ба муфлисшавиро танҳо дар ҳолати аз ҷониби суд татбиқ намудани расмиёти оддии муфласшавӣ нисбати қарздори барҳамхуранда ва мавҷуд набуда ҳамроҳӣ мекунад, ифода мекунад.

Ҳангоми баррасии парвандаҳои муфлисшавии қарздор – шахси ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурду миёна ва дигар шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) расмиёти зерини муфлисшавӣ татбиқ карда мешаванд:

– мушоҳида;

– истеҳсолоти озмунӣ;

– созишномаи мусолиҳа.

Ҳангоми баррасии парвандаҳои муфлисшавии қарздор – шахси ҳуқуқии субъекти соҳибкории калон расмиёти зерини муфлисшавӣ татбиқ карда мешаванд:

– мушоҳида;

– идоракунии беруна;

– истеҳсолоти озмунӣ;

– созишномаи мусолиҳа.

Ҳангоми баррасии парвандаҳои муфлисшавии қарздор - соҳибкори инфиродӣ расмиёти зерини муфлисшавӣ татбиқ карда мешаванд:

– истеҳсолоти озмунӣ;

– созишномаи мусолиҳа.

Расмиёти муфлисшавӣ – ин аз ҷониби суди иқтисодӣ дар давоми баррасии парванда оид ба муфлисшавӣ ҷорӣ намудани маҷмӯи амалҳои пайдарпай ва чораҳои ҳуқуқии дар қонунгузории муфлисшавӣ пешбиниардида мебошад, ки вазъи махсуси қарздор, кредиторони он ва дигар шахсонро барои ба мақсади муайяни қонун расидан муқаррар мекунад.

7.3. Идоракунии берунӣ

Идоракунии берунӣ (санатсияи судӣ) – расмиёти муфлисшавӣ, ки нисбати қарздор бо мақсади барқарорсозии қобилияти пардохтии вай бо вогузоштани ваколатҳои идоракунии амволи қарздор ба мудири беруна татбиқ карда мешавад. Идоракунии беруна аз тарафи суд дар асоси қарори маҷлиси кредиторон ба истиснои ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ҷорӣ карда мешавад. Таъиноти судӣ дар хусуси ҷорӣ намудани идоракунии беруна бояд бетаъхир ба иҷро расонда шавад. Аз болои таъиноти судӣ дар хусуси ҷорӣ намудани идоракунии беруна шикоят кардан мумкин аст. Идоракунии беруна ба муддати на бештар аз 10 моҳ, ки мумкин аст на бештар аз 1 моҳи дигар дароз карда шавад, ҷорӣ карда мешавад, агар Қонуни мазкур тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад. Бо илтимосномаи маҷлиси кредиторон ё мудири беруна мӯҳлати идоракунии беруна аз тарафи суд мумкин аст дар доираи мӯҳлатҳое, ки қисми чоруми ҳамин модда муқаррар намудааст, кам ё зиёд карда шавад. Аз рӯзи ҷорӣ намудани идоракунии беруна: роҳбари қарздор аз иҷрои вазифааш дур карда шуда, идоракунии корҳои қарздор ба мудири беруна вогузор карда мешавад; ваколатҳои мақомоти идоракунии қарздор ва молики амволи қарздор - шахси ҳуқуқӣ қатъ гардида, ваколатҳои роҳбари қарздор ва мақомоти дигари идоракунии қарздор ба истиснои ваколатҳое, ки мутобиқи Қонун ба шахсони (мақомоти) дигар мегузаранд, ба мудири беруна вогузор мегарданд. Мақомоти идоракунии қарздор дар муддати 3 рӯз аз рӯзи таъин шудани мудири беруна вазифадор аст, ки ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои шахси ҳуқуқӣ, мӯҳр, штамп, арзишҳои моддӣ ва арзишҳои дигарро ба мудири беруна супорад; чораҳои қаблан андешидашуда оиди ҳимояи талабҳои кредиторон бекор карда мешаванд; ба қонеъгардонии талабҳои кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва пардохтҳои ҳатмии қарздор, ба истиснои ҳолатҳое, ки Қонун пешбинӣ намудааст, моратория ҷорӣ карда мешавад. Дар интиҳои идоракунии беруна маблағҳои ноустуворона (ҷаримаҳо, пеняҳо) ва ҳамчунин

маблағҳои зарари расондашуда, ки қарздор вазифадор аст аз рӯи уҳдадориҳои пулӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ба кредиторон пардохт намояд, мумкин аст барои пардохт намудан дар ҳамон ҳаҷме, ки дар рӯзи ҷорӣ намудани идоракунии беруна мавҷуд будаанд, пешниҳод карда шаванд. Моратория ба қонеъгардонии талабҳои кредиторон ба ҳамон уҳдадориҳои пулӣ ва пардохтҳои ҳатмие, ки мӯҳлати иҷрояшон то ҷорӣ намудани идоракунии беруна расидаааст, дахл дорад. Дар давоми амали мораторияи қонеъгардонии талабҳои кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ, ки дар қисми якуми ҳамин модда пешбинӣ гардидааст: ба рӯёнда гирифтан аз рӯи ҳуҷҷатҳои иҷроишӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, ҳамчунин ба ситониданҳои бебаҳс амалишаванда роҳ дода намешавад; иҷрои ҳуҷҷатҳои иҷроишӣ оид ба ҷаримаҳои амволӣ, ба истиснои иҷрои ҳуҷҷатҳои иҷроишӣ, ки дар асоси ҳалномаи суд дар хусуси ситонидани қарздории музди кор, додани подоши аз рӯи шартномаҳои муаллифӣ, алиментҳо ва ҳамчунин баргардонидани зарари ба ҳаёт ва саломатӣ расонидашуда ва зарари маънавӣ, ки то лаҳзаи аз тарафи суд қабул гардидани ариза дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, боздошта мешавад; маблағи ноустуворона, (ҷаримаҳо, пеняҳо) ва муҷозоти молиявии (иқтисодии) дигари иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои пулӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ва ҳамчунин фоизҳои пардохтшаванда ҳисоб карда намешаванд. Мораторияи қонеъгардонии талабҳои кредиторон ҳамчунин ба талабҳои кредиторон дар хусуси ҷуброни зарare, ки бо сабаби аз тарафи мудири беруна рад карда шудани иҷрои шартномаҳои қарздор ба миён омадаанд, дахл мекунад. Қоидаҳое, ки дар қисмҳои дуюм ва сеюми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, ба уҳдадориҳои пулӣ ва пардохтҳои ҳатмие, ки мӯҳлати иҷрояшон баъди ҷорӣ намудани идоракунии беруна расидаанд, татбиқ намешаванд. Мораторияи қонеъгардонии талабҳои кредиторон ба талабҳо оиди ситонидани қарзи музди меҳнат, пардохти подоши шартномаҳои муаллифӣ, алиментҳо ва ҳамчунин ҷуброни зарари ба ҳаёту саломатӣ расондашуда дахл намекунад. Мудири беруна ҳуқуқ дорад: амволи қарздорро мустақилона бо маҳдудиятҳои пешбининамудаи Қонун ихтиёрдорӣ намояд; аз номи қарздор созишномаи мусолиҳа бандад; оид ба рад намудани иҷрои шартномаҳои қарздор арз кунад; маҷлиси кредиторонро даъват намояд. Мудири беруна вазифадор аст: амволи қарздорро барои ихтиёрдорӣ қабул намуда, инвентаризатсияи онро гузаронад; барои идоракунии беруна ва ҳисобӣ намудан бо кредиторон

суратҳисоби махсус кушояд; нақшаи идоракунии берунаро таҳия намуда, барои тасдиқ ба маҷлиси кредиторон пешниҳод намояд; корҳои муҳосибӣ, молиявӣ ва омориро анҷом диҳад; оид ба талабҳои пешниҳоднамудаи кредиторон ба қарздор бо тартиби муқарраргардида эътироз баён намояд; барои ситонидани қарзҳои дар назди қарздорбуда чораҳо андешад; талабҳои кредиторонро баррасӣ намояд; рӯйхати талабҳои кредиторонро барад; ба маҷлиси кредиторон оид ба натиҷаҳои иҷрои нақшаи идоракунии беруна ҳисобот пешниҳод намояд; ваколатҳои дигареро, ки Қонун пешбинӣ менамояд, ба ҷо орад. Кредиторон ҳуқуқ доранд, ки талабҳои худро ба қарздор дар ҳар лаҳзаи ҷараёни идоракунии беруна пешниҳод намоянд. Талабҳои зикршуда ба мудири беруна бо суроғаи почтавии қарздор фиристода мешаванд. Талабҳои кредиторон, ки мутобиқи Қонун муқарраргашта эътироф шудаанд, бо замимаи ҳуҷҷатҳое, ки имконияти муқарраршавии ин талабҳоро муайян месозад, ба мудири беруна фиристода мешаванд. Мудири беруна талабҳои пешниҳоднамудаи кредиторонро баррасӣ намуда, аз рӯи натиҷаҳои баррасии онҳо дар рӯйхати талабҳои кредиторон на дертар аз ду ҳафтаи баъди қабули талаби дахлдор сабт мегузорад. Оиди натиҷаҳои баррасии талаби кредитор мудири беруна кредитори дахлдорро дар мӯҳлати на бештар аз як моҳи баъди қабули талаби зикршуда огоҳ менамояд. Кредиторон эътирозҳои худро аз рӯи натиҷаҳои баррасии талабҳояшон, ки аз тарафи мудири беруна анҷом дода шудааст, метавонанд ба суде, ки парвандаи муфлисшавиро баррасӣ менамояд, дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи гирифтани онҳо пешниҳод намоянд. Талабҳои кредиторон, ки аз рӯи онҳо дар мӯҳлати пешбининамудаи қисми сеюми ҳамин модда эътироз пешниҳод нагардидааст, ба андоза, таркиб ва навбати қонеъгардоние, ки мудири беруна муайян намудааст, муқарраргашта ҳисоб меёбанд. Талабҳои кредиторон, ки нисбати онҳо эътироз пешниҳод шудааст, аз тарафи суд бо тартиби пешбининамудаи Қонун баррасӣ мешаванд. Молики амволи қарздор ё мақоми идоракунии қарздор ҳуқуқ надорад, ки ваколатҳои мудири берунаро оид ба ихтиёрдории амволи қарздор бо роҳи қабули қарор ё тарзи дигар маҳдуд созад. Аҳдҳои калон ва аҳдҳое, ки дар баста шудани онҳо манфиатҳо дида мешаванд, онҳоро мудири беруна танҳо бо розигии маҷлиси кредиторон ё кумитаи кредиторон мебандад, агар Қонун ва нақшаи идоракунии беруна тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад. Ба аҳдҳои калон аҳдҳое дохил мешаванд, ки бастани онҳо сабабгори ихти-

ёрдории амволи ғайриманқул ё амволи дигари қарздор, ки арзиши балансиашон дар лаҳзаи бастани чунин аҳдҳо зиёда аз 20 фоизи арзиши балансии активҳои қарздорро ташкил медиҳад, мегардад. Аҳдҳои дар бастанашон манфиатҷӯй мавҷудбуда он аҳдҳое дониста мешаванд, ки яке аз тарафи онҳо дар муносибат ба мудири беруна ё кредиторони озмунӣ шахси манфиатдор аст. Мудири беруна дар муддати се моҳ аз рӯзи ҷоришавии идоракунии беруна ҳуқуқ дорад иҷрои шартномаҳои қарздорро рад намояд. Радкунии иҷроиши шартномаҳои қарздорро танҳо нисбати ҳамон шартномаҳое арз намудан мумкин аст, ки онҳо аз ҷониби тарафҳо пурра ё қисман иҷро нашудаанд ва яке аз ҳолатҳои зерин мавҷуд бошад: агар иҷрошавии шартномаи қарздор дар муқоиса бо ҳамин гуна шартномаҳои дар ҳолатҳои муқоисавӣ басташуда барои қарздор зарар оварад; агар шартнома дарозмӯҳлат бошад (ба мӯҳлати зиёда аз як сол баста шуда бошад) ё дар он гирифтани натиҷаҳои мусбӣ барои қарздор дар ояндаи дарозмуддат ба нақша гирифта шуда бошад; агар ҳолатҳои дигаре бошанд, ки ба барқарорсозии қобилияти пардохтии қарздор монеъ шаванд. Тарафи дигари шартномаи қарздор ҳуқуқ дорад аз қарздор ҷуброни зарари воқеиро, ки аз рад кардани иҷрои шартномаи қарздор пайдо шудааст, талаб намояд. Кумитаи кредиторон ҳуқуқ дорад қарорҳои зерин қабул намояд: дар бораи даъвати маҷлиси кредиторон; дар бораи тавсияҳо ба маҷлиси кредиторон оид ба озод намудани мудири беруна аз иҷрои вазифаҳои идоракунии беруна; дар бораи тасдиқ ё рад намудани аҳдҳои калони қарздор ва аҳдҳое, ки дар бастани онҳо манфиатҷӯй мавҷуд мебошад; дар бораи ба суд пешниҳод намудани номзад ба вазифаи муовини мудири беруна. Дар ҳолате, ки агар маҷлиси кредиторон дар бораи тасдиқи нақшаи идоракунии беруна қарор қабул карда бошад, ки дар он мӯҳлати идоракунии беруна аз мӯҳлати дар ибтидо муқарраршуда зиёд бошад ва ҳамчунин мавҷуд будани асосҳои кофӣ, ки дароз кардани мӯҳлати идоракунии беруна ё иҷрои нақшаи тасдиқшудаи идоракунӣ ба барқарор намудани қобилияти пардохтии қарздор мусоидат мекунад, суд мӯҳлати идоракунии берунаро дароз менамояд. Тадбирҳои барқарорсозии қобилияти пардохтии қарздор инҳо шуда метавонанд: тағйир додани фаъолияти истеҳсолӣ; бастани истеҳсолоти фоиданоовар; пӯшондани қарзҳои дебиторӣ; фурӯши қисми амволи қарздор; гузашт кардан аз ҳуқуқи талаби қарздор; иҷрои уҳдадориҳои қарздор аз ҷониби молики амволи қарздор - шахси ҳуқуқӣ ё шахси (шахсони) сеюм; воситаҳои дигари барқарор намудани

қобилияти пардохтии қарздор. Баъди инвентаризатсия ва нархгузории амволи қарздор мудири беруна ҳуқуқ дорад амволи қарздорро дар савдои озод ба фурӯш монад, агар нақшаи идоракунии беруна тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад. Савдо, ба истиснои ҳолатҳое, ки Қонун пешбинӣ намудааст, дар шакли музояда гузаронида мешавад. Амволи қарздор, ки ба амволи қобилияти муомилотиаш маҳдудкардашуда мансуб мебошад, мумкин аст дар савдои пӯшида фурӯхта шавад. Дар савдои пӯшида шахсоне иштирок мекунанд, ки мутобиқи қонун метавонанд дар ихтиёри худ ё тибқи дигар ҳуқуқҳои амволӣ чунин амволро дошта бошанд. Мудири беруна метавонад ба сифати созмондиҳандаи савдо амал намояд ё гузаронидани савдоро дар асоси шартнома ба ташкилоти махсусгардонидашуда вогузор намояд. Ташкилоти махсусгардонидашуда, ки савдо мегузаронад, наметавонад нисбати қарздор ва мудири беруна шахси манфиатдор бошад. Нархи ибтидоии амволи қарздор, ки ба савдо гузошта мешавад, аз тарафи мудири беруна муайян карда мешавад, агар нақшаи идоракунии беруна тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад. Ғолиби савдо вазифадор аст, ки нархи фурӯши амволи қарздорро дар мӯҳлати пешбининамудаи протокол ё шартномаи хариду фурӯш, ки аз рӯи натиҷаҳои озмун баста шудаанд, вале на дертар аз як моҳ аз рӯзи гузаронидани савдо пардохт намояд. Амволи қарздор, ки дар савдои аввал фурӯхта нашудааст, ба савдои такрорӣ бароварда мешавад, агар нақшаи идоракунии беруна тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад. Амволи қарздор, ки дар савдои такрорӣ фурӯхта нашудааст, мумкин аст аз тарафи мудири беруна дар асоси шартномаи хариду фурӯш бе гузаронидани савдо фурӯхта шавад. Гузашт намудани ҳуқуқи талаби қарздор мумкин аст аз тарафи мудири беруна бо роҳи фурӯши талаб дар савдои кушод бо розигии кумитаи кредиторон ё маҷлиси кредиторон анҷом дода шавад, агар нақшаи идоракунии беруна тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад. Молики амволи қарздор ҳуқуқ дорад, ки ҳар замон то анҷомёбии идоракунии беруна талабҳои ҳамаи кредиторони озмуниро мувофиқи рӯйхати талабҳои кредиторон яку якбора қонеъ гардонад. Ба иҷрои уҳдадориҳои қарздор аз тарафи шахси (шахсони) сеюм ба шарте иҷозат дода мешавад, ки агар чунин амал якбора талабҳои ҳамаи кредиторони озмуниро мутобиқи рӯйхати талабҳои кредиторон қонеъ гардонад. На дертар аз панҷ рӯзи корӣ то анҷомёбии мӯҳлати муқарраргардидаи идоракунии беруна ва ҳамчунин ҳангоми мавҷудияти асосҳо барои пеш аз мӯҳлат қатъ намудани

он мудири беруна вазифадор аст, ки ба маҷлиси кредиторон ҳисоботи мудири берунаро пешниҳод намояд. Ҳисоботи мудири беруна бояд инҳоро дар бар гирад: баланси қарздорро ба санаи охирини ҳисоботӣ; ҳисоби фоида ва зарари қарздорро; маълумотро дар бораи маблағҳои озоди пулии қарздор, ки мумкин аст барои қонеъ гардонидани талабҳои кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва пардохтҳои ҳатмии қарздор равона карда шаванд; шарҳи қарзҳои боқимондаи дебитории қарздор ва маълумотро дар бораи он ҳуқуқҳои истифоданашудаи талабҳои қарздор, ки боқӣ мондаанд; маълумоти дигарро оид ба имкониятҳои пӯшонидани қарзҳои кредитории қарздор. Ба ҳисоботи мудири беруна бояд рӯйхати талабҳои кредиторон замима карда шавад. Дар баробари пешниҳод кардани ҳисоботи зикршуда мудири беруна ба маҷлиси кредиторон яке аз масъалаҳои зеринро пешниҳод менамояд: дар бораи қатъ кардани идоракунии беруна бо сабаби барқарор гардидани қобилияти пардохтии қарздор; дар бораи имзои созишномаи мусолиҳа; дар бобати дароз кардани мӯҳлати муқарраршудаи идоракунии беруна; дар бораи қатъ намудани идоракунии беруна ва бо илтимоснома ба суд оиди муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ муроҷиат кардан. Ҳисоботи мудири берунаро маҷлиси кредиторон, ки дар мӯҳлати на дертар аз даҳ рӯзи гузаштани мӯҳлати муайяншудаи идоракунии беруна ё на дертар аз як моҳ пас аз пайдо шудани асос барои пеш аз мӯҳлат қатъ намудани идоракунии беруна даъват карда мешавад, баррасӣ менамояд. Мудири беруна на дертар аз понздаҳ рӯз то анҷомёбии мӯҳлати муқарраргардидаи идоракунии беруна вазифадор аст ба ҳамаи кредиторон дар бобати гузаронидани маҷлиси кредиторон огоҳинома фиристад. Огоҳиномаи гузаронидани маҷлиси кредиторон бояд маълумотҳоро дар бораи вақт, сана ва ҷои гузаронидани маҷлиси кредиторон, ҳамчунин тартиби шинос шуданро бо ҳисоботи мудири беруна дар бар гирад. Аз рӯи натиҷаҳои баррасии ҳисоботи мудири беруна маҷлиси кредиторон ҳуқуқ дорад яке аз чунин қарорҳоро қабул намояд: дар бораи қатъ намудани идоракунии беруна бо сабаби барқарор шудани қобилияти пардохтии қарздор ва гузаштан ба ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторон; дар бораи бо илтимоснома ба суд дар хусуси дароз намудани мӯҳлати муқарраршудаи идоракунии беруна муроҷиат намудан; дар бораи бо илтимоснома ба суд дар хусуси муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ муроҷиат намудан; дар бораи имзои созиш-

номаи мусолиҳа. Дар ҳолате, ки маҷлиси кредиторон яке аз қарорҳои дар қисми ҳаштуми ҳамин модда пешбинишударо қабул накунад, ё ҳамин гуна қарор дар мӯҳлати 15 рӯз аз лаҳзаи гузаштани мӯҳлатҳои дар қисми панҷуми ҳамин модда пешбинишуда ба суд пешниҳод нагардад, суд дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ ҳалнома мебарорад. Ҳисоботи дар маҷлиси кредиторон баррасишудаи мудири беруна ва протоколи маҷлиси кредиторон дар мӯҳлати на дертар аз панҷ рӯзи баъди баргузории маҷлиси кредиторон ба суд фиристода мешавад. Ба ҳисоботи мудири беруна бояд рӯйхати талабҳо ва шикоятҳои кредитороне, ки дар маҷлиси кредиторон муқобили қабули қарори маҷлиси кредиторон овоз додаанд ё дар овоздиҳӣ иштирок накардаанд, замима карда шавад. Ҳисоботи мудири беруна ва шикоятҳои кредиторон дар маҷлиси суд баррасӣ карда мешаванд. Дар бораи вақт, сана ва ҷои баргузории маҷлиси суд мудири беруна ва кредитороне, ки шикоят кардаанд, огоҳ карда мешаванд. Агар маҷлиси кредиторон дар бобати қатъ намудани идоракунии беруна бо сабаби барқарор гардидани қобилияти пардохтии қарздор ва гузаштан ба ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторон қарор қабул намуда бошад, он гоҳ ҳисоботи мудири беруна, ба истиснои ҳолатҳои дар Қонун пешбинишуда, аз тарафи суд тасдиқ карда мешавад. Агар суд асоснок будани шикоятҳои кредиторон ё мавҷуд набудани аломатҳои барқароргардии қобилияти пардохтии қарздорро муқаррар кунад, тасдиқи ҳисоботи мудири берунаро рад менамояд. Дар бораи тасдиқи ҳисоботи мудири беруна ва ё рад кардани тасдиқи ҳисоботи мазкур, ё дароз кардани мӯҳлати идоракунии беруна ё оиди тасдиқи созишномаи мусолиҳа таъиноти судӣ бароварда мешавад, ки аз болои вай шикоят кардан мумкин аст. Ҳангоми мавҷуд будани илтимосномаи маҷлиси кредиторон оид ба муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ, ҳамчунин дар ҳолати аз тарафи суд рад гардидани тасдиқи ҳисоботи мудири беруна ё пешниҳод накардани ҳамин ҳисобот дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи ба охиррасии мӯҳлати муқарраршудаи идоракунии беруна суд метавонад дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ ҳалнома қабул намояд. Аз тарафи суд тасдиқ шудани ҳисоботи мудири беруна асоси қатъ намудани парвандаи муфлисшавӣ мегардад. Ҳангоми мавҷуд будани илтимосномаи қабулкардаи маҷлиси кредиторон суд ҳуқуқ дорад мӯҳлати анҷомдиҳии ҳисоббаробаркуниро бо кредиторон муқаррар намо-

яд. Суд дар бораи тасдиқи ҳисоботи мудири беруна таъинот бароварда, мӯҳлати ба охиррасонии ҳисоббаробаркуниро бо кредиторон муқаррар менамояд, ки он набояд аз рӯзи баровардани таъиноти мазкур аз шаш моҳ зиёд бошад. Дар чунин ҳолат парвандаи муфлисшавӣ баъди ба охир расидани ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторон қатъ карда мешавад. Агар дар мӯҳлати муқаррарнамудаи суд ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторон ба анҷом расонида нашавад, суд дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ ҳалнома қабул менамояд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми панҷуми Қонун мудири беруна ҳисоббаробаркуниро бо кредиторон мутобиқи рӯйхати талабҳои кредиторон аз рӯзи тасдиқшавии ҳисоботи мудири беруна аз тарафи суд оғоз менамояд. Ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторон бо тартиби муқаррарнамудаи Қонун анҷом дода мешавад. Аз лаҳзаи иҷрошавии уҳдадориҳои қарздор мудири беруна ба рӯйхати талабҳои кредиторон қайди дахлдор мегузорад. Барои мақсадҳои Қонун ҳамон талабҳои қонеъкардаи кредиторон талабҳои пардохтшуда ҳисобида мешаванд, ки оиди даст кашидан аз онҳо ё иҷрошавияшон созиш ба даст омадааст ё тарзи дигари қатъгардии уҳдадориҳо, ки он мутобиқи Қонун пардохтшуда дониста мешавад. Қатъ намудани идоракунии беруна боиси қатъшавии ваколатҳои мудири беруна мегардад. Агар идоракунии беруна бо созишномаи мусолиҳа ё пардохти талабҳои кредиторон ба анҷом расад, мудири беруна иҷрои вазифаи худро дар доираи ҳуқуқҳои роҳбари қарздор то рӯзи таъини (интихоби) роҳбари нави қарздор давом медиҳад. Ваколатҳои мақомоти дигари идоракунии қарздор ва молики амволи қарздор – шахси ҳуқуқӣ барқарор карда мешаванд. Агар суд дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ қарор қабул намояд ва мудири озмунӣ шахси дигар таъин шуда бошад, мудири беруна иҷрои вазифаҳояшро то рӯзи супоридани ҳуҷҷатҳо ба мудири озмунӣ давом медиҳад.

7.4. Мушоҳида

Мушоҳида – расмиёти муфлисшавӣ, ки нисбати қарздор аз лаҳзаи аз тарафи суд қабул кардани ариза дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор то лаҳзае, ки мутобиқи Қонун бо мақсади таъмин намудани нигоҳдории амволи қарздор ва гузаронидани таҳлили ҳолати молиявии он муайян шудааст, татбиқ карда мешавад.

Расмиёти мушоҳида барои субъектҳои хурду миёна ва дигар шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) – ба мӯҳлати як моҳ ва барои субъектҳои соҳибкории калон ба мӯҳлати то ду моҳ амалӣ мегардад. Аз лаҳзаи аз ҷониби суд баровардани таъинот оиди қабули ариза дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор: талабҳои амволиро нисбат ба қарздор танҳо бо риояи тартиби пешниҳоди талабҳо ба қарздор, ки Қонун муқаррар кардааст, пешниҳод намудан мумкин аст; бо илтимосномаи кредитор пешбурди парвандаҳои вобаста ба рӯёнидани маблағҳои пулӣ ва дигар амвол аз қарздор боздошта мешавад. Кредитор дар чунин ҳолат ҳуқуқ дорад мутобиқи тартиби да Қонун муқарраршуда талабҳои худро ба қарздор пешниҳод намояд; иҷрои ҳуҷҷатҳои иҷроия оид ба ситонидани амвол, ба истиснои иҷрои ҳуҷҷатҳои иҷроия, ки онҳо дар асоси ҳалномаи суд дар бораи аз қарздор ситонидани қарзи музди меҳнат, додани подоши аз рӯи шартномаи муаллифӣ, алимент, инчунин баргардонидани зиёни ба ҳаёту саломатӣ расондашуда ва зиёни маънавӣ, ки то лаҳзаи аз ҷониби суд қабул шудани ариза дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор дода шудаанд, боздошта мешавад; қонеъ гардонидани талабҳои иштирокчии қарздор – шахси ҳуқуқӣ дар бораи ҷудо карда додани ҳиссааш (пай) аз амволи қарздор бинобар аз ҳайати иштирокчиён баромаданаш манъ аст. Бо мақсади таъмин намудани амали тадбирҳое, ки дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, таъиноти судӣ оиди қабули ариза дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ба бонк ва дигар муассисаҳои кредитӣ, ки дар онҳо қарздор суратҳисоби бонкӣ дорад, инчунин ба дигар судҳои дахлдор, мақомоти андоз ва мақомоти дигари ваколатдор фиристода мешавад.

Ҷорӣ намудани мушоҳида барои аз вазифа дур намудани роҳбари қарздор ё мақомоти дигари идоракунии қарздор асос нагардида, онҳо иҷрои ваколатҳои худро бо маҳдудиятҳои дар қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи мазкур муқаррарнамуда идома медиҳанд. Мақомоти идоракунии қарздор аҳдҳои зеринро танҳо бо розигии мудири муваққатӣ анҷом медиҳад: аҳдҳои вобаста ба иҷора ва гарав додани амволи ғайриманқул, додани амволи номбаршуда ба сифати ҳисса ба сармояи оинномавии ҷамъиятҳо ва ширкатҳои хоҷагидорӣ ё ихтиёрдории тарзи дигари чунин моликият; аҳдҳои вобаста ба ихтиёрдории амволи дигари қарздор, ки арзиши балансиашон зиёда аз 10 фоизи арзиши баланси дороии қарздорро ташкил медиҳанд; аҳдҳои вобаста ба қабул ва додани қарзҳо (кредитҳо), додани кафолат, гузашт намудани ҳуқуқи

талабкунӣ, гузаронидани қарз, инчунин аҳдҳои вобаста ба таъсиси идоракунии боэътимоди амволи қарздор. Мақомоти идоракунии қарздор ҳуқуқ надорад қарорҳои зерин қабул намояд: дар бораи азнавташкилкунӣ (муттаҳид кардан, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдил додан) ва барҳамдиҳии қарздор; дар бораи таъсиси шахсони ҳуқуқӣ ё дар бораи иштирок намудан дар шахсони ҳуқуқии дигар; дар бораи таъсиси филиалҳо ва намояндагиҳо; дар бораи пардохти дивидендҳо; дар бораи аз тарафи қарздор паҳн намудани вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қимматноки муомилотӣ; дар бораи баромадан аз ҳайати иштирокчиёни қарздор - шахси ҳуқуқӣ ва аз саҳҳомон харидани саҳмияҳои қаблан баровардашуда. Мақомоти идоракунии қарздор метавонад бо розигии мудири муваққатӣ дар бораи иштироки қарздор дар иттиҳодияҳои дигари шахсони ҳуқуқӣ қарор қабул намояд. Агар роҳбари қарздор барои таъмини ҳифзи амволи қарздор чораҳои зарурӣ наандешад, ба мудири муваққатӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳояш монеъ шавад ё дигар талабҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя накунад, суд ҳуқуқ дорад вайро аз иҷрои вазифааш дур намояд. Дар чунин ҳолатҳо иҷрои вазифаҳои роҳбари қарздор ба зиммаи мудири муваққатӣ гузошта мешавад. Аз лаҳзаи ҷорӣ намудани мушоҳида ҳабси амволи қарздор ва дигар маҳдудсозии қарздор оиди ихтиёрдории амволи ба вай мансуббуда танҳо дар доираи раванди муфлисшавӣ бояд сурат гирад. Мудири муваққатӣ аз ҷониби суд аз ҳисоби номзадҳои пешниҳоднамудаи кредиторон ва дар сурати набудани чунин пешниҳодот аз ҳисоби шахсоне, ки суд ба сифати мудир ба қайд гирифтааст, таъин карда мешавад. Мудири муваққатӣ аз лаҳзаи аз ҷониби суд таъин шуданаш то ҷорӣ намудани идоракунии беруна ва таъини мудири беруна ё то аз ҷониби суд қабул шудани ҳалнома дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва дар бораи кушодани истеҳсолоти озмунӣ ва таъини мудири озмунӣ ё то аз ҷониби суд тасдиқ намудани созишномаи мусолиҳа, ё то аз ҷониби суд қабул намудани ҳалнома дар бораи рад кардани муфлис эътироф намудани қарздор фаъолият мекунад. Дар ҳолати муваққатан ғайри қобили меҳнат будани мудири муваққатӣ суд ҳуқуқ дорад, ки муовини мудири муваққатиро иҷрокунандаи вазифаи ӯ таъин намояд. Мудири муваққатӣ ҳуқуқ дорад, ки дар сурати мавҷуд будани сабабҳои узрнок бо ариза ба суд дар бораи аз иҷрои вазифаи мудири муваққатӣ озод намуданаш мурочиат намояд. Дар ҳолати қонеъ гардонидани аризаи мудири муваққатӣ оиди аз иҷрои вазифаи мудири муваққатӣ озод

намудани вай суд мудири муваққатии навро таъин менамояд. То таъиншавии мудири муваққатии нав мудири муваққатӣ иҷрои вазифаҳояшро давом медиҳад.

Мудири муваққатӣ ҳуқуқ дорад: аз номи худ оид ба беэътибор донистани аҳдҳо, инчунин дар бораи татбиқи оқибатҳои беэътибории аҳдҳои камарзиши аз тарафи қарздор бе риояи талаботи муқаррарнамудаи Қонун басташуда ё иҷрогардида ба суд талаб пешниҳод намояд; бо ариза дар бораи қабули чораҳои иловагӣ оид ба таъмини ҳифзи амволи қарздор, аз ҷумла дар бораи бе розигии мудири муваққатӣ манъ намудани бастани аҳдҳои дар қонун пешбинишуда, ҳамчунин дар бораи додани коғазҳои қимматнок, арзишҳои асъорӣ ва амволи дигари барои нигоҳдорӣ ба шахсони сеюм додашуда, инчунин дар бораи бекор намудани ҳамин гуна чораҳо ба суд мурочиат намояд; дар бораи аз вазифа дур кардани роҳбари қарздор бо дархост ба суд мурочиат намояд; ҳама гуна иттилоот ва ҳуҷҷатҳои ба фаъолияти қарздор вобастаро гирад; ваколатҳои дигари муқаррарнамудаи Қонунро анҷом диҳад. Мақомоти идоракунии қарздор вазифадор аст, ки бо дархости мудири муваққатӣ ба вай ҳама гуна маълумотҳои ба фаъолияти қарздор дахлдорро пешниҳод намояд.

Мудири муваққатӣ вазифадор аст: баҳри таъмини нигоҳдории моликияти қарздор тадбирҳо андешад; ҳолати молиявии қарздорро таҳлил намояд; мавҷудияти аломатҳои муфлисшавии сохта ва барқасдро муайян созад; кредиторони қарздорро муқаррар намуда, андозаи талабҳои онҳоро муайян созад, ба кредиторон оиди оғоз шудани парванда дар бораи муфлисшавӣ хабар диҳад; маҷлиси аввали кредиторонро даъват намояд. Баъди анҷоми мушоҳида мудири муваққатӣ ба суд дар бораи фаъолияти худ ҳисобот, оид ба ҳолати молиявии қарздор маълумот ва дар бораи имконпазир будан ё набудани барқарорсозии қобилияти пардохтии қарздор таклифҳо пешниҳод менамояд. Таҳлили ҳолати молиявии қарздор бо мақсади муайян намудани кифоягии амволи ба қарздор тааллуқдошта барои пардохти хароҷоти судӣ, хароҷоти подоши мудир ва ҳамчунин имконпазир будан ё набудани барқарорсозии қобилияти пардохтии қарздор гузаронида мешавад. Агар дар натиҷаи таҳлили ҳолати молиявии қарздор амволи ба қарздор тааллуқдошта барои пӯшонидани хароҷоти судӣ нокифоя муқаррар карда шавад, кредиторон ҳуқуқ доранд дар бораи ҷорӣ намудани идоракунии беруна танҳо дар сурати муайян сохтани манбаъҳои пӯшонидани хароҷоти судӣ қарор қабул намоянд. Агар кредиторон манбаи пӯшонидани хароҷоти

судиро муайян накарда бошанд, кредиторони ба тарафдории ҷорӣ намудани идоракунии беруна овоздода барои пӯшонидани хароҷоти зикршуда ба зиммаи худ уҳдадориҳои якҷоя мегиранд. Бо мақсади иштирок дар маҷлиси якуми худ кредиторон ҳуқуқ доранд талабҳояшонро дар мӯҳлати 1 моҳ аз рӯзи гирифтани огоҳиномаи мудири муваққатӣ дар бобати аз тарафи суд қабул кардани ариза дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор пешниҳод намоянд. Талабҳои зикршуда ба истиснои ҳолатҳое, ки мутобиқи Қонун талабҳои муқарраршуда ҳисобида мешаванд, ба суд ва қарздор фиристода мешаванд. Талабҳои кредиторон, ки мутобиқи ҳамин Қонун муқарраршуда дониста мешаванд, бо иловаи ҳуҷҷатҳое, ки барои муайян намудани онҳо ҳамчун талабҳои муқарраршуда шаҳодат медиҳанд, ба мудири муваққатӣ фиристода мешаванд. Оид ба он талабҳои кредиторон, ки мутобиқи Қонун муқарраргардида эътироф нашудаанд, қарздор метавонад дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи гирифтани талаби дахлдор ба суд, кредитор ва ҳамчунин мудири муваққатӣ эътироз пешниҳод намояд. Талаби кредитор, ки аз рӯи он дар мӯҳлати пешбининамудаи қисми дуюми ҳамин модда қарздор эътироз пешниҳод накардааст, ба андозаи арзнамудаи кредитор эътироф карда мешавад. Талабҳои кредиторон, ки аз рӯи онҳо қарздор эътироз пешниҳод намудааст, бо тартиби муқаррарнамудаи Қонун баррасӣ карда мешаванд. Мудири муваққатӣ санаи гузаронидани маҷлиси якуми кредиторонро муайян карда, ҳамаи кредиторонро дар бораи он огоҳ месозад. Маҷлиси якуми кредиторон бояд дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯз то санаи баргузории маҷлиси суд, ки бо таъиноти судӣ оиди қабули ариза дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор муқаррар гардидааст, баргузор шавад.

Иштирокчиёни маҷлиси якуми кредиторон бо ҳуқуқи овоздиҳӣ кредиторони озмунӣ, мақомоти андоз ва мақомоти дигари ваколатдор мебошанд, ки: талабҳояшон мутобиқи ҳамин Қонун муқарраршуда эътироф гардида, ба мудири муваққатӣ фиристода шудаанд; ҳаҷми талабҳояшон аз тарафи суд бо эътирози қарздор ба талабҳои кредиторон то гузаронидани маҷлиси якуми кредиторон муқаррар шудааст. Дар маҷлиси якуми кредиторон бе ҳуқуқи овоздиҳӣ мудири муваққатӣ, роҳбари қарздор ва намояндаи кормандони қарздор иштирок мекунанд. Салоҳияти маҷлиси якуми кредиторон: қабули қарор оид ба ҷорӣ кардани идоракунии беруна ва бо илтимосномаи дахлдор ба суд муроҷиат намудан; қабули қарор дар бораи бо илтимоснома ба суд

муроҷиат намудан оиди муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ; муайян намудани шумораи ҳайати кумитаи кредиторон ва интихоби аъзои он; ҳаллу фасли масъалаҳои дигар, ки Қонун пешбинӣ намудааст. Мудири муваққатӣ протоколи маҷлиси якуми кредиторонро дар мӯҳлати на дертар аз як ҳафтаи рӯзи баргузории маҷлиси якуми кредиторон ба суд пешниҳод менамояд. Қарори маҷлиси якуми кредиторон дар бораи ҷорӣ намудани идоракунии беруна бояд мӯҳлати пешниҳодшудаи идоракунии беруна, номзад ба мудири беруна ва ҳамчунин маълумотро дар бораи вай дар бар гирад.

7.5. Истеҳсолоти озмунӣ

Истеҳсолоти озмунӣ – расмиёти муфлисшавӣ, ки нисбати қарздори муфлис эътирофгардида бо мақсади мутаносибан қонеъ намудани талабҳои кредиторон татбиқ карда мешавад. Аз ҷониби суд қабул гардидани ҳалнома дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор боиси кушодани истеҳсолоти озмунӣ мегардад. Мӯҳлати истеҳсолоти озмунӣ барои субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва дигар шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) то панҷ моҳ ва барои субъектҳои соҳибкории калон то 12 моҳ буда метавонад. Ҳангоми зарурат мӯҳлати истеҳсолоти озмуниро суд метавонад аз мӯҳлати дар қисми дуюми моддаи мазкур пешбинишуда ба мӯҳлати на зиёда аз як моҳ тамдид намояд. Аз болои таъиноти судӣ дар бораи аз мӯҳлати пешбинишудаи қисми дуюми моддаи мазкур зиёдтар дароз кардани мӯҳлати истеҳсолоти озмунӣ шикоят кардан мумкин аст. Аз лаҳзаи аз ҷониби суд қабул гардидани ҳалнома дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ: мӯҳлати иҷрои ҳамаи уҳдадориҳои пулии қарздор, ҳамчунин пардохтҳои ҳатмии мӯҳлаташон гузаштаи қарздор фарорасида ҳисоб мешавад; ҳисоб кардани ноустуворона (ҷаримаҳо, пеняҳо), фоизҳо ва дигар намуди муҷозоти молиявӣ (иқтисодӣ) нисбати ҳамаи намудҳои қарздориҳои қарздор қатъ мегардад; мансубияти маълумот дар бораи вазъи молиявии қарздор, ки баробари категорияҳои маълумоти сирри тиҷоратӣ ҳисоб мешуданд, қатъ мегардад; ба амалбарории аҳдҳое, ки ба ҷудо карда додани амволи қарздор ё додани амволи қарздор барои истифода ба шахсони сеюм вобастаанд, танҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Қонун иҷозат дода мешавад; ҳабсҳои пештар ба амволи қарздор гузошта ва дигар маҳдудиятҳо оид ба ихтиёрдории амволи қарздор бардошта мешаванд. Гузоштани ҳабсҳои нав ба амволи қарздор

ва ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо оид ба ихтиёрдории амволи қарздор иҷозат дода намешавад; ҳама гуна талабҳо нисбати қарздор танҳо дар доираи истеҳсолоти озмунӣ пешниҳод мегарданд; иҷрои уҳдадориҳои қарздор дар ҳолатҳо ва бо тартибе, ки Қонун муқаррар намудааст, иҷозат дода мешавад. Аз рӯзи аз ҷониби суд қабул гардидани ҳалнома дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ мақомоти идоракунии қарздор аз иҷрои вазифаҳояшон оид ба идоракунӣ ва ихтиёрдории амволи қарздор дар ҳолате дур карда мешаванд, ки агар қаблан ин гуна дур кардан ҷой надошта бошад ва ҳамчунин ваколатҳои молики амволи қарздор – шахси ҳуқуқӣ қатъ мегарданд. Ҳангоми қабули ҳалнома дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ суд бо тартиби барои таъини мудири беруна пешбинишуда мудири озмуниро таъин мекунад. Бо илтимосномаи мудири озмунӣ, ки маҷлиси кредиторон ё кумитаи кредиторон маъқул донистааст, суд метавонад якчанд мудирони озмуниро таъин намояд. Суд вазифаҳоро байни мудирони озмунӣ вобаста ба мураккабии вазифаҳои иҷрошаванда, хусусият ва миқдори амволи қарздор тақсим мекунад ва доираи масъулияти ҳар кадоми онҳоро муайян месозад. Мудири озмунӣ то рӯзи ба охир расидани истеҳсолоти озмунӣ фаъолият мекунад. Маълумотро дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ мудири озмунӣ аз ҳисоби маблағҳои қарздор дар воситаҳои ахбори омма нашр менамояд. Маълумоти нашршаванда дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ бояд инҳоро дар бар гирад: ном ва дигар реквизитҳои қарздор, ки муфлис эътироф шудааст; номи суде, ки пешбурди парвандаи муфлисшавӣ дар ихтиёри он мебошад; санаи қабул гардидани ҳалномаи суд дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ; мӯҳлати муқарраршуда барои пешниҳоди талабҳои кредиторон, ки аз рӯзи нашри ин маълумот набояд аз ду моҳ кам бошад; маълумот дар бораи мудири озмунӣ. Маълумот дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ ба мудирони озмунӣ на дертар аз панҷ рӯзи таъин шуданашон фиристода мешавад. Аз рӯзи таъин шудани мудири озмунӣ ҳамаи ваколатҳо оид ба идоракунии корҳои қарздор, аз ҷумла ваколати ихтиёрдории амволи қарздор ба ӯ вогузор мегардад. Дар ҳолате, ки агар ҳалнома дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ баъди ба охир расидани мушоҳида қабул карда шавад,

ваколатҳои мақомоти идоракунии қарздор ва молики амволи қарздор аз рӯзи таъин шудани мудири озмунӣ қатъ мегарданд. Мақомоти идоракунии қарздор дар давоми се рӯзи баъди таъин шудани мудири озмунӣ супоридани ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари қарздор, мӯҳр, штамп, арзишҳои моддӣ ва дигар арзишҳои қарздорро ба мудири озмунӣ таъмин менамоянд. Дар ҳолати аз вазифаҳои зикршуда саркашӣ намудан мақомоти идоракунии қарздор, аз ҷумла роҳбари қарздор мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Мудири озмунӣ аз рӯзи таъин шуданаш вазифаҳои зеринро иҷро менамояд: амволи қарздорро ба ихтиёрдорӣ қабул мекунад, инвентаризатсия намуда, арзиши амволи қарздорро муайян мекунад ва оид ба нигоҳдории онҳо тадбирҳо меандешад; ҳолати молиявии қарздорро бевосита таҳлил менамояд ва агар дорои донишҳои махсус набошад, барои ин амал бо мувофиқаи кредиторон мутахассис - таҳлилгарро ҷалб менамояд; ба шахсони сеюме, ки аз қарздор қарздоранд, оиди рӯёнидани он мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб пешниҳод мекунад; кормандони қарздорро дар бораи аз кор озодшавии дар пешистода мутобиқи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабардор мекунад; мутобиқи тартиби муқарраршуда ба талабҳои пешниҳодшудаи кредиторон ба қарздор эътироз менамояд; дар бораи рад намудани иҷрои шартномаҳои қарздор арз менамояд. Рад намудани иҷрои шартномаҳои қарздор бо тартиби муқаррарнамудаи Қонун арз карда мешавад; дар бораи ҷустуҷӯ, пайдо намудан ва баргардонидани амволи қарздор, ки дар ихтиёри шахсони сеюм ҳастанд, чораҳо меандешад; ҳуҷҷатҳои қарздорро, ки мутобиқи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳатман нигоҳдорӣ шаванд, барои нигоҳдорӣ месупорад; адбирҳои дигареро, ки Қонун пешбинӣ кардааст, меандешад. Ҳангоми иҷрои ваколатҳои худ мудири озмунӣ дар бораи эътироф накардани аҳдҳои бастаи қарздор, талаб кардани амволи қарздор аз шахсони сеюм ва бекор кардани шартномаҳои бастаи қарздор даъво пешниҳод карда, амалҳои дигари пешбининамудаи қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба баргардонидани амволи қарздор нигаронида шудаанд, анҷом медиҳад. Мудири озмунӣ ҳангоми иҷрои ваколатҳои худ ҳуқуқ дорад ба шахсони сеюм, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи уҳдадориҳои қарздор бинобар оварда расонидани қарздор то ҳолати муфлисшавӣ масъулияти субсидиарӣ доранд, талабҳо

пешниҳод намояд. Ҳаҷми талабҳои номбаршуда бо назардошти фарқияти байни маблағи умумии талабҳои кредиторон ва молу мулки озмунӣ муайян карда мешавад. Маблағҳои рӯёндашуда ба молу мулки озмунӣ ҳамроҳ карда мешаванд ва мумкин аст танҳо барои қонеъ гардонидани талабҳои кредиторон аз рӯи навбат, ки Қонун пешбинӣ намудааст, истифода бурда шаванд. Мудири озмунӣ дар ҷараёни истеҳсолоти озмунӣ амволи қарздорро инвентаризатсия намуда, нархи онро муайян мекунад. Барои анҷом додани ин кор мудири озмунӣ ҳуқуқ дорад нархгузорон ва дигар мутахассисонро бо пардохти музди меҳнаташон аз ҳисоби амволи қарздор ба кор ҷалб намояд, агар тартиби дигареро маҷлиси кредиторон ё кумитаи кредиторон муқаррар накарда бошад. Дар ҳолатҳое, ки агар амволи ба фурӯшмондаи қарздор дар ҷараёни истеҳсолоти озмунӣ амволи ғайриманқул бошад, он гоҳ амволи номбаршуда то фурӯш, бо ҷалби нархгузорони мустақил нархгузорӣ карда мешавад, агар маҷлиси кредиторон ё кумитаи кредиторон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад. Ҳамаи амволи дар лаҳзаи кушодани истеҳсолоти озмунӣ мавҷудбуда ва дар ҷараёни истеҳсолоти озмунӣ ошкоршудаи қарздор молу мулки озмуниро ташкил медиҳад. Аз амволи қарздор, ки молу мулки озмуниро ташкил додааст, амволи аз муомилот баровардашуда, ҳуқуқҳои амволии ба шахсияти қарздор алоқамандбуда, аз ҷумла ҳуқуқҳои бо иҷозатнома (литсензия) машғул шудан ба намудҳои муайяни фаъолият асосёфта, ҳамчунин амволи дигари дар Қонун пешбинишуда бароварда мешаванд. Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии амволи қарздор, ки молу мулки озмуниро ташкил медиҳад, мудири озмунӣ ҳуқуқ дорад муҳосибон, аудиторҳо ва дигар мутахассисонро ҷалб намояд. Ҳангоми дар таркиби амволи қарздор мавҷуд будани амволе, ки аз муомилот бароварда шудааст, мудири озмунӣ молики амволи номбаршударо дар ин бора огоҳ менамояд. Молики амволи аз муомилот баровардашуда вазифадор аст, ки дар давоми як моҳ аз рӯзи гирифтани огоҳиномаи мудири озмунӣ ин амволро қабул намояд ё онро ба шахси дигар вобаста кунад. Дар ҳолати аз ҷониби молики амволи аз муомилот бароварда – шуда иҷро накардани вазифаҳои дар қисми дуюми ҳамин модда пешбинишуда дар муддати як моҳ аз рӯзи гирифтани огоҳиномаи мудири озмунӣ ҳамаи хароҷоти нигоҳдории амволи аз муомилот баровардашуда ба зиммаи молики амволи номбаршуда гузошта мешавад. Фонди манзилии таъиноти иҷтимоидошта, муассисаҳои бачагонаи томактабӣ ва иншоотҳои моликияти коммуналии барои минтақа

ҳаётан зарурбуда бояд ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии дахлдор бо тартиби пешбининамудаи қисмҳои якум, дуюм ва сеюми ҳамин модда супорида шаванд. Вазифаҳо оиди нигоҳдорӣ ва таъмини фаъолияти иншоотҳои номбаршуда ва истифодаи мақсадноки онҳо пас аз як моҳи гирифтани огоҳиномаи мудири озмунӣ ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ гузошта мешаванд. Иншоотҳои дар боло номбаршуда ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ дар ҳолатҳои воқеияшон бидуни ҳеҷ гуна шартҳои иловагӣ супорида мешаванд. Манбаи маблағгузорӣ барои нигоҳдории иншоотҳои зерин буҷетҳои дахлдор мебошанд. Шахсони мансабдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ барои иҷро накардани муқаррароти бандҳои чорум ва панҷуми ҳамин модда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистион ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Талабҳои кредиторон аз рӯи навбати зайл қонеъ гардонида мешаванд: дар навбати аввал талаби шаҳрвандоне, ки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда дар назди онҳо барои расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатиашон масъулият дорад, қонеъ гардонида мешаванд; дар навбати дуюм пардохти кӯмакпулии аз кор рафтан ва музди кори шахсоне, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла тибқи қарордод кор мекунанд ва пардохти подош аз рӯи шартномаҳои муаллифӣ ҳисобӣ карда мешаванд. дар навбати сеюм - қонегардонии талабҳои кредиторон аз рӯи уҳдадориҳое, ки барои онҳо амволи қарздор ба гарав гузошта шудааст; дар навбати чорум – пӯшонидани қарз аз рӯи пардохтҳои ҳатмии ба буҷет воридшаванда ва фондҳои ғайрибуҷетӣ; дар навбати панҷум – ҳисобӣ намудани талабҳои дигар кредиторон. Баъди гузаронидани инвентаризатсия ва нархгузории амволи қарздор мудири озмунӣ ба фурӯхтани амволи номбаршуда дар савдои озод шурӯъ мекунад, агар маҷлиси кредиторон ё кумитаи кредиторон тартиби дигари фурӯши амволи қарздорро муқаррар накарда бошад. Тартиб ва мӯҳлати фурӯши амволи қарздор бояд аз тарафи маҷлиси кредиторон ё кумитаи кредиторон маъқул дониста шавад. Амволи қарздор, ки ба амволи қобилияти муомилотиаш маҳдудшуда мансуб аст, танҳо дар савдои пӯшида фурӯхта мешавад. Мудири озмунӣ метавонад ба сифати созмондиҳандаи савдо баромад намояд ё гузаронидани савдоро дар асоси шартнома ба ташкилоти махсусгардонидашуда супорад. Ташкилоти махсусгардонидашуда, ки савдоро ба роҳ мемонад, наметавонад нисбати қарздор ё мудири озмунӣ шахси манфиатдор бошад. Амволи қарздор, ки дар савдои аввал фурӯхта нашудааст, дар савдоҳои

минбаъда гузошта мешавад ё аз тарафи мудири озмунӣ дар асоси шартномаи хариду фурӯш, ки бе гузаронидани савдо баста мешавад, фурӯхта мешавад. Мудири озмунӣ ҳуқуқ дорад ҳуқуқи талабҳои қарздорро дар савдои озод гузорад, агар маҷлиси кредиторон ё кумитаи кредиторон тартиби дигари фурӯши (гузашт намудани) талабҳои қарздорро муқаррар накарда бошад. Фурӯши (гузашт намудани) ҳуқуқҳои талабҳои қарздор дар савдои озод бо риояи қоидаҳои дар Қонун пешбинигардида ба амал бароварда мешавад, агар қонунҳои дигар тартиби дигареро муқаррар накарда бошанд ё аз моҳияти талабҳо тартиби дигаре барнаояд. Ҳисоббаробаркуниро бо кредиторон мудири озмунӣ мутобиқи рӯйхати талабҳои кредиторон амалӣ менамояд.Талабҳои кредиторон бо тартиби пешбининамудаи Қонун муқаррар карда мешавад. Талаби ҳар як навбат баъди комилан қонеъ гардидани талаби навбати пештара қонеъ гардонида мешавад. Маблағҳои пулии қарздор ҳангоми нокифоя буданашон байни кредиторони навбати дахлдор мутаносибан ба ҳаҷми маблағҳои талабкардашуда, ки бояд қонеъ карда шаванд, тақсим карда мешаванд, агар Қонун тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад. Талабҳои кредитороне, ки баъди бастани рӯйхати талабҳои кредиторон изҳор гардидаанд, аз ҷумла талабҳо оиди пардохтҳои ҳатмӣ, ки баъди кушодани истеҳсолоти озмунӣ ба вуҷуд омадаанд, аз ҳисоби амволи қарздор баъди қонеъ гардонидани талабҳои кредиторони дар мӯҳлати муқарраршуда муроҷиаткарда қонеъ гардонида мешаванд. Талабҳои кредиторони навбати якум ва дуюм, ки то анҷомдиҳии ҳисоббаробаркунӣ бо ҳамаи кредиторон, аз ҷумла баъди бастани рӯйхати талабҳои кредиторон изҳор шудаанд, воҷиби қонеъгардонӣ мебошанд. То комилан қонеъ гаштани талабҳои зикршуда, қонеъ гардонидани талабҳои кредиторони навбати дахлдор боздошта мешавад. Бо ҳамин тартиб талабҳои кредиторони навбатҳои дигар, ки дар мӯҳлати муқарраршуда муроҷиат намудаанд, вале аз тарафи мудири озмунӣ онҳо эътироф нашудаанд ва нисбати онҳо ҳалномаи суд дар бораи қонеъ гардонидани қувваи қонунӣ пайдо намудааст, қонеъ гардонида мешаванд. Талабҳои кредитороне, ки бо сабаби нокифоягии амволи қарздор қонеъ нагардидаанд, пардохтшуда дониста мешаванд. Талабҳои кредитороне, ки мудири озмунӣ онҳоро эътироф накардааст ва кредитор оиди онҳо ба суд бо даъво муроҷиат накардааст, инчунин талабҳое, ки қонеъ гардонидани онҳо бо ҳалномаи суд рад карда шудааст, ҳамчунин пардохтшуда дониста

мешаванд. Мудири озмунӣ ба рӯйхати талабҳои кредиторон дар бораи пардохт шуданашон қайдҳо мегузорад. Кредитороне, ки талабҳои онҳо дар ҷараёни истеҳсолоти озмунӣ ба таври пурра қонеъ гардонида нашудаанд, ҳуқуқи талабпешниҳодкунӣ ба шахсони сеюм, ки амволи қарздорро ғайриқонунӣ гирифтаанд, доранд. Баъди пӯшида шудани парвандаи муфлисшавӣ чунин талабро бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудан мумкин аст. Мудири озмунӣ на кам аз як маротиба дар як моҳ ба кумитаи кредиторон ё маҷлиси кредиторон ҳисоботро дар бораи фаъолияти худ, иттилоотро дар бораи вазъи молиявии қарздор ва амволи вай то рӯзи кушодани истеҳсолоти озмунӣ ва дар ҷараёни истеҳсолоти озмунӣ, ҳамчунин дигар иттилооти даркориро пешниҳод мекунад. Мудири озмунӣ вазифадор аст бо талаби суд ҳама гуна маълумоти ба истеҳсолоти озмунӣ тааллуқдоштаро ба вай пешниҳод намояд. Суд мудири озмуниро дар ҳолати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда бо илтимосномаи маҷлиси кредиторон ё кумитаи кредиторон аз вазифа дур намуда, мудири нави озмуниро таъин мекунад. Мудири озмунӣ баъди ба охир расидани ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторон вазифадор аст, ки аз натиҷаҳои гузаронидани истеҳсолоти озмунӣ ба суд ҳисобот диҳад. Ба ҳисоботи мудири озмунӣ замимаҳои зерин илова мегарданд: ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи фурӯши амволи қарздор; рӯйхати талабҳои кредиторон бо нишон додани ҳаҷми пардохтшудаи талабҳои кредиторон; ҳуҷҷатҳое, ки пардохт шудани талабҳои кредиторонро тасдиқ менамоянд. Мудири озмунӣ дар бораи амволи қарздор, ки ба фурӯш пешниҳод шуда буд, вале дар ҷараёни истеҳсолоти озмунӣ ба фурӯш нарафтааст ва ҳангоми мавҷуд набудани муроҷиати молики амволи қарздор – шахси ҳуқуқӣ, муассисони (иштирокчиёни) қарздор – шахси ҳуқуқӣ оиди ҳуқуқҳои амволиашон ба ин амвол ба мақомоти ваколатдори дахлдор хабар мерасонад. Мақомоти ваколатдор дар мӯҳлати на дертар аз як моҳ баъди гирифтани хабарномаи дахлдор амволи дар қисми якуми ҳамин модда зикргаштаро ба баланс ва хароҷоти нигоҳдории онро ба ӯҳда мегирад. Суд баъди баррасии ҳисоботи мудири озмунӣ оиди натиҷаҳои истеҳсолоти озмунӣ дар хусуси ба итмом расидани истеҳсолоти озмунӣ таъинот мебарорад.

Мудири озмунӣ бояд дар мӯҳлати 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи баровардани таъиноти суд оиди ба охир расидани истеҳсолоти озмунӣ таъиноти зикргардидаро ба мақомоте, ки бақайдгирии давлатии

шахсони ҳуқуқиро анҷом медиҳад, пешниҳод намояд. Таъиноти суд оиди ба охир расидани истеҳсолоти озмунӣ барои дар рӯйхати ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ даровардани қайди барҳамхӯрии қарздор асос мешавад. Аз рӯзи дар рӯйхати ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ даровардани қайди барҳамхӯрии қарздор ваколатҳои мудири озмунӣ қатъ мегарданд, истеҳсолоти озмунӣ ба итмом расида ва қарздор барҳамхӯрда ҳисобида мешавад.

7.6. Созишномаи мусолиҳа

Қарздор ва кредиторон дар ҳама марҳилаҳои баррасии парвандаи муфлисшавӣ ҳуқуқ доранд созишномаи мусолиҳа банданд. Қарор дар бораи бастани созишномаи мусолиҳаро аз номи кредиторони озмунӣ маҷлиси кредиторон қабул менамояд. Қарори маҷлиси кредиторон дар бораи бастани созишномаи мусолиҳа бо аксарияти овозҳо аз миқдори умумии кредиторони озмунӣ қабул карда мешавад ва дар ҳолате қабулшуда ҳисоб мешавад, агар ба тарафдории он ҳамаи кредитороне, ки уҳдадориҳояшон бо гаравмонии амволии қарздор таъминанд, овоз дода бошанд. Қарори бастани созишномаи мусолиҳаро аз тарафи қарздор шаҳрванд – қарздор ё роҳбари қарздор, мудири беруна ё мудири озмунӣ қабул менамоянд. Дар созишномаи мусолиҳа иштироки шахсони сеюм, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дар созишномаи мусолиҳа пешбинишударо ба зимма мегиранд, иҷозат дода мешавад. Созишномаи мусолиҳаро бояд суд тасдиқ намояд ва дар ин бора дар таъиноти судӣ оид ба қатъ намудани парвандаи муфлисшавӣ таъкид карда шавад. Агар созишномаи мусолиҳа дар ҷараёни истеҳсолоти озмунӣ баста шавад, суд дар бораи тасдиқи созишномаи мусолиҳа таъинот мебарорад. Созишномаи мусолиҳа барои қарздор ва кредиторони озмунӣ, ҳамчунин шахсони сеюми дар созишномаи мусолиҳа иштироккунанда аз рӯзи тасдиқи суд эътибор дорад ва барои қарздор, кредиторони озмунӣ ва шахсони сеюми дар созишномаи мусолиҳа ширкаткунанда ҳатмӣ мебошад. Саркашии яктарафа аз иҷрои созишномаи мусолиҳа, ки эътибор пайдо кардааст, иҷозат дода намешавад. Созишномаи мусолиҳа дар шакли хаттӣ баста мешавад. Аз тарафи қарздор созишномаи мусолиҳаро соҳибкори инфиродӣ – қарздор ё роҳбари қарздор, мудири беруна ё мудири озмунӣ имзо мекунанд. Аз номи кредиторон созишномаи мусолиҳаро шахси аз тарафи маҷлиси кредиторон ваколатдоршуда имзо мекунад. Агар дар созишномаи мусолиҳа шахсони сеюм иштирок намоянд,

созишномаи мусолиҳаро аз тарафи онҳо ҳамин шахсҳо ё намояндаи онҳо имзо мекунанд. Созишномаи мусолиҳа бояд муқарраротро дар бораи ҳаҷм, тартиб ва мӯҳлати иҷрои уҳдадориҳои қарздор ва (ё) дар бораи қатъи уҳдадориҳои қарздор бо роҳи гузашт намудан, азнавкунии уҳдадориҳо, бахшидани қарз ё роҳҳои дигар, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, дар бар гирад. Созишномаи мусолиҳа метавонад шартҳои зеринро дар бар гирад: дар бобати дароз ё кӯтоҳ намудани мӯҳлати иҷрои уҳдадориҳои қарздор; дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабҳои қарздор; дар бораи иҷрои уҳдадориҳои қарздор аз тарафи шахсони сеюм; дар бораи кам кардани қарз; дар бораи иваз намудани талабҳо ба саҳмияҳо; дар бораи қонеъ гардонидани талабҳои кредиторон бо дигар воситаҳое, ки ба қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд. Шартҳои созишномаи мусолиҳа барои кредиторони озмунӣ, ки дар овоздиҳӣ оиди масъалаи бастани созишномаи мусолиҳа иштирок накардаанд ва инчунин муқобили бастани созишномаи мусолиҳа овоз додаанд, набояд аз шартҳои кредиторони озмунии ҳамон навбат, ки ба тарафдории бастани он овоз додаанд, бадтар бошад. Қарздор, мудири беруна ё мудири озмунӣ бояд дар давоми панҷ рӯз аз вақти бастани созишномаи мусолиҳа ба суд дар бораи тасдиқи созишномаи мусолиҳа ариза пешниҳод намоянд. Ба ариза дар бораи тасдиқи созишномаи мусолиҳа иловаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд: матни созишномаи мусолиҳа; протоколи маҷлиси кредиторон, ки оиди бастани созишномаи мусолиҳа қарор қабул намудааст; рӯйхати ҳамаи кредиторони озмунӣ бо нишон додани суроғаҳои онҳо ва маблағи қарзҳояшон; эътирози хаттии кредиторони озмунӣ, ки дар овоздиҳӣ оиди бастани созишномаи мусолиҳа иштирок накардаанд ё муқобили бастани созишномаи мусолиҳа овоз додаанд. Суд тарафҳои манфиатдорро оиди санаи баррасии ариза дар бораи тасдиқи созишномаи мусолиҳа хабар медиҳад. Иштирок накардани шахсони хабардоршуда ба баррасии парвандаи муфлисшавӣ монеъ намешавад. Тасдиқи созишномаи мусолиҳа аз тарафи суд дар ҷараёни мушоҳида ё идоракунии беруна барои қатъ намудани парвандаи муфлисшавӣ асос мегардад. Тасдиқи созишномаи мусолиҳа аз тарафи суд дар ҷараёни идоракунии беруна барои қатъ намудани мораторияи қонеъ гардонидани талабҳои кредиторон асос мешавад. Дар ҳолате, ки созишномаи мусолиҳа аз тарафи суд дар ҷараёни истеҳсолоти озмунӣ тасдиқ шудааст, ҳалномаи суд оид ба муфлис эътироф намудани қарздор

ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ иҷро карда намешавад. Аз лаҳзаи тасдиқи созишномаи мусолиҳа аз тарафи суд ваколатҳои мудири муваққатӣ, мудири беруна, мудири озмунӣ ба охир мерасанд. Мудири берунӣ, мудири озмунии қарздор – шахси ҳуқуқӣ вазифаи роҳбари қарздорро то лаҳзаи таъини (интихоби) роҳбари қарздор иҷро мекунад. Аз рӯзи тасдиқи созишномаи мусолиҳа мувофиқан шаҳрванд – қарздор ё роҳбари қарздор, мудири беруна ё мудири озмунӣ ба пардохти қарзҳои кредиторон шурӯъ мекунанд. Суд дар ҳолатҳои зерин ҳуқуқ дорад тасдиқи созишномаи мусолиҳаро рад намояд: вайрон кардани тартиби бастани созишномаи мусолиҳа, ки ҳамин Қонун муқаррар намудааст; риоя накардани шаклҳои созишномаи мусолиҳа; вайрон кардани ҳуқуқи шахсони сеюм; мухолифати шартҳои созишномаи мусолиҳа ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суд дар бораи рад намудани тасдиқи созишномаи мусолиҳа таъинот мебарорад, ки аз болои он шикоят кардан мумкин аст. Дар ҳолати баромадани таъиноти судӣ дар бораи рад намудани тасдиқи созишномаи мусолиҳа созишномаи мусолиҳа бастанашуда ҳисоб карда мешавад. Таъиноти баровардаи суд дар бораи рад намудани тасдиқи созишномаи мусолиҳа барои бастани созишномаи мусолиҳаи нав монеъ шуда наметавонад. Дар чунин ҳолатҳо бо аризаи қарздор, кредитор ё прокурор суд метавонад созишномаи мусолиҳаро беъэтибор гардонад: агар созишномаи мусолиҳа шартҳое дошта бошад, ки манфиати кредиторони алоҳидаро ҳимоя ё манфиатҳо ва ҳуқуқҳои қонунии кредиторони дигарро поймол намояд; агар иҷрои созишномаи мусолиҳа қарздорро ба муфлисшавӣ расонад; ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дигари беэътибор донистани аҳдҳо, ки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст. Беэътибор донистани созишномаи мусолиҳа барои аз нав шурӯъ намудани пешбурди парвандаи муфлисшавӣ асос мегардад. Дар бораи аз нав шурӯъ намудани пешбурди парвандаи муфлисшавӣ суд таъинот мебарорад, ки аз болои он шикоят кардан мумкин аст. Дар ҳолати беэътибор донистани созишномаи мусолиҳа талабҳои кредитороне, ки барои онҳо мӯҳлати пардохташон зиёд ё кам карда шуда буд, маблағи ҳақдорӣ ё маблағи камкардашудаи қарзҳои онҳо дар қисми қонеъ нагардидаашон барқарор карда мешаванд. Дар қисмате, ки ҳамин модда танзим накардааст, оқибатҳои беэътибории аҳдҳо, ки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, татбиқ карда мешавад. Дар ҳолати беэътибор донистани созишномаи мусолиҳа хабар оиди аз

нав пеш бурдани парвандаи муфлисшавии қарздор аз тарафи суд дар воситаҳои ахбори умум аз ҳисоби қарздор нашр карда мешавад. Бекор кардани созишномаи мусолиҳаи тасдиқнамудаи суд бо маслиҳати кредиторони алоҳида ва қарздор иҷозат дода намешавад. Бо ҳалномаи суд бекор кардани созишномаи мусолиҳа нисбат ба кредитори алоҳида боиси қатъ гардидани созишномаи мусолиҳа нисбати кредиторони дигар намегардад. Созишномаи мусолиҳаро бо ҳалномаи суд дар ҳолате бекор кардан мумкин аст, ки қарздор шартҳои созишро нисбати талаби на кам аз се як ҳиссаи кредиторон адо накарда бошад. Дар ин ҳолат оқибатҳои пешбининамудаи Қонун татбиқ карда мешаванд. Дар ҳолати аз тарафи қарздор иҷро нагардидани созишномаи мусолиҳа кредиторон ҳуқуқ доранд, ки талабҳои худро дар ҳаҷми пешбининамудаи созишномаи мусолиҳа пешниҳод намоянд. Дар ҳолати оғоз намудани парвандаи муфлисшавӣ ҳаҷми талабҳои кредитороне, ки нисбаташон созишномаи мусолиҳа имзо шуда буд, аз рӯи шартҳои муайяннамудаи созишномаи мусолиҳа муайян карда мешаванд.

7.7. Ваколати маҷлиси кредиторон

Кредиторони озмунӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонун дар қисмати талабҳо оид ба пардохтҳои ҳатмӣ мақомоти андоз ва дигар мақомоти ваколатдор иштирокчиёни маҷлиси кредиторон бо ҳуқуқи овоздиҳӣ шуда метавонанд. Дар маҷлиси кредиторон намояндаи кормандони қарздор иштирок менамояд. Ташкил ва гузаронидани маҷлиси кредиторонро мудир анҷом медиҳад. Ваколатҳои маҷлиси кредиторон:қабули қарор дар бораи ҷорӣ ва дароз намудани идоракунии беруна ва дар бораи муроҷиат намудан бо илтимосномаи дахлдор ба суд; қабули қарор дар бораи бастани созишномаи мусолиҳа; қабули қарор дар бораи муроҷиат намудан ба суд бо илтимоснома дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ; қабули қарор дар бораи интихоби аъзои кумитаи кредиторон, муайян намудани шумораи ҳайати кумитаи кредиторон ва дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои кумитаи кредиторон; ҳаллу фасли дигар масъалаҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ менамояд. Дар маҷлиси кредиторон кредитори озмунӣ, дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мақомоти андоз ва дигар мақомоти ваколатдор дар қисмати талабҳо оид ба пардохтҳои ҳатмӣ соҳиби шумораи овозҳои мутаносибан баробар ба маблағи талабҳои кредиторони озмунӣ, мақомоти андоз ё мақомоти дига-

ри ваколатдор аз рӯи уҳдадориҳои пулӣ (ё) пардохтҳои ҳатмӣ ба қарздор, ки мутобиқи Қонун эътироф ва ба рӯзи гузаронидани маҷлиси кредиторон муқаррар карда шудааст, мебошанд. Маҷлиси кредиторон бо ташаббуси мудир, дархости кумитаи кредиторон, кредиторони озмунӣ ва (ё) мақомоти андоз ва мақомоти ваколатдори дигаре, ки талабҳои онҳо оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва (ё) пардохтҳои ҳатмӣ на камтар аз сеяки ҷамъи маблағи талабшудаи ба рӯйхати талабҳои кредиторон дохилшударо ташкил медиҳад, ё бо ташаббуси аз се як ҳиссаи кредиторони озмунӣ даъват карда мешавад. Маҷлиси кредиторон бо дархости кумитаи кредиторон ё кредиторони озмунӣ аз ҷониби мудир, дар мӯҳлати ду ҳафта аз лаҳзаи бо дархости дахлдор мурочиат намудани кумитаи кредиторон ё кредиторони озмунӣ ба унвони мудир даъват карда мешавад. Маҷлиси кредиторон дар маҳалли ҷойгиршавии қарздор гузаронида мешавад, агар тартиби дигаре дар маҷлиси кредиторон ё кумитаи кредиторон муқаррар нашуда бошад. Дар ҳолати набудани кворуми кредиторон дар мӯҳлати даҳ рӯз маҷлиси такрории кредиторон даъват карда мешавад, ки сарфи назар аз шумораи кредиторони дар он иштироккунанда салоҳиятдор мебошад, ба шарте ки аз вақт ва ҷои гузаронидани маҷлиси кредиторон онҳо ба таври даркорӣ огоҳ гардида бошанд. Қарори маҷлиси кредиторон оиди масъалаҳои ба овоздиҳӣ гузошташуда бо аксари овозҳои кредиторони озмунӣ, ки дар маҷлиси кредиторон иштирок доранд, қабул карда мешаванд, агар тартиби дигаре дар Қонун пешбинӣ нашуда бошад. Маҷлиси кредиторон қарорҳои зеринро бо аксари овозҳо аз миқдори умумии кредиторони озмунӣ қабул менамояд: оиди ҷорӣ ва дароз намудани идоракунии беруна ё дар бораи мурочиат намудан бо илтимоснома ба суд дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ; дар бораи бо илтимоснома мурочиат намудан ба суд оиди аз вазифа озод намудани мудир. Дар ҳолате ки агар дар маҷлиси кредиторон, ки барои ҳалли масъалаҳои дар қисми дуюми моддаи мазкур пешбинишуда даъват карда шудааст ва миқдори овозҳои барои қабули қарорҳои мазкур зарурии кредиторони озмунӣ ҷамъ нашуда бошанд, маҷлиси такрории кредиторон даъват карда мешавад, ки барои қабули чунин қарорҳо бо аксари овозҳои кредиторони озмунии дар маҷлис иштироккунанда салоҳиятдор мебошад, ба шарте ки кредиторони озмунӣ аз вақт ва ҷои гузаронидани маҷлис ба тарзи даркорӣ огоҳ гардида бошанд. Кумитаи кредиторон манфиатҳои кредиторони озмуниро ифода намуда, ба

фаъолияти мудири беруна ва мудири озмунӣ бо тартиби пешбининамудаи Қонун назорат менамояд. Агар миқдори кредиторони озмунӣ аз панҷоҳ нафар камтар бошад, бо қарори маҷлиси кредиторон вазифаи кумитаи кредиторонро ба маҷлиси кредиторон вогузор кардан мумкин аст. Кумитаи кредиторон барои татбиқи вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда ҳуқуқ дорад: аз мудири беруна пешниҳоди маълумотро оид ба ҳолати молиявии қарздор ва ҷараёни идоракунии беруна талаб намояд; аз мудири озмунӣ пешниҳоди маълумотро оид ба ҷараёни истеҳсолоти озмунӣ талаб намояд; оиди фаъолияти мудири беруна ва мудири озмунӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ба суд шикоят кунад. Ба ҳайати кумитаи кредиторон мумкин аст намояндагони кредиторони озмунӣ ба миқдори муайяннамудаи маҷлиси кредиторон, вале на бештар аз 11 нафар дохил карда шаванд. Қарори кумитаи кредиторон бо аксари овозҳои шумораи умумии аъзои кумитаи кредиторон қабул карда мешавад. Аъзои кумитаи кредиторонро маҷлиси кредиторон ба муддати гузаронидани идоракунии беруна ва истеҳсолоти озмунӣ интихоб менамояд. Бо қарори маҷлиси кредиторон мумкин аст ваколатҳои ҳамаи аъзои кумитаи кредиторон пеш аз мӯҳлат қатъ гардонида шаванд. Талаби кредитор оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва (ё) уҳдадориҳои ҳатмӣ дар ҳаҷми панҷсад андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба кредитор ҳуқуқи доштани шумораи овозҳои баробар ба шумораи аъзои кумитаи кредиторонро медиҳад, агар бо қарори маҷлиси кредиторон тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад. Кредитор ҳуқуқ дорад, ки овозҳои ба вай тааллуқдоштаро ба як номзад диҳад ё онҳоро байни чанд номзадҳо ба аъзогии кумитаи кредиторон тақсим намояд. Ба ҳайати кумитаи кредиторон номзадҳое интихобшуда ҳисоб мешаванд, ки бештари овозҳоро гирифтаанд. Аъзоёни кумитаи кредиторон метавонанд аз ҳайати худ раиси кумитаи кредиторонро интихоб намоянд. Агар ҳайати кумитаи кредиторон аз панҷ нафар зиёд бошад, раиси кумитаи кредиторон ба таври ҳатмӣ интихоб карда мешавад.

7.8. Ҷавобгарии ҳуқуқии барои вайрон намудани муқаррароти қонунгузорӣ дар соҳаи муфлисшавӣ

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ » вайрон мекунанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Ҷавобгарии маъмурӣ ба кирдорҳои зерини дар вақти ба амал баровардани расмиётҳои бо муфлисшавӣ алоқаманд бавуҷуд омада фаро мерасад: Пинҳон, зарар расондан ва нест кардани молумулки соҳибкори инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, ки муфлисии он хислати устувор дорад ва ё мегирад; пинҳон кардани маълумот дар бораи мавҷуд будани уҳдадории молумулкӣ дар назди кредиторон ё маълумот дар бораи мавҷудияти уҳдадорӣ дар назди ҳамин соҳибкори инфиродӣ ё ҳамин шахси ҳуқуқӣ; вайрон намудани муқаррароти қонунгузорӣ оид ба тартиб ва шарти бегонакунии ҳамин молумулк ё амалӣ намудани аҳдҳои дигар бо он; Кирдорҳои номбаршуда ҷавобгарии маъмуриро ба шарте ба вуҷуд меоранд, ки агар: 1) зарари расонда шуда ба молумулки қарздор ба ҳаҷми калон набошад. 2) Ҷавобгарии ҷиноятиро бо моддаҳои 269-271 КҶ ҶТ (рафтори ғайриқонунӣ ҳангоми муфлисшавӣ, муфлисшавии бадқасдона, муфлисшавии қалбакӣ) ба вуҷуд наморад.

БОБИ VIII. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МЕНЕҷМЕНТ

8.1. Мафҳум, мазмун ва намудҳои менеҷмент
8.2. Вазифа ва принсипҳои менеҷмент
8.3. Таъминоти ҳуқуқии менеҷмент
8.4. Нақшаи соҳибкорӣ
8.5. Вазъи ҳуқуқии менеҷер

8.1. Мафҳум, мазмун ва намудҳои менеҷмент

Агар ба забони англисӣ рӯ оварем, пас ду калимаи моҳиятан ба ҳам наздик "management" ва "control" ба забони тоҷикӣ ба се калима тарҷума мешавад: "роҳбарият", "идоракунӣ" ва "назорат". Истилоҳи "менеҷмент", аз рӯи моҳият ҳаммаънои истилоҳи «идоракунӣ» мебошад. Менеҷмент маънои идоракунӣ ва илм дар бораи идоракугиро дорад. Аммо на идоракунии оддӣ, балки низоми идоракунии самараноктар дар сатҳи тахассусӣ, бо истифодаи дастовардҳои илми замонавӣ – психологияи муҳандисӣ ва иҷтимоӣ, ҷамъиятшиносӣ, корҳои молиявӣ ва бонкӣ, иқтисод ва ҳуқуқ, илмҳои муҳандисӣ ва техникӣ, маълумоти компютерӣ ба роҳ монда мешавад. Савол ба миён меояд, ки мафҳуми англисии "менеҷмент" ва тоҷикии "идоракунӣ" ва мувофиқан "менеҷмент" ва "идоракунӣ"-ро як шуморидан мумкин аст ё не? Ҳам ҳа ва ҳам не. Умуман гирем ҳа. Дар баробари ин дар фаҳмондан ва татбиқ намудани ин мафҳумҳо фарқият танҳо барои мутахасисон вуҷуд дорад. Аммо ду фарқият асосӣ ба шумор меравад. Якум, дар баораи "менеҷмент" ҳарф зада, ҳама вақт андоми "менеҷер" - одамро, субъекти идоракуниро, ки дар баъзе ташкилотҳо амал мекунанд дар назар доранд. Умуман онҳо истилоҳҳои "маъмурият", "маъмуриятчигӣ" (administration), ки бисёртар низоми идоракунии бемасъулиятро истифода мебаранд. Дуюм, вақте "менеҷер" мегуянд, пас идоракунандаи касбиро, ки он тахассуси махсусро, на ин, ки муҳандис ва ё иқтисодчии оддӣ, ки идоракуниро ифода мекунад, маънидод мекунад, дар назар дошта мешавад. Бар замми ин менеҷер - ин одаме мебошад, ки чун қоида тайёрии касбиро гузоштааст". Истилоҳи зерини "management" дар аввал омӯхта тавонистани асп ва идоракунии онҳоро мефаҳмонд. Асоси онро феъли англисии "to manage" - "идора кардан" ташкил медиҳад, ки аз истилоҳи лотинии "manus" – даст гирифта шудааст. Аз ин ҷо истилоҳи "менеҷмент" маънои "роҳбарии одамон"-ро дорад. Барои ҳамин дар назария ва амалияи имрӯза дар зери мафҳуми "менеҷмент" низоми роҳбарияти (идоракунии) гурӯҳи коргарон фаҳми мешавад. Дар амалия ҳама роҳбариятҳои хориҷӣ мафҳуми

"менеҷмент"-ро чун ҷараёни ба дасти дигар одамон ба мақсади ташкилот расидан маънидод мекунанд. Субъект ва иштирокчии асосии ҷараёни мазкурро менеҷер ташкил медиҳад. Луғати асосии забони англисии Оксфорд ин мафҳумро чунин маънидод мекунад: ҳокимият ва санъати идоракунӣ; тавоноии навъи махсус ва навовариҳои маъмурӣ; тарз ва роҳҳои муомилот бо одамон; мақомоти идоракунӣ, воҳидӣ маъмурӣ. Мақсади менеҷмент – идоракунии фаъолияти коллективии одамон, яъне вақте низоми идорашаванда одамонро дарбар мегирад. Дар адабиёт қайд шудааст, ки менеҷмент ба фаҳмиши сода ин тавоноии ба воситаи истифодаи меҳнат, зеҳн, ангезаи рафтори одамони дигар ба мақсад расидан аст. Менеҷмент - бо-тоҷикӣ "идоракунӣ" - вазифа, намуди фаъолият оиди роҳбарият ба одамон дар ташкилотҳои гуногун мебошад. Аҳамиятнокии менеҷмент махсусан дар солҳои 30-юм дарк шуда буд. Алакай ҳамон вақт маълум шуда буд, ки ин фаъолият ба ихтисоси соҳаи дониш – ба фанни мустақил, табақаи ҷамъият бошад – ба қувваи таъсиррасони ҷамъиятӣ мубаддал гардид. Менеҷмент – намуди идоракуние мебошад, ки пурра ба талаботи инкишофи иқтисоди бозоргонӣ ҷавобгӯ аст. Он падидаҳои гуногуннақшаро, ки ҷараёнҳои дар ташкилот гузашта истодаро, ки ба ҳаёти дохилӣ ва муносибати он бо муҳити зист алоқаманд аст дар бар мегирад, барои ҳамин баррасии он дар вобастагӣ бо он, ки кадом ҷараён дар аввали кунҷ монда мешавад, метавонад бо нуқтаҳои назари гуногун бурда шавад. Равияҳои аҳамиятноктар барои таҳлили идоракунии ташкилот инҳо мебошанд: баррасии идоракунӣ аз нуқтаи назари ҷараёнҳо, ки дар дохили ташкилот ба амал меояд; баррасии идоракунӣ аз нуқтаи назари ҷараёнҳо, ки ташкилотро бо муҳити беруна алоқаманд мекунад; баррасии идоракунӣ аз нуқтаи назари ҷараёнҳо, ки ин фаъолиятро ба амал мебарорад. Азбаскӣ ҷараёнҳои дар боло номбаршуда дар шаклҳои гуногун, аз он ҷумла дар шакли ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад, аҳамияти асосиро таҳлили танзими ҳуқуқии ин фаъолият соҳиб мегардад, ки қисми ҷудонашавандаи фаъолияти соҳибкориро ташкил медиҳад. Менеҷменти имрӯза на танҳо идоракунии оддӣ ва илм оид ба идоракуниро ифода мекунад. Он ба болоравии истеҳсолот, унсури асосии фарҳанги инсоният бо таърих, назария, анъанаҳо,олотҳо ва амалияи худ омили муҳимтарин мебошад. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ менеҷментро, на инки ягон ақидаи алоҳидаи онро ташкил медиҳанд. Мутахассисон мегуянд, ки менеджмент – ин танҳо маҷмӯи унсурҳои идоракунӣ нест. Онҳо

қайд мекунанд, ки ин падидаи ҳаматарафа бо ҳама хусусиятҳои яккачинаш мебошад. Менеҷмент пеш аз ҳама ба идоракунии фаъолияти хоҷагӣ, соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ равона шудааст. Аммо ба он ҳадде, ки муваффақиятҳои менеҷмент маълум гаштанд, он ба ҳама ҷое, ки низоми идоракунӣ одамонро фаро мегирифт дохил гашт. Он на танҳо фаъолияти хоҷагӣ, инчунин фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, бонкҳо, китобхонаҳо, ҳукуматро идора карда метавонад. Менеҷмент ба нақши умумӣ доштан дар ҳаёти имрӯза довталаб аст. Менеҷмент ба он талош мекунад, ки муваффақиятҳои беназири ҷамъияти пасиндустриалӣ ин хизматҳои он мебошад. Инкишофи босуръат дар ягон ҷо ба вуҷуд намеомад, агар менеҷмент намебуд. Ҳаминки принсипи асосӣ, ақидаи менеҷмент ба шуури одамон ҷой мегирифту олоти менеҷментро соҳиб мегашт, ҳамон лаҳза инкишофи босуръат оғоз мегардид. Назариячиёни имрӯзаи менеҷмент се тамоюли асосии ин падидаро ҷудо намуданд: 1. Менеҷмент – ин доираи падидаҳое мебошад, ки дар бораи он мегӯем, фаъолият оид ба таъсис ва амалӣ намудани идоракунии самараноки касбии манфиатнок ба ҳисоб меравад. 2. Менеҷмент – ин илмест, ки доираи васеи масъалаҳои бо фаъолияти дар боло номбаршуда алоқамандро назариявӣ коркард мекунад ва фанни таълимиест, ки донишҳоро оид ба падидаҳои онро дар бар мегирад. 3. Менеҷмент – ин доираи одамонест, ки фаъолияти мазкурро амалӣ менамоянд, менеҷерҳо[1]. Агар менеҷментро аз нуқтаи назари мазмуни он ҳачун илм ва фанни таълимӣ баррасӣ кунем, пас корҳои гуногунро (асосан интиқолӣ хориҷӣ) таҳлил намуда, шаш қисми (таркибии) оддии фанни таълимии замонавии технологии факултетҳои иқтисодии донишгоҳҳо ва мактабҳои тиҷоратро ҷудо кардан мумкин аст. Якум, ин истеҳсолот аст. Дар ин ҷо ҷараёнҳо ва нақшҳои асосии технологӣ, ки дар соҳаи истеҳсолот ба вуҷуд меояд, ошкор карда мешавад. Идоракунии истеҳсолот ба ғайр аз интихоб ва таъмини воситаҳои асосии ҷараёнҳои технологӣ, муайянсозии ҳаҷми бароришиҷории маҳсулот ё хизмаирасонӣ,оварданӣ таҷҳизот, ҷойгиркунии одамон, производствоташкили додани маводҳо, ашёи хом, маълумот дар бораи ҷои истифодаи онҳо ва ғайраро дар бар мегирад. Мақсади ҷараёни мазкур таъмин намудани пуррагии мувофиқи иқтидорҳои истеҳсолӣ ҳангоми ба даст овардани даромаднокии мувофиқи тиҷорат мебошад. Дуюм, ин молия аст. Вазифаи асо-

[1]Ниг.: Функции управления, особенности и основные характеристики // http://bibliofond.ru/view.aspx?id=463091.

сии он таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагии корхона мебошад. Ин ҷо ҳама маълумотҳои зарурӣ, ки арзиши нишондиҳандаҳоро муайян мекунад, таҳлил карда мешавад. Менеҷмент аз он бар меояд, ки қувваи ҳаракаткунандаи асосии ҳар як корхона талаботи беҳтар намудани вазъи молиявии худ мебошад. Оддитар карда гӯем, корхона бояд пул кор кунад. Сеюм, ин иқтисодиёт аст. Иқтисодиёти асосӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои мушаххас – танзимнамоии бозор, инкишофи маҳсулот, нархгузорӣ, даромаднокӣ, саҳмияҳо, ставкаи фоизноки бонкҳо ва ғайра равона аст. Чорум, ин мақсадноккунии идоракунӣ мебошад. Инҷо ҳама дастовардҳои психологияи иҷтимоии мактабҳои америкоӣ омӯхта мешавад. Мақсадноккунӣ бисёр васеъ маънидод карда мешавад. Ҳар як омил ба ҳайси мақсадноккунанда ва ё баръакс баррасӣ карда мешавад. Панҷум, ин маркетинг аст. Инҷо ҳама масъалаҳоро аз нуқтаи назари он, ки дар корхона вобаста ба бозор ба вуҷуд омада истодааст, омӯхта мешавад. Шашум, ин идоракуни бо навовариҳо мебошад. Инҷо маҷмӯи масъалаҳои бо навовариҳо, ақидаҳои илмӣ, илмию технологӣ то ягон ихтироот алоқамандро баррасӣ мекунанд.

Менеҷментро мумкин аст, ҳамчун назарияи умумӣ ва амалияи фаъолияти идоракунӣ, ки ҳам масъалаҳои умумӣ ва ҳам масъалаҳои махсусгардондашудаи менеҷментро дарбар мегирад, баррасӣ кунем. Ихтисос аз соҳаи амалинамоии фаъолияти идоракунӣ, хислат ва вазифаҳои он вобаста аст. Дар адабиёт инҳо ҷудо карда мешавад: стратегӣ, ташкилӣ, молиявӣ, менеҷменти навоварӣ ва самтҳои навтарини менеҷмент - реинжиниринг, контроллинг, менеҷменти таваккал, менеҷменти иҷтисоди беруна ва ғ. Менеҷменти стратегӣ баррасии дақиқи ҷараёни идоракунии стратегииро аз лаҳзаи пайдоиши ақидаи коркарди стратегия то амалӣ намудани он ифода мекунад. Ақидаҳои менеҷменти стратегӣ корхонаро водор месозад, ки ба оянда назар кунад, стратегияи худро таъсис диҳад, арзишҳои асосӣ ва бартариятҳои рақобатии худро муайян кунад, таҳдидҳо ва хатарҳои стратегиро бартараф кунад. Донистани стратегияи инкишофи худ, ба тағйирёбии вазъият эътино кардан, сиёсати коркардшударо фаъолона дар ҳаёт ҷорӣ намудан, таъсис додани дастаи ягонафикорн дар корхона ва якчанд падидаҳои дигар ҷисми ҷудонашавандаи менҷменти стратегӣ мебошад. Стратегия ба якчанд амалҳои рақобатпазир ва равишҳо ба тиҷорат ҷудо мешавад, ки аз он идоракунии бомуваффақияти корхона вобаста аст. Умуман гирем, стратегия – ин нақшаи идоракунии корхона

мебошад, ки ба мустаҳкамкунии вазъияти он, таъмин намудани истеъмолкунандагон ва расидан ба мақсади дар пеш гузошташуда равона аст. Нақшаи идоракунии корхона ҳама вазифа ва зерсохторҳоро фаро мегирад: таъминот, истеҳсолот, молия, маркетинг, кадрҳо, тадқиқотҳо ва коркардҳои илмӣ, таъминоти ҳуқуқии вазифаҳои номбаршуда. Ҳар яки он дар ин стратегия нақши муайяни худро дорад. Интихоби стратегӣ намудан ин маънои алоқаманд намудани қарори тиҷоратӣ бо амалҳои рақобатпазир, ки аз тамоми корхона ҷамъ оварда шудааст, ба самти ягона мебашад. Ин ягонагии амал ва равишҳо стратегияи ҷорирo ифода мекунад. Амалҳо ва равишҳои нав, ки ба хизматрасонӣ дохил мешавад, имконияти тағйирдиҳӣ ва азнавкунии стратегияи ҷорирo нишон медиҳад. Инчунин менеҷменти ташкилиро ҷудо мекунанд, ки механизми ташкилии идоракунии корхонаро мефаҳмонад. Менеҷменти ташкилӣ низоми амалҳои идоракунӣ, тарзҳо ва ҷараёнҳоро, ки ба амали намудани вазифаи ташкилот, инчунин ба амалинамоии назария ва амалияи менеҷмент, ки ба бартарияти принсипҳои умумиташкилотӣ ва ҳалли масъалаҳои ташкилот такя мекунад равонааст, ифода мекунад. Он инҳоро дар бар мегирад: лоиҳакашӣ, таъсис ва мукаммалгардонии сохторҳои ташкилот, дақиқ ҷудо намудани вазифаҳо, тақсим намудани вазифаҳо, уҳдадориҳои ташкилотӣ, ҳуқуқ ва ҷавобгарии зерсохторҳои сохторӣ ва иҷрокунандагони алоҳида, барпо намудани алоқаи мутақобила дар байни онҳо,риояи дақиқи қоидаҳои рафтори ташкилотии муқаррарнамуда, қабул намудани қарорҳои идоракунӣ. Дар зери менеҷменти молиявӣ идоракунии ҷараёни маблағгузории фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар муайянкунии талаботи корхона ба захираҳои пулӣ ифода мегардад, маълум намудани сарчашмаи онҳо, муқаррар намудани тарзҳои самараноктари ба даст овардан ва истифода бурдани он ба мақсади ба даст овардани натиҷаи дилхоҳи фаъолияти соҳибкорӣ, ҳангоми кам кардани таваккали соҳибкорӣ фаҳмида мешавад. Соҳибкорӣ бе таваккал намешавад. Бар замми ин дар мафҳуми қонунии фаъолияти соҳибкорӣ таваккал ҳамчун унсури ҷудонашавандаи он қайд шудааст. Барои ҳамин менеҷменти таваккал (хатар) ҷудо шудааст. Мукаммалгардонии идоракунӣ бо таваккал ин менеҷменти таваккал мебошад. Менеҷменти таваккал – яке аз соҳаҳои муҳими идоракунии имрӯза мебошад, ки бо хусусияти фаъолияти менеҷерҳо дар шароити зарурӣ, интихоби мураккаби таври идоракунӣ алоқаманд аст. Бо васеъшавии минтақаи вазъиятҳои

хатарнок, менеҷери таваккал ба ҳайси унсури ба объективан зарур ва муҳими идоракунӣ, воситаи муҳимтарини муваффақиятҳои кории соҳибкорӣ баромад мекунад. Менеҷмент - таваккал мафҳуми хеле васеъ мебошад, ки масъалаҳои гуногунро фаро мегирад ва амалан бо ҳама самтҳо ва тамоюлҳои идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд аст. Вазифаи асосии менеҷер дар соҳаи мазкур ин мебошад: соҳаи болоравии хатарро пайдо кунад, сатҳи онро баҳо диҳад, чораҳоро коркард ва татбиқ намояд, хатарро огоҳкунанда, дар ҳолате, ки агар зарар алакай ҷой дошта бошад, дар бораи ҷуброни мувофиқи он чора андешад, таҳлил ва пешгирии хатарҳо. Таҷриба нишон медиҳад, ки хатари зиёд дар ҳолатҳои гуногун ҷой дорад, баъзан дар ҳолати қарори нодурусти идоракунӣ, иҷрои номатлуби вазифа, интихоб ва иҷрои нодуруст, иштибоҳ дар пешгӯии маркетингӣ, пешниҳоди ҷолиби менеҷерро рад кардани роҳбарият. Дар иқтисоди бозоргонӣ дар шароити рақобати мустақилона, яъне ба таваккали худ амал мекунанд. Аз ин лиҳоз вазъи молиявии оянда и онҳо пешгӯинашаванда ва кам таҳлилшаванда мебошад. Менеҷменти таваккад (хатар) низоми баҳогузории хатар, идоракунии хата рва муосибатҳои молиявиро, ки дар ҷараёни тиҷорат ба вуҷуд меояд, пешниҳод мекунад. Хатарро бо истифода аз чораҳои гуногуне, ки дар як яатҳи муайян фарорасии вазъияти хатарнокро пешгӯи мекунад мумкин аст идора намоем ва саривақт чораҳоро барои паст намудани сатҳи хатар қабул намоем. Дар адабиёт инчунин менеҷменти инноватсионӣ (навоварӣ) ва самти навини он –реинжиниринго ҷудо мекунанд. Инноватсия-ҷараёни доимо азнавкунии ҳама соҳаҳои соҳибкорӣ мебошад. Инноватсия на танҳо коркардҳои техникӣ ва технологӣ, балкӣ ҳама дигаргуниҳоро аз он ҷумла, дар соҳаи таъминоти ҳуқуқии мукаммалгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба беҳтаршавии фаъолияти корхона мусоидат мекунад, ба худ дарҷ мекунад (моли нав,хизматҳои нав, шароитҳои хуби нав барои муштариён ва ғ.). Ҷараёни инноватсионӣ – мукаммалгардонии мувозинатнокии соҳаҳои гуногуни фаъолияти корхона ҳангоми назорати даромаднокии ҳар як зина мебошад.Ҳама навовариҳо дар асоси таҳлили низомнок ва умумии тарафҳои гуногуни кори корхонаки асосашро муқоисаи натиҷаи ба дастомадаро на бо натиҷаи алакай ба даст омада., балки бо он потенсиале, ки имрӯз дар бозор ҷой дорад ташкил медиҳад, ба миён меояд. Мақсади чунин таҳлил муайян намудани он, ки то чи андоза корхона имкониятҳои бозорро дар ҳар давра истифода мекунад. Инжини-

ринг – аз калимаи англисии "engineering", мебошад, ки маънои таҷҳизонидан, лоиҳа кашидан, барпо кардан, шурӯъ кардан, фикр кардан, ихтироъ карданро дорад. Дар корҳои идоракунӣ яке аз навовариҳои самаранок дар солҳои охир реинжиниринг ба шумор меравд. Асосгузори назарияи реинжиниринг Хаммер М мебошад, к ибо ҳаммуаллифии Чампи Ҷ. Китоби «Реинжиниринги корпоратсия: манифест барои инқилоб дар тиҷорат»-ро навиштааст. Муаллифон реинжиниринг ро ҳамчун фикрронии асосӣ ва лоиҳакашии ҷараёнҳои тиҷоратии корхона барои ба даст овардани беҳгардонии заминавӣ дар нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти онҳо-арзиш, сифат, сатҳи хизматрасонӣ, суръати амалкунӣ, молия, маркетинг, таъсиси низоми иттилоотӣ меҳисобанд. Инҷо мукаммалгардонии бузурги ҷараёнҳои тиҷоратӣ масалан даҳ баробар зиёдшавиро дар назар дорад, на инки аз 10-100% зиёдшавӣ. Реинжиниринг – ин азнавсозии (азнавлоиҳакашӣ) ҷараёнҳои корӣ барои ба даст овардани беҳгардонии қатъии фаъолияти корхона мебошад. Реинжиниринг, ё ҷараёни тиҷоратии реинжинирнинг (ҶТР), маҷмӯи усул ва воситаҳоро, ки барои беҳгардонии нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона бо роҳи таҳлил ва лоиҳакашии ҷараёнҳои мавҷудбудаи тиҷорат таъин шудааст, мефаҳмонад. Реинжиниринг аз инҳо иборат аст: инжинирингиҳои баръакс (инжиниринг тиҷорати мавҷудбуда) ва инжиниринг бевосита (инжинирингиҳои тиҷорати нав). Реинжиниринг – коркарди ҷараёнҳои нави корӣ(одатан дар асоси низоми нави техникӣ) бо мақсади суръат бахшидан ба аксуламали низоми корпоративӣ ба дигаргункунии шароити пешбурди тиҷорат. Менеҷменти иқтисоди беруна – фаъолияти идоракунӣ, ки ба коркард ва амалигардонии фаъолонаи сиёсати самараноки хоҷагӣ дар бозори беруна, инчунин ба азнавсозии муҳити дохилии корхона мувофиқи талаботҳои тағйирёфтае, ки аз муносибатҳои иқтисодии байналмиллалӣ бар меояд, равона аст. Мутахассисон қайд мекунанд, ки дар асрҳои XX-XXI консепсияи менеҷмент бисёр паҳн гашт, ки ба ҷараёни - Just-IN-Time Manufacturing (истеҳсолот "айнан сари вақт"), ки принсипҳои асосиаш аз ҷониби ширкати ҷопонии "Тойота" дар охири солҳои 70-ум; Total Quality Management (идоракунии ҷаҳонии сифат) ва Business Process Reengineering (реинжинирингиҳои ҷараёнҳои тиҷоратӣ) тайёр карда шудааст нигаронда шуда буд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки роҳбарияти ширкат дарк намуд, ки унсурҳои таркибро, ки бартариятро дар рақобат ба даст овардан мумкин аст хуб карда, фаъолият ҷараёни ягонаро ташкил

медиҳад. Агар дар солҳои 80-ум ҳамаро сифат ҳал мекард, дар солҳои 90-ум бошад реинжинирингги тиҷорат ҳал менамуд, пас, - чи тавре, ки Билл Гейтс қайд карда буд, - консепсияи ҳалкунандаи ин даҳсола «суръат» мебошад. Инҷо суръати дигаргуншавии тиҷоратро низ дар бар мегирад, инҷо ҳам динамикаи намуди ҳаёти истеъмолкунандагон ва ҳам пурсиши онҳо дар зери таъсири дастрасии зиёди иттилоотро фаро мегирад. Суръати болоравии сифати маҳсулот ва суръати мукаммалгардонии ҷараёни тиҷорат камтар болотар мешавад, дар ҳолати таъсири калони ин нишондиҳандаҳо тағйирёбии хислати худи тиҷорат ба амал меояд. Агар ширкати истеҳсолкунанда ё паҳнкунандаи маҳсулот, имконияти ба вазъияти бозор на дар як ҳафта балки дар якчанд соат эътино карданро дошта бошад, пас он алакай ширкате мегардад, ки ба хизматрасонӣ бо ин маҳсулот машғул мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари иқтисодӣ масъалаи менеҷментро доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ғаниев Т.Б. тадқиқ шудааст ва шудаистодааст. Масалан, китоби ӯ Менеҷмент: дар 4 қ. (ба забони тоҷикӣ). Душанбе: «Ирфон», 2004.

8.2. Функся ва принсипҳои менеҷмент

Дар зери функсияи менеҷмент давраҳои занҷири идоракунӣ ё натиҷаҳои фосилавӣ ҳангоми ҳаракат кардан ба занҷир фаҳмида мешавад. Дар аввал панҷ функсияи умумии менеҷментро дар соли 1916 муҳандиси франсузӣ Анри Файол таъсис ба вуҷуд овардааст. Таърихчиёни менеҷменти америкоӣ ӯро муҳимтарин шахс мешуморанд, ки Аврупо ба илми идоракунӣ дар нимаи аввали XX додааст. Он ба функсияи менеҷмент инҳоро дохил мекард: лоиҳакашӣ, ташкилӣ, роҳбарият, ҳамоҳангсозӣ ва назорат. Дар аввал ин функсияҳо зиёд шуда то ба ҳашт расиданд ва инҳоро дар бар мегирифтанд: 1. Лоиҳакашӣ, ки асоси менеҷмент мебошад ва дар мақсади муайян ва самти фаъолияти корхонаи ташкилшуда ифода меёбад. 2. Қабули қарори идоакунӣ масъалаи асосии менеҷмент дар тиҷорат мебошад, ки аз дуруст қабул намудани қарор амалкунии самараноки корхона, ва ҳастии худи он вобаста аст. 3. Ташкилию идоравӣ сохтани корхона, ки ба сохторҳо ҷудо намудани мақомотҳоро пешниҳод мекунад, ба монанди тафтиш, занҷирӣ амрҳо, тақсими самараноки меҳнат, тақсими ҷавобгарӣ ва дар умум истифодаи самараноктари қувваи кории одамон мебошад.

4. Комплектикунонии штат. Менеҷмент бо тиҷорат болоравӣ ва инкишофи коллективи фидоӣ ва хуб омӯзондашударо

сармоягузорӣ мекунад. 5. Мубодилаи иттилоот (коммуникатсия). Дар идоракуни роҳҳои муоширатро боз мондан зарур аст. Ширкат бо муҳити беҳтарини маънавӣ, чун қоида онҳоеро, ки ҳамкорони худро дар бораи мақсадҳои худ огоҳ мекунанд, ба ақидаи онҳо гӯш медиҳад. 6. Ҳавасмандгардонӣ. Дар он зоҳир мегардад, ки кормандон бояд барои ҷустуҷӯи тарзҳои самаранок меҳнат мукофотонида шаванд. 7. Роҳбарият. Менеҷерҳо пешвои эътирофгардида мешаванд, агар тарзи роҳбарияти худро ба талаботи вазъият такя кунонад. Дар адабиёт қайд шудааст, ки менеҷер-ташкилотчии имрӯза дар системаи истеҳсолоти ҷамъияти ба ҳайси инҳо баромад мекунад: а) идоракунанда; б) дипломат; в) пешво; г) тарбияткунанда; д) навовар; е) мавҷудияти инсонӣ. Мутахассисони пешво дар соҳаи менеҷмент он фактро қайд мекунанд, ки менеҷери имрӯза ин шахсият аст, яъне низоми мураккаби сифатҳои иҷтимоӣ мебошад, ки дар ҷараёни зиндагонӣ ба вуҷуд меояд. Барои имрӯз иҷро намудани сифатҳои менеҷерӣ, пеш аз ҳама менеҷер бояд одам бошад. 8. Назорат имконият медиҳад, ки натиҷаи дилхоҳро ба натиҷаи ба даст омада муқоиса кунем ва амалҳои зарурии фоидаоварро андешем. Назорат- ин фаъолияти идоракунӣ мебошад, ки вазифааш баҳогузории шуморавӣ ва сифатӣ ва баҳисобгирии натиҷаи кори ташкилот мебошад. Олотҳои асосии иҷро намудани ин функсия инҳо мебошанд: мушоҳида, тафтиши ҳама тарафаи фаъолият, баҳисобгирӣ ва таҳлил. Дар ҷараёни идоракунӣ назорат ҳамчун унсури алоқаи баръакс баромад мекунад, маҳз бо маълумоти он тасҳеҳи қарор ва нақшаҳои пештар қабулшуда баамал бароварда мешавад. Дар солҳои охир дар амалия корхонаҳои пешрафта бисёртар усули контролингро ҷорӣ мекунад, ки назорати анъанавиро пурра месозад. Контроллинг ҳамчун низоми танзимсозандаи зиндашавии корхона баромад мекунад: Дар нақшаи уӯтоҳмуддат- ба муносибкунии фоида равона аст, дар нақшаи дарозмуддат – ба нигоҳдории муносибатҳои мувофиқ бо муҳити зист равона аст. Контроллинг –маҷмӯи усулҳои менеҷменти оперативӣ ва стратегӣ, баҳисобгирӣ, нақшакашӣ, таҳлил ва назорат ба давраи нави инкишофи бозор, низоми ягона, ки ба бадастории мақсади стратегии корхона равона аст. Агар контроллинг ва назоратро муқоиса кунем, пас контролинг ба назорати пештара наздикӣ дорад. Принсипҳои асосии менеҷментро инчунин Анри Файол пешниҳод кардааст. Ӯ тасдиқ намуд, ки «шумораи принсипҳои идоракунӣ бемаҳдуданд. Ҳар як қоида, ҳар як воситаи маъмурӣ,

ки ташкилаҳои иҷтимоиро мустаҳкам мекунад ё рафти онро сода мегардонад, ҷои худро дар миёни принсипҳо ишғол мекунад, ба ҳар ҳол то он даме, ки таҷриба онро ба ин ҷо тасдиқ мекунад. Тағйирёбии вазъи ашёҳо метавонад ба тағирёбии қоида, ки дар ҳаёт ин вазъиятро ба мин овардааст, оварда расонад.».

Дар шумораи принсипҳои идоракунӣ, ки бисётар аз ҷониби Анри Файол дар фаъолияти амалии ҳаррӯза ва барои нақшакашии инкишофи стратегӣ ва тактикии корхона, ки «дарҳои сафед»-мекушояд татбиқ мешуданд, инҳо мебошанд: 1) тақсими меҳнат, зеро ихтисосонии меҳнат барои дастовардҳои ташкилот зарур аст; 2) ҳокимият – ҳуқуқи фармон додан бояд ҷавобгарӣ ҳам дошта бошад; 3)интизом, зеро итоат кардан ва эҳтиром кардан имконияти оромона кор карданро медиҳад; 4) ягонагии амрдиҳӣ (фармондиҳи) - коргар бояд танҳо аз як сардор фармон гирад; 5) ягонагии самт – қувваи ҳар як касс бояд ҳамоҳанг шуда боша два ба як тараф равона бошад; 6) моил будани манфиати индивидуалӣ ба умумӣ- " кашидани банд" миёни манфиати шахсӣ ва умумӣ ба манфиати ташкилот -яке аз масъалаҳои муҳими идоракунӣ мебошад; 7) мукофотонӣ – пардозт ба коргарон бояд ба кори онҳо мувофиқ бошад; 8) марказонӣ – ёфтани мувозинати мувофиқ миёни марказонӣ ва ғайримарказонӣ бисёр зарур аст; 9) иерархия – зердастон уҳдадоранд занҷири коммуникатсияро то он даме, ки маълумоти нишондода шуда ба ҷои он мерасад риоя кунанд. 10) тартибот – арзишҳои моддӣ ва одамонро бояд дар ҷои мутлақо муайян пайдо кунанд; 11) адолатнокӣ – натиҷаи хубӣ ва қонуният буда, он ба хизмати фидокорона ва мувофиқ ба қонун оварда мерасонад.12) мустаҳкам будани ҳайъат ва муҳлати дар вазифа будан (доимӣ будани таркиби ҳайъат) – ба одамон вақт додан лозим, то ки кори худро донанд; 13) ташаббус – яке аз завқи калони мустақилона тартиб додан ва иҷро намудани нақшаҳо мебошад; 14) муттаҳидкунии ҳайъат ("рӯҳияи каставӣ") – қувваи якҷояи коргарон асоси дастовардҳои корхона мебошад. Ҳар як аз ин принсипҳо ба таҳлил ва бозкунӣ сазоворанд, аз он ҷумла аз тарафи таъмини ҳуқуқии он. Дар ин ҷо қайд намудан зарур аст, ки функсия ва принсипи менеҷментро, ки Анри Файол пешниҳод намудааст, аз озмоиши вақт гузаштааст ва имрӯз муҳим мебошад. Ин қоида дар он зоҳир мегардад, ки идоракунӣ аз нақшакашӣ сар карда то ба назорат ҷараёни бетанаффус буда, алфа ва омегаи илми тиҷорат мебошад.

8.3. Таъминоти ҳуқуқии менеҷмент

Дар адабиёт қайд шудааст, ки менеҷмент тамоюлҳои зиёд дорад, аз он ҷумла тамоюлҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимомӣ, молиявӣ, философӣ, психологӣ, техникӣ, ташкилӣ. Мутаассифона инҷо ба танзими ҳуқуқии менеҷмент нишондод мавҷуд нест, ба нақши ҳуқуқ дар менеҷмент ҳамчун илм ва таҷрибаи идоракунии тиҷорат, ки мустаҳкамӣ ва самаранокии баландро таъмин менамояд. Ба асари номбар намудаи Уткин Э.А., ки дар фасли дуюми он «Идоракунии корхона» ба 2 «Асосҳои ҳуқуқии тиҷорати Россия» бахшида шудааст, диққати асосӣ диҳем ва ин хуб аст. Ё то вақтҳои охир иқтисодчиён ва идоракунандагон ба таври дахлдор нақши ҳуқуқро дар танзимнамоии муносибатҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла ташкилию идоракунӣ баҳо медиҳанд, чи тавре, ки таҷрибаи мамлакатҳои иқтисоди бозоргониашон пешрафта нишон медиҳад, нақши ҳуқуқ дар ин соҳа бисёр муҳим аст ва инро азнав баҳогузорӣ кардан номумкин аст. Барои ҳамин муқаррар ва коркард кардани масъалаи танзими ҳуқуқии менеҷмент бисёр муҳим мебошад. Ҳамчун намуди махсуси фаъолияти касбӣ амал мекунад, ки дар асоси татбиқи принсипҳо, усулҳо ва функсияҳои гуногуни механизми иҷтимоию иқтисодии менеҷмент ба бадастории натиҷаҳои хоҷагии дар шароити бозоргонӣ амалкунанда аз ҷониби корхона равона аст. Механизми иҷтимоию иқтисодии менеҷмент бисёртар соҳаи зинда (соҳаи фаъолият, дониш, гурӯҳи одамон) дар принсипҳои асосии худ истифодаи (татбиқи) олоти ҳуқуқӣ – муайян намудани вазъи ҳуқуқии корхона, сохтори ташкилию идоракунии он, функсияҳои зерсохторҳо ва алоқаи функсияҳо, вазъи ҳуқуқии менеҷерро талаб мекунад. Батартибдарории дохилии корхона, фирма, корпоратсия, ки дар он ҷараёнҳо, ташкили ин ҷараёнҳо дар низоми самаранок амалкунанда баргузор мегардад дастоварди муҳими фаъолият ба шумор меравад. Тамоюли ҳуқуқии менеҷмент дар мустаҳкамкунии сохтори ташкилию идоракунии корхона, фирма бо санадҳои меъёрии локалӣ зоҳир мегардад. Табиати корпоративии менеҷментро ба назар гирифта, самаранокии санадҳои меъёрии локалро фаромуш кардан лозим нест. Бо ин санадҳо вазъи ҳуқуқии зерсохторҳо, алоқаи функсияи онҳо, уҳдадориҳои касбии коргарони зерсохторҳо муқаррар карда мешавад. Таносуби менеҷмент ва ҳуқуқ – мисли таносубҳои фаъолияти дигар бо ҳуқуқ, мумкин аст ин тавр ифода шавад: асосаш – талаботи қонуният. Менеҷмент ҳамчун фаъолияти гуногуни инсоният бояд мувофиқи қонун амалӣ карда шуда ба он мухолифат накунад. Менеҷер дар

фаъолияти амалии худ, дар кадом шакле, ки амалӣ нашавад, ба қонуни давлате, ки дар ҳудуди он фаъолият мекунад, итоат мекунад ва бо ин қонун дар баробарӣ бо шаҳрвандони дигар ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Ба ғайр аз ин он аз ҳимоя ва кафолати ҳуқуқӣ аз ҷониби қонун, ҳам дар соҳаи фаъолияти касбӣ ва ҳам дар соҳаи ҳуқуқи умумишаҳрвандӣ бархурдор ҳастанд. Ин муқаррарот дар қонун, ки шакли ташкилию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, вазъи ҳуқуқии мақомотҳои идоракунӣ муайян мекунад, дар Кодекси меҳнати ҶТ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дарҷ гардидааст. Муқаррароти ҳар як ин санадҳо ба ҳавасмандгардонии рӯҳияи соҳибкорӣ, ба кӯшишкунӣ ба мустақилият ва навоварӣ равона аст, ки асоси мафкураи менеҷеризми имрӯзаро ташкил мекунад. Низоми таъсири ҳуқуқ ба соҳаҳои алоҳидаи менеҷмент аз рӯи ин нақша рафтан мумкин аст, пешниҳоди мухтахассисоне, ки тамоюлҳои амалии масъалаҳои номбурдаро таҳлил мекунанд. Бо ҳар як аз самтҳои ҷудошуда, таъсири ҳуқуқ ба соҳаи менеҷмент мумкин аст ва тадқиқи алоҳидаи масъалаҳои мушаххаси таъминоти ҳуқуқӣ зарур аст.

8.4. Нақшаи соҳибкорӣ

Дар зери нақшаи соҳибкорӣ ҳуҷҷати мустақилона коркардшуда ва қабулшуда дар корхона мебошад, ки нишондиҳандаҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, меҳнатӣ ва ғайраро муайян мекунад ва шартҳои истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот, ки стратегия ва тактикаи корхонаро дар шароити бозор муайян мекунад, масъалаҳои дар вобаста ба он ба вуҷудояндаро пешгӯӣ мекунад ва онро бо тарзу усули хос ҳал мекунад. Мақсади тартиб доданинақшаи тиҷоратӣ дар он зоҳир мегардад, ки ба соҳибкор, роҳбарияти корхона маълумоти пурраро дар бораи вазъи мавҷудаи корхона ва имконияти инкишофи онро диҳад. Ба ғайр аз ин асосноккунии дақиқ ба сармоягузорони оянда ба мустаҳкамии сармояи худ бовариро ба вуҷуд меорад, боварӣ ба роҳбарияти корхона бениҳоят зарур аст. Сифати нақшаи тиҷоратӣ бояд сармоягузоронро бовар кунонад, ки онҳо бо мутахассисони баландихтисос кор карда истодаанд, ки ба онҳо бовар крдан мумкин аст. Чун қоида, нақшаи тиҷоратии корхона ба 3-5 сол дар самтҳои мазкур коркард карда мешаванд: таҳлили бозор ва стратегияи маркетингӣ; стратегияи маҳсулотӣ; стратегияи истеҳсолӣ; инкишофи низоми идоракунии корхона ва моликият; стратегияи молявӣ (иқтисодӣ). Пас аз коркарди дақиқи фаслҳои

нақша маърӯзаи кӯтоҳ тартиб дода мешавад, ки бо нақшаи тиҷоратӣ пешгирӣ карда мешавад. Таъиноти маърӯза – ба таври умумӣ додани маълумот оид ба мақсади инкишофи корхона барои доираи васеи шахсон, ки нозукиҳои нақшаро донистани онҳо ҳатмӣ нест, баъзан сирри тиҷоратӣ мебошанд. Нақшаи тиҷоратии пурра дорои маърӯза ва фаслҳои нақшаи асосиро дар бар мегирад ва ба доираи маҳдуди шахсон дода мешавад, ки аз боварии корхона барҳурдор ҳастанд. Вале қонунгузорӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ бевосита уҳдадории корхонаро (соҳибкорро) барои коркард кардани нақшаи тиҷоратӣ муқаррар накардааст, таҷриба аз он шаҳодат медиҳад, ки истифода бурдани нақшаи тиҷоратӣ унсури зарурии мазмуни соҳибкорӣ мебошад. Нақшаи тиҷоратӣ зарур аст: ба худи соҳибкор – дар ҳолати баҳогузории имкониятҳо ва самаранокии таъсиси кори худ барои он, ки онро хуб ба роҳ монад, натиҷаҳои эҳтимолиро бо харочотҳо баҳогузорӣ карда, хатарро пешгирӣ мекунад; Ба контраегнтҳои соҳибкор- дар мавриди баҳогузории мақсаднокии ҳиссагузорӣ ва дигар сармоягузориҳои сармоя ба сохторҳои тиҷоратии алакай таъсисёфта; дар вақтҳои бастани қарордодҳои муҳим бо соҳибкорон; ба бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ- дар баҳогузории имконият ва мақсаднокии додани қарз; ташкилотҳои суғуртавӣ – дар баҳогузории мақсаднокии суғуртакунии ҳар намуди хатар; ба ташкилотҳо-эмитентҳо барои таҳия намудани лоиҳаи эммисия қоғазҳои қимматнок ва ғ. Тартиб додани нақшаи тиҷоратӣ иҷозат медиҳад пешниҳоди хусусигардонии молумулки давлатиро ихтисосан асоснок кунем. Нақшаи тиҷоратҷ ҳуҷҷати ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мувофикро барои коргарони (корхона) соҳибкор ба вуҷуд меорад. Он метавонад: ваколати мақомоти идоракунӣ, менеҷерҳо ва дигар коргаронро азнав муайян кунад; дар мавриди сармоягузорӣ кардани воситаҳо метавонад асос бошад; дар вақти бастани шартномаҳо бо контрагент ба назар гирифта мешавад ва ғ. Нишондиҳандаҳои нақшаи тиҷоратӣ дар вақти бастани қарордодҳо бо идоракунанда ва менеҷерҳо метавонад аҳамияти ҳуқуқии муайянкунанда дошта бошад. Амалӣ карда натавонистани нақшаи тиҷоратӣ ҳамчун асос барои қатъ намудани қарордоди моликро бо соҳибкор аз рӯи қарордод, соҳибкорро бо менеҷер баромад мекунад. Барои ба коркардҳо ҷараён бахшидан, тасдиқ ва иҷро намудани нақшаи тиҷоратӣ дар сатҳи зарурӣ дар санадҳои локалии корхона тартиби коркард ва тасдиқи нақшаи тиҷоратӣ, ки шахсони мушаххаси ба коркарди фаслҳои он,

шаклҳо ва усулҳои иштироки онҳо дар кор ҷавобгарро пешбинӣ мекунад, муқаррар шудааст; муҳлати коркард; муҳокимаи нақшаи тиҷораиӣ ва тасдиқи он аз ҷониби соҳибкорон (идоракунанда), дар ҳолатҳои зарурӣ бо розигии молик. Диққати асосӣ бояд ба таъмини махфият ва нигоҳдории сирри тиҷоратӣ дода шавад, барои он, ки маълумот дар бораи нақшаи тиҷоратӣ ба дасти рақибон насарад. Нишондиҳандаҳои нақшаи тиҷоратии тасдиқшуда аз ҷониби зерсохторҳои иҷрокунандагон имзо гузошта мешавад ва барои таъсис додани нақшаи фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ ҳамчун асос хизмат мекунад.

8.5. Вазъи ҳуқуқии менеҷер

Таркиби асосии таъмини ҳуқуқии менеҷмент, ки ба кушодани боз як воҳиди он имконият медиҳад, таносуби мафҳумҳои "менеҷмент" ва "фаъолияти соҳибкорӣ", "менеҷер" ва "соҳибкор" метавонад хизмат кунад. Фаъолияти соҳибкорӣ –ин соҳаи иҷтимоию иқтисодии фаъолнокии одамон мебошад, ки бо ҳуқуқ танзим мешавад. Барои маълум кардани таносуби мазкур муайянкунандашон алоқамандиҳои зерин мебошад: молик – соҳибкор аз рӯи қарордод (идоракунандаи корхона) - менеҷерҳо; ҳар яки онҳо дар таъсис ва танзимнамоии асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳо доранд. Ин бо ду вазъият алоқаманд аст: якум, бо баитмомрасии муайяни ҷудокунии моликият аз назорати бевоситаи он (ин ҷараён дар асрҳои XIX пайдо шуда буд.), дуюм, бо алоқамандии соҳаи ташкилию идоракунӣ дар муносибат бо мазмуни фаъолияти он мустақил мебошад. Нисбияти алоқамандии охирон аз он иборат аст, ки мазмуни ин фаъолият, тарзҳо ва воситаҳои истифодашаванда (ин ҳам ба соҳаи истеҳсолот ва ҳам савдою қарз таалуқ дорад) танҳо то сатҳи муайян бо мазмуни моддӣ ё истеҳсолотию техникии фаъолияти корхона пешакӣ муайян шудаанд. Хусусияти асосии ташкилот дар он аст, ки он доимо муносибатро дар миёни шахсон, фардон ифода мекунад. Аз ин лиҳоз, аз мазмуни ҷараён танҳо як мақсад боқӣ мемонад. Мақсад меиавонад бо санъати шаклҳои гуногуни сохторҳои ташкилот, бо фарқияти уҳдадорӣ, ҳамуҳдадорӣ ба даст оварда шавад.Ҷудо намудани аҳамияти мустақил дар дастовардҳои кор дар солҳои 50-60-уми асри гузашта ба амал омада буд ва чунон умум эътирофгашта шуд, ки баъзан ин даврароо давраи ташкилот ном мебаранд. Молик вазифаи идоракуниро бо қарордод ба соҳибкор медиҳад ва чун қоида масъалаи ташкили идоракунии истеҳсолот ва фурӯши маҳсулотро

муайян намекунад; бар замми ин вазифаи худро дода молик ҳуқуқи мудохилаи оперативию хоҷагиро ба фаъолияти корхона ва идоракунии он (ба ғайр аз ҳолатҳои муайян намудаи ҳуҷҷати таъсис ва қарордод) аз даст медиҳад. Соҳибкор бо қарордод на танҳо ҳуқуқ дорад балки уҳдадор аст истеҳсолотро ташкил намуда онросамаранок идора намояд. Иҷро накардани уҳдадории мазкур мумкин аст барои қатъ намудани қарордод асоси ҳуқуқӣ шавад. Менеҷерҳои идоракунандаи соҳаҳои (вазифаҳои) алоҳидаи истеҳсолот инчунин уҳдадоранд, ки ба таври дахлдор идоракуниро ташкил намуда мустақилона дар доираи салоҳияти худ ва шартҳои муқаррар намудаи қарордоди басташуда амал намояд. Илман эътирофнамуда ҳисобидан мумкин аст, ки мақсади асосии менеҷмент ин ба даст овардани фоида бо роҳи татбиқ намудани низоми самараноктари идоракунӣ мебошад, пас мувофиқан менеҷмент бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаи зич дорад. Бар замми ин мқҳаққиқони менеҷмент тарафҳои фарққунандаи менеҷментро аз соҳибкор қайд мекунанд. Истилоҳи «соҳибкор» аз ҷониби иқтисодчии франсавӣ Ришар Кантилон, ки дар авали асри XVIII зиндагонӣ кардаас, ҷорӣ намудааст. Аз ҳамон лаҳза ин калима одамеро мефаҳмонад, ки таваккали бо таъсиси корхонаи нав ё коркарди аҷидаи нав, маҳсулоти нав ё намуди хизмати нави ба ҷамъият пешкашшаванда алоқаманд аст, ба худ мегирад. Дарк намудан муҳим аст, ки калимаҳои «соҳибкор» ва «менеҷер» ҳаммаъно нестанд. Ин ҳолатро тафсир намуда Евенко Л.Е. қайд намуд, ки тоҷир ва менеҷер як нестанд. Тоҷир он шахсест, ки «пул кор мекунад», дорандаи сармоя, ки дар муомилот қарор дошта, фоида меорад. Вай метавонад одами корӣ бошад, ки дар итоаташ кассе нест, ё молики бузургест, ки дар ягон ташкилот ба ягон вазифаи доимӣ машғул нест, аммо саҳмдори он мебошад ва метавонад аъзои идоракунии он бошад. Менеҷер бошад ҳатман ба кори доимӣ машғул аст ва дар итоати он зердастон қарор доранд. Соҳибкорӣ бисёртар бо шахсияти одам алоқаманд аст, соҳибкоре, ки тиҷоратро баамал мебарорад, коринав пешниҳод мекунад, навовариҳоро амалӣ мекунад, маблағи худро ба корхонаҳои нав мегузорад ва таваккалро ба худ мегирад. Фарқият миёни менеҷер ва соҳибкор хеле бузург мешавад, агар менеҷер ба тарзи идоракунии бюрократӣ такя кунад, аммо фарқият кам мемонад агар онҳо тарзи идоракунии соҳибкориро ҷонибдорӣ кунанд. Ҳал кардани ин мухолифат ҳоло танҳо ба баъзе корхонаҳо даст додаст. Омилҳои инсонӣ, ки дар донишҳои субъект ба идоракунии

кори худ, дар тавонистани ташкили меҳнати худ ва меҳнати коллектив, дар манфиатнок будан ба инкишофи худ ва фаъолияти соҳибкорӣ дарҷ гардидааст, асоси менеҷментро ташкил медиҳад. Таносуби мафҳуми «менеҷер» ва «соҳибкор» ҳаракаткунандааст. Зеро ҳама соҳибкорон дар таъсиси мақсади корхона ё ташкилот ва ин ташкилотро дар авали фаъолияти он идора мекунанд, ҳамаи онҳоро мепеҷер ҳисобидан мумкин аст. Дар натиҷаи пурзӯр кардани нақши ташкилии менеҷер, шакли ҳар як корхона намудор мегардад, маҳз ба воситаи он нақши соҳибкор-навовар ба амал бароварда мешавад. Дар бораи муносибати менеҷер ва соҳибкор ҳарф зада, Друкер П. қайд мекунад, ки албатта менеҷер соҳибкор намебошад, аммо соҳибкор ҳама вақт бояд кам-кам менеҷер бошад; бар замми ин менеҷере, ки вазифаи соҳибкорро иҷро намекунад менеҷери хуб буда наметавонад. Аммо ин хислатҳо ҳамчун таваккали шахсӣ, такон ба имконияти молиявӣ ва хоҳиши дурудароз ва сахт кор кардан, яъне ҳамаи онҳое, ки одатан аломати хуби соҳибкорӣ меҳисобанд, умуман ба таври ҳатмӣ дар бораи имконияти ҳамон одам барои идоракунии ташкилот то ҳадде, ки он зиёд мешавад гувоҳӣ намедиҳад. Баъзе соҳибкорон барои иҷрои самараноки вазифаи идоракунӣ, ба монанди нақшакашӣ, ташкил, мақсаднокӣ ва назорат метавонанд имконият ё маҳорат надошта бошад. Муаллифи як тадқиқот, ки хислати соҳибкори муваффақ ва менеҷери муваффақро баробар мешуморад, ба чунин ақида меояд: «Иерархияи (роҳбарон) бомуваффақият дар тиҷорат қудрати ба вазъияти ғайрисохторӣ ҷорӣ намудани батартибӣ ва дидани моҳияти ташкилоти худро дорад. Чунин роҳбарон қобилияти қабул намудант қарорро доранд. Ба соҳибкорон чунин рафтор пеш наомадааст….(ба ғайр аз ин) роҳбари бомуваффақ дар тиҷорат ба ҳокимият муносибати мусбӣ намуд. Соҳибкор бошад бо хислати худ роҳбариятро намехоҳад эътироф кунад, кӯшиш мекунад, аз ин ҳолат бар канор бошад. Мувофиқан, ягон чизи аҷоибот нест дар он, ки соҳибкори барҷаста на он қадар менеҷеи самаранок шуда метавонем». Менеҷер – ин одамест, ки кори дигаронро идора мекунад ва ба натиҷаи он пурра ҷавобгар мебошад. Менеҷери хуб дар иҷроиши кор тартибот ва пайдарпаӣ ҷорӣ мекунад. Муносибати мутақобилаи худро бо зердастон дар асоси факт ва дар доираи мақсадҳои муқарраршуда ба роҳ мемонад. Менеҷерҳо бо назорати рафтор ва эътино кардан ба иҷро накардани нақша аз ҷониби зердастон, ба мақсад расиданро таъмин мекунад. Мутахассисо дар соҳаи менеҷмент қайд мекунанд, ки дар луғати имрӯзаи

тоҷикӣ мафҳуми «менеҷер» ба истилоҳҳои зерин мувофиқат мекунад: «идоракунанда», «роҳбар», «сардор», «мудир». Хулоса ин идоракунанда ё роҳбаре, ки ба вазифаи доимӣ машғул мебошад ва ваколатҳои муайян дар соҳаи қабул намудани қарор оид ба намуди мушаххаси фаъолияти корхона, ки дар шароити бозоргонӣ амал карда истодааст, дорад. Истилоҳи "менеҷер" бисёр паҳнгашта буда, дар ҳолатҳои зерин истифода мешавад: ташкилкунандаи намуди мушаххаси кор дар чорчӯбаи зерсохторҳои алоҳида ё гурӯҳҳои нақшавӣ; ба роҳбари корхона ё зерсохтори он; роҳбар дар муносибат бо зердастон; маъмурияти тамоми сатҳи идоракунӣ, ки корро ташкил кардааст, дар асоси усулҳои замонавӣ. Хатар ва номуайянии вазъияти ба бозор хос мустақилият ва ҷавобгариро аз менеҷерҳо дар қабули қарор, ки ба ҷустани қарори ташкилии мувофиқ ва илмию техникӣ вобаста ба навовариҳо талаб мекунад. Ба менеҷери тамоми сатҳ талаботи зиёд, ки дар санадҳои меъёрӣ дарҷ гардидааст ва вазъи ҳуқуқии онро муайян мекунад, пешбинӣ мешавад. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххаси менеҷер инчунин бо шартнома, ки байни корхона ва роҳбар (менеҷер)вобаста ба иҷро намудани уҳдадорӣ оид ба роҳбарии оперативии фаъолияти истеҳсолию хоҷагии корхона баста шудааст, муқаррар карда мешавад. Ба ғайр аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои менеҷер, ки дар санадҳои меъёрӣ сабт шудааст, дарадабиёт талаботҳои умумӣ барои менеҷер пешниҳод шудааст: Ба он инҳоро ҷо мекунанд: мавҷудияти дониши умумӣ оид ба идоракунии корхона; ваколатноки дар масъалаҳои техникаи истеҳсолот дар он соҳае, ки корхона бо намуд ва хислати фаъолияташ ба он таалуқ дорад; доштани маҳорати на танҳо маъмуриятчигӣ, инчунин соҳибкорӣ, ки дар бозор вазъиятро омӯхта тавонад, ташаббускорона ва фаъолона захираҳои корхонаро ба соҳаҳои самараноктар тақсим кунад; дар асоси розигии роҳбарони поёнӣ ва коргарон қарори асоснок ва ваколатнок қабул кунд ва уҳдадор кардани ҳар яки онҳо ба иҷроиши он; мавҷуд будани тачриба ва дониши амалӣ дар соҳаи таҳлили вазъияти иқтисодӣ дар бозорҳои асосӣ, ки дар он корхона кор карда истодааст; таҳлил карда тавонистани нозукиҳо ва амали корхонаҳои рақиб; пешакӣ дида тавонистани тамоюли инкишофи вазъи хоҷагӣ, махсусияти талабот, чораҳои танзими давлатии иқтисодӣ дар мамлакати худ ва хориҷӣ, ки корхона дар бозори он мехоҳад ҳолати худро нигоҳ дорад. Аз ҳама талаботи асосӣ ба менеҷер ин идора карда тавонистани одамон мебошад. Ба ин дохил мешавад: донистани маълумот дар бораи зердастон,

қобилияти онҳо ва имконияти иҷро намудани корҳои ба он фармудашуда; донистани шартҳои пайвасткунандаи корхона ва коргар;ҳифзи манфиатҳои ину он дар асоси адолат; барканор кардани коргарони ноқобил ба мақсади нигоҳ доштани ягонагӣ ва таъмин намудани мустаҳкамии амалкунии корхона. Иқтисоди бозоргонӣ талаботро ба идоракунӣ муайян мекунад, ки ба кори эҷодӣ, иттилоотӣ, тавонистани истифодаи самараноки захираҳо ва таъмини самаранок амал намудани корхона дохил мешавад. Факти дақиқ дар менеҷмент ин фаҳмиши ҳар як менеҷер, пеш аз ҳама роҳбари зинаи боло идоракунии онро, ки корхонаи онҳо фаъолияти худро дар ҳшароити бозор ва дар вобастагӣ бо бозор баамамал бароварда истодаанд. Дар ҳамин марид, корхона, ки тавасуи кормандони худ амал карда истодааст, бояд оид ба таъмин намудани на танҳо талаботҳои ҳаёт, балки оид ба талаботи кормандони худ, роҳбарони худ, ки инкишофи корхона аз он вобаста аст, низ ғамхорӣ кунад.

БОБИ IX. РЕЖИМИ ҲУҚУҚИИ МОЛУМУЛКИ СОҲИБКОР

9.1. Молумулк ҳамчун асоси фаъолияти соҳибкорӣ

9.2. Ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои амволӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ

9.3. Ашёҳо ва асъор ҳамчун объекти фаъолияти соҳибкорӣ

9.4. Ҳуқуқи молумулкии соҳибкор ба қоғазҳои қимматнок

9.5. Таснифи қоғазҳои қимматнок

9.6. Маълумоти иҷтимоӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ

9.7. Моликияти зеҳнӣ. Тамғаи молӣ (тамғаи хизматрасонӣ). Номи фирмавӣ. Номи ҷои баромади мол. Ихтироот, модели судманд ва намунаи саноатӣ

9.1. Молумулк ҳамчун асоси фаъолияти соҳибкорӣ

Барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ соҳибкор бояд молумулки муайян дошта бошад. Ба даст овардани фоида аз истифода бурдани молумулк яке аз шаклҳои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Молумулк барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ восита мебошад. Доштани молумулк – шарти зарурӣ барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Доштани молумулки мустақил яке аз шартҳои эътироф намудани таъсиси шахси ҳуқуқӣ мебошад. Дар ташкилот худи факти мавҷуд будани молумулки мустақил дар ҳаҷми муайян аҳамияти ҳуқуқӣ дорад. Набудани молумулк мумкин аст барои бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ ё барои гирифтани иҷозатнома монеа шавад. Истилоҳи «молумулк» барои ифода намудани ашёҳо, аз ҷумла пул ва қоғазҳои қимматнок, инчунин ҳуқуқи молумулкӣ истифода мешавад. Ҳуқуқи молумулкӣ – ҳуқуқи шахс оид ба талаб кардани додани молумулк ё дигар неъматҳои молумулкӣ мебошад. Ҳуқуқи молумулкӣ мумкин аст предмети шартнома, аз он ҷумла хариду фурӯш бошад. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ба истифодаи мафҳуми молумулк вобаста ба хусусияти танзими ҳуқуқӣ дар маъноҳои гуногун асос меёбад. Намудҳои алоҳидаи молумулкро, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад аз рӯи аломатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ тасниф карда мешавад. Асосҳои ҳуқуқии тасниф имконият медиҳад, ки намудҳои гуногуни молумулкро ҷудо кунем, ки муҳимтаринашон инҳо мебошад:амволи манқул ва ғайриманқул, дар муомило т қарор дошта, дар муомилоти маҳдуд қарордошта ва аз муомилот гирифташуда. Вобаста ба аломатҳои иқтисодӣ молумулки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода шаванда ба инҳо ҷудо мешавад:

воситаҳои асосӣ ва муомилотӣ – вобаста аз сатҳи иштироки молумулк дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулот, арзиш ва муддати истифодабарӣ; молумулки таъиноти исеҳсолот ва ғайриистеҳсолот – вобаста аз имконияти иштирокчиёни молумулк дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулот; активҳои моддӣ ва ғайримоддӣ – вобаста аз мавҷуд будун ё набудани шакли моддии молумулк; фондҳои таъиноти гуногун – вобаста аз таъиноти мақсадноки молумулк. Режими ҳуқуқии молумулк дар фаъолияти соҳибкорӣ маҷмӯи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсро ба молумулки ба ӯ тааллуқдошта ифода мекунад. Истифодаи молумулк дар фаъолияти соҳибкорӣ бақайдгирии ҳатмии молумулк мувофиқи қоидаи баҳисобгирии муҳосибӣ, муайянкунии арзиши он бо риояи қоидаи баҳогузорӣ ва азнавбаҳодиҳӣ, инчунин қоидаи фурӯши молумулкро пешбинӣ мекунад. Ихтиёрдории молумулк дар ҷараёни ба амалбарории фаъолияти соҳибкорӣ маҳдудиятҳои муайяни қонунгузориро дар бар мегирад, аз он ҷумла: риоя намудани расмиётҳои махсуси бастани аҳд нисбати «аҳдҳои бузург»; риоя намудани маҳдудиятҳои зиддиинҳисорӣ ҳангоми бегона кардани молумулки пураразиш ё миёнаҳаҷм; фурӯхтани молумулк бо арзиши (бозорӣ) муайян. Ҳаҷми ваколати ҳуқуқии шахс нисбати моликияти ба ӯ тааллуқдошта аз намуди ҳуқуқ ба ин молумулк вобаста аст.

9.2. Ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои амволӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ

Ҳуқуқи моликият – маҷмӯи меъёрҳое, ки муносибатҳои ҳуқуқии бо азхудкунии неъматҳои моддӣ алоқамандро ба танзим медарорад. Ҳуқуқи моликияти шахси мушаххас ба воситаи се ваколатҳои зерин муайян када мешавад: доштан; истифода намудан; ихтиёрдорӣ намудан. Доштан – дар ҳақиқат дар даст доштани ашё, ки ба қонун асос ёфтааст. Ҳамеша бояд ба асосҳои ҳуқуқӣ, яъне унвони доштан тасвир карда шавад. Истифода бурдан – имконияти аз ашё гирифтани хосиятҳои фоиданоки он, ки ба қонун асос ёфтааст. Ихтиёрдорӣ намудан – муайян намудани тақдири ҳуқуқии ашё бо роҳи тағйир додани хусусияти он (на танҳо бегонакунӣ, инчунин нобуд намудани он) мебошад. Ҳамаи ин се ваколат метавонад дар молик вуҷуд надошта бошад. Молик моликиятро ба манфиати худ медорад, истифода мебарад ва ихтиёрдорӣ мекунад, яъне ҳуқуқи моликият хислати мутлақ дорад. Ҳуқуқи моликият мумкин аст дар ҳолатҳои муайян намудаи қонун маҳдуд карда шавад ва наметавонад аз ҷониби шахсони

дигар маҳдуд карда шавад. Ба ҳуқуқи амволӣ дар баробари ҳуқуқи моликият инҳо дохил мешаванд: а) ҳуқуқи истифодабарии замин; б) ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ; в) ҳуқуқи идораи оперативӣ; г) ҳуқуқҳои дигари амволӣ. Дар шароити имрӯза давлат уҳдадории ҳифзи ҳуқуқи моликият ва таъмини дахлнопазирии онро бар дӯши худ гирифтааст. Дар ҶТ моликияти хусусӣ ва давлатӣ дар сатҳи баробар эътироф ва ҳифз карда шудааст. Эътироф намудани уқуқи шаҳрванд ба соҳибкории озод ва ба амал баровардани фаъолияти иқтисодӣ бо дастгирии давлатии инкишофи рақобат ва пешгирии пайдоиши монополия кафолат дода мешавад. Конститутсия ба соҳибкорон сӯистифода намудани вазъи ҳукмфармои худ ва татбиқи шаклҳо ва тарзҳои рақобати манъкардашударо манъ мекунад. Конститутсияи ҶТ муқаррар мекунад, ки доштан, истифода намудан ва ихтиёрдорӣ намудани замин ва дигар боигариҳои табиӣ аз ҷониби моликони онҳо озодона ба амал бароварда мешавад, агар ин ба муҳити зист зарар нарасонад ва ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро вайрон накунад. Шарт ва тартиби истифодаи замин дар асоси Кодекси замини ҶТ муайян карда мешавад. Шахси ҳуқуқӣ моликии ягонаи молумулки ба онҳо тааллуқдошта, яъне ба сифати ҳисса аз ҷониби иштирокчиёни онҳо додашуда мебошанд. Ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳуқуқи доштан, истифода намудан ва ихтиёрдорӣ намудани молумулки ба онҳо таалуқдоштаро доранд ва он танҳо мувофиқи қонун маҳдуд карда мешавад. ТҒТ (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) ҳуқуқ доранд молумулки худротанҳо ба мақсаде, ки таъсис дода шудааст ихтиёрдорӣ намоянд, яъне ихтиёрдори маҳдуд. Воҳидҳои давлатӣ субъекти моликияти давлатӣ мебошанд. Идоракунӣ ва ихтиёрдории объекти моликияти давлатиро Ҳукумати ҶТ ба амал мебарорад, аммо он метавонад салоҳияти худро оид ба доштан, истифода намудан ва ихтиёрдорӣ намудан ба каси дигар диҳад. Корхонаҳои давлатӣ ва казонӣ молумулкро ба ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ва идораи оперативӣ дар даст дорад.

9.3. Ашёҳо ва асъор ҳамчун объекти фаъолияти соҳибкорӣ

Ба объекти ҳуқуқи хоҷагии соҳибкор ашёҳо, пул ва дигар молумулкро дохил мекунанд. Вобаста аз мазмуни иқтисодӣ, хусусиятҳои ҷисмӣ ва ғайра объектҳои ҳуқуқи хоҷагӣ метавонад бо асосҳои гуногун, аз қабили дар муомилот буда, дар муомилоти маҳдуд буда, аз муомилот гирифташуда. Объектҳои ҳуқуқи хоҷагӣ, ки метавонад танҳо ба гурӯҳи муайяни иштирокчиёни

муомилот таалуқ дошта бошад ё дар муомилот бо иҷозатномаи махсус роҳ дода мешавад, муомилоти маҳдуд номида мешавад. намудҳои ин объектҳо бо тартиби муайяннамудаи қонун муайян карда мешаванд. Бисёре аз объектҳои ҳуқуқи хоҷагӣ метавонад озодона бегона карда шаванд ва аз як иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии хоҷагӣ ба дигараш бо тартиби универсалии ворисии ҳуқуқ ё бо тарзи дигар гузарад. Объектҳои ҳуқуқи хоҷагии паҳнгашта ашё мебошад. Дар зери мафҳуми ашё предмети моддӣ, ки оид ба он муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандон ба вуҷуд меоядмаҳсулоти табиӣ, предметҳои таъсисдодаи одам фаҳмида мешавад. ашёҳо ба манқул ва ғайриманқул ҷудо мешавад. Ба ашёи ғайриманқул қитъаҳои замин дохил мешавад: қитъаҳои объектҳои обӣ, сарватҳои зеризаминӣ ва ҳар чизе, ки бо замин алоқаи зич дорад: бино, иншоот, дарахтони бисёрсола. Ба молу мулки ғайриманқул инчунин киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, объектҳои кайҳон, ки мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ ашёи дигарро низ ба ҷумлаи молу мулки ғайриманқул нисбат додан мумкин аст, дохил мешаванд, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд. Объекти махсуси ғайриманқул корхона мебошад. Корхона ҳамчун объекти ҳуқуқ комплекси молу мулкие эътироф карда мешавад, ки барои татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ истифода мегардад. Корхона дар маҷмӯъ ё як қисми он метавонад объекти хариду фурӯш, гарав, иҷора ва аҳдҳои дигари марбут ба муқаррар намудан, тағйир додан ё қатъ кардани ҳуқуқи молу мулкӣ бошад. Ба ҳайати корхона ҳамчун комплекси молу мулкӣ, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, тамоми намудҳои молу мулки барои фаъолияти он пешбинигардида, аз ҷумла ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, бино, иншоот, таҷҳизот, асбобу анҷом, ашёи хом, маҳсулот, ҳуқуқи талаб, қарз, инчунин ҳуқуқ ба аломатҳои фардикунанда, маҳсулоти он, кору хизмат (номи фирмавӣ, тамғаи мол, тамғаи хизматрасонӣ) ва ҳуқуқи мустаснои дигар дохил мешаванд.

Ҳуқуқи моликияту ҳуқуқи дигари молу мулкӣ ва ашёи дигари ғайриманкул, маҳдуд кардани ин ҳуқуқ, ба миён омадан, гузаштан ва қатъ гардидани онҳо бояд дар феҳрасти ягонаи давлатӣ ба қайди давлатӣ гирифта шаванд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, дар баробари ба қайдгирии давлатӣ мумкин аст намудҳои алоҳидаи ашёи ғайриманқул махсус ба қайд ё ба ҳисоб гирифта шавад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, дар баробари ба қайдгирии давлатӣ мумкин аст намудҳои алоҳидаи ашёи

ғайриманқул махсус ба қайд ё ба ҳисоб гирифта шавад. Бақайдгирии ҳуқуқ ба ашёи манқул ғайр аз ҳолатҳои дар қонун зикргардида зарур нест. Объекти махсуси ҳуқуқи граждани пул, арзишҳои асъорӣ ва қоғазҳои қимматнок мебошад. Пул (асъор) метавонад объекти асосии муносибатҳои ҳуқуқӣ бошад, масалан дар шартномаи қарз, аммо он бисёртар ба сифати эквиваленти умумӣ ҳамчун воситаи пардохти шартномаи хариду фурӯш, пудрат ва ғайра баромад мекунад. Воситаи қонунии пардохт сомонӣ ба шумор меравад, ки қабули он аз рӯи арзиши эътибории худ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист. Намудҳои молу мулке, ки арзишҳои асъорӣ эътироф карда мешаванд ва тартиби бо онҳо анҷом додани аҳдҳо тибқи қонун дар бораи танзими асъор ва назорати асъор муайян карда мешаванд. Қонун оид ба назорати асъор дар зери молумулк, ки ҳамчун арзиши асъорӣ муайян карда мешавад асъори ҶТ, асъори хориҷӣ, қоғазҳои қимматнок бо асъори ҶТ, қоғазҳои қимматнок бо асъори хориҷӣ, фулузоти қиматбаҳо ва сангҳои қимматбаҳои табиӣ (ба истиснои маҳсулотҳои заргарӣ)-ро ифода мекунад. Бо ин қонун тартиби бастани аҳд бо арзишҳои асъориро муайян карда мешавад. Асъори хориҷӣ маблағҳое, ки дар ҳисобҳо дар шакли воҳидҳои пулии давлатҳои хориҷӣ ва воҳидҳои пулии байналхалқӣ ё воҳидҳои ҳисобу китоб қарор доранд. Дар айни ҳол ба бисёр мамлакатҳо низоми пулие хос аст, ки ба асъори қоғазӣ асос ёфтаанд. Асъори қоғазӣ аломати тилло мебошад онро бо функсияи воситаи муомилот ва воситаи пардохт иваз мекунад. Нақши эквиваленти умумиро тилло ба иҷро расонданро оғоз намудааст. Вобаста ба режими асъор ба бадалшаванда, ки бемонеа ба асъори дигари хориҷӣ иваз карда мешавад (масалан, доллари ИМА, маркаи Олмон, франки Фаронса); қисман бадалшаванда, яъне дар ҳама амалиёти асъорӣ ё барои ҳама дорандаҳо ба даст оварда намешавад; бадалнашаванда танҳо дар дохили як мамлакат амал мекунад.

9.4. Ҳуқуқи молумулкии соҳибкор ба қоғазҳои қимматнок

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ аҳамияти хосаро чунин объектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ба монанди қоғазҳои қимматнок сазовор мегардад. Коғази қиматнок ҳуҷҷате мебошад, ки бо риояи шакли муқарраргардида ва реквизитҳои ҳатмӣ ҳуқуқи молу мулкиеро тасдиқ менамояд, ки татбиқ ё гузашт кардани онҳо танҳо дар сурати нишон додани он имконпазир аст. Коғази қиматнок ба худ ҳуқуқҳои субъективии молумулкиро дарбар ме-

гирад. Ба коғазҳои қиматнок инҳо дохил мешаванд: вомбарг, вексел, чек, сертификати бонкӣ, коносамент, саҳмия ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки мутобиқи санади қонунгузорӣ дар бораи коғазҳои қиматнок ё мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи онҳо ба ҷумлаи коғазҳои қиматнок мансуб дониста шудаанд. Намудҳои ҳуқуқи дар коғазҳои қиматнок тасдиқшаванда, реквизитҳои ҳатмии коғазҳои қиматнок, талабот нисбати шакли коғази қиматнок ва талаботи дигари зарурӣ тибқи қонун ё мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи он муайян карда мешаванд. Дар сурати набудани реквизитҳои ҳатмии коғази қиматнок ё ба шакли барои чунин коғазҳо муқаррарғардида мутобиқат накардан он боиси беэътиборшавии он мегардад. Махсусиятҳои қоғазҳои қимматноки нишондодашуда ба амалисозии ҳуқуқ, ки дар қоғазҳои қимматнок дарҷ гардидааст аҳамияти назаррас дорад. Гум кардани қоғази қимматнок чун қоида имконнопазир шудани амалисозии ҳуқуқи дар он дарҷгардидаро пеш меорад. Қоғази қимматнок далели он мебошад, ки қарздор уҳдадор аст, ки дар ҳолати пешниҳод намудани қоғази қимматноки аслӣ онро иҷро кунад. Номгӯи асосҳое, ки қарздор ҳуқуқ дорад вобаста ба онҳо аз иҷро кардан даст кашад маҳдуд буда, асосан ба беэътибор донистани қоғазҳои қимматнок алоқаманд аст. Беэътибор будани қоғазҳои қимматнок метавонад мутлақ ва нисбӣ бошад. Беэътибории мутлақ масалан дар вақти қалбакӣ ё сохтакории қоғазҳои қимматнок ба вуҷуд ояд. Дорандаи коғази қиматнок, ки иваз ё сохтакории коғази қиматнокро ошкор намудааст, ҳақ дорад аз шахси коғазро ба ӯ супурда ба таври дахлдор иҷрои уҳдадориҳои тасдиқнамудаи коғази қиматнок ва ҷуброни зиёнро талаб намояд. Беэътибории нисбии қоғазҳои қимматнок дар ҳамон мавриде вуҷуд дорад, ки шахс қоғази қимматнокро ғайриҳуқуқӣ ба даст оварда аст, масалан агар онро дуздидааст. Чунин даъвоҳо танҳо муқобили дорандаи мушаххас пешниҳод карда мешавад, зеро факти ғайриҳуқуқӣ ба даст овардани қоғази қимматнок ба ҳуқуқҳои дар он дарҷгардида таъсир намерасонад. Қоғазҳои қиматнок метавонанд манзурӣ, ордерӣ ва номӣ бошанд. Ҳуқуқи тасдиқнамудаи коғази қиматноки номӣ ба шахси дар он зикршуда тааллуқ дорад. Ҳуқуқи тасдиқнамудаи қоғази қиматноки манзурӣ ба шахси манзуркунандаи қоғази қиматнок тааллуқ дорад.Ҳуқуқи тасдиқнамудаи қоғази қиматноки ордерӣ ба шахси дар он номбаршуда ҳуқуқро гузашт кардани ӯ ба шахси ваколатдор тааллуқ дорад.

9.5. Таснифи қоғазҳои қимматнок

Ҳама оилаҳои бузурги қоғазҳои қимматнок одатан ба якчанд намуд вобаста ба аломатҳои он тақсим мешавад. По форме выпуска различают: а) шакли ҳуҷҷатии коғазҳои қиматнок – шакли коғазҳои қиматнок, ки соҳиби онҳо дар асоси пешниҳоди қоғазҳои қиматноки ба тарзи муносиб ба расмият даровардашуда ё сертификати коғазҳои қиматнок ё дар ҳолати ба нигоҳдорӣ супоридани онҳо, дар асоси қайд бо ҳисоби депо муайян карда мешавад; б) намуди ғайриҳуҷҷатии коғазҳои қиматнок - намуди коғазҳои қиматнок, ки соҳиби он дар асоси навиштаҷот дар низоми пешбурди феҳристи соҳибони коғазҳои қиматнок ё дар ҳолати ба нигоҳдорӣ супоридани коғазҳои қиматнок, дар асоси навиштаҷот дар ҳисоби депо муайян карда мешавад. Вобаста аз субъекте, ки ҳуқуқи он дар қоғази қимматнок дарҷ гардидааст, ба инҳо ҷудо мешавад: 1) барои ба шахси дигар гузашт кардани ҳуқуқи тасдиқнамудаи коғази қиматноки манзурӣ ба дасти ин шахс супурдани коғази қиматнок кифоя аст; 2) ҳуқуқи тасдиқнамудаи коғази қиматноки номӣ мувофиқи тартиби барои гузашткунии талабот (сессия)-и муқарраргардида гузашт карда мешавад. 3) коғази қиматноки ордерӣ. Индоссаменти дар коғази қиматнок ба амал баровардашуда ҳамаи ҳуқуқи тасдиқнамудаи коғази қиматнокро ба шахсе медиҳад, ки ба ӯ ё фармони ӯ ҳуқуқ аз рӯи коғази қиматнок гузашт карда шудааст - ба индоссат. Индоссамент бланкавӣ (бидуни зикри шахсе, ки талаботи ӯ бояд иҷро шавад) ё ордерӣ (бо зикри шахсе, ки талабот ё фармони ӯ бояд иҷро гардад) буда метавонад. Индоссамент метавонад танҳо бо супориши татбиқи ҳуқуқи дар коғази қиматнок тасдиқшуда бидуни гузашт кардани ин ҳуқуқ ба индоссат (индоссаменти супоришӣ) маҳдуд карда шавад. Вобаста ба моҳияти муносибатҳои иқтисодӣ чунин намуди қоғазҳои қимматнокро ҷудо мекунанд: ҳиссагӣ; қарзӣ; гибридӣ; истеҳсолӣ; молӣ. Қоғази қимматноки ҳиссагӣ ҳуқуқи дорандаро ба ҳисса дар сармояи корхона тасдиқ мекунад. Ба ин гуна қоғази қимматнок саҳмияҳо ва паи фондҳои сармоягузориро дохил мекунанд. Қоғази қимматноки қарзӣ ҳуқуқи мушаххаси талаботи пулиро тасдиқ мекунад. Ба ин гунна қоғази қимматнок вомбарг, вексел, чек ва сертификати қарздориро дохил намудан мумкин аст. Инчунин қоғазҳои қимматноки аввала ва навбатиро ҷудо мекунанд. Ба сифати қоғазҳои қимматноки аввала саҳмия, вомбарг, нота, вексел, сертификат ва дигар олотҳоро, ки ҳуқуқ ба молумулк мебошад, воситаҳои пулӣ, маҳсулот, замин ва дигар сарватҳои авваларо

дохил намудан мумкин аст. Қоғазҳои қимматноки навбатӣ– ҳама намуди қоғази қимматноке, ки ҳуқуқи дорандаро ба харид ё фурӯши қоғазҳои қимматноки аввала (саҳмия, вомбарг, уҳдадориҳои қарзии давлатӣ) - ро тасдиқ мекунад. Ба ин гуна қоғази қимматнок фючерсҳои молиявӣ, ҳуқуқҳои имзоиро дохил намудан мумкин аст. Қоғази қимматнокро корпоратсия (саҳмия ва вомбарг) ва давлат (вомбарг) мебароранд.

9.6. Иттилооти иҷтимоӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ

Аз нуқтаи назари иттилоотӣ ба иттилооти иҷтимоӣ намунаҳои иттилоотиро ҷойгир намудан лозим аст, ки майл, андеша, мақсад, амалҳои иттилоотӣ ва аслии одамони алоҳида нисбати одамони атроф; якҷоя кардани ин намунаҳо ба низоми иҷтимоии воҳиди гуногун ва мушкилӣ; мушкилоти намунаи ҷамъиятии якҷоякардашударо дар ихтирооти инфиродӣ ифода намудан. Баъдан намунаи иҷтимоиро ислоҳ намудан лозим меояд, чи дар сатҳи поёнӣ ва чи дар сатҳи болоии иттилоот – одамон рафтори худро вобаста ба ивазшавии ақида, қонунҳо, қоидаҳо дигар мекунанд, ивазшавии ақида, қонунҳо, қоидаҳо бошанд бо дар назардошти тағйирёбии рафтори одамон ба вуҷуд меоянд. Иттилооти иҷтимоии саҳи поёнӣ намунаи хоҳиш, андеша, мақсад, амалҳои иттилоотӣ ва аслии як одам нисбати одами дигарро ифода мекунад. Он чи ки як одам мехоҳад ба одами дигар диҳад , ба кадом тавре, ки ин додан ва иҷро намудани мақсади иттилоотӣ ва амали аслӣ – ин танҳо як тарафи ҷараёни мубодила, ки миёни ду одам ба вуҷуд меояд мебошад. Тарафи дигари ҷараёни мубодила иттилоотеро оид ба он ифода мекунад, ки як одам аз одами дигар ба сифати хоҳиш, мақсад, амалҳои иттилоотӣ ва аслии вай чиро интизор аст. Чунин мубодилаи иттилооти иҷтимоӣ одамро идоракунии одами дигар мебошад. Зеро одамон ба гурӯҳҳо муттаҳид шудаанд, пас иттилооти иҷтимоии гурӯҳӣ вуҷуд дорад – иттилооти иҷтимоии оилаҳо, миллатҳо ва иттилооти иҷтимоии умумиинсонӣ. Мувофиқан хоҳиш, андеша, мақсад, амалҳои иттилоотӣ ва аслии оилаҳо, миллатҳо ва умумиинсонӣ вуҷуд дорад.

Дар мамлакатҳои инкишофёфта соҳибкорон дар қатори олимон ва мутахассисон (пеш аз ҳама бо ҳуқуқшиносон, духтурон, омӯзгорон) ва иштирокчиён ба истеъмолкунандагони асосии хизмат ва маҳсулоти иттилоотӣ, дар соҳаи тиҷорат бошад аз ҳама муҳим ва аз ҳама бузург соҳаи иттилооти бозор дохил мешаванд. Ҷолиб будани бозори мазкур аз нуқтаи назари талабот таъмини

иттилоотии тиҷоратро ба яке аз вазифаҳои муҳимтарини фаъолияти иттилоотӣ мубаддал гардондааст. Аз тарафи дигар таҷрибаи ҷаҳонии даҳсолаи охир нишон дод, ки иттилооти электронӣ ба қисми муҳими инфрасохтори имрӯзаи бозор мубаддал гаштааст. Озодии иттилоотро иқтисодчиёни ҷанубӣ бо озодии рақобат алоқамнд мекунанд ва ҳамчун як шарти асосии амалкунии самараноки иқтисоди бозоргонӣ меҳисобанд. Дастрасии бемаҳдуд ба иттилоот мафҳуми асосии намунаи рақобати аслӣ мебошад ва маҳз мавҷудияти иттилоот дар агентҳои бозор хароҷоти транзаксионро муайян мекунад. Тасаввур мекунем, ки оё истеҳсолкунандаи мустақил ва соҳибихтиёри мол ва хизмат, инчунин онҳое, ки бефосилагии соҳаи «илм-техника-истеҳсолот-фурӯш-истеъмол»-ро таъмин мекунанд, бе истифодаи иттилоот дар бозор бомуваффақият амал карда метавонанд ё не. Масалан, иттилоот дар бораи дигар истеҳсолкунандагони мустақил, аз ҷумла дар ҳамон соҳаи танги бозор амалкунанда, дар бораи имконияти истеъмолкунандагони маҳсулоти он, дар бораи маҳсулотсупорон, технологияи ба соҳибкор зарурӣ, дар бораи вазъияти бозори мол ва асъор, инчунин бозори сармоя, билохира дар бораи вазъи иқтисодӣ ва сиёсии на танҳо соҳаи бозори мазкур, инчунин дар мамлакати худ ва ҷаҳон, дар бораи омилҳои дурудурози инкишофи иқтисодиёт, инкишофи босуръати илму техника ва натиҷаҳои он, дар бораи шароити ҳуқуқии фаъолияти хоҷагӣ ва ғ. иттилооти маркетингӣ барои таъсис ва дақиққунии нақшаҳои стратегии тиҷоратӣ, буҷет ва нбарномаи истеҳсолот, инчунин барои санҷиши мустақилияти нақшаҳо ва барномаҳои бозор дар ҷараёни амалисозии молҳои истеҳсолӣ истифода мешавад. Иттилоот ба ҳар давраи коркард, қабул ва амалисозии қарорҳои корӣ барои соҳибкор зарур аст. Қайд намудан зарур аст, ки ҷадвал ба фаъолияти истеҳсолотию савдоӣ дохил мешавад ва барои тиҷорати инноватсионӣ ё машваратӣ таркиб ва иттилооти талабшаванда дигаргуна аст. Доимо баланд шудани талабот ба иттилоот аз тарафи соҳибкорон дар шароити мураккаб гаштани фаъолияти хоҷагӣ ва якҷоякунии ҷараёни ҷаҳонишавии тиҷорат бо соҳаи хурди бозор ба амал меояд. Ин ба таври объективӣ низом ва воситаи таъминоти талабот, коркард ва дастрасӣ ба иттилоотро ба аломати муҳимтарини инфрасохтори бозорӣ табдил медиҳад. Аз тарафи дигар иттилооти электронии бузург ва доимо дар инкишоф амалан ба ҳама соҳаи фаъолияти инсонӣ, моҳиятан ба қисми ҷудонашавандаи тиҷорати имрӯза

мубаддал гаштааст. Ин ба туфайли он, ки иттилоот акнун бо истифодаи технологияи оддии компютерӣ дастрас аст ба вуҷуд омад. Имконияти дохил шудан ба ҳама иттилоот бо PC худ ба воситаи шабака дар даҳсолаи охир дар ҷаҳон дар таҷрибаи корӣ васеъ истифода мешаванд. Яке аз хусусиятҳои субъективии иттилооти корӣ арзиши он мебошад. Моҳияти иттилоот ин мол мебошодад, ки дар айни ҳол аз ҳама қиммат мебошад, агар он ба истифодакунанда сари вақт рассад. Кадом соҳибкор намехоҳад донад, ки савдои кадом мол фоидаовар аст, имрӯз ва дар оянда чи истеҳсол намудан самаранок аст, нархи аз ҳама паст кадом аст, ки моли рақобатпазирро харидорӣ намояд ва маҳз дар куҷо, ё нархи аз ҳама баланд ва харидоре, ки ин молро ба ин нарх мехарад. Қайд кардан месазад, ки бе иттилооти дақиқ дар бораи шарик ё қонунгузории амалкунанда ягон қарордодро имзо намудан лозим нест. Бе иттилоот оид ба вазъияти иқтисодӣ ва суръати тағйирёбии он тиҷоратро пешгӯӣ кардан, қарорҳои хоҷагӣ тайёр намудан ва бастани аҳдҳои мушаххасро ба нақша гирифтан имконнопазир аст. Иттилоотро аз шуъбаи иттилоотӣ дастрас намуда истифодабаранда на танҳо барои иттилоот балки барои хизматрасонии иттилоотӣ, яъне хизмати коркарди он, борпеч кардани он ва расондани он ба истифодабарандаи мушахас пардохт мекунад. Бозори имрӯзаи иттилоот (маҳдуд баррасӣ мекунем ВАО, рӯзномаву маҷаллаҳо, радио ва телевизионро дар бар намегирад) ба истеъмолкунанда чор шакли асосии иттилоотро пешниҳод мекунад: ба сифати нашриёти чопӣ ки метавон бевосита ҳамчун китоб дар вақти дурудароз истифода кард; дар намуди асосҳои иттилоот дар компакт-дискҳо, ки метавон дар МЭҲ-и шахси мисли китоб бо имкониятҳои бемаҳдуди ҷустуҷӯи босуръати ҳама аломатҳои он истифода кард; дар намуди аз асосҳои иттилоот ҷудо дар режими онлайн on-line (онлайн) (вақте, ки иттилооти дархостшуда зуд ба МЭҲ ворид мегардад) ва дар режими оффлайн off-line (оффлайн) (вақте, ки истифодакунанда ба дархости худ бо нигоҳдошт ва дертар ҷавоб мегирад); дар намуди машварат, ки аз ҷониби мутахассис расонда мешавад ва ҷавоби мушаххасро ба дархости истифодакунанда дарбар мегирад. Қайд намудан лозим аст, ки шаклҳои дар боло номбаршуда манфиати афзуншаванда ва барои истеъмолкунанда аз нуқтаи назари муҳлати гирифтани иттилооти дархостшуда ва ба ҷустуҷӯяш қувва сарфшуда арзиш дорад, аммо нархи он инчунин боло рафта истодааст.

9.7. Моликияти зеҳнӣ. Тамғаи молӣ (тамғаи хизматрасонӣ) номи фирмавӣ. Номи ҷои баромади мол. Ихтироот, модели судманд ва намунаи саноатӣ.

Моликияти зеҳнӣ – дар фаҳмиши васеъ истилоҳ маънои ҳуқуқи истисноии муваққатӣ, инчунин ҳуқуқҳои шахсии муаллифон ба натиҷаи фаъолияти зеҳниашон ё воситаҳои фардикунонии дар қонун дарҷгаштаро мефаҳмонад. Уонунгузорие, ки ҳуқуқро ба моликияти зеҳнӣ муайян мекунад, монополияи муаллифонро ба истифодаи шаклҳои муайяни натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, эҷодии худ муқаррар кардааст, к ибо ҳамин тавр шахсони дигар танҳо бо иҷозати он истифода мебаранд. Тамғаи молӣ (англ. Trademark) – ифодакунии (шифоҳӣ, тасвиркунанда, омехташуда ва ғайра), «ба фардикунонии шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ хизмат мекунад». Дар қонун ҳуқуқи истисноӣ ба тамғаи молӣ, ки бо шаҳодатнома тасдиқ шудааст муқаррар шудааст. Дорандаи ҳуқуқи тамғаи молӣ ҳуқуқ дорад онро истифода намояд, ихтиёрдорӣ намояд ва истифодаи онро аз ҷониби шахсони дигар манъ намояд (дар зери «истифодабарӣ» инҷо танҳо истифодабарӣ дар муомилоти граждани ва танҳо нисбати мол ва хизмате ки ин тамғаи молӣ ба қайд гирифта шудааст). Ҳуқуқ ба тамғаи молӣ як намуди объекти соҳаи моликияти зеҳниро ташкил мекунад ва ба ҳуқуқ ба воситаҳои фардикунонии шахси ҳуқуқӣ, мол, кор, хизмат, корхона ва низоми иттилоотӣ дохил мешавад. истифодаи ғайриқонунии тамғаи молӣ ҷавобгарии граждани маъмурӣ ва ҷиноятиро ба вуҷуд меорад. Номи фирмавӣ – ифодаи беҳамтои (чун қоида шифоҳии) мол, кор, хизмат, корхона, муассиса ва ташкилот мебошад. Барои иштирикчиёни муносибатҳои иҷтимоию иҷтисодӣ номи фирмавӣ як олоте мебошад ки ба воситаи он як моҳиятро аз дигараш фарқ мекунанд. Номи фирмавии мол, кор, хизмат тамғаи молӣ номида мешавад, ки метавонад бо тартиби бешбинӣ намудаи қонун ба қайд гирифта шавад. Дар маркетинг ба ҷои истилоҳи «номи фирмавӣ» калимаи англисии «бренд»-ро истифода мебаранд, ки мазмуни васеътар дорад. Номи фирмави моликияти зеҳнии дорандаи он мебошад ва бо қонунгузории миллии ҳамон давлате ба танзим дароварда мешавад, ки дар ҳудуди он мол ва хизмат фурӯхта мешавад, кор иҷро карда мешавад ё фаъолияти шахси ҳуқуқи зери номи фирмавии мазкур ба амал бароварда мешавад. танзимнамоии ҳуқуқ ба номифирмавӣ дар сатҳи қонунгузории миллӣ мумкин аст ба моҷароҳои миёни моликони хориҷӣ ва ватанӣ оварда расонад. Инак, номи фирмавии iPad-ро дар бозорҳои хитой истифода бур-

дани ширкати америкоии Apple бо ширкати хитойии Proview, ки ҳуқуқ ба тамғаи молии iPad дар Хитой ва Тайван ба ӯ тааллуқ дошат ба кашмакашҳои судӣ оварда расонд. Номҳои фирмавии якхелаи шахсони ҳуқуқӣ дар бозор ҳолатҳои ғалатро ба вуҷуд меорад. Масалан, миёни ширкати америкоии Apple Inc. ва ширкати британиёии Apple Corps Ltd. ягон умумият ба ғайр аз калимаи «apple» дида намешавад, лекин дар гуфтугӯ ҳар як корхона ҳамин хел «Apple» номида мешавад. Номи ҷои баромади мол (НҶБМ) ишораи ҷуғрофӣ-объекти беҳамтои моликияти зеҳнӣ мебошад, ки мувофиқи тартиботи муқаррарнамудаи қонун ба истеҳсолкунанда ҳуқуқ ба номи минтақаи (ки сифати муайяни маҳсулотро ба туфайли сарватҳои табиӣ ё одамӣ таъмин мекунад) мазкур медиҳад. Ин ифодакунандаи номи мамлакат, шаҳр ё деҳот, маҳал ё объекти ҷуғрофӣ мебошад, ки нисбати мол маълум гаштааст ва хусусияти махсус танҳо ба объекти ҷуғрофии мазкур бо шароити табиӣ ё омилҳои одамӣ хос мебошад. Ҳуқуқи истисноӣ ба номи ҷои баромади мол «сустгашта» мебошад, зеро ҳуқуқи истифода метавонад ба якчанд (аз фарқият бо тамғаи молӣ) субъектони хоҷагидор дарҷ гардад, ҳуқуқи ихтиёрдориро бошад ин субъектон надоранд. Фарқияти асосӣ аз тамғаи молӣ маҳз алоқамандии сифати мол бо минтақае, ки мол истеҳсол мешавад ба шумор меравад. Ба ғайр аз ин аз фарқият бо тамғаи молӣ ҳуқуқро ба ҳамон як номи ҷои баромади мол метавонад якчанд корхонаи минтақаи ҷуғрофии мазкур, ки ҳамон як маҳсулотро истеҳсол мекунанд дошта бошад, дар тамғаи молӣ бошад ин танҳо ба як корхона тааллуқ дорад. Номҳои ҷои баромади моле, ки дар дунё машҳур аст, ин виноҳои шампанӣ ва бургундӣ, коняк, портвейн мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳуқуқии ба даст овардан, истифода намудан ва ҳимояи ҳуқуқ ба тамғаи молӣ аз ҷониби дотсент Мирбобоева Р. Дар сатҳи монографӣ тадқиқ шудааст. (Тамғаи молӣ ҳамчун объекти ҳимояи ҳуқуқӣ дар ҶТ: вазъияти ҳозира ва пешравиҳо. Душанбе, 2012.192с).

Ихтироъ – ҳалли вазифаҳои техникие, ки ба воситаҳои ба объекти моддӣ тааллуқ дошта – маҳсулот ё ҷараёни амалисозии амал бо объекти моддӣ бо ёрии воситаҳои моддӣ –ба амал бароварда мешавад. Мафҳуми алтернативӣ: ихтироъ – офаридаи нави техникие, ки имконият медиҳад масъалаҳои мушаххаси истеҳсолот ва соҳаҳои дигари фаъолияти инсон ҳал карда шаванд. Натиҷаи фаъолияти эҷодӣ. Мафҳумҳои зиёди мавҷудбудаи «ихтироъ» бисёртар мафҳуҳои оид ба навоварӣ, оид ба табиати ғайримоддии

ихтироъ, оид ба хислати санъатии ихтироъ (ба он маъно, ки он бояд маҳсулоти фаъолияти одам бошад), оид ба хислати эҷодӣ доштани заҳматро, ки ба ихтироъ равона аст истифода мебарад. Ихтироъ объекти моликияти зеҳнӣ, аниқтараш моликияти саноатӣ мебошад. Ихтироъ объекти моликияти ғайримоддӣ мебошад, яъне моликият ҳуқуқи субъективӣ (ҳуқуқи истисноӣ) мебошад, на ашё ё натиҷаи дигари амалисози он (объекти ҳуқуқи ашё ё ҷараён). Ихтироъ объекти ҳуқуқи муаллиф шуда истода (ҳуқуқи ғайримолумулкӣ), ба объекти ҳуқуқи муаллифӣ дохил намешавад. Ҳама монандиҳои ҳуқуқи муаллифиро ба ихтироъ татбиқ намудан мумкин аст, танҳо ба он хотир, ки объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва ихтироот ба натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ дохил мешаванд. Аммо ингуна аломатҳои хоси ҳуқуқи муаллифӣ, ҳамчун мавҷуд набудани ягон хел расмиятҳо барои пайдоиши ҳуқуқ ва амали беруназҳудудии ҳуқуқи муаллиф дар асоси шартномаи байналхалқӣ, барои ҳуқуқи патенти мутлақо хос нест. Ҳуқуқ ба ихтироъ бо қонунгузории патент ба танзим дароварда мешавад ва бо патент тасдиқ карда мешавад. Ба моделҳои судманд иҷрои тартиб додани истеҳсолот ва предмети истеъмолӣ, инчунин қисмҳои таркибии он дохил мешавад. Ба намунаҳои судманд ҳуқуқи ҳифз дода мешавад, агар он нав ва аз ҷиҳати саноати татбиқ карда шавад. Модели судманд нав ҳисобида мешавад, агар маҷмӯи аломатҳои хоси он аз сатҳи техники мавҷудбуда маълум набошад. Дар ин маврид сатҳи техникӣ модели судмандро, ки то санаи бартарият дастраси умум гаштааст ва оид ба воситаҳо ва хусусиятҳои он, инчунин оид ба татбиқи он дар ҶТ ба маълумоти умум нашр карда шудааст, дар бар мегирад.

Ба сатҳи техника, бо назардошти аввалияти қаблии он, ҳама шахсоне, ки дар ҶТ дархост барои ихтироот ва модели судманд додаанд, инчунин ихтироъ ва моделҳои судманде ки дар ҶТ патентонида шудаанд дохил карда мешаванд. Модели судманд қобили татбиқ ҳисобида мешавад, агар он дар саноат, кишоварзӣ, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои фаъолияти инсон истифода шуда тавонад. Ба сифати модели судманд инҳо дохил намешаванд: сохтор, тарз, модда, штамми микроорганизм, штамми ҳуҷайраҳои растаниҳо ва ҳайвонот, инчунин аз рӯи таъиноти нав истифода бурдани онҳо; назарияҳои илмӣ ва методҳои математикӣ; методҳои ташкилу идоракунии хоҷагӣ; аломатҳои шартӣ, ҷадвалҳо, қоидаҳо; қоидаҳо ва методҳои иҷрои амалиёти фикрӣ; алгоритмҳо ва барномаҳо барои мошинҳои ҳисоббарор; лоиҳаҳо ва схемаҳои банақшагирии иншоот, биноҳо, маҳалҳо;

пешниҳодҳое, ки танҳо ба намуди берунаи маҳсулот дахл дошта, ба қонеъ гардонидани талаботи эстетикӣ равона шудаанд; топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ; навъҳои растаниҳо ва зотҳои ҳайвонот; пешниҳодҳое, ки хилофи манфиатҳои ҷамъиятӣ, принсипҳои инсондӯстӣ ва ахлоқӣ мебошанд. Ба намунаи саноатӣ тарҳи бадеию конструктории маҳсулот, ки намуди зоҳирии онро муайян менамояд, ҳифз карда мешавад. Намунаи саноатӣ ҳамон вақт нав ҳисобида мешавад, ки агар маҷмӯи аломатҳои асосии дар тасвирҳои маҳсулот ифодаёфта ва дар номгӯи аломатҳои асосии намунаи саноатӣ овардашуда аз маълумоте, ки то санаи аввалияти намунаи саноатӣ дар ҷаҳон дастраси умум гардидаанд, маълум набошад. Ҳангоми муқаррар кардани навии намунаи саноатӣ ҳамаи намунаҳои саноатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон патентноккардашуда, ҳамчунин аризаҳо ба намунаҳои саноатие, ки барои гирифтани патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони дигар пешниҳод карда шудаанд (ғайр аз аризаҳои бозхондашуда), ба ҳисоб гирифта мешаванд, ба шарте ки аввалияти онҳо пештар бошад.

Патентпазирии намунаи саноатиро ошкор гардонидани маълумоте, ки дар натиҷаи он моҳияти намунаи саноатӣ дастраси умум гардидааст, коҳиш намедиҳад, агар ин амал аз ҷониби аризадиҳанда, муаллиф ё шахси дигаре, ки аз онҳо мустақиман ё ба тариқи ғайримустақим маълумоти ба намунаи саноатӣ дахлдорро ба даст овардааст, иҷро шуда бошад ва агар ариза барои намунаи саноатӣ на дертар аз шаш моҳи баъди санаи ошкор шудани ин маълумот ба Идораи патентӣ пешниҳод шуда бошад. Зимнан вазифаи исбот кардани ин ҳолат бар зиммаи аризадиҳанда гузошта мешавад. Тарҳҳои зерин намунаҳои саноатии патентпазир ҳисоб карда намешаванд: тарҳҳое ки танҳо аз таъиноти техникии маҳсул бармеоянд; тарҳи объектҳои меъморӣ (ғайр аз шаклҳои хурди меъморӣ), иншооти саноатӣ, гидротехникӣ ва иншооти дигари собит;маҳсулоти чопӣ дар навъи худаш; тарҳи объектҳои шаклашон ноустувори аз моддаҳои моеъ, газмонанд, пошхӯранда ва амсоли онҳо сохташуда; тарҳи маҳсулоте ки хилофи манфиатҳои ҷамъиятӣ, принсипҳои инсондӯстӣ ва ахлоқ мебошад.

БОБИ Х. ҲУҚУҚИ ХУСУСИГАРДОНӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

10.1. Мафҳум, субъект ва объекти хусусигардонӣ

10.2. Тартиб ва тарзҳои хусусигардонии моликияти давлатӣ

10.3. Аҳамияти шартномаҳои граждонӣғҳуқуқӣ дар танзими хусусигардонӣ

10.1. Мафҳум, субъект ва объекти хусусигардонӣ

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ » аз 16 маи соли 1997 № 464 Хусуссигардонӣ - фаъолиятест, ки аз тарафи давлат мувофиқи тартиби муқарраршуда оиди додани ҳуқуқи моликият ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ анҷом дода мешавад. Принсипҳои асосии гузаронидани хусусигардонӣ аз инҳо иборатанд: қонунӣ будан; ошкор будан; баробарии ҳуқуқи шаҳрвандон барои гирифтани ҳиссаи амволе, ки бояд хусусӣ гардонида шавад; рақобат; ворисияти ҳуқуқӣ ва масъулияти байниҳамдигарии тарафҳо. Ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ субъектҳои хусусигардонӣ мебошанд. Ашхоси ҳуқуқие, ки дар фонди оинномавии онҳо ҳиссаи давлат аз 25% зиёд аст, субъектхои хусусигардонӣ буда наметавонанд. Тартиби ширкати ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷиро дар хусусигардонии моликияти давлатӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хусусигардонӣ инҳо мебошанд: дар мавриди моликияти ҷумҳуриявӣ - Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар мавриди моликияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо – Маҷлисҳои дахлдори вакилони халқ ва дар ҳудуди салоҳияти худ, - Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо. Объектҳои хусусигардонӣ инҳо мебошанд: а) тамоми намудҳои амволи корхонаҳои давлатӣ, ки барои фаъолияти онҳо таъмин шудаанд, инчунин ҳуқуқи заминистифодабарӣ дар қитъаҳои замине, ки онҳо дар он ҷо воқеанд, ҳуқуқи талабкунӣ, қарзҳо, ҳуқуқҳои истисноӣ, ки ба корхона ҳамчун ба шахси ҳуқуқӣ тааллуқ доранд; б) бахшҳо ва воҳидҳои сохтории истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии корхонаи давлатӣ ҳамчун маҷмӯи амволе, ки хусусигардонии онҳо силсилаи ягонаи технологиро вайрон намекунад; в) амволи алоҳидаи (ҷудо кардашуда, ки махсус барои хусусигардонӣ пешбинӣ шудаанд) корхонаи давлатӣ; г) саҳмияҳои ташкилоту корхонаҳои марбути давлат. Амволи давлатӣ аз лаҳзаи қабул шудани қарор аз тарафи мақоми давлатии оид ба хусусигардонии он ба объекти хусусигардонӣ табдил

меёбад. Объектҳое, ки мутобиқи моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти махсуси давлатӣ мебошанд, ҳамчунин объектҳои мероси таърихӣ ва сарвати миллӣ, биноҳо ва иншооти мақомоти идоракунӣ ва ҳокимияти давлатӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ, системаҳои оби нӯшокӣ, корхонаҳои мудофиа корхонаҳо оид ба нигоҳдошти партовҳои радиоактивӣ, инчунин амволи нерӯгоҳи барқи обии «Норак», нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ва корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» хусусӣ гардонида намешаванд. Хусусигардонии объектҳое, ки фаоълияти иқтисодиёти шаҳрҳо ва ноҳияҳоро таъмин мекунанд: иншооти комплекси сӯзишворию энергетикӣ; иншооти хоҷагии об (ба истиснои системаҳои обрасонии оби нӯшокӣ), роҳҳои оҳан ва роҳҳои автомобилгард, шабакаҳои алоқа; объектҳои нигаҳдории тандурустӣ ва маориф бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Номгӯи объектҳоеро, ки мутобиқи Қонун хусусӣ гардонида намешаванд, Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

10.2. Тартиб ва тарзҳои хусусигардонии моликяти давлатӣ

Тартиби хусусигардонӣ – нақшаи хусусигардонии бо қонун, инчунин бо дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзимгаштаи ҷараёни қабул намудани қарор оид ба хусусигардонӣ дар муҳлати муқарраршуда ва иҷрои он аз тарафи мақомотҳои ваколатдор мебошад. Ҷараёни нишондодашуда маҷмӯи фактҳои ҳуқуқии пайдарпайро ифода мекунад. Тартиби хусусигардонӣ аз давраҳои зерин иборат аст: давраи якум – коркарда нақшаи пешакии молумулки хусусигардонӣ; давраи дуюм - қабул намудани қарор оид башартҳои хусусигардонии молумулки давлатӣ; давраи сеюм – иҷрои қарор оид ба шартҳои хусусигардонии молумулки давлатӣ бо тарзҳои пешбинӣ намудаи қонун. Расмиётҳои (тартиби) коркарди нақшаи пешакии хусусигардонии молумулк аз тарафи Ҳукумати ҶТ дар соли молиявии навбатӣ муайян карда мешавад. Дар омода намудани нақшаи пешакӣ мақомоти ҳокимияти иҷроия, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, корхонаи воҳиди давлатӣ, инчунин ҷамъияти саҳомии кушода, ки саҳмияҳои он дар моликияти ҷумҳуриявӣ қарор доранд, инчунин дигар шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон метавонад иштирок кунанд. Мақомотҳо ва шахсони манфиатдор пешниҳодҳои худро оид ба хусусигардонии молумулк ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод мекунад. Нақшаи пешакии хусусигардонии молумулк ҳарсола аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда

мешавад.Он номгӯи корхонаҳои воҳиди давлатӣ, саҳмияҳои ҷамъияти саҳомии кушода ва ди гар молумулк, ки дар моликият қарор дораду мехоанд хусусигардонӣ гардонида шаванд, дар бар мегирад. Дар нақшаи пешакӣ хусусияти молумулке, ки хусусӣ гардонда мешавад ва муҳлати эҳтимолии хусусигардонӣ нишон дода мешавад.

Барои хусусигардонии молумулки давлатӣ тарзҳои зерин истифода бурда мешавад: азнавташкилкунии корхонаи воҳиди давлатӣ ба ҷамъияти саҳомии кушода; фурӯши молумулки давлатӣ дар музояда; фурӯши саҳмияҳои ҷамъияти саҳомии кушода дар музодяаи махсус; фурӯши молумулки давлатӣ дар озмун; берун аз ҳудуди ҶТ фурӯхтани саҳмияҳои ҷамъияти саҳомии кушодаи дар моликияти давлатӣ қарор дошта; фурӯши саҳмияҳои ҷамъияти саҳомии кушода ба воситаи ташкилкунандаи савдо дар бозори қоғазҳои қимматнок; фурӯши молумулки давлатӣ ба воситаи пешниҳоди оммавӣ; фурӯши молумулки давлатӣ бе эълон намудани нарх; гузоштани молумулки давлатӣ ба сифати саҳм ба сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомии кушода; фурӯши саҳмияҳои ҷамъияти саҳомии кушода дар натиҷаи идоракунии ваколатнок.

Хусусигардонӣ ба шаклҳои зерин сурат мегирад: а) ба савдо гузошта фурӯхтан; б) аз рӯи лоиҳаи инфиродии хусусигардонӣ дар асоси озмун. Муайян намудани шаклҳо ва шартҳои хусусигардонӣ, тартиби гузаронидани савдо, ҳамчунин тасдиқи лоиҳаҳои инфиродии хусусигардониро Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менунад. Савдо ба намуди музояда ё тендер гузаронида мешавад. То гузаронидани савдо фурӯшанда вазифадор аст бо талаби харидор ба ӯ оиди объекте, ки хусусӣ гардонида мешавад, маълумоти пурра диҳад. Объектҳои махсусан муҳим ва муҳим, ки номгӯи онҳоро Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, мувофиқи лоиҳаҳои инфидорӣ хусусӣ гардонида мешаванд. Лоиҳаи инфиродии хусусигардонӣ аз инҳо иборат аст: 1) таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолият ва қобилияти рақобати объект; 2) муайян намудани арзиши маҷмӯи амволии он; 3) муайян намудани андозаи маҷмӯи давлатии саҳмияҳои фурӯхташаванда; 4) низоми дигаргуниҳои пешниҳодшавандаи ташкилию сохторӣ, технологӣ ва тағйироти дигари объект; 5) интихоби намуди хусусигардонӣ. Иҷрои татбиқи лоиҳаи инфиродии хусусигардониро баъди тасдиқи он Комиссияи ҷумҳуриявии хусусигардонии объектҳои моликияти давлатӣ аз рӯи лоиҳаҳои инфиродӣ амалӣ мегардонад. Рафти иҷрои талаботи шартномаи хариду фурӯши

объектҳои моликияти давлатиро мутобиқи лоиҳаҳои инфиродӣ мақомоти ваколатдори давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад. Бо мақсади таъмини адолати иҷтимоӣ ва шароити ибтидоии баробар барои ширкат дар хусусигардонӣ ба шаҳрвандон ҷуброн намудани саҳми онҳо дар таъсиси амволи давлатӣ аз коғазҳои қиматноки хусусигардонӣ истифода бурда мешавад, ки онҳо барои соҳибонашон ба ҳиссаи муайяни моликияти давлатӣ ҳуқуқ медиҳанд. Шароити бардориш тартиби муомилот ва истифодаи қоғазҳои арзишноки хусусигардонӣ аз тарафи Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Фурӯши бастаи саҳмияҳои ба давлат тааллуқдоштаи ҷамъиятҳои саҳомии зерин дар асоси озмун мутобиқи лоиҳаи инфиродии хусусигардонӣ анҷом дода мешавад: - ҷамъиятҳои саҳомие, ки хусусигардонии онҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад; ҷамъиятҳои саҳомие, ки дар бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи афзалиятнок ё инҳисориро (монополиро) ишғол мекунанд; ҷамъиятҳои саҳомие, ки ба вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Хусусигардонии ҷамъиятҳои саҳомие, ки ба вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ мерасонанд, бо шарту уҳдадориҳои муайяни сармоягузорӣ ва ё иҷтимоие, ки бояд аз ҷониби харидор иҷро карда шаванд, амалӣ карда мешавад. Фурӯши саҳмияҳои ба давлат тааллуқдоштаи ҷамъиятҳои саҳомии кушода дар ҳолате амалӣ карда мешавад, ки ҳаҷми саҳмияҳои харидашаванда ба харидор имконияти идораи самараноки ҷамъияти саҳомиро таъмин намояд, ки барои иҷрои уҳдадориҳои тибқи шартҳои озмун қабулкарда зарур аст. Бо мақсади ҳифзи манфиатҳои муҳими стратегии давлат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми табдил додани корхонаҳои давлатӣ ба ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ё қабули қарор оид ба фурӯши саҳмияҳои ба давлат тааллуқдоштаи ҷамъиятҳои саҳомӣ метавонад дар ҳолатҳои истисноӣ нисбати онҳо оид ба истифодаи ҳуқуқҳои махсус ҷиҳати иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идоракунии ҷамъиятҳои саҳомии кушодаи зикргардида қарор қабул намояд (ҳуқуқҳои махсус – «саҳмияи тиллоӣ»). Номгӯи ҷамъиятҳои саҳомии кушодае, ки дар онҳо ҳуқуқҳои махсус («саҳмияи тилоӣ») татбиқ мегарданд, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди қабули қарор оид ба истифодаи ҳуқуқҳои махсус («саҳмияи тиллоӣ») намояндаи худро дар

Шӯрои директорони ҷамъияти саҳомии кушода таъин менамояд ва ин ҳуқуқ бояд дар Оинномаи ҷамъияти саҳомии дахлдор пешбинӣ карда шавад. Ҷамъияти саҳомие, ки нисбати он қарор дар бораи ҳуқуқҳои махсус («саҳмияи тиллоӣ») қабул гардидааст, уҳдадор аст, ки дар бораи мӯҳлати баргузории маҷлиси умумии саҳмиядорон ва рӯзномаи он бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндаи давлатро хабардор намояд. Ҳуқуқҳои махсус («саҳмияи тиллоӣ») ба дорандаи худ – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти қабули қарори маҷлиси умумии саҳмиядорон ҳуқуқи манъкуниро нисбат ба ҳалли чунин масъалаҳо медиҳад: оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи ҷамъияти саҳомӣ ва ё тасдиқи Оинномаи ҷамъияти саҳомӣ дар таҳрири нав; оид ба азнавташкилдиҳии ҷамъияти саҳомӣ; оид ба барҳамдиҳии ҷамъияти саҳомӣ; оид ба бастани аҳдҳои калон ва аҳдҳое, ки нисбати онҳо манфиатдорӣ дар анҷоми аҳд вуҷуд дорад ва тибқи Оиннома розигии маҷлиси умумии саҳмиядоронро талаб менамоянд; дар ҳолати қабули қарорҳое, ки барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ аҳамияти калон доранд. Мақоми ваколатдор, ки давлатро муаррифӣ менамояд, ҳуқуқ дорад аз нигоҳдорандаи феҳристи коғазҳои қиматноки ҷамъияти саҳомӣ, ки дар он давлат ҳуқуқҳои махсус («саҳмияи тиллоӣ») дорад, дар бораи номгӯи соҳибмулкони коғазҳои қиматноки ҷамъияти саҳомии дар феҳристи мазкур бақайдгирифташуда оид ба миқдор, намуд ва арзиши номиналии коғазҳои қиматнок маълумот гирад. Қарор оид ба қатъи ҳуқуқҳои махсус («саҳмияи тиллоӣ») аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад. Ҳуқуқҳои махсус («саҳмияи тиллоӣ») то қабули қарор оид ба қатъи он амал менамоянд. Дар як вақт вобаста намудани саҳмияҳои ҷамъияти саҳомӣ ба моликияти давлатӣ ва нисбати ҳамин ҷамъияти саҳомӣ истифода бурдани ҳуқуқҳои махсус («саҳмияи тиллоӣ») манъ аст. Ҳуқуқҳои махсус («саҳмияи тиллоӣ») ба саҳмияҳои ҷамъиятҳои саҳомие, ки нисбати онҳо қарор оид ба истифодаи ҳуқуқи мазкур қабул гардидааст, иваз карда намешаванд. Ҳуқуқи моликият ба объекти хусусигардонидашуда аз лаҳзаи ба тартиби муқаррарнамудаи қонун ба қайди давлатӣ гирифта шудани ҳуқуқи моликият эътибор пайдо мекунад. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи моликият ба маҷмӯи амвол Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии ҳуқуқи моликият, ки онро идораи нотариати давлатии маҳалли ҷойгиршавии объекти фурӯхташуда медиҳад, ба ҳисоб меравад. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи моликият ба саҳмияҳои фурӯхташуда

Шаҳодатнома дар бораи соҳибии саҳмияҳои ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ба ҳисоб меравад, ки онро мақомоти аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдоршуда оид ба пешбурд ва нигоҳдошти феҳрасти дорандагони коғазҳои қиматнок медиҳад.

10.3. Аҳамияти шартномаҳои граждани дар танзимнамоии хусусигардонӣ

Дар давраи инкишофи имрӯзаи иқтисоди бозоргонӣ дар ҶТ масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти истеҳсолӣ бисёр муҳзим боқӣ мемонад. Тавлиди низоми иқтисодӣ дар солҳои 90-ум ба инкишови ҷараёни хусусигардонии моликият, барои Тоҷикистон мувофиқ оварда расонд, ки ба бисёр давлатҳои аврупою осиё шинос буд. Гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ҳам ба қабул намудани қонунгузории нав, аз он ҷумла қонунгузории хусусигардонӣ ва ҳам ба тавлиди институти нави ҳуқуқи граждани алоқаманд аст: қонунгузор азнав рӯ ба институти моликияти хусусӣ ниҳод, ки ба тағйирёбии низоми муносибатҳои моликият асос мебошад. Ба таври дигар гӯем, танзими ҳуқуқии додани моликияти давлатӣ бо қонунгузории соҳаҳои гуногун ба амал бароварда мешавад, ки таносубашон дар ҳамин мавзӯ баррасӣ шудааст ва дар байни онҳо қонунгузории граждани аҳамияти муҳим дорад. Маҳз имрӯз ҷараёни таъсисёбӣ ва мукаммалгардии ҳам қонунгузории граждани ва ҳам қонунгузорӣ оид ба хусусуигардонӣ ба амал омада истодааст. Аммо, на ин ва он набояд ҷудо аз якдигар инкишоф ёбанд. Ин бо сабабҳои муайян фаҳмонда мешавад: якум, ҳам қонунгузории граждани ва ҳам қонунгузорӣ оид ба хусусуигардонӣ ба низоми ягонаи ҳуқуии ватанӣ дохил мешаванд; дуюм, қонунгузорӣ оид ба хусусуигардонӣ ба таъмини бунёди иқтисодиёт, дар он ҷо бисёриҳо агар ба принсипҳои ҳуқуи граждани асос наёбанд, муносибатҳои муқобил ҷой дорад нигаронда шудааст. Диққати асосӣ ба институти ҳуқуқи граждани, ҳамчун соҳаи ҳукмфармо дар ҷомеаи имрӯза дода мешавад, худи масъала бошад ба таҳлили таносуби ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ ва зоҳир гардидани он дар танзимнамоии муносибатҳо оид ба додани моликияти давлатӣ равона аст. Шартномае, ки дар ҷараёни додани моликияти давлатӣ аз ҷониби тарафҳо баста мешавад, бо дарбар гирифтани якчанд хислати оммавӣ шаклҳои гуногуни шартномаи граждани мебошад. Якум, дар ҳар ҳолати хусусигардонӣ (новобаста аз тарзи додани моликият) бастани шартнома пешбинӣ шудааст. Дуюм, таҳлили шартҳои асосӣ, зарурӣ ва эҳтимолии

шартномаи басташуда, ба хислати шартномаи гражданӣ доштани он гувоҳӣ медиҳад ва ин намуди шартнома шарномаи хариду фурӯш (масалан, талаботи бақайдгирии давлати гузаштани ҳуқуқи моликият бо шартнома, талаботи пулакӣ будани он) мебошад. Инчунин талабот оид ба қатъ намудани шартнома ба меъёрҳои қонунгузории гражданӣ (КГ шартҳои барои иштирокчиён ҳатмии ғайриқонунӣ будани аҳдҳои беэътибор ва мавриди баҳс қроргирифтаро муқаррар мекунад). Хислати ҳуқуқи оммавӣ доштани шартнома бо иштироки субъекти махсуси шартномаи хариду фурӯш, аз ҷониби фурӯшанда давлат дар симои мақомотҳои ваколатдори он, маҳдудият нисбати объекти шартномаи басташаванда, инчунин уҳдадориҳои иловагии харидор нисбати моликияти давлатии харидашуда зоҳир мегардад. Чунин уҳдадориҳо акнун сервитути оммавӣ номида мешавад.

БОБИ XI. ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИТИ СОҲИБКОРӢ

11.1. Мақсад ва вазифаҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ
11.2. Шаклҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкорӣ ва назорати он
11.3. Сарчашмаҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ
11.4. Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон

11.1. Мақсад ва вазифаҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ

Танзимнамоии давлатӣ – ин маҷмӯи чораҳои мақомотҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, ки дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба мақсади мукаммалгардонии низоми иҷтимоию иқтисодӣ ба амал бароварда мешавад. Мақсади танзими давлатии фаъолияти соҳибкории субъектони хоҷагӣ ба воситаи се функсияи асосӣ амалӣ карда мешавад: 1) ташкили шароити амалкунии маданиятноки бозор: муайян намудани шакли моликияти субъектони хоҷагӣ ва қоидаи идоракунӣ; таъсиси дастгоҳи таъминкунандаи иҷрои шартномаҳои хоҷагӣ; пешгирии баҳсҳо миёни субъектони хоҷагӣ ва ҳалли онҳо бо тартиби судӣ; ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони маҳсулоти субъектони хоҷагӣ; муқаррар намудани низоми пулӣ; муқаррар намудани стандарт ва ченак ба маҳсулот. 2) ба нақшанирии стратегии илм ва пешравии илмию техникӣ. 3) ҳалли масъалаҳои макроиқтисодӣ:ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ; икишофи нисбии иқтисодиёт; суръати инкишофи иқтисодиёт; мувозинати иқтисоди берунаи мамлакат; сатҳи шуғли аҳолии қобили меҳнати мамлакат; ҳифзи иҷтимоӣ. Назорат ва танзими давлатӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ба бевосита ва бавосита ҷудо мешавад. Назорати бавосита низоми имтиёзҳо ва андоз, сиёсати махсуси нарх, танзими шуғли аҳолӣ, тайёрии касбӣ ва азнавтайёркунӣ, таъмини иттилоотӣ ва таъсис додани инфрасохтори инкишофёфтаро дар бар мегирад. Ба назорат ва танзими бевоситаи давлатӣ инҳо дохил мешаванд: назорати молиявӣ, экологӣ, санитарӣ ва сӯхторӣ, инчунин назорат ба сифат ва сертификатонии маҳсулот. Мудохилаи давлат ба соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба инҳо алоқаманд аст: пешгирии садамаҳои экологӣ ва ҳалли масъалаҳои экологӣ; мубориза бар зидди ҷиноятҳкориҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ; бартараф намудани бӯҳрони иқтисодӣ ва **потрясений** иҷтимоӣ; назо-

рат ба истифодаи захираҳои умумимиллӣ; функсияи идоракунии давлат: пешгӯии ҳолатҳои номусоиди иқтисодӣва бартараф намудани онҳо; таъминоти иттилоотӣ ва назорати иҷрои меёрҳо ва маҳдудиятҳо; таъмини моддию техникӣ ва молиявии лоиҳаҳои умумимиллӣ. Усули танзими давлатӣ ба инҳо ҷудо мешаванд: маъмурӣ, иқтисодӣ ва ахлоқию сиёсӣ. Ба усули маъмурӣ инҳо дохил мешаванд: манъ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, маҷбуркунӣ аз он ҷумла бо ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ. Усули иқтисодӣ дар танзими бавосита бо ёрии нарх, тариф, имтиёз, андоз ва иҷозатнома ифода мегардад. Усули ахлоқию сиёсӣ бо ёрии воситаҳои ахбори омма амалӣ карда мешавад.

Дар тамоми низоми ҳуқуқии имрӯза зарурати таъсиррасонии давлат ба иқтисодиёт пешбинӣ шудааст. Зарурати таъсиррасонии давлат ба иқтисодиёт дар шароити бозор бо вазифаҳои зерине, ки ба ҳифзи манфиати оммавӣ алоқаманд аст муайян карда мешавад: а) таъмини эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; б) таъсиси буҷети давлатӣ; в) ҳифзи муҳити зист ва истифодаи сарватҳои табиӣ; г) таъмини шуғли аҳолӣ; д) таъмини мудофиа ва амнияти мамлакат; е) амалӣ намудани озодии соҳибкорӣ ва рақобат, ҳимоя аз монополизм; ж) риояи тартиботи ҳуқуқӣ дар фаъолияти иқтисоди берунаи соҳибкорон ва сармоягузории хориҷӣ. Чи тавре, ки аз номгӯи сабабҳои таъсиррасонии давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ бармеояд, онҳо манфиатҳои давлат ва ҷамъиятро фаро мегиранд. Асосҳо дар миёни онҳо инҳо мебошанд: экологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ. Манфиати шахсӣ дар шароити бозор бо роҳҳои судӣ, инчунин бо тартиби истеҳсолоти маъмурӣ ҳифз карда мешавад. Масалан, ҳангоми дискредитации рақибон бо роҳи паҳн намудани маълумоти бардурӯғ дар бораи манфиати ҷабрдида, ки аз мақомоти зиддиинҳисорӣ муқаррар намудани муқаррароте, ки рақиби бевиҷдонро уҳдадор мекунад то тон амали зиддиҳуқуқиашро қатъ намояд, талаб намояд.

11.2. Шаклҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкорӣ ва назорати он

Ҳадди мудохилаи давлат ба иқтисодиёт бояд тавре бошад, ки ба соҳибкории қонунӣ манфиат бошад, иқтисодиёт зери парда намонад, сармоя дар мамлакат нигоҳ дошта шуда аз он берун наравад. Барои ин ба мамлакат сиёсати иқтисодии беғалат ва илман асоснокшуда лозим аст, к ибо роҳи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ба амал бароварда мешавад. Таъсири давлвтро ба

иқтисодиёт , ҳамчун фаъолияти мақсадноки давлат (мақомотҳои он) муайян намудан мумкин аст, ки дар шакли ҳуқуқӣ амалӣ шуда, дар он сиёсати иқтисодии давлат амалӣ мешавад. Танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ таъсири давлатро ба он ба воситаи қабул намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ , санадҳои ҳуқуқии танзими фардӣ, ташкили назорат аз болои риояи талаботи қонунгузорӣ ба соҳибкорон ва татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷавобгарӣ барои вайрон намудани ин талаботҳо ифода мегардад. Танзими давлатӣ – аз фаъолияти идоракунии мақомотҳои ҳокимияти иҷроия дида мафҳуми васеътар мебошад. Зеро, талаботи ба соҳибкорон пешбинишуда, пеш аз ҳама дар қонун ҷой дорад, на дар санадҳои зериқонунӣ. Санадҳои зерқонунӣ чунин талаботҳоеро доро мебошанд, ки мақомоти ҳокимияти иҷроия барои қабул намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқии мазкур агар бо қонун ваколатдор шуда бошанд. Танзими давлатӣ умуман амалисозии амалии ҳама шохаҳои ҳокимиятро (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) ифода мекунад. Шаклҳои ҳуқуқии таъсири давлат ба иқтисодиёт санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ (рафтори доираи номуайяни шахсонро танзим мекунад) ва санадҳои ғайримеъёрӣ мебошанд. Санадҳои ғайримеъёрӣ ин санадҳои танзимнамоии фардӣ, ки ба субъекти мушаххас тааллуқ дорад, ба шумор меравад. Масалан, қонунгузорӣ дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба ҳама субъекте, ки хоҳиши ба фаъолияти иҷозатномавӣ машғул шуданро дорад тааллуқ дорад, қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба додани иҷозатнома бошад ба субъекти мушаххаси хоҷагидор, ки дорои аҳамияти ҳуқуқӣ мебошад, тааллуқ дорад. Дар байни санадҳои ғайримеъёрӣ инҳоро ҷудо намудан мумкин аст: 1) санадҳои танзимнамоии мусбӣ. Онҳо ҳангоми мавҷуд набудани ҳуқуқвайронкунӣ қабул карда мешаванд ва ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахси мушаххасро муайян мекунанд. Ба онҳо дохил мешаванд: а)санадҳои бақайдгирӣ: - шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ҳуқуқ ба моликияти ғайриманқул ва аҳд бо он; б) санадҳои иҷозатӣ:қарор дар бораи додани иҷозатнома, ки дар асоси он ҳуқуқ ба фаъолияти иҷозатномавӣ ба вуҷуд меояд; иҷозатнома, ки дар асоси он ҳуқуқ ба воридот ва содироти мол ба вуҷуд меояд. Масалан, дар мавриди содирот ва воридоти молои муайяне, ки аз рӯи шумора маҳдуд аст дар доираи ҳамин маҳдудият дар асоси иҷозатнома баамал бароварда мешавад. Набудани иҷозатнома барои рад кардани содироти мол аз ҷониби мақомоти гумруки ҶТ асос шуда метавонад; иҷозатнома ба ҳуқуқи коркарди сарватҳои

зеризаминӣ ва иҷозатҳои дигар; в) санадҳои розигӣ барои бамамл баровардани фаъолияти муайян аз ҷониби субъектони хоҷагидор; г) Дар соҳаи иқтисодиёти давлат инчунин санадҳои директивӣ нисбати корхонаҳои воҳид татбиқ карда мешавад: санадҳои нақшакашӣ. Масалан, молик дар симои мақомоти ваколатдор ба корхонаи давлатӣ супориши расондани мол, кор ва хизмат барои зарурати давлатӣ ё маҳаллӣ, ки иҷроишаш ҳатмӣ мебошад мерасонад; санадҳои фармоишӣ: оид ба гузарондани санҷиши аудитории корхона бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ, оид ба тасдиқи сметаи даромаду хароҷоти корхонаи давлатӣ, оид ба аз корхонаи давлатӣ бозпас гирифтани молумулке, ки зиёдатӣ аст, ё истифода намешавад ё бидуни мақсад истифода мешавад; 2) санади ба ҳуқувайронкунӣ эътинокунанда бо роҳи татбиқи санксияҳо ва чораҳои ҷавобгарӣ (масалан, таъинот ба суроғаи гунаҳкор дар бораи пардохти ҷарима ба фоидаи давлат). Санадҳои ғайримеъёрии мақомотҳои давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки ҳуқу ва манфиатҳои соҳибкоронро поймол мекунад, мумкин аст аз ҷониби Суди иқтисодӣ мавриди баҳс қарор дода шуда беэътибор дониста шавад.

11.3. Сарчашмаҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ

Қонунгузории имрӯза дар соҳаи соҳибкорӣ низоми пурраи ҳуқуқро ифода намекунад, мумкин аст ҳамчун маҷмӯи муқарраротҳои асосӣ, ки ҳамаи масъалаҳои гуногуни соҳибкориро ифода кунад. Бар замми ин, ба низоми мазкур мухолифатҳои дохилӣ, инчунин мувофиқати нопурраи соҳаҳои дигаре, ки ба ҳуқуқи соҳибкорӣ алоқаманд ҳастанд, хос аст. Дар замони имрӯза сатҳи мукаммалгардонии қонунгузорӣ оид ба тарафҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ на ҳама вақт ба талаботи иқтисодиёт ва ҳуқуқ мувофиқат мекарданд. Дар натиҷа иқтисодиёт назар ба асосҳои меъёрию ҳуқуқии соҳибкорӣ босуръаттар инкишоф ва тағйир меёбад. Фаъолияти соҳибкорӣ бо меъёрҳои хусусӣ ва оммавӣ ба танзим дароварда мешавад. Ҳамоҳангсозии макони ҳуқуқӣ мақсади таъмин намудани омехтакунии манфиатҳои хусусӣ ва оммавиро дорад. Онҳо бояд ҳам бо шумора ва ҳам бо қувваи ҳуқуқиашон баста шуда бошанд. Мувофиқи шумораи санадҳои меъёрӣ, ки фаъолияти соҳибкории давлатиро ба танзим медарорад дар адабиётҳои ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки қонунҳо, фрмонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, санадҳои меъёрии мақомоти ҳокимияти иҷроия,

қарорҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳатто ҳуқуқшиноси тайёрнамударо ба гумроҳӣ мебарад. Яке аз сарчашмаҳои танзими ҳуқуқи фаъолияти соҳибкорӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 маи соли 2002, №46 ба шумор меравад. Қонун қоидаҳои умумии ҳимоя ва дастгирии давлатӣ, инкишофи озоди соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, шаклу усулҳои ҳавасмандгардонию танзими давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро муқаррар менамояд. Мақсади Қонуни мазкур аз амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои озодона истифодабарии қобилияту амволи худ барои фаъолияти соҳибкорие иборат мебошад, ки онро Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳо муқаррар кардаанд. Ҳама гуна шаклҳои соҳибкории дар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида аз тарафи давлат эътироф ва иҷозат дода мешаванд. Соҳибкорӣ дар доираҳои муқаррарнамудаи қонунҳо бо таври зайл амалӣ мегардад: бо истифодаи меҳнати кироя; бе истифодаи меҳнати кироя; бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ; бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ. Соҳибкорӣ метавонад дар шаклҳои зерин амалӣ шавад: соҳибкории инфиродӣ – фаъолияти мустақилонаи шахси воқеие мебошад, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз номи худ ва таваккалона бо масъулияти амволии худ, ба гирифтани фоида (даромад) равона карда шудааст; соҳибкории шахси ҳуқуқӣ-фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи ташкилотест, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, истеҳсол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ равона карда шудааст. Ҳамаи субъектҳо дар амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ҳуқуқи баробар доранд. Фаъолияти соҳибкорӣ ба намудҳои зерин тақсим мешавад: 1) соҳибкории хурд; 2) соҳибкории миёна; 3) соҳибкории калон. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Давлат набояд монеаи фаъолияти субъекти соҳибкорӣ шавад. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ, инчунин шахсони бешаҳрванд чун шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ғайр аз ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу масъулияти баробар доранд. Ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкор бо роҳҳои зерин ҳимоя карда мешаванд: имконияти озодона анҷом додани ҳамаи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ тибқи тартиби муайяншуда ба

ғайр аз намудҳои фаъолияте, ки дар асоси иҷозатнома (литсензия) анҷом дода мешаванд; тартиби соддакардашудаи бақайдгирии субъекти соҳибкорӣ; бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ маҳдуд кардани санҷиши фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ ба амал бароварда мешаванд; шикоят кардан ба суд аз болои амал ё беамалии мансабдорони мақомоти давлатӣ, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъекти фаъолияти соҳибкориро халалдор мекунанд; танҳо бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муқаррар кардани номгӯи корҳое (хизматрасониҳое, молҳое), ки барои соҳибкорӣ манъ ё маҳдуд шудаанд; бо дигар воситаҳое, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст. Мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои соҳибкорӣ дорои ҳуқуқи дар мақомоти судӣ, мақомоти ҳокимияти иҷроия ва мақомоти дигари давлатӣ ҳимоя кардани манфиату ҳуқуқҳои субъекти соҳибкорӣ мебошад. Мақомоти ваколатдор дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳое, ки нисбати субъекти фаъолияти соҳибкорӣ роҳ дода мешаванд, дар бораи тамоюли рушди соҳибкорӣ саривақт ба мақомоти дахлдор маълумот медиҳад, таҷрибаи фаъолияти сохторҳои соҳибкориро ҷамъбаст мекунад. Мақомоти мазкур аз тарафи мақомоти нозир дар китоби санҷишҳо дуруст қайд намудани санҷишҳои субъекти соҳибкориро назорат мекунад. Ҳангоми зарурат дар назди мақомоти дахлдор масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкорро мегузорад. Ба ғайр аз масъалаҳои дар Қонун ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, дахолат ба корҳои дохилии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ манъ мебошад. Дастгирии давлатии ҳама намуди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи давлат дар шахси мақомоти ваколатдор тибқи салоҳияти онҳо ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дар ҳалли масъалаҳои иттилоотӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ, молиявию қарздиҳӣ, моддию техникии соҳибкорӣ, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ба амал бароварда мешавад. Дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар самтҳои зерин амалӣ мегардад: такмили базаи меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ барои инкишофи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; фароҳам овардани шартҳои имтиёзноке, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим мешуморад; ташкил кардани шароити мусоиди андозбандӣ, гумрукӣ ва сармоягузорӣ; барқарор намудани тартиби соддакардашудаи андозбандӣ, бақайдгирии соҳибкорӣ, иҷозатномадиҳӣ ва ё патент ба фаъолияти онҳо, сертификатсиякунонии маҳсулоти истеҳсол ва ё во-

ридкардаи онҳо ва пешниҳоди ҳисоботи оморию муҳосибӣ; додани қитъаи замин ва амволи давлатӣ бо шарту тартиби соддакардашуда; дастгирии фаъолияти берунии иқтисодии соҳибкорӣ инчунин мусоидат ба пешрафти алоқаи тиҷоратӣ, илмӣ-техникӣ, истеҳсолӣ ва иттилоотии онҳо бо давлатҳои хориҷӣ; мусоидат ба ташкили фондҳои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ; фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти шарикии амалӣ байни бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ва таъмини муколамаи баробарҳуқуқи онҳо бо роҳи таъсис додани шӯроҳои машваратӣ доир ба рушди соҳибкорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳалҳо, таъмини ҳисоботдиҳии онҳо; мусоидат ба рушди соҳибкории инноватсионӣ, аз ҷумла тавассути муқаррар намудани низоми махсуси ташкилию ҳуқуқӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва паркҳои технологӣ; ҷорӣ намудани барномаҳои магистрии идоракунии соҳибкорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо мақсади тайёр намудани соҳибкорони касбии дорои дониши муосири иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ; такмили донишу малакаи касбии субъектҳои соҳибкории хурд бо роҳи ташкили машварат ё курсҳои кӯтоҳмуддат дар соҳаҳои маъориф, молия, омор ва андоз тибқи барномаҳои таълимии мақомоти ваколатдори давлатии дастгирии соҳибкорӣ; фароҳам овардани шароити мусоид баҳри рушди фарҳанги андозсупорӣ, таблиғи ғояҳои соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорони пешсаф; дар заминаи мониторинги рейтинги байналмилалии муҳити соҳибкорӣ муайян намудани роҳҳои минбаъдаи инкишофи бахши хусусӣ дар мамлакат.

11.4. Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дарбораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, №72 *Истеъмолкунанда* – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) – ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад: ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон; ба маълумот доир ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва ҳамчунин доир ба истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он; ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ); ба интихоби озоди мол (кор, хизматрасонӣ); ба сифати муносиби мол (кор, хизматрасонӣ); ба ҷуброни пурраи зарарe (зиёне), ки бинобар нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст; ба ҳимояи ҳуқуқҳои

худ; ба таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон; ба пешниҳод кардани таклифу дархостҳо оид ба беҳтар кардани сифати мол (кор, хизматрасонӣ) ба истеҳсолкунанда (фурӯшанда). Ҳуқуқҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидаи истеъмолкунандагонро суд ҳимоя мекунад. Даъвоҳо ба суди маҳалли зисти даъвогар ё маҳалли ҷойгиршавии ҷавобгар ва ё маҳалли зарари расида пешниҳод карда мешаванд. Мақомоти давлатии ваколатдор (раёсати минтақавии онҳо), ки ба сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) назорат мекунанд, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (иттифоқҳо ва ассотсиатсияҳои онҳо) доир ба даъвоҳое, ки ба манфиати истеъмолкунандагон, гурӯҳи истеъмолкунандагон, гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон пешниҳод мекунанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешаванд. Истеъмолкунандае, ки ба ӯ моли дорои сифати номатлуб фурӯхтаанд ва ӯро фурӯшанда пешакӣ аз он огоҳ накардааст, ҳуқуқ дорад бо хости худ талаб намояд, ки: он ба моли дигари ҳамин хел тамға (модел, артикул) ё ба ҳамон хел моли тамғаи (модели, артикули) дигар бо ҳисобу китоби дахлдори нархи хариди мол иваз карда шавад; нуқсони молро бемузд бартараф намуда ё маблағе, ки барои ислоҳи он аз ҷониби истеъмолкунанда ё шахси сеюм харҷ шудааст, ҷуброн карда шавад; шартномаи хариду фурӯш бекор карда шавад; нархи хариди мол мутобиқан кам карда шавад. Ҳамзамон истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ҷуброни пурраи зарари дар натиҷаи фурӯхтани моли дорои сифати номатлуб ба ӯ расидаро талаб намояд. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад иваз кардани молҳои мураккаби техникӣ ва гаронбаҳоро дар сурати ошкор шудани нуқсони ҷиддӣ (ҷиддан риоя нашудани талабот нисбати сифати мол) талаб намояд. Номгӯи молҳои мураккаби техникиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад. Талаботи дар қисми якуми ҳамин модда зикргардидаро истеъмолкунанда ба фурӯшанда ё ташкилоте, ки вазифаи фурӯшандаро дар асоси шартномаи хариду фурӯш иҷро мекунад, пешниҳод менамояд. Дар сурати ошкор шудани нуқсони мол, ки хусусияти он имкон намедиҳад ин нуқсон бартараф карда шавад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад бо хости худ чунин молро ба моли дигари сифатнок иваз намояд ё қимати фурӯши онро мутаносибан паст намояд, шартномаро бекор кунад. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад моли дорои сифати номатлубро ба истеҳсолкунанда баргардонад ва маблағи барои он

пардохташударо талаб намояд. Ҳангоми ба истеъмолкунанда баргардонидани пули мол фурӯшанда ҳақ надорад аз ӯ маблағеро, ки арзиши мол дар натиҷаи пурра ё қисман истифода кардан ба ин андоза паст шудааст, ҳуснаш коҳидааст ё худ бинобар ҳолатҳои дигари ба ин монанддошта гирад. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи харидории молро надоштани истеъмолкунанда барои қонеъ нагардонидани талаботи ӯ асос шуда наметавонад. Барои тасдиқи харидории мол шаҳодат, нишонаҳои унсурҳои маводи борпечонӣ (зарф), ки аз ҳамин фурӯшанда харида шудани молро тасдиқ менамоянд ва ҳамчунин ҳуҷҷатҳо ва дигар воситаҳои исботкунандае ки аз ҳамин фурӯшанда харидорӣ шудани молро нишон медиҳанд, истифода шуда метавонанд. Фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) - ро ба ҷо меоварад, дар асоси шартномаи байни худ вазифадоранд моли дорои сифати номатлубро аз истеъмолкунанда қабул карда гирад ва дар мавриди зарурӣ сифати молро бисанҷад. Дар сурати сар задани баҳс доир ба ошкор гардидани нуқсони мол фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда)-ро иҷро менамояд, дар асоси шартномаи байни худ вазифадоранд молро аз ҳисоби худ экспертиза кунанд. Истеъмолкунанда бояд аз ҷой ва рӯзу соати гузаронидани экспертизаи мол хаттӣ огоҳонида шавад. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад дар санҷиши (экспертизаи) сифати мол шахсан ё намояндааш иштирок намояд. Истеъмолкунанда ҳақ дорад доир ба хулосаи чунин экспертиза бо эътироз ба суд мурочиат намояд. Харочоти экспертизаро фурӯшанда (истеҳсолкунанда) медиҳад. Агар дар натиҷаи экспертиза муқаррар гардад, ки мол баъди харидани истеъмолкунанда бинобар риоя накардани қоидаҳои истифода, нигоҳдорӣ ё интиқол нуқсондор шудааст, харочоти гузаронидани экспертиза ва ҳамчунин харочоти ба сабаби гузаронидани он интиқол додани молро ба фурӯшанда (истеҳсолкунанда) бояд истеъмолкунанда ҷуброн намояд. Фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ва ё ташкилоте, ки вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда)-ро ба ҷо меоварад, дар асоси шартномаи байни худ барои нуқсони моле, ки барояш мӯҳлати кафолат муқаррар нашудааст, ба шарте, ки истеъмолкунанда исбот намояд, ки мол то замони ба истеъмолкунанда супурда шуданаш ва ё худ ба сабабҳои то ин лаҳза нуқсондор шудааст, ҷавобгар мебошад. Агар фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки дар асоси шартномаи байни худ вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда)- ро иҷро мекунад, исбот карда на-

тавонад, ки моли дорои мӯҳлати кафолат баъди фурӯхтан ба истеъмолкунанда бо сабаби қоидаҳои истифодабарӣ, нигоҳдорӣ ё интиқоли онро риоя накардани истеъмолкунанда ва бинобар, амалҳои шахсони сеюм ва ё қувваи рафънопазир нуқсон пайдо кардааст, ҷавобгар мебошад. Дар ҳолати аз ду сол камтар будани мӯҳлати кафолати дар шартнома пешбинигардида ва нуқсони молро баъди гузаштани мӯҳлати кафолат ошкор кардани истеъмолкунанда, ба шарте, ки нуқсони мол дар давоми ду соли ба истеъмолкунанда супурда шуданаш ошкор шуда бошад ва харидор исбот кунад, ки нуқсони мол пеш аз супурдани он ба истеъмолкунанда ва ё бо сабабҳои то ин лаҳза ошкор гардидааст, фурӯшанда ҷавобгар мебошад. Моли калонҳаҷм ва моли вазнаш зиёда аз панҷ килограмм барои таъмир, паст кардани нарх, иваз намудан ва баргардонидан ба истеъмолкунанда бо қувва ва аз ҳисоби фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки дар асоси шартномаи байни худ вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) - ро иҷро мекунад, интиқол дода мешавад. Агар ин вазифа иҷро нагардад, инчунин ҳангоми набудани фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки дар асоси шартномаи байни худ вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) - ро иҷро мекунад, худи истеҳсолкунанда метавонад молро ба маҳалли истеъмолкунанда расонад ва аз он ҷо баргардонад. Ҳамзамон фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки дар асоси шартномаи байни худ вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) - ро иҷро мекунад вазифадоранд хароҷоти истеъмолкунандаро, барои интиқол ва баргардонидани моли мазкур ҷуброн намоянд.

БОБИ XII. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ ТЕХНИКӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

12.1. Моҳияти ҳуқуқии танзими техникӣ
12.2. Мафҳум ва хусусияти стандартизатсия
12.3. Моҳияти ҳуқуқии сертификатсия ва изҳороти техникӣ
12.4. Асосҳои ҳуқуқии воҳидҳои ченак
12.5. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани муқаррароти ҳонунгузорӣ дар соҳаи танзими техники фаъолияти соҳибкорӣ

12.1. Моҳияти ҳуқуқии танзими техникӣ

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» аз 19 маи соли 2009 , №522 бамеъёрдарории техникӣ - фаъолият оид ба муқаррар намудани талаботи техникии риояшон ҳатмӣ, ки ба бехатарии маҳсулот, ҷараёни коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қисмати бехатарӣ алоқамандand. Субъектҳои бамеъёрдарории техникӣ инҳо ба ҳисоб мераванд: мақомоти ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон; шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд. Бамеъёрдарории техникӣ бо мақсадҳои зайл амалӣ мегардад: муҳофизати ҳаёту саломатӣ ва ирсияти инсон, молу мулк ва ҳифзи муҳити зист; ҳифзи ҳаёту инкишофи мӯътадили ҳайвоноту наботот; пешгирии амалияи назарфиребӣ; таъмини ченаки ягона; таъмини амнияти миллӣ; истифодаи оқилонаи захираҳо; бартараф намудани мрнеаҳои техникӣ. Бамеъёрдарории техникӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад: истифодаи ҳатмии регламентҳои техникӣ; истифодаи ихтиёрии ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда; эътирофи ҳаққонияти истифодаи ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда ҳангоми тасдиқи мутобиқат ба талаботи ҳатмии регламентҳои техникӣ; дастрасии регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда, иттилоот дар бораи тартиби таҳия, тасдиқ ва нашри онҳо барои истифодабарандагон ва шахсони дигари манфиатдор; афзалияти истифодаи стандартҳои байналмилалӣ ва миллии бо стандартҳои байналмилалӣ ҳамоҳангшуда ҳангоми таҳияи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда; истифодаи дастовардҳои илм ва техникаи муосир; мутаносиби ва маҳдуд накардан дар савдои байналмилалӣ. Танзими давлатӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ инҳоро дар бар мегирад: муайян ва татбиқ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ; тарҳрезӣ ва татбиқи барномаҳо доир ба таҳияи регламентҳои

техникӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшудаи ба онҳо алоқаманд; муқаррар намудани тартиби ягонаи таҳия ва тасдиқи регламентҳои техникӣ; ҳамоҳангсозии таҳияи регламентҳои техникӣ; тасдиқи регламентҳои техникӣ; тартиб додани супоришҳо барои таҳияи ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда; муқаррар намудани тартиби ягонаи пешниҳод, боздошт ва бекор кардани эҳтимолияти (презумпсияи) мутобиқат барои ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда; муқаррар намудани тартиби чопи расмии регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда, инчунин тартиби нашри иттилоот дар бораи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшудаи амалкунанда; муқаррар намудани тартиби тафсири расмӣ оид ба масъалаҳои истифодаи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда. Санадҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд: регламентҳои техникӣ - санадҳои меъёрии техникие, ки иҷрои талаботашон ҳатмӣ мебошад; ҳуҷҷатҳои ҳамоҳангшуда –ҳуҷҷатҳои меъёрии техникие, ки истифодаи онҳо ихтиёрӣ мебошад.

12.2. Мафҳум ва хусусиятҳои стандартонӣ

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи стандартонӣ» аз 29 декабри соли 2010, №668 стандартонӣ - фаъолият доир ба қабули стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои стандартонӣ, инчунин муқаррар намудани талаботи техникӣ (меъёр, қоида, тавсифҳо ва талаботи дигар нисбат ба объектҳои стандартонӣ) бо мақсади татбиқи умумӣ ва бисёркаратаи онҳо нисбат ба масъалаҳои доимо такроршаванда, ки барои ба даст овардани дараҷаи муносибтарини тартиб дар соҳаи коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва коркарди партовҳои маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ мебошад. Объектҳои стандартонӣ - маҳсулот, ҷараёнҳои коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигаҳдорӣ, ҳамлу нақл ва коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ. Ҳуҷҷатҳои стандартонӣ - ҳуҷҷатҳои (қоида ва тавсияҳои стандартонӣ, маҷмӯи меъёр ва қоидаҳо, стандартҳои соҳаҳо ва корхонаҳо, шартҳои техникӣ) аз тарафи ташкилотҳои стандартонии байналмилалӣ ё минтақавӣ, мақомоти ваколатдор оид ба стандартонӣ, дигар мақомоти идораи давлатӣ ва ташкилоту корхонаҳо қабулшаванда. Мақсадҳои стандартонӣ аз инҳо иборатанд: таъмини ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва бехатарии инсон ва шаҳрванд, ҳайвонот, растанӣ ва ҳифзи муҳити зист; таъмини сифату бехатарии маҳсулот ва ҷараёнҳои ба он вобаста, иҷрои кор

ва хизматрасонӣ; таъмини мувофиқат ва якдигаривазкунии маҳсулот ва ҷараёнҳои ба он вобаста, инчунин иҷрои кор; рушди истеҳсолот ва савдои мол бо роҳи таҳияи стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои стандартонии бо стандартҳои байналмилалӣ ҳамоҳанггардида; мусоидат намудан ба баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ; мусоидат намудан ба пешрафти илмӣ - техникӣ; бартараф намудани монеаҳои техникӣ дар савдо; ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон. Стандартонӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад: ошкоро будани раванди таҳияи стандартҳо ва ҳуҷҷатҳои стандартонӣ; таъмини ҳуқуқи иштироки ҳамаи тарафҳои манфиатдор дар таҳияи стандартҳо; консенсуси ҳамаи тарафҳои манфиатдор ҳангоми таҳия ва тасдиқи стандартҳо; ҳамоҳангсозии стандартҳои давлатӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ (байнидавлатӣ); мувофиқатии ҳуҷҷатҳои стандартонӣ ба стандартҳои давлатӣ; ба ҳамаи шахсони манфиатдор дастрас будани маълумот дар бораи стандартҳо; роҳ надодан ба монеаҳои зиёдатӣ дар савдои байналмилалӣ, ки ба таври минималӣ барои иҷрои мақсадҳои стандартонӣ зарур аст; интихоби ихтиёрии стандартҳо; иҷрои ҳатмии талаботҳои стандартҳои интихобшуда; истифодабарии стандартҳои байналмилалӣ ва ё фаслҳои дахлдори онҳо, дар мавриде, ки онҳо амал мекунанд ё ин, ки таҳияи онҳо ба анҷом мерасад, ҳамчун асос барои таҳияи стандартҳои давлатӣ, ба истиснои мавридҳое, ки ин гуна стандартҳои байналмилалӣ ва фаслҳои дахлдори онҳо ба ноил гардидани мақсадҳои Қонун номувофиқ ва бесамар бошанд, масалан, бинобар сабаби омилҳои муҳими иқлимӣ ё ҷуғрофӣ ва ё норасоиҳои муҳими техникӣ; ба назар гирифтани марҳилаҳои рушди технологӣ ва қоидаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ доир ба стандартонӣ ва дигар созишномаҳои дахлдори байналмилалӣ ҳангоми таҳияи стандартҳо; вобаста ба имконият, дар таҳияи стандартҳо, назар ба талаботҳои таркибӣ ва тасвирӣ ба инобат гирифтани талаботҳои истифодабарии маҳсулот; муқаррар намудани тартиби якхела барои маҳсулоти воридотӣ ва маҳсулоти ватании ҳаммонанд дар асоси созишномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст. Интихоби стандартҳо ихтиёрӣ мебошад. Дар ҳолате, ки регламенти техникӣ ба стандарт ишора намояд ва ягона роҳи таъмини мутобиқат ба регламенти техникӣ ин риояи стандарт мебошад, дар чунин ҳолат ин гуна стандарт ҳамчун регламенти техникӣ истифода мешавад. Дар ҳолате, ки регламенти техникӣ ба стандарт

ишора нанамояд ва дар ин стандарт талаботи бехатарӣ мавҷуд набошад, танҳо дар ин маврид истифодабарии ин стандарт ихтиёрӣ буда, иҷрои талаботи он ҳатмӣ намебошад. Стандартҳои минтақавӣ (байнидавлатӣ) ва давлатӣ бевосита, инчунин бо роҳи ишора ба онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳо, аҳдномаҳо ва созишномаҳои бо тартиби муайян қабулгардида, истифода мешаванд. Стандартҳои минтақавӣ (байнидавлатӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накардан, бевосита пас аз шаш моҳи дастрас шудани нашри расмии онҳо (стандартҳои бе санаи мавриди амал қабулшуда) мавриди амал қарор мегиранд. Стандартҳои байналмилалӣ ва стандартҳои миллии дигар мамлакатҳо дар асоси созишномаҳои (шартномаҳои) байналмилалӣ дар бораи ҳамкорӣ ва ё шартномаҳои (созишномаҳо) мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ бо ташкилотҳои стандартонии байналмилалӣ, минтақавии дахлдор ва мақомоти миллии стандартонии дигар мамлакатҳо қабул мешаванд. Тартиби истифодаи стандартҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва стандартҳои миллии дигар давлатҳоро мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартонӣ муқаррар менамояд.

12.3. Моҳияти ҳуқуқии сертификатсия ва декларатсиякунонии мутобиқат

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» аз 2 августи соли 2011, №759 баҳодиҳии мутобиқат - фаъолият оид ба муайян кардани мутобиқати объектҳои баҳодиҳии мутобиқат ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ, ки санҷиш, назорат, сертификатсия ва аккредитатсияро дар бар мегирад. Декларатсиякунонии мутобиқат - шакли тасдиқи мутобиқат, ки аз ҷониби истеҳсолкунанда ё фурӯшанда амалӣ мегардад. Системаи давлатии сертификатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- Системаи сертификатсия) - маҷмӯи субъектҳои баҳодиҳии мутобиқат, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ, ки қоида ва расмиёти сертификатсия ва дар маҷмӯъ амали системаро муайян менамоянд. Сертификати мутобиқат - ҳуҷҷате, ки ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ мутобиқ будани объекти баҳодиҳии мутобиқатро тасдиқ мекунад. Декларатсия оид ба мутобиқат – ҳуҷҷате, ки дар он истеҳсолкунанда ё фурӯшанда мутобиқати маҳсулоти истеҳсол ё

фурӯхташавандаи худро ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ тасдиқ мекунад. Сертификати салоҳиятнокӣ - ҳуҷҷате, ки салоҳияти касбии шахси воқеиро барои иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои муайян тасдиқ менамояд. Баҳодиҳии мутобиқат бо мақсадҳои зерин амалӣ карда мешавад: таъмини ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон, молу мулк ва ҳифзи муҳити зист; афзун намудани рақобатпазирии маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ; фароҳам сохтани шароити мусоид барои таъмини гардиши озоди маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ, инчунин барои иштирок дар ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ, илмию техникӣ ва савдои байналмилалӣ. Принсипҳои баҳодиҳии мутобиқат инҳо мебошанд: таъмини мутобиқати комили ҳаммонандии қоида ва расмиёти сертификатсия барои маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва хориҷӣ; риояи талаботи махфияти маълумоте, ки ҳангоми иҷрои корҳо оид ба баҳодиҳии мутобиқат дастрас мегарданд; роҳ надодан ба якҷоякунии ваколатҳо оид ба аккредитатсия ва сертификатсия дар як мақом; роҳ надодан ба якҷоякунии вазифаҳои назорати давлатӣ ва сертификатсия дар як мақоми давлатӣ; мустақилияти мақомоти сертификатсия аз истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагон ва харидорон. Объектҳои баҳодиҳии мутобиқат инҳо мебошанд: маҳсулот, ҷараёни коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, фурӯш ва безараргардонии партовҳои маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ; системаи идоракунии сифат; системаи идоракунии муҳити зист; салоҳиятнокии шахси ҳуқуқӣ оид ба иҷрои корҳои сертификатсия ё санҷиши маҳсулот; салоҳиятнокии касбии ҳайати кормандон барои иҷрои корҳои муайян ва хизматрасонӣ; объектҳои дигар, ки нисбат ба онҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳодиҳии мутобиқат қарор қабул гардидааст. Субъектҳои баҳодиҳии мутобиқат инҳо мебошанд: мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия; озмоишгоҳ (марказ) – ҳои санҷишии аккредитатсияшуда; дархосткунандагони аккредитатсия; дархосткунандагони сертификатсия. Баҳодиҳии мутобиқат дар намудҳои зерин амалӣ карда мешавад: назорат; аккредитатсия; сертификатсия; санҷиш. Ба ҳуҷҷатҳои баҳодиҳии мутобиқат инҳо мансубанд: шаҳодатномаи аккредитатсия; сертификати мутобиқат; сертификати салоҳиятнокӣ; декларатсия оид ба мутобиқат. Ҳуҷҷатҳои баҳодиҳии мутобиқат дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд. Сертификатсия

бо мақсадҳои зерин амалӣ карда мешавад: тасдиқ намудани мутобиқати объектҳои баҳодиҳии мутобиқат ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ; мусоидат намудан ба истеъмолкунандагон дар интихоби дурусти маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ. Принсипҳои сертификатсия инҳо мебошанд: ошкоро ва дастрас будани қоида ва расмиёти сертификатсия; мустақил будани мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия ва озмоишгоҳ (марказ)-ҳои санҷишии аккредитатсияшуда аз дархосткунандагони сертификатсия; ҳифзи манфиатҳои молумулкии дархосткунандагони сертификатсия, аз ҷумла бо роҳи риояи махфияти маълумоте, ки дар раванди расмиёти сертификатсия дастрас мегарданд. Сертификатсия метавонад ҳатмӣ ё ихтиёрӣ бошад. Ба ваколатҳои мақоми давлатии марказӣ оид ба сертификатсия дохил мешаванд: амалӣ намудани сертификатсия ва додани сертификатҳои мутобиқат, додани ҳуқуқ барои истифодаи аломати Системаи сертификатсия; муқаррар намудани тартиби сертификатсия, шаклҳои сертификатҳои мутобиқат, замимаи онҳо ва аломати Системаи сертификатсия, мазмун, мӯҳлати амали сертификатҳои мутобиқат, тартиби додани онҳо, бақайдгирӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо, боздоштан, таҷдид, бекор, қатъ ва тамдид намудани мӯҳлати амали онҳо, инчунин тартиби тасдиқ кардани номгӯи ҳуҷҷатҳо барои гирифтани сертификати мутобиқат; бақайдгирии декларатсия оид ба мутобиқат тибқи доираи аккредитатсия; пешбурди феҳристи Системаи давлатии сертификатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; ба роҳ мондани санҷиши назоратии сифат ва бехатарии маҳсулот, кор ва хизматрасонии сертификатсияшуда; ба дархосткунандаи сертификатсия додани ҳуқуқ барои тамғагузории объектҳои баҳодиҳии мутобиқат бо аломати Системаи сертификатсия; баррасии арзу шикоятҳои дархосткунандагони сертификатсия ва қабул намудани қарор оид ба онҳо; ба корҳои сертификатсионӣ ҷалб намудани эксперту аудиторҳо оид ба сертификатсия ва дигар мутахассисон; таъсис додани шӯро оид ба сертификатсия; боздоштан ва беэътибор донистани сертификатҳои мутобиқат. Тартиби иҷрои корҳои сертификатсияро дар Системаи сертификатсия мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат муқаррар менамояд. Натиҷаи мусбии сертификатсия бо сертификати мутобиқат ё сертификати салоҳиятнокӣ тасдиқ карда мешавад, ки онро мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия ба дархосткунандаи сертификатсия медиҳад. Расмиёти сертификатсия бояд тавре таҳия,

тасдиқ ва татбиқ карда шаванд, ки барои савдои байналмилалӣ монеаҳои иловагӣ барпо накунанд. Ҳангоми таҳияи расмиёти сертификатсия бояд дастурамал ва тавсияҳои байналмилалӣ ба эътибор гирифта шаванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин дастурамал ва тавсияҳо барои талаботи бехатарии миллӣ, пешгирии тағрибаи фиребдиҳӣ, ҳифзи саломатӣ ва бехатарӣ, ҳаёт ва саломатии инсон ва ҳайвоноту наботот, ҳифзи муҳити зист, омилҳои назарраси иқлимӣ ва ҷуғрофӣ, проблемаҳои муҳими технологӣ ё инфрасохторӣ номувофиқ бошанд. Дар ҳолати вуҷуд надоштани дастурамал ва расмиёти байналмилалии дахлдор ё дар ҳолати мувофиқат накардани мазмуни техникии расмиёти таҳияшавандаи сертификатсия бо дастурамал ва тавсияҳои байналмилалӣ, агар расмиёти мазкур ба савдои байналмилалӣ таъсири назаррас расонда тавонад, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат: дар марҳилаи аввали таҳияи расмиёти сертификатсия бо мақсади шиносоии тарафҳои манфиатдор дар бораи ҷорӣ намудани расмиёти мушаххаси сертификатсия ахборот нашр менамояд; лоиҳаи расмиётро барои баррасӣ ба тарафҳои манфиатдор пешниҳод менамояд; дар ҳолати қабул ё рад намудани пешниҳоди тарафҳои манфиатдор онҳоро ба таври хаттӣ огоҳ месозад. Дар ҳолати ба вуҷуд омадан ё мавҷуд будани таҳдиди пайдошавии проблемаҳои бехатарӣ, саломатӣ, ҳифзи муҳити зист ё амнияти миллӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат метавонад қонунро бо чунин шартҳо иҷро накунад: сари вақт огоҳ намудани тарафҳои манфиатдор бо расмиёти амалкунандаи сертификатсия; тибқи дархости тарафҳои манфиатдор пешниҳод кардани расмиёти амалкунанда; бе маҳдуд намудани ҳуқуқҳои тарафҳои манфиатдор ба онҳо додани имконият барои пешниҳоди таклифҳо; дар ҳолати қабул ё рад намудани пешниҳоди тарафҳои манфиатдор онҳоро ба таври хаттӣ хабардор намудан. Ҳама расмиёти қабулшудаи сертификатсия бояд сари вақт нашр карда шаванд ё барои шиносоӣ ба тарафҳои манфиатдор бо тариқи дигар пешниҳод карда шаванд. Ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 6 моддаи мазкур мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат вазифадор аст дар давраи байни интишори талаботи вобаста ба расмиёти сертификатсия ва мавриди амал қарор додани онҳо ба истеҳсолкунандагон ҷиҳати мутобиқгардонидании мол ва усулҳои истеҳсолот ба талаботи муқарраршуда мӯҳлати муайяни оқилона пешбинӣ намояд, вале он набояд аз 60 рӯз кам бошад. Мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия бояд: дар-

хосткунандаро оид ба давомнокии гузаронидани расмиёти сертификатсия огоҳ намоянд; дархосткунандаро оид ба қарори қабулшуда бо назардошти натиҷаҳои баррасии ҳуҷҷатҳо огоҳ намоянд;дар ҳолати ба даст омадани натиҷаҳои манфӣ дархосткунандаро дар бораи норасоиҳои асосноккардашуда ба таври хаттӣ огоҳ намоянд; дар ҳолати камбудиҳо доштани дархост бо хоҳиши дархосткунанда корҳои сертификатсиониро иҷро кунанд. Аз дархосткунанда талаб намудани маълумоти барои сертификатсия зарур то ҳадди ақал бояд маҳдуд карда шавад. Агар баъди муайян кардани мувофиқати мол ба тавсифномаи он тағйирот ворид карда шаванд, расмиёти сертификатсия нисбат ба моли шаклан дигаргуншуда бояд ба андозае маҳдуд бошад, то боварии заруриро нисбати он, ки моли мазкур чун пештара ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои стандартонӣ ҷавобгӯ аст, таъмин намояд. Сертификатсияи ҳатмӣ нисбат ба объектҳои баҳодиҳии мутобиқати ба номгӯи маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳатман сертификатсия шаванд, воридгардида, инчунин нисбат ба дигар объектҳои баҳодиҳии мутобиқат амалӣ карда мешавад. Фурӯш ва рекламаи маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, фаъолияти ҳайати кормандон ва объектҳои дигари баҳодиҳии мутобиқат, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳатман сертификатсия шаванд, бе мавҷуд будани ҳуҷҷатҳо дар бораи баҳодиҳии мутобиқат манъ аст. Корҳои сертификатсияи ҳатмиро мақомоти давлатии аккредитатсияшуда, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати ташкил ва гузаронидани сертификатсияи ҳатмӣ ба зиммаи онҳо вогузор гардидааст, анҷом медиҳад. Сертификатсияи ҳатмӣ дар асоси дархост ё шартнома бо дархосткунанда барои сертификатсия амалӣ карда мешавад. Тарҳҳои сертификатсия, ки ҳангоми сертификатсияи ҳатмии намудҳои муайяни маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, фаъолияти ҳайати кормандон ва объектҳои дигари баҳодиҳии мутобиқат истифода мегарданд, мувофиқи регламенти техникӣ муқаррар карда мешаванд, вале дар ҳолате, ки агар тарҳи сертификатсия дар он муқаррар нашуда бошад ё регламенти техникӣ мавҷуд набошад, мувофиқи ҳуҷҷатҳои соҳаи бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ муқаррар карда мешаванд. Агар бо тарҳи сертификатсия зарурати гузаронидани санҷиши маҳсулот муқаррар гардида бошад, дар ин ҳолат онро озмоишгоҳи (маркази) санҷишии аккредитатсияшуда дар асоси дархост ё шартнома бо дархосткунандагон мегузаронад. Декларатсиякунонии мутобиқат аз тарафи дархостку-

нанда оид ба тасдиқи мутобиқат бо чунин тарзҳо амалӣ мегардад: бо роҳи қабули декларатсия оид ба мутобиқат дар асоси далелҳои бо протоколҳои санҷишӣ тасдиқшуда; бо роҳи қабули декларатсия оид ба мутобиқат дар асоси далелҳои бо протоколҳои санҷишӣ тасдиқшуда ва сертификату протоколҳои санҷишии мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия ва ё озмоишгоҳ (марказ)-ҳои санҷишии аккредитатсияшуда. Декларатсия оид ба мутобиқат дар мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия дар асоси талаботи Системаи сертификатсия ба қайд гирифта мешавад. Корҳои бақайдгирии декларатсия оид ба мутобиқат аз тарафи мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия дар асоси дархост ё шартнома бо дархостқунанда дар бораи тасдиқи мутобиқат иҷро карда мешаванд. Тартиби бақайдгирии декларатсия оид ба мутобиқат, инчунин номгӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои бақайдгирии декларатсия аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат муайян карда мешаванд. Мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилоте, ки аз тарафи мақоми давлатӣ оид ба аккредитатсия бо тартиби муқарраршуда аккредитатсия шудаанд, ҳуқуқ доранд сертификатсияи ихтиёриро амалӣ намоянд. Сертификатсияи ихтиёриро мақоми аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия бо ташаббуси дархостқунандагони сертификатсия дар асоси шартнома ё дархост амалӣ менамояд. Ҳангоми сертификатсияи ихтиёрӣ дархостқунандаи сертификатсия регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартониро, ки мувофиқи онҳо сертификатсияи ихтиёрӣ амалӣ карда мешавад, мустақилона интихоб мекунад ва номгӯи нишондиҳандаҳоеро, ки ҳангоми сертификатсияи ихтиёрии объектҳои баҳодиҳии мутобиқат назорат карда мешаванд, муайян менамояд. Ба номгӯи ин нишондиҳандаҳо ба таври ҳатмӣ нишондиҳандаҳои бехатарӣ ворид карда мешаванд, агар онҳо дар регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ барои объекти баҳодиҳии мутобиқати мазкур муқаррар гардида бошанд. Дар номгӯи маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, фаъолияти ҳайати кормандон ва объектҳои дигари баҳодиҳии мутобиқат, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатман сертификатсия мешаванд, муқаррар карда мешаванд: намудҳои маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, фаъолияти ҳайати кормандон ва объектҳои дигари баҳодиҳии мутобиқат, ки ҳатман сертификатсия мешаванд; регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ, ки дар хусуси мутобиқат ба онҳо сертификатсияи ҳатмӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми тартиб додани номгӯи

маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, фаъолияти ҳайати кормандон ва объектҳои дигари баҳодиҳии мутобиқат, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳатман сертификатсия шаванд, чунин меъёрҳо муқаррар карда мешаванд: хатарнокии имконпазири маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, фаъолияти ҳайати кормандон ва объектҳои дигари баҳодиҳии мутобиқат ба ҳаёт ва саломатии инсон, молу мулк ва муҳити зист; номувофиқатии воситаҳои техникии истеҳсоли ватанӣ ва хориҷӣ. Пардохт барои иҷрои корҳои сертификатсия вобаста ба меҳнатталабии иҷрои корҳои тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат аз тарафи дархосткунандаи сертификатсия сурат мегирад. Арзиши гузаронидани санҷиши маҳсулот бо назардошти меҳнатталабии гузаронидани санҷиши маҳсулот метавонад дар шартномаи байни озмоишгоҳи (маркази) санҷишии аккредитатсияшуда ва дархосткунандагони сертификатсия муайян карда шавад. Пардохти маблағи корҳои сертификатсионӣ барои маҳсулоти ҳаммонанди ватанӣ ва воридотӣ як хел муқаррар карда мешавад. Мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия ҳуқуқ доранд: ба дархосткунандагони сертификатсия сертификатҳои мутобиқат ва сертификатҳои салоҳиятнокӣ диҳанд; амали сертификати мутобиқат ва сертификати салоҳиятнокиро, ки худи онҳо додаанд, дар ҳолати ошкоршавии номувофиқатии объекти баҳодиҳии мутобиқат ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ бозоранд ва ё бекор намоянд; аломати Системаи аккредитатсияро истифода баранд; декларатсияҳо оид ба мутобиқатро тибқи доираи аккредитатсия ба қайд гиранд. Мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия уҳдадоранд: иҷрои талаботи муқаррарнамудаи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартониро нисбат ба мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия таъмин намоянд; талаботи Системаи сертификатсияро иҷро намоянд; ба дархосткунандагони сертификатсия оид ба қоида ва расмиёти сертификатсия иттилоот пешниҳод намоянд; баҳисобгирии сертификатҳои мутобиқат ва сертификатҳои салоҳиятнокии додашударо ба роҳ монанд; дар бораи сертификатҳои мутобиқат ва сертификатҳои салоҳиятнокии ба объекти баҳодиҳии мутобиқат додашуда, дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо, боздоштан, таҷдид, бекор, қатъ ва тамдид намудани мӯҳлати амали онҳо ба мақоми давлатии марказӣ оид ба сертификатсия мунтазам иттилоъ диҳанд; сертификатсияро танҳо дар доираи муайяни аккредитатсия гузаро-

нанд; дар ҳолати аз тарафи мақоми давлатӣ оид ба аккредитатсия боздоштан ё бекор кардани шаҳодатномаи аккредитатсия фаъолиятро оид ба сертификатсия боздоранд ё қатъ намоянд; аз рӯи имконият гузаронидани корҳои сертификатсиониро таъмин намоянд. Озмоишгоҳ (марказ)-ҳои санҷишии аккредитатсияшуда ҳуқуқ доранд: санҷиши мутобиқ будани маҳсулотро ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ тибқи доираи аккредитатсия гузаронанд; аломати Системаи аккредитатсияро истифода баранд. Озмоишгоҳ (марказ)-ҳои санҷишии аккредитатсияшуда уҳдадоранд: иҷрои талаботи муқаррарнамудаи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартониро оид ба озмоишгоҳ (марказ)-ҳои санҷишии аккредитатсияшуда таъмин намоянд; қоида ва расмиёти муқаррарнамудаи санҷиши маҳсулотро риоя намоянд; ба мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия ё дархостқунандаи сертификатсия протоколи санҷиши маҳсулотро супоранд; эътимоднокии натиҷаҳои санҷиши маҳсулотро таъмин намоянд; санҷишро танҳо дар доираи аккредитатсия гузаронанд; дар ҳолати аз тарафи мақоми давлатӣ оид ба аккредитатсия боздоштан ё бекор кардани шаҳодатномаи аккредитатсия фаъолиятро оид ба санҷиш боздоранд ё қатъ намоянд. Дархостқунандагони сертификатсия ҳуқуқ доранд: барои иҷрои корҳои сертификатсия ҳама гуна мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсияро интихоб намоянд; барои гузаронидани санҷиши маҳсулот ба ҳама гуна озмоишгоҳ (марказ)-и санҷишии аккредитатсияшуда мурочиат намоянд; аломати Системаи сертификатсияро барои тамғагузории объектҳои баҳодиҳии мутобиқат, ки сертификати мутобиқат доранд, истифода баранд; нисбат ба амалҳои ғайриқонунии мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия ва озмоишгоҳ (марказ)-ҳои санҷишии аккредитатсияшуда тибқи тартиб ва мӯҳлати дар Системаи сертификатсия муқарраргардида ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат ва дар ҳолати розӣ набудан бо қарори он ба суд мурочиат намоянд. Дархостқунандагони сертификатсия уҳдадоранд: талаботи Системаи сертификатсияро риоя намоянд; ҳангоми иҷрои корҳои сертификатсия ба шахсони мансабдори мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия шароити зарурии корӣ фароҳам оранд; мутобиқати объекти баҳодиҳии мутобиқатро ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ, ки дар сертификати мутобиқат нишон дода шудаанд, таъмин намоянд; фурӯши маҳсулот, кор ва

хизматрасонӣ, фаъолияти ҳайати кормандон ва фаъолияти объектҳои дигари баҳодиҳии мутобиқатро, агар ин объектҳо ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ, ки дар сертификати мутобиқат ва сертификати салоҳиятнокӣ нишон дода шудаанд, мувофиқ набошанд, инчунин дар ҳолати ба охир расидани мӯҳлати амали ин сертификатҳо ё дар ҳолати муваққатан бозdoштан ё бекор кардани онҳо, боздоранд ё манъ намоянд. Ҳуҷҷатҳои баҳодиҳии мутобиқати маҳсулот, ки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудаанд, метавонанд дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда эътироф карда шаванд. Тартиби эътирофи ҳуҷҷатҳои мазкури баҳодиҳии мутобиқати маҳсулот бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, муқаррар карда мешавад, агар ин тартибро санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муқаррар накарда бошад, он аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи баҳодиҳии мутобиқат муқаррар карда мешавад.

12.4. Асосҳои ченаки ягона

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини ченаки ягона» аз 15 маи соли 1997, №435 Ченаки ягона—ҳолати ченаке, ки натиҷаи он дар воҳидҳои эътирофгардидаи бузургӣ ифода ёфта, иштибоҳи ченак аз ҳудуди меъёрҳои муайянгардида берун намеояд. Санадҳои меъёрии таъмини ченаки ягона—стандартҳои давлатӣ, стандартҳои байналмилалӣ (минтақавӣ), қоида ба низомнома, дастуруламал ва тавсияҳое, ки бо тартиби муқарраргардида ба кор бурда мешаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида воҳидҳои бузургии Системаи байналмилалии ченакҳо истифода бурда мешаванд. Номгӯй, аломат ва қоидаҳои навишти воҳидҳои бузургӣ, инчунин қоидаҳои истифодаи онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои ҳолатҳои дар санадҳои қонунгузорӣ пешбинигардида, муқаррар мекунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар баробари истифодаи воҳидҳои бузургии Системаи байналмилалии ченакҳо ба истифодаи воҳидҳои ғайрисистемавӣ низ иҷозат диҳад. Тавсиф ва хусусиятҳои маҳсулоти содиротӣ, аз ҷумла воситаҳои ченак бо воҳидҳои бузургии муқаррарнамудаи фармоишгар ифода ёфта метавонанд. Истифодаи воҳидҳое, ки аз воҳидҳои расман иҷозатдодашуда фарқ доранд, ба истиснои ҳолатҳои

муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст. Асоси техникии таъмини ченаки ягонаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳакҳои давлатии воҳидҳои бузургӣ ташкил медиҳанд, ки нигаҳдории онҳоро давлат таъмин менамояд. Маҳакҳои давлатии воҳидҳои бузургӣ ҳамчун воситаи ченаки воҳидҳои ибтидоӣ ҷиҳати таҷдид ва нигаҳдории воҳидҳои бузургӣ бо мақсади интиқоли андозаи он ба дигар воситаҳои ченаки ҳамин бузургӣ истифода бурда мешаванд. Воситаҳои ченак барои муайян намудани бузургие истифода мешаванд, ки ба татбиқи воҳидҳояшон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи тартиби муқарраргардида иҷозат дода шудааст ва бояд ба шароити истифода ва талаботи муқарраргардида мувофиқ бошанд. Қарорҳои ба гурӯҳи воситаҳои ченак нисбат додани таҷҳизоти техникӣ ва муқаррар намудани фосилаи байни мутобиқатро мақоми ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мекунад. Воситаҳои ченаке, ки фарогири талаботи қонунгузории метрологиянд, таҳти назорати хадамоти метрологӣ қарор мегиранд. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки воситаҳои ченаки таҳти назорати қонунгузории метрологӣ қарордоштаро то дар он гузоштани мӯҳри назорати мутобиқат истифода барад ва ё барои истифода бурдан нигоҳ дорад».

12.5. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани муқаррароти қонунгузорӣ дар соҳаи танзимкунии техники фаъолияти соҳибкорӣ

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани мукаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзимкунии техники фаъолияти соҳибкорӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида мешаванд.

КҲМ ҶТ. Моддаи 128. Ғайриқонунӣ истеҳсол ва тайёр кардан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодани маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва ё прекурсорҳои онҳо

1. Барои ғайриқонунӣ истеҳсол ва тайёр кардан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодани маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва ё прекурсорҳои онҳо бе мақсади фурӯхтан ҳангоми набудани аломати ҷиноят,–

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз бист то сӣ, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои бо мақсади фурӯхтан содир намудани кирдори дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинишуда, ҳамчунин фурӯши ғайриқонунии онҳо ҳангоми набудани аломати ҷиноят, -ба андозаи аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 132. Истеҳсол ё муомилоти спирти этилӣ, маҳсулоти алкоголӣ ё дар таркибаш спиртдошта, ки ба талаботи стандарти давлатӣ мувофиқат намекунад

Барои истеҳсол ё муомилоти спирти этилӣ, маҳсулоти алкоголӣ ё дар таркибаш спиртдошта, ки ба талаботи стандарти давлатӣ мувофиқат намекунад, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то бист, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 625. Истеҳсол, фурӯш, бароориш, таҳвил, истифодаи маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ки ҷавобгӯйи талаботи стандартҳои давлатӣ ва шартҳои техникӣ нестанд

Барои истеҳсол, фурӯш, бароориш, таҳвил, истифодаи маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ки ҷавобгӯйи талаботи стандартҳои давлатӣ ва шартҳои техникӣ нестанд, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз се то ҳафт, ба соҳибкорони инфиродӣ аз ҳафт то даҳ, ба шахсони мансабдор аз бист то сӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 626. Фурӯш, истеҳсол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ки сертификатсияи ҳатмӣ надоранд

Барои фурӯш, истеҳсол, иҷрои кор ва хизматрасоние, ки сертификатсияи ҳатмӣ надоранд, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз се то ҳафт, ба шахсони мансабдор аз сӣ то чил ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 627. Фиреб додани истеъмолкунандагон

Барои фиреб додани истеъмолкунандагон бо роҳи кам чен кардан, кам бар кашидан ва зиёд ҳисоб кардан, ба фурӯш баровардани моле, ки мӯҳлати истеъмолаш гузаштааст, гумроҳ кардан оид ба хусусиятҳои истеъмолӣ ва сифати мол ё бо дигар роҳ фиреб додани харидорон аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии фурӯшандаи мол ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ ҳангоми набудани аломати ҷиноят, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳафт то понздаҳ, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 628. Риоя накардани талаботи стандарт ва шартҳои техникӣ, қоидаҳои сертификатсия ва хизматрасонӣ

1. Барои риоя накардани талаботи стандарт ва шартҳои техникӣ, қоидаҳои сертификатсия ва хизматрасонӣ, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ, ба шахсони мансабдор аз бист то сӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз понздаҳ то бист ва ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 629. Ба муомилот баровардани воситаҳои ченак бе тасдиқи навъи онҳо ё бе санҷиши (аттестатсияи) метрологӣ

Барои ба муомилот баровардани воситаҳои ченак бе тасдиқи навъи онҳо ё бе санҷиши (аттестатсияи) метрологӣ, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то понздаҳ, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 635. Тамғазании ғайриқонунии маҳсулоте, ки сертификатсия нашудааст

Барои ғайриқонунӣ тамға задан ба маҳсулоте, ки сертификатсия нашудааст, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ ва ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

КҶ ҶТ.

Моддаи 209. Истеҳсол, нигоҳ доштан, интиқол ё ба соҳибияти каси дигар додани мол ё маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасоние, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавоб намедиҳад

1) Истеҳсол, нигоҳ доштан ё интиқол додан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ё ин ки ба соҳибияти каси диагр додани мол ё маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасонӣ, ки ба талаботи бехатарӣ барои ҳаёт ё саломатии истеъмолкунандагон ҷавоб намедиҳад, ҳамчунин ғайриқонунӣ додани санади расмӣ ё исти-

фодаи чунин санад, ки мутобиқи ин мол, кор ё хизматрасониро ба талаботи бехатарӣ тасдиқ мекунад,

бо ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамон мӯҳлат бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) вобаста ба мол, ё маҳсулот, кор ё хизматрасоние, ки ба кӯдакони то синни шашсола тааллуқ доранд;

б) аз беэҳтиётӣ ба саломатии ду ё бештар ҷабрдидагон зарар расонида бошад;

в) аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон шуда бошад, –

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдори пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми моддаи мазкур, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ду ё бештар ҷабрдидагон гардидааст, –

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати аз се то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Моддаи 210[1]. Ғайриқонунӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан, истеҳсол ва ба муомилот баровардани доруворию бесифат, қалбакӣ (сохта) ва ба талаботи стандартҳои муқарраршуда ҷавобгӯйнабуда, инчунин доруворию мӯҳлати истифодааш гузашта

1) Ғайриқонунӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан, истеҳсол ва ба муомилот баровардани доруворию бесифат, қалбакӣ (сохта) ва ба талаботи стандартҳои муқарраршуда ҷавобгӯйнабуда, инчунин доруворию мӯҳлати истифодааш гузашта ба миқдори калон, –

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то ду сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

в) бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шуда бошад, –

бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ва дуюми ҳамин модда, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

б) ба миқдори махсусан калон;

в) аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё дигар оқибатҳои вазнин гашта бошад, –

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо мусодираи молу мулк ва бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

Моддаи 294. Фиреби истеъмолкунандагон

1) Камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, ҳамчунин аз ҷониби шаҳрвандон ба миқдори назаррас содир шуда бошанд; –

бо ҷарима ба андозаи то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

б) ба миқдори калон;

в) аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои фиреби истеъмолкунандагон суд шудааст, содир шуда бошад,–

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ва дуюми ҳамин модда, агар:

б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

а) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад, –

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: Фиреби истеъмолкунандагон ҳангоме ба миқдори назаррас содиршуда шумурда мешавад, ки агар зарари ба истеъмолкунандагон расонидашуда аз даҳяки нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар, ба миқдори калон бошад - аз як маоши ҳадди ақал бештар бошад, ба миқдори махсусан калон аз панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

БОБИ XIII. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ РАҚОБАТ ВА МАҲДУДКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ИНҲИСОРӢ ДАР БОЗОРИ МОЛӢ

13.1. Моҳияти танзими ҳуқуқии раҳобати иқтисодӣ ва фаъолияти инҳисорӣ дар бозори молӣ

13.2. Мафҳум, вазифаҳо ва намудҳои рақобати иқтисодӣ

13.3. Мафҳум ва аломати вазъи ҳукмфармоӣ

13.4. Мафҳум ва намудҳои фаъолияти инҳисорӣ

13.5. Мафҳум ва шаклҳои рақобати бевиҷдонона

13.6. Воситаҳои ҳуқуқии пешгирии вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисории ҶТ

13.7. Монополияи табиӣ ва танзими ҳуқуқии он

13.1. Моҳияти танзими ҳуқуқии раҳобати иқтисодӣ ва фаъолияти инҳисорӣ дар бозори молӣ

Иқтисоди бозоргонии имрӯза ин организми мураккабе мебошад, ки аз шумораи бузурги сохторҳои гуногуни истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ иборат мебошад ва дар майдони низоми меъёрҳои ҳуқуқи тиҷоратӣ таъсир расонда, ба мафҳуми ягона-бозор муттаҳид мешҳавад. Рақобат механизми ҷудонашавандаи иқтисоди бозоргонӣ мебошад. Рақобат дар иқтисодиёт ба монополизм муқобил меистад, зеро имконияти ҳар як иштирокчии муносибатҳои бозорро барои таъсири монополӣ намудан ба шартҳои умумии муомилоти мол дар бозори мол. Бо ҳеҷ чиз маҳдуд накардани фаъолияти инҳисорӣ рақобатро паст намуда ба маҳвкунии озодии фаъолияти соҳибкорӣ оварда мерасонад. Фишанги нигоҳдории фаъолияти инҳисорӣ ва дастгирии рақобат қонунгузории зиддиинҳисорӣ мебошад, ки ба муқобилӣ сӯистифода дар бозор чи бо роҳи маҳдуд намудани намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ ва чи бо роҳи паст намудани тамоюле, ки метавонад рақобати бозорро паст кунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории зиддиинҳисорӣ танҳо пас аз гузаштан ба иқтисоди бозоргонӣ, вақте рақобат барои ҷамъият манфиатнок эътироф шуда буд ба вуҷуд омад ва қонунҳои умумӣ ва махсус, инчунин санадҳои зерқонунӣ пешниҳод гашт. Қонуни асосии зиддиинҳисорӣ Қонуни ҶТ « Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» аз 28 июли соли 2006, №198 мебошад, ки асосҳои ташкиливу ҳуқуқии маҳдудкунӣ ва қатъ кардани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдононаро муайян намуда, барои барпо намудан ва самарабахш амал кардани бозорҳои мол шароит муҳайё менамояд.

Қонун муносибатҳоеро фаро мегирад, ки ба рақобат дар бозорҳои молии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд. Дар ин муносибатҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла хориҷӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот иштирок мекунанд. Қонун инчунин дар ҳолатҳое истифода бурда мешавад, ки амалиёт ва созишномаҳои аз тарафи шахсони мазкур ва мақомоти номбаршуда берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутаносибан содир ё басташуда боиси маҳдудияти рақобат мешаванд ва ё шуда метавонанд, ё худ дар бозорҳои молии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси дигар оқибатҳои манфӣ мешаванд. Қонун ба муносибатҳои вобаста ба объектҳое, ки ба ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ алоқаманд мебошанд, паҳн намегардад, ғайр аз ҳолатҳое, ки созишномаҳои ба истифодабарии онҳо ба маҳдудкунии рақобат нигаронида шуда бошанд. Муносибатҳои вобаста ба фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдононаи бозорҳои хизматрасонии молиявӣ, ғайр аз ҳолатҳое, ки муносибатҳои дар ин бозорҳо пайдошаванда ва рақобати бозорҳои мол таъсир мерасонанд, бо дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 маи соли 2010, №227 мақомоти давлатӣ дар ин соҳа Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроия буда, сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи ҳимоя ва инкишофи рақобат, пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва убуркунии фаъолияти инҳисорӣ, танзим ва назорати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти субъектони монополияи табиӣ, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавиро ба амал мебарорад. Масъалаи таъминоти ҳуқуқии фаъолияти рақобатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи рисолавӣ аз ҷониби Каримов А.К. тадқиқ шудааст.

13.2. Мафҳум, вазифа ва намудҳои фаъолияти рақобатӣ

Рақобат- мусобиқаи озоди субъектҳои хоҷагидор, ки амалиёти мустақилонаи онҳо имконияти таъсиррасонии яктарафаи ҳар кадоми онҳоро ба шароити умумии муомилоти мол дар бозори мол дахлдор ба таври самарабахш маҳдуд менамояд. Рақобат – (аз калимаи лот. Concurrere – бархурд) – муборизаи субъектони мустақили иқтисодӣ барои захираҳои иқтисодии маҳдуд. Ин ҷараёни иқтисодии таъсиррасонии мутақобила, алоқамандии

мутақобила ва муборизаи байни корхонаҳои ба бозор баромада, ба мақсади таъмини имконияти хуби фурӯши маҳсулоти худ, бо таъмин намудани талаботҳои гуногуни истеъмолкунандагон мебошад.

Вазифаи рақобат. Вазифаи танзимнамоӣ. Барои он ки дар бозор дошт диҳанд соҳибкор бояд талаботи харидорон таъмин намояд ва маҳсулот истеҳсол намояд, ки барои харидорон писанд бошад. Вазифаи мақсаднокӣ. Барои рақобати соҳибкорӣ имконият ва таваккалро дар якҷоя мефаҳмонад: корхонае, ки маҳсулоти хушсифатро пешниҳод мекунад ё онро бо хароҷоти ками истеҳсолот истеҳсол мекунад, дар намуди фоида подош гирад (санксияи мусбӣ). Ин ҷараёни техникиро ҳавасманд мегардонад: корхонае, ки ба хоҳиши муштариён ё вайрон намудани қоидаи аз ҷониби рақибони худ дар бозор эътино намекунад, дар намуди зарар ё тангкунӣ аз бозор ҷазо мегирад (санксияи манфӣ). Вазифаи тақсимкунӣ. Имконият медиҳад даромадро байни корхона ва хоҷагии хонагӣ мувофиқи ҳиссаи самараноки онҳо тақсим намоянд. Ин ба принсипи подошдиҳӣ аз рӯи натиҷа, ки дар муборизаи рақобатӣ ҳукмфармо аст ҷавобгӯ мебошад. Вазифаи назорат. Рақобат қувваи иқтисодии ҳар як корхонаро маҳдуд ва назорат мекунад. Дар ҳамин вақт рақобат ба харидор имконияти интихоб намуданро дар байни якчанд фурӯшанда медиҳад. Чи қадаре, ки рақобат мукаммал бошад, ҳамон қадар нархҳо адолатнок мешаванд. Сиёсат дар соҳаи рақобат ба он равона аст, ки рақобат тавонад вазифаашро иҷро намояд. Принсипи ҳукмфармои «рақобати пешравандаи мувофиқ» ба ҳайси мақсади сиёсад дар соҳаи рақобат пешниҳод мекунад, ки: навоварӣ зуд бо фишори рақобат ҷорӣ мегардад, ҷараёни техникӣ инкишоф меёбад; крхона ба шароити тағйирёбанда мувофиқ мешавад (масалан, майлнокии истеъмолкунандагон) (мувофиқшавӣ бо фишори рақобат).

Пешравии рақобат бо он муайян карда мешавад, кич и тавр ба наздикӣ бартарият дар фоида пас аз ба рақобат ҷорӣ намудани навоварӣ аз байн меравад. Дар навбати аввал ин аз он вобаста аст, ки рақибон то чи андоза ба ҷаҳиши корхона зуд эътино мекунанд ва то чи андоза талабот дар ҳаракат аст.

Намудҳои рақобат. Манфиати мусбии рақобат дар бисёр ҳолатҳо аз он шартҳое вобаста аст, ки он амал мекунад. Одатан се шарти пешакиро ҷудо мекунад, ҳастии он барои амалнамоии механизми рақобат зарур аст: якум, баробарии агентҳои иқтисодӣ, ки дар бозор амал мекунад (бисёртар аз шумораи кор-

хона ва истеъмолкунандагон); дуюм, хусусияти маҳсулоти истеҳсолнамудаи онҳо (сатҳи якхелагии маҳсулот); сеюм, озодии даромад ва баромад ба бозор(пеш аз ҳама набудани монеа барои даромадан дар намуди иттиҳодҳои ташкилӣ ва сохтор). Якчанд намуди рақобат, ё сохторҳои бозорро фарқ мекунанд. Рақобати мукаммал (тоза) дар шароитҳои зерин ба вуҷуд меояд: мавҷудияти зиёди корхонаҳои хурд, ки дар бозор маҳсулоти якхеларо пешниҳод мекунад, дар ин ҳолат ба истеъмолкунанда фарқ надорад, ки ин маҳсулотро аз кадом корхона ба даст меорад; ҳиссаи ҳар як корхона дар ҳаҷми умумии пешниҳоди бозори маҳсулоти мазкур ҳамон қадар кам аст, ки ҳама қорори он оид ба баланд ва паст кардани нарх ба мувозинати нархи бозор таъсир намерасонад; даромад ва баромади корхонаҳои нав ба бозор мутлақо озод аст; дастрасии ин ё он корхона ба маълумот оид ба вазъи бозор, нархҳои мол ва захираҳо, хароҷотҳо, сифати мол, техникаи истеҳсолот маҳдуд нест. Рақобате, к ибо ин ё он сатҳ бо маҳдудкунии ошкорои соҳибкорӣ алоқаманд аст, номукаммал номида мешавад. Ба ин намуди рақобат инҳо хосанд: шумораи ками корхонаҳо дар соҳаҳои соҳибкорӣ; имконияти гурӯҳи соҳибкорон (ё ҳатто як соҳибкор); худсарона ба вазъияти бозор таъсир расондан; барои дохил шудани соҳибкорони нав ба бозор монеаҳо вуҷуд дорад; маҳсулоти монанди ивазкунандаро, ки истеҳсолкунандагони афзалиятнок баровардаанд ҷой надорад. Инчунин намуди рақобат миёни мукаммал ва номукаммал вуҷуд дорад, ки дар амалия бисёр вомехӯрад ва ин омезиши рақобати мукаммал ва номукаммал мебошад, ки онро рақобати инҳисорӣ мегӯянд. Дар шароити рақобати инҳисорӣ: шумораи зиёди корхонаҳои хурд маҳсулоти гуногунро пешниҳод мекунанд; даромад ва баромад ба бозор чун қоида ба ягон мушкилот алоқаманд нест; дар сифат, намуди зоҳирӣ ва дигар хислатҳои маҳсулотҳои истеҳсолнамудаи корхонаҳои гуногун фарқият ҷой дорад, ки ин маҳсулотҳоро беҳамто мекунад.

Муқобили рақобат монополия (аз юнонӣ. monos - як ва poleo - мефурӯшам) баромад мекнад. Дар шароити монополия як корхона фурӯшандаи ягонаи маҳсулоти мазкур мебошад, ки монандаш мавҷуд нест. Монеаҳо барои дохил шудан ба соҳа ба дигар корхонаҳо амалан номумкин аст. Агар харидор ягона бошад, пас ин рақобат монопсония (аз юнон. monos - як ва opsonia - харидан) номида мешавад. Дар шароити монополия чун қоида фурӯшанда бурд мекунад; монопсония бошад ба харидор бартарият медиҳад. Дар баъзе соҳаҳо монополияи дутарафа вомехӯрад, вақте, ки дар

бозор як фурӯшанда ва як харидор (масалан, дар соҳаи истеҳсолоти ҳарбӣ, фармоишгар давлат буда, маҳсулотсупоранда корхонаи ягона мебошад). Монополия ва монопсонияи тоза падидаҳои аҳёнӣ мебошанд. Бисёртар дар мамлакатҳои иқтисоди бозоргонӣ олигополия (аз юнон. oligos - кам ва poleo - мефурӯшам) ба вуҷуд меояд. Ин намуди рақобат мавҷуд будани якчанд корхонаи бузургро дар бозор имкон медиҳад, ки метавонад ҳам якхела (оҳан) ва ҳам гуногун (автомобил) бошад. Даромадани корхонаҳои нав ба соҳа мушкилотро пеш меорад. Хусусияти олигополия ин алоқаи мутақобилаи корхонаҳо дар қабули қарор оид ба нар ба маҳсулоти худ мебошад.

13.3. Мафҳум ва аломатҳои мавқеи ҳукмфармо

Мавқеи ҳукмфармоӣ- мавқеи махсуси як ё якчанд субъектҳои хоҷагидор дар бозори моле, ки ивазкунанда ё молҳои баҳамивазшаванда (минбаъд- моли муайян) надорад, ҳамчунин ба вай (онҳо) имконият медиҳад ба шарту шароити умумии муомилот дар бозори моли дахлдор таъсири ҳалкунанда расонад ё дохил шудани дигар субъектҳои хоҷагидорро ба бозор мушкил гардонад. Мавқеи ҳукмфармоӣ инчунин мавқеи субъекти хоҷагидоре шуморида мешавад, ки ҳиссаи он дар бозори моли муайян панҷоҳ фоиз ва аз он зиёдро ташкил диҳад, ғайр аз ҳолатҳое, ки субъекти хоҷагидор исбот кунад, ки сарфи назар аз баланд гардидани андозаи нишондодашуда мавқеи он дар бозор ҳукмфармо намебошад. Мавқеи субъекти хоҷагидор дар сурате низ мавқеи ҳукмфармоӣ шуморида мешавад, ки ҳиссаи он дар бозори моли муайян аз панҷоҳ фоиз камро ташкил диҳад, агар ин ҷиҳат аз тарафи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар асоси устувории ҳиссаи субъекти хоҷагидор дар бозор, андозаи нисбии ҳиссаи ба рақобаткунандагон тааллуқдошта ва (ё) имконияти дар бозор дохил гардидани рақибони нав ё дигар меъёри бозори молиро тавсифкунанда, муқаррар гардида бошад. Мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор дар ҳолате эътироф намешавад, ки агар ҳаҷми маҳсулот дар бозори моли муайян аз сию панҷ фоиз зиёд набошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар поён зикр гардидаанд. Мавқеи ҳар кадоме аз якчанд субъектҳои хоҷагидор ҳукмфармо эътироф карда мешавад, агар нисбати онҳо шартҳои зайл иҷро гардида, субъектҳои хоҷагидор исбот накардаанд, ки мавқеи онҳо ҳукмфармо намебошад: маҷмӯи ҳиссаи на бештар аз се субъектҳои хоҷагидор, ки ҳиссаи хар кадоми онҳо аз ҳиссаи дигар субъектҳои хоҷагидор дар ин бозор аз панҷоҳ фоиз зиёдтар

аст. Агар ҳиссаи ҳатто яке аз субъекти хоҷагидори зикршуда аз панҷ фоиз камтар бошад, қоидаи мазкур татбиқ намегардад; маҷмӯи ҳиссаи на бештар аз панҷ субъектҳои хоҷагидор, ки ҳиссаи ҳар кадоми онҳо аз ҳиссаи дигар субъектҳои хоҷагидор дар ин бозор аз ҳафтод фоиз баландтар аст. Агар ҳиссаи ҳатто яке аз субъектҳои хоҷагидори зикршуда аз панҷ фоиз камтар бошад, қоидаи мазкур татбиқ намегардад; андозаи нисбии ҳиссаи чунин субъектҳои хоҷагидор устувор аст ё ба ҳамин бозори мол дастрасии рақибони нав маҳдуд мебошад; моли аз ҷониби чунин субъектҳои хоҷагидор фурӯхташаванда (харидашаванда) наметавонад дар раванди истеъмол (аз ҷумла истеҳсолот) ба моли дигар иваз карда шавад, болоравии нархи мол боиси пастравии талаботи хоси он шуда наметавонад. Мавқеи субъекти хоҷагидор- субъекти монополияи табиӣ дар бозори мол, ки дар ҳолати инҳисори табиӣ қарор дорад, ҳукмфармо мебошад.

Аломатҳои мавқеи ҳукмфармоӣ: 1. Мавқеи ҳукмрон нисбати субъектони хоҷагӣ, иттиҳоди онҳо, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд, инчунин соҳибкорони инфиродӣ муқаррар шудааст. 2. Мавқеи ҳукмфармоӣ нисбати субъектони хоҷагӣ, ки ба истеҳсоли мол машғуланд муқаррар мешавад. Мол ин маҳсулоти фаъолият, ки рва хизматрасоние мебошад, ки барои фурӯш ва мубодила таъин шудааст. 3. Мавқеи ҳукмфармои субъектон дар бозорҳои мол муқаррар карда мешавад. Бо дар назардошти хусусиятҳои гуногун барои ҳар як мол бозори моли худӣ муайян карда мешавад, ки дар ҳудуди он мавқеи ҳукмрони субъекти хоҷагӣ муқаррар карда мешавад. 4. Аломати босифати мавқеи ҳукмфармо истисноии мавқеи субъектеро, ки ба он имконияти таъсир расондан ба вазъи муҳити рақобатӣ дар бозори муайяни молро медиҳад, муайян мекунад. 5. Аломати шуморавии мавқеи ҳукмфармо бо он ҳиссае муайян карда мешавад, ки субъекти хоҷагӣ дар бозори муайяни мол ишғол мекунад. 6. Мавқеи ҳукмфармои субъекти хоҷагидор дар бозори мол, бояд аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисорӣ (зерсохтори минтақавии он) бо риояи расмиётҳои муайян намудаи қонунгузорӣ муқаррар карда шавад.

13.4. Мафҳум ва намудҳои фаъолияти инҳисорӣ

Фаъолияти инҳисорӣ- дар бозорҳои мол аз мавқеи ҳукмфармоии худ сӯиистифода кардани субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон), бастани созишнома ё иҷрои амалҳои мувофиқашудае, ки бо қонунгузории зиддиинҳисорӣ манъ карда

шудаанд. Фаъолияти инҳисорӣ дорои як қатор аломатҳо мебошад, ки имконият медиҳад то онро аз диар фаъолияти субъектони фаъолияти инҳисорӣ ҷудо кунем: зиддиҳуқуқӣ. Фаъолияти инҳисорӣ дар ҳама шаклаш бо қонунгузорӣ бо таҳдиди татбиқи намудҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ (иқтисодӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ, граждани) манъ карда шудааст. Мувофиқан, ба амал баровардани чунин фаъолият ба меъёри ҳуқуқ мухолиф мебошад; фаъолияти инҳисорӣ метавонад фаъол, яъне бо роҳи амалӣ намудани амал ва ғайрифаъол, яъне бо роҳи беамалӣ баамал бароварда шавад. Фаъолияти инҳисорӣ метавонад танҳо аз ҷониби субъектони фаъолияти хоҷагӣ баамал бароварда шавад. Мувофиқан, субъекти он шаҳрвандоне, ки соҳибкори инфиродӣ нестанд шуда наметавонанд; хислати зиддиракобатӣ. Фаъолияти инҳисорӣ ба маҳдудкунӣ, бартарафкунӣ ё роҳ надодани рақобат ба бозори мол равона аст ва ба ин роҳ мавқеи субъектро дар бозори мол ва фодаи баланди монополии онро ҳифз мекунад; фаъолияти инҳисорӣ ҳам ба диар субъектони амалкунанда ва ҳам ба истеъмолкунанда, ки талаботи он асоси фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, зарар меорад.

Намуди фаъолияти инҳисорӣ. Фаъолияти инҳисорро мумкин аст ба фаъолияти инҳисории субъектони хоҷагӣ ва фаъолияти инҳисории мақомотҳои идоракунӣ тақсим кунем. Фаъолияти инҳисории субъектони хоҷагидор метавонад чи якка (мавқеи ҳукмрони худро дар бозор сӯистифода намудани субъекти хоҷагидор) ва чи дастҷамъона (созишнома ва амали субъекти хоҷагӣ, ки ба маҳдудкунии рақобат меорад) ба амал бароварда шавад. Амали (беамалии) субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон), ки боиси роҳ надодан, маҳдуд сохтан, барҳам додани рақобат ва (ё) халалдор намудани манфиати дигар субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) ё шахсони воқеӣ гаштаанд ё мегарданд, манъ аст, аз ҷумла чунин амал (беамалӣ): аз муомилот гирифтани молҳо, ки мақсад ва натиҷааш ташкил ё дастгирӣ намудани камчинӣ дар бозор ё баланд бардоштани нарх мебошад; ба зиммаи аҳли шартнома бор кардани талаботе, ки барояш муфид нест ва ба мавзӯи шартнома (беасос додани воситаҳои молиявӣ, амволи дигар, ҳуқуқи амволӣ, қуваи корӣ, ризоияти бастани шартнома фақат бо шарти ба он илова кардани муқаррарот оид ба молҳое, ки аҳли шартнома, аз ҷумла истеъмолкунанда, ба онҳо ҳавасманд нест ва ғайра) дахл надорад; ба шартнома дохил намудани шартҳои табъизӣ, ки аҳли шартномаро нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидор дар вазъияти нобаробар мегузорад; мо-

неият кардан ба субъектҳои хоҷагидори дигар ҳангоми дохил шудан ба бозор (баромадан аз бозор); вайрон кардани қоидаи нархгузорӣ, ки дар асоси санади меъёрӣ муқаррар шудааст; муқаррар ва дастгирӣ кардани нархҳои баланди (пасти) инҳисорӣ; ба харидорони ҳамон як мол муқаррар намудани нархҳои (тарифҳои) гуногуне, ки аз нигоҳи иқтисодӣ, техникӣ ва ғайра беасос мебошанд; фароҳам овардани шароити табъизӣ (дискриминатсионӣ); беасос кам ё қатъ кардани истеҳсоли молҳое, ки ба онҳо истеъмолкунандагон талабот доранд ва ё онҳоро фармудаанд агар имконияти безарар истеҳсол кардани онҳо мавҷуд бошад; беасос даст кашидан аз бастани шартнома бо харидорони (супоришдиҳандагони) алоҳида, агар имконияти истеҳсол ва таҳвили моли дахлдор мавҷуд бошад. Ба субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори як мол (молҳои баҳамивазшаванда) амал мекунанд, бастани шартномаҳо, аҳдҳои дигар, созишномаҳо (минбаъд- созишномаҳо) ё анҷом додани амали мувофиқашуда манъ аст, ки боиси натиҷаҳои зайл мегарданд ё хоҳанд гашт: муқаррар намудани (дастгирии) нархҳо (тарифҳо), тахфиф, изофапулӣ (иловапулӣ), нархҳои иловашуда, хароҷот, фоида ё ҳама гуна амалҳои дигар; баланд бардоштан, паст кардан ё тағйир надодани нарх дар музоядаҳо ва савдо; дар хусуси муштарак ворид гардидан ба бозор, баромадан аз бозор, тақсими бозор тибқи аломатҳои ҳудудӣ, оид ба ҳаҷми фурӯш ё харид мутобиқи навъҳои молҳои фурӯхташаванда ё вобаста ба доираи фурӯшандаҳо ё харидорон (фармоишгарон); маҳдуд сохтани ҳуқуқи ворид шудан ба бозор ё аз он бартараф намудани дигар субъектҳои хоҷагидор ба сифати фурӯшандагони моли муайян ё харидорони (фармоишгарони) он; маҳдуд сохтани истифодаи иттилоот ё аз иттилооти ҳолати бозор маҳрум намудани субъектҳои хоҷагидор; шартнома набастан бо фурӯшандагон ё харидорони (фармоишгарони) муайян; ба зиммаи аҳли шартнома вогузоштани талаботе, ки барояш судманд ва ба мавзӯи шартнома алоқаманд намебошад (талаби беасоси додани воситаҳои молиявӣ, амволи дигар, ҳуқуқҳои амволӣ, ризоияти бастани шартнома танҳо бо шарти ба он ворид кардани муқаррарот оид ба молҳое, ки аҳли шартнома ба онҳо ҳавасманд нест ва ғайра); барои харидорони ҳамон як мол муқаррар намудани нархҳои (тарифҳои) гуногуне, ки аз нигоҳи иқтисодӣ, техникӣ ва ғайра беасос мебошанд; ихтисор ё қатъ кардани истеҳсоли молҳое, ки ба онҳо эҳтиёҷ ё фармоиш вуҷуд дорад, ҳангоми мавҷудияти имконияти истеҳсоли безарари онҳо; муҳайё сохтани шароит барои

узвият (иштирок) дар иттиҳодияҳои касбӣ ва дигар иттиҳодияҳо, ки метавонад боиси роҳ надодан, маҳдуд сохтан ё бартараф намудани рақобат гардад. Ба субъектҳои хоҷагидор, ки дар бозори як мол амал мекунанд, бастани созишномаҳо ё анҷом додани амали мувофиқашуда, ки дар натиҷаи он роҳ надодан, маҳдуд сохтан, бартараф намудани рақобат ё халалдор кардани манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор ҷой доранд ё ҷой дошта метавонанд, манъ аст. Ба субъектҳои хоҷагидори дар бозорҳои моли дахлдор байни худ рақобат надоштае, ки мол (молҳои ҳамдигарро ивазкунанда) мегиранд (харидорони имконпазир) ва мол фароҳам меоваранд (фурӯшандагони имконпазир) бастани созишномаҳо ё анҷом додани амали мувофиқашуда манъ аст, агар дар натиҷаи бастани чунин созишнома ё анҷом додани амали мувофиқашуда роҳ надодан, маҳдуд сохтан ё бартараф намудани рақобат ҷой дошта бошанд ё ҷой дошта тавонад. Ба иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо), субъектҳои хоҷагидор амалӣ гардонидани ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ, ки дар натиҷаашон рақобат маҳдуд гаштааст ё метавонад маҳдуд гардад, манъ аст. Вайрон кардани талаботи зикршуда барои бо даъвои мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ ва бо тартиби судӣ барҳам додани иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо), субъектҳои хоҷагидор, ки фаъолияти соҳибкориро ҳамоҳанг месозад, асос мегардад. Фаъолияти инҳисории мақомотҳои идоракунӣ хатари ҷамъиятӣ дорад, зеро он ӣбо истифодаи ваколати ҳокимияти давлатӣ ба амал бароварда мешавад. Шаклҳои зерини чунин фаъолиятро ҷудо мекунем: созишнома (амалҳои мувофиқашуда) бо дигар субъектони фаъолияти хоҷагӣ; ғайриқонунӣ манъ кардани фаъолияти субъектони соҳибкорӣ; табъизи субъектони соҳибкорӣ; вайрон кардани принсипи озодии шартнома; таъсиси монеаҳо барои пайдоиш ва мавҷудияти муҳити рақобатнок.

13.5. Мафҳум ва шаклҳои рақобати бевиҷдонона

Рақобати бевиҷдонона - ҳама гуна амали субъектҳои хоҷагидор, ки барои ба даст овардани афзалият дар фаъолияти соҳибкорӣ равона шудааст ва хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва метавонанд ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ- рақибон зарар расонад ё расонидааст ё обрӯи корияи онҳоро паст мегардонад.

Шаклҳои рақобати бевиҷдонона. Ба рақобати бевиҷдонона дар шаклҳои зерин роҳ дода намешавад: паҳн намудани маълу-

моти бардурӯғ, носаҳеҳ ё таҳрифшуда, ки боиси зарар ба дигар субъектҳои хоҷагидор мегарданд ё обрӯи кориашонро паст мегардонад; ба иштибоҳ гузоштани истеъмолкунандагон оиди хусусият, тарз, ҷои истеҳсол ва хосиятҳои истеъмолию сифатӣ ва миқдори мол ё истеҳсолкунандагони он, аз ҷумла рекламаи мол (кор, хизматрасонӣ), ки ба талаботи сифат ҷавобгӯ намебошад: муқоисаи номуносиби молҳои истеҳсолшаванда ва фурӯхташавандаи як субъекти хоҷагидор бо субъектҳои хоҷагидори дигар (аз ҷумла дар ҷараёни тарғибу ташвиқ); гирифтан, истифода бурдан, ошкор сохтани иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ ё хизматӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзгардида; истифодаи худсаронаи аломатҳои мол, номи фирмавӣ ё нишонгузорӣ, инчунин нусхабардории борҷома ва намуди моли субъекти хоҷагидори дигар, ки метавонанд рақибонро аз фаъолияти соҳибкориашон маҳрум созанд; дахолат кардан ба фаъолияти соҳибкорӣ, додани имтиёзҳои гуногуни моддӣ ба кормандони субъектҳои хоҷагидори рақобаткунанда бо мақсади ба тарафи худ кашидану моил сохтани онҳо ба иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ; ҳама гуна амале, ки воқеан метавонад дастрас будани бозорро хеле маҳдуд кунад. Рақобати бевиҷдонона, ки барои ғайриқонунӣ ба даст овардан ва истифода бурдани ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаҳои инфиродкунонии шахсони ҳуқуқӣ, инфиродкунонии маҳсулот, корҳои иҷрошаванда ё хизматрасонӣ нигаронида шудааст, иҷозат дода намешавад.

13.6. Воситаҳои ҳуқуқии пешгирии вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисории ҶТ

Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои убур намудани вайронкуниҳои қонунгузории зиддиинҳисории ҶТ, ҳуқуқ дорад чунин воситаҳои ҳуқуқиро истифода кунад: -мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидорро муқаррар намояд. Тартиби ташкил ва пешбурди Феҳристи субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармоиро доранд мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ муайян ва тасдиқ мекунад; дар сурати мавҷуд будани аломатҳои вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар бораи он парванда оғоз намуда, онро баррасӣ намояд ва аз рӯи натиҷаи баррасии он қарор барорад ва субъектҳои хоҷагидор барои иҷрои ҳатмӣ амрияҳои зайлро қабул намояд: дар бораи қатъ намудани амали мувофиқашуда ва (ё) қатъ намудани иштирок дар созишномаи маҳдудкунандаи рақобат ва қатъ кардани сӯиистифодаи субъекти

хоҷагидор аз мавқеи ҳукмфармоӣ дар бозор, инчунин иҷрои амале, ки ба таъмин намудани рақобат нигаронида шудааст; дар бораи қатъ намудани вайронкунии қоидаҳои дастрасии ғайритабъизӣ ба молҳо (корҳо, хизматрасонӣ); дар бораи анҷом додани амал оид ба таъмини рақобат ҳангоми назорати давлатӣ, ки дар Қонун пешбинӣ шудааст; дар бораи қатъ кардани рақобати бевиҷдонона; дар бораи роҳ надодан ба амале, ки ба вайронкунии рақобат ва қонунгузории зиддиинҳисорӣ таҳдид менамояд; дар бораи барқарор кардани вазъе, ки то вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ мавҷуд буд; дар бораи иҷрои амалиёте, ки ба таъмини рақобат ҳангоми анҷом додани назорате, ки ба расонидани ёрии давлатӣ нигаронида шудааст; дар бораи бастани шартномаҳо дар хусуси дигар кардани шартҳои шартномаҳо ё бекор кардани шартномаҳо дар бораи ба буҷети давлатӣ гузаронидани даромаде, ки дар натиҷаи вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ ба даст омадааст; дар бораи дигар кардан ё маҳдуд намудани истифодаи номи фирмавӣ; дар бораи иҷрои талаботи иқтисодӣ, техникӣ, иттилоотӣ ва дигар талаботе, ки ба рафъ ва огоҳонии минбаъд ба миён наомадани шароитҳои табъизӣ нигаронида шудааст; дар бораи иҷрои амалиёте, ки ба таъмин намудани рақобат нигаронида шудааст; дар бораи қатъ намудани вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва рафъи оқибатҳои он; ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони мансабдори онҳо амрияҳои зайл содир намояд, ки иҷрои онҳо ҳатмӣ мебошад: дар бораи бекор кардан ё тағйир додани санадҳои қабулнамудаашон, ки қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон менамояд; дар бораи бекор кардан ё тағйир додани шартномаҳое, ки қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон мекунанд; дар бораи қатъ намудани дигар вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ; дар бораи иҷрои амале, ки ба таъмин намудани рақобат нигаронида шудааст; дар ҳолате, ки агар мақомоти ҳокимияти давлатӣ функсияи назоратӣ ва санҷишро дар бозорҳои мол иҷро кунанд, мақомоти зиддиинҳисорӣ дар хусуси ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ мутобиқ гардонидани санадҳо ва амали чунин мақомот пешниҳод ирсол созад; нисбат ба субъектҳои хоҷагидор, роҳбарони онҳо, шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, инчунин шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои вайрон намудани қонунгузории

зиддиинҳисорӣ тибқи ҳолатҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ чораҳо андешад; дар бораи вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ бо даъво, ариза ба суд мурочиат кунад, аз ҷумла: дар бораи пурра ё дар қисми мухолифат ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ беэътибор донистани санадҳои меъёрии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот; дар бораи пурра ё дар қисми мухолифат ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ беэътибор донистани шартномаҳо; дар бораи ҳатман бастани шартнома; дар бораи тағйир додан ё бекор намудани шартнома; дар бораи барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои муайяннамудаи қонунгузории зиддиинҳисорӣ; дар бораи ба буҷети давлатӣ гузаронидани даромаде, ки дар натиҷаи вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ ба даст омадааст; дар бораи истифодаи чораҳои зарурӣ барои вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ нисбат ба шахсе, ки ба вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ роҳ додааст; дар бораи беэътибор донистани савдоҳо (озмунҳо); дар бораи азнавташкилдиҳии маҷбурии шахсони ҳуқуқӣ (дар шакли тақсимкунӣ, ҷудокунӣ), ки қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон мекунанд; ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба истифода ва (ё) вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар суд иштирок кунад; феҳристи субъектҳои хоҷагидорро, ки дар бозорҳои моли Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо доранд, пеш барад; дар воситаҳои ахбори омма қарор ва дастури мақомоти зиддиинҳисориро, ки манфиатҳои доираи номуайяни шахсонро дар бар мегирад, нашр намояд; ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба гузаронидани чорабиниҳое, ки ба рушди рақобат дар бозорҳои мол равона гардидаанд, тавсияҳо диҳад; бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва тибқи тартиби муқарраргардида бо ташкилотҳои байналмилалӣ, мақомоти давлатҳои хориҷӣ дар доираи салоҳияти худ мубодилаи иттилоотро анҷом диҳад; ҳолати рақобатро дар бозорҳои мол таҳлил кунад; барои субъекти хоҷагидор дар бозори молҳои дахлдор мавқеи ҳукмфармо муқаррар созад; риояи қонунгузории зиддиинҳисориро аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони воқеӣ тафтиш намуда, аз онҳо

тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асноди зарурӣ, иттилоот ва дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ тавзеҳот мегирад, ба мақомоти оперативию ҷустуҷӯӣ дар бораи иҷрои корҳои оперативию ҷустуҷӯӣ муроҷиат кунад; бо мақсади иҷрои масъалаҳои ба зиммааш гузошташуда тавсияҳои методӣ оид ба муайян кардани навъи шартномаҳо, тартиби танзими муайян намудани нархҳои (тарифҳои) субъектҳои хоҷагидор ё сатҳи ниҳоии онҳо, ки дар бозори молии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо доранд, низомнома оид ба танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор – доминантҳо ва инҳисорон, қоида оид ба тартиби гузаронидани тафтиши риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳои ваколатдори мақомотҳои зикршударо анҷом диҳанд, низомнома оид ба тартиби ба мақомоти зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани дархост ва огоҳинома тибқи талаботи Қонун, қоидаҳоро оид ба муайян намудани мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор дар бозорҳои молӣ, тартиби баррасии парвандаҳоро дар хусуси вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ намояд; тарифҳои хизматрасонии пулакиро ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва субъектҳои хоҷагидории ба доираи идоракунии онҳо дохилбударо ба мувофиқа расонад; бо мақсади пешгирии маҳдудсозӣ ва бартараф намудани рақобат ҳангоми хусусигардонии корхонаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ иштирок намояд; тарифҳои хизматрасонии субъектҳои хоҷагидорро, ки дар бозорҳои моли муайяни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо ва инҳисориро ишғол мекунанд, ба мувофиқа расонад; ба мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҷорӣ ё бекор намудани иҷозатномаҳо, квотаҳо, тағйир додани тарифҳои гумрукӣ ва дигар намуди дастгирии давлатӣ таклифҳо пешниҳод менамояд; оид ба бастани ҷарима ба субъектҳои хоҷагидор, додани ҷазои маъмурӣ ба роҳбарони онҳо, шаҳрвандон, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои вайронкуниҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ, ғайр аз ҳолатҳои вайронкунии тартиботи муқарраргардидаи

нархгузорӣ мутобиқи қонунгузории монополияҳои табиӣ, қарор қабул кунад; тибқи тартиби муқарраргардида дар хусуси вуҷуд доштан ё надоштани маҳдудияти рақобат дар бозори мол ҳангоми татбиқ, тағйир додан ва қатъ гардидани амали тарифи гумрукӣ ва дар бораи ҷорӣ кардани чораҳои ғайритарифӣ хулоса диҳад; масъалаҳои татбиқи қонунгузории зиддиинҳисориро шарҳ диҳад; дигар ваколатҳои пешбининамудаи Қонун ва санадҳои меъёрию ҳуқуқиро анҷом диҳад. Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ бо мақсади мусоидат намудан ба инкишофи бозорҳои мол ва рақобат, дастгирии соҳибкорӣ ва ғайриинҳисорӣ намудан ба мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои зайл тавсияҳо медиҳад: додани қарзи имтиёзнок, инчунин оид ба кам кардани андозҳо ё аз онҳо озод намудани субъектҳои хоҷагидоре, ки маротибаи аввал ба бозори моли муайян дохил мешаванд; ташкил ва инкишофи сохторҳои ба ҳамдигар монанд дар соҳаҳои истеҳсолот ва муомилот, аз ҷумла аз ҳисоби қарз; маблағгузории чорабиниҳо оид ба зиёд кардани истеҳсоли мол бо мақсади бартараф намудани мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидори алоҳида; иштироки сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили корхонаҳо бо маблағгузории хориҷӣ. Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар амалӣ гардондани барномаҳои ғайриинҳисорӣ, инкишофи рақобат ва дастгирии соҳибкорӣ иштирок менамояд. Дар ҳолати вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ субъектҳои хоҷагидор (роҳбарони онҳо), мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо), шаҳрвандон, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ вазифадоранд мувофиқи амри мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ вайронкориро қатъ гардонанд, мавқеи аввалро барқарор ва шартномаро бекор намоянд ё ба он тағйирот дароранд, бо дигар субъектҳои хоҷагидор шартнома банданд, санади ба қонунгузорӣ номувофиқро бекор кунанд, фоидаи дар натиҷаи вайронкорӣ ба даст омадаро ба буҷет ворид кунанд, дигар амалиётҳоеро, ки дар қарор ё амр зикр ёфтаанд, иҷро намоянд. Барои содир кардани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ки боиси вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ мегарданд, шахси мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, субъектҳои

хоҷагидор (роҳбарони онҳо), инчунин шаҳрвандон, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Аз субъектҳои хоҷагидор барои вайронкориҳои зерин ҳамчун чораи ҷазо ҷарима ситонида мешаванд: барои дар мӯҳлати муқарраргардида иҷро накардани амри мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ – ба андозаи 500 (панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо; барои ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ пешниҳод накардани дархост ва аризае, ки дар Қонун пешбинӣ шудааст – ба андозаи 500 (панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо; барои иҷро накардани талаботи қарори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ки мувофиқи Қонун пешниҳод шудааст – ба андозаи 1000 (як ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо; барои дар мӯҳлати муқарраргардида пешниҳод накардани ҳуҷҷат ё дигар ахбор, ки дар Қонун нишон дода шудааст, ба андозаи 1000 (як ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо; барои ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани маълумоти носаҳеҳ – ба андозаи 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо; барои ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо мутобиқи Қонун – ба андозаи 200 (дусад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо. Соҳибкорони инфиродӣ дар мавридҳои зерин гунаҳкор ҳисобида мешаванд агар: дар мӯҳлати муқарраргардида ҳуҷҷат ё ахбори дигарро, ки барои амалӣ гардонидани фаъолияти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ зарур аст, пешниҳод накунанд – ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи 20 (бист) нишондиҳанда барои ҳисобҳо; барои содир намудани амале (беамалие), ки тартиби пешбинӣ намудаи Қонунро вайрон менамояд, дар давоми ду моҳ ошкор намудани чунин амал (беамалӣ) аз тарафи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ – ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи 20 (бист) нишондиҳанда барои ҳисобҳо; барои иҷро накардани талаботи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ки мувофиқи Қонун пешбинӣ шудаанд – ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи 30 (сӣ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо. Пардохти ҷарима субъекти хоҷагидорро аз ӯҳдаи иҷрои қарори (амри) мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ озод намекунад.

13.7. Монополияи табиӣ ва танзими ҳзуқуқии он

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи монополияҳои табиӣ » аз 5 марти соли 2007, № 235 асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатиро оид

ба монополияҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян месозад ва барои ба даст овардани мувозинаи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва субъектҳои монополияҳои табиӣ, ки дастрасии молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) пешниҳодшавандаи ин субъектҳоро ба истеъмолкунандагон ва фаъолияти самараноки субъектҳои монополияҳои табииро таъмин менамояд, равона шудааст.

Монополияи табиӣ – ҳолати бозори мол (кор, хизматрасонӣ), ки ҳангоми он ташкил кардани шароити рақобатнок барои қонеъ гардонидани талабот ба намудҳои муайяни молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ғайриимкон аст ё ин амал бо назардошти хусусиятҳои хоси технологии истеҳсолот (бинобар хеле кам шудани хароҷот ба воҳиди мол вобаста ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот) аз нигоҳи иқтисодӣ матлуб намебошад. Қонуни ҶТ «Монополияҳои табиӣ» фаъолияти субъектони монополияи табииро дар соҳаҳои зерин танзим менамояд: хизматрасонӣ дар мавриди ҳамлу нақли нафт ва маҳсулоти нафтӣ тавассути қубурҳои магистралӣ; хизматрасонӣ дар мавриди харид ва интиқоли гази табиӣ тавассути қубурҳои магистралӣ ва (ё) тақсимкунанда, истифодаи дастгоҳҳои газтақсимкунанда ва қубурҳои газгузаронии ба онҳо вобаста; хизматрасонӣ дар мавриди истеҳсол, интиқол ва (ё) тақсими нерӯи барқ ва (ё) гармӣ; хизматрасонии ҳамлу нақл тавассути роҳи оҳан; хизматрасонии терминалҳои нақлиёт, фурудгоҳҳои ҳавоӣ ва аэронавигатсия; хизматрасонии алоқаи барқӣ, почта ва телекоммуникатсия бо истифодаи хатҳои шабакаҳои маҳаллӣ; хизматрасонии хоҷагии об ва (ё) системаи канализатсия; хизматрасонии ҳамлу нақл тавассути роҳҳои ҳавоӣ дар самтҳои маҳаллӣ. Субъектҳои монополияҳои табиӣ ба Феҳристи субъектҳои монополияҳои табиӣ, ки аз бахшҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ иборат мебошанд, бо нишондоди намудҳои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) пешниҳодшавандае, ки дар доираи танзими Қонуни мазкур қарор доранд, ворид мегарданд. Тартиби ба Феҳристи субъектҳои монополияҳои табиӣ ворид ва аз он хориҷ намудани субъектҳо аз тарафи мақомоти давлатие, ки назорат ва танзими давлатиро дар соҳаҳои монополияҳои табиӣ ба амал мебарорад, муқаррар карда мешавад. Ба боздоштани гузариши субъектҳои соҳаҳои монополияҳои табиӣ аз ҳолати монополияҳои табиӣ ба ҳолати бозори рақобатнок дар мавриди мавҷудияти асоснокии иқтисодии чунин гузариш иҷозат дода намешавад.

Аз ҷониби мақомоти ваколатдор метавонанд усулҳои зерини танзими фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ истифода шаванд:

– танзими нархе, ки ба воситаи муайян ва тасдиқ намудани тарифҳо ва ё сатҳи ниҳоии онҳо амалӣ мегардад;

– муайян намудани истеъмолкунандагоне, ки хизматрасонӣ ба онҳо ҳатмист ва таъмини ҳадди ақали хизматрасонӣ ба онҳо дар сурати мавҷуд набудани имконияти қонеъ гардонидани тамоми талабот ба моли (кори, хизматрасонии) аз ҷониби субъектҳои монополияи табиӣ истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) бо назардошти зарурати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон. Мақомоти ваколатдор қарорро оид ба истифодаи усулҳои дар Қонун пешбинишудаи танзим нисбати субъекти мушаххаси монополияи табиӣ дар асоси таҳлили фаъолияти он, бо назардошти таъсири усули интихобшаванда ҳамчун омил барои баланд бардоштани сифати молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) ва ҳамчунин барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷот нисбат ба онҳо қабул мекунад ва ҳамзамон, ба асоснокии хароҷот баҳо дода, ҳолатҳои зеринро ба инобат мегирад: хароҷоти истеҳсоли (фурӯши) молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), аз ҷумла музди меҳнат, арзиши ашёи хом ва маҳсулот, хароҷоти иловагӣ; андозҳо ва пардохтҳои дигар; арзиши воситаҳои асосии истеҳсолӣ, талабот ба сармоягузорӣ барои азнавистеҳсолкунии онҳо зарурбуда ва ҳисобҳои истеҳлокӣ (амортизатсионӣ); фоидаи пешбинишаванда дар мавриди фурӯши молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) аз рӯи тарифҳои гуногун; дурии гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагон аз маҳали истеҳсоли молҳо; мутобиқати сифати молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) ба талаботи истеъмолкунандагон. Дар мавриди қабули қарор дар бораи истифодаи усулҳои танзими фаъолияти субъекти мушаххаси монополияи табиӣ мақомоти ваколатдор уҳдадор аст, ки иттилооти аз ҷониби шахсони манфиатдор дар бораи фаъолияти субъекти монополияи табиӣ пешниҳодгардидаро баррасӣ намояд.

Танзими давлатии фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ бо роҳҳои зерин сурат мегирад: тасдиқи тариф; тасдиқи сатҳи ниҳоии тариф; тасдиқи сметаи тарифӣ; тасдиқи коэффитсиенти муваққатии пасткунанда; тасдиқи тартиби махсуси ҳисоби хароҷот; тасдиқи тартиби пешбурди баҳисобгирии алоҳидаи фоида, хароҷот ва активҳои истифодашуда аз рӯи ҳар намуди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ва дар маҷмӯъ аз рӯи намудҳои

дигари фаъолият; тасдиқи ҳадди ниҳоии фоида; тасдиқи тарифи муваққатии ҷубронкунанда. Танзими давлатии фаъолияти субъекти монополияи табиӣ, ки ба истеҳсоли нерӯи гармӣ дар нерӯгоҳҳои дорои шакли мухталифи истеҳсол машғул мебошад, бо назардошти ҳамаҷонибаи хусусиятҳои режими технологии истеҳсоли нерӯи барқу гармӣ ва ташаккул додани нархи нерӯи барқ дар бозори рақобатнок анҷом дода мешавад. Субъектҳои монополияҳои табиӣ барои амалҳои (беамалии) зерин ҷаримабандӣ карда мешаванд: баланд кардани тарифҳои аз тарафи мақомоти ваколатдор муайяншуда - ба андозаи даҳ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо; пешниҳод накардани гувоҳнома ба мақомоти ваколатдор - ба андозаи шашсад маоши ҳадди ақал; иҷро накардани қарори (амри) аз тарафи мақомоти ваколатдор мутобиқи Қонун додашуда - ба андозаи ҳашт ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо; ба мақомоти ваколатдор пешниҳод кардани маълумоти нодуруст (носаҳеҳ, бардурӯғ) - ба андозаи ҳафтсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо; дар мӯҳлати муқарраргардида бо талаботи мақомоти ваколатдор пешниҳод накардани ҳуҷҷат ё дигар ахбор, ки барои фаъолияти кории он зарур мебошад - ба андозаи шашсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо. Маблағи ҷаримаи аз субъекти монополияҳои табиӣ ситонидашуда дар мӯҳлати сӣ рӯзи баъди гирифтани қарор оид ба рӯёнидани он ба буҷети ҷумҳуриявӣ пардохта мешавад. Барои ҳар як рӯзи таъхири мӯҳлати пардохт ноустуворона ба андозаи як фоизи маҷмӯи маблағи ҷарима ҳисоб карда мешавад.

БОБИ XIV. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ НАРХ ВА НАРХГУЗОРӢ ДАР БОЗОРҲОИ МОЛӢ

14.1. Мафҳум ва тартиби нархгузорӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ

14.2. Нархҳои озод ва тартиби ҳуқуқии татбиқи он

14.3. Нархгузории субъектони хоҷагие, ки дорои вазъи ҳукмфармо ва монополияи табиӣ мебошанд

14.4. Нархгузорӣ дар вақти хусусигардонӣ ва харидории давлатӣ

14.5. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои муқаррар намудани нархи беасос ва ғайриқонунӣ

14.1. Мафҳум ва тартиби нархгузорӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ

Нархгузорӣ - муқаррар намудани нарх, ҷараёни интихоби нархи ниҳоӣ вобаста ба нархи маҳсулот, нархи рақибон, таносуби талабот ва пешниҳод ва дигар омилҳо мебошад. Ду низоми асосии нархгузориро ҷудо мекунанд: нархи бозорӣ дар асоси таносуби талабот ва пешниҳод ва нархгузории марказонидашудаи давлатӣ дар асоси нархи муқаррар намудаи мақомоти давлатӣ. Мақсади нархгузорӣ таъмин намудани реаксияи нархии асоснок, саривақтӣ ва кофӣ, ҳамин тавр ба даст овардани фурӯши ҳаҷми зиёд бо сарфи камтарин мебошад. Вазифаи нархгузорӣ – таҳлили фаъолияти намунавии муштариён; муайян намудани хислати харид; таҳлили радкориҳои рафтори муштарӣ; таҳлили умумият ва мавсимнокии мол; таҳлили муваффақияти пешниҳоди нархӣ; қабул намудани қарор оид ба ҳисоббаробаркунии нархи нав. Усули нархгузорӣ – усули хароҷотӣ; усули бозории нархи истеъмолӣ; усули бозории мушоҳида ба пешво; усули музоядавӣ; усули тендерӣ; усули параметрӣ; усули нишондодҳои ниҳоӣ; усули муқоисаи сохторӣ; усули агрегатӣ; усули баллӣ; усули таҳлилӣ **корреляция-регрессионного;** нархгузории психологӣ. Барои ҳар як соҳибкор назорат ва таҳлили нархгузорхеле зарур аст барои он, ки: бе таҳлил истеҳсолкунанда ё ширкати тиҷоратӣ наметавонад нархи рақобатпазирро дар бозори истеъмолӣ пешниҳод кунад. Барои он, ки омили асосии ба нархгузорӣ таъсиркунандаро бояд донанд: моли музкур ё қиёси онро, кӣ истеҳсол мекунад, чигуна сифат дорад, нархаш чанд аст, шумораи ширкатҳои митақае, ки моли мазкурро мефурӯшанд; ширкати тиҷораткунанда наметавонад молро бо нархи паст харидорӣ кунад, зеро моли мазкурро мумкин аст ҳазор ширкати дигар фурӯшад; назорат ва таҳлили нархгузорӣ хеле ҷараёни тиҷоратии мураккаб мебошад, ки аз

корхона меҳнат ва буҷети зиёдро талаб мекунад. Мувофиқи ҶТ «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ)» аз 28 июли соли2006 , №196 фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ) – фаъолияти соҳибкорие, ки аз ҷониби субъектҳои фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ) барои муайян намудани арзиши бозорӣ ва ё арзиши дигари объектҳои баҳодиҳӣ (нархгузорӣ) –(минбаъд –нархгузорӣ) дар санаи муқарраргардида анҷом дода мешавад, агар дар қонунҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Принсипҳои асосии фаъолияти нархгузорӣ инҳоянд: беғаразӣ; воқеият; боэътимодӣ; босалоҳиятӣ; шаффофият. Субъектҳои фаъолияти нархгузорӣ аз як тараф шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки барои машғул шудан ба фаъолияти нархгузорӣ иҷозатнома доранд ва аз тарафи дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки ҳамчун фармоишгар баромад мекунанд. Ба объектҳои нархгузорӣ объектҳои зерин тааллуқ доранд: объектҳои алоҳидаи моддӣ (ашё), аз он ҷумла объектҳои бесоҳиб; маҷмӯи ашёҳои ташкилдиҳандаи амволи шахс, аз ҷумла амволи намуди муайян (манқул ё ғайриманқул, аз ҷумла корхонаҳо); ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молӣ ба амвол ё ашёҳои алоҳида аз таркиби амвол; ҳуқуқи талаб намудан, уҳдадориҳо (қарзҳо); корҳо, хизматрасонӣ, иттилоот; объектҳои ғайримоддӣ (аз ҷумла моликияти зеҳнӣ); дигар объектҳои ҳуқуқи граждани, ки нисбати онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти иштирок кардан дар муомилоти граждани пешбинӣ шудааст. Намудҳои нархгузории объектҳои нархгузорӣ чунинанд: нархгузории ҳатмӣ ва нархгузории ташаббусӣ. Нархгузории ҳатмӣ ҳангоми ба муомилот баровардани объектҳои нархгузории зерин ба амал бароварда мешавад: ҳангоми муайян намудани арзиши объекти нархгузорӣ дар ҳолати хусусигардонӣ, ба иҷора додан, ба идоракунии боваринок додан; ҳангоми фурӯш ва ё бо тарзи дигар бегона намудани объекти нархгузорӣ; ҳангоми гузашт кардани уҳдадории қарзии ба объекти нархгузорӣ тааллуқдошта; ҳангоми супоридани объекти нархгузорӣ ҳамчун ҳисса ба сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқӣ, аз он ҷумла шахсони ҳуқуқӣ бо иштироки сармояи хориҷӣ; ҳангоми муайян кардани арзиши ибтидоӣ барои музоядаҳо, озмунҳо оид ба фурӯши объектҳои нархгузорӣ; ҳангоми муайян намудани иҷорапулӣ барои имзои шартномаи иҷораи объектҳои нархгузорие, ки амволи давлатӣ мебошанд; ҳангоми муайян намудани зарари объектҳои суғурташудаи ҳуқуқҳои граждани бар асари фаро расидани ҳолати суғуртавӣ, дар ҳолати суғуртаи ҳатмии объекти нархгузорӣ; ҳангоми пай-

доиши баҳс оид ба арзиши объекти нархгузорӣ, аз ҷумла ҳангоми милликунонии амвол; ҳангоми пайдоиши баҳс оид ба андозаи арзиши иншооти ба гаравгузошташуда (иншооти ипотека) дар мавриди қарзгирии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тавассути багаравмонии моликияти ғайриманқул (ипотека); ҳангоми тартиб додани шартномаи никоҳ ва тақсими амволи зану шавҳари ҷудошаванда бо талаби яке аз тарафҳо, ё ҳар ду тараф дар мавриди пайдоиши баҳс оид ба арзиши ин амвол; ҳангоми харидории амвол барои эҳтиёҷоти давлатӣ; ҳангоми мусодираи амвол ба манфиати давлат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳангоми нархгузории объекти нархгузорӣ бо мақсади назорати дурусти пардохти андозҳо дар мавриди пайдоиши баҳс дар бораи ҳисоб намудани заминаи андозбандӣ. Нархгузории ташаббусӣ дар асоси дархости фармоишгар дар бораи нархгузории ҳар як объекти ба фармоишгар тааллуқдошта тибқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

Тартиби нархгузорӣ. Нархгузорӣ дар ширкат - ҷараёни мураккаб ва бисёрдавра мебошад. Давраҳои нархгузориро баррасӣ мекунем: **1)Интихоби мақсад.** Ҳар як ширкат пеш аз ҳама бояд муайян кунад, ки моли мушаххасро истеҳсол намуда кадом мақсадро таъқиб мекунад. Агар мақсад ва вазъи мол дар бозор дақиқ муайян шуда бошад, пас муқаррар намудани нарх осон мегардад. Се мақсади асосии сиёсати нархӣ вуҷуд дорад: таъмин намудани ҳастии ширкат, зиёдкунии даромад ва нигаҳдошти бозор. Таъминоти **ҳастӣ** – мақсади асосииширкат мебошад, ки фаъолияти худро дар шароити шадиди рақобатӣ дар он ҳолате, ки дар бозор истеҳсолкунандаи маҳсулоти қиёс ба амал мебарорад. Ин мақсадро ширкат дар ҳолатҳои зерин интихоб мекунад: талаботи нархии чандири истеъмолкунандагон**;** ширкат мехоҳад фурӯш ва даромадро бо роҳи паст кардани баъзе даромадҳо аз ҳар як воҳиди мол боло бардорад; ширкат пешниҳод мекунад, ки зиёд кардани ҳаҷми фурӯши маҳсулот хароҷоти истеҳсолот ва фурӯшро паст мекунад; нархи паст рақибонро метарсонад; бозори калони истеъмолӣ ҷой дорад. Барои ба даст овардани ҳиссаи калони бозор ва зиёд кардани фурӯш нархҳои пасткардашуда истифода бурда мешавад – нархи воридшавӣ. Пеш аз он, ки дар бораи зиёд кардани даромад ҳарф мезанем, бояд ба муқобилияти ин мақсадҳо диққат диҳем. Пешниҳод оид ба он, ки истеҳсолкунандагон доимо дар кӯшиши зиёд кардани даромади худ ҳастанд, дуруст аст аммо қисман. Фосилаи кӯтоҳи вақтро аз сар гузаронида ба осонӣ ба он бовар ҳосил мекунем, ки бисёре аз

ширкатҳо кӯшиш намекунанд, ки даромадашонро зиёд кунанд, бо даромадашон, ки барои ҷуброни хароҷот ва гирифтани дивидендҳо кофӣ мебошад, қаноат менамоянд. Ин ҳолат чунин фаҳмонда мешавад, ки зиёд кардани даромад дар вақти кӯтоҳ ба зиёдкунии даромад барои пешравӣ мухолифат мекунад. Ширкати миёна ва бузург ба паст кардани даромади ҷорӣ барои он, ки дар оянда даромади зиёд ба даст орад, омодагии худро изҳор мекунад. Барои ин онро зарур аст, ки ба бозори муайяни поёнӣ дохил шуда, аз рӯи имконият онро васеъ кунад, воситаҳои асосиро доимо азнав кунад. Ҳамаи ин ба сиёсате, ки ба зиёдкунии даромади кӯтоҳмуддат равона аст мувофиқат намекунад. Роҳбарони ширкатҳои хурд, ба ояндаи онҳо на онқадар боварӣ доранд, кӯшиш менамоянд, ки вазъияти ба худ мувофиқи бозорро пурра истифода баранд; дар ин ҳолат даромад дар ҳама муносибатҳо ҳукмфармо мегардад. Мақсади ба зиёдкунии даромад асосёфта якчанд намуд дорад: дар ширкат муқаррар намудани даромади мустаҳкам дар якчанд сол, ки ба ҳаҷми миёнаи даромад мувофиқат мекунад; ба ҳисоб гирифтани болоравии нарх ва мувофиқан даромадро ҳам дар робита бо болоравии арзиши сармоягузорӣ; кӯшиш барои зуд ба даст овардани даромади аввала, зеро ширкат ба инкишофи тиҷорат боварӣ надорад ё малағи онҳо намерасад. Даромаде, ки ширкат барои гирифтанаш кӯшиш мекунад, мумкин аст дар ифодаи нисбӣ ва мутлақ дарҷ мегардад. Даромади мутлақ – ин даромаде мебошад, ки фурӯшанда аз фурӯши ҳамаи мол барои нигоҳдории хароҷот ба даст меорад. Даромади нисбӣ – ин даромаде мебошад, ки фурӯшанда аз фурӯши як маҳсулот ба даст меорад. Хамин тавр, даромади мутлақро мумкин аст ҳамчун истеҳсоли даромади нисбӣ барои шумораи воҳиди моли фурӯхташаванда ба даст оварда шавад. Молҳои гуногун даромади гуногуни нисбӣ дорад. Инак, молҳои зарурати аввалин (нон, шир, хона) даромади нисбӣ паст доранд, ашёҳои бонуфуз, ки сифати олӣ доранд даромади баланди нисбиро таъмин мекунанд. Ингуна даромадҳо чун қоида ба мақсадҳои бонуфуз такя мекунад**.** Аммо мушоҳида мешавад, ки даромади зиёди умумиро ширкатҳое мегиранд, ки нархи воридшавиро истифода мекунанд. Мақсади ба зиёдкунии даромад асосёфтаро интихоб намуда, ширкат талабот ва хароҷоти ба сатҳи гуногун татбиқшавандаро баҳо медиҳад ва ба ингуна нархҳо, ки зиёдкунии даромадро дар оянда таъмин мекунад истодагарӣ мекунанд. Нархи ба нигаҳдошти бозор асосёфта,дар нигоҳдошти вазъи мавҷуд будаи ширкат дар бозор ё шароити

мувофиқ барои фаъолияти худ ифода меёбад. Ширкат тамоми чораҳоро барои бартараф намудани пастравии фурӯш ва тез кардани муборизаи рақибона меандешад.Дар чунин шароитҳо кор карда, ширкат вазъияти бозорро бо диққат мушоҳида мекунад: ҷубиши нарх, пайдоиши моли нав, амали рақибон. Онҳо ба болоравӣ ё пастшавии аз ҳад зиёди нарх ба маҳсулоти худ роҳ намедиҳанд ва ба пасткунии хароҷоти истеҳсолот ва фурӯш кӯшиш мекунанд. **2) Муайян намудани талабот**- давраи навбатии муҳими муқаррар намудани нарх. Онро дур кардан ё мавқуф гузоштан номумкин аст, зеро талаботро ба моли мазкур наомӯхта нархро муайян намудан имконнопазир аст. Аммо дар назар доштан лозим аст, ки нархи паст ё баланди муқаррар намудаи ширкат, ба талабот ба мол зуд таъсир намекунад. Ҳаҷми талаботро ба моли худ муайян намуда, ширкат бояд нархи онро бо назардошти нархҳои гуногун гузорад ва сабаби тағйирёбии онро кӯшиш кунад, ки фаҳмонад. Чи тавре, ки қайд намудем, ба ҳаҷми талабот омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ки дар миёни онҳо талабот ба мол,мавҷуд набудани қиёси мол ё рақиб, пардорхтпазирии харидорони бомаҳорат, одатҳои харидорӣ ва интихобкунро ҷудо мекунанд. Нархи молро ба талабот мувофиқ намуда ҳаминро дарк намудан лозим аст, ки талабот бо ҳар тавр ба нарх таъсир мекунад.**3) Таҳлили хароҷот.** Талабот ба мол сатҳи болоии нархро, ки ширкат муқаррар мекунад, муйян мекунад. Хароҷотҳои ниёзи истеҳсолот (маблағи хароҷотҳои доимӣ ва танаффусӣ) ҳаҷми минималии нархро муайн мекунад. Инро ҳангоми паст кардани нарх вақте, ки дар ҳақиқат хатари расонидани зарар барои аз хароҷот пасттар муқаррар намудани сатҳи нарх ба миён меояд ба назар гирифтан лозим аст. Ингуна сиёсатро ширкат танҳо дар давраи кӯтоҳ ҳангоми ба бозор ворид шуданаш пеш бурда метавонад. Нархро аз рӯи меъёрҳо ба назар гирифтан мувофиқи мақсад аст.**4) Таҳлили нархи рақибон**.Таъсири назаррасро ба нарх рафтори рақибон ва нархи моли онҳо мерассонад. Хар як ширкат бояд нархи моли рақибон ва аломатҳои фарҳоро донад. Ба ин мақсад хариди молҳои ширкати рақиб ба амал бароварда мешавад. Баъдан таҳлили муқоисавии мол ва сифати моли рақиб ва ширкати мазкур гузаронида мешавад. Ширкат метавонад маълумоти ба даст омадаро ҳамчун асос барои нархгузорӣ ва муайян намудани ҷои худ дар миёни рақибон истифода барад. **5) Интихоби усули нархгузорӣ ва муқаррар намудани нархи ниҳоӣ.** Ҳама давраҳои нишондодашударо гузашта, ширкат метавонад нархи молро муайн кунад. Нархи мувофиқ бо-

яд, ки ҳама хароҷотро ба истеҳсолот, тақсимкунӣ ва фурӯши мол пурра ҷуброн кунад, инчунин гирифтани фоидаи муайянро таъмин намояд. Се шакли муқаррар намудани сатҳи нархро ҷудо намудан муки наст: сатҳи минималии бо хароҷотҳо муайяншаванда; сатҳи максималии бо талабот муқарраршуда; сатҳи нархи мувофиқ**.** Усул ба он асос ёфтааст, ки ба хароҷоти доимӣ ба воҳиди маҳсулот, ба сармояи гузошташуда фоиз илова мегардад.дар мавриди татбиқи ин усул фоиданокии маҳсулот бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад: Усули муқаррар намудани нархҳо дар сатҳи ҷорӣ доногии коллектиии соҳарор ба худ ҷалб мекунад. Он дар бозори рақобати тоза ва олигополӣ татбиқ намудан мумкин аст. Корхона – истеҳслкунандаи маҳсулот дар ин маврид аз шароити рақобат истифода мекунад, нархро ба маҳсулот аз нархи рақиб пасттар ё баландтар муқаррар мекунад. Агар мол ягон сифати нави аз моли рақиб хубтарро дошта бошад ё ҳамин тавр аз ҷониби харидорон қабул мешавад, пас истеҳсолкунанда дар муайян намудани сатҳи нарх озод мебошад ва нархи мавҷуд бударо ба назар намегирад.Дар бозори маҳсулотҳои якхела корхона маҷбур аст, ки нархи рақибонро мушоҳида кунад. **Нарх** – ин ифодаи пулии арзиши маҳсулот, кор ва хизмат мебошад. Намудҳои гуногуни нарх тариф мебошад, ки нисбати хизмати муайян татбиқ карда мешавад, масалан, тарифи боркашонӣ. Дар фаъолияти соҳибкорӣ намудҳои гуногуни нарх истифода бурда мешавад. Вобаста ба он, ки нархо чигуна муайян карда мешаванд ба нархои озод ва танзимшуда ҷудо мешаванд.

14.2. Нархҳои озод ва тартиби ҳуқуқии татбиқи онҳо

Нархҳои озод аз ҷониби соҳибкорон бо дарназардошти хароҷот ва таносуби талабот ва пешниҳод мустақилона муайян карда мешавад. Нархҳои озод – ин нархи бо таъсири талабот ва пешниҳод дар бозор муқарраршуда ва аз ҷониби давлат танзим нашаванда мебошад. Яке аз намудҳои нархи озод нархи шартномавӣ мебошад, ки озодона бо иродаи тарафҳо муайян карда мешавад. Онҳо метавонанд бо талаботи бозор зиёд ё кам карда шаванд. Ин намуди нархи озод дар савдои миёни харидору фурӯшанда ба миён меояд. Онҳо дар шартномаҳо оид ба таъмини маҳсулот дарҷ мегарданд, чун қоида бо ҳаҷми калон ва дар муҳлати амали созишнома тағйир намеёбад. Нархҳои озод бо розигии тарафҳо метавонад аз нав дида шавад, агар нархи сарватҳо тағйир ёфта бошад, ки ба нархгузорӣ таъсир мерасонад.

Вобаста аз соҳаи муомилот ё шакли соҳавии маҳсулот инҳоро ҷудо мекунанд: нархи яклух ба маҳсулотҳои саноатӣ; нархи закупочные барои маҳсулотҳои кишоварзӣ; нарх барои маҳсулоти сохтмонӣ; тарифҳо дар соҳаи нақлиёт ва хизматрасонӣ; нархи чакана.

Бо нархи яклухт муомилот миёни корхонаҳои саноатӣ, ё миёни онҳо ва корхона , ширкат ва корхонаҳои соҳаҳои дигар новобаста аз шакли моликияташон ба амал бароварда мешавад.

Нархи закуп- ин нархе мебошад, ки маҳсулоти кишоварзӣ бо ҳаҷми калон аз ҷониби хоҷагиҳои давлатӣ, кооперативӣ ва деҳқонӣ барои коркарди навбатӣ хариду фурӯш карда мешавад.Бо ин нарх аз ҷониби мақомоти давлатӣ барои таъсис додани фондҳои махсус (тухмӣ), инчунин корхонаҳои ғайридавлатӣ (комбинати гӯшт, заводи шакар) харидорӣ карда мешавад. Нарх ба маҳсулоти сохтмонӣ чун қоида дар шакли арзиши сметавӣ, яъне нархи сохтмонии объекти мушаххас баромад мекунад. Ба ғайр аз ин дар ин соҳа нархҳое амал мекунанд, ки арзиши миёнаи сметавии воҳиди корҳои сохтмониро муайян мекунад.

14.3. Нархгузории субъектони хоҷагидоре, ки вазъи ҳукмфармо ва монополияти табииро соҳибанд.

Нархгузории субъектони хоҷагидоре, ки вазъи ҳукмфармо ва монополияти табииро соҳибанд бо танзимнамоии нархи онҳо ба амал бароварда мешавад. Нархи танзимшаванда – нархе, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ муайян мекунад. Усулҳои муайян намудани ингуна нархҳо гуногунанд: муайян намудани ҳадди болоӣ ё поёнии нарх, илова ба нарх, муайян намудани коэфитсенти тағйирёбии нарх, муайян намудани ҳадди сатҳи фоиданокӣ, муқаррар намудани нархи қайдшуда. Дар шароити бозор нарх ба мол, кор ва хизмат дар зери таъсири талабот ва таъминот муайян карда мешавад. Нақши давлат бо таъмин намудани манфиати оммавӣ маҳдуд карда мешавад: инкишофи ба мувозинат гирифташудаи иқтисодиёт, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва ғ. Дар ин ҳолат давлат ба воситаи ҳуқуқ низоми мақомотҳои нархгузориро муайян мекунад ва ваколати онҳоро муайян мекунанд; тартиби коркард, тасдиқ ва татбиқи нархро муқаррар мекунад; барои вайрон намудани тартиботи нархгузорӣ ва татбиқи нарх ҷазо пешниҳод мекунад. Ҳуқуқ муносибатҳоро миёни одамон ба танзим медарорад ва ба воситаи рафтори онҳо ба объекти ҷаҳони моддӣ таъсир мерасонад. Ба ин маъно танзими ҳуқуқии нарх танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба муқаррар ва татбиқ намудани

нарх ба маҳсулот, кор ва хизматро мефаҳмонад. Муносибатҳои мазкур бо меъёрҳои соҳаҳои гуногун ба танзим дароварда мешавад. Муносибатҳо миёни истеҳсолкунандаи (фурӯшандаи) маҳсулот, иҷрокунандаи кор ва хизматва истеъмолкунандагони ин маҳсулотҳо ба вуҷуд меояд ва бо меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ба танзим дароварда мешавад. Дигар муносибатҳо оид ба муқаррар ва татбиқ намудани нарх миёни мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва истеҳсолкунандаи (фурӯшандаи) маҳсулот, иҷрокунандаи кор ва хизмат, инчунин истеъмолкунандагони онҳо ба вуҷуд меояд ва бо меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ ба танзим дароварда мешавад. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ танзими ҳуқуқии нарх бо самти умумииҷозатиаш фарқ мекунад ва бо формулаи зерин ифода меёбад: нарх бо шартнома муайян карда мешавад, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбинӣ намудаи қонун ё дигар санадҳои ҳуқуқӣ. Дар ҳолатҳои охир шартнома бояд ба қоидаҳои барои тарафҳо ҳатмӣ, ки бо қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ муайян карда шудааст ва дар вақти бастани шартнома амал мекунад мувофиқ бошад. Ҳамон принсип дар меъёри махсуси ба нарх бахшида шуда низ дарҷи худро ёфтааст: иҷрои шартнома бо нархи муқаррар намудаи созишномаи тарафҳо пардохт карда мешавад, аммо дар ҳолатҳои пешбинӣ намудаи қонун нархҳои муқаррар ва танзим намудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ татбиқ карда мешавад. Намудҳои шартномаро муқаррар намуда принсипи озодии нархгузориро мегузаронад. Диққат зоҳир намудан лозим аст, ки мувофиқм қонунгузории амалкунанда нарх мувофиқи қоидаи умумӣ шарти муҳими шартнома намебошад. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, набудани нарх дар шартнома барои беэътибор донистани он асос буда наметавонад. Дар ҳолате, ки агар дар шартномаи музднок нарх пешбинӣ нагардида бошад ва аз моҳияти шартнома муайян кардани он имконнопазир бошад, иҷрои шартнома бо нархе, ки дар ҳолатҳои баробар кардашуда одатан ба мол, корва хизмати монанд гирифта мешавад, пардохт карда шавад. Принсипи озодии нархгузорӣ ба мақсади таъмин намудани манфиати оммавӣ маҳдуд карда мешавад. Ин маҳдудиятҳо дар қонуни махсус оид ба нарх, ки дар санадҳои гуногуни меъёрӣ пешбинӣ гардидаанду ба ягонакунӣ ниёз доранд пешбинӣ шудааст. Қонунгузорӣ оид ба нарх дар соҳаҳои муайяни танзим ва назорати давлатӣ таъсис меёбад. Танзими давлатии нарх асосан танҳо ба маҳсулотҳои монополияи табиӣ пешбинӣ мешавад: - хизматрасонӣ дар мавриди ҳамлу нақли нафт ва маҳсулоти нафтӣ тавассути қубурҳои

магистралӣ;хизматрасонӣ дар мавриди харид ва интиқоли гази табиӣ тавассути қубурҳои магистралӣ ва (ё) тақсимкунанда, истифодаи дастгоҳҳои газтақсимкунанда ва қубурҳои газгузаронии ба онҳо вобаста;хизматрасонӣ дар мавриди истеҳсол, интиқол ва (ё) тақсими нерӯи барқ ва (ё) гармӣ; хизматрасонии ҳамлу нақл тавассути роҳи оҳан; хизматрасонии терминалҳои нақлиёт, фурудгоҳҳои ҳавоӣ ва аэронавигатсия; хизматрасонии алоқаи барқӣ, почта ва телекоммуникатсия бо истифодаи хатҳои шабакаҳои маҳаллӣ; хизматрасонии хоҷагии об ва (ё) системаи канализатсия; хизматрасонии ҳамлу нақл тавассути роҳҳои ҳавоӣ дар самтҳои маҳаллӣ.

Танзими давлатии нарх ва тариф-ин таъсир расондан ба ҷараёни муқаррар ва татбиқ намудани нарх (тариф) аз тарафи мақомотҳои давлатӣ ба воситаи қабул намудани чораҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ, буҷавию молиявӣ бо мақсади мустаҳкам ва ҳавасманд намудани инкишофи иқтисодиёти ҷумҳурӣ мебошад. Ду шакли танзими давлатии нарх ва тариф мавҷуд аст: бевосита ва бавосита (иқтисодӣ). Он бо роҳи таъсиррасонӣ ба омилҳои нархгузорӣ ба воситаи муқаррар намудани тағйир ва қат намудани объектҳои андозбандӣ, асосҳои андоз (воҳиди ченкунии объектҳои андозбандӣ), ставкаҳо ва имтиёзҳои андоз; танзими бевоситаи (маъмурӣ) нарх. Он ба воситаи аз ҷониби мақомоти давлатӣ муқаррар намудани сатҳи нарх ё маҳдудият ба нарх ба амал бароварда мешавад. Танзими бевоситаи (маъмурии) нарх метавонад ба воситаҳои зерин ба амал бароварда шавад: муқарар намудани нархи қайдшуда.Нархи (тарифи) қайдшуда – нархи муқаррар намудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ бо воҳиди пулӣ ифода гардида; муқаррар намудани нархи (тариф) ниҳоӣ мебошад. Нарх бо ҳаҷми ниҳоӣ (нархи ниҳоӣ)(тариф) – нархи танзимӣ (тариф), ки воҳидаш бо ҳадди болоӣ ва ниҳоӣ маҳдуд карда мешавад; муқаррар намудани надбавоки ниҳоии савдоӣ. Нарх бо воҳиди ниҳоӣ (нархи ниҳоӣ) (тариф) – нархи танзимкунандае мебошад, ки воҳидаш бо ҳадди болоӣ ва поёнӣ маҳдуд карда шудааст; муқаррар намудани иловагиҳои (таҳфиф) ниҳоии савдоӣ. Таҳфифи ниҳоӣ – ин маҳдудият ба нархи танзимкунанда мебошад, ки мақомоти давлатӣ бо роҳи маҳдуд намудани на ҳамаи нарх, балки қисми он муқаррар намудааст. Нархи тахфифи ниҳоии савдоро фарогирифта аз ду қисм иборат мебошад: нархи асосӣ ва иловагӣ (таҳфиф). Нархи асосӣ барои муайян намудани ҳаҷми иловагӣ ё таҳфиф сарчашма мебошад. Ба сифати нари асосӣ аз ҷониби қонунгузор мумкин аст намудҳои гуногуни

нарх пешбинӣ гардад, масалан нархи аҳди аввал бо мол ё нархи мувофиқ, ки дар асоси шартҳои «франко-завод» ба расмият дароварда шудааст. Ҳаҷми иловагӣ ё таҳфиф бо фоиз аз нархи асосӣ муқаррар карда мешавад ва пурра аз тартиби муайян намудани он ва муқаррар намудани меъёри ниҳоии даромаднокӣ вобаста аст. Меъёри ниҳоии даромаднокӣ- ин нишондиҳандаи ниҳоии муносибати даромад ба хароҷоти аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ муқарраршуда мебошад, ки дар шакли фоиз ба воҳиди маҳсулот ифода мегардад. Масалан, «ҳаҷми даромад бояд на зиёдтар аз 45%-и маблағи хароҷоти ба маҳсулоти худ дохилшавандаро, дарбар гирад».

14.4. Нархгузорӣҳангоми хусусигардонӣ ва хариди давлатӣ

Мувофиқи Дастурамал оид ба муайян намудани арзиши объектҳое, ки хусусӣ гардонида мешавандаз 4 маи соли 1997, №181 Дастуруламали мазкур тартиби муайян кардани арзиши тамоми намудҳои амволи давлатиеро, ки хусусӣ гардонида мешаванд, мутобиқ иконунгузории амалкунанда танзим менамояд. Арзёбии объекти хусусигардоние, ки бо ҳуқуқи хариди минбаъда ба мақсади ийора дода мешавад, мувофиsи Дастуруламали мазкур дар санаихаридани он сурат мегирад. Нархи ибтидоии объекти хусусигардонӣ мутобиқи Дастуруламалимазкур муайян мегардад ва аз тарафи Кумитаи давлатии идораи амволи давлатӣ ё мақоми минтақавии он тасдиқ карда мешавад. Ба таркиби амволи давлатии арзёбишаванда воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳои ғайримуомилотӣ, захира ва хароҷот, маблағҳо, ҳисоббаробаркуниҳо ва дигар дороиҳо дохил мешаванд. Воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳои муомилотӣ: а) воситаҳои асосӣ - биноҳо, иншоот, воситаҳои интиқол, дастгоҳва таҷҳизот, техникаи ҳисоббарор, дастгоҳҳо ва олоти андозагирию танзимкунанда, воситаҳои нақлиёт, абзор, асбобҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ, чорвои корӣ ва маҳсулотдеҳ, дарахтзорҳои бисёрсола ва дигар воситаҳои меҳнат; б) сармоягузориҳои нотамом ва пешпардохтҳо, аз ҷумла арзиши сохтмони нотамом ва таҷҳизоти насбшаванда; в) дороиҳои ғайримоддии дар баланс инъикосшуда - ҳуқуқ ба истифодаи замин, об, захираҳои табиӣ, биноҳо, иншоот, патентҳо, лицензияҳо ва дигар ҳуқуқҳои амволӣ (аз ҷумла ба моликияти ақлӣ), хароҷоти ташкилӣ, нишонҳои тиҷоратӣ, аломатҳои мол ва ғайра; г) маблағгузориҳои дарозмӯҳлат (ба мӯҳлати зиёда аз 1 сол), аз ҷумла ҳиссаҳои корхонаҳо ба дороиҳои даромадноки (саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигар қоғазҳои

арзишнок) дигар корхонаҳо ва вомбаргҳои ба дигар корхонаҳо додашуда; д) дигар моддаҳо мувофиқи боби 1 баланси актив. Захираҳо ва хароҷот: захираҳои истеҳсолӣ (ашёи хом, масолеҳ, сӯзишворӣ, чизҳои кам арзиш ва зудфарсудашаванда, қисмҳои эҳтиётӣ, масолеҳи нимтайёри харидашаванда, маснуоти такмилӣ ва ғайра), истеҳсолоти нотамом, хароҷоти даврaҳои оянда, маҳсулоти тайёр, молҳо бо нархҳои харидашаванда ва дигар арзишҳои моддӣ. Маблағҳо, хисоббаробаркуниҳо ва дигар дороиҳо: маблағҳо дар касса, дар суратҳисобҳои бонкҳо, дигар маблағҳо, маблағгузориҳои кӯтоҳмуддат (ба мӯҳлати на зиёдтар аз як сол), арзиши молҳои фиристодашуда, корҳо ва хизматрасониҳо, қарзи дебиторӣ ва дигар маблағҳои ба он монанд, ки дар активи баланс инъикос меёбанд. Нархи ибтидоии корхонаҳо ҳамчун комплекси амволӣ танҳо дар асоси маълумоти баланси корхона ва замимаи ҳатмии руйхати такмилдодашудаи воситаҳои асосӣ (биноҳо, иншоот, воситаҳои интиқол, дастгоҳ ва таҷҳизот, техникаи ҳисоббарор, воситаҳои нақлиёт) муайян карда мешавад. Баланси корхона, ки онро мақоми андоз тасдиқ кардааст ва рӯйхати такмилдодашудаи воситаҳои асосӣ дар рӯзи қабули қарор оид ба хусусигардонӣ аз тарафи корхонаҳо ба Маркази ҷумҳуриявии арзёбӣ ё дигар ташкилоти барои гузаронидани чунин корҳо лицензиядошта пешниҳод мегардад.Нархи ибтидоии корхона (ПЦ пр) аз рӯи формулаи зерин муайян мегардад; Пц пр = АПР - О пр, яъне АПР (актив предприятия - Дороии корхона) - арзиши умумии дороиҳои корхона бо кам кардани фарсудагии воситаҳои асосӣ, (сатри 360 активи баланс), Опр (Обязательство предприятия - Уҳдадории корхона), ПЦ пр бояд аз сифр зиёд бошад. Уҳдадории корхона аз воситаҳои вомбаргӣ ва кредитҳо, ҳисоббаробаркуниҳо ва пешпардохтҳои аз харидорон ва супоришдиҳандагон гирифташуда ва инчунин Фонди ҳавасмандсозии иқтисодӣ иборат аст. Уҳдадории корхона дар асоси маълумоти фасли II "Пассивҳои дарозмуддат" ва фасли III "Суратҳисобҳо ва пассивҳои дигар"-и пассиви баланс бо роҳи ҷамъ намудани маълумот мувофиқи сатрҳои 500-620, 630-720-и баланс муайян мегардад: моддаи "Кредитҳои дарозмуддати бонкҳо (суратҳисоби 92) , моддаи "Вомбаргҳои дигари дарозмуддат" (суратҳисоби 95) , моддаи "Кредитҳои кӯтоҳмуддати бонкҳо" (суратҳисоби 92) , моддаи "Кредити бонкҳо барои кормандон" (суратҳисоби 93) , моддаи "Вомбаргҳои дигари кӯтоҳмуддат" (суратҳисоби 94) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи векселҳои додашуда (моддаи 60) , моддаи "Маблағи ҷуброни аз буҷет дода-

нашуда" (суратҳисоби 66) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи музди меҳнат" (суратҳисоби 70) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминот" (суратҳисоби 69) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳо аз рӯи суғуртаи амволӣ ва шахсӣ" (суратҳисоби 65) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо корхонаҳои акрабоҳ" (суратҳисоби 78) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳо азрӯи пардохтҳои ғайрибуҷетӣ" (суратҳисоби 67) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо буҷет" (суратҳисоби 68) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳои дигар", моддаи "Пешпардохтҳои аз харидорон ва супоришдиҳандагон гирифташуда" (суратҳисоби 64) мутобиқи намунаҳои амалкунандаи баланс ва маълумоти Фонди ҳавасмандсозии иқтисодӣ. Ғайр аз ин дар уҳдадориҳои корхонаҳо уҳдадориҳо оид ба иҷораи биноҳо, иншоот, таҷҳизот ва дигар объектҳои ба воситаҳои меҳнат дахлдошта ба ҳисоб гирифта мешаванд. Нархи ниҳоии корхона ҳамчун объекти хусусигардони дар ҷараёни савдои музоядавию озмунӣ муқаррар мегардад ва метавонад аз нархи ибтидои зиёдтар ё камтар бошад. **Муайян кардани нархи ибтидоии бахш ва вохиди сохтории корхона ҳамчун объекти хусусигардонӣ.** Бахшҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии бахш ва воіидіои сохтории корхона іамчун маймуи амволи (минбаъд-воҳидҳои корхона) бояд то лаҳзаи хусусигардонӣ дар асоси баланси тақсимот ҷудо карда шаванд. Нархи ибтидоии воҳиди корхона дар асоси маълумоти баланси тақсимоти корхона бо замимаи ҳатмиирӯйхати такмилдодашудаи воситаҳои асосӣ (биноҳо, иншоот, воситаҳои интиқолӣ, дастгоҳҳо ва таҷҳизот, техникаи ҳисоббарор, воситаҳои нақлиёт) муайян карда мешавад. Баланси тақсимоти корхона, ки онро мақоми андоз тасдиқ кардааст ва рӯйхати такмилии воситаҳои асосӣ аз тарафи корхона дар рӯзи қабули қарори хусусигардонӣ ба Маркази ҷумҳуриявии арзёбӣ ё ташкилоти барои иҷрои чунин корҳо иҷозатномадошта пешниҳод карда мешавад. Нархи ибтидоии воҳиди корхона (Пцед) аз рӯи чунин формула муайян мегардад: Пцед = Аед - Оед, яъне Аед - арзиши умумии дороиҳои воҳиди корхона (сатри 360 активи баланси воҳиди корхона), ки аз он фарсудашавии воситаҳои асосӣ бароварда мешавад. Оед - уҳдадориҳои воҳиди корхона. Пцед - бояд аз сифр зиёд бошад. Уҳдадориҳои воҳиди корхона маблағҳои вомбарг ва кредитҳо, ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳо ва пешпардохтҳои аз харидорону супоришдиҳандагон гирифташуда, инчунин Фонди ҳавасмандсозии иқтисодиро дар бар мегирад. Уҳдадориҳои

воҳиди корхона дар асоси маълумоти фасли II "Қарзҳои дарозмуддат" ва фасли Ш "Ҳисоббаробаркуниҳо ва пассивҳои дигар" бо роҳи ҷамъ намудани маълумот мувофиsи сатрҳои 500-620, 630-720-и баланс муайян карда мешаванд. моддаи "Кредитҳои дарозмуддати бонкҳо" (суратҳисоби 92) , моддаи "Вомбаргҳои дигари дарозмуддат" (суратҳисоби 95) , моддаи "Кредити кӯтоҳмуддати бонкҳо" (суратҳисоби 92) , моддаи "Кредитҳои бонкҳо барои кормандон" (суратҳисоби 93) , моддаи "Вомбаргҳои дигари кӯтоҳмуддат" (суратҳисоби 94) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи векселҳои доданашуда" (суратҳисоби 60) , моддаи "Маблағи йуброни аз буйет доданашуда" (суратіисоби 66) , моддаи "Іисоббаробаркуниіо аз рӯи муздимеінат" (суратіисоби 70) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи суғуртаииҷтимоӣ ва таъминот" (суратҳисоби 69) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳо аз рӯи суғуртаи амволӣ ва шахсӣ" (суратҳисоби 65) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо корхонаҳои акрабоӣ" (суратҳисоби 78) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳо аз рӯи пардохтҳои ғайрибуҷетӣ(суратҳисоби 67) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо буҷет" (суратҳисоби 68) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳои дигар", моддаи "Пешпардохтҳои аз харидорон ва супоришдиҳандагон гирифташуда" (суратҳисоби 64) мувофиқи намунаҳои амалкунандаи баланс ва дар асоси маълумоти Фонди ҳавасмандсозии иқтисодӣ. Ҳангоми хусусигардонии воҳиди корхона ҳуқуқи истифодаи доимии қитъаи замин ё қисмати муайяни он, ҳуқуқи талабот, қарзҳо аз рӯи баланси тақсимот ба харидор мегузаранд. Ҳуқуқи комили ворис аз лаҳзаи имзои шартномаи хариду фурӯши маҷмӯи амволи корхона ба харидор мегузарад. Нархи ниҳоии воҳиди корхона ҳамчун объекти хусусигардонӣ дар ҷараёни савдои музоядавию озмунӣ муқаррар мегардад ва метавонад аз нархи ибтидоӣ зиёдтар ё камтар бошад. Муайян кардани нархи ибтидоии амволи корхона ҳамчун объекти Хусусигардонӣ. Ба таркиби амволи корхона воситаҳои асосӣ (фондҳо), аз ҷумла биноҳо, таҷҳизот, асбоб, воситаҳои нақлиёт, ашё, маҳсулот ва дигардороиҳои корхона дохил мешаванд. Муайян кардани нархи ибтидоии амволи корхона (минбаъд -амвол) аз рӯи арзиши бокимонда бо роҳи кам кардани арзиши баланси барқарорсозӣ ба андозаи фарсудагие, ки мувофиқи маълумоти ҳисоби муҳосибӣ дар лаҳзаи арзёбӣ муайян карда шудааст, бо дарназардошти андозаи кӯҳнагии воситаҳо ва мӯҳлати истифодаи онҳо, ки мувофиқи афзоиши арзиши фондҳои асосӣ тағйир ёфтааст, сурат мегирад. Арзиши балансии (барқарорсозии)

воситаҳои асосӣ мувофиқи маълумоти ҳисоби муҳосибӣ (варақаҳои инвентарӣ ба суратҳисоби 01 -"Воситаҳои асосӣ") бо дарназардошти натиҷаҳои мавҷудии (инвентаризация) моликият муайян карда мешавад. Таъини арзиши ашёи камарзиш ва зуд фарсудашаванда бо роҳи кам кардани арзиши балансии (барқарорсозии) онҳо ба андозаи кӯҳнагии ҳисобшуда муайян мегардад. Ба объектҳои сохтмони нотамом ва таҷҳизоти насбнашуда баъди мавҷудии (инвентаризация) онҳо аз рӯи арзиши балансӣ (бе истифодаи коэффитсиенти ҳисоби арзиши балансӣ барои барқарорсозӣ) нарх гузошта мешавад. Нархи захираҳо ва харочот бо дарназардошти мавҷудияти воқеии онҳо дар рӯзи нархгузорӣ мувофиқи арзиши баланси муайян карда мешавад.Таъини арзиши воситаҳои нақлиётии 100% фарсудашуда ба 25% арзиши балансӣ (барқарорсозӣ) баробар карда мешавад. Ҳамаи воситаҳои асосии боқимондаи дигар бо фарсудашавии 100% ба 10% арзиши баланси барқарорсозӣ арзёбӣ карда мешаванд. Нархи ибтидоии навъҳои алоҳидаи воситаҳои асосҳ ва биноҳои ғайриистиқоматӣ ҳамчун нархи ибтидоии амвол муайян карда мешавад. Нархи ниҳоии онҳо дар ҷараёни савдои музоядавию озмунӣ маълум мегардад.Ба расмият даровардани натиҷаҳои арзёбии объектҳоиХусусигардонӣ. Нархи ибтидоии объекти хусусигардонӣ аз тарафи Кумитаи давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - дар қисмати амволи давлатӣ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ якҷоя бо мақомоти минтақавии идораи амволи давлатӣ - дар қисмати моликияти коммуналӣтасдиқ карда мешавад. Нархи ибтидоии объекте, ки мувофиқи лоиҳаи инфиродӣ хусусӣ гардонда мешавад, аз тарафи Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Аз рӯзи тасдиқи арзёбии объекти хусусигардонӣ то рӯзи баимзо расидани акти хариду фурӯш воситаҳои асосии объекти хусусигардонӣнаметавонанд ба таври дигар ба ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқии дигар фурӯхта шаванд. Маъмурияти объекти хусусигардонӣ барои иҷрои талаботи ин Дастуруламал масъулият дорад. Дастуруламали мазкур тартиби муайян кардани нархи ибтидоии маҷмӯи саҳмияҳои давлатиро ҳангоми фурӯши онҳо дармузоядаҳо, аз ҷумла ба ивази чекҳои хусусигардонӣ муайян менамояд. Нархи ибтидоии маҷмӯи саҳмияҳои давлатӣ мутлақан дар асоси маълумоти баланси муҳосибӣ дар санаи охирини ҳисоботи пеш аз қабули қарор дар хусуси ба савдо гузоштани маҷмуи саҳмияҳо бо замимаи ҳатмии рӯйхати такмилдодашудаи воситаҳои асосӣ (биноҳо, иншоот, воситаҳои интиқолӣ,

дастгоҳҳо ва таҷҳизот, техникаи ҳисоббарор, воситаҳои нақлиёт) муайян карда мешавад. Баланси корхона, ки аз тарафи мақоми андоз тасдиқ гаштааст ва рӯйхати такмилдодашудаи воситаҳои асосӣ аз тарафи корхона дар рӯзи қабули қарор оид ба хусусигардонӣ ба Маркази ҷумҳуриявии арзёбӣ ё дигар ташкилоти барои иҷрои чунин корҳои иҷозатномадошта пешниҳод мегардад. Арзиши умумии саҳмияҳои ҷамъияти саҳомӣ аз рӯи формулаи зерин муайян карда мешавад: РСА = А - РП - СС, яъне: РСА - арзиши ҳисобии саҳмия, А - дороии ҷамъияти саҳомӣ, РП - ҳисоббаробаркуниҳо ва пассивҳои дигар. СС - арзиши объектҳои соҳаи иҷтимоӣ РСА бояд аз сифр зиёд бошад. Дар ин маврид: А - арзиши умумии дороиҳои ҷамъияти саҳомӣ - мувофиқи асъори баланс (сатри 360-и дороии баланс ё сатри 780-и баланс) ва аз он кам кардани фарсудагии воситаҳои асоси муайян карда мешавад. РП - ҳисоббаробаркуниҳо ва дигар қарзҳо - дар асоси фасли II "Пассивҳои дарозмуддат" ва фасли III "Ҳисоббаробаркуниҳо ва қарзҳои дигар"-и пассиви баланс бо роҳи ҷамъ намудани маълумот мувофиқи сатрҳои 420, 450, 500-620, 630-760-и баланс муайян карда мешавад: моддаи "Кредитҳои дарозмуддати бонкҳо" (суратҳисоби 92) , моддаи "Вомбаргҳои дигари дарозмуддат" (суратҳисоби 95) , моддаи "Кредитҳои кӯтоҳмуддати бонкҳо" (суратҳисоби 92) , моддаи "Кредити бонкіо барои кормандон" (суратіисоби 93) , моддаи "Вомбаргіои дигари кӯтоҳмуддат" (суратҳисоби 94) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи векселҳои додашуда" (суратҳисоби 60) , моддаи "Маблағи ҷуброни аз буҷет доданашуда" (суратҳисоби 66) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи музди меҳнат" (суратҳисоби 70) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминот" (суратҳисоби 69) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳо аз рӯи пардохтҳои ғайрибуҷетӣ" (суратҳисоби 67) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо корхонаҳои акрабоӣ" (суратҳисоби 78) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳо аз рӯи суғуртаи амволӣ ва шахсӣ" (суратіисоби 65) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо буҷет" (суратҳисоби 68) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо кредиторҳои дигар", моддаи "Пешпардохтҳои аз харидорон ва супоришдиҳандагон гирифташуда" (суратҳисоби 64) , моддаи "Ҳисоббаробаркуниҳо бо муассисон" (суратҳисоби 75) , моддаи "Даромадҳои даврањои оянда" (суратҳисоби 83) , моддаи "Фондҳои таъиноти махсус" (суратҳисоби 88) , моддаи "Захираҳои хароҷот ва пардохтҳои пешоянда" (суратҳисоби 89) , моддаи "Захираҳо барои қарзҳои

шубҳанок" (суратҳисоби 82) , моддаи "Қарзҳои дигари кӯтоҳмуддат" мутобиқи намунаи амалкунандаи баланс. Ба РП метавонанд воситаҳои барои татбиқи чорабиниҳои таъиноти мақсаднок (моддаи "Маблағгузориҳо ва воридоти мақсаднок" (суратҳисоби 96) , сатри 430-и пассиви баланс), танҳо дар сурате, ки дар шартномаи маблағгузорӣ дар муддати на камтар аз як сол баргардондани воситаҳо пешбинӣ шуда бошад, мансуб бошанд. СС - арзиши объектҳои соҳаи иҷтимоии дар баланси АО мавҷуда, аммо ба фонди оинномавӣ дохилнашуда аст. Дар ҳолате ки агар объектҳои соҳаииҷтимоӣ ба фонди оинномавӣ дохил шуда бошанд, арзиши онҳо аз арзиши дороиҳои АО кам карда намешавад. Баҳисобгирии объектҳои соҳаи иҷтимоиёт аз рӯи арзиши боқимонда бо дарназардошти нархгузории нав сурат мегирад. Муайян кардани арзиши як саҳмия. Барои муайян кардани арзиши як саҳмия бузургии аз формулаи муайян намудани арзиши ҳисоби саҳмия ҳосилшударо (РСА) ба миқдори умумии саҳмияҳои баровардашуда тақсим кардан лозим аст (зимнан ҳамаи саҳмияҳо бояд арзиши якхелаи номиналӣ дошта бошанд). Мувофиқи Қонуни ҚТ «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ »аз 3 марти соли 2006, №168 асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасониро муайян намуда, расмиёти ягонаи вобаста ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасониро, ки пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ барои эҳтиёҷоти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, муқаррар менамояд. Қонун фазои ягонаи иқтисодӣ дар хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, истифодаи мақсадноки маблағҳои давлатӣ, васеъ намудани доираи иштирокчиён, тавсиаи рақобати бовиҷдонона ва инчунин такмили фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияро дар хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ танзим менамояд. Мақсади Қонун аз инҳо иборат аст: таъмини сарфакорӣ ва самарабахшии хариди давлатӣ; тавсиаи доираи иштирок ва рушди рақобат байни молрасонҳо (пудратчиён) дар соҳаи хариди давлатӣ; таъмини шаффофият ва беғаразии расмиёти хариди давлатӣ; такмили фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, корхонаҳо (муассисаҳои) давлатӣ ва дигар ташкилотҳо дар соҳаи хариди давлатӣ; рушди муносибатҳои бозаргонӣ дар соҳаи хариди давлатӣ. Хариди давлатӣ – аз ҷониби ташкилоти харидор бо усулҳои муайяннамудаи Қонун ба даст овардани мол, кор ва хизматрасонӣ, ки пурра ё қисман аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мегардад. Мол – маҳсули фаъолият (корҳо,

хизматрасонӣ), ки барои мубодила ва фурӯш дар бозор муқаррар шудааст. Кор – ҳар гуна кори вобаста ба лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ, кӯчонидан, таъмир ё тағдиди биноҳо, иморатҳо ва иншоот, аз ҷумла тайёр намудани майдончаи сохтмон, кофта баровардани хок, васл кардан ва омода намудани дастгоҳҳо, корҳои пардоздиҳӣ, инчунин хизматрасониҳои иловагии сохтмонӣ, монанди пармакунӣ, корҳои геодезӣ, аксбардории кайҳонӣ, тадқиқоти сейсмологӣ ва дигар хизматрасониҳое, ки тибқи шартнома дар бораи харид пешниҳод мешаванд. Хизматрасонӣ – натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва корҳое, ки ба дигаргуншавии хусусияти объектҳои моддӣ вобаста намебошанд. Иштирокчиёни хариди давлатӣ мутобиқи Қонуни мазкур инҳоянд: ташкилотҳои харидор; молрасонҳо (пудратчиён); мақомоти ваколатдор. Хариди давлатӣ бо усулҳои зерин анҷом дода мешавад: озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд; озмуни харид аз тариқи иштироки маҳдуд; усули "рӯйхати мухтасар" (озмуни махсуси харид бо иштироки маҳдуд барои хариди хизматрасонии машваратӣ); дархости нархномаҳо; харид аз як манбаъ; хариди электронӣ. Усули асосии хариди давлатӣ озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд мебошад. Ин усул аз ҷониби ташкилотҳои харидор бояд ҳамеша истифода карда шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки Қонун махсус истифодаи дигар усулро иҷозат медиҳад. Ҳангоми доир кардани озмуни харид ба маблағи баробар ва ё зиёда аз ҳадди баландтарини маблағи харид интихоби дигар усули озмуни харид танҳо дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор анҷом дода мешавад. Ҳангоми хариди давлатӣ, ки арзиши он аз ҳадди камтарини маблағи харид пасттар аст, интихоби усули харид аз ҷониби ташкилоти харидор бе мувофиқа бо мақомоти ваколатдор анҷом дода мешавад. Интихоби усули харид аз як манбаъ, ки арзиши он ба ҳадди камтарини маблағи харид баробар ё бештар аз он мебошад, аз ҷониби ташкилоти харидор танҳо дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор анҷом дода мешавад. Ҳангоми анҷом додани харид ба маблағи баробар ба ҳадди баландтарини маблағи харид ё бештар аз он оид ба озмуни харид дар воситаҳои ахбори омма ва Бюллетени хариди давлатӣ ва агар харид камтар аз ҳадди баландтарини маблағи харид бошад – дар Бюллетени хариди давлатӣ эълон чоп карда мешавад. Ҳангоми хариди поёнтар аз ҳадди камтарини маблағи харид эълон чоп карда намешавад.

14.5. Ҷавобгарии ҳуқӯқӣ барои муқаррар намудани наоҳҳои беасос ва ғайриқонунӣ

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои муқаррар намудани наоҳҳои беасос ва ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида мешаванд.

КҲМ ҶТ. Моддаи 123. Риоя накардани тартиби муқарраршудаи хизматрасонии муздноки тиббӣ дар муассисаҳои тиббии давлатӣ

Барои риоя накардани тартиби муқарраршудаи хизматрасонии муздноки тиббӣ дар муассисаҳои тиббии давлатӣ, қасдан баланд намудани нархи хизматрасонии муздноки тиббӣ ё дидаю дониста расонидани кӯмаки муздноки тиббӣ ба шахсе, ки ба хизматрасонии ройгони тиббӣ ҳуқуқ дорад, –

ба шахси масъул ба андозаи аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 555. Беасос баланд бардоштани нархҳо

1. Барои беасос баланд бардоштани нархҳои танзимшавандаи давлатӣ (тарифҳо барои маҳсулот, мол ва хизматрасонӣ) ва ҳадди баландтарини даромаднокӣ, баланд бардоштани нархҳои фурӯши яклухти дар мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ зимни пешниҳоди эъломия бақайдгирифташуда, инчунин баланд бардоштан ё паст кардани нархи маҳсулоти интиқолшавандаи корхонаҳо тибқи созишномаҳои байниҳукуматӣ ба дигар давлатҳо, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то бист, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз ду то се ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои ҳисоб кардани изофа ва иловапулиҳои пешбинишуда ба нархҳо дар сурати мавҷуд будани нархҳои ниҳоии расман муқарраргардида, ба арзиши хизмат ворид намудани арзиши корҳои воқеан иҷронашуда ё корҳои ба таври пурра амалинашуда, ки бо назардошти арзиши ин хизматрасониҳо пешбинӣ шудаанд, инчунин барои истифода бурдани ашёи хоми нисбатан арзон ва дигар тағйироти технологӣ, ки боиси бе ризоияти истеъмолкунандагон (харидорон) арзон шудани маҳсулот ва афзоиши нархи маҳсулоте, ки бинобар норасоиҳои конструктивӣ ва техникии онҳо гардида, хусусиятҳои истеъмолии зимни мувофиқасозии дараҷаи ин хусусиятҳо қабулгардида (дар сурати мавҷуд будани хулосаи мақомоти стандартизатсия) ба даст наомадааст, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз понздаҳ то бист, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз ду то се

ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 558. Риоя накардани нарху тарифҳои муқаррарнамудаи мақомоти танзимкунандаи фаъолияти монополияҳои табиӣ

1. Барои риоя накардани нархҳо ва тарифҳои аз ҷониби мақомоти танзимкунандаи фаъолияти монополияҳои табиӣ муқарраршуда, –

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз шаст то сад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз ду ҳазор то се ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои ба мақомоти танзимкунандаи фаъолияти монополияҳои табиӣ пешниҳод накардани огоҳинома, ки қонунгузорӣ дар бораи монополияҳои табиӣ ҳангоми амалӣ намудани назорати давлатӣ пешбинӣ намудааст, –

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз панҷоҳ то сад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз чор ҳазор то панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

УК РТ. Моддаи 273. Кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат

1) Кирдори инҳисорӣ (монополистӣ), ки бо роҳи муқаррар намудани нархҳои баланди инҳисорӣ ё нархҳои пасти инҳисорӣ содир шудаанд, ҳамчунин маҳдуд кардани рақобат бо роҳи тақсим кардани бозор, маҳдуд кардани дохилшавӣ ба бозор, аз он танг карда баровардани дигар субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ, муқаррар намудан ё нигоҳ доштани нархи ягона,–

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад,–

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар:

а) бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;

б) бо несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр ё таҳдиди несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр бидуни нишонаҳои тамаъҷӯӣ;

в) бо сӯиистифодаи мақоми хизматӣ;

г) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад,–

бо ҷарима ба андозаи аз нӯҳсаду дувоздаҳ то як ҳазору ҳаштсаду бисту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳ сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он ва бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

БОБИ XV. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ ФАЪОЛИЯТИ БИРЖАВӢ

15.1. Моҳият, принсип ва вазифаҳоии биржаҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ

15.2. Биржа ҳамчун шакли ташкилии фаъолияти миёнравӣ: сохтор, мақомотҳои идоракунӣ ва баррасии баҳсҳо

15.3. Вазъи ҳуқуқии брокерҳо, дилерҳо ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои биржавӣ

15.4. Мафҳум ва вазифаҳои аҳдҳои биржавӣ

15.5. Намудҳои аҳдҳои биржавӣ

15.6. Вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни аҳдҳои биржавӣ

15.7. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои риоя накардани муқаррароти қонунгузорӣ ҳангоми фурӯши биржавӣ

15.1. Моҳият, принсип ва вазифаҳоии биржаҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ

Биржа (нидерл. beurs, нем. Börse, фр. bourse, итал. bórsa, исп. bolsa, англ. exchange) – шахси ҳуқуқиест, ки амалкунии доимии бозори биржаи мол, асъор, қоғазҳои қимматнок ва олотҳои молиявии ҳосилшударо таъмин менамояд. Савдо бо қарордодҳои стандартӣ ё қисмҳо гузаронда мешавад, ки ҳаҷми онро ҳуҷҷатҳои меъёрии биржа муқаррар мекунад. Пештар биржаро ҷой ё биное мегуфтанд, ки дар он ҷо дар вақти муайян одамони савдокунанда ва миёнаравҳо, маклерҳои биржавӣ барои бастани аҳдҳо бо қоғази қимматнок ё мол ҷамъ меомаданд. То даврaҳои ҷорӣ намудани компютер тарафҳо оид ба аҳд шифоҳӣ гуфтушунид мекарданд. Имрӯз савдо бисёртар дар намуди электронӣ бо истифодаи программаҳои махсус гардонидашуда мегузарад. Брокерҳо ба манфиати худ ё муштарӣ ба низоми савдо доид ба харид ё фурӯши қоғазҳои қимматнок (асъор, мол) дархост пешниҳод мекунад. Ин дархостҳо бо дархостҳои ҷавобии савдогарони дигар таъмин карда мешавад. Биржа бақайдгирии аҳдҳои амалишударо ба амал мебарорад, ҳисоббаробаркуниро (клиринг) амалӣ менамояд, ташкил менамояд ва кафолат медиҳад, таъсири мутақобилаи механизми «молсупорӣ бар муқобили пардохт»-ро таъмин менамояд. Одатан биржа аз ҳар як аҳде, к ибо ёрии он баста шудааст, боҷи комиссиявӣ мегирад ва он сарчашмаи асосии он ба шумор меравад. Сарчашмаи дигари он метавонад пардохти аъзогӣ, пардохт барои дастрасӣ ба савдо, фурӯши иттилоотӣ биржавӣ бошад. Вазифаи биржа инҳо мебошанд: додани ҷой барои гузарондани савдо (ҷои вохӯрии фурӯшанда ва харидор); ташкили савдои биржавӣ; муқаррар намудани қоидаи савдо, аз

он ҷумла стандарҳо ба моле, ки ба воситаи биржа фурӯхта мешавад; коркарди қарордодҳои намунавӣ; нархгузорӣ; танзими баҳсҳо; маълумоти иттилоотӣ; таъмин намудани кафолат барои иштирокчиёни савдо барои иҷро намудани уҳдадориҳо. Вобаста аз активҳои савдошавандаи биржа ба инҳо ҷудо мешаванд: молӣ; фондӣ; асъорӣ; фючерсӣ;опсионӣ.

Принсипҳои савдои биржавӣ асос барои гирифтани фоида мебошад. Принсипҳои асосии биржа инҳо мебошад: Дар бораи савдо фикр кун, ин яке аз қоидаҳои муҳими тамоми савдо мебошад, шумо бояд дар бораи он фикр кунед, ки нарх ба куҷо меравад ва чигуна тағйир меёбад,на дар бораи он, ки чиқадар фоида ба даст меоред. Кӯшиш намоед, ки якчанд бандҳоро бурд намоед, фоидаи ба дастомадаро ҳама вақт метавонед ҳисоб кунед. 2. Ҳама алоқаманданд- ҳама тағйиротҳо дар бозор баамал омада, бо воқеаҳои содиршуда алоқаи дақиқ дорад, ин метавонад истихроҷи нафт, тӯфони сахт ё эмиссияи пул бошад. Моҳиятан, ин принсипи асосии савдои биржавӣ мебошад, алалхусус дар асоси он ҳама кори трейдер ба роҳ монда мешавад. Шумо бояд аввал маълум кунед, пас ҳодисаро, ки ба нархи дар савдои шумо истифодашаванда таъсир мерасонад мушоҳида кунед. Мисоли ин гуна алоқамандиҳо вобастагии қурби доллар аз нархи нафт ё паст рафтани қурби европас аз хабар додан оид ба бӯҳрон. Инчунин қурби асъор, арзиши саҳмия ва нархҳо ба маҳсулот низ байни худ алоқаманд. Одатан тағйирёбии нарх ҳама гурӯҳи молро, на танҳо қисмҳои алоҳидаи онро дар бар мегирад. 3. Амали қонунҳои бозоргонӣ – дар ҳама биржаҳо қонунҳои биржа амал мекунад, ки ба талабот ва пешниҳод асос меёбад. Зиёдшавии пешниҳод ҳама вақт нархро паст мекунад, зиёдшавии талабот бошад баръакс арзиши активро баланд мекунад, агар ин ду нишондиҳанда баробар бошанд, нарх бетағйир мемонад. Биржа ин ҳам ҳамон бозор аст, барои ҳамин ба он ҳама падидаҳои бозор-ҳангома, воҳима, кӯшиши таъсир расондан ба нарх хос аст. 4.Принсипикам кардани зарар – дар щар корхона фонди захиравь вуыуд дорад, бисёр соҳибкорони пешбин активҳои худро суғурта мекунад. Барои ҳамин дар биржа савдо карда, шумо бояд аз пурра аз даст додани ҳама маблағи сармоя худро нигоҳ доред. Инро бо якчанд тарз иҷро намудан мумкин аст: маҳдуд намудани ҳаҷми зарар бо ёрии пояи нигоҳдоранда, ҳиссагузориро миёни активҳои гуногун тафриқа кардан, ҳама маблағро ба трейдинг нагузоштан. Принсипиҳмазкур ба худ асоси идоракунии сармояро дарҷ мекунад ва имконият медиҳад, ки воситаҳои худра аз ҳар як

ногаҳониҳо суғурта кунем. Агар шумо принсипҳои мазкури савдои биржавиро дар ҷараёни кори худ азхуд кунед, пас ин ба шумо имконият медиҳад, ки аз муфлисшавӣ эмин боше два низоми фоидаовари трединги худро таъсис диҳед.

Вазифаҳои асосии биржа инҳо мебошанд: ба инкишофи бозори ташкилнамудаи молҳо мусоидат кардан; баланд бардоштани самаранокии содироти молҳои истеҳсолкунандагони тоҷик ва таъмини устувори онҳо боа шёи хом; сода кардани расмиятҳои ҷустуҷӯи харидорон ва фурӯшандагони мол; таъсиси механизми савдо, ки дорои низоми шаффофи бастани аҳдҳои биржавӣ бо қоидаҳои муқарраршуда мебошад.

Дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқҳшиносии ДМТ ҳамчун курси махсус дар асоси нақшаи таълимӣ ва асарҳои олимони ватанӣ дарс дода мешавад (масалан, Ҳуқуқи биржавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ. Душанбе: «Эр-граф», 2012. 140с. Дар зери муаллифии Ф.М. Нодиров Ф.М. ва Боев М.Ф.).

15.2. Биржа ҳамчун шакли ташкилии фаъолияти миёнравӣ: сохтор, мақомотҳои идоракунӣ ва баррасии баҳсҳо

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи биржаи молӣ ва савдои биржавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 декабри соли 1991, №452 Биржа дорои ҳуқуқи шахси юридикӣ буда, амволи махсус дорад, вай метавонад дар муассисаҳои бонк ҳисоби ҷорӣ, асъорӣ ва ғайра муҳр бо сабти номаш дошта бошад. Биржа дар асоси иттиҳоди ихтиёрии шахсони юридикию алоҳидаи ҳавасманди шӯравӣ ва хориҷӣ (минбаъд шахсони ҳавасманд), ки аз тарафи қонунҳои ҷорӣ манъ карда нашудааст, ба вуҷуд меояд. Биржа дар асоси принципҳои ҷамъиятҳои саҳмдорон таъсис мегардад, ки одатан ба даст овардани фоидаро мақсади худ қарор намедиҳад. Асоси бастани аҳднома дар Биржа моли нақд (реалӣ) ва муоҳида (шартнома) барои молрасонии минбаъда, ки аз рӯи нархҳои озод фурӯхта мешаванд, ба ҳисоб меравад. Дар биржа танҳо маркаҳои (навъҳои) ба қайд гирифташудаи молҳо фурӯхта мешаванд. Тартиби дар сексияҳои гуногуни Биржа ба муомилот қабул кардани молро қоидаҳои Биржа муайян мекунанд. Биржа ҳамчун ташкилоти пӯшида фаъолият мекунад. Амалиёти биржавиро дар Биржа танҳо аъзоёни Биржа шахсан ё ба воситаи намояндагони ваколатдори худ ва брокерҳои биржавӣ мувофиқи супориши аъзоёни Биржа иҷро карда метавонанд. Ҳар гуна шахсони дигари ҳавасманд амалиётро дар Биржа танҳо ба воситаи миёнаравии

аъзоёни Биржа иҷро менамоянд. Муносибатҳои байниҳамдигарии Биржа ва ташкилотҳои дигар дар асоси шартномаҳо сурат мегирад. Биржаи молӣ, ки минбаъд Биржа номида мешавад, бозори доимоамалкунандаи молҳои оммавиест, ки мувофиқи стандарту намунаҳо фурӯхта мешаванд ва ташкилоти тиҷоратиест, ки дар асоси мустақилияти хоҷагӣ амал мекунад. Биржаи молӣ, ки минбаъд Биржа номида мешавад, бозори доимоамалкунандаи молҳои оммавиест, ки мувофиқи стандарту намунаҳо фурӯхта мешаванд ва ташкилоти тиҷоратиест, ки дар асоси мустақилияти хоҷагӣ амал мекунад. Биржаи молӣ бо мақсади расонидани ёрии миёнаравӣ барои бастани аҳдномаҳои хариду фурӯш, ба низом овардани савдои мол, танзими амалиёти тиҷоратӣ ва ҳалли баҳсҳои тиҷоратӣ, ҷамъ овардан ва нашр намудани маълумот оиди нархҳо, вазъи саноат, савдо, нақлиёт ва дигар омилҳое, ки ба динамикаи нарх таъсир мерасонанд, бунёд мегардад. Биржа мувофиқи қарори маҷлиси муассисон ташкил карда мешавад. Тамоми шахсони ҳавасманд, ки ба онҳо ин корро қонунҳои ҷорӣ манъ намекунад, метавонанд муассисони Биржа шаванд. Биржа ҳамчун иттиҳоди ихтиёрии шахсони ҳавасманд, ки минбаъд муассисон ном бурда мешаванд, таъсис мегардад. Иттиҳодия дар асоси додани ҳақуссаҳм ё иштирок дар фаъолияти Биржа сурат мегирад. Ҳаҷм ва характери ҳақуссаҳмро маҷлиси муассисон муайян мекунад. Дар ҳолати баромадан аз ҳайати муассисон ҳаққи саҳмдорӣ бо назардошти арзиши он ҳангоми баромадан баргардонда мешавад. Тақсимоти ваколату ҳуқуқҳои муассисон ва аъзоёни Биржаро Оинномаи он муайян мекунад. Мувофиқи ҳақуссаҳми супурдашуда дивидендҳо дода мешаванд. Тартиб ва ҳаҷми додани дивидендро маҷлиси умумии аъзоёни Биржа муайян мекунад. Таъсиси Биржа бо роҳи ба имзо расидани ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, ки тартибу принципҳои бунёди Биржа, ҳайати муассисон, ҳаҷму мӯҳлати додани ҳаққи аъзогиро муайян мекунанд, амалӣ мегардад. Муассисон маҷлиси аввалини шахсони ҳавасмандеро, ки рағбати ба Биржа аъзошавиро зохир кардаанд, тайёр мекунанд ва мегузаронанд. Маҷлиси аввалини аъзоёни Биржа якҷоя бо муассисон салоҳияти муассисон ва аъзоёни Биржаро тақсим намуда, Оинномаи Биржаро тасдиқ мекунад, мақомоти иҷроияи Биржаро интихоб ва шумораю тартиби аъзогиро ба Биржа муайян менамояд. Биржа аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ шахси ҳуқуқии таъсисёфта ба ҳисоб меравад. Биржа мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони

инфиродӣ» ба қайди давлатӣ гирифта мешавад. Маълумот дар бораи филиалҳо ва намояндагиҳои Биржа, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд, бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» бояд дар Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дарҷ крада шавад. Биржа барои ҳалли масъалаҳое, ки дар наздаш истодаанд, ҳуқуқҳои зайлро дорад: а) дар асоси қонуни мазкур тартибу қойдаи фаъолияти Биржаро нашр мекунад, ҷузъҳои Биржаро ташкил менамояд ва вазифаи коркунони Биржаро бо муайян намудани салоҳияту ваколаташон тасдиқ мекунад; б) ҷамъомадҳои биржавиро бо ваколатҳое, ки дар қоидаҳои савдои биржавӣ муайян шудаанд, ташкил мекунад ва мегузаронад; в) бо назардошти стандартҳои давлатӣ стандартҳои биржавӣ ва муоҳидаҳои биржавии типии худро таҳия мекунад; г) амалиётҳои биржавиро мегузаронад, аҳдномаҳои биржавиро танзим менамояд ва оид ба баҳсҳои биржавӣ қарор қабул мекунад; д) дар сурате, ки нархҳои аҳдномаҳои биржавӣ дар давоми рӯз аз меъёри муайянкардаи Биржа ё мақомоти дахлдори савдо дар бозорҳои ташкилшудаи молҳо паст ё баланд гарданд, муваққатан савдои биржавиро бозмедорад; е) барои аъзоёни Биржа ҳаққи аъзогӣ ва дохилшавӣ, инчунин дигар боҷҳои зарурии пулиро муқаррар мекунад, барои хизматҳое, ки Биржа расондааст, ҳақ мегирад; ж) барои вайрон кардани Оинномаи Биржа ва қоидаҳои савдои биржавӣ ҷарима меситонад; з) ба тамоми ташкилотҳои давлатию ҳуқуматӣ оид ба масъалаҳое, ки ба фаъолияти Биржа дахл доранд, таклиф пешниҳод мекунад; и) дар Биржаҳои дигаре, ки дар ҳудуди мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои соҳибихтиёр ва берун аз марзи он амал мекунанд, намояндаи худро дошта метавонанд; к) бюллетени биржавӣ, маълумотнома ва дигар нашрияҳои ахборию рекламавиро мустақилона нашр мекунад.

Идоракунии биржа ва таркиби он. . Мақомоти олии Биржа маҷлиси умумии аъзоёни Биржа мебошад. Мақомоти иҷроияи Биржа кумитаи Биржа (Шӯрои директорон) ва мақомоти назораткунандаи Биржа Комиссияи назорат мебошад. Онҳоро маҷлиси умумии аъзоёни Биржа интихоб мекунад. Салоҳияту ваколати онҳоро Оинномаи Биржа муайян менамояд. Агар ҳаҷми солонаи амалиёти биржа, ки дар Биржа гузаронида мешаванд, аз рақами муқарраршуда зиёд шавад, он гоҳ шумораи муайяни аъзоёни кумитаи Биржа (Шӯрои директорон)-ро Кумитаи оид ба

савдо дар бозорҳои муташаккили мол таъмин мекунад. Тамоми қарорҳои маҷлиси умумии аъзоёни Биржа ва Кумитаи Биржа (Шӯрои директорон) оид ба масъалаҳои ташкили дохилии он тасдиқ намегарданд ва агар бар хилофи қонун набошанд, тағйир дода ва бекор карда намешаванд. Барои идоракунин Биржа ва таъмини амали он дар Биржа ва назди он кумитаи Биржа (Шӯрои директорон) метавонад подразделнияҳои махсусро таъсис намояд: Палатаи ҳисобӣ. Барои ба амал баровардани ҳисобу китоб аз рӯ аҳдномаҳое, ки дар Биржа баста шудаанд ва назорат кардан аз болои иҷрошавии муоҳидаҳо таъсис меёбад. Ҳакамияти Биржа. Барои ҳалли фаврии баҳсҳое, ки дар Биржа ба вуҷуд меоянд ва машварати ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои савдои биржавӣ таъсис меёбад. Кумитаи бақайдгирӣ. Барои мушоҳида аз болои савдои биржавӣ, бақайдгирию тартиб додани аҳдномаҳо дар Биржа таъсис меёбад. Кумитаи нархгузорӣ. Барои ҷамъ кардани ахбор дар бораи ҷараёни нарх аз рӯи аҳдномаи дар Биржа басташуда, нархмонӣ, тайёр ва нашр намудани бюллетени биржавӣ таъсис меёбад. Кумитаи оид ба стандарту сифат. Барои таҳияву назорат аз болои стандартҳои биржавӣ, экспертизаи сифати молҳое, ки дар Биржа арзиш доранд, ҳалли масъалаҳои ҳам ба муомилоти Биржа қабул кардани молҳо таъсис меёбад. Кумитаи оид ба қоидаҳои савдои биржавӣ. Барои таҳия ва тағйири қоидаҳои савдои биржавӣ ва муоҳидаҳои типпӣ, назорат аз болои иҷроиши онҳо таъсис меёбад. Гурӯҳи брокерҳои расмӣ - ходимони Биржа. Барои миёнарави ҳангоми бастани аҳдномаҳои байни аъзоёни Биржа, тайёр кардани бақайдгирию тартиб додани онҳо (дар ҳайати маҳдуди брокерҳо - аъзоёни Биржа) таъсис меёбад. Дар Биржа подразделенияҳои дигар ва умури хизматрасоние, ки барои фъзолитяти Биржа зарур аст, метавонанд таъсис ёбанд. Подразделенияҳои Биржа дар асоси Низомномае, ки маҷлиси умумии аъзоёни Биржа тасдиқ кардааст, амал мекунанд. Дар Биржа метавонанд сексияҳои зерин ташкил шаванд ва амал кунанд: оид ба савдои молҳои нақд (воқеӣ); оид ба савдои молҳои минбаъда ё шартномаҳои додугирифт; оид ба савдо мувофиқи муоҳидаҳои типӣ; оид ба амалиёти бартерӣ дар бозори байни ҷумҳуриявӣ; оид ба фурӯши музоидавии молҳо (муоҳидаҳо); оид ба савдои коғазҳои қимматнок. Сексияҳои оид ба фурӯши коғазҳои қимматнок (шуъбаҳои фондӣ) ба тартибе, ки барои таъсиси биржаҳои фондӣ муқаррар шудааст, ташкил меёбанд. Тартиби иҷозат доданро барои гузаронидани амалиёти биржавӣ дар сексияҳои мухталиф Қонуни мазкур, Оинномаи Биржа ва

қоидаҳои он муайян мекунанд. Барои бастану бақайдгирии аҳдномаҳои оид ба гурӯҳҳои гуногуни молҳо ва навъи мол дар Биржа марказу фурӯшгоҳҳои ҷудогонаи дорои ҳайати махсуси хизматрасони ташкил шуда метавонанд.

Тартиби ҳалли баҳсҳо. Баҳсҳои дорои хусусияти техникӣ, ки онҳоро қоидаҳои Биржа пешбинӣ намудаанд, тавассути Ҳакамияти Биржа ҳал мешаванд. Он барои ҳалли масъалаҳои мазкур коллегияи ҳакамӣ (суди ҳакамӣ)-ро ташкил мекунад. Тартиби мурочиат ба Ҳакамияти Биржа, мунтазамии ҳалли баҳсҳои биржавиро қоидаҳои Биржа ва Низомнома «Дар бораи Ҳакамияти Биржа ва тартиби ҳалли баҳсҳои биржавӣ», ки маҷлиси умумии аъзоёни Биржа тасдиқ намудааст, муайян мекунанд. Иҷрои қарорҳои Ҳакамияти Биржа барои тамоми аъзоёни Биржа ҳатмист. Аъзоённ Биржа аз ҳалли баҳсҳо дар Ҳакамияти Биржа саркаши карда наметавонанд.

15.3. Вазъи ҳуқуқии брокерҳо, дилерҳо ва дигаришторокчиёни муносибатҳо

Миёнаравҳои биржавӣ – шахсест, ки амалинамоии аҳдҳои биржавиро омода месозад, дар ҶТ бошад, инчунин ин аҳдҳоро амалинамудаистода ҳам, одатан ба сифати брокерҳо ва дилерҳо баромад мекунад. Миёнаравҳои биржавӣ дар биржаҳои молӣ фирмаҳои брокерӣ, идораҳои брокерӣ ва брокерҳои мустақил мебошанд. Фирмаҳои брокерӣ шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки ба фаъолияти брокерии касбӣ машғул мебошад, идораи брокерӣ филиал ё сохтори ба он алоқаманд мебошад, ки тавозун ва ҳисоби ҳисоббаробаркунӣ дорад, брокери мустақил шахси воқеиест, ки ба таври муқаррашуда ба сифати соҳибкор бақайд гирифташудааст ва фаъолияти худро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба амал мебарорад. Миёнаравҳои биржавӣ дар биржаҳои молӣ аҳдҳо мебанданд: а) Аз номи муштари ва аз ҳисоби ӯ; б) аз номи муштарӣ ва аз ҳисоби худ; в) аз номи худ ва аз ҳисоби муштарӣ (фаъолияти брокерӣ); г) аз номи худ ва аз ҳисоби худ ба мақсади дар оянда бозфурӯшӣ намудан дар биржа (фаъолияти дилерӣ). Дар биржаи молӣ ба фаъолияти брокерию дилерӣ машғул шудан танҳо Миёнаравҳои биржавӣ ҳуқуқ доранд, гилдаҳои брокерӣ таъсис диҳанд, ки метавонад дар ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо бо тартиб ва шартҳои муқаррар намудаи қонунгузорӣ барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (ташкилотҳо) муттаҳид шаванд. Миёнаравҳои биржавӣ эътироф намудани шахс ӯро уҳдадор мекунад, ки: а) баҳисобгирии аҳдҳои биржавиро бо ҳар як муштарӣ

ба амал барорад; б) маълумотҳоро дар ин бора дар давоми 5 сол аз рӯзи бастани онҳо нигоҳ дорад; в)маълумотҳои нишондодашударо бо талаби Комиссия пешниҳод кунад. Муносибатҳои миёни Миёнаравҳои биржавӣ ва муштариёни онҳо дар асоси шартномаи мазкур муайян карда мешавад. Биржа дар доираи ваколатҳои худ меавонад: муносибатҳои мутақобилаи Миёнаравҳои биржавӣ ва муштариёни онро муқаррар кунад; бо тартиби муқарраршуда нисбати Миёнаравҳои биржавӣ, ки қоидаҳои муносибатҳои мутақобилаи Миёнаравҳои биржавӣ ва муштариёни онро вайрон намудааст санксияҳо татбиқ намояд; Бо ёрии мақомотҳои махсус (ҳауамияти биржа) баҳсҳои миёни Миёнаравҳои биржавӣ ва муштариёни онҳо ба вуҷуд омадаро ҳал намояд. Миёнаравҳои биржавӣ ҳуқуқ доранд аз муштариён пардохти кафолатиро ба суратҳисоби худ, ки дар ташкилотҳои ҳисоббаробаркунӣ кушодаанд, инчунин додани ҳуқуқ ба ихтиёрдорӣ аз номи Миёнаравҳои биржавӣ мувофиқи супориши ба ӯ додашуда талаб намоянд.

Брокер(broker) –ин агент- миёнарави ба қайд гирифташуда (шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ) ҳангоми бастани шартнома миёни харидор ва фурӯшандаи мол, қоғазҳои қимматнок, асъор ва дигар арзишҳо, аз ҷумла дар биржаҳои молӣ ва фондӣ, бозори асъор мебошад. Брокер чун қоида аҳдро бо супориш ва аз ҳисоби муштарӣ мебандад, инчунин нисбати ба молҳои ба фурӯш бароварда шуда дорои ҳуқуқи моликият мебошад, қарордоди ӯ бо харидорон хислати муваққатӣ дорад. Брокер барои миёнаравӣ миёни фурӯшанда ва харидор дар намуди фоиз аз арзиши аҳд подош мегирад, ки ҳаҷми онро ё бо созишномаи тарафҳо ё мувофиқиҳаҷми муқаррарнамудаи биржа муайян мекунанд. Брокерамалҳои зеринро иҷро мекунад: бижавӣ- аз он ҷумла асъорӣ, бо мол, қоғазҳои қимматнок, асъори хориҷӣ дар биржаҳо аҳд мебандад; суғуртавӣ- миёни муштарӣ ва ширкати суғуртакунанда миёнаравӣ мекунад; судӣ- ба сифати миёнарав ҳангоми бастани шартнома оид ба суғуртавии судҳо. Бартарияти асосии Брокер ин имкон доштани таъмини махфият мебошад, зеро ҳангоми бурдани гуфтушунид брокер мумкин аст номи муштарии худро ошкор накунад.Аз ин лиҳоз барои нигоҳ доштани махфияти амалиёт ба хизмати Брокер бисёр муроҷиат мекунанд.Ба мақсади самараноктар намудани кори брокер ва васеъ намудани хизматрасонии брокерӣ идораҳо, ширкатҳои брокерӣ ва филиали онҳо таъсис дода мешавад, ки асосан ба воситаи онҳо аҳдҳои миёнаравӣ баста мешавад. Ширкати брокерӣ амалиётҳои

миёнаравиро дар бозорҳои аввала ва навбатии қоғазҳои қимматнок (биржавӣ ё «кӯчагӣ») ба амал мебарорад. Брокери инфиродӣ одатан дар биржаи фондӣ амал мекунад. Ширкатҳои бузурги брокери метавонандба харидорон қарз диҳанд ё ҳангоми бастани аҳд кафил бошанд.

Дилер - (аз кал англ. dealer - тоҷир, агент) - 1) шахси и нфиродӣ ё ширкат, аъзои биржаи фондӣ мебошанд, ки амалиётҳои биржавиро на ба сифати миёнарави оддӣ, балки аз ном ва аз ҳисоби худ амал мекунад, яъне маблағи худро мегузорад, мустақилона хариду фурӯши қоғазҳои қимматнок, асъор, сангҳои қимматбаҳоро ба амал мебарорад. 2) иштирокчии тиҷорат, шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад, ки маҳсулотро яклухт харидорӣ намуда бо чакана мефурӯшад. Одатан инҳо агентҳои ширкат- истеҳсолкунандаи маҳсулот мебошанд, ки ба сифати иштирокчии шабакаи дилерии он баромад мекунад.

Маклер- ин: 1. Шахсе мебошад, ки ба миёнравӣ дар соҳаи хариду фурӯши амволи ғайриманқул, қоғази қимматнок, суғуртакунӣ машғул мебошад; 2. Миёнравӣ биржавӣ мебошад, ки қарордодҳоро аз ном ва аз ҳисоби худ мехарад ва мефурӯшад.

Консигнатсия (аз кал. лот. consuignatio - имзо, тасдиққунии хаттӣ) –шакли комиссионии фурӯши мол мебошад. Мувофиқи шартномаи консигнатсия фурӯшанда (консигнант) молро ба анбори миёнарави савдоӣ мегузорад, миёнарав бошад уҳдадор мешавад, ки молро аз номи худ ва аз ҳисоби консигнант дар муҳлати муайян фурӯшад. Дар ин маврид ҳуқуқи моликият нисбати моли ба анбори миёнарав воридшуда то вақти фурӯхтани мол дар фурӯшанда боқӣ мемонад. Шартномаи консигнатсия одатан барои фурӯши моли серталабот истифода мешавад. Маҳсулоти дар муҳлат ба фурӯш нарафта ба консигнант баргардонда мешавад, агар дар шартнгомаи консигнатсия

шарти бебозгашт будани қисм ё ҳамаи мол пешбиннагардида бошад. Ҳисоббаробаркунии тарафҳо вобаста ба ҳаҷми фурӯш ба амал бароварда мешавад. Мафҳуми шартномаи Консигнатсия дар қонунгузории граждани вуҷуд надорад, лекин он дар молрасонии содиротию воридотии мол васеъ истифода мешавад.

Риелтор (аз кал. англ. realtor; ширкати риелторӣ(агентии ғайриманқул) ё риелтори инфиродӣ- соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳангоми бастани аҳдҳои хариду фурӯш, иҷораи амволи ғайриманқул бо роҳи иттилоотонии шарикон оид ба аҳд ва гирифтани ҳаққи комиссионӣ ба миёнравӣ машғул мешавад.

Реселлер — ин одаме мебошад, ки аз фурӯши мол ва хизмат пул кор мекунад, ки муаллифи ин молу хизмат намебошад. Ин поймолкунии ҳуқуқи муаллифии шахси дигар ҳисобида намешавад. Реселлер танҳо ҳуқуқи фурӯхтани моли бегонаро мехарад ва онро бон архи гаронтар мефурӯшад.

Дистрибютор — (аз кал. англ. distribution — тақсимкунӣ) — ширкат, соҳибкоре мебошад, ки хариду фурӯши яклухти намудҳои муайяни молро дар бозорҳои минтақавӣ ба амал мебарорад. Одатан дистрибюторҳоҳуқуқи афзалиятнок ва имконияти хари два фурӯши таҷҳизот, навовариҳои техникиро доранд. Ширкат метавонад дистрибютори хусусӣ оид ба фурӯши маҳсулоти худдар хориҷа, ки дар он ҷо дар асоси шартномаи басташуда намояндаи ягона (дистрибютори генералӣ) мебошад дошта бошад. Дистрибютор ба харидорону фурӯшандагон хизмати маркнтингии миёнаравӣ, инчунин хизматҳо оид ба насбкунӣ ва ҷобаҷогузории таҷҳизот, омӯзондани истифодаи онҳоро мерасонад. Чунин хизматҳо дистрибюторӣ номида мешаванд.

Трейдер –шахси воқеӣ буда, корманди штатии иштирокчии савдо буда, аттестати тахассусӣ дорад, ки иштирокчиёни савдоро барои эълон намудани дархост ва бастани аҳд ба воситаи ташкилкунандаи савдо аз номи иштирокчиёни савдо ваколат медиҳад.

15.4. Мафҳум ва функсияи аҳдҳои биржавӣ

Аҳди биржавӣ – созишномаи мутақобила оид ба гузашт кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар муносибатҳои савдои биржавӣ, ки дар рафти савдои биржавӣ аз ҷониби иштирокчии савдо ба даст меояд, бо тартиби муқарраршуда дар биржа ба қайд гирифта мешавад ва даршартномаи биржа дарҷ мегардад. . Аҳдномаҳо дар ҳолате биржавӣ ҳисоб мешаванд, ки агар онҳо ба моли дар Биржаи мазкур ба муомилот роҳ додашуда байни аъзоёни Биржа ё намояндагони онҳо дар маҷлиси Биржа дар мӯҳлату тартиби муқарраркардаи ин қонун, Оинномаи Биржа ва қоидаҳои он баста шуда бошанд. Дар Биржа бастани аҳдномаҳое иҷозат дода мешаанд, ки тибқи Қонуни мазкур, Оиннома ва қоидаҳои Биржа сурат мегиранд. Бастани аҳдномаҳои биржавӣ ба шахсоне иҷозат дода мешавад, ки мувофиқи Оинномаи Биржа ба ин кор роҳ дода шудаанд. Аҳдномаҳои биржавӣ дар маҷлиси Биржа дар асоси қоидаҳои савдои биржавӣ ва Регламенти Биржа, ки онро кумитаи Биржа (Шӯрои директорон) таҳия намуда, маҷлиси умумии

аъзоёни он тасдиқ кардааст, баста мешаванд. Мазмуни аҳдномаи биржавӣ, ба истиснои номгӯи мол, миқдор, нарх, макону мӯҳлати иҷроиш ошкор карда намешавад. Ахбори мазкур фақат бо талаби мақомоти дахлдори савдо дар бозорҳои муташаккили мол, мақомоти тафтишотӣ ва қарори суд дода мешавад. Аҳднома аз лаҳзаи бақайдгирии он дар Биржа мувофиқи тартиби муқарраршуда басташуда ҳисоб меёбад. Тамоми баҳсҳое, ки оид ба аҳдномаҳои биржавӣ ба вуҷуд меоянд, барои ҳал кардан ба Ҳакамияти Биржа супурда мешаванд. Нуқтаи мазкур дар ҳолати зарурӣ ҳуқуқи ба суди иқтисодӣ ва ё суд мурочиат кардани тарафҳоро баъди он ки имкоияти Ҳакамияти Биржа дигар намонд, истисно намекунад. Агар аломатҳоро ба таври васеъ тафсир кунем, пас мумкин аст аломатҳои фарқкунандаи зерини аҳдҳои биржавиро номбар кунем: а) ҷои бастани аҳди биржавӣ биржа мебошад, ки функсияи ташкилкунандаи савдоро ба амал мебарорад; б) аҳдҳои биржавӣ метавонад танҳо дар давоми савдои биржавӣ баста шавад, яъне дар он вақте, ки биржа савдоро мегузаронад; в) аҳдҳои биржавӣ аз ҷониби иштирокчиёни савдои биржавӣ (дар биржаи фонди иштирокчии иҷозатномадор) баста мешавад; г) аҳдҳои биржавӣ хислати ғайринақди дорад, яъне фурӯшанда ва харидор муносибати бевосита намекунанд, бо ҳисоббаробаркунии клирингӣ ё маркази дар биржа амалкунанда сару кор доранд. д) номгӯи муайяни объектҳои савдои биржавӣ (асъор, ашёҳо, қоғазҳои қимматбаҳо, ҳуқуқи молумулкӣ ва ғ.)дар биржа ба муомилот гузошта шудааст, бо хислатҳои сифатию шуморави стандартонӣ шудаанд; е) аҳдҳои биржавӣ дар шакли оддии хаттӣ бо роҳи мубодилаи ҳуҷҷатҳо, чи ҳуҷҷатӣ ва чи электронӣ баста мешавад; протоколи аҳди тартиб додаи биржа , унсури зарурии шакли аҳдҳои биржавӣ мебошад; ж) аҳдҳои биржавӣ танҳо пас аз дар биржа бақайд гирифтан ба қувваи қонунӣ медарояд; з) муҳлат, макон, тартиб ва тарзи иҷрои аҳдҳо стандартӣ мебошад; и) иҷроиши аҳдҳои биржавӣ берун аз биржа ба воситаи сохтори ваколатдоркардаи биржа (ташкилоти қарзӣ, депозитари) дар асоси феҳристи аҳдҳо ба амал бароварда мешавад; к) иҷрои дахлдори аҳдро биржа кафолат медиҳад; л)баҳсҳои дар байни иштирокчиён ва биржа, ки дар ҷараёни савдои биржавӣ баамал омадаанд, одатан коммисияи арбитражи биржа ё судҳои ҳакамӣ баррасӣ мекунанд. Амалиётҳои биржавӣ созишномае эътироф мешавад, ки ба шартҳои зерин ҷавобгӯ аст: а) агар он хариду фурӯш,маҳсулотсупорӣ ва мубодилаи мол,ки ба муомилоти савдои биржавӣ роҳ дода шудааст ифода кунанд; б) агар

иштирокчиёни он аъзои биржа бошанд; в) агар он дар муҳлати рӯзи ояндаи амалинамоии аҳд ба биржа барои бақайдгирӣ пешниҳод шуда бошад. Аҳди дар биржа бақайдгирифташуда дар нотариат тасдиқ карда мешавад.

15.5. Намудҳои аҳдҳои биржавӣ

Аҳди биржавӣ – созишномаи мутақобила оид ба гузашт кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар муносибатҳои савдои биржавӣ, ки дар рафти савдои биржавӣ аз ҷониби иштирокчии савдо ба даст меояд, бо тартиби муқарраршуда дар биржа ба қайд гирифта мешавад ва даршартномаи биржа дарҷ мегардад. 1. Бо тарзи бастан: а) тасдиқшуда – розигии иловагиро талаб намекунад. Доираи он инҳоро дар бар мегирад: бастан, клиринг ва ҳисоббаробаркунӣ, иҷрокунӣ. Ин аҳдҳо дар шакли хаттӣ ва электронӣ баста мешавад. б) тасдиқнашуда – шифоҳӣ ё бо телефон, ки розигии иловагиро оид ба шартҳо талаб мекунад. 2. Бо иштироки миёнаравҳои биржавӣ: а)бастани аҳдҳо бе иштироки миёнаравҳо бевосита миёни фурӯшанда ва харидор. Ин дар вақти бастани аҳд миёни дилер ва дар савдои телефонӣ метавонад ҷой дошта бошад; б) аҳдҳо ба воситаи миёнаравҳо, пеш аз ҳама бо воситаи брокерҳо — брокер ба фурӯшанда харидор пайдо мекунад ва баръакс (бозори ғайрибиржавӣ). Дар биржа бошад фурӯшанда ва харидор брокерҳои худро, ки манфиати онҳоро намояндагӣ мекнад, доранд. Фурӯшанда ва харидор метавонанд ба воситаи дилер амал кунанд, аммо А на бирже у продавца и покупателя есть свои брокеры, которые пмуносибати бевосита гум мешавад. Бисёртар дар биржа алоқаи брокер ва дилер миёнаравии дукарата хос аст. Брокерҳо аз муштариёни худ фармоиш ба фурӯш ва харид қабул мекунад, аммо на байни худ балки бо дилерон мукотиба мекунанд. Дилер аз фурӯшанда молро гирифта ба харидор мефиристад, пулро аз харидор гирифта ба фурӯшанда медиҳад. 3.Дар вобастагӣ аз вазъи муштарӣ: а) яклухт — бо супориш ва манфиатҳои институтсионалӣ амалӣ мешавад.

Инҷо маҳдудиятҳо барои чунин манфиатҳо ба назар гирифта мешавад, масалан фондҳои ғайрибуҷетӣ метавонанд танҳо бо қоғазҳои қимматноки давлатӣ аҳд банданд; б) чакана – барои шахсони воқеӣ, яъне сармоягузорони инфиродӣ. Намудҳои аҳдҳои биржаи фондӣ: 1. Кассавӣ – фавран иҷро карда мешавад ё пас аз се рӯзи бастан (Т+3). 2. Муҳлатнок – фурӯшанда уҳдадор мешавад қоғазҳои қимматнокро дар муҳлати муқарраршуда супорад, харидор бошад, бо шартҳои аҳд қабул намуда пардохт

намояд. (Т+90) ; Дар Биржа аҳдномаҳо ба молҳои нақд (воқеӣ) ва ба мӯҳлатҳои муайян (аҳдномаҳои мӯҳлатнок ва фючерӣ) баста мешаванд. Аҳдномаҳо бо моли нақд: а) аҳдномаҳо бо моли нақд бо мақсади хариду фурӯши моли мушаххас баста мешаванд; б) аҳдномаҳо бо моли нақд метавонанд ба низоми зайл баста шаванд: дар асоси муоинаи пешакии мол; аз намуди зохирӣ; аз рӯи маълумотҳои фурӯшанда, миёнарав, экспертизаи биржавӣ; бе муоинаи пешакии мол; аз рӯи намунаҳо; аз рӯи стандартҳо; аз рӯи шарти сифати миёна ва ё минималии мол; шарти пешниҳоди мол мушаххас ҳангоми ворид шудани он ба муомилоти Биржа дар асоси Оинномаи Биржа муайян карда мешаванд; в) аҳдномаҳо бо моли нақд бо роҳҳои зайл баста мешаванд: ба моле, ки ҳангоми хариду фурӯш дар ҳудуди Биржа, иморатҳо (анборҳо)-и он воқеъ аст ё дар рӯзи хариду фурӯш то ба итмом расидани маҷлиси Биржа ба Биржа ворид мешаванд, дар сурате ки фурӯшанда дар бораи ин то оғози хариду фурӯш иброз намояд ва бо ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ кунад; ба моле, ки ҳангоми бастани аҳднома дар роҳ буда, инро мавҷудияти ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ мекунад; ба моли ҳамлу нақлшуда ва омодаи ҳамлу нақл; ба моли минбаъда ё шартномаи расонидани мол; аҳднома бо моли нақд вобаста ба рағбати мизоҷ бо иҷроиши минбаъдаи он баста мешавад: мувофиқи нархе, ки дар лаҳзаи бастани аҳднома ба қайд гирифта шудааст; мувофиқи нархи ахборӣ, ки дар лаҳзаи оғозу анҷоми Биржа ба қайд гирифта шудааст; аз рӯи нархи ахборӣ, ки дар Биржа пеш аз рӯзи (мархилаи) муайяншудаи Биржа нашр шудааст. Биржа ва рӯзи он қаблан дар шартнома қайд карда мешаванд ё дар доираи марҳилаи махвшавӣ мувофиқи хоҳиши харидор ё фурӯшанда вобаста ба шартҳои муоҳида интихоб мегарданд. Рӯзи (марҳилаи) Биржа муддатест, ки дар он муқаррар кардани нарх ва нашри бюллетени Биржа сурат мегирад. Дар ҳолати дар рӯзи таъиншуда набудани нархи ахбори ҳисобу китоб мувофиқи нархе сурат мегирад, ки пеш аз рӯзи барҳамхурӣ ва дар рӯзи нархмонӣ нашр шуда буд. Агар нархмонии моле, ки дар муоҳидаи Биржа сабт шуда, дар зиёда аз се рӯзи биржавӣ то рӯзи барҳамхурӣ ба қайд гирифта нашудааст, ҳисобу китоб мувофиқи созишномаи тарафҳо сурат мегирад ва агар ба чунин мақсад ноил нашаванд, ҳисобашонро мувофиқи нархи муқарраркардаи Ҳакамияти Биржа якҷоя бо Комиссияи нархмонӣ баробар мекунанд; д) ҳангоми муомилоти молу навъи молҳо дар Биржа, ки дар он нархашон муқаррар мегардад, аҳдномаҳо аз рӯи онҳо мувофиқи нархи ахборӣ дар асоси нархҳои ахбории молҳои асосӣ

ва гузашту изофа ба онҳо бо сабаби тағйири сифати миёнаи моли асосие, ки дар Биржа нархгузорӣ мегардад, баста мешаванд. Гузашту иловаро барои молҳои бозоргир Комиссияи оид ба сифат ва стандартҳои биржавӣ вобаста ба тавсифоти муқоисавии сифатии молҳо дар асоси стандартҳои давлатӣ ё стандартҳои Биржа таъин на муқаррар мекунад. Ба молҳое, ки ба Биржа аҳёнаи пешниҳод мешаванд, гузашту иловаҳо мувофиқи созишномаи тарафҳо таъин мегардад; е) нарх дар аҳдномаҳо барои моли нақд аз рӯи вазни холиси мол (нетто) ё вазни мол бо қуттияш (брутто) таъин мегардад; ж) вобаста ба тақсими хароҷоти нақлиёт аҳдномаҳо бо моли нақд бо нархи «франке» - шаҳри Биржа ё макони дигари доду гирифти мол амалӣ мегарданд. Муайян намудани нархҳо бо шарти «франке» чунин маъно дорад, ки ҳамлу нақли моли харидашуда то макони таъиншуда бояд аз ҳисоби фурӯшанда пардохта шавад. Шарти расондани мол дар муоҳидаҳои типии биржавӣ муайян карда мешаванд. Дар доираи мазкур нархҳои «сиф», «фоб» ва нархҳои дигаре, ки системам «Инкотермс» пешбинӣ намудааст, истифода мешаванд. з) ҳангоми бастани аҳднома ба моли оянда бо назардошти вақти молфиристонӣ ҳар як тараф ҳуқуқ дорад, ки аз вақти бастани аҳднома то вақти муайян кардани Биржа нисбати мӯҳлати иҷрои он ба Биржа мувофиқи нархҳои амалкунанда моли худро фурӯшад, агар шарти дигаре ба инобат гирифта нашуда бошад: аҳднома оид ба фурӯши муоҳидаи яке аз тарафҳо бояд ҳатман дар Биржа ба қайд гирифта шавад ва бо қайди супориш қонунӣ гардад; и) хароҷоти нигоҳ доштани молро дар иморатҳое, ки ба Биржа мансубанд, то фурӯхта шуданаш фурӯшанда мепардозад ва баъди фурӯши мол, агар шарти дигареро муоҳида ба инобат нагирифта бошад, харидор мепардозад; к) барои таъмини боэътимодии ҳисобу китоб аз рӯи аҳдномаҳо бо моли нақд ҳар ду тараф ҳангоми бақайдгирии аҳднома ба Палатаи ҳисобӣ ҳаққи амонатро, ки ҳаҷми онро Биржа дар ҳаҷми фоиз аз арзиши аҳднома муқаррар кардааст, мепардозанд. л) агар Биржа иморатҳои дахлдор дошта бошад, фурӯшанда молеро, ки мувофиқи муоҳида барои супоридан муқаррар шудааст, ба замонат мемонад; м) ҳангоми тағйир ёфтани конъюнктура ва нисбати мизоҷон беэътимод ҳаҷми ҳаққи замонат бо қарори кумитаи Биржа (Шӯрои директорон) зиёд шуда метавонад; н) ҳаққи пулии замонати фурӯшанда баъди ба иҷро расидани аҳднома (супурдани мол ё додани ҳуҷҷатҳои тақсимкунандаи мол) ба ӯ баргардонда мешавад. Ҳаққи замонати харидор ҳангоми сурат гирифтани

ҳисобу китоби охирин оид ба аҳднома бо фурӯшанда ба нисбат гирифта мешавад. Дар ҳолати амалӣ нагардидани аҳднома ҳаққи замонатӣ ба харидор баргардонда мешавад. Дар баробари ин ҳаққи суғурта мувофиқи қарори Ҳакамияти Биржа метавонад ба мақсадҳои зерин истифода шавад: барои пӯшондани хароҷоте, ки дар натиҷаи муоҳидаро иҷро накардани яке аз тарафҳо ба вуҷуд меояд; баробар кардани фарқи байни нархҳое, ки дар натиҷаи бекор гардидани муоҳида ба вуҷуд меояд; додани ҷаримаи аҳдшиканӣ; додани ҷарима; о) дар ҳолате, ки яке аз тарафҳо маблағи замонатро дар вақташ напардозад, Ҳакамияти Биржа ба дидани чорабиниҳо оиди барҳам додани аҳднома ҳуқуқ дорад. Аҳдномаҳои мӯҳлатнок (фючерӣ); а) аҳдномаҳои мӯҳлатнок одатан на бо мақсади хариду фурӯши мол, балки баҳри суғуртаи аҳднома бо моли нақд ё дар рафти аз нав фурӯхтан ё баъди бекор шудани аҳднома гирифтани фарқияте, ки дар рафти тағйири нарх ба вуҷуд меояд, баста мешаванд; б) аҳдномаҳои мӯҳлатнокро аъзоёни Биржа мувофиқи тартиби муқарраркардаи Биржа барои доираи муайяни молҳо баста метавонанд. Қабул кардани молҳоро ба муомилоти Биржаи мӯҳлатнок қоидаҳои Биржа муайян мекунанд; в) аҳдномаҳои мӯҳлатнок аз рӯи шартҳои стандартие, ки Биржа таҳия намудааст, баста мешаванд ва бар хилофи он танҳо дар ҳолатҳое, ки қонун иҷозат додааст, амал кардан мумкнн аст. Шартҳои типиро Биржа барои ҳар як навъи моле, ки ба муомилоти фаврии Биржа қабул шудааст, муқаррар мекунад; г) муоҳидаи стандартӣ объекти аҳдномаи мӯҳлатнок мебошад, ки он бо назардошти миқдори муайяни моли дорои сифати миёнаи аз меъёр на он қадар дур ва бо шарти муайяни пардохти хароҷоти нақлиёт (одатан бо шарти «франко»-шаҳр-анбори Биржа) фиристода мешавад. Аҳдномаҳои мӯҳлатнок фақат аз рӯи миқдори мол, воҳиди мухтассари муқарраршудаи аҳднома, яъне аз рӯи миқдори муайяни муоҳидаҳои стандартӣ баста мешаванд; д) аҳдномаҳои мӯҳлатнок мувофиқи нархҳои муқарраркардаи Қонун бекор шуда метавонанд; е) ҳангоми супурдани моле, ки аз рӯи сифаташ ба моли асосии муоҳидаи типӣ мувофиқ нест, фурӯшанда ба нархи ҳисоботи муоҳида гузашт - иловаро пешниҳод мекунад ё мегирад. Гузашт ва иловаҳоро Биржа нисбати тамоми молҳое, ки ба муомилоти мӯҳлатноки (фючерии) Биржа роҳ дода шудаанд, муқаррар мекунад; ж) мӯҳлати бекоркуниро оид ба аҳдномаи мӯҳлатнок бо ризоияти тарафҳо дар асоси мӯҳлатҳои типие, ки Биржа барои ҳар як муоҳидаи типӣ муқаррар кардааст, муайян менамояд. Мӯҳлати бекоркунӣ

ҳамчун давраи муайяни вақт барои оянда (моҳи муайян, даҳаи муайяни моҳ ва ғ.) муқаррар карда мешавад. Аз мӯҳлати муайянкардаи Биржа то фаро расидани мӯҳлати бекоркунӣ аҳдномаҳои мӯҳлатнок дар марҳалаи мазкур аз эътибор соқит дониста мешаванд; з) ҳангоми гузаронидани амалиёт дар Биржаи мӯҳлатнок (фючерӣ) қоидаҳои Биржа ҳаҷм, мӯҳлату тартиби гузаронидани ҳаққи аъзогии ибтидоӣ ба Палатаи ҳисобӣ ва дар ҳолати ҳаракати номақбули нарх ҳаққи замонатӣ муқаррар мегардад.

15.6. Вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни савдои биржавӣ

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо оид ба аҳди биржавӣ дар қарордоди биржавӣ муқаррар карда мешавад. Брокер–Фурӯшанда уҳдадор аст, мӯҳлати қайдкунӣ ва бақайдгирии қарордодҳои биржавиро риоя кунад, ки мувофиқи қоидаи савдои биржавӣ ва қарордоди биржавӣ муқаррар шудааст, иҷрои қарордодро ба манфиати Фурӯшанда ҳамроҳӣ кунад. Брокер – Фурӯшанда ҳуқуқ дорад, ки дар ҳалли масъала оид ба пардохти ҷарима дар ҳолати вайрон намудани муҳлати пардохти мол аз ҷониби Фурӯшанда ташаббус нишон диҳад. Фурӯшанда уҳдадор аст, ки моли биржавиро бо тартиб ва шартҳои муқаррар намудаи қарордоди биржавӣ расонад ва диҳад. Фурӯшанда ба сифати мол ҷавобгар аст ва дар ҳолати номувофиқии хосияти сифати моли биржавӣба шартҳои қарордоди биржавӣ дар вақти додан ба Харидор уҳдадор мешавад, ки зарарро (бо талаби Харидор) дар намуди иваз намудани мол ё паст кардани нархи он пардохт намояд. Фурӯшанда уҳдадор мешавад бо дархости Харидор ва аз ҳисоби он, дар гирифтани ҳуҷҷатҳои иловагӣ, ки мумкин аст ба Харидор барои содирот карданимоли биржавӣ даркор шавад, ёрӣ расонад. Брокер – Харидор уҳдадор аст, мӯҳлати қайдкунӣ ва бақайдгирии қарордодҳои биржавиро риоя кунад, ки мувофиқи қоидаи савдои биржавӣ ва қарордоди биржавӣ муқаррар шудааст, иҷрои қарордодро ба манфиати Харидор ҳамроҳӣ кунад. Брокер – Харидор ҳуқуқ дорад, ки дар ҳалли масъала оид ба пардохти ҷарима дар ҳолати вайрон намудани муҳлати расондани мол аз ҷониби Фурӯшанда ташаббус нишон диҳад.Харидор уҳдадор аст, ки моли биржавиро бо тартиб ва шартҳои муқаррар намудаи қарордоди биржавӣ пардозад ва ҳама хароҷотро, ки ба гирифтани ҳуҷҷати иловагӣ бо дархости худи ӯ алоқаманд аст супорад. Брокер –Фурӯшанда ва Брокер –Харидор уҳдадоранд дар муҳлати муайяннамудаи шартнома пас аз гирифтани ҳама гуна хабар, нишондаод ё ҳуҷҷати дигар, ки ба иҷро намудани

қарордоди биржавӣ шаҳодат медиҳад, ё таъсир мерасонад ё имконияти таъсиррасониро дорад, зуд дар ин бора ба биржа ва контрагент хабар диҳад ва ҳуҷҷатҳои нишондодашударо диҳад. Хеҷ яке аз тарафҳо ҳуқуқ надоранд бе розигии хаттии тарафи контрагент мувофиқи қарордоди биржавӣ уҳдадориҳои худро ба шахси сеюм диҳад. Ҳар як тараф ҳуқуқ дорад аз иҷрои қарордоди биржавӣ даст кашад, аммо танҳо бо розигии тарафи дигари қарордод. Дар мавриди ба мувофиқа омадани тарафҳо оид ба қатъи қарордоди биржавӣ, уҳдадоранд дар ин бора биржаро дар шакли хаттӣ, чун қоида дар давоми 2 ҳафта то фаро расидани санаи расондани моли биржавӣ огоҳ созанд. Инчунин дар қарордоди биржавӣ ҷавобгарии тарафҳои қарордод пешбинӣ карда мешавад.

15.7. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои риоя накардани қонунгузори дар савдои биржавӣ

Намояндаи кумитаи биржавӣ (Шӯрои директорон) ҳуқуқ доранд барои вайрон намудани қоидаи савдои биржавӣ нисбати иштирокчиёни ҷамомади биржавӣ санксияҳои зеринро татбиқ намоянд: дар ҳаҷми муқаррар намудаи Биржа м банданд; айбдорро аз ҷамомади биржавӣ берун кунанд; гунаҳкорро муваққатан ё якумра аз ҳуқуқи пешбурди савдо дар Биржаи мазкур маҳрум созанд; гунаҳкорро аз ҳуқуқи фурӯши моли мазкур дар ҷамомади биржавии мазкур маҳрум созанд; баргардондани гарави гузошташударо боздорад; молҳое, ки дар биноҳои ба Биржа тааллуқдошта нигоҳ дошта мешаванд ҳабс кунад.

ҚИСМИ МАХСУС
БОБИ XVI. ШАРТНОМА ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

16.1. Мафҳум ва хусусияти шартномаҳои соҳаи фаъолияти соҳибкоӣ.

16.2. бастан, тағйир додан ва қатъ намудани шартномаҳои соҳаи фаъолияти соҳибкоӣ.

16.1. Мафҳум ва хусусияти шартномаҳои соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ

Шартномаҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкоӣ (шартномаи соҳибкорӣ) – ин созишномаи миёни субъектони фаъолияти соҳибкорӣ ё бо иштироки тарафи соҳибкор оид ба муқаррар, тағйир ё барҳам додани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, ки ба баамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд аст мебошад. Ба таври дигар гӯем, шартномаи соҳибкорӣ, ин шартномаест, ки тарафҳо (ё яке аз тарафҳо) соҳибкор мебошанд ва дар алоқамандӣ бо баамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ баста шудааст. Чун шартномаҳои ҳуқуқи шартномаи соҳибкорӣ ба принсипи умумии танзими ҳуқуқии граждани итоат мекунад. Ба ғайр аз ин маълум аст, ки шартнома дар ҳама соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ хусусиятҳои махсусро доро мебошад, зеро шакли ҳуқуқии ин муносибатҳо шуда он наметавонад аломати онҳоро ба худ нагирад. Хислати шартномаи мазкур ба худи шартнома ҳам (дар субъекти он, предмет, тартиби бастан, мазмуни он) дарҷ гардидааст. Муносибатҳои бо баамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд, шакли ҳуқуқии мазкурро (шартнома дар соҳаи соҳибкорӣ) алоқаманд мекунад. Дар мавриди муайян намудани мафҳуми шартномаи соҳибкорӣ ду маҳаки гуногун – объективӣ ва субъективӣ истфода мешавад. Объективӣ аҳде мебошад, ки қонун хислати савдоӣ медиҳад, новобаста аз он, ки бок и баста мешавад. Субъективӣ аҳде мебошад, ки аз ҷониби соҳибкор ё намояндаи ӯ ба мақсади тиҷоратӣ баста мешавад. эътироф намудани вазъи соҳибкор факти муҳими ҳуқуқӣ мебошад. Ҳама шартномаҳои бастаи соҳибкорон ба алоқамандии амали корхонаи он ва дорои хислати тиҷоратӣ будани ҳама оқибатҳои ҳуқуқии аз ин факт бароянда шаҳодат медиҳанд. Вобаста ба таркиби субъективии иштирокчиёни шартнома чунин шартномаҳо соҳибкорӣ меномад агар тарафҳои он соҳибкорон бошанд. Ба онҳо дохил мешаванд масалан, млсрасонӣ, молсупорӣ, молрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ, шартномаи шарикии оддӣ.

Ба шартномаҳои соҳибкорӣ инчунин он шартномаҳое дохил мешаванд, ки мувофиқи қонун танҳо як тарафи он соҳибкор мебошад. Ба чунин намуди шартнома баъзан хариду фурӯши чакана, таъмини барқ, киро, пудрати маишӣ, шартномаи идораи оперативии молумулк, шартномаи қарз, шартномаи суратҳисоби бонкӣ ва ҳисоббаробаркунии бонкӣро дохил мекунанд. Аломати дуюми фарқкунандаи аҳдҳои тиҷоратӣ ин мақсади он мебошад. Аҳд савдоӣ мешавад барои он, ки барои савдо яъне ба мақсади савдо баста мешавад. Соҳибкор шартномаро дар соҳаи соҳибкорӣ баста, кӯшиш мекунад, ки фоида ба даст орад. Аз ин лиҳоз аҳдҳои савдоиро пеш аз ҳама аҳдҳои миёни соҳибкорон ё бо иштироки онҳо ба мақсади ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ басташуда эътироф мекунанд. Ба чунин аҳдҳо фурӯши корхона, иҷораи корхона, иҷораи молиявӣ (лизинг), консессияи тиҷоратӣ дохил мешавад. Дар КГ тарафҳои аҳд номбар нашудааст. Аммо вобаста аз мақсади бастани он, ба хулосае омадан мумкин аст, ки тарафҳои он ё яке аз тарафҳои он соҳибкор мебошад. Хислати тиҷоратӣ доштани аҳдҳои савдоӣ хислати музднок доштани онҳоро пешниҳод мекунад. Фарзияи музднок будани шартнома дар КГ мустаҳкам шудааст, ки мувофиқи он шартнома пулӣ мебошад, агар дар қонун, санадҳои дигари ҳуқуқӣ мазмуни шартнома тартиби дигар барнаояд. Агар соҳибкор шартномаи бепул (масалан тӯҳфа) бандад, пас ин гунна аҳд савдоӣ буда наметавонад, зеро он барои ба даст овардани фоида баста нашудааст. Баҳсҳои миёни соҳибкорон оид ба норозигӣ дар шартнома, ки бастани ҳатмии он дар қонун пешбинӣ шудааст; оид ба тағйир ё қатъи шартнома; оид ба иҷро накардан ё иои номатлуби уҳдадорӣ баҳсҳои иқтисодӣ мебошанд ва аз ҷониби судҳои иқтисодӣ дар асоси Кодекси мурофиавии иқтисодии ҶТ ҳал карда мешавад.

Хусусиятҳои шарномаи соҳаи соҳибкорӣ дар аломатҳои зерин ифода меёбанд: 1) таркиби субъективии махсус; 2) мақсади ба даст овардани фоида ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ; 3) музднок; 4) баррасии баҳсҳо дар суди иқтисодӣ.

16.2. Бастан, тағйир додан ва қатъ намудани шартномаҳои соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ

Ба шартномаҳои соҳибкорӣ талаботҳои умумӣ оид ба бастан, тағйир ва қатъ намудани шартномаҳо, ки дар меъёрҳои қонунгузории граждани татбиқ карда мешавад. тартиби бастани шартномаи соҳибкорӣ дар он аст, ки бо фиристодани оферта

(пешниҳод барои бастани шартнома) аз ҷониби як тараф ва аксепти он (қабули пешниҳод) аз ҷониби тарафи дигар баста мешавад. Ҷараёни бастани шартнома одатан аз се давраи асосӣ иборат аст: бо фиристодани оферта (пешниҳод барои бастани шартнома) аз ҷониби як тараф, аксепти он (қабули пешниҳод) аз ҷониби тарафи дигар, қабули аксепт аз тарафи оферта фиристода. Инчунин хусусиятҳои бастани шартномаҳои соҳибкорӣ вуҷуд дорад.дар фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти заруриро воситаи ҷалбкунандаи контрагент, яъне реклама сазовор мегардад. Гап сари рекламае меравад, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ ба амал бароварда мешавад. Реклама ва пешниҳодҳои дигар, ки ба гурӯҳи шахсони номуайян равона карда шудааст, ҳамчун пешниҳод барои оферта кардан баррасӣ мешавад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад. Чун қоида, реклама ба оферта (пешниҳоди бастани шартнома) як замина мебошад. Он метавонад дар шаклҳои гуногун ба амал бароварда шавад: ҷойгир намудан дар рӯзномаҳо, дар телевизион, овезаҳо, буклетҳо, сохтани гӯшаҳои рекламавӣ ва ғ. Одатан ин гунна иттилоот шартҳои асосии шартномаро дар бар намегирад ва оферта ба ҳисоб намеравад. Дар мавриди бастани шартномаи соҳибкорӣ аҳамияти асосиро офертаи умумӣ соҳиб мегардад, ки тамоми шартҳои асосии шартномаро фаро мегирад ва пешниҳоде мебошад, ки хоҳиши шахсе, ки пешниҳод кардааст оид ба бастани шартнома бо ҳар шахсе, ки пешниҳодро қабул мекунад дида мешавад. Офертаи умумӣ метавонад масалан, дар шакли кашол намудани овезаҳо дар якчанд эълонҳои рекламавӣ, ки ҳама шартҳои зарурии шартномаро фаро мегирад. Шартҳои оид ба мавзӯи шартнома, шартҳое, ки дар қонун ё дигар санади ҳуқуқӣ барои шартномаи шакли мазкур муҳим ва зарурӣ номбар шудаанд, инчунин ҳамаи он шартҳое, ки дар алоқамандӣ ба онҳо тибқи аризаи яке аз тарафҳо бояд созиш ба даст ояд, шартҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Аксепт шуморида мешавад ҷавоби пурра ва бешарти тарафе, ки оферта гирифта шудааст оид ба қабули он. Дар фаъолияти соҳибкорӣ агар аз қонун, аҳдҳои анъанавии корӣ ё аз муносибати қаблии кории байни тарафҳо тартиби дигаре барнаояд, сукут кардан аксепт ба ҳисоб намеравад. Агар қонун ё санади дигари ҳуқуқӣ тартиби дигарро пешбинӣ нанамуда бошанд ва ё дар оферта нишон дода нашуда бошад, дар мӯҳлати барои аксепт муайяннамуда аз ҷониби шахсе, ки офертаро гирифтааст, иҷро намудани амали шартҳои дар он зикршуда (борфиристонӣ, хизматрасонӣ, иҷрои кор, пардохти маблағи дахлдор ва ғайра), аксепт ба ҳисоб мера-

вад. Дар баробаритартиби умумии бастани шартномаи соҳибкорӣ, ки дар он тарафҳо дар интихоби шартҳо ва контрагентҳо озод мебошанд, тарзҳои дигари бастани он мавҷуд аст. Ба онҳо дохил мешаванд бастани шартнома бо роҳи шартномаи ҳамроҳшавӣ, бо тартиби ҳатмӣ бастани шартнома, бастани шартнома ҳангоми гузаронидани савдо .

Бастани шартномаи соҳибкорӣ бо роҳи ҳамроҳшавӣ. Шартномаи ҳамроҳшавӣ шартномаест, ки шарти онро як тараф дар шакли тавсия (формуляр) ё дигар шакли стандартӣ пешниҳод намудааст ва онро тарафи дигар танҳо бо роҳи пурра ҳамроҳ шудан ба шартномаи пешниҳодгардида қабул мекунад. Тарафи ба шартнома ҳамроҳгардида, ҳарчанд шартномаи ҳамроҳшавӣ хилофи қонунҳо набошад ҳам, вале ин тарафро аз ҳуқуқҳое маҳрум месозад, ки одатан мутобиқи чунин шакли шартномаҳо дода мешаванд, масъулияти тарафи дигарро дар ҳолати риоя накардани уҳдадорӣ истисно ё маҳдуд мекунад ё шартҳои барои тарафи ҳамроҳшуда баръало вазнинро дар бар мегирад, ки онҳоро бо назардошти оқилонаи манфиати даркнамудаи худ, ҳангоми мавҷуд будани имконияти иштирок дар муайян кардани шарти шартнома қабул намекунад, ҳақ дорад бекор ё тағйир додани онро талаб намояд. Шартномаи ҳамроҳшавӣ дар намудҳои зерини фаъолияти соҳибкорӣ бисёр паҳнгашта мебошанд: фаъолияти бонкӣ, биржавӣ суғуртавӣ ва ғ. Маҳдудиятҳое, ки барои бастани шартнома мавҷуд бошад дар қонунгузорӣ пешбинӣ накардааст. Қарорро дар бораи коркарди шартномаи ҳамроҳшавӣ тарафи шартномаи соҳибкорӣ мустақилона қабул мекунад. Қонунгузорӣ ба тарафе, ки ба шартнома ҳамроҳ мешаванд талаботи ҷиддиро пешбинӣ мекунад. Моҳияти онҳо дар он аст, ки ҳарчанд шартномаи ҳамроҳшавӣ хилофи қонунҳо набошад ҳам, вале ин тарафро аз ҳуқуқҳое маҳрум месозад, ки одатан мутобиқи чунин шакли шартномаҳо дода мешаванд, масъулияти тарафи дигарро дар ҳолати риоя накардани уҳдадорӣ истисно ё маҳдуд мекунад ё шартҳои барои тарафи ҳамроҳшуда баръало вазнинро дар бар мегирад, ки онҳоро бо назардошти оқилонаи манфиати даркнамудаи худ, ҳангоми мавҷуд будани имконияти иштирок дар муайян кардани шарти шартнома қабул намекунад, ҳақ дорад бекор ё тағйир додани онро талаб намояд. Агар тарафи ҳамроҳшуда медонист ё мебоист донад, ки бо кадом шартҳо шартнома мебандад, талаби бекор ё иваз намудани шартнома, ки як тарафи ба шартнома ҳамроҳшуда бинобар анҷом додани фаъолияти соҳибкориаш пешниҳод кардааст, қонеъ гардонида намешавад.

Бо тартиби ҳатмӣ бастани шартнома. Чи тавре пештар қайд намудем уҳдадории бастани шартнома аз қонун ва аз уҳдадории пешакӣ қабул намуда (масалан, шартномаи пешакӣ) ба вуҷуд меояд. Дар баробари ҳолатҳои номбаршудаи бастани ҳатмии шартномаи умумӣ, қарордодҳои давлатӣ оид ба расондани маҳсулот барои эҳтиёҷоти давлатӣ, барои соҳибкороне, ки дар бозор вазъи ҳукмфармо доранд ва ғ. талаботҳои монанд дар субъектони монополияи табиӣ низ вуҷуд дорад. Инак, охирон ҳуқуқ надорад бастани шартномаро бо истеъмолкунандагони алоҳида ба истеҳсоли моли истеҳсолнамудаи субъектони монополияи табиӣ, дар ҳолати имконият доштани истеҳсоли чунин мол рад намояд. Бастани ҳатмии шартномаи соҳибкорӣ инчунин аз шарти шартномаи пешакӣ бар меояд. Мутобиқи шартномаи пешакӣ тарафҳо уҳдадор мешаванд дар оянда дар мавриди додани молу мулк, иҷрои кор ё хизматрасонӣ (шартномаи асосӣ) тибқи шартҳои пешбининамудаи шартномаи пешакӣ шартнома банданд. Рад кардани беасоси бастани шартномаи асосӣ бо шартҳои шартномаи пешакӣ роҳ дода намешавад. Ду шакли асосии бастани шартномаи соҳибкории ҳатмӣ пешбинӣ шудааст: а) вақте бастани шартнома барои тарафе, ки оферта фиристода шудааст; б) вақте бастани шартнома барои тарафе, ки оферта фиристодааст. Дар ҳолати якум оферта аз тарафе мебарояд, ки ба бастани шартнома уҳдадор набуда, ба бастани он манфиатдор аст. Чун қоида, ин гунна тараф харидор, мол (кор, хизматрасонӣ) мебошад. Оферта метавонад дар шакли лоиҳаи шартнома ё ба намуди пешниҳоди хаттӣ пешниҳод карда шаванд. Тарафе, ки оферта фиристодааст ва аз тарафе, ки барояш бастани шартнома ҳатмӣ буда дар бораи аксептҳои он бо шартҳои дигар огоҳинома гирифтааст (протоколи ихтилофи назар оид ба лоиҳаи шартнома) ҳақ дорад ихтилофоти ҳангоми бастани шартнома бамиёномадаро дар давоми сӣ рӯзи гирифтани чунин огоҳинома ё гузаштани мӯҳлати аксепт ба баррасии суд пешниҳод намояд. Ҳангоми рад кардани протоколи ихтилофи назар ё дар мӯҳлати муайяншуда нагирифтани огоҳинома оиди натиҷаи баррасии он тарафе, ки протоколи ихтилофи назарро фиристодааст, ҳақ дорад ихтилофи назари ҳангоми бастани шартнома бамиёномадаро ба баррасии суд пешниҳод намояд. Бастани шартнома ҳангоми гузаронидани савдо. Шартномаи соҳибкорӣ метавонад дар шакли гузарондани савдо баста шавад. Агар аз моҳияти шартнома тартиби дигаре барнаояд, онро ҳангоми гузаронидани савдо бастан мумкин аст. Шартнома бо шахсе баста мешавад, ки дар савдо бурд кардааст.

Ташкилкунандаи савдо молики молу мулк ё дорандаи ҳуқуқи молу мулк ё ташкилоти махсус буда метавонанд. Ташкилоти махсус дар асоси шартнома бо молики молу мулк ё соҳиби ҳуқуқи молу мулк амал карда, аз номи онҳо ва аз номи худ баромад мекунад. Дар ҳолатҳои муайяннамудаи КГ ё қонунҳои дигар шартномаҳо дар мавриди фурӯши мол ё ҳуқуқи молу мулкӣ танҳо бо усули гузаронидани савдо баста шуданашон мумкин аст. Савдо дар шакли музояда ё озмун гузаронида мешавад. Дар савдои музояда шахсе бурдкарда ба ҳисоб меравад, ки нархи баландтарро пешниҳод кардааст, дар озмун бошад, шахсе ки мутобиқи хулосаи комиссияи озмунӣ қаблан аз ҷониби ташкилкунандаи савдо таъингардида беҳтарин шартро пешниҳод намудааст, бурдкарда шумурда мешавад. Агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, шакли савдоро молики молу мулки ба фурӯшрасанда ё соҳиби ҳуқуқи молу мулки ба фурӯш баровардашуда муайян мекунанд. Агар дар қонунҳои мурофиавӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, ҳоидаҳои муқаррарнамудаи КГ нисбат ба савдои оммавӣ, ки бо тариқи иҷрои қарори суд доир мегарданд, татбиқ карда мешаванд. Музояда ё озмун кушода ё пӯшида буда метавонанд. Дар музояда ё озмуни кушода ҳар шахс метавонад иштирок намояд. Дар музояда ё озмуни пӯшида танҳо ашхосе, ки махсус барои ин мақсад даъват шудаанд, иштирок мекунанд. Агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, огоҳинома дар мавриди гузаронидани савдо бояд аз ҷониби ташкилотчии он аз сӣ рӯз пеш аз доир шудани он фиристода шавад. Дар огоҳинома дар ҳама ҳолат оид ба вақт, маҳал ва шакли савдо, мавзӯи он ва тартиби гузаронидани он, аз ҷумла дар мавриди ба расмият даровардани иштирок дар савдо, муайян намудани шахси бурдкарда дар савдо, инчунин оид ба нархи ибтидоӣ маълумот дода шавад. Дар сурате, ки мавзӯи савдо танҳо ҳуқуқи бастани шартнома бошад, дар огоҳиномаи савдои доиршаванда бояд мӯҳлати барои он муайянгардида зикр карда шавад. Агар дар қонун ё огоҳинома дар мавриди гузаронидани савдо тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, ташкилкунандаи савдои озод, ки огоҳинома фиристодааст, ҳақ дорад ҳар вақт, вале на дертар аз се рӯз то фаро расидани мӯҳлати доир шудани он, ташкилкунандаи озмун бошад, на дертар аз си рӯзи то доир гардидани озмун аз гузаронидани он даст кашад. Дар ҳолати ин мӯҳлатро риоя накардан, аз савдои озод даст кашидани ташкилкунанда, ӯ вазифадор аст ба иштирокчиён товони зиёни воқеиашонро пардозад. Ташкилотчии музояда ё озмуни пӯшида вазифадор аст ба

иштирокчиёни даъватшуда, сарфи назар аз он, ки баъд аз фиристодани огоҳинома аз гузаронидани савдо маҳз кай даст кашидааст, товони зиёни воқеиашонро пардозад. Иштирокчиёни савдо бояд тибқи андоза, мӯҳлат ва тартибе, ки дар огоҳиномаи гузаронидани савдо нишон дода шудааст, байъона диҳанд. Агар савдо доир нагардида бошад, байъона бояд баргардонида шавад. Байъона ҳам чунин ба ашхосе, ки дар савдо иштирок доштанду вале дар он бурд накардаанд, баргардонида мешавад. Ҳангоми бастани шартнома бо шахсе, ки дар савдо бурд кардааст, байъонааш дар иҷрои уҳдадорӣ оид ба шартномаи басташуда ҳисоб карда мешавад. Шахсе, ки дар савдо бурд кардааст ва доиркунандаи савдо дар рӯзи гузаронидани музояда ё озмун оид ба натиҷаҳои савдо протокол имзо мекунанд, ки эътибори шартномаро дорад. Шахсе, ки савдоро бурд кардааст, дар ҳолати аз имзои протокол саркашӣ кардан аз байонаи додааш маҳрум мегардад. Доиркунандаи савдо, ки аз имзои протокол саркашӣ мекунад, вазифадор аст байъонаро дар ҳаҷми дукарата баргардонад ва ба шахси дар савдо бурдкарда товони зиёни бо иштирок дар савдо расонидашударо вобаста ба ҳаҷме, ки аз андозаи маблағи байъона бештар аст, пардозад. Агар мавзӯи савдо танҳо ҳуқуқи бастани шартнома бошад, чунин шартнома аз ҷониби тарафҳо бояд баъди хотимаи савдо ва тартиб додани протокол дар давоми бист рӯз ё дигар мӯҳлати дар огоҳинома муайяншуда баста шавад. Дар ҳолати аз бастани шартнома саркашӣ кардани яке аз тарафҳо тарафи дигар ҳақ дорад аз суд талаб намояд, ки тарафи гунаҳгорро ба бастани шартнома маҷбур созад ва инчунин зиёни аз набастани шартнома расонидашударо пардозад. Агар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, шартномаро бо созиши тарафҳо тағйир додан ё бекор кардан мумкин мебошад. Шартномаро бо талаби яке аз тарафҳо танҳо дар ҳолатҳои зайл аз тариқи суд тағйир додан ё бекор кардан мумкин аст: а) ҳангоми шартномаро ба таври назаррас вайрон кардани тарафи дигар; б) дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи КГ, қонунҳои дигар ё шартнома. Ҷиддан риоя накардани шартнома он аст, ки ба ҷониби дигар аз ин зиён расида, ӯро аз умеди ба даст овардани нафъи зиёде маҳрум созад, ки ҳангоми бастани шартнома дар назар дошт. Ҳангоми яктарафа рад намудани иҷрои пурра ё қисмани шартнома, агар чунин радро қонун ё созишномаи тарафҳо иҷозат диҳад, шартнома мувофиқан бекор ё тағйирдодашуда ба ҳисоб меравад. Ҳангоми тағйир додани шартнома уҳдадории тарафҳо дар шакли тағйирёфта нигоҳ дош-

та мешавад. Ҳангоми бекор кардани шартнома уҳдадории тарафҳо қатъ мегардад. Агар аз созишнома ё моҳияти тағйир додани шартнома тартиби дигаре барнаояд, дар ҳолати тағйир додан ё бекор кардани шартнома уҳдадорӣ аз рӯзи бастани созишномаи тарафҳо дар мавриди тағйир додан ё бекор кардани шартнома, ва ҳангоми тағйир додан ё бекор кардани шартнома тибқи тартиби судӣ бошад, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд дар бораи тағйир додан ё бекор кардани шартнома тағйирёфта ё бекоркардашуда ба ҳисоб меравад. Агар дар қонун ё созишномаи тарафҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, тарафҳо ҳақ надоранд баргардонидани чизеро, ки онҳо мутобиқи уҳдадорӣ то рӯзи тағйир додан ё бекор кардани шартнома анҷом додаанд, талаб намоянд. Агар аз ҷониби яке аз тарафҳо ба таври назаррас вайрон кардани шартнома барои тағйир додан ё бекор кардани шартнома асос шуда бошад, тарафи дигар ҳақ дорад тавони зиёни аз тағйир додан ё бекор кардани шартнома расидаро талаб намояд. Шартномаи соҳибкорӣ метавонад бо талаби яке аз тарафҳо, инчунин ҳангоми шартномаро ба таври назаррас вайрон кардани тарафи дигар қатъ карда шавад. Ҷиддан риоя накардани шартнома он аст, ки ба ҷониби дигар аз ин зиён расида, ӯро аз умеди ба даст овардани нафъи зиёде маҳрум созад, ки ҳангоми бастани шартнома дар назар дошт. Асосҳо барои тағйир ё қатъ намудани шартномаи соҳибкорӣ агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад ва ё аз моҳияти он барнаояд тағйир ёфтани ҳолат, ки тарафҳо ҳангоми бастани шартнома онро ба инобат гирифта буданд, буда метавонад. Тағйир ёфтани ҳолат ҳангоме ба таври назаррас эътироф карда мешавад, ки агар тарафҳо чунин тағйир ёфтани ҳолатро оқилона пешбинӣ карда бошанд, умуман шартнома намебастанд ё он бо шартҳои то андозае дигар ба имзо мерасид. Тарафҳо ҳуқуқ доранд оид ба дурруст намудани шартнома маслиҳат кунанд. Агар тарафҳо дар мавриди ба ҳолати ба таври назаррас тағйирёфта мутобиқ гардонидани шартнома ё бекор кардани он ба мувофиқа нарасида бошанд, вайро суд бо шартҳои зайл тағйир дода метавонад: а) агар дар лаҳзаи бастани шартнома тарафҳо онро ба асос гирифта бошанд, ки чунин тағйир ёфтани ҳолат ба миён намеояд; б) агар ҳолат бо сабабҳое тағйир ёфта бошад, ки тарафи манфиатдор пас аз рух доданаш онро ба ҳадди ғамхорӣ ва эҳтиёткорие, ки аз талаби шартнома ва шарти аҳдҳо бармеоянд бартараф карда наметавонист; в) агар иҷрои шартнома бидуни тағйир додани шарт таносуби ба шартнома мувофиқи манфиати молу мулкии байни

тарафҳоро то андозае вайрон кунад ва ба тарафи манфиатдор он қадар зиёне расонад, ки аз манфиати калоне, ки ҳақ дошт ҳангоми бастани шартнома ба он умед бандад, маҳрум шуда метавонист; г) агар аз анъанаҳои аҳдҳои корӣ ё моҳияти шартнома барнаояд, ки таваккали тағйир ёфтани ҳолат ба зиммаи тарафи манфиатдор аст. Бекор кардани шартнома аз сабаби ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат танҳо бо қарори суд, дар ҳолатҳои мустасно, ҳангоме, ки бекор кардани шартнома ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мухолиф аст ё ба тарафҳо зиёне ворид мекунад, ки аз хароҷоти баъди тағйир додани шартҳо аз ҷониби суд барои иҷрои шартнома зарурӣ хеле зиёд аст, иҷозат дода мешавад. Инак, пудратчӣ ҳуқуқ дорад тағйирдиҳии шартномаро талаб намояд, ҳангоми рад кардани фармоишгар бошад, қатъи онро дар алоқаманди бо зиёд шудани арзиши маводҳо ва таҷҳизоти дастраснамудаи фармоишгар, инчунин хизмати ба шахси сеюм расондааш, ки дар вақти бастани шартнома пешгӯӣ карда намешуд. Тарафе, ки хоҳиши бо тариқи суд тағйир ё қатъ намудани шартномаи соҳибкориро дорад, бояд тартиби тосудии ҳалли баҳсҳоро риоя кунад. Тараф талаби тағйир додан ё бекор кардани шартномаро танҳо баъди гирифтани раддияи тарафи дигар оиди тағйир додан ё бекор кардани шартнома ё дар мӯҳлати дар пешниҳод ё дар қонун ва ё дар шартнома муайяншуда нагирифтани ҷавоб ва дар сурати набудани он дар муддати сӣ рӯз ба суд арз карда метавонад.

БОБИ XVII. ҲУҚУҚИ ИТТИЛООТӢ ВА ВОСИТАҲОИ ИТТИЛООТОНӢ ДАР АМАЛИСОЗИИ СОҲИБКОРӢ ВА ТИҶОРАТ.

17.1. Моҳияти ҳуқуқи иттилоотии соҳибкор.

17.2. Ҳуқуқи моликият ба сарватҳои иттилоотӣ ва воситаҳои иттилоотонӣ.

17.3. Иттилооти ҳуҷҷатикунонида.

17.4. Масъалаҳои ҳуқуқии Интернет ва савдои электронӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ.

17.5. Аҳамияти имзои электронию рақамӣ.

17.6. Қонунгузории ҶТ дар соҳаи иттилоот ва иттилоотонӣ.

17.7. Ҳифзи иттилооти тиҷоратӣ.

17.1. Моҳияти ҳуқуқи иттилоотии соҳибкор

Ҳуқуқ ба иттилоот- ин имконияти бо Конститутсияи ҶТ кафолатдодашудаи соҳибкор оид ба гирифтани маълумоти дақиқ оид ба мақомотҳои давлатӣ ва ташкилот, иттиҳоди ҷамиятӣ ва шахсони мансабдор мебошад. Соҳибкорон метавонанд бо тамоми тарзҳои қонунӣ маълумотро озодона ҷустуҷӯ кунад, гирад, диҳад, истеҳсол ва паҳн кунад. Ин ҳуқуқ мутлақ набуда маҳдуд шуданаш мумкин аст. Бисёртар ингуна маҳдудиятҳо ба сирри давлатӣ тааллуқ доранд. Бар замми ин мувофиқи Конститутсияи ҶТ маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳо оид ба гирифтани маълумот, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҷустуҷӯ ва гирифтани маълумот, инчунин шинос шудан бо маълумотҳо, ҳуҷҷатҳо ва маводҳои ҷамъ намудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори он, ки бевосита ба ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд тааллуқ дорад, ба мақсади ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, маънавиёт, саломатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони дигар, таъмини мудофиаи кишвар ва амнияти давлат роҳ дода намешавад.Ин талаботҳои қонун ба ҳама сохторҳои давлатӣ бея гон истисно паҳн мегардад. Бо ҳуқуқ ба иттилоот васоити ахбори омма ва сензураи коститутсионӣ алоқаманд мебошад. Фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳама соҳа бо гирифтан ва истифода намудани маълумотҳои гуногун алоқаманд аст.Дар замони имрӯза иттилоот як намуди моли дорои арзиш мебошад. Барои соҳибкор ҳамон малумоте пуразриш аст, ки ӯ онро барои ба мақсади корхона расидан истифода мекунад ва ошкор намудани он мумкин аст аз имконияти амалисозии ин мақсадмаҳрум созад, яъне ба бехатарии фаъолияти соҳибкорӣ таҳдид мекунад.На ҳама маълумот дар мавриди ошкор шуданаш ин гуна таҳдид меорад, аммо қисми муайяне ҷой дорад, ки ба

ҳимоя ниёз дорад. Иттилооте, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад, гуногун мебошад. Онро ба ду намуд ҷудо намудан мукин аст: саноатва тиҷоратӣ. Ба иттилооти саноатӣ иттилоот оид ба техника ва тарзҳои истеҳсолот, ихтироотҳои техникӣҳуҷҷатнигорӣ, «ноу-хау» таъминоти барномавӣ дохил мешаванд. Сирри тиҷоратӣ – иттилооти илмӣ-техникӣ, технологӣ, истеҳсолӣ, молиявию иқтисодӣ ё худ дигар иттилооти дорои арзиши воқеӣ ё имконпазири тиҷоратӣ, ки бинобар сабаби онро надонистани шахсони сеюм, ки наметавонанд ин иттилоотро дар асоси қонун озодона дастрас намоянд ва нисбати он доранд аи чунин иттилоот низоми сирри тиҷоратиро ҷорӣ кардаааст;Ҳама ин иттилоотҳо барои соҳибкор як арзиши муайян доранд, ки ошкор намудани онҳо мумкин аст ба таҳдиди амнияти иқтисодӣ оварда расонад. Аз ин лиҳоз иттилоотро ба се гурӯҳ ҷудо мекунем: иттилоот барои истифодаи кушод барои тамоми истифодабарандагон бо тамоми шакл; иттилооти дастрасиаш маҳдуд- танҳо барои мақомотҳои мувофиқи қонун ҳуқуқдошгта (прокуратура, суд, милитсия); иттилоот танҳо барои кормандони корхона. Иттилооти гурӯҳи якум ва дуюм махфӣ буда барои паҳнкунии маҳдудият дорад. Иттилооти пинҳонӣ - ин иттилооти ҳуҷҷатикунонида мебошад, ки мувофиқи қонунгузории ҶТ дастрасӣ ба он маҳдуд карда шудааст. Қисми ин иттилооти тиҷоратӣ сирри тиҷоратиро дар бар гирифтанаш мумкин аст.Ҳуқуқ ба иттилоот чунин таъмин карда мешавад:бо баамалбарории тартиби татбиқи ҳуқуқ ба иттилоот;бо роҳи амалӣ намудани назорати давлатии риояи қонунгузорӣ оид ба иттилоот;муқаррар намудани масъулият барои вайрон кардани қонунгузорӣ оид ба иттилоот. Дастрасӣ ба иттилоот бо тарзи зайл таъмин карда мешавад:а) ҳатмӣ будани расонидани иттилоот ба маълумоти умум;б) қонеъ гардонидани дархости шахсони ҷудогона ва дастаҷамъона ба иттилоот. Тартиби ҳатман ба маълумоти умум расонидани иттилоот бо қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мутобиқи онҳо қабулгардида муайян карда мешавад.Мақомоту ташкилотҳо, шахсони мансабдори онҳо вазифадоранд дар ҳама ҳолат бо тамоми воситаҳои мавҷуда иттилооти ба онҳо маълумгардидаро дар бораи ҳолату вазъияте, ки ба амнияти ҷомеа, ҳаёт ва саломатии мардум таҳдид менамоянд, ба маълумоти умум бетаъхир расонанд. Иттилоот ба самъи умум бо роҳи дар нашрияҳои махсус чоп кардани ҳуҷҷатҳои расмӣ, ҷойгир намудани онҳо дар маъхазу манбаъҳои маълумоти дастраси доираи номаҳдуди ашхоси манфиатдор расонида мешавад.

Шахси манфиатдор метавонад иттилоотро аз рӯи дархост бо тарзҳои зайл дастрас намояд:а) шинос шудан бо ҳуҷҷатҳои расмие, ки дорои иттилооти дархостшудаанд;б) гирифтани нусхаи ҳуҷҷати дахлдор ё иқтибос аз он; гирифтани маълумотномае, ки дорои иттилооти матлуб аст; шифоҳӣ воқиф гардидан аз мазмуни иттилооти дархостшаванда;в) воқиф гардидан аз манбае, ки дар нашрияи расмӣ иттилооти дархостшударо чоп кардааст. Аз иттилооти дархостшуда ҳамчунин ба тарзи шифоҳӣ воқиф гардидан ё онро хаттӣ, аз ҷумла бо истифодаи технологияҳои электронӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Дар ҶТ ба масъалаҳои ҳуқуқии иттилоот дисертатсияи доктории профессор Ғаюров Ш.К. (Ҳуқуқи шахсии иттилоотии шаҳрванд: масъалаҳои танзими гражданӣ дар ҶТ. Дис. Барои унвонҷ. Докт.и.ҳ. Москва, 2010) , дисертатсияи номзадии н.и.ҳ. Меликов У.А. (танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкори ҳангоми таъсис ва паҳн намудани васоити ахбори омма. Дис.барои унвонҷ. н.и.ҳ. Душанбе, 2010) бахшида шудааст.

17.2. Ҳуқуқи моликият ба сарватҳои иттилоотӣ ва воситаҳои иттилоотонӣ

Мувофиқи моддаи 34 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» аз 10 маи соли 2002, №55 иттилоот объекти ҳуқуқи моликияти давлат, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мебошад. Иттилоот метавонад ҳам дар ҳаҷми пурра ва ҳам танҳо вобаста ба соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдорӣ объекти ҳуқуқи моликият бошад. Асосҳои ба миён омадани моликият ба иттилоот аз инҳо иборатанд: ташаккули иттилоот бо қувваи худ ва аз ҳисоби худ; шартнома дар бораи ба даст овардани иттилоот; шартномае, ки шартҳои ба дигар шахс гузаштани ҳуқуқи моликият ба иттилоотро дар бар мегирад. Иттилооте, ки аз ҷониби якчанд шаҳрванд ё шахсони ҳуқуқӣ таъсис шудааст, моликияти умумии муассисон мебошад. Тартиб ва қоидаҳои истифодаи чунин моликият мувофиқи шартномаи байни моликон басташуда муайян карда мешавад. Иттилооте, ки аз ҷониби ташкилотҳо (шахсони ҳуқуқӣ) таъсис шудааст, ё бо роҳи дигари қонунӣ ба даст дароварда шудааст, моликияти ин ташкилотҳо мебошад. Иттилооте, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ҳосил шудааст, моликияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Иттилооте, ки дар асоси ҳуқуқи моликияти инфиродӣ ҳосил шудааст, дар ҳолати дар асосҳои шартномавӣ барои нигоҳдорӣ супурдани он ба махзанҳои дахлдори маълумот, фондҳо ва бойгониҳо метавонад ба моликияти давлатӣ мансуб дониста ша-

вад. Молики иттилоот ҳуқуқ дорад шахси амалкунандаи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории иттилоотро таъйин намуда, қоидаи коркард иттилоот ва дастрасӣ ба онро муайян карда, инчунин дигар шартҳор нисбат ба иттилоот муқаррар намояд. Маҳсулоти иттилоотӣ ва хизматрасонии иттилоотии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти иттилоотӣ машғуланд, метавонад объекти муносибатҳои молӣ гардад, ки тибқи қонунгузории шаҳрвандӣ ва дигар қонунҳои ҷорӣ танзим карда мешаванд. Нарх ва нархгузорӣ ба маҳсулоти иттилоотӣ ва хизматрасонии иттилоотӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, тибқи шартнома муқаррар карда мешавад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ молики он ҳуҷҷатҳо, маҷмӯи ҳуҷҷатҳо, захираҳои иттилоотие мебошанд, ки аз ҳисоби маблағи онҳо тартиб дода шудаанд ё худ қонунан харидорӣ карда шудаанд. Захираҳои иттилоотие, ки худи молик тартиб медиҳад ва ё бо супориши ӯ аз ҳисоби маблағаш тартиб дода мешаванд, захираҳои ғайридавлатӣ ба шумор мераванд. Захираҳои ғайридавлатии иттилоот дар фаъолияти истеҳсолии молик барои эҷоди маҳсулот ва хизматгузории иттилоотӣ истифода карда мешаванд. Давлат ҳақ дорад иттилооти ҳуҷҷатшударо аз ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ харида гирад. Захираҳои давлатии иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои иттилооти ҳуҷҷатшудае, ки ба категорияи иҷозаташ маҳдуд нисбат дода шудааст, ошкор ва дастраси умуманд. Захираҳои давлатии иттилоотро дастрас кардани шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон бепул аст. Агар захираҳои иттилоот иттилооти дастрасаш маҳдуд набошад, молик ва истифодабаранда ҳақ дорад дар бораи хариду фурӯши ин захираҳои иттилоот шартнома бандад. Тартиби истифодабарии захираҳои иттилоотиро моликон ва ё шахсони ваколатдори онҳо муқаррар менамоянд ва онҳо набояд хилофи қонунгузории амалкунанда бошанд. *Захираҳои иттилоот* – иттилооте, ки сарфи назар аз усули пешниҳодот ё ки ташкили нигоҳдориаш (аснод, ҷамъи аснод, захираҳои китобхонаҳо, бойгониҳо, асоси маълумот) барои дохилшавӣ ба системаи иттилоотӣ пешбинӣ шудааст ё дар дохилаш мавҷуд аст.

Воситаи иттилоотонӣ – ин маҷмӯи низом, мошин, таҷҳизотҳо, дастгоҳҳо ва дигар намудҳои таҷҳизотҳо мебошад, ки барои автоматикунонии ҷараёнҳои технологии гуногуни информатика равона аст, ки аз он маҳсулоти иттилоотие ҳосил мешавад, ки барои таъмини талаботи иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъият истифода мешавад. Ҳама воситаҳои техникии

иттилоотонӣ вобаста аз функсияҳои иҷронамудааш ба шаш гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Таҷҳизоти дохилкунии иттилоот: матн, ҷойнишондиҳак (мушак, перои шуоъӣ, планшети нақшавӣ, тугмача), мультимедиа (нақша (сканер и цифровая фотокамера), овоз (магнитофон, баландгӯяк), видео (веб-камера, видеокамера). 2.Таҷҳизоти берункунии иттилоот: матн (монитор); мултимедиа (нақша(принтер, плоттер), овоз (гӯшмонакҳо, низоми акустикӣ), видео (видеомагнитофон, видеокамера). 3.Таҷҳизоти коркарди иттилоот: микропроцессор, сопроцессор, таҷҳизоти додан ва қабул намудани иттилоот: модем, картаи шабакавӣ. 5.Таҷҳизоти бисёрфунксиягӣ: таҷҳизоти нусхабардорӣ, таҷҳизоти зиёдкунӣ, низоми нашркунӣ. 6. Таҷҳизоти нигоҳдории иттилоот. Чи тавре, ки аз таснифҳои дар боло оварда шуда бармеояд, қисми зиёди воситаҳои техникии замонавии иттилоотонӣ бо МЭҲ – бо компютерҳои шахсӣ алоқаманд мебошанд. Таҷҳизоти дохил ва берункунӣ як унсури муҳим ва ҳатмии ҳар як МЭҲ мебошад, аз аввалинҳо сар карда то компютери шахсӣ, зеро маҳз ҳамин таҷҳизот амали мутақобилаи истифодабарандаро бо низоми ҳисоббарор таъмин мекунад. Ҳама таҷҳизоти дохил ва берункунии копютери шахсӣ ба таҷҳизоти периферӣ, яъне ба микропротсессор ба воситаи чархаки танзимкунанда ва идоракунакҳои мазкур пайваст карда мешавад. Имрӯзҳо гурӯҳи калони таҷҳизотҳо (масалан таҷҳизоти ҷойнишондиҳак, мултимедия) вуҷуд доранд, ки кори самаранок ва мувофиқи истифодабарандаро таъмин мекунад. Таҷҳизоти асосии мошини ҳисоббарор ин микропротсессор мебошад, ки идоракунии ҳама таҷҳизот ва коркарди иттилоотро таъмин мекунад. Барои ҳалли вазифаҳои махсус, масалан, ҳисобҳои математикии компютерҳои шахсӣ бо ҳампротсессорҳо таҷҳизонида мешавад. Ин таҷҳизотҳоба таҷҳизотҳои коркарди иттилоот дохил мешаванд. Таҷҳизоти додан ва қабул намудани иттилоот (ё таҷҳизоти алоқа) қисми низоми иттилоотии замонавӣ мебошад, ки бисёртар низоми иттилоотии паҳнгаштаро дар бар мегирад, ки дар он иттилоот на дар як ҷой балки дар ҳудуди якчанд шабака паҳн карда мешавад. Модем (модулятор-демодулятор) – чунин таҷҳизоте мебошад, ки иттилоотро ба тавре мегардонад, ки онро ба воситаи хати алоқаи телефонӣ интиқол додан мумкин аст. Модемҳои дохили PCI-интерфейс доранд ва бевосита бв платаи низомнок пайваст карда мешавад. Модеми берунӣ ба воситаи COM ё USB пайваст мешавад. Адаптери шабакавӣ (платаи шабакавӣ) – таҷҳизоти электронии дар

намуди платаи паҳншуда иҷрошуда мебошад, ки бо разъем ба хати алоқа пайваст мебошад. Таҷҳизоти нигоҳдории иттилоот дар миёни ҳама таҷҳизотҳои техникии иттилоотонӣ ҷои намоёнро ишғол мекунад, зеро барои нигоҳдории муваққатӣ ё доимии иттилооти коркард кардашуда ва ҷамъшуда истифода мешавад.Таҷҳизоти бисёрфункисиягӣ ба наздикӣ ба вуҷуд омаданд. Махсусиятҳои фарқкунандаи ин таҷҳизотҳо дар омехтакунии як қатор функсияҳо (сканеркунӣ ва чопкунӣ) бо автоматӣ кунонии амали истифодабаранда зоҳир мегарадад.

17.3. Иттилооти ҳуҷҷатикунонида

Иттилооти ҳуҷҷатикунонида (аснод) – иттилооти дар манбаи моддии иттилоот қайдшуда бо реквизитҳое (маълумотҳое), ки барои ҳаммонандкунии он имкон медиҳанд.Хусусияти иттилооти ҳуҷҷатикунонида – ин сифате мебошад, ки аломатҳояш дар ҳуҷҷат новобаста аз он, ки онҳо аз ҷониби одамон дарк карда мешавад ё не. Хусусият бо мазмуни мафҳуми ҳуҷҷат ва функсияи он алоқаманд аст.Иттилооти ҳуҷҷатикунонида дорои он хусусиятҳое мебошад, ки иттилоот умуман дорад. Ин хусусиятҳоро инчунин ба дохилӣ ва берунӣ ҷудо намудан мумкин аст, миёни хусусиятҳои беруна вобаста ба объекти амамли мутақобила се гурӯҳро ҷудо намудан мумкин аст: сарчашмаи иттилоот, қабули он ва объект ё падидае, ки он ифода мекунад. Аммо дар баробари хусусиятҳои умумӣ, иттилооти ҳуҷҷатикунонида хусусиятҳои махсус низ дорад, ки онҳоро аз ҳама дигар намудҳо ва иттилоотҳои гуногун фарқ мекунонад. Ба шумораи онҳо пеш аз ҳама хислати иттилооти ҳуҷҷатикунонидаро, ки алакай аз мафҳуми худи аснод бармеояд номбар намудан лозим аст. Хислати умумикардашуда, ки аз сатҳи манфиатноки иттилоот барои истеъмолкунанда шаҳодат медиҳад, сифати он мебошад. Нишондиҳандаи муҳими сифат ва хусусияти иттилооти ҳуҷҷатикунонида инҳо мебошад: Релевантӣ, пуррагӣ, манфиатнокӣ, саривақтӣ, дақиқӣ, навоварӣ, дастрасӣ, ҳифзшаванда. Релевантӣ (аз кал англ. “relevant”- ба маврид, ба кор тааллуқдошта) ин имконияти мувофиқат кардани иттилоот ба дархост, зарурат ва талаботҳои истеъмолкунандагнон мебошад. Ба релевантӣ иттилоот хусусияти дигари иттилооти ҳуҷҷатикунонида – арзиши он, яъне аҳамияти иситеъмолӣ, ки мувофиқи иттилоот бо таъиноти мақсалноки худ ифода мегардад алоқаманд мебошад. Дар ин маврид иттилоот метавонад танҳо дар чорчӯбаи низоми муайяни иттилоотӣ амалӣ шавад, ба сифати

унсури ин низом бо дигар унсурҳо ва блоки сохтории он алоқаманд мебошад. Арзиши иттилооти ҳуҷҷатикунонида мумкин аст бо сатҳи наздик буданион ба мақсад ё воҳиди захираҳои сарфашуда чен карда шавад. Дар идоракунӣ арзиши иттилоот бо сатҳи таъсиррасонӣ ба натиҷа, ба сатҳи ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда муайян карда мешавад. Дар навбати аввал натиҷанокии иттилоот метавонад кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, дорои ченакҳои моддӣ ё ахлоқӣ бошад. Дезиттилоот низ метавонад арзиш дошта бошад, аммо танҳо ба сарчашмаи он. Барои истеъмолкунандагон дезиттилоот арзиши манфӣ дорад, зеро номуайяниро зиёд намуда, эҳтимолияти ба мақсад расиданро кам мекунад. Хислати асосии иттилооти ҳуҷҷатикунонида пуррагии он мебошад, ки одатан ҳамчун таносуби миёни иттилооти зарурӣ ва гирифташуда муайян карда мешавад. Аз пуррагии иттилоот сифати қарори идоракунии дар асоси он қабулшуда вобаста аст. Дар ин ҳолат мушоҳида намудан лозим аст, ки иттилооти ҳуҷҷатикунонида ҳеҷвақт пурра намешавад, зеро он ҳодисаҳое, ки мо шоҳиди он мегардем дар маводҳои моддӣ қайд намудан имконнопазир аст. Бар замми ин оид ба даврaҳои гузашта иттилооти пурра доштан имконнопазир аст. Бояд пуррагӣ ва забонзада будани иттилоотро фарқ намудан лозим аст. Иттилооти забонзадашуда – ин иттилооти такроршаванда мебошад. Он вақти истеъмолкунандаро мегирад, ба самаранокии идоракунӣ таъсир мерасонад. Чунин ҳисоб кардаанд, ки ба ҳисоби миёна 60 % ҳуҷҷатҳои илмӣ ва маъмуриро истеъмолкунандаро зарур нест, ки ҳамаи онро хонад. Ба ғайр аз ин он вақт намеёбад, ки ҳамаи онро барои иҷро уҳдадориҳои касбӣ хонад. Аммо бо иттилооти забонзадашуда кор осон нест. Муқаррар шудааст, ки иттилооти забонзадашуда баъзан фоида меорад. Зарурати иттилооти забонзадашуда бо инкишофи таҳавулотӣ исбот шудааст. Баъзан забонҳо ва алифбоҳо забонзада мешаванд. Бе забонзадагӣ одам наметавонад вақти тӯлонӣ иттилоотро қабул кунад. Ин аз он диққати шадиди доимиро талаб менамуд, ки зуд ба ғарқшавии ва аз даст додани қобилияти дарккунӣ оварда мерасонад. Иттилоот метавонад фоиданок ва бефоида бошад. Фоиданокии иттилоот яке аз хусусиятҳои он мебошад. Фоиданокӣ ин арзиши иттилоот дар шароити мушаххас ба шумор меравад. Ҳудуди байни фоиданокӣ ва бефоидагӣ нисбӣ ва субъективӣмебошад, аз ин лиҳоз танҳо оид ба сатҳи фоиданокӣ гуфтан лозим аст, ки дар ҷараёни муҳимгардонии иттилоот аён мегардад. Бо пуррагии иттилоот дақиқии он алоқаманд аст. он сатҳи объективиро дар ҷараёни

қайдкунӣ ва додани иттилоот дарҷ мекунад. Бо зиёдшавии пуррагӣ ақиқии он низ зиёд мешавад. Аммо ин танҳо то он даме ба вуҷуд меояд, ки иттилооти азҳад зиёди забонзадашуда таъсирасониро ба сатҳи дақиқии он қатъ мекунад. Дақиқӣ аз сарчашмаи иттилоот, пеш аз ҳама аз сатҳи ваколатнокии он, аз субъективизми дар ҷараёни ҷамъ, коркард ва тартиб додани иттилоот вобаста аст. Зеро ҳуҷҷат аз ҷониби одам ташкил карда мешавад, аз ин лиҳоз иттилоот дар он ҳамавақт субъективӣ аст. Ин ҷо гап дар бораи фактҳо, падидаҳои дар ҳуҷҷат ҷойдошта, пеш аз ҳама оид ба интихоби он, таҳлил ва интерпретатсияи он меравад. Ба ҳар як ҳуҷҷат сатҳи субъективӣ мавҷуд аст. Муаммои дақиқии иттилоот на ҳама вақт бо хоҳиши вайрони он – қалбакии он алоқаманд мебошад. Он метавонад дар пешниҳод намудани бардурӯғ ё маълумоти нопурра ифода гардад. Ҳамин тавр дақиқӣ ба шумораи хусусиятҳои муҳимтарини иттилооти ҳуҷҷатикунонида дохил мешавад, зеро ҳама радкуниҳо метавонад ба сифати қарорҳои идоракунии қабулшаванда таъсири манфӣ расонад. Бо гузашти вақт иттилооти аз ҳама фоиданок ҳам кӯҳна мешавад. Барои ҳамин хусусияти муҳимтарини он навовармебошад. Баъзе аз муаллифон (Воробёв Г.Г.) чунин меҳисобанд, ки иттилоот ин на он чизест, ки дар ҳуҷҷат дарҷ гардидааст, балки он навигариҳое, ки аз китобҳо ва ҳуҷҷатҳгирифта мешавад мебошад. Мафҳуми навигарӣ инчунин нисбӣ мебошад. Ҳамон як иттилоот навигариро дар муҳити оперативӣ аз даст дода, мумкин аст дар ҳолати таҳлилкунии ҳодисаҳои гузашта, яъне дар ҷараёни амалисозии функсияи ҳуҷҷат ҳамчун сарчашмаи таърихӣ нав намояд. Бо навигарӣ саривақтии иттилоот, яъне қобилияти мувофиқати он ба дархости истеъмолкунандагон дар вақти зарурӣ алоқаманд аст. Яке аз хусусияти иттилооти ҳуҷҷатикунонида- дастрасии он, яъне имкони гирифтан доштани истеъмолкунандагон мебошад. Ҳифзнокӣ - хусусияти иттилооти ҳуҷҷатикунонида мебошад, ки дастрасии ғайриқонунӣ ва тағйирдиҳӣ ва вайронкунии он аз тарафи шахсони дигар манъ мекунад. Як хусусияти дигари иттилоот ин меҳнатшиносии он мебошад. Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6 август соли 2001, №40 иттилооти ҳуҷҷатшуда аз системаи иттилоотӣ бо тартибе, ки барои дастрас кардани захираҳои иттилоотӣ муайян шудааст ва мувофиқи талаботи шартномаҳои байни операторони системаҳои иттилоотӣ ва истифодабарандагони ин иттилоот баста шудааст, дода мешавад.Талаботи иттилоотии истифодабарандагон аз тариқи зайл таъмин мегарданд:

таъмини шароити ҳуқуқӣ, ташкилӣ, техникӣ ва ғайра барои озодона ҷустуҷӯ намудан ва гирифтани иттилоот; бо тартиби муайян паҳн намудани иттилооти расмӣ ба воситаи интишори он дар воситаҳои ахбори умум ва ҷобаҷогузории он дар китобхонаҳо, Интернет ва дигар шабакаҳои иттилоотии дастраси умум; фурӯши маҳсулоти иттилоотӣ аз тариқи хизматрасонии иттилоотӣ; таъмини шароит барои фаъолияти шабакаҳои иттилоотии дастраси умум; Захираҳои иттилоотӣ дар асоси дархосте, ки шахси алоқаманд бо тартиби муқарраршуда ба операторони системаҳои иттилоотӣ ирсол кардааст, дастрас карда мешавад. Дархост фақат дар ҳолате рад шуда метавонад, ки иттилооти талабшуда дар системаи иттилоотӣ мавҷуд набошад ё дар мавриде, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои дигар пешбинӣ шуда бошанд. Иттилоот аз системаҳои иттилоотӣ ба истифодабарандагон ба таври ҳуҷҷатшуда дода мешавад. Иттилоот аз системаҳои иттилоотӣ дар ҳолатҳои фавқулодда, аз ҷумла барои истифодаи афзалиятноки иттилоот аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии муқарраркардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳолатҳои фавқуллода дода мешавад. Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ барои гирифтани иттилооти ҳуҷҷатшуда ҳуқуқ доранд. Ҳуқуқи гирифтани иттилооти ҳуҷҷатшуда танҳо бо қонун маҳдуд шуда метавонад. Таъмини ҳуқуқи гирифтани иттилооти ҳуҷҷатшуда аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ набояд ҳуқуқи шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони дигари ҳуқуқӣ ва воқеиро халалдор намояд. Иттилооти ҳуҷҷатшуда ҳамчун объекти ҳуқуқи моликият шакли ҳуҷҷати алоҳида ё маҷмӯи ҳуҷҷатҳоро (фонди ҳуҷҷатӣ, бойгонӣ, махзани маълумот ва дониш, дигар шаклҳои ташкили иттилоотро) дорад. Ҳуҷҷат кардани иттилоот шарти ҳатмии ба захираҳои иттилоот ҳамроҳ намудани иттилоот мебошад. Ҳуҷҷат баъди онро имзо кардани шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ эътибори қонунӣ пайдо мекунад. Эътибори қонунии ҳуҷҷате, ки бо системаҳои автоматиконидашуда ва телеиртибот (телекоммуникатсия) нигоҳдорию омода ва ирсол карда мешавад, бо имзои рақамии электронӣ тасдиқ шуда метавонад. Имзои электронӣ дар сурати дар системаю шабакаҳои иттилоотӣ мавҷуд будани воситаҳои барномавию техникие, ки имзоҳоро ба ҳам монанду мушобеҳ месозанд ва дорои сертификати мувофиқат ё шаҳодатномаи эътирофи сертификатеанд, ки дар системаи мил-

лии сертификатонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, эътибори қонунӣ пайдо мекунад. Захираҳои иттилоот, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд оварда мешаванд, бояд мутобиқи талаботи стандарти ҷаҳонӣ ва якнавохтсозӣ бошанд. Захираҳои иттилоотӣ метавонанд дар асоси иттилооте, ки дар ҷараёни ҳамкории иттилотӣ бо мақомоти давлатӣ ва ҳамчунин бо шахсҳои ҳуқуқӣ ё воқеӣ дар асоси шартнома дар доираи фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ ҳангоми хизматрасонии иттилоотӣ мавриди таҳия, коркард ва андӯхт қарор мегиранд, ташаккул ёбанд.

17.4. Масъалаҳои ҳуқуқии Интернет ва савдои электронӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ

Мувофиқи Қоидаи пешниҳод намудани хизматрасонии Интернет дар ҶТ аз 8 августи соли 2001 таҳти № 389 тартиб, шартҳои асосии дастрасӣ ба шабакаи Интернет, ба муштарӣ пешниҳод намудани хизматрасонии Интернет дар ҳудуди ҶТ муқаррар карда шудааст. Қоида мувофиқи Фармони Президенти ҶТ аз 16 сентябри соли 1999 таҳти №1347 «Дар бораи чораҳо оид ба таъмини дастрасӣ ба шабакаи ҷаҳонии иттилоот» ва қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 феврали соли 1997 таҳти № 108 «Дар бораи ташкил намудани низоми ягонаи автоматикунонидашудаи тайёр намудани ҳуҷҷатҳо дар дастгоҳи давлатии ҶТ» коркард карда шудааст. Ташкил ва иҷораи воситаҳои алоқа дар ҳудуди ҶТ ба мақсади насбкунии техникии муштариён ба шабакаҳои Интернет ба корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо новобаста аз шакли моликияташон иҷозат дода мешавад. Ташкилотҳои байналмиллалӣ ва намояндагиҳои дипломатӣ дар ҳудуди ҶТ воситаҳои ташкилнамудаи алоқаи байналмиллалӣ ва байнишаҳриро, аз ҷумла алоқаи моҳворавиро барои эҳтиёҷоти шахсӣ истифода мебаранд. Қоида барои ҳама истифодабарандагони Интернет дар ҳудуди ҶТ барои иҷроиш ҳатмӣ мебошад. Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки дар вақти ба амал баровардани фаъолият оид ба хизматрасонии ва истифодаи интернет ба вайронкунӣ роҳ дадаанд, бо тартиби муқарраршуда ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Мафҳумҳои асосӣ инҳо мебошанд: Интернет- маҷмӯи хизматҳои гуногуни телематикӣ ва хизматҳои хабаррасонӣ мебошад, ки дар шабакаҳои гуногуни коммуникатсионӣ, ки миёни худ бо лоиҳаи мантиқӣ ва дар асоси протоколи байналмиллалии интиқоли иттилоот сохта шудааст асос меёбад. Протокол – маҷмӯи қоидаҳое мебошад, ки формат ва расмиётҳои мубодилаи иттилоотро

муқаррар мекунад. Интиқоли иттилоот (ИИ) – як намуди телекоммуникатсия мебошад, ки мубодилаи иттилооти дар намуди аломатҳо пешниҳодшударо таъмин мекунад ва барои дар мошинаҳои ҳисоббарори электронӣ коркард шуданашон таъин шудааст. Шабакаи интиқоли иттилоот (ШИИ) – маҷмӯи шабакаҳои телекоммуникатсия мебошад, ки мубодилаи иттилоотро миёни истифодабарандагони ШИИ таъмин менамояд. Провайдер – шахси ҳуқуқии дар ҳудуди ҶТ амалкунанда мебошад, ки насбкунии техникии муштариёнро ба шабакаи Интернет ба амал мебарорад. Пешниҳод намудани дастрасӣ ва хизматрасонии Интернет, инчунин муносибати мутақобилаи провайдерҳо бо муштарӣ дар асоси шартномаи хизматрасонии пулакӣ ба амал бароварда мешавад. Нархи хизматрасонӣ дар моддаҳои 456 ва 800 Кодекси граждании ҶТ танзим карда мешавад. Провайдер пеш аз бастани шартнома уҳдадор аст ба муштарӣ иттилооти саҳеҳро оид ба масъалаҳои зерин пешниҳод намояд: хизматрасониҳои пешниҳоднамудаи провайдер; тарифи ин хизматрасониҳо; тартиби насбкунӣ ва хизматрасонӣ; тартиби хизматрасонии Интернет; сифати хизматрасонӣ. Шартнома миёни првайдер ва муштари бояд дар шакли хаттӣ тартиб дода шуда, инҳоро бояд муайян кунад: номгӯи хизматрасониҳо ва нархи онҳо; уҳдадории провайдер; уҳдадории муштарӣ; низоми ҳисоббаробаркуни миёни првайдер ва муштарӣ; ҷавобгари тарафҳо; муҳлати амали шартнома ва шартҳои қатъ намудани он; ҳалли баҳсҳо; дигар шартҳои пешбининамудаи қонунгузории граждании ҶТ. Пас аз бастани шартнома бо муштарӣ провайдер маълумотҳои суроғавии онро хабар медиҳад, насб кардани муштариро ба шабакаҳо таъмин менамояд, дастурамалро оид ба тартиби дастрасӣ ва кор дар шабакаҳои интиқоли иттилоот медиҳад, таҷҳизотҳои заруриро тавсия медиҳад. Провайдер уҳдадораст: а) фаъолияти худро мувофиқи Қоида ба амал барорад; б) мувофиқи шартномаи бо муштарӣ бастааш корҳоро иҷро намуда хизмат расонад; в) ҳифзи иттилоот, таъминоти барномавӣ ва дигар маҳсулотҳои хислати иттилоотӣ доштаро ба амал мебарорад; г) маҳдудияти дастрасиро ба иттилооти ҳифзшуда ва хизматӣ таъмин намояд; д) пуррагӣ, ҳифз ва амнияти иттилооти муштарие, ки дар провайдер ҷойгир аст, ҳифз аз дастрасии ғайриқонунӣ ба таъминоти барномавии шабакавӣ ва ба захираҳои иттилооти муштариёнро таъмин намуда, ба вайронкунии махфияти хабарҳо роҳ намедиҳад. Дастрасӣ ба мазмун ва маълумотҳои хабарҳои электронӣ метавонад танҳо мувофиқи қонунгузорииҶТ ба

мақомотҳои амният, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод карда шавад; е) маълумотҳоро ба ташкилотҳои дигар пешниҳод накунад, махфияти онҳоро таъмин кунад; ж) дастрасии бемонеаро ба кормандони мақомотҳои давлатӣ ва дигар муассисаҳои давлатӣ, ки дорои ҳуқуқҳои зарурӣ мебошанд ба оъектҳои худ пешниҳод мекунад; з) ҳисоббаробаркуниро бо муштарӣ барои хизматрасонӣ мувофиқи шартнома гузаронад, маълумоти заруриро бо талаби истифодабаранда пешниҳод намояд. Дар мавриди ба вуҷуд омадани масъалаҳои молиявии баҳснок ба истифодабаранда маълумоти саҳеҳ дар ин бора пешниҳод намояд. Провайдер ҳуқуқдорад: ба суд оид ба маҳдудкунии фаъолияти он муроҷиат намояд; амали шартномаро қатъ намояд ё боз дорад.

Муштарӣ уҳдадор аст: а) шабакаро ба мақсади паҳн намудани маълумоти сирри давлатӣ ё дигар сир истифода набарад; б) ба воситаи шабака маълумотеро, ки паҳн кардани он мувофиқи қонунгузорӣ манъ карда шудааст, паҳн накунад; в) маводҳои аз шабака гирифтаашро барои паҳн кардани иттилоот истифода набарад, агар ин ба қонун мухолифат кунад; г) кӯшиши ғайриқонунӣ ба шабака даромаданро накунад; д) ба воситаи шабака иттилоотеро, ки шаъну шарафро паст мезанад, паҳн накунад; Муштарӣ ҳуқуқ дорад: а) мувофиқи шартнома хизматрасонии провайдерро истифода барад; б) ба провайдер иддао пешниҳод намояд; в) бо тартиби муқаррар намудаи боби 28 КГ ҶТ шартномаро бо првайдер қатъ намояд; г) дар ҳолати аз ҷониби провайдер вайрон намудани шартҳои шартнома , муштарӣ ҳуқук дорад аз рӯи хоҳиши худ талаб намояд: ройгон бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда; мувофиқан кам намудани арзиши хизматрасонӣ; такроран иҷро намудани кор ё хизматрасонӣ бе пардохти иловагӣ; қатъ намудани шартнома бо ҷуброни пурраи зарари расондашуда; д) амали провайдерро, ки ҳуқуқи муштариро поймол намудааст, бо тариқи судӣ шикоят кунад. Инкишофи босуръати шабакаи Интернет дар даҳсолаи асри ХХ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва вазъияти бозор таъсири аҳамиятнок расонидааст. Иқтисодчиён оид ба имконияти дар асри XXI таъсисёфтани «Интернет-иқтисодиёт», ки оҳиста-оҳиста соҳаҳои гуногунро, аз ҷумла соҳаи давлатиро, то таъсис додани «ҳукумати электронӣ» (e- government)низ дарбар мегирад, ақидаҳо пешниҳод намуданд.

Дар солҳои 90-ум падидаи нав дар соҳаи муроҷиат ин инкишофи Тиҷорати электронӣ (e-commerce) мебошад, ки ба истифодаи Интернет ва дигар воситаҳои алоқаи электронӣ барои баста-

ни аҳдҳои савдо ва савдои чакана асос меёбад. Дар айни замон миёни олимон ва мутахассисон ақидаи ягона оиди он, ки кадом соҳаи фаъолияти инсонро ба мафҳуми «тиҷорати электронӣ» ҷойгир намудан мумкин аст, вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз барои бисёртар фаҳмидани имкониятҳои тиҷорати электронӣ, бояд худи мафҳуми «тиҷорати электронӣ» -ро муайян кунем. Аммо аз рӯи мафҳумҳои маълумгашта тиҷорати электронӣ чунин мафҳум дорад: тиҷорати электронӣ (e-commerce) – ин мубодилаи мол ва хизмат дар асоси пояи мавҷудбудаи алоқа бо ёрии воситаҳои электронии коммуникатсия, миёни шарикони тиҷоратӣ мебошад. Инчунин мафҳуми ба ҳам монанди «тиҷорати электронӣ» ва «савдои электронӣ» мавҷуд аст, лекин баъзе олимон миёни ин ду мафҳум фарқият гузоштаанд. Дар баъзе аз нашрияҳо ин мафҳумҳоро ҳамчунин пешбурди савдои электронӣ ҳамчун соҳаи фаъолияти корӣ мефаҳманд, ки муомилоти ҳуҷҷатҳо, низоми пардохти электронӣ ва савдои электрониро дар бар мегирад. Тиҷорати электронӣ имконияти ба амал баровардани харид, фурӯш, хизматрасонӣ, гузарондани чорабиниҳои маркетингиро ба воситаи шабакаҳои компютерӣ медиҳад, яъне доираи васеи фаъолнокии кориро, ки ба воситаи воситаҳои электронӣ (гирифтани супориш ба воситаи низоми мубодилаи иттилои электронӣ; барои ба амал баровардани **трансаксии Интернет,** телефаксҳо ва почта, ки ҳисоббаробаркуниҳои банкоматию смарт-картиро зуд ва осон мегардонад) ба амал бароварда мешавад, муттаҳид мекунад. Ҳамаи ин фаъолнокии кориро аз «бозор ҳамчун ҷой» ба «бозор ҳамчун макон» мекӯчонад. Тамоми ширкатҳои истеҳсолӣ ё корхонаҳо, ки ё савдо мекунанд ё ягон хизмат мерасонанд, метавонанд дар веб-алоқа ҳам бомуваффақият амал намоянд. Тиҷорати электронӣ- ин на танҳо мағозаи электронии дар намуди сомона таъсисдодашуда мебошад, балки ин тиҷорате мебошад, ки ҳама он унсурҳои дар бозор мавҷудбударо дар бар мегирад. Ин намуди фаъолият, ҳамчун гузарондани тадқиқотҳои маркетингӣ, муайян намудани имконият ва шарикон, нигоҳ доштани робита бо молрасон ва истеъмолкунандагон, ташкили муомилоти ҳуҷҷатӣ ва ғайра, инчунин ба соҳаи фаргирандаи мафҳуми «тиҷорати электронӣ» дохил мешаванд. Ҳамин тавр, тиҷорати электронӣ мафҳуми комплексиро ифода мекунад ва мубодилаи маълумотро ҳамчун яке аз таркибҳо дарбар мегирад. Тиҷорати элетронӣ дар асоси се технологияи асосӣ ташкил мешавад: имконияти молрасон ба ҷойгиркунии маълумоти кофӣ дар бораи мол ва хизматҳои худ ба шабакаи Интернет ва гирифтани

супориш ба онҳо ба воситаи электронӣ; имконияти доштани дастрасии харидор ба сомонаиширкати молрасон ва супориш намудани мол ва хизматрасонӣ бо тариқи онлайн; низоми пардохти электронӣ. Ба гуфтаҳои боло такя намуда аломатҳои зерини тиҷорати электрониро ҷудо намудан мумкин аст: факти ба амал баровардани амалиёт бо роҳи элетронӣ, яъне бо истифодаи шабакаи компютерӣ; паҳн намудани ҳуқуқи моликият ба дороии истеҳсолшуда ё харидашуда, ҳам анъанавӣ ва ҳам нав (масалан иттилоот дар намуди электронӣ); нишондиҳандаҳои малиётҳои якранги ба амал баровардашуда, ки метавонад ба таври объективӣ бо провайдер чен карда шавад ва аз ҷониби аудитори мустақил тасдиқ шудааст (масалан бо log-файл); кор кардан бо дороӣ ба мақсади серхаридор намудан он, ки ҳам дороиҳои моддӣ (шайъӣ) ва ҳам дороиҳоро дар шакли электронӣ (сканеркунӣ) дар бар бар мегирад; ҳолатҳои амалинамоии дороӣ, аз он ҷумла ба воситаи электронӣ (интиқоли маълумот бо шабакаҳо); мавҷуд будани кӯшиши гирифтани фоида ё ба шакли анъанавӣ ё ба истифодаи технологияи замонавӣ (бо ёрии низоми пардохти электронӣ ё бо «пулҳои рақамӣ»). Унсури зарурии тиҷорати электронӣ чунин мафҳумҳо мебошанд: Фурӯшанда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад, ки ба харидор харид намуданро дар мағоза – Интернет (дар шакли офертаи оммавӣ) пешниҳод мекунад. Харидор - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад, ки дар мағоза – Интернет харидро ба амал мебарорад. Мавзӯи савдо (хизмат) – объекти ҷисмонӣ ё файли компютерии арзишнок мебошад, ки барои ба кампютери ҷудогона гирифтан бо Интернет дастрас мебошад. Турҳо, хизматҳо, чиптаҳои ҳавопаймоӣ ва роҳи оҳан (аз он ҷумла электронӣ) ва дигар хизматҳо. Мағоза – Интернет майдони электронии савдои ба шахси ҳуқуқӣ тааллуқ дошта мебошад, ки суроғаи почтавӣ, почтаи элетронӣ ва телефонаш ба ҳамагон маълум (ба ҳама дастрас) мебошад. Дар мағоза – Интернет инҳо пешниҳод мешаванд: а) ашёи савдо дар намуди номгӯй, нарх, сурат ва маълумоти онҳо; б) хизматҳои интерактивӣ, ки ба харидор имконияти супориш намудани ашёи савдоро таъмин мекунад; в) маълумот оид ба қоидаҳои пардохт бирои харид ва молсупорӣ ба харидор. Фаъолияти мағоза – Интернет бо қонунгузории амалкунандаи мамлакате, ки шахси ҳуқуқии молик дар онҷо ба қайд гирифта шудааст, муқаррар карда мешавад. Дар айни ҳол пешбурди тиҷорати электронӣ ба якчанд самт тақсим мешавад, ки асосиаш инҳо мебошанд: тиҷорат - тиҷорат (business-to-business, B2B); тиҷорат – истеъмолкунанда (business-

to-consumer ё business-to-clientB2C); истеъмолкунанда - истеъмолкунанда (consumer-to-consumer C2C ё peer-to-peer P2P); баъзан вақт инчунин муносибати мутақобилаи тиҷорат ва истеъмолкунандаро бо мақомотҳои давлатӣ ва дигар мақомотҳои танзимкунанда баррасӣ мекунанд: тиҷорат — маъмурият (business-to-administration, B2A); истеъмолкунанда - маъмурият (consumer-to-administration C2A). Ҳамин тавр аз инҳо мушкилтарҳам ифода карда мешавад, масалан, фаъолияти Интернет – провайдер: тиҷорат (истеҳслкунандаи мол/хизмат) - тиҷорат (провайдер) - истеъмолкунанда (business-business-consumer, B2B2C) ва ғайра. Тамоюли ҷолибтар дар инкишофи низоми тиҷорати электронӣ дар ҷаҳон ин дар асоси онҳо развертывание коркунии низоми тиҷоратии кооперативиро ба ҷадвали «business-to-business». Самти мазкур дар солҳои наздик мумкин аст пешраванда гардад, – ки дар натиҷаи он шумораи истифодабарандагони шахсии Интернет (ва мувофиқан интернети потенсиалии истифодабарандагон) дар ҷаҳон аз он ҷумла дар мамлакатҳои тараққикарда афзоиш ёфт. Барои истифодабарии мақсаднок чунин олотҳо ба монанди эмағоза, паҳн намудани рекламаи онлайнӣ, иштирок дар форумҳо, Интернет – ҷаласа, гӯшаи эълонҳо, Web-ҷомеа ва почтаи электронӣ истифода мешавад. Асоси амалкунии низоми тиҷорати электрониро мағозаҳои электронӣ ташкил медиҳад. Мағозаҳои электронӣ намояндагии коммерсантро дар шабакаи Интернет дар асоси таъсис додани web-сервер баромадкунандаро ифода мекунад. Мақсади асосии таъсис додани чунин корхонаҳо дар таъмини фурӯши мол ва хизматрасонӣ ба дигар истифодабарандагони шабакаи Интернет ифода меёбад. Бешубҳа, қувваи пешбарандаи э - тиҷорат ин реклама мебошад. Истеҳсол-кунандагон метавонанд рекламаи онлайниро бо се тарз ҷойгир кунанд: 1) дар фаслҳои махсуси мавзӯӣ, ки хизмати онлайнии тиҷоратиро пешниҳод мекунад; 2) барои истифодаи тиҷорати Интернет-ҷаласа таъиншуда; 3) пардохти эълони рекламаи онлайнӣ, ки дар монитори истифодабаранда, ки хизмати иттилоотии онлайнӣ ё Web-сайтро мушоҳида мекунад. Инҷо баннерҳо, равзанаҳо, реклама дар намуди эълонҳои дар экран ҳаракаткунанда ва «**шлагбаумҳо**» (эълонҳое, ки дар вақти коркунии истифодабаранда бо сайт ба чашм мерасад) дохил мешавад. Аҳамияти асосӣ дар инкишофи тиҷорати электронӣ ба почтаи электронӣ дода мешавад. Э-почта шабакаи мақсадноке мебошад, ки ба воситаи он ширкат метавонад бевосита бо истеъмолкунандагони болаёқат ва ҳақиқӣ комуникатсия гузаронад. Ширкат метавонад ба харидор

ва муштариён тариқи э-почта саволҳо, шикоят ва пешниҳод равон кунад, ки кормандони шуъбаи хизматрасонии харидор метавонанд осон ва зуд ба онҳо ҷавоб гардонанд. Бисёр ширкатҳо дар асоси маълумоти бо ин шабака гирифташуда, рӯйхати Интернет-хабарнигоронро тартиб медиҳад ва бо э-почта ба муштариён маълумоти маркетингӣ, пешниҳодҳои махсус, намудҳои гуногуни хотиррасониҳо ва эълонҳо оид ба чорабиниҳои мушаххас равон мекунад. Соҳаи татбиқи низоми тиҷорати электронӣ гуногунҷабҳаанд. Онҳо ба худ доираи васеи амалиётҳои корӣ ва аҳдҳоро дарбар мегиранд, аз қабили: муқарар намудани робита миёни муштарии потенсиалӣ ва молрасон; мубодилаи электронии маълумотҳои зарурӣ; бевосита ба амал баровардани санади фурӯши мол ва хизматрасонӣ; пардохти электронии харид ва ғ. Фаъолияте, ки дар онҷо тиҷорати электронӣ гузаронида мешавад инҳо дохил мешаванд: маркетинги электронӣ (Интернет-маркетинг); маблағгузорӣ намудани таъсиси мағозаҳои электронӣ, инчунин суғурта намудани онҳо; амалиёти тиҷоратӣ, ки супориш, қабул ва пардохти молро дарбар гирад; якҷоя бо якчанд ширкат коркард намудани молу хизматрасонии нав; ташкили паҳнкунии маҳсулоти дар якҷоягӣ истеҳсолнамуда; гузарондани баҳисобгирии муҳосибӣ; ҳалли масъалаҳои баҳснок. Чи тавре, ки алакай дар боло зикр гардида буд, Интернет ба истифодабарандагони худ имконият дод, ки онҳо дар як вақти камтарин бо тамоми курраи замин дар алоқа бошанд. Се шакли мавҷудияти ширкат дар макони электронӣ вуҷуд дорад: 1. Харидани ҷой дар шуъбаи онлайнии тиҷоратӣ, масалан ширкати савдои чакана J. C. Penney (www. jcpenney.com) ҷойро America Online и Prodigy ба иҷора гирифтааст. Одатан чунин шуъба худ саҳифаи э-мағозаи ширкат-муштариро коркард мекунад, ширкат бошад пардохти солонаро бо фоиз аз ҳаҷми э-фурӯш ба амал мебарорад. 2. Фурӯш ба воситаи сомонаи ширкати дигар. Ширкати Amazon.com. (www. amazon.com) ин намуди нави маркетингро ҷорӣ намуда ба истеҳсолкунандагон ва миёнаравҳо имконият дод, ки онҳо молҳои худро дар zShop – фасли махсус таъсисдодашудаи сомонаи Amazon.com дод. Бо пардохт намудани $10 дар як моҳ ва фоизи наонқадар калон аз ҳаҷми фурӯш бо ин шабака, ҳар як ширкат ҳатто ширкатҳои рақобаткунанда дар баробари 12 млн муштариён ба Amazon.com дастрасӣ пайдо мекунанд. 3.

Таъсис додани Web-сомонаи хусусӣ. Асос барои пеш бурдани тиҷорат дар замони имрӯза ин Web-сомона, чи корпоративӣ ва чи сомонаи ташкилоти бегонаи миёнаравӣ мебошад. Таъсис

додани сомонаи корпоративӣ муаммои калон нест, лекин муҳим мебошад, ки аз ҳалли дурусти он амалкунии бомуваффақияти тамоми низоми тиҷорати электронӣ вобаста аст. Дар Web- сомонаи корпоративӣ метавонад маълумотро оид ба таърих, миссия ва фалсафаи ширкат, маҳсулот, хизматрасонӣ ва макони ҷойгиршавии он пешниҳод намояд. Масалан, сомонаи ширкати McDonald's (www. mcdonalds.com) ба ширкатҳои нав барои пешравиашон ёрӣ мерасонад, ба истифодабарандагон барои ёфтани тарабхонаи наздиктарин ёрӣ мерасонад, имиҷи ширкатро ба вуҷуд меорад. Web-сомонаи маркетингӣ пеш аз ҳама барои ҳавасмандгардонии харидорон ва истеъмолкунандагон, барои ба даст овардани мол ё расидан ба мақсадҳои маркетингӣ таъин шудааст. Масалан, сомонаи ширкати Garden (www.garden.com) барои таъсис додани боғи зебои хусусӣ лоиҳаҳо пешниҳод менамояд. Тиҷорати электронӣ метавонад дар сатҳҳои зерин ба амал бароварда шавад: миллӣ ва байналмиллалӣ. Асоси фарқияти амалиётҳои корӣ дар ин сатҳҳо ин на таркибҳои техникию технологӣ, балки қонунгузорӣ мебошад. Дар сатҳи байналмиллалӣ амалӣ сохтани низоми тиҷорати электронӣ мураккабтар аст. Ин аз истифодаи омилҳои зерин вобаста аст: истифодаи низоми гуногуни андозбандӣ, боҷҳои гумрукӣ, ба имзо расондани созишномаҳо миёни давлатҳои гуногун, фарқият дар қоидаҳои бонкии татбиқшаванда. Низоми амалкунии тиҷорати электронӣ дар сатҳи миллӣ асосан бо намояндагӣ дар шабакаҳо, реклама алоқаманд аст. Ба «пешгӯиҳо»-и зиёд нигоҳ накарда, гуфтан лозим аст, ки ин пешгӯиҳо дар вақтҳои охир мувофиқ намегирад.

Қайд намудан лозим аст, ки дар ҶТ масъалаҳои ҳуқуқии тиҷорати электрониро дар шабакаҳои ҷаҳонии Интернет (Танзими ҳуқуқии тиҷорати электронӣ дар шабакаҳои ҷаҳонии Интернет бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дисер.барои унвонҷуии дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқ. Душанбе, 2009.) дар сатҳи монографӣ н.и.ҳ. Абдуҷалилов А. тадқиқ намудааст.

17.5. Аҳамияти имзои электронӣ-рақамӣ

Мувофиҳи Қонуни ҶТ «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз 30 июли соли 2007, №320 имзои электронии рақамӣ - реквизити ҳуҷҷати электронӣ, ки барои аз сохтакорӣ ҳифз намудани ҳуҷҷати электронӣ пешбинӣ шуда, дар натиҷаи дигаргунсозии криптографии иттилоот бо истифодаи калиди пӯшидаи имзои электронии рақамӣ ба даст омадааст ва имконият медиҳад, ки

имзои соҳиби сертификати калиди имзо ҳаммонанд карда шуда, мавҷуд набудани иттилооти таҳрифшуда дар ҳуҷҷати электронӣ муайян гардад. Ҳуҷҷати электронӣ – ҳуҷате, ки дар он иттилоот дар шакли электронии рақамӣ пешниҳод гардидааст. Пӯшидаи (шахсӣ) имзои электронии рақамӣ – пайдарҳамии аломатҳо (рамзҳо), ки ба соҳиби сертификати калиди имзо маълум аст. Сертификати воситаҳои имзои электронии рақамӣ –ҳуҷат дар ҳомили коғазӣ, ки мувофиқи қоидаҳои сертификатонӣ ҷиҳати ба талаботи муқарраргардида мутобиқ будани воситаҳои имзои электронии рақамӣ дода шудааст. Сертификати калиди имзо – ҳуҷҷат дар ҳомили коғазӣ ё ҳуҷҷати электронӣ бо имзои электронии рақамии пӯшидаи шахси ваколатдори маркази тасдиққунанда, ки дар таркиби худ дорои калиди кушодаи имзои электронии рақамӣ мебошад ва он аз ҷониби маркази тасдиққунанда ба иштирокчии системаи иттилоотӣ ҷиҳати тасдиқи аслӣ будани имзои электронии рақамӣ ва ҳаммонандсозии сертификати калиди имзо дода мешавад. Сертификати калиди имзои электронии рақамӣ бояд маълумоти зеринро дар бар гирад: рақами нодири бақайдгирии сертификати калиди имзо, сана ва оғозу анҷоми мӯҳлати амали сертификати калиди имзо, ки дар феҳристи маркази тасдиққунанда мавҷуд аст; фамилия, ном, номи падар ва ё номи соҳиби сертификати калиди имзо ё тахаллуси молик. Ҳангоми истифодаи тахаллус маркази тасдиққунанда дар ин бора дар сертификати калиди имзо сабт мегузорад; калиди кушодаи имзои электронии рақамӣ; номи воситаи имзои электронии рақамӣ, ки бо он ҳамин калиди кушодаи имзои электронии рақамӣ истифода бурда мешавад; ном ва маҳалли ҷойгиршавии маркази тасдиққунанда, ки сертификати калиди кушодаи имзоро додааст; маълумот оид ба муносибатҳое, ки ҳангоми иҷрои онҳо ҳуҷҷати электронӣ бо имзои электронии рақамӣ дорои аҳамияти ҳуқуқӣ мебошад. Ҳангоми зарурат дар сертификати калиди имзо тибқи ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда вазифа (бо зикри ном ва маҳалли ҷойгиршавии ташкилоте, ки дар он чунин вазифа муқаррар гардидааст), тахассуси соҳиби сертификати калиди имзо ва мутобиқи аризаи ӯ дар шакли хаттӣ дигар маълумоте, ки бо ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ шудаанд, зикр мегардад.

Маркази тасдиққунанда сертификати калиди имзоро бояд дар мӯҳлати на дертар аз як рӯзи то мавриди амали сертификати калиди имзо ба феҳристи сертификатҳои калидҳои имзо дохил намояд.

Барои санҷиши тааллуқ доштани имзои электронии рақамӣ ба соҳиби дахлдор сертификати калиди имзо ба истифодабаранда бо зикри сана ва вақти додани он, маълумот оид ба амали сертификати калиди имзо (амал мекунад, амалаш боздошта шудааст, мӯҳлати боздоштани амали он бекор карда шудааст, сана ва вақти бекор кардани сертификати калиди имзо), инчунин маълумот дар бораи феҳристи сертификатҳои калидҳои имзо дода мешавад. Дар сурати додани сертификати калиди имзо ба шакли ҳуҷҷат дар ҳомили коғазӣ он дар бланкаи маркази тасдиққунанда расмӣ кунонида шуда, бо имзои дастии шахси ваколатдор ва мӯҳри маркази тасдиққунанда тасдиқ карда мешавад. Ҳангоми додани сертификати калиди имзо, инчунин маълумоти иловагии зикргардида дар шакли ҳуҷҷати электронӣ ба сертификат бояд шахси ваколатдори маркази тасдиққунанда имзои электронии рақамӣ гузорад. Системаи иттилоотии корпоративӣ, ки ба иштирокчиёни системаи иттилоотии истифодаи умум хизматрасонии маркази тасдиққунандаи системаи иттилоотии коропоративиро анҷом медиҳад, бояд ба талаботи Қонуни мазкур, ки барои системаҳои иттилоотии истифодаи умум муқаррар намудааст, мутобиқ бошад. Тартиби истифодаи имзои электронии рақамӣ дар системаи иттилоотии корпоративӣ бо қарори соҳиби системаи иттилоотии корпоративӣ ё созишномаи иштирокчиёни ин система муайян карда мешавад. Мӯҳтавои иттилоот дар сертификатҳои калидҳои имзо, тартиби пешбурди феҳристи сертификатҳои калиди имзо, тартиби нигоҳдории сертификатҳои бекоркардашудаи калидҳои имзо ҳангоми гум кардани эътибори ҳуқуқии ин сертификатҳо дар системаҳои иттилоотии корпоративӣ бо қарори соҳиби ин система ё созишномаи иштирокчиёни системаи иттилоотии корпоративӣ танзим мегардад. Соҳиби сертификати калиди кушода уҳдадор аст: а) барои пешгирӣ намудани дастрасии дигар шахс ба калиди пӯшидаи худ шароити дахлдорро таъмин намояд; б) ҳангоми мавҷуд будани асосҳо агар эҳтимол равад, ки пинҳонии калиди пӯшида вайрон карда шудааст, барои таъсиси имзои рақамӣ аз калиди шахсӣ истифода набарад; в) фавран боздоштани амал ё бозхондани сертификати калиди кушодаро дар ҳолатҳои зайл талаб намояд: гум кардани калиди пӯшида; эҳтимоли вайрон карда шудани пинҳонии калиди пӯшида; ба ҳақиқат мутобиқ набудани иттилооте, ки дар сертификати калиди кушода мавҷуданд; саривақт огоҳ намудани маркази сертификатонии калидҳои кушода дар хусуси тағйирёбии ин ё он иттилооте, ки дар сертификати калиди

кушода мавҷуданд; г) иҷрои дигар уҳдадориҳое, ки Қонун ва шартнома бо маркази тасдиққунанда муқаррар намудаанд.

17.6. Қонунгузории ҶТ дар соҳаи иттилоот ва иттилоотонӣ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин иборат аст:

1. Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6 августи соли 2001 , №40.
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» аз 10 маи соли 2002, №55.
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи имзои электронӣ-рақамӣ» аз 30 июли соли 2007, №320.
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2 декабри соли 2002 года, №71.
5. Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» аз 18 июни соли 2008, №403.
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» аз 18 июни соли 2008, №411.
7. Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи чораҳо оид ба таъмини дастрасӣ ба шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ» аз 16 сентябри соли 1999, №1347.
8. Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи ташкили низоми ягонаи автоматикунонидашудаи омода намудани ҳуҷҷатҳо дар дастгоҳи давлатӣ» аз 4 феврали соли 1997 №108.
9. Қоидаи пешниҳод намудани хизматраслонии интернетӣ дар ҳудуди ҶТ аз 8 августи соли 2001, №389.

17.7. Ҳифзи иттилооти тиҷоратӣ

Ҳифзи иттилооти тиҷоратӣ чун қисми фаъолият оид ба таъмини бехатарии соҳибкорӣ чунин меҳисобад, ки таҷовузҳои зиддиҳуқуқии ҷойдошта ба иттилооти тиҷоратӣ метавонад ба самтҳои гуногун равона бошад. Дар робита бо ин ҳимояи самараноки иттилоот бояд низоми самтҳои фаъолиятро, ки ҳар яки аз онҳо ба тарзи ҳимояи худ мувофиқанд пешбинӣ карда мешавад. Ба ғайр аз ин бояд таҷрибаи ҷаҳониро оид ба ҳифзи иттилооти тиҷоратӣ ба назар гирифтан лозим аст.Дар мамлакатҳои гуногуни самтҳои афзалиятноки ҳифзи иттилооти тиҷоратӣ (сирри тиҷоратӣ) мавҷуд аст. Инак, дар Олмон чораҳои қонунгузорӣ вуҷуд дорад, дар ИМА ва Франсия дар баробари он ба шуъбаи амнияти худи ташкилот бартарият дода мешавад, дар Япония рӯҳияи корпоративӣ ва шуғли дурудароз дар корхона хос аст, дар Британияи Кабир ҳимоя бо уҳдадориҳои шартномавӣ таъмин карда мешавад. Тарзҳои зерини ҳифзи иттилоот, ки соҳибкорон

метавонанд истифода баранд, ҷудо карда мешавад. Ба риояи он ҳуқуқҳои соҳибкоре асос ёфтааст, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст: пешбарии вазифа ва таъсиси хизмате, ки ба ҷойгир намудани иттилооти муайян ба категорияҳои пинҳонӣ масъул мебошад, риояи қоидаи дастрасӣ ва истифодаи ин маълумот; ҷудо намудани иттилоот аз рӯи сатҳи пинҳоният ва ташкил намудани дастрасӣ ба иттилооти пинҳонӣ танҳо мувофиқи вазифа ё иҷозати роҳбарият; риояи қоидаи истифодабарии итилоот; мавҷуд будани низоми назорати доимиамалкунанда аз болои риоя намудани дастрасӣ ва истифодаи иттилоот; техникӣ. Воситаҳои зерини назорат ва ҳимоя ба монанди таҷҳизоти садодиҳанда, видеокамераҳо, баландгӯякҳо, воситаҳои муқоисакунанда, инчунин воситаҳои барномавии ҳифзи низоми компютерӣ аз дастрасии беиҷозат, кор бо кадрҳо истифода бурдааст. Кори фаъоли шуъбаи кадрҳои корхонаро оид ба чиндан, санҷиш, омӯзиш, ҷойгиркунӣ, пешравӣ ва ҳавасмандкунии ҳайъатро пешниҳод мекунад. Бояд огоҳонии ҳайъатро оид ба зарурати риоя намудани қоидаи истифодаи иттилооти пинҳонӣ ва ҷавобгарӣ барои вайронкунии он доимо баргузор карда шавад.Қисми ин тарзҳо хароҷоти аҳамиятноки молиявиро пешбинӣ мекунад, ки истифодаи ҳамаи тарзҳо танҳо аз ҷониби корхонаҳои бузург ва қобили пардохт имкон дорад. В Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» аз 18 июни соли 2008, № 403 сирри тиҷоратӣ – махфияти иттилооте, ки имконият медиҳад ба дорандаи он дар ҳолати мавҷуда ё имконпазир даромадашро зиёд гардонад, ба хароҷоти беҳуда роҳ надиҳад, мавқеашро дар бозори мол, кор ва хизматрасонӣ нигоҳ дорад ё худ фоидаи дигари тиҷоратӣ ба даст орад; Чораҳои ҳифзи махфияти иттилоот, ки дорандаи он меандешад, аз инҳо иборат мебошанд: а) муайян намудани номгӯи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ; б) истифодаи сирри тиҷоратӣ дар воситаҳои сертификатсияшудаи ҳифзи иттилоот; в) маҳдуд кардани дастрасии иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ бо роҳи муқаррар намудани тартиби истифодаи ин иттилоот ва назорати риояи чунин тартибот; г) ба ҳисоб гирифтани шахсони ба иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ дастёфта ва ё шахсоне, ки ин гуна иттилоот ба онҳо расонида шудааст; д) ба танзим даровардани муносибатҳо оид ба истифодаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ аз тарафи кормандон дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ ва аз тарафи контрагентҳо дар асоси шартномаҳои ҳуқуқи граждани; е) гузоштани мӯҳри «Сирри тиҷоратӣ» дар рӯи ҳомилони (ҳуҷҷатҳои) моддии дорои сирри тиҷоратӣ ва зикри

дорандаи ин иттилоот (барои шахсони ҳуқуқӣ – номи пурра ва маҳалли будубош, барои шахсони воқеӣ – фамилия, ном ва номи падари шаҳрванде, ки соҳибкори инфиродист ва ҷои истиқомат). Низоми сирри тиҷоратӣ баъди тадбирҳои андешидаи дорандаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ, ки дар бандҳои а) ва в) қисми 1 моддаи мазкур зикр гардидааст, муқарраршуда ҳисоб меёбад. Соҳибкори инфиродие, ки дорандаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ буда, корманде надорад, ки бо ӯ шартномаи меҳнатӣ бандад, барои ҳифзи махфияти иттилооти дар қисми 1 моддаи мазкур зикршуда, ба истиснои бандҳои а) ва в), ҳамчунин муқаррароти банди д) оид ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ чора меандешад. Дорандаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ дар баробари чораҳое, ки дар қисми 1 ҳамин модда зикр ёфтаанд, ҳуқуқ дорад ҳангоми зарурат усулу воситаҳои ҳифзи техникии махфияти ин иттилоот, дигар чораҳоеро, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд, татбиқ намояд. Чораҳои ҳифзи махфияти иттилоот ҳаматарафа оқилона эътироф карда мешаванд, ба шарте, ки: а) дастрасии иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ аз ҷониби ҳар шахс бе розигии дорандаи он истисно гардида бошад; б) имконияти иттилооти дорои сирри тиҷоратиро истифода намудани кормандон ва расонидани он ба контрагент бидуни вайрон кардани низоми сирри тиҷоратӣ таъмин гардад. Низоми сирри тиҷоратиро барои мақсадҳое, ки алайҳи талаботи ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, ахлоқ, сиҳатӣ, андозбандӣ, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони дигар, таъмини мудофиаи кишвар ва амнияти давлат равона гардидаанд, истифода кардан мумкин нест. Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2 декабри соли 2002 , №71 ҳифзи иттилоот - маҷмӯи чорабиниҳо, ки бо мақсади пешгирӣ намудани ихроҷӣ, дуздӣ, гумкунӣ, нобудсозии беиҷозат, ғалат маънидодкунӣ, тағйирдиҳӣ (сохтакорӣ), нусхабардории беиҷозат ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот гузаронида мешаванд. Ба воситаҳои ҳифзи иттилоот мансубанд: ташкилӣ; техникӣ; барномавӣ; дастгоҳӣ; ҷисмонӣ; криптографӣ.

БОБИ XVIII. ҲУҚУҚ БА РЕКЛАМАИ ТИҶОРАТӢ

18.1. Мафҳум ва танзими ҳуқуқии истеҳсол ва паҳнкунии маҳсулоти рекламавӣ

18.2. Субъектони муносибатҳои рекламавӣ.

18.3. Талаботи нисбати реклама пешбинишуда.

18.4. Мафҳум ва намудҳои рекламаи номуносиб.

18.5. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои истеҳсол ва паҳнкунии рекламаи номуносиб.

18.1. Мафҳум ва танзими ҳуқуқии истеҳсол ва паҳнкунии маҳсулоти рекламавӣ

Мувофиқи қонуни ҶТ «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003, № 34 муносибатҳои соҳаи рекламаро (ба истиснои рекламаи сиёсӣ) ба танзим дароварда, онро аз рақобати бевиҷдонона ҳифз менамояд ва рекламаи номуносиберо, ки метавонад истифодабарандагонро ба иштибоҳ андозад ё ба саломатии онҳо, амволи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, муҳити зист ё иззати нафс, шараф ё шӯҳрати меҳнатии шахсони мазкур зарар расонад, инчунин ба манфиатҳои ҷамъиятӣ, принсипҳои башардӯстӣ ва ахлоқӣ таҳдид кунад, пешгирӣ ва қатъ менамояд. Реклама - иттилооте, ки дар ҳар шакл, тавассути ҳар навъ воситаҳо оид ба шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо (ахбори рекламавӣ) паҳн мешаванд ва барои доираи васеи шахсон пешбинӣ шуда, ҷиҳати ташаккул ё дастгирии шавқмандӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо, ташаббусҳо таъин гардида, барои фурӯхтани молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо мусоидат менамояд. Реклама чи тавре маълум аст «муҳаррик»-и савдо ва ҳама фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Агар наворҳои рекламавӣ дар телевизион якчанд сол пеш пайдо мешуд дар миёни тамошобинон қаҳру ғазабро юа вуҷуд меовард, имрӯз бошад реклама ба ҳаёти мо устуворона дохил шуд. Суханҳ о аз наворҳои рекламавӣ дар хотири мо нақш баста ба забон омадан мегирад. Реклама – ин як намуди эҷод аст, ҳатто зиёдтар аз он ин санъат аст, чи тавре, ки файласуф мегӯяд-парвози фикрро нигоҳ доштан номумкин аст. Аммо реклама ин на санъати оддӣ, балки санъати фурӯхтан, инҷо манфиати молумулкии моро фаро мегирад, барои ҳамин як чорчӯбаи фаъолияти рекламавӣ зарур аст. Фаъолияти рекламавӣ моҳиятан соҳибкорӣ мебошад ва ба муносибатҳои истеҳсол, ҷобаҷокунӣ ва паҳнкунии рекламаҳо ҳама принсипҳои асосии амалкуниибозор паҳн мегардад. Аз ҳуҷҷатҳои байналмиллалӣ Кодекси байналмиллалии тачрибаи рекламавӣ (КБТР), Ковенсия оид ба суханронии

трансҳудудиро номбар намудан мумкин аст. КБТР аз тарафи Палатаи байналмиллалии савдо дар Париж соли 1937 ва дар солҳои 1949, 1955, 1966, 1973 ва 1986 аз нав дида шуд. Кодекси байналмиллалии таҷрибаи рекламавӣ маҷмӯи қоидаҳо, одатҳо ва стандартҳои ахлоқиро дар бар гирифта, хислати тавсиявӣ дорад, мувофиқан он ба низоми қонунгузории реклама дохил намешавад. Кодекси байналмиллалии таҷрибаи рекламавӣ дар навбати аввал воситаи худинтизомӣ дар муносибатҳои савдои байналмиллалӣ мебошад. Ҳамзамон муқаррароти кодекси мазкур метавонад аз ҷониби судҳо ба сифати дастурамал дар чорчӯбаи қонунгузории байналмиллалӣ истифода шавад. Ковенсия оид ба суханронии трансҳудудӣ меъёрҳои оид ба рекламаро дар бар мегирад, аммо он ратификатсия нашудааст, азин лиҳоз меъёрҳои он хислати тавсиявӣ дорад.

18.2. Субъектҳои муносибатҳои рекламавӣ

Аз рӯи амалинамоии функсия субъектони зерини фаъолияти реклампвӣ мавҷуданд: Рекламадиҳанда - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ҷиҳати истеҳсол, ҷойгиркунӣ ва минбаъд паҳнкунии реклама манбаи иттилооти реклама мебошад. Истеҳсолкунандаи реклама - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ҷойгир ё паҳнкунии иттилооти рекламаро пурра ё қисман дар шакли тайёр барои паҳнкунӣ омода месозад. Паҳнкунандаи реклама - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ҷойгир ё паҳнкунии иттилооти рекламаро бо роҳи пешниҳод ё истифодаи амвол, аз ҷумла, воситаҳои техникии радио, телевизион, инчунин шабакаҳои алоқа, вақти намоиш ва бо истифода аз дигар воситаҳо анҷом медиҳад. Истифодабарандагони реклама - шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие, ки реклама ба маълумоташон расонида мешавад.

18.3. Талаботҳои нисбати реклама пешниҳодшуда

Ду намуди талабот ба реклама вуҷуд дорад: Талаботи умумӣ ба реклама ва махсус. Реклама бояд бе донишҳои махсус ё бе татбиқи воситаҳои техникӣ, бевосита дар лаҳзаи пешниҳоди он сарфи назар аз шакл ё воситаҳои истифодашавандаи паҳнкунӣ, маҳз ҳамчун реклама шинохташаванда бошад. Дар осори радио, телевизион, видео, аудио ва кино, инчунин дар маҳсулоти чопии дорои хусусияти ғайрирекламавӣ истифодаи мақсадноки таваҷҷӯҳи истифодабарандагони реклама ба навъи (модел, артикул) мушаххаси мол ё ба тайёркунанда, иҷрокунанда, фурӯшанда барои ташаккул ва дастгирии манфиати онҳо бе маълумоти му-

носиби пешакӣ дар ин маврид (ба хусус, бо роҳи қайд кардан "ҳамчун реклама") иҷозат дода намешавад. Ба воситаҳои ахбори омма барои ҷойгиронии реклама ҳамчун маводи иттилоотӣ, таҳрирӣ ё таълифӣ гирифтани маблағ манъ аст. Агар маҳсулоти радио, телевизион, видео, аудио ва кино, инчунин осори чопӣ қисм ба қисм паҳн карда шаванд, маълумот дар бораи реклама низ бояд мутобиқи миқдори қисмҳои он такрор гардад. Реклама дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ва бо салоҳдиди рекламадиҳандагон, инчунин ба дигар забонҳо, мутаносибан бо ҳарфҳои хурд паҳн карда мешавад. Ин муқаррарот ба радиошунавонӣ, пахши телевизионӣ ва нашрияҳои чопие, ки танҳо ба забони давлатӣ, забонҳои дигар миллатҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматдошта ва забонҳои хориҷӣ сурат мегиранд, инчунин ба тамғаҳои молии (тамғаҳои хизматрасонӣ) ба қайд гирифташуда дахл надоранд. Ба рекламаи мол, рекламаи худи рекламадиҳанда, ҳамчунин ба рекламаи молҳое, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолу истифодаи онҳо манъ карда шудааст ва инчунин ба рекламаи маҳсулот, кору хизматрасонӣ, ки бояд ҳатман дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сертификатсия карда шаванд, вале сертификати мутобиқат надоранд, роҳ дода намешавад. Рекламаи молҳое, ки сертификатсияи ҳатмиро талаб менамоянд, бояд қайди "ҳатман сертификатсия кунонида шаванд" дошта бошанд. Истифода намудани объектҳои ҳуқуқҳои истисноӣ (моликияти зеҳнӣ) дар реклама бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад. Реклама набояд дар шаҳрвандон ҳисси зӯроварӣ, таҷовуз, воҳима барангезад, инчунин набояд ба амалҳои хатарноке даъват намояд, ки метавонанд ба саломатии шахсони воқеӣ зарар расонанд ё ба бехатарии онҳо таҳдид намоянд ва ба идроки инсон беихтиёр таъсир расонад. Реклама набояд ба амалҳое, ки қонунгузории ҳифзи табиатро вайрон мекунанд, оварда расонад. Талаботҳои махсус оид ба реклама инҳо мебошанд: махсусияти реклама дар барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ; махсусияти реклама дар нашрияҳои даврӣ; махсусияти реклама дар кино ва хизматрасониҳои видеоӣ ва суроғавӣ; махсусияти рекламаи берунӣ; махсусияти рекламаи намудҳои алоҳидаи мол; махсусияти рекламаи воситаҳои нақлиёт ва почта; махсусияти рекламаи хизматрасонии молиявӣ, суғуртавӣ, инвеститсионӣ ва қоғазҳои қимматнок ва ғ. Масалан, нӯшокиҳои машруботӣ, тамоку ва маҳсулотҳои тамокугӣ, аудио ва видеои шаҳвонӣ, маводҳои нашриётӣ, маҳсулоти хуроки

кӯдакон ва зарфча барои хӯрондан, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ манъ карда мешавад. Рекламаи маводҳои доруворӣ , техникаи тиббӣ, таҷҳизотҳои тиббӣ ва санитарию гигиенӣ, маҳсулоти табобатию профилактикӣ, воситаҳои пардозӣ, ки аз қайди мақомоти давлатии Вазорати тантдурустии ҶТ, инчунин рекламаи усули табобат, профилактика, саломаткунӣ бе иҷозати Вазорати тантдурустии ҶТ роҳ дода намешавад. Дар мавриди рекламаи воситаҳои доруворӣ ба мақсади пурзӯр намудани самараи реклама, муқоиса намудани он бо дигар воситаҳои доруворӣ роҳ дода намешавад. Рекламаи воситаҳои доруворӣ бо ретсепти духтур роҳ додав намешавад. Рекламаи тамоми намуди яроқ, техникаи ҳарбӣ, ба истисноӣ рекламаи яроқи граждани, шикорӣ ва варзишӣ, ки иҷозат дода шудааст манъ аст. Паҳн намудани рекламаи яроқи граждани, шикорӣ ва варзишӣ танҳо дар нашрияҳои даврӣ,ки махсус барои реклама аст, инчунин дар дигар нашрияҳои даврӣ, ки барои истифодабарандагони рекламаи яроқи граждани, шикорӣ ва варзишӣ, ки иҷозат аст таъин шудааст, иҷозат дода мешавад. Паҳнкунии рекламаи яроқи граждани, шикорӣ ва варзишӣ, ки иҷозат аст танҳо пас аз соати 22^{00} вақти маҳаллӣ иҷозат дода мешавад.

18.4. Мафҳум ва намудҳои рекламаи номуносиб

Рекламаи номуносиб - рекламаи муқобили талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Намудҳои зерини рекламаи номуносиб вуҷуд дорад: Рекламаи бевиҷдонона рекламае мебошад, ки: шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки аз молҳои рекламашаванда истифода намекунанд, беобрӯ менамояд; дорои муқоисаҳои носаҳеҳи моли рекламашаванда бо моли (молҳои) дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ буда, инчунин мулоҳизаҳо ва тасвирҳое дорад, ки иззат, шаъну шараф ё эътибори рақибонро паст мезананд; истеъмолкунандагонро нисбати моли рекламашаванда ба воситаи тақлиди (нусхабардории ё тақлидкории) лоиҳаи умумӣ, матн, формулаҳои рекламавӣ, тасвир, таъсироти мусиқӣ ва савтии дар рекламаи молҳои дигар истифодашаванда ё тавассути сӯиистифодаи боварии шахсони воқеӣ ё нокифоя будани таҷрибаю дониши онҳо, аз ҷумла бо сабаби дар реклама мавҷуд набудани қисматҳои муҳими иттилоотӣ ба иштибоҳ меандозад. Ба рекламаи бевиҷдонона роҳ дода намешавад. Рекламаи нодуруст рекламае мебошад, ки дар он нисбати нишондиҳандаҳои зерин маълумоти ба ҳақиқат номувофиқ

мавҷуд аст: тавсифи молҳо ҳамчун асл, таркиб, тарз ва санаи тайёр намудани онҳо, таъинот, хусусияти истеъмолӣ, шароитҳои истеъмол, мавҷудияти сертификати мутобиқат, аломатҳои сертификатсионӣ ва аломатҳои мутобиқат ба стандартҳои давлатӣ, теъдод, маҳалли истеҳсол; мавҷудияти мол дар бозорҳо, имкониятҳои дар ҳаҷми мазкур харидорӣ намудани он, вақт ва маҳал; арзиши (нархи) молҳо дар лаҳзаи паҳн кардани реклама; шароитҳои иловагии пардохт; бурда расонидан, табодул, баргардонидан, таъмир ва хизматрасонии мол; уҳдадориҳои кафолатӣ, мӯҳлати хизмат, мӯҳлати истифода; ҳуқуқ барои истифодаи рамзҳои давлатӣ, инчунин рамзҳои ташкилотҳои байналмилалӣ; эътирофи расмӣ, гирифтани медалҳо, ҷоизаҳо, дипломҳо ва дигар мукофотҳо; пешниҳоди маълумот доир ба тарзҳои харидани силсилаҳои пурраи молҳо, агар мол як қисми силсила бошад; натиҷаи тадқиқот ва санҷишҳо, истилоҳоти илмӣ, иқтибосҳо аз нашрияҳои техникӣ, илмӣ ва дигар интишорот; маълумоти оморие, ки асоснокии онҳо набояд дар шакли аз ҳад зиёд нишон дода шавад; истинод ба ягон тавсияҳо ё эътирофи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла ба тавсияву эътирофҳои кӯҳнашуда; истифодаи истилоҳот бо дараҷаи баланд, аз ҷумла тавассути истифодаи калимаҳои "беҳамто", "мутлақо", "ягона" ва дигарҳо дар сурати имконнопазир будани тасдиқи онҳо бо ҳуҷҷат; муқоиса бо дигар мол (молҳо), инчунин бо ҳуқуқ ва вазъи дигар шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ; истинод ба ягон хел кафолат ба истифодабарандагони молҳои рекламашаванда; ҳаҷми воқеии талабот ба мол; маълумот доир ба худи рекламадиҳанда. Ба рекламаи нодуруст роҳ дода намешавад. Рекламаи беодобона рекламае мебошад, ки : дорои маълумоти матнӣ, тасвирӣ ва савтӣ буда, меъёрҳои умумибашарӣ ва ахлоқиро бо роҳи истифодаи калимаҳои таҳқиромез, ташбеҳ, симоҳо нисбати нажод, миллат, касб, табақаҳои иҷтимоӣ, гурӯҳи синну солӣ, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, фалсафӣ, сиёсӣ ва дигар эътиқоди шахсони воқеиро халалдор месозад; объектҳои санъатро, ки дорои арзиши миллӣ ё фарҳанги ҷаҳонӣ ҳастанд, беобрӯ менамояд, рамзҳои давлатӣ, асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлати дигар ва рамзҳои мазҳабиро бадном мекунад; ягон шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ягон хел фаъолият, касб, молро бадном мекунад. Шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки аз истеҳсол ё паҳн гардидани рекламаи дорои маълумоти бадномкунандаи иззати нафсу шараф ё эътибори ӯ огоҳ шудааст, ҳақ дорад барои ҳифзи ҳуқуқҳои поймолгардидааш бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

суд мурочиат намояд, инчунин агар рекламадиҳанда ин талаботро ихтиёрӣ иҷро накунад, ҳуқуқ дорад аз рекламадиҳанда раддияи чунин рекламаро бо ҳамон тарзе ки паҳн карда шуда буд, талаб намояд. Ба рекламаи беодобона роҳ дода намешавад. Рекламаи бардурӯғ чунин рекламае мебошад, ки тавассути он рекламадиҳанда (истеҳсолкунандаи реклама, паҳнкунандаи реклама) истифодабарандаи рекламаро қасдан ба иштибоҳ меандозад. Ба рекламаи бардурӯғ роҳ дода намешавад. Дар асари радио, аудио, намоишномаҳои телевизиону видео, дар маҳсулоти кино, ҳамчунин дар маводи дигар истифода кардан ва бо роҳу воситаҳои дигар интишор намудани рекламаи пинҳонӣ, яъне рекламае, ки ба ҳушу идроки истеъмолкунанда, аз ҷумла бо роҳи истифодаи сабтҳои махсуси видеоӣ (сабти овози дуҷӯра) таъсири беихтиёр мерасонанд, иҷозат дода намешавад.

18.5 Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои истеҳсол ва паҳн намудани рекламаи номуносиб

Ҳангоми муқаррар намудани далели вайронкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реклама вайронкор вазифадор аст дар мӯҳлати муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдор аксулрекламаро анҷом диҳад. Ҳамзамон вайронкор хароҷоти аксулрекламаро дар ҳаҷми пурра мепардозад. Ҳангоми дар мӯҳлати муқарраргардида аз ҷониби вайронкор дода нашудани аксулреклама мақоми ваколатдор, ки дар хусуси гузаронидани аксулреклама қарор қабул намудааст, ҳуқуқ дорад дар хусуси ба таври пурра ё қисман боздоштани рекламаҳои вайронкор то рӯзи ба охир расонидани паҳн кардани аксулреклама қарор қабул намояд. Ҳамзамон мақоме, ки дар хусуси пурра ё қисман боздоштани рекламаҳои вайронкор қарор қабул намудааст, уҳдадор аст тамоми тарафҳои шартномаи бо вайронкор нисбати истеҳсол, ҷойгир ва паҳнкунии рекламаҳои басташударо фавран хабардор намояд. Аксулреклама тавассути ҳамон воситаҳои паҳнкунанда ва бо истифодаи ҳамон тавсияҳои давомнокӣ, фазо, ҷой ва тартибе, ки рекламаи номуносибро рад менамояд, ба анҷом расонида мешавад. Мазмуни аксулреклама бо мақоми ваколатдори давлатӣ, ки далели вайронкуниро муқаррар ва дар хусуси ислоҳи он қароридахлдор қабул намудааст, мувофиқа карда мешавад. Дар ҳолатҳои алоҳида тибқи қарори мақоми ваколатори давлатӣ, ки дар хусуси гузаронидани аксулреклама қарор қабул намудааст, иваз намудани воситаҳои паҳнкунӣ, таснифи давомнокӣ, фазо, ҷой ва тартиби амалӣ намудани аксулреклама

иҷозат дода мешавад. Рекламадиҳанда барои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реклама доир ба ҷойгир намудани маълумот барои ташкили рекламаи пешниҳодшаванда масъулият дорад, агар исбот нашуда бошад, ки қонуншикании мазкур бо айби истеҳсолкунандаи реклама ё паҳнкунандаи реклама ба вуҷуд омадааст. Истеҳсолкунандаи реклама барои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реклама доир ба расмиятдарорӣ, истеҳсол ва таҳияи реклама масъулият дорад. Паҳнкунандаи реклама барои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реклама доир ба вақт, маҳал ва воситаҳои ҷойгиронии реклама масъулият дорад.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон намудани қонунгузории ҶТ оид ба реклама ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида мешаванд.

КҲМ ҶТ. Моддаи 546. Рекламаи бардурӯғ

Барои аз ҷониби рекламадиҳанда паҳн кардани маълумоти бардурӯғ дар бораи истеҳсол ё фурӯши мол ё хизматрасонӣ, ки дар онҳо иттилооти аз ҳақиқат дур ҷой дошта, истифодабарандагони рекламаро гумроҳ месозад, инчунин барои рекламаи маҳсулоти ҳатман сертификатсияшавандае, ки сертификатсияи мутобиқат надорад, ҳангоми набудани аломатҳои ҷиноят, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то бист, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 547. Рекламаи номувофиқ ва рекламаи мутақобил

Барои пахши рекламаи номувофиқ ё саркашӣ кардани субъектҳои хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) аз паҳн кардани рекламаи мутақобил, - ба шахсони мансабдор ба андозаи аз панҷоҳ то ҳафтод ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз яксаду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 548. Дар бораи молу мулк ва хизматрасонӣ бе иҷозат паҳн кардани реклама

Барои бе иҷозати мақомоти дахлдор паҳн кардани реклама дар бораи молу мулк ва хизматрасонӣ, -ба шахсони мансабдор ба андозаи аз чил то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 549. Рекламаи машруботи спиртӣ, тамоку ва маҳсулоти тамоку

Барои риоя накардани қоидаҳо ва меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба рекламаи машруботи спиртӣ, тамоку ва маҳсулоти тамоку, - ба шахсони мансабдор ба андозаи аз ҳаштод то сад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз чор ҳазор то панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 550. Рекламаи доруворӣ, маҳсулоти ғизои кӯдаконаи ивазкунандаи шири модар, маснуоти таъйиноти тиббӣ, техникаи тиббӣ, таҷҳизоти санитарию гигиенӣ

Барои рекламаи доруворӣ, маҳсулоти ғизои кӯдаконаи ивазкунандаи шири модар, маснуоти таъйиноти тиббӣ, техникаи тиббӣ, таҷҳизоти санитарию гигиенӣ бе иҷозатномаи истеҳсол ё фурӯши онҳо, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори соҳаи тандурустӣ дода мешавад, -ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то бист, ба шахсони мансабдор аз сӣ то чил ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз як ҳазору панҷсад то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 551. Фурӯши мол ва хизматрасониҳои ба реклама номувофиқ

Барои фурӯши мол ва хизматрасониҳое, ки ба намудҳои дар реклама пешниҳодгардида ё нишондодашуда номувофиқ аст, инчунин реклама ё пешниҳоди мол ва ё хизматрасониҳо бидуни нияти фурӯхтани онҳо, - ба шахсони мансабдор ба андозаи аз бист то сӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз дусад то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

КҶ ҶТ. Моддаи 241. Ғайриқонунӣ тайёр ва паҳн кардани мавод ё предметҳои порнографӣ

Тайёр кардан, паҳн кардан ё рекламаи ғайриқонунии мавод ё предметҳои порнографӣ, ҳамчунин фурӯши ғайриқонунии маводи интишорӣ, кино ё сабти видео, акс ё дигар чизҳои дорои хусусияти порнографӣ, бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то ҳаштсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

Моддаи 276. Дидаю дониста додани рекламаи бардурӯғ

1) Аз ҷониби рекламадиҳанда дидаю дониста додани таҳсилоти бардурӯғ оид ба мол, кор ё хизматрасонӣ, инчунин таҳиякунандагон ё фурӯшандагони онҳо, ки бо нияти ғаразнок содир шудааст, бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳдуд кардани озодӣ ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) бо истифодаи воситаҳои ахбори умум сурат гирифта бошад;

б) ба миқдори калон зарар расонида бошад, –

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсаду чилу ҳафт то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати аз се то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешавад.

БОБИ XIX. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ PR-ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР АЛОҚАМАНДИИ СОҲИБКОР ВА ИСТЕЪМОЛКУНАНДА

19.1. Моҳияти ҳуқуқии PR- хизматрасонӣ дар алоқаҳои иҷтимоӣ.

19.2. Вазъи шуъбаҳои алоқа бо ҷамъият (пресс-секретар) стилиста, рекламиста, спичрайтера ва имиджмейкера.

19.3. Мавқеи эҳсонкорӣ, гуфтушунид, баромадҳои соҳибкорон, гуфтушунидҳои аудиовизуалӣ ва телефонӣ дар пешрафти алоқаи иҷтимоӣ.

19.4. Ба даст овардани боварии истеъмолкунандагон (муштариён).

19.5. Аҳамияти алоқаи соҳибкор бо истеъмолкунанда.

19.6. Поквиҷдонӣ–гарави сазовор шудан ба фаъолияти самараноки соҳибкорӣ.

19.1. Моҳияти ҳуқуқии PR- хизматрасонӣ дар алоқаҳои иҷтимоӣ

Соҳаи иҷтимоӣ бо низоми ҳифзи иҷтимоиии аҳолӣ хос аст:тибби ройгон, барномаҳои васеи давлатӣ оид ба дастгирии шаҳрвандони эҳтиёҷманд, фарҳанг, илм, маориф, ҳаракатҳои иҷтимоӣ. Алоқа бо ҷамъият вазифаи идоракунии коммуникатсиониро иҷро мекунад. Дар амалияи хориҷа онҳо «паблик рилейшнз» (PR) -Publik Relations (PR) номида мешаванд. Уди ибораи «алоқа бо ҷамъият дар охири солҳии » 80-ум ба вуҷуд омад. "Паблик рилейшнз. Ин чӣ аст?" – ҳамин тавр номида мешуд китоби профессори Сэм Блэк, кидар ин бора аввалин шуда ҳарф зад. Дар адабиёт зиёда аз панҷсад мафҳуми PR мавҷуд аст. Институти муносибатҳои ҷамъиятии Британияи Кабир PR-ро ҳамчун «қувваи банақшигирифташуда ва амалинамудае, ки ба самти ташкил ва нигоҳ доштани муносибати хуб ва фаҳмиши дуҷонибаи миёни ташкилот ва ҷамъият равона аст» муайян мекунанд. Мафҳуми классическии PR-ро С. Блэк додааст: «PR –ин санъат ва илми бадаст овардани манфиатнокӣ бо роҳи фаҳмиши дуҷониба, ки ба дурустӣ ва маълумотдиҳӣ асос ёфтааст». Кузнецов В.Ф. чунин меҳисобат: «Алоқа бо ҷамъияти низоми амалҳои маълумотию таҳлилӣ, ки принсипаш таъмини амалинамоии мақсадҳои субъекти идоракунӣ дар асоси муносибати шасӣ ва эҳтиромона бо ҷамъият мебошад, ифода мекунад». PR як қисми ҷудонашавандаи идоракунии самараноки тамоми шакли фаъолияти ташкилотмебошад: давлатӣ ва маҳаллӣ, истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, ҷамъиятӣ ва ғайра, ки муносибати рақобати

ғайринархиро (обрӯ, эътибор, боварӣ, якдигарфаҳмӣ ва ғ.) дар бар мегирад. Дар монографияи машҳури Катлип С.М., Сентер А.Х., Брум Г.М. мафҳуми зеринро пешниҳод намуданд: "Паблик рилейшнз – ин функсияи идоракунӣ мебошад, ки ба бароҳмонӣ ва нигоҳдории муносибатҳои манфиатноки дуҷонибаи ташкилот ва ҷамъият, ки муваффақият ё нокомӣ аз он вобаста аст, мусоидат мекунад". Дар луғати байналмиллалии Уэбстер мафҳуми истилоҳи PR чуни наст "мусоидаткунӣ ба барпо намудани якдигарфаҳмӣ ва некхоҳӣ миёни шахсиятҳо ва дигар одамон, гурӯҳи одамон ё ҷамъият дар умум, бо роҳи паҳн намудани маводҳои ифодакунанда, инкишофи мубодилаи маълумот ва баҳо додани таассуроти ҷамъият". Ба мафҳумҳои гуногун нигоҳ накарда, муҳаққиқон ба ақидаи мазкур розиянд: фаъолият дар соҳаи алоқа бо ҷамъият як қисми ҷараёни идоракуни коммуникатсия миёни ташкилот ва макони мақсадноки он мебошад. Макони мақсаднок мумкин аст ба маънои васеъ чун ҷамъият фаҳмида шавад. Аз мафҳумҳои дар боло номбаршуда хулоса намудан мумкин аст: бе донистани PR ҳамкории самараноко бо ҷамъият ба роҳ мондан номумкин аст. PR иҷтимоӣ дар оянда мувофиқ ва мақсаднокаст. Он ба бунёди имиҷи хуби ташкилот, чи тиҷоратӣ ва чи ғайритиҷоратӣ бо мушоҳида намудани субъектони алоҳидаи ҷамъият ёрӣ мерасонад. Алоқа бо ҷамъият муносибатро дар ҷамъият танзим мекунад, ба ташкилотҳои иҷтимоӣ барои маълумоти заруриро ба ҷамъият расондан ва дар ҷавоб аз он муносибати боваринок гирифтан ёрӣ мерасонад. PR иҷтимоӣ бо тиҷорат ва сиёсат алоқаи зич дорад, зеро аз онҳо ҳаёт ва некуаҳволии шаҳрвандон вобаста аст. Шуъбаҳои ташкилот оид ба алоқа бо ҷамъият, ки хизматрасониро дар соҳаи иҷтимоии шаҳрвандон ба амал мебарорад, инҳоро таъмин мекунад: корҳои ташкилотро ҷамъият мефаҳманд ва қабул мекунанд; роҳҳои муошират бо одамонро, ки хизматҳо пешниҳод карда мешавад таъсис медиҳад; таъси ва нигоҳ доштани шароит барои ҷалби воситаҳо; барои амалӣ намудани мақсади ташкилот кор карданро ба одамон, аз аъзои шӯро ва кормандони кироя сар карда то ихтиёрию мансабдор фаҳмондан; коркард ва паҳн намудани ақидае, ки ба мақсади ташкилот мувофиқат мекунад. Шуъбаҳои иҷтимоӣ наметавонад PR иҷтимоиро эътироф накунанд, зеро таъсири онро ба самаранокии фаъолияти онҳо дарк кардаанд. Дар робита бо ин кор бо ҷамъият бояд мавқеи хосаро дар маркетинги хизматҳои иҷтимои касб намояд. Мақсади стратегияи пурзӯр намудани алоқа бо ҷамъият ин шинос шудани ҷамъият бо

фаъолияти соҳаи сеюм, дар он пайдо намудани маълумоти дақиқ оиди он, ки шуъбаҳои иҷтимоӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо чӣ амал карда истодаанд, ба шумор меравад. Муносибати мутақобилаи шуъбаҳои иҷтимоӣ ва ВАО инчунин яке аз вазифаҳои мураккаб мебошад. Ба ҳамаи он нигоҳ накарда, ки дар ҳамаи рӯзномаҳо ҷой барои масъалаҳои иҷтимоӣ ҷой дорад, рӯзноманигорон на он қадар дар бораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ менависанд, зеро кори онҳоро хуб намедонанд. Ба PR иҷтимоӣ танҳо агентиҳои ангуштшумор машғул ҳастанд, дар он вақт чи тавре, ки таҷрибаи мамлакатҳои соҳаи иҷтимоияшон пешрафта нишон медиҳад, аҳамияти маркетинг дар он ба таври назаррас боло рафта истодааст. Ин бо омилҳои зерин алоқаманд аст: васеъ шудани хизматрасонии иҷтимоӣ; мураккабшавии масъалаҳои иҷтимоӣ (нашъамандӣ, ҷиноятқорӣ ва ғ.), ки бояд ҳал шаванд; набудани рақобат, асосан ба ин масъала давлат ва баъзан ташкилотҳои ҷамъиятии хайриявӣ машғул мешаванд. Механизми баамалбарории ақидаҳои ёрии иҷтимоиро бояд таъсис дод. PR маҳз ба ёрии ҳамин омадааст. Ба PR иҷтимоӣ мумкин аст ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоиро ба воситаи саҳмияҳои гуногун дохил кунем. Муносибат бо ҷамъият ин таъсир ва алоқаи дуҷониба мебошад, ки дар ҷараёни муошарати ҳақонӣ миёни ташкилоти боҳам амалкунанда ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, макони мақсаднок дар шароити ҳаррӯза ба вуҷуд меояд. Муқаррар намудани муошарати дуҷониба ҳамчун коммуникатсияи консенсусӣ дар чорчӯбаи ҷавобгарии иҷтимоӣ бо талаботҳои зерин пеш меорад: барои ташкилот сазовор шудан ба муносибати хуби ҷамъият ба воситаи паҳн намудани маводҳои ифодакунанда оид ба фаъолияти худ ба манфиати ҷамъият зарур аст; барои ҷамъият бошад ин ба даст овардани амалинамоии ҳуқуқи ҷамъият ва донистани ҳамаи ҳуқуҳо дар чорчӯбаи фаъолияти ташкилоти иҷтимоӣ, ки ба ҳаёти ҷамъият тааллуқ доранд, ба шумор меравад. Вазифаи асосии PR ин ба вуҷуд овардани боварӣ мебошад. PR иҷтимоӣ барои муқаррар намудани ҳамоҳангӣ дар муносибатҳои ташкилот ва ҷамъият, ба вуҷуд овардани муносибатҳои эътимодноки аҳолӣ ва ҳукумат зарур аст,зеро ин аломат ҳаёти оромонаи мамлакат ба шумор меравад. Ин вазифаро ташкилотҳо ва гурӯҳҳои ташаббускор ба худ мегиранд. Онҳоро зарур аст то бо атрофиён муносибат карда тавонанд, то ба маълумоти ҳама кори хайрхоҳонаи худро расонад. Фаъолияти шуъбаи алоқа бо ҷамъияти хислати маълумотию коммуникатсионӣ дорад, ки барномаҳо, мубодилаи маълумот дар

ҷараёни муомилоти дуҷонибаи ташкилоти иҷтимоӣ бо ҷамъият ҳамчун шарти муқаррар ва дастгирӣ намудани муносибати якдигарфаҳмӣ, некхоҳӣ миёни онҳоро дар бар мегирад. Хислати доимии муносибат бо ҷамъиятро мумкин аст дар намуди намунаҳои маълумотию коммуникатсионӣ, ки доираи муошрати дуҷонибаро инъикос мекунад, механизми психологӣ, ки дар ҳолати коммуникатсия кор мекунад, тасаввур кардан мумкин аст. Намудҳои асосии коммуникатсия, ки дар соҳаи хизматҳои иҷтимоӣ татбиқ карда мешаванд инҳо мебошад: реклама; дастгирии (ҳавасмандгардонии) истифодаи хизмат; кор бо ҷомеа; иштироки шахсӣ. Таҷрибаи мамлакатҳои иҷтимоиёташон пешрафта нишон медиҳад, ки аҳамияти маркетинг боло рафта истодааст. Ин бо омилҳои зерин алоқаманд аст: васеъ шудани хизматрасонии иҷтимоӣ; мураккабшавии масъалаҳои иҷтимоӣ (нашъамандӣ, ҷиноятқорӣ ва ғ.), ки бояд ҳал шаванд; набудани рақобат, асосан ба ин масъала давлат ва баъзан ташкилотҳои ҷамъиятии хайриявӣ машғул мешаванд. Функсияи коммуникатсияи хизматҳои иҷтимоӣ:иттилоотӣ: кдом хизматҳо ҳастанд,дар куҷо расонда мешаванд, инихоб вуҷуд дорад ё не; таъсис додани муқарраротҳои рафтори нав (рӯй гардондан аз тамокукашӣ, ташвиқоти зиддимашруботӣ ва дигар унсурҳои ҳаёти таври солим); таъсис додани имиҷи хуби шуъбаҳои иҷтимоӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, баръакс бартараф намудани тасаввуроти манфии муштарӣ нисбати корхона; ҳамоҳангсозии қувваи муассисаҳои иҷтимоӣ ва сармоягузорон дар ҳалли масъалаи иҷтимоӣ; таъсис додани роҳҳои «алоқаи баръакс» миёни ташкилоти иҷтимоӣ ва муштарӣ барои назорати амали низом ва ислоҳи зарурӣ кардан. Ҳаҷми кори машваратчиёни PR аз хислат ва шумораи ташкилоте, ки онҳо кор мекунанд вобаста аст. Дар ташкилоти ғайритиҷоратӣ доираи фаъолияти пресс-секретар ё менеҷера оид ба алоқа бо ҷамъият дар куҷое набошад васеъ аст. Мақсади нақшаи PR инҳо буда метавонанд: ба ҷамъият фаҳмонад, ки ташкилоти тиҷоратӣ чист; дар бораи таърихи корхона ва самти фаъолияти он, мавқеи он дар пешравии тиҷорат маълумот диҳад; барои амалӣ намудани нақшаи худ восита ҷамъ кунад; диққати ҳокимиятро ба ташаббуси худ нигаронад; ба шуъбаҳои иҷтимоӣ ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷораии эҳтиёҷманд хабар диҳад, ки барои онҳо чик ор карда метавонанд; ёфтани ихтиёриҳо.

19.2. Вазъи шуъбаи робита бо ҷамъият (пресс-секретаря), услубшинос, рекламачӣ, спичрайтера ва имиджмейкер

Шуъбаи робита бо ҷамъият. Сохтори шуъбаҳои PR корпоратсия бисёр оддӣ аст. Одатан дар таркиби шуъбаҳои PR инҳо дохил мешаванд: шуъбаи робита бо ВАО, ки ба паҳнкунии маводҳои иттилоотӣ ва рекламавию имиҷӣ дар ВАО – и мақсаднок машғул аст, чорабиниҳои гуногуни РК барои барои рӯзноманигор; шуъбаи коммуникатсияи маркетингӣ, ки бар дӯши онҳо вазифаи таъмин намудани дастгирии иттилоотию коммуникатсионии ба бозор баровардан ва пешбарии маҳсулот ё хизмати нав, инчунин нигоҳ доштани имиҷи ҷалбкунандаи он дар ҳама даврaҳои соҳаҳои ҳаётӣ, таъсис додани имтиёзҳои харидорӣ ва ҷомеаи муштариёни риоякунандаи қонун гузошта шудааст; шуъбаи намоиш, ки иштироки сохтори тиҷоратиро дар намоишҳо ва ярмаркаҳои муҳимтар ба мақсади намоиши мол ва хизматҳои нав ба нақша мегирад ва амлӣ мекунад, саҳмияи промоушнро амалӣ, муносибатро бо шарикони потенсиалӣ ба роҳ мемонад, бо коркардҳои навтарин шинос мешавад, инчунин дастовардҳои рақибро мушоҳида мекунад; шуъбаи робита бо муассисаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ, ки фаъолияти худро ба таъминсозии муносибати мусбии сохторҳои ҳокимиятӣ ба ташкилот ва маҳсулоти он, ба равонасозии манфиати он барои ташкил намудани муҳити мувофиқ дар атрофии ташкилот, ки дар навбати худ шароити хубро барои болоравӣ ва васеъшавии фаъолияти он муҳайё месозад равона кардааст; шуъбаи робита бо ҷомеаи молиявӣ, ки ба инкишофи муносибатҳои зич бо ташкилотҳои сармоягузӣ, бонкҳо, гурӯҳҳои молиявию саноатӣ, биржаҳо ва барои дар ин муҳит ба вуҷуд овардани обрӯи ҷалбкунандаи кории ташкилоти худ ҷавобгар мебошад; шуъбаи робита бо истеъмолкунандагон, ки ҳама тамоюлҳои маефию мусбиро, ки дар миёни истеъмолкунандагон ва муштарӣ ба вуҷуд меояд, мушоҳида мекунад; шуъбаи PR корпоративӣ, ки рӯзнома ё журнал нашр мекунад, воқеанигории корпоратсияро пеш мебарад, чорабиниҳои гуногун оид ба муттаҳидкунии коллектив, тарбия кардани «рӯҳияи ягонаи даста» мегузаронад, риоякории корпоративиро мукофотонад ва дар якҷоягӣ бо шӯъбаи кадрҳо чорабиниҳои гуногунро оид ба ҷалби мутахассисони баландихтисоси нав гузаронад; шуъбаи таҳлилӣ, доимо таҳлили муҳити берунаро, ки ташкилотро фаро гирифтааст мегузаронад, самаранокии ин ё он саҳмияҳои PR-ро баҳо диҳад ва тавсияи худро барои дохил намудани тағйиротҳо ба стратегияи PR тайёр кунад. Дар бисёр сохторҳои тиҷоратӣ

шуъбаҳои PR- и идоракунандаи Шӯрои ободкор, ки вазифааш бо роҳи сармоягузорӣ, ободкорӣ ва ҳомигӣ ба таъсиси обрӯи манфии ташкилот чун «шаҳрванди корпоративӣ», ки дар бораи манфиати ҷамъиятӣ ғамхорӣ мекунад мусоидат кардан аст. Гуфтагӣ барин, ташкилотҳои байналмиллалӣ ё минтақавӣ дар идораи асосиашон Шуъбаи робита бо ҷамъият доранд, ки кори шуъбаҳои PR-ро дар маҳалҳо идора ва ҳамоҳанг месозад. Роҳбарони шуъбаҳои PR бисёр муҳиманд ва аз рӯи онҳо маълум аст, ки «паблик рилейшенз» ҳамчун функсияи зарурии самараноки менеҷмент ва олоти муҳими ҳаракат дар бозори нав шуъбаи зарурӣ мебошад. Дар сохторҳои бузург ва пешрафта роҳбари шуъбаи PR вазифаи на пасттар аз витсе-президентро ишғол мекунад. Ӯ ба доираи маҳдуди роҳбарони олии ташкилот, ки қарорҳои стратегӣ (decision makers) қабул мекунанд дохил мешавад. Роҳбари шӯъбаи PR якҷоя бо зерсохтори худ стратегияи иттилоотию коммуникатсионии дастгирии ҳама сиёсати маркетингии ташкилотро дар таъсис ва амалӣ месозад ва бо дигар роҳбарони олӣ ҷавобгариро ба муваффақият ё нокомии он бар дӯш мегиранд. Дар ташкилотҳои хурд ва миёна роҳбарони PR корпоратсия ҳамчун машваратчӣ ё ёрдамчии роҳбари ташкилот оид ба масъалаҳои алоқа бо ҷамъият ва реклама баромад мекунад. Чи тавре, ки набошад зинаи иерархии он чи мураккаб ва чи оддӣ аст, моҳияти кор тағйир намеёбад: бе иҷозат ва тавсияи шуъбаи PR дар ташкилотҳои бузург ягон қарори стратегӣ қабул карда намешавад. Таърихи «public relations» ҳатто ҳолатҳоеро медонад, ки роҳбари шуъбаи PR дар сохтори бузурги тиҷоратӣ шахси якум мешавад. Ба вазифаи Раиси шӯрои директорон таъин шудани Мартин Дейвис дар кохонаи бузурги америкоӣ Gulf & Western Industries ё Ҷорҷ Вейссман дар ширкати трансмиллии тамоку Philip Morris-ро ҳайси мисол овардан мумкин аст. Рӯзноманигорон одатан ба вазъ ва ваколати роҳбарони PR диққати ҷиддӣ медиҳанд. Онҳо ба роҳбари шуъбаи PR, ки ба аъзои Шӯрои директорон мебошанд муносибати эҳтиромона доранд, зеро он иттилооти пуразришро аз сарчашмаҳои аввала медонад, овоз ва таъсири он бисёр аҳамиятнок аст ва баръакс нисбати роҳбарони шуъбаи PR, ки вазифаашон танҳо баамал баровардани функсияи техникии паҳнкунии маводҳои иттилоотӣ мебошад эҳтиром аз байн рафта истодааст. Дар баробари ин, дар шуъбаҳои PR кмбудиҳо бисёр аст. Якум, кормандони шуъба кормандони штатии ташкилот мебошанд ва музди меҳнати онҳо, баланд бардоштан дар кор, мукофотпулӣ ва имтиёзҳо аз

баҳогузории кори онҳо аз ҷониби роҳбарият вобаста аст. Чунин вобастагии бевосита аз ирода ва табъи роҳбарият кормандони шуъбаро водор месозад, ки онҳо вазъи субъективӣ ё пардапӯшро пешниҳод кунанд. Вай мумкин аст ба аъзоёни ташкилот маъқул шавад, аммо аз ҳақиқати аслӣ дур аст. Қароре, ки дар асоси маълумоти нодуруст ё нопурра қабул шудааст, баъзаннатиҷаи мусбии дилхоҳ медиҳад. Дуюм, дар бисёр сохторҳои тиҷоратӣ (ки то охир қудрати«паблик рилейшенз»-ро дарк накардаанд) маблағгузории шуъбаи PR бо принсипи боқимондагӣ баамал бароварда мешавад. Дар натиҷа, дар он барои воситаҳои замонавии коммуникатсионӣ ва навкунии он воситаи кофӣ вуҷуд надорад, шумораи коргаронро дар ташкилотҳои бузург ҳатто ба 5-7 нафар бурда мерасонанд, ки барои амалисозии чорабиниҳои васеъ ва дурудароз мутлақо кам аст. Сеюм, алоқамандии интизоми корпоративии ташкилот ба махфият, кормандони шуъбаи PR таҷрибаи хеле маҳдуди амалиявӣ ва доираи танги алоқа доранд. Ин ифодаи мушаххаси худро дар ноуҳдабароии кормандони шуъба дар ҳолатҳои бӯҳронӣ меёбад, технологияи PR-и онҳо хислати оддӣ дорад, воситаҳои коммуникатсионӣ бошад хароб ва қафомонда мебошад. Яке аз монеаҳои муҳим дар роҳи эътинокунии зуд ва саривақтии шуъбаҳои PR ба масъалаҳо, ин занҷири дурударози барои қабул намудани қарори розигии бюрократӣ зарурӣ, раводид ва ҷонибдорӣ аз ҷониби роҳбарияти ташкилот ба шумор меравад. Аз ин қабил камбудиҳо бисёртар агентӣ оид ба алоқа бо ҷамъият озодтар аст. Масалан, дар муқоиса бо шуъбаи PR, агентӣ таҷрибаи амалии зиёд дорад. Чи тавре, ки аз таърих маълум аст агентиҳои зиёди PR россиягӣ, ки дар бозор кор мекарданд (барои дар шароити рақобати шадид зинда мондан) сохтори тиҷоратии соҳаи бузург буданд, яъне хизматҳои васеи PR- ро якбора ба якчанд муштарӣ аз соҳаҳои гуногун пешниҳод мекард (бонкҳо, ташкилотҳои коммуникатсионӣ ва фарматсевтӣ, хонҳои савдо, ширкатҳои туристӣ, ташкилотҳои давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва ғ.). Рӯйхати васеи муштариён аз як тараф коркарди технологияи умумии PR-ро талаб мекунад, аз тарафи дигар ба ҷамъ кардан ва таҷрибаи мувофиқро ба даст овардан, донишҳои махсус ва алоқаи шахсӣ бо соҳаҳои гуногуни тиҷорат, ВАО, сиёсат ва ҳаёти ҷамъиятӣ, ки дар натиҷа барои пешниҳод ва тавсияҳои мушаххаси дар амалия санҷидашуда асос мешавад, имконият медиҳад. Рақобати шадид дар бозори хизмат дар соҳаи алоқа бо ҷамъият агентиҳо ва ширкатҳои консалтинг иро водор месозад, ки онҳо ҳамавақт кор-

гарони худро азнав аз аттестасия гузаронанд, онҳоро ба курс ва семинарҳои гуногун баҳри такмил додани ихтисос фиристонанд, технологияҳои навини PR-и хориҷиро азхуд намуда аз они худро коркард намоянд, ба ҳаёти воқеии гирду атроф худро мувофиқ кунанд. Дар навбати худ хизматҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пешвоёни хизматҳои PR-ро доимо ба (на кам аз як маротиба дар се сол) воситаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро азнав кунӣ, ба таҷҳизонидани технология ва навкунии воситаҳо, ки барои азнав таҷҳизонидани техникии PR равонааст, маҷбур месозад. Дар амалисозии амалии нақшаҳои агентии PR бо гурӯҳи калони мутахассисони баландихтисоси беруна тасвир карда мешавад: психологҳо, коршиносон, матннависон (спичрайтерҳо), ҷамъиятшиносон, визажистҳо, коркардонҳо, шоу-мардҳо, аксбардорон, наворбардорон. Сохтори дохилии агентӣ бо хусусияти муштариён ва ихтисосҳо аз рӯи намуди хизмат муайян карда мешавад. Бар замми ин, ба фарқиятҳои алоҳида нигоҳ накарда, бисёре аз сохторҳо ва шуъбаҳои ёрирасони дохили агентӣ, ки асоси ташкилиро ташкил медиҳанд, бо функсия ва вазифаи худ шабоҳат доранд. Президент (Директори генералӣ): стратегияи генералии кори агентиро дар бозор муайян мекунад, шартномаҳоро бо муштариён ба имзо мерасонад, нақшаҳои тиҷоратии умумиро тасдиқ мекунад, муносибатҳоро бо ҷомеаҳои мутахассисони PR, алоқаи зичи PR-ҳоро мустаҳкам мекунад, агентиро дар тиҷорати PR байналмиллалӣ муаррифӣ мекунад. Шӯрои директорон: стратегияи умумии агентиро мушаххас ва амалӣ мекунад, воситаҳо ва бартариятҳои асосро дар ҷустуҷӯ ва хизматрасонӣ ба муштариён коркард мекунад. Шуъба оид ба коркарди муштариёни нав тадқиқотҳои маркетингӣ ва ҷустуҷӯи муштариёни навро бо усули махсуси «фирмавӣ» баамал мебарорад. Дар таркиби шуъба «дастаи парвозкунанда»-менеҷерҳо бисёр дохил мешаванд, ки ба пйдоиши муштарии қобилиятнок ё нақша зуд эътино кардан, намоиши хизматҳо ва имкониятҳои агентиро бо истифодаи барномаҳои намоишии компютерӣ (Power Point), лоиҳаҳои мултимедӣ, буклетҳо, стендҳо ва ғайра пешбурдан қобилият доранд. Шуъбаи коркардҳои эҷодӣ тавсияҳоро оид ба ташкил ва амалӣ намудани чорабиниҳо ва ҳодисаҳои PR-и ғайристандартӣ ва аслӣ тайёр мекунад. Шуъбаи алоқа бо ВАО муносибатро бо тамоми соҳаи ВАО мақсаднок инкишоф медиҳад: ҷамъиятию сиёсӣ, корӣ, мушаххасгардонида, ихтисосӣ, электронӣ (нашри интернетӣ). Бисёр агентиҳо бо рӯзноманигорон муносибати шахсии дустонаашонро нигоҳ ме-

доранд, ки доимо ба чорабиниҳои PR-мероприятия даъват мекунанд, ба таркиби пресс-турҳо шомил мекунанд, доимо табрик мекунанд ва пеш аз ҳама дар бораи ҳолатҳои буҳронӣ хабар медиҳад. Шуъбаи нақшаи PR нақша хизматрасонии дурударозро барои муштариёни махсусан муҳим, ки дар хизматрасонии дурударози мушатариён қарор дорад (on a retainer) коркард мекунад. Шуъбаи мазкурро барои коркарди пешниҳод ба озмунҳои тендерӣ бисёр ҷалб мекунанд. Шуъбаи алоқаи байналмиллалӣ ба ҷустуҷӯи муштариёни хориҷӣ ва инкишофи муносибатҳои шарикона бо роҳҳои агентии байналмиллалӣ ва ширкатҳои трансмиллӣ дар соҳаи алоқа ба ҷамъият машғул аст. Бисёр кормандони шуъба озодона бо якчанд забонҳои хориҷи муошират мекунанд, омодагии махсуси касбӣ ё стажировкаро дар хориҷа гузаштаанд, маҳз бо қувваи онҳо ба муштариёни хориҷӣ хизматрасонӣ мувофиқи стандарти байналмиллалӣ ва шакли ҳисоботдиҳӣ таъмин карда мешавад. Шуъбаи «PR дар соҳаи фарматсевтика» хизматрасонии муштариёнро дар соҳаи тиб, фарматсевтика ва тандурустӣ баамал мебарорад. Диққати зиёдро ба хизматрасонии PR дар тиҷорат чунин шарҳ медиҳанд: якум, ширкатҳои фарматсевтӣ ба хизматрасонии PR воситаҳои молиявиро аз ҳама дигар соҳаҳо бисёртар сарф мекунанд, зеро дар онҳо аудиторони мақсаднок (саломатии хуб ба ҳама зарур аст) зиёданд; дуюм, пешбарии маҳсулоти онҳо (махсусан перепаратҳои ретсептуарӣ) бо ёрии рекламаҳои кушод бо маҳдудиятҳо ва манъкуниҳои қонунгузорӣ мушкил аст. Шуъбаи «PR дар соҳаи молия» хизматҳои PR –ро (чун қоида дар намуди барномаҳои комплексӣ) дар соҳаи молияи иқтисодӣ (бонкҳо, ташкилотҳои сармоягузорӣ ва суғуртавӣ, гурӯҳҳои молиявию саноатӣ) ифода мекунад. Шуъбаи «PR дар соҳаи технологияи олӣ» дар штати худ коргароне дорад, ки чи дар соҳаи тиҷорати замонавӣ (технологияи компютерӣ, алоқаи мобилӣ, интернет) ва чи дар технологияи мукаммали PR, ки ба онҳо барои пешравӣ дар бозор ёрӣ мекнад, сарфаҳм мераванд. Шуъбаи махсуси чорабиниҳои PR асосан ба чорабиниҳое, ки оммаро ҷалб мкунад(латарея, дегустатсия, пурсишҳо, озмунҳо, фестивалҳо), махсусан ҳмон вақте, ки маълумоти кофӣ барои ҷалб намудани диққати ВАО ба маҳсулоти муштарӣ вуҷуд надорад, машғул мешавад. Шуъбаи дастгирии ташкилотии нақшаҳои PR ба масъалаҳои таъмини техники чорабиниҳои PR машғул аст: иҷораи бино, ташкили нишаст, хизмати нақлиётӣ, таъмини алоқаи мобилӣ, дастрас ва насб кардани стендҳои иттилоотӣ, паҳн кардани маводҳои иттилоотӣ, ги-

рифтани иҷозат барои гузарондани чорабинӣ аз ҳокимияти шаҳр ва ғ. шуъбаи иттилоотию таҳлилӣ ва шуъбаи мониторинг (агентиҳои бузург он метавонад ҳамчун маркази таҳлилии мустақил амал кунад) маводҳоро, ки дар ВАО то сар задании воқеаи PR ва пас аз бо диққат таҳлил мекунад. Дар асоси натиҷаҳои медиа-мониторинг пресс-ҳуҷҷатҳо ва маълумоти таҳлилӣ оид ба самаранокии чорабинии гузарондашуда тайёр карда мешавад. Коргарони ин шуъбаҳо пайдоиши ВАО-ҳои наврo доимо таҳлил мекунанд, маркази иттилооти ВАО-и мақсаднок ва макони мақсаднокро пурра мекунанд. Шуъбаи молия самаранокӣ ва фоидабахшии иқтисодии ин ё он нақшаи PR-ро муайян мекунад, имконияти дар чорчӯбаи буҷети ба муштарӣ ҷудо намуда таҷассум намуданро ҳисоб мекунад. Шуъбаи тарҷума тарҷумаи замонавӣ ва босифати ҳама ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботҳои PR-и кориро мувофиқ ба стандартҳои байналмиллалӣ ва талаботҳои копоративии муштарӣ таъмин менамояд. Шуъбаи таъминоти барномавӣ ва дизайнӣ кори муттасили шабакаҳои компютерии дохилиагентиро ба амал мебарорад, кормандонро бо технологияи нави компютерӣ ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои иттилоотиро мувофиқи намунаи компютерӣ таъмин менамояд.

Пресс – секретар. Функсияи пресс-секретаря аз он вобаста аст, кик адом ташкилот ва шахсиятро он муаррифӣ мекунад. Аз як тараф онро зарур меояд, ки иҷрои қонунро, ки ба шаҳрвандон ҳуқуқи иттилооти дурустро кафолат медиҳад таъмин намояд, аз тарафи дигар, он бояд манфиати шахс ё ташкилоте, ки он аз номи вай баромад мекунад ҳимоя намояд. Ҳеро ба функсияи пресс – секретар пешниҳоди маълумотҳои объективӣ дохил мешавад, он ҳуқуқ дорад бо рӯзноманигорон муошират намуда, нуқтаи назари худро иброз намояд. Инчунин яке аз функсияҳои пресс-секретар ин бартараф намудани оқибатҳои нохуши амали роҳбарияти худ мебошад, ки дар ин ҷо манфиати рӯзноманигор ва пресс-секретар ҷудо мешаванд. Функсияи пресс-секретар инчунин муайян мекунад, ки дар кори он чиқадар равияи эҷодкорӣ зарур аст. Ӯ метавонад аҳён-аҳён дар вақти ба миён омадани зарурат иттило диҳад, инчунин метавонад доимо ВАО-ро бо маълумотҳои гуногун оид ба фаъолияти шахс ё ташкилоте, ки он муаррифӣ мекунад, таъмин намояд. Агар гап дар бораи ташкилоти минтақавӣ рафта истода бошад, пас ба функсияи пресс-секретар инчунин ба роҳ мондани муносибат бо ташкилоти аввалия дохил мешавад. Инчунин он бояд бо пресс-секретаре, ки

манфиати ташкилотҳои минтақавии дигарро муаррифӣ мекунад ҳамкорӣ намояд. Аз ҳама функсияи асосии он ин ҳамкорӣ намудан бо ВАО мебошад. Ба ин равшанкунии чорабиниҳое, ки аз ҷониби ташкилот ва бо пешниҳод намудани иттилоот аз ҷониби ВАО оид ба фаъолияти ташкилот гузаронда мешавад, ба монанди ҳамкории ташкилот бо мақомотҳои давалатӣ, иштироки он дар форумҳои ҷавонон, тағйиротҳои ташкилӣ ва ғ. Пресс-секретар якҷоя бо ВАО амалҳои ҷамъиятӣ мегузаронад, барои ҷавонон нақшаҳо тайёр мекунад (радио, ТВ), инчунин он пресс-конференция ва брифингҳои гуногун ташкил мекунад. Ба уҳдадориии пресс-секретаря интихоби кормандон ба пресс-марказ, банақшагирии кори онҳо дар вақти чорабиниҳои гуногун ва интихоби рӯзноманигорони «наздикшуда», ки бо он доимо маълумот дода, ҳамкорӣ мекунад дохил мешавад. Вай мақолаҳои имиҷӣ, маводҳои гуногуни иттилоотӣ, ки фаъолияти ташкилотро равшан мекунад, тайёр мекунад. Пресс-секретар вохӯрии роҳбари худро бо рӯзноманигор ташкил мекуанд. Пеш аз он, ки иттило дар рӯзнома чоп мешавад, ӯ бояд онро хонад, агар хатогӣ дарёфт кунад онро ислоҳ кунад. Ба функсияи пресс-секретар инчунин таҳлил намудани ҳама маводҳое (видеоӣ, радиоӣ, чопӣ), ки ба роҳбарияти ӯ тааллуқ дорад дохил мешавад. Ӯ онҳоро ҷамъ мекунад ва дар бойгонӣ нигоҳ медорад. Инчунин ӯ тағйиротҳои дар бозори ВАО бавуҷудояндаро таҳлил мекунад ва худро оид ба ВАО таъсис медиҳад. Агар дар минтақа Иттиҳоди рӯзноманигорон вуҷуддошта бошад, пас ба функсияи пресс – секретар ҳамкорӣ намудан бо онҳо дохил мешавад, инчунин ӯ бо шуъбаҳои пресси ташкилотҳои гуногун кор мекунад ва дар якҷоягӣ бо онҳо чорабиниҳоро коркард мекунанд. Агар зарур бошад пресс-секретар дар рӯзномаву маҷаллаҳо мақола менависад ва иттилоъро барои пур кардани нашрияи чопии худ таъсис медиҳад. Ин метавонад буклетҳо ё рӯзномаҳо бошад, ки дар нашри маҳдуд мебарояд ва танҳо дар байни кормандони ташкилот паҳн мешавад. Пресс-секретар дар таъсиси имиҷ, усули ташкилотӣ, инчунин дар таъсиси маҳсулоти рекламавии ташкилоти худ (визиткаҳо, бланкаҳо, брошюраҳо, буклетҳо, плакатҳо ва ғ.) иштирок мекунад. Аз пресс-секретар талаб карда мешавад, ки он ташаббуси боақлона нишон дода, баҳри иҷроиши ҳар як уҳдадорияш ба таври эҷодкорона рафтор мекунад.

Услубшинос. Услубшинос – мутахассис дар соҳаи таъсис додани услуби (имиҷи) одам бо ёрии: тарзи ороиши мӯй (услубши-

нос-сартарош ё топ-сартарош), макияжа (стилист-визажист), либос (услубшинос имиҷмейкер), суратгирӣ.

Рекламачӣ. Инкишофи босуръати бозори реклама ба пайдоиши касби рекламачӣ оварда расонид. Мувофиқи стандарти давлатии маориф ин касб «мутахассис оид ба реклама» номида мешавад, ихтисос бошад «реклама» ва то ҳол дар забон коркарди калимаи муайян, ки барои касби мазкур ном шуда тавонад рафта истодааст. Касби рекламачӣ бисёр ҷавон аст, аммо талабот ба он то ташкил намудани муассисаҳои таълимӣ барои омӯхтани касби мазкур вуҷуд дошт.

Матннавис (спичрайтер). Матннавис (спичра́йтер) (аз кал.англ. speechwriter) – тартибдиҳандаи матни баромад барои шахсони воломақоми давлат, сиёсатмадорон, кормандони ҷамъиятӣ ё тоҷирон мебошад. Навиштани матн (спичрайтинг-Speechwriting – аз кал.англ. «навиштани матн») ин тайёр амудан ва навиштани матн барои баромади шифоҳӣ дар назди ҷамъият мебошад. Хизмати спичрайтерҳо асосан дар ҷараёнҳои иҷтимоию сиёсии ҷамъият серталабанд. Падидаи мазкур дар технологияи сиёсӣ бисёр паҳнгаштааст. Навиштани матн дар спичрайтинг дар зери назорати сиёсатмадор баамал бароварда мешавад. Дар ҳолати зарурӣ нишон дода мешавад, кик адом тағйиротҳоро ба матни баромад дохил кардан лозим аст, ба чи эрод гирифтан лозим ва дар вақти навиштан ба чи бояд диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Вазифаи спичрайтер – ақидаи ҷолиб пешниҳод намудан ба ҷамъият мебошад, барои он ки баромад дар хотир монад ва таасурот бардоранд.

Ороишгар (имиҷмейкер). *Ороишгар (*имиджмейкер – англ. imagemaker - image - намуд - make – кардан) -мутахассисравоншинос мебошад, ки стратегия ва техникаи таъсиси самараноки намуди (имиҷи) корманди давлатӣ ё ҷамъиятиро ба мақсади баланд бардоштани обрӯй, таъсирнокӣ ва умумиятнокӣ коркард мекунад.

19.3. Мавқеи эҳсонкорӣ, гуфтушунидҳои бевосита, баромади соҳибкорон,игуфтушунидҳои аудиовизуалӣ ва телефонӣ дар инкишофи алоқаи иҷтимоӣ

Инкишофи иқтисоди бозоргонӣ дар доираи азнавтаъсисдиҳии институтсиналӣ ба ба амал меояд, ки барои ба вуҷуд омадани намуд ва шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ асос ба вуҷуд меорад. Унсури асосии низоми иқтисоди бозоргонӣ соҳибкорӣ мебошад, инчунин яке аз самтҳои ҷавобгарии иҷтимоӣ –

эҳсонкорӣ мебошад, ки ҳамзамон ба ҳайси функсияи иҷтимоии соҳибкорӣ низ баромадмекунад. Бе таъсири беканори онҳо на ягон масъалаи таъмини ММД ва на масъалаи амалӣ сохтани лоиҳаҳои иҷтимоӣ ҳалли худро намеёбанд. Дар шароити ҷаҳонишавии инкишофи иқтисодиёти нав (иттилоотию шабакавӣ) бояд намунаи инкишофи инноватсионирo барои таъмини сатҳи моддии некӯаҳволии аҳолии мамлакат амалӣ намояд. Дар ҷаҳон мамлакатҳои аз иҷтимоӣ вуҷуд доранд. Чунин давлат мувофиқи Конститутсияи ҶТ Тоҷикистон ҳам ба шумор меравад, ки сиёсаташ бояд ба муҳайё намудани шароити арзанда ва инкишофи озодонаи инсон равона шуда бошад. Дар ҳақиқат либерализатсияи фавқулода ва сотсиализатсияи иқтисоди нокифоя ба он оварда расонданд, ки соҳаи иҷтимоиёт дар малакат бе диққати кофӣ монданд. Нақши тиҷорат дар он аст, ки ба он ёрии арзанда расонад. Рафтори бисёр муҳими (на танҳо аз нуқтаи назари ахлоқӣ) соҳибкорон ин эҳсонкорӣ мебошад. Эҳсонкорӣ – арзиши универсалии умумиинсонӣ, яке аз хусусиятҳои муҳимтарини ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Эҳсонкорӣ ба ҷамъият иҷозат медиҳад, ки ба манфиати худ бевосита, бе миёнаравии давлат кор кунад. Эҳсонкорӣ азнавтақсимкунии даромадҳоро аз шаҳрвандони доротар ба нодортар бо роҳи кӯтоҳ ва дар вақти кӯтоҳ таъмин менамояд. Эҳсонкорӣ олоте мегардад, к ибо воситаи он ҷамъият талаботҳои асосии иҷтимоӣ ва умуминсонии худро таъмин месозад. Мафҳуми «эҳсонкорӣ» дар аз нуқтаи назари шуур амали васеъ дорад. Ин ҳам рафтори ахлоқӣ ва ҳам сифати ахлоқии эҳсонкор, ин ҳам муносибати боодобона бо одамон ва ҳам фаъолияти адолатноки иҷтимоии синфҳо ва гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, умуман чораҳои вазъи адолатноки ҷамъият мебошад. Амалҳои эҳсонкорӣ яке аз шаклҳои хубрафтории ҷамъиятӣ мебошад. Онҳо рафтореро ифода мекунанд, ки ба талаботи ахлоқӣ ҷавобгӯ буда, бо ангезаи ахлоқӣ ба номи идеалҳои олӣ, ба манфиати инсон ва ҷамъият ба амал бароварда мешавад. Амалҳои эҳсонкорӣ ба маънои ахлоқӣ хубиро ифода мекунад, ки яке аз мафҳумҳои умумии шуури ахлоқиро мефаҳмонад. Агар эҳсонкориро ҳамчун як шакли хубӣ, ки дар ҷамъият ҷой дорад, аз ҷиҳати назариявӣ таҳлил кунем, пас маълум мешавад, ки он бо мафҳуми маънои ҳаёт ва абадзиндагӣ алоқаманд аст. Тасдиқи ин ҳамон факт шуда метавонад, ки мо то ҳозир ҳомиёнро, фаъолияти хуби онҳоро дар ёд дорем, фаъолияти эҳсонкоронаи онҳо онҳоро абадзинда (театрҳо, осрхонаҳо, ки бо маблағи онҳо таъсис дода шуда буд номи онҳоро абадӣ гардонд) кард. Яке аз

функсияҳои эҳсонкорӣ бунёдкорӣ мебошад. Мо дар зери он сохтмони муассисаҳои фарҳангро (театр, осорхона, мактаб ва беморхона) аз ҳисоби маблағҳои эҳсонкорон, сармоягузорон ва ҳомиён мефаҳмем. Функсияи моддию ашёии эҳсонкорӣ ба он оварда мерасонад, ки ҳаёти рӯҳонии ҷамъият дар он ҷойҳое таъсис, амал ва инкишоф меёбад, ки дар он ҷо барои пешравии он аз тарафи давлат чораҳои нокифоя вобаста ба маблағи нокифоя андешида шудааст ё умуман дар ин бора ягон чора андешида нашудааст. Дар замонҳои охир дар ҷамъият аҳамияти хосаро ба талаботи рӯҳии одамон медиҳанд. Ба ақидаи ман, оҳиста-оҳиста дарк намуда истодаанд, ки намунаи иқтисодии ҷамъият на бояд тоза ба материализм ва утилитаризм асос ёбад, зеро дар ин ҳолат он ба худвайронкунӣ кӯшиш мекунад. Аз ин лиҳоз имрӯз вазифаи муҳим ин ҷустуҷӯи мувофиқа миёни материализм ва мақсади рӯҳии одам ҳам ба ҳайси фар два ҳам ба ҳайси мавҷудоти коллективӣ мебошад. Дар кори худ манн мехостам сабабҳо, ангезаҳоро, ки соҳибкоронро ба қурбонкунии қисми молумулки бадастовардаашон тела медиҳад маълум кунам. Дар робита бо ин дар навбати аввал ба таърих, ба аҷдодон диққат додан лозим аст, ки бисёртар ҷаҳонбинии моро дар имрӯз муайян мекунад. Дар робита бо ин инчунин гуфтан зарур аст, ки имрӯз ба сифати намуна барои ибрат гирифтан соҳибкорони тоинқилобиро пеш овардан мумкин аст. Якум, яке аз ангезаҳое, ки тоҷирони сарватмандро барои қурбонӣ кардан водор месозад, ба фикри ман ин ҳисси гунаҳкории онҳо мебошад. Гап дар сари он аст, ки сатҳи пасти истеҳсолоти хоҷагӣ, ки асосан ба амалкунӣ ва нигоҳдории вазъияти мавҷудбуда равона аст, муносибатро ба сарват ҳамчун ба аломати фарқкунандаи табақаи ҳокимиятӣ, ки онҳоро бо ҳуқуқи забт ва тақсимкунӣ, на бо истеҳсолот ихтиёрдорӣ мекунад ба вуҷуд овард. Дар ин шароит сарват ҳатман ба ҷуброни қувваи хизматӣ ва такягоҳи гурӯҳи ҷамъиятӣ, ки функсияи давлатиро ба амал мебароранд мубаддал гашт. Доштани сарват ба табақаҳои дигари иҷтимоӣ, аз ин нуқтаи назар номуносиб, ғайриҳуқуқӣ шинохта мешуд. Махсусан ин ба сармояи тиҷоратӣ, ки ҳамчун натиҷаи зарурӣ, аммо фоиданоки фиреб шинохта мешавад тааллуқ дорад. Сарвати аз тиҷорат ба даст омада ҳамчун сармояи аз ҳад зиёд ва ба осонӣ ба даст омада, махсусан дар асоси сарчашмаҳои дигари ба даст овардани он, қабул карда мешуд. Тоҷир гӯё пулро аз ҳаво ба даст меорад. Он чорводорию кишоварзӣ намекунад, ба хизмати давлатӣ ҳам машғул намешавад. Ин ҳолати қарзи ахлоқиро дар назди ҷамъият ба вуҷуд мео-

рад, ки иҷроишашро бо фаъолияти тиҷоратию корӣ сафед мекунад ва бо ин васила аз дӯши тоҷир ва соҳибкор гуноҳи ахлоқиро дар назди бой ва камбағал барои сарвати «ноҳақона» мегирад. Ташкилотҳои хайрия ва хайргирандаҳо, ки дар ҷараёни эҳсонкорӣ иштирок мекунанд, дар назди давлат уҳдадории зиёди андозсупорӣ доранд. Ин хароҷотҳои борхатии эҳсонкориро баланд намуда мақсаднокии донорҳои потенсиалиро паст мекунад. Аз тарафи дигар имтиёзҳои андози мавҷуд буда бисёртар ба мақсадҳои эҳсинкорӣ истифода намешаванд. Имтиёзҳоро ба манфиати тиҷоратии соҳибкор истифода карданро сар мекунанд, ки дар навбати худ ташкилотҳои хайрияро маҷбур месозанд, то онҳо ба талаботи донорҳо мувофиқ шаванд. Аз аввал иқдомҳои ташкилотҳои хайрия дар ҷои дуюм меистоданд. Соҳибкорӣ бо эҳсонкорӣ алоқаи ногусастанӣ дорад, зеро ҳам ба хайркунанда ва ҳам ба касе, ки ба ӯ хайр карда мешавад манфиатовар аст, на танҳо ба маънои ахлоқӣ инчунин дар амалия низ ҳамин тавр аст.

19.4. Ба даст овардани боварии истеъмолкунандагон (муштариён)

Контент-маркетинг – маҷмӯи тарзҳои маркетингӣ, ки ба таъсис ё/ва паҳнкунии иттилооти барои истеъмолкунанда зарурӣ, ба мақсади забти боварӣ ва ҷалби муштариёни потенсиалӣ асос ёфтааст. Контент-маркетинг тайёркунӣ ва паҳнкунии иттилооти баландсифат, муҳим ва пуразришро ифода мекунад, ки реклама намебошад, аммо ҷамъиятро бовар мекунонад, ки қарори ба паҳнкунанда даркориро қабул намоянд, хизмати онро қабул кунанд. Бартарияти контент-маркетинг дар он аст, ки он диққати ҷамъиятро самаранок ҷалб мекунад, барои запти боварӣ ва бемаҳдуд пеш бурдани мол ё хизмат ба бозор ёрӣ мерасонад. Роҳҳои паҳнкунии иттилооти контенти метавонад гуногун бошад: сомонаҳо, қуттиҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, воситаҳои анъанавии ВАО, китобҳо, маҷаллаҳо, нашрияҳои чопӣ ё интернетӣ, семинарҳо, конференсияҳо ва ғ. Мақсади пақнкунии озоди иттилоот дар рекламакунии маҳсулот ё хизмати мушаххас не, балки дар иттилоотонии истеъмолкунанда дар бораи вазъи умумии бозор, дар бораи воқеаҳои дар он ба вуқӯъ омада, дар бораи тарзҳои ҳалли масъалаҳои ба вуқӯъ омада, ва баъзан дар бораи он, ки маҳсулот ё хизмати паҳнкунанда ба ҳалли масъалаи мазкур чи тавр ёрӣ мерасонад ва ғайра мебошад. Мақсади онҳое, ки ба ширкат контент-маркетинг ташкил мекунанд, ин иттилоотонии муштариёни потенсиалӣ, шинос кардани онҳо бо пешниҳодҳои худ, дар таъсиси имиҷи ташкилоти дар бозор пешво, ки дар он

коршиносони хубе,ки аз масъалаҳои истеъмолкунандагон огаҳ ҳастанд ва онро ҳал карда метавонанд кор мекунанд, мебошад. Контент-маркетинг иҷозат медиҳад мақсадҳои гуногунро ба даст оред, аз қабили таъсиси имиҷи пешво, зиёд кардани фурӯши бевосита, шиносонидани истеъмолкунанда бо маҳсулот ва хизмати мутлақо нав ва пешравии онҳо дар бозор. Истилоҳи «контент-муҳандис» бори аввал барои ифода намудани ихтисос дар соҳаи маркетинг истифода шуд, ки намояндагонаш контентҳои навъҳои гуногунро барои ба даст овардани боварии истеъмолкунандагон дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар асоси таҳлили чуқури бозор ва талаботи муштариён таъсис медиҳанд, мувофиқ ва паҳн мекунанд.

19.5. Аҳамияти алоқаи соҳибкор бо ҷамъият

Алоқа бо ҷамъият, пиар (англ. Public Relations — алоқа бо ҷамъият, муносибат бо ҷамъият, алоқаҳои ҷамъиятӣ, ҳамкориҳои дуҷониба бо ҷамъият; мухтасар ПР-пиар) - дар низоми ҷамъиятию иқтисодӣ ва сиёсиӣ технологияи таъсис ва ҷорӣ намудани намуди рақобатии объект (ақида, мол, хизмат, ташкилот) ба қатори арзишҳои гурӯҳи иҷтимоӣ, ҳамчун идеалӣ ва зарурӣ ба мақсади дарҷ намудани ин намуд ба ҳаёт. Ба маънои васеъ идоракунии ақидаи ҷамъиятӣ, таъсис додани муносибати мутақобилаи ҷамъият ва мақомотҳои давлатӣ ё сохтори тиҷоратӣ, аз ҷумла барои ба таври объективӣ фикр намудани ҷараёнҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ё иқтисодӣ зарур аст.

Техникаи замонавии пиар дар Аврупо ва Америко коркард шудааст: дар Фаронса ва ИМА. Дар соли 1900 Донишгоҳи Гарвард алакай идораи паблисистӣ дошт. Идораи паблисистӣ инчунин дар соли 1904 дар донишгоҳи штати Пенсилвания таъсис дода шуд. Дар соли 1912 аввалин идораи бузурги PR дар назди Иттиҳоди телефону телеграфии Америко таъсис дода шуд. Шуъбаҳои алоқа бо ҷамъият ва ширкатҳои махсус дар ИМА дар авали соли 1920 ҳамчун такон ба фаъолияти «тунуккунандагони ифлосӣ» (Muckrakers) таъсис дода шуд. Яке аз асосгузорони он рӯзноманигор Айви Ли (Ivy Lee) ва ширкати Ҷ. Рокфеллер (John Davison Rockefeller), ки Айви Ли баъдтар хизматчии он шуд, ба шумор меравад. Яке аз ташкилотҳои оид ба алоқа бо ҷамъият усули эҷоднамудаи Рокфеллерро меҳисобанд: ба кӯдакон додани тангаҳои нави ҷилодори даҳсента. Дар авали солҳои 30-юми асри 20 дар ҳизби демократии ИМА вазифаи машваратчӣ оид ба PR ба вуҷуд меояд. Вазифаи ба ин монанд дар ҳизби ҷумҳурихоҳон дар соли 1936 ба вуҷуд омад. Дар ин давра PR ба функсияи

мустақили менеҷмент мубаддал мегардад, ки аз ҷониби ширкатҳои бузурги ИМА талаб намуданд. Инчунин дар ин вақт аввалин мутахассисон оид ба пешбарии ташкилоти сиёсӣ пайдо шуданд. Дар солҳои 1945-1965 солҳои тараққиёти пиар дар ИМА мебошад. Пиар қатъиян ба самти мустақили менеҷмент ҷудо мешавад ва инкишоф меёбад. Донишгоҳҳо бакалаврбароваириро доир ба PR сар намуданд. Дар соли 1965 шумораи коргарони PR аз 100 ҳазор расид, аз 2000 — 200000 одам танҳо дар ИМА. PR-хизматрасонӣ ба соҳибкор барои баланд бардоштани обрӯи он зарур аст. Обрӯро ҳама ташкилот дорад, новобаста аз он, ки онро мехоҳад ё не. Обрӯ – ин ҳамонест, ки ташкилот чи тавр бо ҳама амал мекунад. Агар обрӯ вуҷуд дошта бошад пас онро ба манфиати ташкилот идора намудан мумкин аст. Менеҷменти «обрӯ» ба ин кор машғул мешавад. Яке аз вазифаҳои он ин монеа шудан ба қабул намудани қароре, ки имиҷро паст мекунад ва барои ба мақсад расидан монеа мешавад. Диққатро ба хатари обрӯ равон кардан бисёр муҳим аст дар баробари хатарҳои истеҳсолӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ.

19.6. Поквиҷдонӣ – гарави ба даст овардани фаъолияти самараноки соҳибкорӣ

Поквиҷдонӣ – иҷрои дақиқи уҳдадориҳои расмӣ ё ғайрирасмии иҷтимоӣ мебошад. Асоси таркиби поквиҷдониро меҳнатдустӣ ва ботартибӣ ташкил медиҳад. Дар ҳаёти ҳаррӯза барои баҳо додани рафтори одам мафҳумҳои «поквиҷдон» истифода мешавад, ки дар луғатҳо чу «баор, уҳдадориҳои худро бағайрат иҷро намуд» маънидод карда мешавад. Аммо мафҳуми мазкур ба сифати истилоҳи ҳуқуқӣ низ ҷой дорад, ки рафтори субъекти муносибатҳои ҳуқуқиро аз тарафи мусбӣ (поквиҷдонӣ) ё манфӣ (бевиҷдонӣ)дар бисёр санадҳои ҳуқуқӣ дарҷ гардидааст. Инак, масалан дар Қонуни ҶТ «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол» дар бораи рқобати бевиҷдонона ҳарф мезанад. Дар КГ ҶТ бошад муқаррар шудааст, ки дар ҳолате, ки агар қонун ҳимояи ҳуқуқро аз он вобаста кунад, ки ин ҳуқуқҳо боақлона ва поквиҷдонона иҷро мешуданд ё не, амали боақлона ва поквиҷдонона дар назар дошта шудааст. Ба ҳар ҳол мафҳуми қонунии поквиҷдонӣ дар қонунгузорӣ ҷой надорад. Дар адабиёти илмӣ дар бораи мафҳуми мазкур чун қоида дар вобастагӣ ба ягон масъала оварда шудааст – сӯйистеъмоли ҳуқуқ ё виндикатсия аз шахси поквиҷдонона ба дастовардаи ашё. Бо гузашти вақт, дар бароба-

ри истифодаи шартномаи пештара шартномаҳои «виҷдони пок» (obligationes bonae fidei) ба вуҷуд омадаанд, ки мақсади поки тарафҳо ё одатҳои муомилоти кориро дар бар мегиранд. Ба ғайр аз ин bona fides на танҳо дар муносибатҳои уҳдадорӣ ба назар гирифта мешуд, инчунин ҳангоми ҳуқуқвайронкунии ҳуқуқи ашё, ҳангоми аз ихтиёрдории соҳибмулк баровардан, поквиҷдонии доранда ба ҳаҷми ҷавобгарии он оид ба даъвои виндикатсионӣ ва ҳалли масъалаҳои дигар таъсири худро расонд. Аммо дар сарчашмаҳои ҳуқуқи римӣ мафҳуми умумии bona fides вуҷуд надорад. Бар замми ин аз худи номи «виҷлони пок» бармеояд, ки истилоҳи мазкур пеш аз ҳама ба тарафи субъективии рафтор, яъне муносибати одамро ба ягон амали муайян (бастани шартнома, гирифтани моликият аз ғайримолик) баҳо медод. Бар замми ин таҳлили Дигестҳои Юстиниан муқаррар шудааст, ки поквиҷдонӣ пеш аз ҳама маънои надоштани қасдро аз ҷониби шахси ваколатдори тарафи фаъол (даъвогар бо талаб аз уҳдадорӣ) ё ҷавобгар(ҳангоми виндикатсияи ашё. Ҳамин тавр поквиҷдони дар ҳуқуқ – ин мафҳуми баҳодиҳандаи тарафи субъективии рафтори иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки мавҷуд будани он дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба субъект иҷозат медиҳад, ки озодона ҳуқуқҳои худро амалӣ намояд ва иҷрои уҳдадориҳоро талаб намояд, набудани он бошад оқибатҳои нохуши моддиву ҳуқуқӣ, аз он ҷумла татбиқ намудани чораҳои ҷавобгарӣ ба шахси бевиҷдон меорад.

БОБИ XX. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

20.1. Мафҳум ва аҳамияти ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ.

20.2. Қоидаи баҳисобгирии муҳосибӣ .

20.3. Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии содакардашуда барои субъектони соҳибкорони хурд.

20.4. Ҷавобгарии ҳуқуқии соҳибкорон барои вайрон кардани қоидаи баҳисобгирии муҳосибӣ.

20.1. Мафҳум ва аҳамияти ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ.

Яке аз талаботҳои асосие, ки барои баамал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ шудааст, ин пебурди баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ аз 25 марти соли 2011, № 702 баҳисобгирии муҳосибӣ - низоми ягонаи ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, ҷамъбасти иттилоот дар бораи молу мулк, дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи ташкилот, ки аз рӯи шаклҳои муқарраршуда тартиб дода шудаанд; Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ низоми батанзимдарорӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасти иттилоот оид ба амалиёт ва рӯйдодҳои ташкилотҳо мебошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст. Амалиёт ва рӯйдодҳои дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ инъикосёфта, дар асоси талаботи зерин амалӣ карда мешаванд: навиштаҷоти комилан мувофиқи муҳосибӣ бо ҳуҷҷатҳои аслии аввалия ва инъикоси ҳамаи амалиёту рӯйдодҳо дар навиштаҷоти муҳосибӣ; бақайдгирии муттасил ва саривақтии амалиёту рӯйдодҳо; мутобиқсозии ҳисоби таркибӣ бо ҳисоби таҳлилӣ ба санаи якуми ҳар моҳ. Амалиёт ва рӯйдодҳо дар ҳисобҳои таркибӣ бо усули сабти дутарафа дар асоси нақшаи ҳисоби баҳисобгирии муҳосибии ташкилотҳо мутобиқ ба талаботе, ки мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар намудааст, инъикос карда мешаванд. Принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ муттасил ҳисоб кардан ва ба ҳисоб гирифтан мебошад. Асоси тавсифи сифатии ҳисоботи молиявӣ возеҳ, бамаврид, боэътимод ва муқоисашаванда будан аст. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ оид ба риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди иҷрои амалиёти хоҷагидорӣ масъул мебошанд. Роҳбарони ташкилотҳо вобаста ба ҳаҷми кори баҳисобгирӣ вазифадоранд: хизматрасонии муҳосибиро ҳамчун сохтори таркибӣ, ки ба он сармуҳосиб

(муҳосиб) роҳбарӣ мекунад, таъсис диҳанд; дар басти вазифаҳо вазифаи муҳосибро ҷорӣ намоянд; дар асоси шартнома баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро ба муҳосиботи марказӣ, ташкилоти муҳосибӣ ё ба муҳосиби касбӣ супоранд; баҳисобгирии муҳосибиро ҳангоми зарурат шахсан ба зимма гиранд. Сиёсати баҳисобгирӣ принсипҳои мушаххас, низомнома, қоидаҳо ва тағрибаи андӯхтаи ташкилотҳоро ҷиҳати баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои байналмилалӣ, миллӣ ва нақшаҳои ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба талабот ва хусусиятҳои фаъолияташон дар бар мегирад. Сиёсати баҳисобгирии ташкилот бо қарори роҳбари аввали ташкилот ё шахси масъули ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон инҳо тасдиқ карда мешаванд: нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ; шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ барои барасмиятдарории амалиёти хоҷагидорӣ ва ҳисоботи дохилии муҳосибӣ; тартиби гузаронидани барӯйхатгирӣ ва усулҳои нархгузории молу мулк, дороиҳо ва уҳдадориҳо; тартиби гардиши ҳуҷҷатҳо ва коркарди иттилооти баҳисобгирӣ; тартиби назорати амалиёти хоҷагидорӣ ва инчунин дигар қарорҳои барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ зарур. Сиёсати баҳисобгирӣ дар ташкилот ба таври мунтазам ҳар сол татбиқ карда мешавад. Сиёсати баҳисобгирӣ метавонад дар ҳолатҳои тағйир ёфтани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои меъёрии мақомоте, ки баҳисобгирии муҳосибиро ба танзим медароранд, аз ҷониби ташкилот таҳия гардидани тартиби нави баҳисобгирии муҳосибӣ ё дар ҳолати куллан тағйир ёфтани шароити фаъолияти онҳо тағйир ёбад. Баҳисобгирии муҳосибии молу мулк, дороиҳо, уҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидории ташкилотҳо бо пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Молу мулк, дороиҳо ва уҳдадориҳое, ки моликияти ташкилот ба ҳисоб мераванд, аз молу мулки шахсони дигари ҳуқуқии ҳайати ин ташкилот алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд. Баҳисобгирии муҳосибиро ташкилот ба таври доимӣ аз лаҳзаи ба сифати шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шуданаш амалӣ менамояд. Ташкилот баҳисобгирии муҳосибии молу мулк, дороиҳо, уҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидориро бо усули сабти дутарафаи ба ҳам алоқаманди ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ амалӣ менамояд. Маълумоти баҳисобгирии таҳлилӣ ба муомилот ва бақияи ҳисобҳои баҳисобгирии таркибӣ мувофиқат менамояд. Тамоми амалиёти

хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои барӯйхатгирӣ бе истисно дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ сари вақт ва пурра ба қайд гирифта мешаванд. Субъектҳои дорои манфиати умум вазифадоранд, ки баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявиро мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва Қонуни мазкур амалӣ намоянд. Роҳбарони субъектҳои дорои манфиати умум вазифадоранд, ки хизматрасонии доимоамалкунандаи аудити дохилиро таъсис диҳанд. Ташкилотҳо, ба истиснои субъектҳои дорои манфиати умум, вазифадоранд, ки баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро мутобиқи стандартҳои миллӣ амалӣ намоянд. Барои ташкилотҳои хурде, ки низоми андозбандии соддакардашударо истифода мебаранд, усули соддакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирии муҳосибӣ муқаррар карда мешавад. Ташкилотҳо вазифадоранд, ки ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ ва феҳристи баҳисобгирии муҳосибиро дар ҳомилҳои коғазӣ ва ё электронӣ дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ доранд. Барои ташкили нигаҳдории баҳисобгирӣ, феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ роҳбар ва сармуҳосиби ташкилот масъул мебошанд.

20.2. Қоидаи баҳисобгирии муҳосибӣ

Мувофиқи Қоидаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар ҶТ аз 8.02.2013с. №9 тартиби ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, тартиб додан ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии шахсони ҳуқуқӣ мувофиқи қонунгузории ҶТ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқуиашон (ба истиснои ташкилотҳои қарзӣ ва муассисаҳои буҷетӣ), инчунин муносибати мутақобилаи корхона бо истеъмолкунандагони берунаи иттилооти муҳосибӣ муайян карда мешавад. 1) талаботҳо нисбати пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ. Корхона баҳисобгирии муҳосибии молумулк, уҳдадорӣ ва амалиётҳои хоҷагиро (фактҳои фаъолияти хоҷагиро) бо роҳи сапти дукарата дар ҳисобҳои боҳам алоқаманди баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар нақшаи кории ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ дарҷ гардидааст, пеш мебарад. Нақшаи кории ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби корхона дар асоси Қоидаи ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ, ки аз ҷониби Вазорати молияи ҶТ тасдиқ карда шудааст, тасдиқ мекунад. Баҳисобгирии муҳосибии молумулк, уҳдадорӣ ва амалиётҳои хоҷагиро (фактҳои фаъолияти хоҷагиро) бо асъори ҶТ- сомонӣ пеш бурда мешавад. Молумулк, уҳдадорӣ

ва амалиётҳои хоҷагии фаъолияти хоҷагӣ, пешбурди қайди ҳуҷҷатикунонида баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бо забони давлатӣ ва тарҷума бо забони русӣ ба амал бароварда мешавад.Барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона сиёсати баҳисобгирӣ, ки мустақилияти молумулкӣ ва бетанаффусии фаъолияти корхона, пайдарпаии татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ, инчунин муайянияти муваққатии фактҳои фаъолияти хоҷагиро муайян мекунад, таъсис дода мешавад. Сиёсати баҳисобгирии корхона бояд ба талаботи пуррагӣ, самаранокӣ ҷавобгӯ бошад. Дар баҳисобгирии муҳосибии корхона хароҷотҳои ҷорӣ барои истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ва хароҷотҳои бо сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ алоқаманд алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад. 2) Амалиёти хоҷагии ҳуҷҷатикунонида. Ҳама амалиётҳои хоҷагии амаликунандаи корхона, бояд ба ҳуҷҷатҳои зарурӣ мувофиқ бошад. Ин ҳуҷҷатҳо ҳамчун ҳуҷҷати аввалии баҳисобгирӣ баромад мекунад, ки дар асоси он баҳисобгирии муҳосибӣ пеш бурда мешавад. Талаботи сармуҳосиб оид ба барасмият дарории ҳуҷҷатии амалиётҳои хоҷагӣ ва ба шуъбаи муҳосибӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳо ба ҳама кормандони корхона ҳатмӣ мебошад. Ҳуҷҷатҳои аввалаи баҳисобгирӣ бояд маълумотҳои ҳатмии зеринро дошта бошад: номи ҳуҷҷат (шакл), рақами рамзии шакл; санаи тартибдиҳӣ; номи корхона, ки аз номи он ҳуҷҷат тартибдода шудааст; мазмуни амалиёти хоҷагӣ; ченкунандаҳои амалиёти хоҷагӣ (дар шакли натуралӣ ва пулӣ); номи шахсони мансабдори ба ба амалбарории амалиёти хоҷагӣ ва дурустии тартиб додани он, имзои шахсӣ ва тавсифи онҳо масъул мебошад. Ҳуҷҷатҳои аввалаи баҳисобгирӣ ба назар гирифта мешавад,анар онҳо бо шакл тартиб дода шуда бошад ва дар санади шакли ягонагаштаи ҳуҷҷатнигории баҳисобгирии аввала, ҳуҷҷатҳое,ки шаклашон дар ин санад пешбинӣ нашудааст ва аз ҷониби корхона тасдиқ нашудааст бояд муълумотҳои ҳатмиро мувофиқи талаботҳоии дар боло номбаршуда дошта бошад. Вобаста ба хислати амалиёт, талаботи санадҳои меъёрӣ, нишондодҳои методикӣ оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва технологияи коркарди маълумоти баҳисобгирӣ дар ҳуҷҷатҳои аввалаи баҳисобгирӣ метавонад маълумотҳои иловагӣ дохил карда шавад. Номгӯи шахсоне, ки ҳуқуқи имзо намудани ҳуҷҷатҳои аввалаи баҳисобгириро дорад, роҳбари корхона бо мувофиқа бо сармуҳосиб тасдиқ мекунад.Ҳуҷҷатҳое, ки дар он амалиётҳои хоҷагӣ бо воситаҳои пулӣ ба расмият дароварда мешавад, аз

ҷониби роҳбари корхона, сармуҳосиб ё шахси ба ин ваколатдор имзо мегузорад. Бе имзои сармуҳосиб ё шахси ба ин ваколатдор ҳуҷҷатҳои пулӣ ё ҳисоббаробаркунӣ, уҳдадориҳои молиявӣ ва қарзӣ беэътибор дониста мешавад ва набояд ба иҷро расонда шавад (ба истиснои ҳуҷҷати имзо гузоштаи сарвари мақомоти иҷроияи ҷумҳуриявӣ) Дар зери уҳдадориҳои молиявӣ ва қарзӣ ҳуҷҷатҳое, ки маблағгузории корхона, шарномаи қарз, шартномаҳои қарзӣ ва шапртномаҳои оид ба қарзи молию тиҷоратӣ басташударо ба расмият медарорад, фаҳмида мешавад. дар ҳолати мухолифат миёни роҳбари корхона ва сармуҳосиб оид ба ба амал баровародани амалиётҳои алоҳидаи хоҷагӣ, ҳуҷҷатҳо оид ба онҳо метавонад танҳо боа мри хаттии роҳбари корхона, ки масъулияти пурраро барои оқибатҳои ба амалбарории чунин амалиётҳо бар дӯш дорад ва бо ҷойгир намудани маълумот оиди онҳо ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ба амал бароварда мешавад. Ҳуҷҷатҳои аввалаи баҳисобгирӣ бояд дар вақти ба амал баровардани амалиётҳои хоҷагӣ тартиб дода шавад,агар ин имкон надошта бошад, пас бевосита баъд аз ба охир расидани амалиёт. Ҳангоми амалӣ намудани мол, маҳсулот, кор, хизмат бо татбиқи дастгоҳҳои назоратии кассавӣ тартиб додани ҳуҷҷатҳои аввалаи баҳисобгирӣ як маротиба дар як рӯз пас аз ба охир расидани он, дар асоси чекҳои кассавӣ роҳ дода мешщавад. Таъсиси ҳуҷҷатҳои аввалаи баҳисобгирӣ, тартиб ва мӯҳлати додани онҳо ба баҳисобгирии муҳосибӣ барои дарҷкунӣ мувофиқи ҷадвали мубодилаи ҳуҷҷати тасдиқнамудаи корхона ба амал бароварда мешавад. Сапивақтӣ ва босифат тартиб додани ҳуҷҷатҳои аввалаи баҳисобгирӣ, дар муҳлати муайяншуда додани он ба баҳисобгирии муҳосибӣ барои дарҷкунӣ, инчунин дурустиимазмуни онро шахсе, ки ин ҳуҷҷатро имзо гузоштааст ва тартиб додаст таъмин мекунад. Ба ҳуҷҷатҳои кассавӣ ва бонкӣ тағйирот ворид намудан мумкин нест. Ба дигар ҳуҷҷатҳои аввалаи баҳисобгирӣ, тағйирот танҳо бо розигии иштирокчиёни амалиётҳои хоҷагӣ ворид карда мешавад, ки бо имзои он шахсоне, ки ба ин ҳуҷҷат имзо гузоштаанд, бо нишон додани санаи ворид намудани тағйирот ворид карда мешавад. Барои ба амал баровардани назорат ва ҷобаҷогузории коркарди маълумот оид ба амалиёти хоҷагӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалаи баҳисобгирӣ метавонад ҳуҷҷатҳои иттилоотии баҳисобгирӣ тартиб дода шавад. Ҳуҷҷатҳои аввала ва иттилоотии баҳисобгирӣ метавонад ба маводҳои қоғазӣ ва электронӣ тартиб дода шавад. Дар ҳолати охир корхона уҳдадор аст, ки аз ҳисоби худ нусхаи ин ҳуҷҷатҳоро

дар маводҳои қоғазӣ барои дигар иштирокчиёни амалиёт , инчунин бо талаби мақомотҳои бо қонун ваколатдоршуда тайёр намояд. 3) Бақайдгирандагони баҳисобгирии муҳосибӣ. Бақайдгирандагони баҳисобгирии муҳосибӣ барои низомноккунӣ ва ҷамъкунии иттилоот, ки дар ҳуҷҷатҳои аввалаи баҳисобгирии қабулшуда барои дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ифода намудан дарҷ гардидааст, таъин шудааст. Бақайдгирандагони баҳисобгирии муҳосибӣ мумкин аст ба китобҳои махсус, варақаҳои алоҳида ва карточкаҳо дар намуди **машинограмм**, ки дар натиҷаи истифодаи техникаи ҳисоббарор ба даст омадааст, инчунин дар МЭҲ ҷойгир карда шавад. Ҳангоми аз ҷониби бақайдгирандагон ҷойгир намудани иттилоот ба МЭҲ, бояд имконияти ба қоғаз баровардани онҳо пешбинӣ карда шавад. Шакли бақайдгирандагони баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби Вазорати молия ва мақомотҳое, ки Вазорати мазкур ба онҳо ҳуқуқи танзими баҳисобгирии муҳосибиро бо риояи принсипҳои методикии умумии баҳисобгирии муҳосибӣ коркард ва тавсия карда мешавад. Амалиётҳои хоҷагӣ бояд дар бақайдгирандагони баҳисобгирии муҳосибӣ бо пайдарпаии таърихӣ ифода ёбад ва бо ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии мувофиқ гурӯҳбандӣ карда шаванд. Дар бақайдгирандагони баҳисобгирии муҳосибӣ дуруст ифодаёбии амалиёти хоҷагро шахсе таъмин менамояд, ки онро тартиб дода имзо намудааст. Ҳаногоми нигоҳдории бақайдгирандагони баҳисобгирии муҳосибӣ, он бояд аз дигаргункуниҳои ғайриқонунӣ ҳифз карда шавад. Дигаркуниҳои хатогиҳо дар бақайдгирандагони баҳисобгирии муҳосибӣ, бояд асоснок бошад ва бо имзои шахси тағйирот-вориднамуда бо нишон додани санаи ворид намудани он, тасдиқ карда шавад. Мазмуни бақайдгирандагони баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибии дохилӣ сирри тиҷоратӣ мебошад, дар мавридҳои пешбинӣ намудаи қонунгузории ҶТ бошад сирри давлатиро ташкил медиҳад. Шахси ба иттилоот роҳёфта, ки дар бақайдгирандагони баҳисобгирии муҳосибӣ ва дар ҳисоботи муҳосибии дохилӣ ҷойгир ҳастанд, бояд сирри тиҷоратӣ ва давлатиро нигоҳ доранд. Барои ошкор намудани он, онҳо мувофиқи қонунгузории ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. 4) Нархгузории молумулк ва уҳдадориҳо. Молумулк, уҳдадориҳо ва фактҳои дигари фаъолияти хоҷагӣ барои дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ ифода ёфтан, бояд бо нишондиҳандаҳои пулӣ нархгузорӣ карда шаванд. Нархгузории молумулки бо пардохт

ба дастомада, бо роҳи ҷамъ намудани хароҷоти барои хариди он сарфшуда ба амал бароварда мешавад; молумулки бемузд ба даст омада- бо арзиши бозорӣ дар санаи воридшавӣ; молумулки дар худи корхона истеҳсолнамуда – бо арзиши тайёрнамоии он (хароҷоти барои истеҳсоли объекти моликият сарф шуда). Ба таркиби хароҷотҳои сарфшуда инҳо дохил мешавад: хароҷотҳо барои ба даст овардани худи объекти молумулк, фоизҳои пардохтшаванда, ки бо қарзи пешниҳодшуда дода мешавад, иловагӣ, мукофотҳои комиссионӣ (арзиши хизмат), ки аз ҷониби корхонаҳои таъминкунӣ, иқтисодии беруна ва ғайра пардохткунанда, боҷҳои гумрукӣ ва пардохтҳои дигар, хароҷотҳо барои ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва молрасонӣ, ки аз ҷониби корхона ба амал бароварда мешаванд. Таъсис додани арзиши бозории ҷориро дар асоси нархи дар санаи воридшуда амалкунандаи молумулки бемузд гирифташуда амалӣ мекунанд. Маълумот оид ба нархи амалкунанда бояд расман ё бо роҳи экспертӣ тасдиқ карда шавад. Дар зери арзиши тайёркунӣ хароҷоти аслан сарфшуда, ки бо дар ҷараёни тайёр кардани молумулк истифода намудани ашёи хом, маводҳо, сӯзишворӣ, энергия, захираҳои меҳнатӣ ва дигар хароҷотҳо барои тайёркунии объекти молумулк алоқаманд аст, фаҳмида мешавад. Татбиқ намудани усулҳои дигари нарх, аз он ҷумла бо роҳи захиракунӣ, дар ҳолатҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда роҳ дода мешавад. Саптҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ оид ба ҳисоби асъории корхона, инчунин оид ба амалиёт бо асъори хориҷӣ бо сомонӣ дар маблағи бо роҳи азнавҳисобкунии асъори хориҷӣ бо қурби Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар санаи ба амал баровардани амалиёт амал мекунад ба амал бароварда мешавад. Ҳамзамон саптҳои нишондодашуда бо асъори ҳисоботҳо ва пардохтҳо ба амал бароварда мешавад. Баҳисобгирии муҳосибии молумулк, уҳдадорӣ ва амалиёти хоҷагӣ бо маблағи сомонӣ роҳ дода мешавад. Фарқиятҳои маблағии дар ин маврид ба вуҷудомада ба натиҷаҳои молиявии ташкилоти тиҷоратӣ ё зиёдкунии даромадҳои (камкунии хароҷотҳо) ташкилоти ғайритиҷоратӣ дохил мешаванд. 5) Инвентаризатсияи молумулк ва уҳдадорӣ. Барои таъмини дурустии маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии корхона уҳдадоранд, ки инвентаризатсияи молумулк ва уҳдадориро гузаронанд, ки дар рафти он мавҷудияти онҳо, вазъият ва баҳои онҳо санҷида шуда, бо ҳуҷҷат тасдиқ карда мешавад. Тартиби (миқдори инвентаризатсияи дар соли ҳисобот, санаи гузарондани онҳо, номгӯи молумулк ва уҳдадории дар ҳар

яки онҳо санҷишшаванда ва ғ.) гузаронидани инвентвризатсияро роҳбари корхона муайян мекунад, ба истиснои ҳолатҳое, ки гузарондани инвентаризатсия ҳатмӣ набошад. Гузарондани инвентаризатсияи дар ин ҳолатҳо ҳатмӣ мебошад: ҳангоми додани молумулк ба иҷора, харид, фурӯш, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии корхонаи воҳиди давлатӣ; ҳангоми тартиб додани ҳисоботи солонаи муҳосибӣ, ба ғайр аз молумулке, ки инвентаризатсия на дертар аз якуми октябри соли ҳисоботӣ гузаронда мешавад. Инвентаризатсияи воситаҳои асосӣ метавонад дар ду сол як маротиба, фондҳои китобхона бошад, як бор дар панҷ сол гузаронида шавад. Дар минтақаҳои бармаҳал ба амал барорандаи **завоз,** инвентаризаьсияи мол, ашёи хом ва маводҳо метавонад дар боқимондаҳои камтарини онҳо гузаронида шавад; ҳангоми иваз намудани шахси масъули моддӣ (дар рӯзи қабулу супориши парванда); ҳангоми муқаррар намудани факти тасарруф ё сӯистифода, инчунин нобуд шудани арзишҳо; дар ҳолати вазъияти фавқулода, сӯхтор, садама ё дигар ҳолатҳои вафқулода, ки шароити хатарнокро фароҳам овардааст; ҳангоми барҳамдиҳии (азнавташкилкунии) корхона пеш аз тартиб додани баланси барҳамдиҳи (тақсимкунӣ) ва дар дигар ҳолатҳои дар қонунгузории ҶТ ё санадҳои меъёрии Вазорати молияи ҶТ. Дар мавриди ошкор намудани фарқият миёни молумулки мавҷудбуда ва маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ бо тартиби зерин ифода карда мешавад: а) зиёдатии молумулк бо арзиши бозории дар санаи гузаорондани инвент муайян карда мешавад ва маблағи мазкур ба натиҷаи молиявии ташкилот ё зиёдшавии даромади ташкилоти ғайритиҷоратӣ гузаронда мешавад; б) норасоии молумулк ва нобуд шудани он дар доираи меъёри табиии убыли ба хароҷоти истеҳсолот ё муомилоти (хароҷотҳо), аз меъёр зиёд аз ҳисоби шахсони гунаҳкор дохил карда мешавад. Агар шахсони гунаҳкорро муқаррар накарда бошанд ё суд аз ӯ ситонидани зарарро рад намуда бошад, пас зарар аз норасоии молумулк ва нобудшавии он ба натиҷаи молиявии ташкилот ё зиёдшавии даромади ташкилоти ғайритиҷоратӣ гузаронда мешавад. Ҳангоми ошкор намудани тасарруф, норасоӣ, нобудсозии барқасдона ва бадқасдона корношоям намудани арзишҳои моддӣ, зарари аз ҷониби гунаҳкор расонда шуда бо нархе, ки дар лаҳзаи ошкор намудан (аммо на кам аз нархи харидашаванда), новобаста аз муҳлати расидани арзиш, дар ҳисоботи шахси масъули моддӣ муайян карда мешавад. Маводҳо оид ба ошкор намудани тасарруф, норасоӣ, нобудсозии барқасдона ва

бадқасдона корношоям намудани арзишҳои моддӣ, маблағи пулӣ бояд дар давоми 15 рӯз ба мақомоти тафтиш супорида шавад. Корхона уҳдадораст ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии аввала, бақайдгирандаҳои баҳисорбгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибиро ва ҳисоботи молиявиро дар давоми муҳлати мувофиқи қоидаи таъсиси парвандаи бойгонии давлатӣ, аммо на камтар аз панҷ сол нигоҳ дорад. Нақшаи кори ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ, дигар ҳуҷҷатҳои сиёсати баҳисобгирӣ, расмиётҳои рамзгузорӣ, барномаи коркарди мошинии маълумот (бо нишон додани муҳлати истифодаи онҳо), бояд дар корхона ба муҳлати на кам аз панҷ сол пас аз соле, ки он барои тартиб додани баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ бори охир истифода шудааст, нигоҳ дошта шавад. Аз корхона гирифтани ҳуҷҷатҳои муҳосибии аввала метавонад танҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд, нозирати андоз дар асоси қарорҳои ин мақомотҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Гирифтан бо протокол, ки нусхааш бо забонхат ба шахсони мансабдори зарурии корхона дода мешавад, ба расмият дароварда мешавад. Дар ҳузури намояндагони мақомоте, ки гирифтанро ба амал мебарорад, шахсони мансабдори зарурӣ метавонад аз ҳуҷҷатҳои гирифташаванда, бо нишон додани асос ва санаи гирифтани он, нусха гирад.

20.3. Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии содакардашуда барои соҳибкорони хурд

Мувофиқи ҚонуниҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз10 маи соли 2002 , №46 ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқии ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуле дохил мешаванд, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи иштироки давлат аз 25 фоиз зиёд намебошад ва ба меъёрҳои зерин мутобиқ аст: андозаи даромади умумии онҳо дар аввали соли андоз бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз савдои чакана аз ҳадди чоркаратаи муқаррарнамудаи моддаи 202 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд набошад; шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ на зиёдтар аз 30 нафар, барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ то 50 нафар мебошад. Ба субъетҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба фаъолияти зерин машғул мебошанд, дохил карда намешаванд: истеҳсоли молҳои зераксизӣ; таҳвили

алюминийи аввалия; фаъолият дар соҳаи истифодабарии қаъри замин; фаъолияти бонкӣ (ё барои машғул шудан бо намудҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ) ва суғуртавӣ; фаъолияти вобаста ба идоракунии фондҳои инвеститсионӣ; фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок. Дар ҳолати зиёд шудани яке аз меъёрҳои пешбининамудаи моддаи мазкур имтиёзҳои барои субъектҳои соҳибкории хурд муайянкардаи қонунгузорӣ ба субъектҳои соҳибкории хурд татбиқ карда намешаванд. Баҳисибогирии муҳосибӣ низоми мураттабгаштаи муратабсозӣ, ҷамъ ва бақайдгирии маълумот оид ба молумулки корхона дар эквиваленти пулӣ мебошад. Он ба воситаи баҳисобгирии муҳосибии доимии ҳуҷҷатии амалиётҳои хоҷагӣ ба амал бароварда мешавад. Ба сифати объекти баҳисобгирии муҳосибӣ, амволи ташкилот, амалиётҳо ва уҳдадориҳои хоҷагии дар рафти фаъолияти соҳибкорӣ ба амаломада, баромад карда метавонад. Баҳисобгирии муҳосибӣ якчанд вазифаи асосӣ дорад, дар навбати аввал ин ба таъсиси иттилооти дақиқ ва пурра оид ба фаъолияти ташкилот ва вазъи молумулкии он дахл дорад. Дар доираи баҳисобгирии муҳосибӣ ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоотро гузаронда, иттилоотонии истифодабарандагони ҳисоботи муҳосибии дохилӣ ва берунӣ, ки барои ба амал баровардани назорати риояи қонунгузории ҶТ дар рафти фаъолияти соҳибкорӣ зарур аст, ба амал бароварда мешавад. Нуқтаи асосӣ ин бартараф намудани оқибатҳои манфии фаъолияти соҳибкории корхона, инчунин ошкор намудани захираҳо ба мақсади таъмин намудани вазъи молиявӣ мебошад. Дар санадҳои меъёрӣ, нишондодҳои методкӣ ва нақшаи ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ, барои соҳибкорони хурд, низоми содакардашуда пешбинӣ карда мешавад. Сиёсати баҳисобгирӣ аз ҷониби ташкилотҳо вобаста ба соҳа, сохтор ва хусусиятҳои дигари фаъолияти онҳо, мустақилона ташкил карда мешавад, аммо онҳо дар ин маврид бояд қонунгузорӣ оид ба баҳисобгирии муҳосибиро риоя намоянд. Барои соҳибкорони хурд, КА ҶТ тартиби содакардашудаи андозбандиро пешбинӣ мекунад.

20.4. Ҷавобгарии ҳуқуқии соҳибкорон барои вайрон намудани қоидаи баҳисобгирии муҳосибӣ

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани талаботи қонунгузории баҳисобгирӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

КҲМ ҶТ. Моддаи 599. Саркашӣ аз пардохтани андоз

1. Барои саркашӣ аз пардохтани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки дар пинҳон кардани объектҳои андозбандӣ ифода ёфтаанд ҳангоми набудани аломати ҷиноят, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз як то се, ба соҳибкорони инфиродӣ аз даҳ то бист, ба шахсони мансабдор аз бист то сӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои мавҷуд набудани баҳисобгирии муҳосиботӣ ё пешбурди он бидуни риояи тартиби муқарраргардида, таҳрифи баҳисобгирии муҳосиботӣ ё ҳисоботи андоз, пешниҳод накардани ҳисобот ва тавозуни муҳосиботӣ, ҳисобҳо, эъломияҳо, дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳисобкунӣ ва пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, –

ба шахсони мансабдор ва соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд, ба андозаи аз бист то сӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

3. Барои риоя накардани қоидаҳои истеҳсол, рехтани маҳсулот ба шишаҳо (бастабандӣ) ва нигоҳдории маҳсулоти зераксизӣ бе ҳисобкунакҳои дорои хотираи фискалӣ,–

ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд, ба андозаи аз бист то чил фоизи арзиши бозории маҳсулоти зераксизӣ, ба шахсони мансабдор аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ба соҳибкороне, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

4. Барои бе тамғаҳои аксизӣ ба фурӯш баровардани моле, ки мувофиқи тартиботи муқарраршуда бояд дорои тамғаҳои аксизӣ бошанд, –

ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд, ба андозаи аз панҷоҳ то сад фоизи арзиши бозории маҳсулоти зераксизӣ, ба шахсони мансабдор аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ба соҳибкороне, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд, аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 674. Саркашии бадқасдона аз барасмиятдарории амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, таҳриф ва нобуд кардани ҳуҷҷатҳо ва ҳисобот

Барои саркашии бадқасдонаи шахси матасаддии пешбурди баҳисобгирии муҳосиботӣ ё роҳбари ташкилот аз амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ кардаанд ба расмият даровардан ё ба асноду ҳисоботи молиявӣ, муҳосиботӣ ва оморӣ даровардани маълумоти таҳрифшуда оид ба фаъолият ё амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, инчунин нобуд кардани асноди молиявӣ ва дигар асноди баҳисобгирӣ ҳангоми набудани аломати ҷиноят, –

ба андозаи аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

КҶ ҶТ. Моддаи 269. Ҳаракати ғайриқонунӣ ҳангоми муфлисшавӣ

1) Пинҳон кардани молу мулк ё уҳдадориҳои молу мулкӣ, таҳсилот дар бораи молу мулк, миқдори он, маҳалли ҷойгиршавӣ ё дигар таҳсилот оид ба молу мулк, ба ихтиёри дигар кас вогузоштани молу мулк, бегона кардан ё несту нобуд кардани молу мулк, ҳамчунин пинҳон, несту нобуд ё таҳриф кардани асноди муҳосибавӣ ё дигар асноди баҳисобгирии бухгалтерӣ, ки фаъолияти иқтисодиро дар бар мегиранд, агар ин кирдор аз ҷониби роҳбар ё моликӣ ташкилоти қарздор ё соҳибкори инфиродӣ ҳангоми муфлисшавӣ ё ҳангоми пешбинии муфлисшавӣ содир шуда, ки ба миқдори калон зарар расонида бошад, –

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё ба корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Дидаю дониста бар зарари кредиторони дигар ғайриқонунӣ қонеъ намудани талаботи молу мулкии кредиторони алоҳида аз ҷониби роҳбар ё моликӣ ташкилоти қарздор ё соҳибкори инфиродӣ, ки аз вазъияти воқеии нодории худ (муфлисӣ) огоҳанд, ҳамчунин қабул намудани чунин шакли қонеъгардонӣ аз ҷониби кредиторе, ки бар зарари дигар кредиторон аз бартарии ба ӯ фароҳам овардаи қарздор (нодор) огоҳ аст, агар ин кирдор ба миқдори калон зарар расонида бошад,–

бо ҷарима ба андозаи аз ҳаштсад то як ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

Моддаи 292. Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ

1) Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ, ки қонун муқаррар намудааст, бо роҳи дидаю дониста ба асноди муҳосибавӣ (бухгалтерӣ) ё деклоратсияи андоз дохил на-

мудани таҳсилоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот ё бо роҳи дигар пинҳон доштани дигари объектҳои андозбандишаванда, ки ба миқдори калон содир шудааст,–

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсаду чилу ҳафт то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то панҷ сол бо маҳрум намудан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби шахси қаблан барои ҷинояти дар ҳамин модда ё барои ҷиноятҳои дар моддаҳои 291 ё 293 пешбинишуда, судшуда;

б) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад,–

бо ҷарима ба андозаи аз нӯҳсаду дувоздаҳ то як ҳазору чорсаду шаст нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо маҳрум намудан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешавад.

БОБИ XXI. УҲДАДОРИИ ҲИСОБОТИИ МУҲОСИБӢ ВА ОМОРИИ СОҲИБКОРОН

21.1. Мафҳум ва асосҳои ҳуқуқии уҳдадориҳои муҳосибӣ ва омории соҳибкорон.

21.2. Моҳияти ҳуқуқии ҳисоботи муҳосибӣ.

21.3. Иҷрои зарурии уҳдадориҳои муҳосибӣ ва омории соҳибкорон.

21.4. Ҷавобгарии маъмурӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои муҳосибӣ ва омории соҳибкорон.

21.1. Мафҳум ва асосҳои ҳуқуқии уҳдадориҳои муҳосибӣ ва омории соҳибкорон

Ҳисоботи молиявӣ – маҷмӯи маълумоте, ки ҳолат ва натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳоро дар асоси нишондодҳои баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ ё миллӣ дар бар мегирад.Санади асосии муайянкунандаи асосҳои ташкил ва пешниҳод намудани ҳисоботи муҳосибӣ Қонуни ҶТ „**Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ**“ мебошад. Ба ғайр аз ин таркиб, мазмун, асосҳои методикии таъсис додани ҳисоботи муҳосибии корхонае, ки мувофиқи қонунгузории ҶТ шахси ҳуқуқӣ мебошад, ба ғайр аз бонкҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ, дар Низомнома оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, муқаррар шудааст. Ҳисоботе, ки ташкилот мувофиқи санадҳои нишондодашуда коркард карда шудааст, беруна мебошад, ки ба мақомотҳои давлатии зарурӣ пешниҳод карда мешавад. Риоя намудани талабот оид ба тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ мувофиқи меъёри Қонун ва Низомнома барои расидан ба якрангӣ дар ин соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, муқоиса намудани иттилоот оид ба вазъи молумулкии корхона ва даромаду хароҷоти онҳо, ки ба истифодабарандаи ҳисоботи муҳосибӣ зарур аст, хизмат мекунад. Ҳисоботи муҳосибии дохилӣ аз ҷониби ташкилот мустақилона бе алоқаманди ҷиддӣ ба санадҳои меъёрӣ , пеш аз ҳама аз хусусияти фаъолияти ташкилот ва талаботи дохилии он тартиб дода мешавад. Ҳисоботи муҳосибӣ давраи хотимавии ҷараёни баҳисобгирии ташкилот мебошад ва ҳамчун воситаи барасмиятдарории фаъолияти хоҷагидорӣ дар давраи ҳисоботӣ, асос барои худтаҳлилкунӣ хизмат мекунад. Ҳисоботи муҳосибӣ бояд дар бораи вазъияти молумулкӣ ва молиявии ташкилот, фаъолияти он маълумоти пурра ва дуруст пешниҳод ку-

над. Дурустии маълумоти ҳисоботи муҳосибӣ ин мувофиқи қоида, яъне мувофиқи низоми танзими меъёрии ҳисоботи муҳосибии дар ҶТ муқаррарнамудаи санадҳои меъёрӣ тартиб додани он мебошад. Шаклҳои намунавии ҳисоботи муҳосибӣ ва дастурамал оид ба тартиби пур кардани ин шаклҳо аз ҷониби Вазорати молияи ҶТ коркард ва тасдиқ карда мешавад. Бо санадҳои меъёрии гуногун Вазорати молияи ҶТ ва дигар мақомотҳои ваколатдор фаҳмондадиҳии тартиби тартиб додани ҳисоботро дар соҳаи алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ ба амал мебарорад. Агар ҳангоми тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ мувофиқи санадҳои меъёрии дар боло зикргардида ташкилот норасогии иттилоотро барои тартиб додани маълумоти пурра оид ба вазъияти молумулкӣ ва молиявӣ, инчунин оид ба натиҷаи фаъолияти молиявии он ошкор кунад, пас дар ҳисоботи муҳосибӣ ҷой намудани нишондодҳои иловагӣ роҳ дода мешавад. Ҳисоботи молиявӣ ин маълумот оид ба вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият ва дигаргуниҳо дар вазъи молиявии ташкилот, ки дар асоси стандартҳои байналмиллалӣ ва миллӣ мебошад. Ташкилотҳо уҳдадоранд, ки дар ҳар як давраи ҳисоботӣ, ҳисоботи солона ва фосилавиро мувофиқи стандартҳои байналмиллалӣ ва миллӣ тартиб диҳад. Қоидаи тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ва талаботҳо ба он мувофиқи стандартҳои байналмиллалӣ ва талаботҳои қонунгузории ҶТ оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ муқаррар карда мешавад. Ҳаҷм, шакл ва тартиби тартиб додани ҳисоботи молиявии субъектони манфиатноки оммавӣ мувофиқи стандартҳои байналмиллалӣ ва қонунгузорӣ пешбинӣ карда мешавад. Ҳаҷм, шакл ва тартиби тартиб додани ҳисоботи молиявии бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд ва молиявӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Ҳисоботи молияви аз ҷониби роҳбари якум ва сармуҳосиби ташкилот имзо карда мешавад. Ҳисоботи молиявӣ бо асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода мешавад. Ҳисоботи молиявии ташкилотро муассисони он мувофиқи ҳуҷҷатҳои таъсис ба мақомоти ваколатдор оид ба соҳаи омори давлати дар макони бақайдгирии давлатӣ пешниҳод мекунанд. Ҷамъиятҳои саҳомӣ ва дигар ташкилотҳое, ки мувофиқи стандартҳои байналмиллалӣ ҳисоботи молиявиро тартиб медиҳанд, уҳдадоранд ҳисоботи молиявии солонаро бо хулосаи аудитор ба депозитарий бо тартиб ва муҳлати муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ пешниҳод намояд. Ташкилот ҳисоботи молиявии солонаро на дертар аз 30 ап-

рели соли навбатии ҳисобот пешниҳод мекунад. Ҷамъиятҳои саҳомӣ, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, суғуртавӣ, биржаҳо, Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, фондҳои инвеститсионӣ, ки аз ҳисоби воситаҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлати таъсис дода шудаанд, уҳдадоранд ба воситаи васоити ахбори омма ҳисоботи молиявии солонаро на дертар аз 1 июни соли навбатии ҳисобот интишор нмояд. Ба таркиби ҳисоботи муҳосибии ташкилотҳо, ба истиснои буҷетиҳо инҳо дохил мешаванд: а) мувозинати муҳосибӣ; б) ҳисобот оид ба даромадҳо ва хароҷотҳо; в) замима ба онҳо, мувофиқи пешбининамудаи санадҳои меъёрӣ; г) забонхати шарҳдиҳӣ; д) хулосаи аудитор, ки дурустии ҳисоботи муҳосибии ташкилотро тасдиқ мекунад, агар он мувофиқи қонунгузорӣ бояд ҳатман аудити ҳатмӣ гузаронда шавад. Номгӯи аломатҳои асосии (низоми нишондодҳо) фаъолияти иқтисогдии субъектон, ки мувофиқи он ҳисоботи муҳосибии онҳо бояд аз санҷиши ҳарсолаи ҳатмии аудиторӣ гузаронида шавад. Ин аломатҳо инҳо мебошанд: 1. Шакли ташкилию ҳуқуқии субъектони хоҷагӣ. Мувофиқи аломати мазкур, ҷамъияти саҳомӣ новобаста аз шумораи саҳмдорон, намуди фаъолият, ҳаҷми сармояи оинномавӣ аз санҷиши ҳарсолаи аудитӣ гузаронида мешавад. 2. Намуди фаъолият. Мувофиқи ин аломат бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва ҷамъиятҳои суғуртавии муштарак, биржаҳои молӣ ва фондӣ, институтҳои инвеститсионӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ, дигар субъектон, агар бо намуди фаъолияташон дар санадҳои меъёрӣ санҷиши ҳарсолаи ҳатмии аудитӣ пешбинӣ шуда бошад, аудитӣ ҳатмӣ гузаронида мешавад. 3. Сарчашмаҳои таъсис додани сармояи оинномавӣ. Агар дар фонди оинномавии ташкилот ҳиссаи сармоягузори хориҷӣ мавҷуд бошад, пас дар он санҷиш гузаронида мешавад. 4. Нишондиҳандаҳои молиявии фаъолият. Субъектони хоҷагӣ (ба истиснои субъектоне, ки пурра ба моликияти давлатӣ қарор доранд) дар мавриди мавҷуд будани нишондиҳандаи молиявии фаъолияти онҳо, аудити ҳатмӣ гузаронида мешавад. Ҳисоботи омории давлатӣ- иттилооте мебошад, ки воҳиди оморӣ ва субъектони баҳисобгирии расмии омории мақомоти давлатии омориро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ифода мекунад. Баҳисобгирии расмии омориро Агентии омори назди Президенти ҶТ ба амал мебарорад. Дар асоси иттилооти ба субъектони хоҷагӣ пешниҳоднамуда Агентӣ ҷамъ ва коркарди иттилоотҳои омориро ба амал мебарорад. Ҷамъи иттилоот барои тартиб додани ҳисоботи омории давлатӣ,

ҳама намуди мушоҳидаҳои омориро дар бар мегирад: ҳисоботҳои доимӣ ва давравӣ, баҳисобгириҳои яквақтаина, рӯйхаткуниҳои гуногун, таҳлилҳои интихобӣ, анкетавӣ, ҷамъиятӣ, монографӣ ва ғ. Дар айни ҳол барои таъсиси мушоҳидаи омори давлатӣ асоси қонунгузорӣ вуҷуд надорад. Меъёрҳои муайянкунандаи муносибатҳои муитақобилаи мақомотҳои омори давлатӣ ва субъектони хоҷагӣ, принсипҳои асосии ташкилот асосан ба санадҳои мақомотҳои оморӣ асос меёбад. Низомнома оид ба Агентии омори назди Президенти ҶТ бо фармони Президенти ҶТ аз 22 апрели соли 2010, №862 тасдиқ шудааст, ки мувофиқи он Агентии омори назди Президенти ҶТ мақомоти давлатӣ соҳаи сиёсати баҳисобгирию оморӣ ва таҳлили иқтисодӣ мебошад, дар фаъолияти худ ба Президенти ҶТ итоат мекунад. Агентӣ фаъолияти худро оид ба ҷамъ ва паҳн намудани иттилооти оморӣ бо дастрасии принсипи омӯзиши объективӣ ва ҳаматарафаи ҷараёнҳои иқтисодию иҷтимоии дар ҷумҳурӣ ба вуҷудоянда ба амал мебарорад. Низоми ягонаи омори давлатии ҶТ-ро Агентӣ, Муассисаи давлатии „Маркази сарҳисоббарор“, сарраёсат, раёсат, шуъбаҳо, шуъбаҳои агентӣ дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо тартиб медиҳанд. Агентӣ фаъолияти худро мувофиқи Барномаи корҳои оморӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда мешавад ба роҳ мемонад. Вазифаҳои асосии Агентинҳо мебошанд: иттилооти расмии омориро ба Президенти ҶТ, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Ҳукумати ҶТ, вазорату идораҳо, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо розигии Президенти ҶТ (бо рӯйхати тасдиқшуда як нусха ройгон), инчунин ҷамъият ва ташкилотҳои байналмиллалӣ (бо маблағ); мукаммалгардонии методологияи илмию омории ягона, ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми нишондодҳои оморӣ, ки ба талаботҳои зарурии ҷамъиятӣ дар давраҳои имрӯза, инчунин ба стандарти байналмиллалӣ ҷавобгӯ аст; коркарди иттилооти иқтисодию оморӣ, таҳлили он, тартиб додани ҳисоботи миллӣ, ҳисоббаробаркунии мувозинатии зарурӣ; ҳамоҳангсозии фаъолияти омории мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ; таъмин ннамудани дурустӣ,пуррагӣ, сифат ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок будани иттилооти расмии оморӣ; ба ҳама истифодабарандагон пешниҳод намудани дастрасии баробар ба иттилооти кушодаи оморӣ бо роҳи паҳн намудани маърӯза оид ба вазъи иқтисодию иҷтимоии ҶТ, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, соҳаҳои иқтисодиёт, интишори маҷмӯи оморӣ ва дигар маводҳои оморӣ; бо тартиби муайяншуда муайян ва тасдиқ намудани тас-

нифи умумии намудҳои фаъолияти иқтисодии ҶТ. Агентӣ барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва иҷрои функсияҳои бар дӯши ӯ гузошташудадорои чунин ҳуқуқҳо мебошад: оид ба масъалаҳои омор ва баҳисобгирӣ амр диҳанд, ки барои иҷроиш ба тамоми субъектони хоҷагӣ новобаста аз итоати идоравии онҳо ва шакли моликияташон, инчунин ба шахсони воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, ҳатмӣ мебошад; аз тамоми шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистонанд новобаста аз шакли моликияташон, намуди фаъолияти иқтисодӣ ва итоати идоравиашон, аз он ҷумла аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ бо муҳлати муқарраршуда ва дар ҳаҷми пурра ҳисоботи дурусти омории ройгон ба даст орад; маълумотҳои омориро аз мақомотҳои бонкӣ, молиявӣ, гумрук, андоз ва дигар шуъбаҳо ва идораҳо, ташкилотҳои хориҷӣ ва ҷамъиятӣ гирад ва истифода барад; аз шаҳрвандон анкетаи мушоҳидаи олмориро, ки ба вазъи иҷтимоию демографӣ ва фаъолияти истеҳсолӣ таааллуқ дорад, гирад; дар корхона, муассиса ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ вазъи баҳисобгирии аввала, дурустии иттилооти омориро санҷида, ба иттилооти аввала ва дигар нишондиҳандаҳо тағйиру иловаҳо ворид созад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии запруриро уҳдадор намудан лозим аст, ки ин тағйиротҳоро ба баҳисобгирии аввала дарҷ намоянд; назоратро аз болои иҷро намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба масъалаи омор ба амал барорад; нисбати шахсони мансабдор чораҳо барои нобуд сохтан ё мувофиқи тартиби муқаррар намудаи қонун пешниҳод накардани ҳисоботи оморӣ ба мақомотҳои давлатии омор; тартиби пешниҳод намудани ҳисоботи омории давлатиро муайян кунад; бо тартиби муқарраршуда маҷлис, семинарҳо, конфронсҳои байналмиллалӣ оид ба масъалаҳои ба салоҳияти Агентӣ тааллуқдошта гузаронад. Шаклҳои ҳисоботи оморӣ ва дастурамал оид ба пур кардани онҳоро низ Агентӣ тасдиқ мекунад. Ҳисоботи омории ташкилот метавонад шартан ба ду намуд ҷудо карда шавад: умумӣ, ки ҳамаи т ашкилотҳоро фаро мегирад; махсус, ки ташкилотҳоеро, ки ба намудҳои алоҳидаи фаъолиятро ба амал мебароранд, дар бар мегирад. Тамоми шахсони ҳуқуқӣ ҳисоботро бо шаклҳои зерин пешниҳод мекунанд: № П-1 «маълумот оид ба истеҳсолот ва отгрузкаи мол ва хизмат»; № П-2 «маълумот оид ба сармоя»; №П-3 «маълумот оид ба вазъи молиявии ташкилорт»; №П-4 « маълумот оид ба шумора, музди меҳнат ва ҳаракати кормандон ». Дар ин маврид шаклҳои № П-1, П-3, П-4 ҳармоҳа мебошанд, шакли № П-2 –бошад семоҳа мебошад. Иттилоот метавонад ба аз

ҷониби ташкилот дар шакли хаттӣ, мошинӣ, бо истифодаи воситаҳои телекоммуникатсия пешниҳод крда шавад. Ба мақсади расидан ба ягонагӣ Агентӣ стандартро барои намунаи мушоҳидаи омории давлатӣ муқаррар мекунад. Стандарти мазкур ба таркиб, сохтори шаклҳои барасмиятдарории ҳуҷҷатгузории оморӣ, ки барои ташкил намудани мушоҳидаи омории давлатӣ истифода мешавад. Ҷамъ ва коркард кардани иттилооти оморӣ дар асоси низоми ягонаи тафсир ва рамзгузории иттилоот ба амал бароварда мешавад. Низоми ягонаи тафсир ва рамзгузории иттилооти техникию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ – низоме мебошад, ки ба гурӯҳбандӣ кардани иттилоотро оид ба воҳидҳои оморӣ ба намудҳои фаъолият, шаклҳои моликият, макони ҷойгиршавӣ имконият медиҳад. Қайд намудан лозим аст, ки ҳисоботи оморӣ аз рӯи таъинот ва мазмун аз ҳисоботи муҳосибӣ фарқ мекунад. Ҳисоботи муҳосибӣ на танҳо дар субъектони хоҷагӣ, инчунин дар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ пеш бурда шуда, пешниҳод карда мешавад. Он на танҳо нишондиҳандаҳои ба пешбарии фаъолияти соҳибкорӣ алоқамандро, инчунин дигар тарафҳои кори ташкилот, аз он ҷумла корҳое, ки ба он алоқаманд намебошанд, дар бар мегирад.

21.2 Моҳияти ҳуқуқии ҳисоботи муҳосибӣ

Моҳияти ҳуқуқии ҳисоботи муҳосибӣ дар риояи қоидаҳои асосии ҳисоботи муҳосибии зерин ифода мегардад: 1) талаботҳои асосӣ. Корхона бояд дар моҳ, семоҳа ва сол бо натиҷа аз аввали ҳисоботи солона, агар дар қонунгузории ҶТ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Дар ин маврид ҳисоботи муҳосибии моҳона ва семоҳа фосилавӣ мебошад. Ҳисоботи муҳосибии солонаи корхона аз инҳо иборат мебошад: а) мувозинати муҳосибӣ – шакли №1; б) ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ - №2; в) ҳисобот оид ба муомилоти сармоя – шакли №3; г) ҳисобот оид ба норасогӣ, тасарруф ва нобудшавии дигар арзишҳои молию моддӣ – шакли №4; д) замима ба мувозинати муҳосибӣ - №5; е) ҳисобот оид ба мумилоти воситаҳои пулӣ - №6; ж) забонхати фаҳмондадиҳӣ; з) шакли махсусгардонидашуда (соҳавӣ); и) хулосаи аудиторӣ, ки дурустии ҳисоботии муҳосибии корхонаро тасдиқ мекунад, агар он мувофиқи қонуни ҶТ ҳатман аз санҷиши аудитӣ гузаронида шавад. Ҳисоботи муҳосибии семоҳаи корхона аз инҳо иборат аст: а) мувозинати муҳосибӣ – шакли №1; б) ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ - №2; в) г) ҳисобот оид ба норасогӣ, тасарруф ва нобудшавии дигар арзишҳои молию

моддӣ – шакли №4; г) ҳисобот оид ба мумилоти воситаҳои пулӣ - №6; д) шакли махсусгардонидашуда (соҳавӣ). Шаклҳои баҳисобгирии муҳосибии корхона, инчунин дастурамал оид ба тартиби пур кардани он аз ҷониби Вазорати молияи ҶТ тасдиқ карда мешавад. Мақомотҳои дигаре, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳуқуқи танзимнамоии баҳисобгирии муҳосибиро додаст, дар доираи ваколати шаклҳои ҳисоботи муҳосибӣ ва дастурамал оид ба тартиби пур кардани онҳо, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазорати номбурда мухолифат намекунад, тасдиқ менамоянд. Корхона-тайёркунандагони маҳсулоти нашриявӣ (типографияҳо) новобаста аз шакли моликият ва итоати идоравӣ аз корхонаву муассисаҳо (супоришдиҳандагон) барои тайёр намудани бланкаҳои шакли баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ танҳо дар ҳолати мавҷуд будани розигии хаттии Вазорати молияи ҶТ қабул мекунанд. Ҳисоботи муҳосибӣ бояд оид ба вазъи молумулкӣ ва иолиявии корхона, оид ба тағйирёбии он, инчунин оид ба натиҷаи фаъолияти молиявии он, маълумоти пурра ва дуруст пешниҳод намояд. Ҳисоботи муҳосибии корхона бояд нишондиҳандаҳои фаъолияти филиалҳо, намояндагиҳо ва дигар зерсохторҳо, аз он ҷумла дар мувозинати алоҳида ҷудокардашударо дошта бошад. Мазмун ва шакли мувозинати муҳосибӣ, ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ, дигар ҳисоботҳо ва замима пайдарпай аз як давра ба давраи дигари ҳисоботи давра татбиқ карда мешавад. Дар ҳисоботи муҳосибӣ маълумотҳо аз рӯи нишондиҳандаҳои рақамӣ дар ду сол оварда мешавад – ҳисоботӣ ва пешазҳисоботӣ. Ҳисоботи муҳосибӣ дар барои соли ҳисоботӣ тартиб дода мешавад. Ҳисоботи солона давраи аз 1 январ то 31 декабри тақвими солонаро дар бар мегирад. Ҳисоботи солонаи аввалин барои корхонаҳои азнавташкилёфта ин давраи аз санаи бақайдгирии давлатии онҳо то 31 декабри соли чорӣ ба шумор меравад. Барои тартиб даодани ҳисоботи муҳосибӣ санаи ҳисоботӣ рӯзи охирони тақвимии давраи ҳисоботӣ ба шумор меравад. Ҳисоботи муҳосибӣ аз ҷониби роҳбари корхона ва сармуҳосиб имзо карда мешавад. Дар корхонае, ки баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси шартномавӣ аз ҷониби ташкилотҳои махсусгардонидашуда (муҳосиботи марказӣ) ё муҳосиб-мутахассис гузаронида мешавад, ҳисоботи муҳосибиро роҳбари корхона, роҳбари ташкилоти махсусгардонидашуда ё мутахассисе, ки баҳисобгирии муҳосибиро гузаронидааст, имзо мегузорад. Ҷавобгарии шахсони ҳисоботи

муҳосибиро имзогузошта мувофиқи қонунгузории ҶТ муайян карда мешавад. Дигаргунӣ дар ҳисоботи муҳосибии чи ба давраи ҳисоботӣ ва чи пешакӣ тааллуқдошта, дар ҳисоботи дар давраи ҳисоботӣ тартибдодашуда, ки дар он камбудиҳо дар маълумоти он маълум гаштааст, ба амал бароварда мешавад. Дар ҳисоботи муҳосибӣ ҳисобикунӣ миёни нишондодҳои активҳо ва пассивҳо, нишондодҳои даромад ва зарарҳо, ба ғайр аз чунин ҳолатҳое, ки агар ҳисобикунӣ дар қоидаи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрӣ пешбиншудааст, роҳ дода намешавад. 2) Қоидаи баҳодиҳии нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ. Маблағгузории нотамом. Ба маблағгузории нотамом воситаҳои асосӣ, хароҷотҳо барои корҳои сохтмонӣ, ба даст овардани бино, таҷҳизот, дигар объектҳои моддӣ, дигар корҳои сармоявӣ ва хароҷотҳо, ки бо санади доду гирифт ба расмият дароварда намешавад, дохил карда мешавад. а) ашёҳои бо муҳлати истифодаи самаранок на камтар аз 6 моҳ аз арзиш вобаста нест; б) ашёҳои арзишаш дар санаи ба даст овардан то 300 сомониро ташкил медиҳад новобаста аз муҳлати истифодаи самараноки онҳо, ба истиснои мошинҳо ва олотҳои хоҷагӣ, таҷҳизоти сохтмонии механизмӣ, яроқ, инчунин ҳайвони корӣ ва маҳсулотдиҳанда, ки ба воситаҳои асосӣ дохил мешаванд, аз арзиши онҳо вобаста нест. Роҳбари корхона (ғайридавлатӣ) ҳуқуқ дорад барои баҳисобгирии муҳосибии ба таркиби воситаҳои муомилотӣ қабул намудан, меъёри ками арзишҳои ашёҳоро муқаррар мекунад; в)ашёҳои зерин новобаста аз арзиш ва муҳлати истифодаи самараноки онҳо вобаста нест; яроқи шикорӣ; таҷҳизотҳои махсус; таҷҳизоти ивазшаванда; либос, пойафзоли махсус; г) арраҳои бензинӣ, хонаҳои муваққатӣ дар ҷангал бо истифодаи самаранок ба муҳлати 24 моҳ. 3) Маблағгузории молиявӣ. Ба маблағгузории молиявӣ сармояҳои корхона ба қоғазҳои қимматноки давлатӣ, вомбарг ва дигар қоғазҳои қимматноки корхонаҳои дигар, ба сармояи оинномавии корхонаҳои дигар, инчунин додани қарз ба дигар корхонаҳо дохил мешавад. Маблағгузории молиявӣ бо хароҷоти аслӣ барои сармоягузор ба ҳисоб гирифта мешавад. Корхонаи ба сифати иштирокчии касбии бозори қоғазҳои қимматнок амалкунанда, метавонад азнавбаҳодиҳии маблағгузориро ба қоғазҳои қимматнок, ки ба мақсади аз амалӣ намудани онҳо ба даст овардани фоида бо дигаршавии нархҳо дар биржаи фондӣ ба даст оварда шудааст, ба амал барорад. Объектҳои маблағгузории молиявӣ (ба ғайр аз қарзҳо), ки пурра пардохт карда нашудааст,

дар активи мувозинати муҳосибӣ бо харочоти пурраи аслӣ барои ба даст овардани онҳо мувофиқи шартнома бо ҷойгир намудани маблағи пардохтнашуда дар пассивҳои мувозинати муҳосибӣ бо нишондоди кредиторнон, агар ба сармоягузор ҳуқуқ ба объект гузашта бошад нишон дода мешавад. Дар ҳолатҳои боқимонда маблағҳои барои ба даст овардани объектҳои сармоягузории молиявӣ пардохташуда, дар активи мувозинати муҳосибӣ бо нишондоди дебиторҳо нишон дода мешавад. Маблағгузории корхона барои саҳмияи корхонаҳои дигар, ки дар биржаи фондӣ нархгузорӣ мешаванд, нархгузорие, ки давра ба давра нашр карда мешавад, ҳангоми тартиб додани мувозинати муҳосибӣ дар охири ҳисоботи солона бо арзиши бозорӣ дарҷ карда мешавад. Дар фарқиятҳои нишондодашуда дар охири ҳисоботи солона камкунии маблағгузорӣ ба қоғазҳои қимматнок аз ҳисоби натиҷаҳои молиявии ташкилоти тиҷоратӣ ё зиёдкунии харочотҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба амал бароварда мешавад. 4) Воситаҳои асосӣ. Ба воситаҳои асосӣ ҳамчун арзишҳои моддию ашёӣ, ки ба сифати воситаи меҳнат ҳангоми истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасонӣ ё барои идоракунии корхона дар давоми давраи аз 12 моҳ зиёд ё доираи оддии амалиёт истифода мешаванд, агар он аз 12 моҳ зиёд бошад, бино, иншоот, мошин ва таҷҳизотҳои қуввадиҳанда ва корӣ, таҷҳизотҳои ченкунанда ва танзимкунанда, техникаи ҳисоббарор, воситаҳои нақлиёт, олотҳо, воситаҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ, ҳайвоноти корӣ ва маҳсулотовар, дарахтони бисёрсола, роҳҳои дохилихоҷагӣ ва дигар воситаҳои асосӣ дохил мешаванд. Ба воситаҳои асосӣ инчунин маблағгузории молиявӣ ба беҳгардонии замин (обёрикунӣ ва дигар корҳои мелиоративӣ) ва ба иҷораи объектҳои воситаи асосӣ дохил мешавад. Маблағгузории молиявӣ ба дарахтони бисёрсола, беҳгардонии замин ба таркиби воситаҳои асосӣ ҳарсола ба маблағи харочот, ки ба истифодаи майдони дар ҳисоботи солона қабулшуда дохил мешавад, новобаста аз санаи баохиррасии ҳамаи маҷмӯи корҳо дохил карда мешавад. Ба таркиби воситаҳои асосӣ қитъаҳои замин, объектҳои истифодаи табиӣ (об, сарватҳои табиӣ ва дигар захираҳои табиӣ), ки ба моликияти корхона дохил мешавад, ба назар гирифта мешавад. Маблағгузории сармоявии ба итмомрасида ба иҷораи объектҳои воситаҳои асосӣ аз ҷониби корхона-иҷорагиранда дар воситаҳои асосии худӣ бо маблағи харочоти аслии сарфшуда, ба ҳисоб гирифта мешавад, агар дар шартномаи иҷора тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Арзи-

ши воситаҳои асосии корхона бо роҳи гузарондани амортизатсия дар давоми истифодаи фоиданоки онҳо, аммо дар доираи муқаррарнамудаи меъёр пардохт карда мешавад. Бо воситаҳои асосӣ маблағи аслии ҳисобкунии амортизатсия, ки 100%-и арзиши мувозинатии онҳоро ташкил медиҳад, амортизатсия ҳисобкунӣ қатъ карда мешавад. Ҳисобкунии амортизатсия объектҳои воситаҳои асосӣ новобаста аз натиҷаи фаъолияти хоҷагии корхона дар даврaи ҳисоботӣ ба амал бароварда мешавад. Бо воситаҳои асосоии бо қарори Ҳукумати ҶТ овардашуда ба консерватсия, ки давомнокии он наметавонад аз 6 моҳ кам бошад, ба объекти сохтори беруна, ҳайвони маҳсулотовар, инчунин нашрияи ба даст овардашуда, амортизатсия ҳисоб карда намешавад. Амортизатсия ба объекти воситаҳои асосии ташкилоти ғайритиҷоратӣ ҳисоб карда намешавад. Арзиши қитъаи замин, объектҳои истифодаи табиат пардохт карда намешавад. Воситаҳои асосӣ дар мувозинати муҳосибӣ бо арзиши боқимонда, яъне бо хароҷотҳои аслии ба даст овардани онҳо, иншоот ва тайёркунӣ барои ҳисоб кардани маблағи ҳисоб кардани амртизатсия дарҷ мегардад. Тағйир додани арзиши аввалини воситаҳои асосӣ дар ҳолати азнавсозӣ, то тачҳизот, реконструксия ва барҳамдиҳии қисман, азнавбаҳодиҳии объектҳо, дар замимаи мувозинати баҳисобгирӣ нишон дода мешавад. Фарқияти аз азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ ба вуҷудоянда, ки мувофиқи санадҳои меъёрӣ гузаронда мешавад, ба суратҳисобӣ сармояи иловагӣ дохил карда мешавад. 5) Активҳои ғайримоддӣ. Ба активҳои ғайримоддӣ, ки дар фаъолияти хоҷагӣ дар давоми даврaи аз 12 моҳ зиёд ва даромаднок, ҳуқуқҳои аз шартномаҳои муаллифӣ ва дигар фаъолиятҳои зеҳнӣ ба вуҷудоянда дохил мешавад. Арзиши объектҳои активи ғайримоддӣ бо роҳи ҳисоб кардани амортизатсия дар давоми муҳлати муқарраршудаи истифодаи самараноки онҳо пардохта мешавад. Ба объекте, ки пардохти арзиш ба амал бароварда мешавад, ҳисобкунии амортизатсионӣ бо яке аз тарзҳои зерин муайян карда мешавад: тарзҳои ҷадвалӣ; тарзи навиштани арзиш мувофиқи ҳаҷми маҳсулот. 6) Ашёи хом, маводҳо, маҳсулоти тайёр ва молҳо. Ашёи хом, маводҳои асосӣ ва ёрирасон, сӯзишворӣ вадигар захираҳои моддӣ дар мувозинати муҳосибӣ бо арзиши аслиашон дарҷ карда мешавад. Арзи аслии захираҳои моддӣ вобаста аз хароҷотҳои аслии барои ба даст овардан ва тайёр намудани он сарфшуда муайян карда мешавад. Муайян намудани арзиши ас-

лии захираҳои моддии ба истеҳсолот истифодашаванда, ба амал баровардани яке аз усулҳои баҳогузории захираҳоро иҷозат медиҳад: бо арзиши аслии воҳидҳои захираҳо; бо арзиши аслии миёна; бо арзиши аввалаи вақти ба даст овардани он; бо арзиши охираи вақти ба даст овардани он. Усули мувофиқ ва тавсияшавандатарин барои хоҷагӣ дар ҶТ усули арзиши аслии миёнаи воҳидҳои захираҳо мебошад. Маҳсулоти тайёр дар мувозинати муҳосибӣ бо арзиши асли ҳақиқӣ ё меъёрии (нақшавӣ) ба амал баровардашшуда, ки хароҷотҳои бо дар вақти истеҳсолот бо истифодаи ашёи хом, моводҳо, сӯзишворӣ ва дигар маводҳо алоқаманд аст, дарбар мегирад дарҷ карда мешавад. 7) Истеҳсолоти нотамом ва хароҷотҳои даврaҳои оянда. Маҳсулоти ҳамаи даврaҳои пешбининамудаи ҷараёни техникиро нагузашта, инчунин маҳсулоти нотамоми санҷишро нагузашта ба истеҳсолоти нотамом дохил мешаванд. 8) Сармоя ва захира. Ба таркиби сармояи худи корхона оинномавӣ, иловагӣ ва захиравӣ, фоидаи тақсимнашуда ва дигар захираҳо ба назар гирифта мешавад. Дар мувозинати муҳосибӣ андозаи сармояи оинномавӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсис ҳамчун маҷмӯи саҳмгузориҳои муассисони корхона ба қайд гирифта шудааст, дарҷ карда мешавад.

21.3. Иҷрои номатлуби уҳдадориҳои ҳисоботи муҳосибӣ ва омориисоҳибкорон

Дар ҳолатҳои иҷрои номатлуби уҳдадориҳои ҳисоботи муҳосибӣ ва омории соҳибкорон, яъне саркашӣ намудан аз гузаронидани баҳисобгирии муҳосибӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ва санадҳои меъёрии мақомотҳо, ки танзимкунии баҳисобгирии муҳосибиро ба амал мебарорад, вайрон намудани баҳисобгирии муҳосибӣ ва риоя накардани муҳлати пешниҳод намудани он, ҷавобгарӣ ба вуҷуд меояд. Гузарондани баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳод намудани ҳисоботи муҳосибӣ таъиноти асосии муқаррар намудани пардохти андозӣ ва ғайриандози ташкилотро дорад, ҷавобгари барои иҷрои номатлуби ин уҳдадориҳо дар қонунгузории андоз, инчунин дар қонунгузории ғайриандозӣ муқаррар карда шудааст. Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ роҳбарони ташкилот ва шахсони дигари барои ташкил ва гузаронидани баҳисобгирии муҳосибӣ масъуланд, кашида мешаванд. Мувофиқи моддаи 292 КҶ ҶТСаркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ, ки қонун муқаррар намудааст, бо роҳи дидаю дониста ба асноди

муҳосибавӣ (бухгалтерӣ) ё деклоратсияи андоз дохил намудани таҳсилоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот ё бо роҳи дигар пинҳон доштани дигари объектҳои андозбандишаванда, ки ба миқдори калон содир шудааст, бо ҷарима ба андозаи аз панҷсаду чилу ҳафт то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то панҷ сол бо маҳрум намудан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешавад.

21.4. Ҷавобгарии маъмурӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои ҳисоботи муҳосибӣ ва оморӣ

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои ҳисоботи муҳосибӣ ва оморӣ мувофиқи КҲМ ҶТ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

Моддаи 515. Риоя накарданитартиби пешниҳоди ҳисоботи омори давлатӣ

1. Барои риоя накардани тартиби пешниҳоди ҳисоботи муқарраршудаи омори давлатӣба мақомоти дахлдори оморӣ, ки он тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун дар пешниҳод накардан ё саривақт пешниҳод накардан ифода меёбад, инчунин нодуруст пешниҳод намудани ҳисоботи оморӣ ё дигар маълумоти зарурӣ барои мушоҳидаҳои омории давлатӣ ва феҳристҳои давлатии воҳиди оморӣ, –

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз шаш то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда, –

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз даҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 516. Пешниҳод намудани маълумоти ҷамъбастии омории нодуруст

1. Барои аз тарафи шахсони мансабдори мақомоти давлатии омор пешниҳод намудани маълумоти ҷамъбастии омории нодуруст, –

ба андозаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда, –

ба андозаи аз ҳафт то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 535. Риоя накарданиқоидаҳои пешниҳоди ҳисобот ва иттилоот дар бораи фаъолияти бонкӣ

1. Барои риоя накардани қоидаҳои пешниҳоди ҳисобот ва иттиллоот дар бораи фаъолияти бонкӣ, инчунин иҷро накардани амрномаҳои ҳатмии мақомоти давлатии ваколатдор, –

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз понздаҳ то бист ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз панҷоҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои ба таври мунтазам пешниҳод накардан ё пешниҳод кардани иттилоот, ҳисобот ё маълумоти нодуруст дар бораи фаъолияти бонкӣ,–

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз сӣ то чил ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 599. Саркашӣ аз пардохтани андоз

1. Барои саркашӣ азпардохтани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки дар пинҳон кардани объектҳои андозбандӣ ифода ёфтаанд ҳангоми набудани аломати ҷиноят, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз як то се, ба соҳибкорони инфиродӣ аз даҳ то бист, ба шахсони мансабдор аз бист то сӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои мавҷуд набудани баҳисобгирии муҳосиботӣ ё пешбурди он бидуни риояи тартиби муқарраргардида, таҳрифи баҳисобгирии муҳосиботӣ ё ҳисоботи андоз, пешниҳод накардани ҳисобот ва тавозуни муҳосиботӣ, ҳисобҳо, эъломияҳо, дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳисобкунӣ ва пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, –

ба шахсони мансабдор ва соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд, ба андозаи аз бист то сӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

3. Барои риоя накардани қоидаҳои истеҳсол, рехтани маҳсулот ба шишаҳо (бастабандӣ) ва нигоҳдории маҳсулоти зераксизӣ бе ҳисобкунакҳои дорои хотираи фискалӣ,–

ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд, ба андозаи аз бист то чил фоизи арзиши бозории маҳсулоти зераксизӣ, ба шахсони мансабдор аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ба

соҳибкороне, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

4. Барои бе тамғаҳои аксизӣ ба фурӯш баровардани моле, ки мувофиқи тартиботи муқарраршуда бояд дорои тамғаҳои аксизӣ бошанд, –

ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд, ба андозаи аз панҷоҳ то сад фоизи арзиши бозории маҳсулоти зераксизӣ, ба шахсони мансабдор аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ба соҳибкороне, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд, аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 674. Саркашии бадқасдона аз барасмиятдарории амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, таҳриф ва нобуд кардани ҳуҷҷатҳо ва ҳисобот

Барои саркашии бадқасдонаи шахси матасаддии пешбурди баҳисобгирии муҳосиботӣ ё роҳбари ташкилот аз амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ кардаанд ба расмият даровардан ё ба асноду ҳисоботи молиявӣ, муҳосиботӣ ва оморӣ даровардани маълумоти таҳрифшуда оид ба фаъолият ё амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, инчунин нобуд кардани асноди молиявӣ ва дигар асноди баҳисобгирӣ ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ба андозаи аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

БОБИ XXII. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ХИЗМАТРАСОНИИ АУДИТӢ

22.1. Мафҳум, мазмун ва намудҳои хизматрасонии аудитӣ.
22.2. Ташкил ва амалӣ намудани хизматрасонии аудитӣ.
22.3. Иҷозатномадиҳиӣ ба хизматрасонии аудитӣ.
22.4. Мафҳум ва мазмуни шартномаи хизматрасонии аудитӣ.
22.5. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти аудиторӣ.

22.1. Мафҳум, мазмун ва намудҳои хизматрасонии аудитӣ

Хизмати аудиторӣ – ин фаъолияти касбии ҳуқуқӣ ё маҷмӯи амалҳои касбии аудиторон буда, дар додани хулосаи мустақилона оид ба ҳисоботи молиявии (муҳосибии) шахси аудитшаванда бо дар назардошти имконияти молиявии шахси пардохткунандаи хизматрасонии мазкур мувофиқи қонун ё шартнома мебошад. Мувофиқи меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 3 март соли 2006 , №170 фаъолияти аудиторӣ, аудит ин фаъолияти соҳибкорӣ дар масъалаи санҷиши мустақилонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибии (молиявии) соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ (минбаъд - шахсони санҷишшаванда мебошанд. Ба доираи фаъолияти аудиторӣ ва аудит санҷиши баҳисобгирии муҳосибии муассисаҳои буҷетӣ дохил намешаванд.

Санҷиши аудиторӣ амалӣ намудани назорати давлатии эътимоднокии ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ)-ро, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ анҷом дода мешавад, истисно намекунад. Мақсади фаъолияти аудиторӣ изҳори ақида дар бораи эътимоднокӣ ва дараҷаи аниқии ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ)-ро ифода менамояд, ки ба истифодабарандаи ҳисобот барои баровардани хулосаҳои дуруст дар бораи натиҷаҳои фаъолияти хоҷагӣ, вазъи молиявӣ ва моликияти шахсони санҷишшаванда имкон медиҳад. Аудиторҳои инфиродӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ, ки фаъолияти аудитириро ба амал мебароранд, хизматҳои зерини ба аудит дахлдорро расонида метавонанд: ташкил, барқарор сохтан ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ), маслиҳати муҳосибӣ; тартиб додани нақшаҳои дурнамои марбут ба андоз, машварати марбут ба андоз; таҳлили фаъолияти молиявии хоҷагии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, машваратҳои иқтисодӣ ва молиявӣ; машварати идорӣ, аз ҷумла

такмили сохтори таркиби ташкилот; автоматиконии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ; баҳодиҳии нархи амвол; таҳия ва таҳлили барномаҳои сармоягузорӣ, таҳияи нақшаҳои тиҷоратӣ; иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ дар соҳаҳои марбут ба фаъолияти аудиторӣ, интишори натиҷаи онҳо; мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таълим додани мутахассисон дар соҳаҳои марбут ба фаъолияти аудиторӣ; расонидани дигар хизматҳо доир ба фаъолияти аудиторӣ. Ба аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ машғул шудан ба ин ё он намуди фаъолияти соҳибкорӣ, ба ғайр аз гузаронидани аудит ва расонидани хизматҳои ба он дахлдор, манъ карда мешавад. Фаъолияти аудиторӣ намудҳои санҷиши ҳатмӣ ва ташаббусиро дар бар мегирад. Аудити ҳатмӣ - санҷиши ҳарсолаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибии (молиявии) шахсони ҳуқуқӣ мебошад. Аудити ҳатмӣ аз тарафи ташкилотҳои аудиторӣ гузаронида мешавад. Бо аудити ҳатмии ҳарсола инҳо фаро гирифта мешаванд: бонкҳо; ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, ки шаклҳои алоҳидаи муомилоти бонкиро анҷом медиҳанд ва ташкилотҳое, ки ба хариду фурӯши коғазҳои қиматнок машғуланд; ҷамъияти саҳҳомии кушода; ташкилотҳои суғуртавӣ; фондҳои ҷамъиятӣ; субъектҳои монополияи табиӣ; биржаҳои молӣ ва фондӣ, фондҳои сармоягузорӣ ва корхонаҳои воҳиди давлатии дорои ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ. Аудити ташаббусӣ бо ташаббуси субъектони санҷишшаванда бо назардошти вазифа, мӯҳлат ва ҳаҷми санҷиши мушаххас гузаронида мешавад, ки дар шартномаи байни шахсони санҷишшаванда ва аудитори инфиродӣ ё ташкилоти аудиторӣ пешбинӣ карда шудааст. Санҷиши аудитории шахсони санҷишшавандае, ки дар ҳуҷҷатҳои муҳосибии (молиявии) онҳо маълумоти дорои сирри давлатӣ мавҷуд аст, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ фаъолияти аудиторӣ аз ҷониби н.и.ҳ. Абдуллоева Р.А. тадқиқ шудааст (масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Рис. Унвонҷӯи барои н.и.ҳ. Душанбе 2010) .

22.2. Ташкил ва амалӣ намудани хизматрасонии аудитӣ

Аудит ба фаъолияти зеҷнь дохил мешавад, ки тадқиқи фаъолияти молиявию хоҷагиро ба мақсади беҳгардонии он ва баланд бардоштани даромаднокӣ мувофиқи супориши бо розигии миёни

ташкилоти аудиторӣ ва субъекти фаъолияти соҳибкорӣ гирифташуда пешниҳод мекунад. Шартҳои асосии фаъолияти аудиторӣ инҳо мебошанд: мустақилият; воқеият; салоҳияти касбӣ; махфӣ нигоҳ доштани натиҷаҳои аудит. Аудитор шахси воқеиест, ки ба талаботи тахассусии муқаррарнамудаи мақомоте, ки танзими давлатии фаъолияти аудитириро иҷро менамояд (минбаъд - мақоми ваколатдор) ҷавоб дода, аттестати дахлдори тахассуси аудиторӣ дорад. Аудитор ҳуқуқ дорад, ки фаъолияти аудитириро ба сифати аудитори инфиродӣ ё корманди ташкилоти аудиторӣ, ки дар асоси шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб шудааст, фаъолияташро бе ташкили шахси ҳуқуқӣ амалӣ намояд. Ташкилоти аудиторӣ - ташкилоти тиҷоратӣ буда, санҷишҳои аудиторӣ ва хизматҳои ба аудит дахлдорро амалӣ менамояд. Ташкилоти аудитириро дар ҳар кадом шакли ташкили - ҳуқуқӣ таъсис додан мумкин аст, агар тарзи ташкилию ҳуқуқии он барои ташкилотҳои тиҷоратӣ ба истиснои ҷамъиятҳои саҳҳомии кушода, кооперативҳои истеҳсолӣ ва корхонаҳои воҳиди давлатӣ мувофиқат кунад. Ташкилоти аудиторӣ фаъолияти худро оид ба гузаронидани аудит баъди гирифтани иҷозатнома бо тартибе, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» муқаррар намудааст, амалӣ менамояд. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ дар асоси талаботи ҳамин Қонун метавонанд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои аудиторӣ ташкил намоянд ва ё ба сифати аудиторони инфиродӣ ба фаъолияти аудиторӣ машғул шаванд. На кам аз 70 фоизи шумораи кормандони ташкилоти аудиторӣ бояд шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд. Дар ҳолати роҳбари ташкилоти аудиторӣ будани шаҳрванди хориҷӣ бояд на кам аз 75 фоизи кормандони онро шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намоянд. Аз миқдори умумии ҳайати кормандони ташкилоти аудиторӣ шумораи аудиторони соҳиби иҷозатнома бояд на кам аз 70 фоиз бошад. Ташкилотҳои аудиторӣ метавонанд шахсонеро, ки аттестати тахассусии аудиторӣ (ва иҷозатнома) барои ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти аудиторӣ надоранд, ба сифати ёрдамчии аудитор ба кор қабул намоянд. Дар вақти гузаронидани санҷиши аудиторӣ аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ ҳуқуқ доранд: мустақилона шакл ва методҳои гузаронидани аудитро муайян намоянд; тамоми ҳуҷҷатҳои муҳосибии ба фаъолияти молиявӣ - хоҷагии ташкилоти санҷишшаванда вобаста буда, инчунин мавҷудоти ҳақиқии ҳама гуна амволи дар ин ҳуҷҷатҳо нишондодашударо

санҷида бароянд; аз шахсони мансабдори шахси санҷишшаванда тавзеҳот ва маълумотҳои барои санҷиши аудиторӣ заруриро дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ дархост намоянд; дар сурати пешниҳод накардани тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз тарафи шахсони санҷишшаванда ва дар рафти санҷиши аудиторӣ ошкор намудани ҳолатҳое, ки ба хулосаи ташкилоти аудиторӣ ё ин ки аудиторони инфиродӣ дар баҳо додани дараҷаи мукаммалии ҳисоботи муҳосибии (молиявии) шахсони санҷишшаванда таъсир мерасонанд ё метавонанд таъсир расонанд, аз гузаронидани санҷиши аудиторӣ ё ин ки ибрози ақида дар хулосаи аудиторӣ дар бораи саҳеҳии ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) даст кашад; мутахассисони дахлдорро ба истиснои онҳое, ки дар объекти санҷишшаванда кор мекунанд ё бо роҳбари корхона ягон робитаи хешу таборӣ ё ин ки манфиатҳои умумии молиявӣ доранд, дар асоси шартнома ба кор ҷалб намоянд; дигар ҳуқуқҳоро дар асоси муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар шартномаи хизматрасонии аудиторӣ муайян карда шудааст ва ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд, амалӣ намояд. Ба фаъолияти аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ дахолати мақомоти давлатӣ, шахсони санҷишшаванда ва шахсони сеюм роҳ дода намешавад. Ҳангоми гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ уҳдадоранд: санҷиши аудириро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намоянд; бо талаботи шахсони санҷишшаванда маълумоти заруриро доир ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ дахл доранд, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки мулоҳиза ва хулосаҳои аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ ба он асос ёфтааст, пешниҳод намоянд; дар мӯҳлати муқаррарнамудаи шартномаи хизматрасонии аудиторӣ хулосаҳои аудириро ба шахсони санҷишшаванда ва ё ин ки ба шахсоне, ки бо онҳо шартномаи хизматрасонии аудиторӣ баста шудааст, супоранд; муҳофизати ҳуҷҷатҳоеро, ки дар рафти тафтишҳои аудиторӣ гирифта ва истифода карда шудаанд, таъмин намуда, мазмун ва моҳияти ин ҳуҷҷатҳоро бе розигии шахсони санҷишшаванда ва ё шахсоне, ки ба онҳо шартномаи хизматрасонии аудиторӣ баста шудааст, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ошкор насозанд; дигар уҳдадориҳоро дар асоси муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар шартномаи хизматрасонии аудиторӣ муайян карда шудаанд ва ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд, иҷро на-

моянд. Аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ уҳдадоранд, ки сирри амалиёти шахсони санҷишшаванда ва шахсонеро, ки ба онҳо хизмати ба аудит дахлдорро расонидаанд, фош насозанд. Аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ вазифадоранд, ки махфияти маълумот ва ҳуҷҷатҳои гирифтаашон ё тартибдодаашонро зимни амалӣ сохтани фаъолияти аудиторӣ таъмин намоянд, онҳо ҳақ надоранд, ки маълумот ва ҳуҷҷатҳои зикршуда ё нусхаи онҳоро ба шахсони сеюм диҳанд ё бе розигии хаттии шахсони санҷишшаванда, ки фаъолияти аудиторӣ нисбати онҳо амалӣ карда мешавад, инчунин хизматҳои дахлдор расонида шудааст, фош намоянд, ба истиснои мавридҳое, ки Қонун ва қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд. Мақомоти ваколатдор ва шахсони дигаре, ки аз маълумоти дорои сирри аудиторӣ воқифанд уҳдадоранд, ки мувофиқи Қонун ва қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ин маълумотҳоро махфӣ нигоҳ доранд. Ҳангоми фош карда шудани маълумоти дорои сирри аудиторӣ аз ҷониби аудиторони инфиродӣ ва ташкилоти аудиторӣ мақомоти ваколатдор, инчунин шахсони дигаре, ки аз маълумоти дорои сирри аудиторӣ воқиф гардидаанд, шахси санҷишшаванда ва шахсе, ки ба он хизмати ба аудит дахлдор расонида шудааст, инчунин аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ дар асоси Қонун ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд аз шахси гунаҳкор ҷуброни зарари расонидашударо талаб намоянд. Ҳуҷҷатҳои дар ихтиёри аудитори инфиродӣ ва ташкилоти аудиторӣ қарордоштаи дорои маълумот оид ба амалиёти шахсони санҷишшавандае, ки бо онҳо дар бораи расонидани хизматҳои ба аудит дахлдор шартнома имзо шудаст, танҳо бо қарори суд ба шахсе, ки бо ҳамин қарор ваколатдор шудааст ё ба мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти онҳо пешниҳод карда мешавад. Аудитор ё ташкилоти аудиторӣ пас аз ба охир расондани хизматрасонии худ хулосаи аудиторӣ пешниҳод мекунад. Хулосаи аудиторӣ ҳуҷҷати расмие мебошад, ки барои истифодабарандагони ҳисоботи муҳосибии (молиявии) шахсони санҷишшаванда пешбинӣ гардида, мувофиқи стандартҳои фаъолияти аудиторӣ тартиб дода шудааст ва ақидаи аудиторони инфиродӣ ё ташкилоти аудитириро дар бораи эътимоднокии ҳисоботи муҳосибии (молиявии) шахси санҷишшаванда аз рӯи шакли муқарраршуда, мувофиқати тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро ба қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон ифода менамояд. Шакл, мазмуну мундариҷа ва тартиби додани хулосаи аудиторӣ мувофиқи стандартҳои фаъолияти аудиторӣ ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии мақомоти ваколатдор муайян карда мешаванд.

22.3. Иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти аудиторӣ

Иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти аудиторӣ дар асоси Қонунуи ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият». Мақомотҳои иҷозатномадиҳанда: Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аудити биржаҳо, фондҳои ғайрибуҷетӣ, ташкилотҳои сармоягузорӣ, аудити ташкилотҳои суғуртавӣ ва аудити умумӣ; Бонки миллии Тоҷмкмстон-ба аудити ташкилотҳои бонкӣ. Барои гирифтани иҷозатнома барои ба амал баровардани фаъолияти аудиторӣ мавҷуд будани аттестати тахассусӣ барои ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти аудиторӣ зарур аст. Ҳуҷҷатҳои иловагӣ барои гирифтани иҷозатномаи аудити биржаҳо, фондҳои ғайрибуҷетӣ, ташкилотҳои сармоягузорӣ, аудити ташкилотҳои суғуртавӣ ва аудити умумӣ: нусхаи ҳуҷҷатҳо, ки доштани маълумоти олиро тасдиқ мекунад; нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ, ки собиқаи кориро бо ихтисоси муҳосиб, иқтисодчӣ, ревизор, сармоядор ва ҳуқуқшинос бо доштани маълумоти олӣ ва на камтар аз 5 сол собиҳаи корӣ ё дорои собиқаи кории сармоядорӣ (финансистӣ), баҳисобгирию таҳлилгарӣ, назоратию ревизорӣ на камтар аз 10 бо доштани маълумоти миёнаи махсус. Талаботҳо ва шартҳои иловагии иҷозатномадиҳӣ барои ба амал баровардани аудити ташкилотҳои бонкӣ: дар аудитории инфиродӣ ва ё аудитории ташкилоти аудиторӣ мавҷуд будани аттестати тахассусӣ; дар штати ташкилоти аудиторӣ мавҷуд будани на кам аз 3 аудитор, ки дорои иҷозатномаи аудиторӣ мебошад; ба амал баровардани фаъолияти аудиторӣ ба ҳайси ҷӯяндаи иҷозатнома ба сифати намуди асосии фаъолият. Тартиби аттестатсияи фаъолияти аудиториро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

22.4. Мафҳум ва мазмуни шартномаи хизматрасонии аудитӣ

Тибқи шартномаи хизматрасонии пулакии аудиториро, шахсе, ки фаъолияти соҳибкории мазкурро дар асоси ихтисос амаликунанда вазифадор аст, ки бо супориши шахси аудитшаванда (шахси сеюм) хулосаи мустақилона оид ба ҳисоботи молиявии (муҳосибии) шахси аудитшаванда, ки дорои аҳамияти қатъӣ ва арзиши муайян мебошад диҳад, фармоишгар бошад онро пар-

дохт кунад. Дар матни шартнома чунин тамоюлҳо ва шартҳои асосӣ кушода мешавад: 1. Мавзӯи шартномаи хизматрасонии аудитӣ. 2. Ҳуқуқ ва уҳдадлриҳои тарафҳо. 3. Ҷавобгарии тарафҳо ва шартҳои қатъ гаштани шартнома. 4. Шароитҳои хизматрасонии аудитӣ. 5. Арзиш ва тартиб пардохти хизматрасонии аудитӣ. Дар баробари ин матни шартнома мумкин аст уҳдадориҳои дигари тарафҳо пешбинӣ шавад. Мавзӯи шартномаи хизматрасонии аудитӣ. Дар ин банди шартнома соҳаи хизматҳои аудитӣ ва ҳаҷми он муқаррар карда мешавад. Намудҳои хизмат, ки мувофиқи шартнома аудитор ва ташкилотҳои аудиторӣ дар қонунгузорӣ дарҷ гардидааст. Мавзӯи шартномаи хизматрасонии аудитӣ инҳо мебошанд: а)ҳангоми гузарондани санҷиши аудиторӣ –кори маънидоткунии хулосаи аудиторӣ оид ба дурустии ҳисоботи муҳосибии субъекти иқтисодӣ дар давраи муайяннамудаи шартнома; б) ҳангоми хизматрасонии ба хизмати аудиторӣ дахлдор-кор оид ба иҷро намудани намудҳои хизмати ба аудит дахлдори муайяннамудаи шартнома. Инҳо метавонанд: омузиш; хизматрасонӣ оид ба гузориш, барқарор ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ), тартиб додани эъломия оид ба даромади ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ), таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагӣ, баҳогузории активҳо ва пассивҳои субъекти иқтисодӣ, машваратдиҳӣ ба масъалаҳои қонунгузории молиявӣ, андоз, бонкӣ ва ғайра. Мавзӯ ва уҳдадориҳои тарафҳоро гуфта, бояд номгӯи хизматҳоеро, ки иҷро намудани он мақсади шартнома мебошад маълум кунем. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо. Қоидаҳои муваққати талаботҳои махсусро ба аудитор (ташкилоти аудиторӣ) ҳамчун як тарафи шартнома оиди гузарондани санҷиши аудиторӣ пешниҳод мекунад, зеро назорати аудиторӣ бояд аз ҷониби шахсе, ки дар баҳогузории дурустии ҳисоботи молиявии тарафи дигари шартнома манфиати молумулкӣ ё манфиати дигар надорад, ба амал бароварда шавад. Санҷиши аудиторӣ гузаронда намешавад, агар аудитор муассис, молик ё саҳмдори субъекти иқтисодии санҷишшаванда, инчунин бо роҳбар ва шахсони мансабдори он, ки ба тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ ҷавобгаранд дар муносибати наздик ва хешутаборӣ (волидайн, ҳамсарон, бародарон, хоҳарон, фарзандон, инчунин , бародарон, хоҳарон, фарзандон) бошад. Дар ҳамин вақт дар зери роҳбарони субъектони иқтисодии санҷишшаванда на танҳо мақомотҳои иҷрокунандаи (танҳо ва дастҷамъӣ) ҷамъияти хоҷагидор ва кооперативи истеҳсолӣ, балки мақомоти олии идоракунӣ, шӯрои директоронро (шӯрои мушоҳидавӣ) ҳам дар

бар мегирад. Дар қонун оид ба фаъолияти аудиторӣ дар ин бора муқаррароти ҳуқуқан дақиқ додан мувофиқи мақсад аст. Ташкилотҳои аудиторӣ наметавонанд тарафи шартнома бошанд, агар санҷиши аудиторӣ нисбати субъекти иқтисодие гузаронда шавад, ки муассис, молик, саҳмдор, кредитор, суғуртакунандаи ин ташкилоти аудиторӣ бошад, инчунин нисбати оне, ки дар он ташкилоти аудиторӣ муассис, молик ва саҳмдоранд. Талаботҳои муайян ба ташкилотҳои аудиторӣ низ ҳамчун тарафи шартнома барои гузарондани санҷиши аудиторӣ пешниҳод карда мешавад. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо дар шартҳои шартнома, дар мазмуни он ифода мегардад. Барои он, ки шартнома оид ба гузарондани санҷиши аудиторро баста шуда эътироф кунем, тарафҳо бояд бо тамоми шартҳои асосӣ ба мувофиқа оянд. Шартҳои ҳатмӣ ва асосии шартнома барои гузарондани санҷиши инчу нин худи тартиби амалинамоии он мебошад. Субъекти иқтисодӣ уҳдадораст: а) барои ташкилоти аудиторӣ барои гузарондани санҷиши замонавӣ ва пурра ва хизмаирасонӣ шароит фароҳам орад; б)барои онҳо ҳама ҳуҷҷатгузории заруриро пешниҳод кунад; в) дастрасӣ ба коркардҳои маълумотҳои компютерӣ; г) бо дархости аудиторон баёноти шифоҳӣ ва хаттӣ диҳад; д) дар рафти санҷиши аудиторӣ вайронкунии ошкоргардидаро дар тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ зуд бартараф кунад; е) истисно намудани фишороварӣ ба ташкилотҳои аудиторӣ бо тамоми шакл ба мақсади тағйир додани фикри он оид ба дурустии ҳисоботи муҳосибии субъекти иқтисодӣ. Субъекти иқтисодӣ (фармоишгар) ҳуқуқ дорад: а) аз аудиторони инфиродӣ ва ташкилоти аудиторӣ маълумотҳоро доир ба қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хулосаҳои аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ ба онҳо асос ёфтааст, дастрас намоянд; б) аз аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ дар мӯҳлати муайяннамудаи шартномаи хизматрасонии аудиторӣ хулосаи аудитириро гиранд; в) дигар ҳуқуқҳоро дар асоси муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар шартномаи хизматрасонии аудиторӣ муайян карда шудаанд ва ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд, амалӣ намоянд. Фармоишгар инчунин ҳуқуқ дорад рафт ва сифати кори иҷронамудаи иҷрокунандаро, ба фаъолияти он мудохила накарда санҷад. Фармоишгар ҳуқуқ дорад ҳар вақте ҷараёни иҷро ва сифати корро бидуни дахолат ба фаъолияти пудратчӣ тафтиш намояд.

1. Агар иҷрокунанда сари вақт ба иҷрои шартномаи пудрат оғоз накунад ё корро чунон бо оҳистагӣ иҷро кунад, ки то мӯҳлати муқарраршуда анҷом додани он баръало имконнопазир гардад, фармоишгар ҳуқуқ дорад аз шартнома даст кашад ва ҷуброни зарарро талаб намояд. Агар ҳангоми иҷрои кор аён гардад, ки кор ба таври дахлдор анҷом дода намешавад, фармоишгар ҳуқуқ дорад ба аудитор барои рафъи камбудиҳо мӯҳлати муносиб муайян кунад ва дар сурати аз ҷониби пудратчӣ дар мӯҳлати муайяншуда иҷро накардани ин талабот аз шартнома даст кашад ё барои ислоҳи кор аз ҳисоби пудратчӣ ба дигар шахс муроҷиат кунад, инчунин ҷуброни зарарро талаб намояд. Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, фармоишгар метавонад дар ҳар лаҳза, то ба ӯ супурдани иҷрои кор аз шартномаи хизматрасонии аудиторӣ даст кашад ва ба пудратчӣ қисми муқарраршудаи арзиши корро, ки то гирифтани огоҳинома дар мавриди аз шартнома даст кашидани фармоишгар анҷом дода шудааст, пардозад. Фармоишгар инчунин вазифадор аст ба пудратчӣ зарареро, ки вобаста ба қатъи шартнома расонида шудааст, ҷуброн намояд. Дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилоти аудитории нигаред ба фасли 22.2. китоби мазкур. Шартномаи хизматрасонии аудитӣ метавонад ҳам аз ҷониби фармоишгар ва ҳам аз ҷониби иҷрокунанда бо тартиби яктарафа қатъ карда шавад. Шартҳои яктарафа қатъ намудани шартнома инҳо мебошанд: аз ҷониби фармоишгар –ба иҷрокунанда пардохт намудани хароҷотҳои масрафнамуда; Аз ҷониби иҷрокунанда танҳо дар мавриди ҷуброни пурраи зарар ба фармоишгур. Рад кардани яктарафа аз хизматрасолнии ташкилоти аудиторӣ корхона танҳо то фаро расидани муҳлати иҷрои уҳдадорӣ мувофиқи шартнома метавонад. Агар корхонаи санҷишшаванда аз иҷрои шартнома даст кашад, он бояд ба ташкилоти аудиторӣ хароҷотӣ масрафнамудаашро пардозад. Агар аз иҷрои шартнома аудитор даст кашида бошад, пас он бояд зарарро пурра ва фоидаи аз даст рафтаро ҷуброн намояд. Албатта маблағе, ки фармоишгар барои аз иҷрои шартнома даст кашидан ба ташкилоти аудиторӣ ҷуброн мекунад, аз маблағе, ки ташкилоти аудиторӣ дар мавриди иҷро карда натавонистани шартнома ба фармоишгар ҷуброн мекунад хеле фарқ дорад. Дар ҳолати охир хизматрасонии аудитор пурра ва фоидаи аз дастрафта прардохт карда мешавад. Дар бораи номумкин будани гузарондани санҷиши аудиторӣ бо гуноҳи корхона танҳо дар мавриди вуҷуд доштани ҳолатҳои зерин ҳарф задан мумкин аст: гуноҳи фармоишгар; фаро расидани муҳлати иҷрои

шартнома ё вақте, ки номумкин будани иҷрои шартнома баръало то фаро расидани ин муҳлат маълум гардад.

22.5. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти аудиторӣ

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти аудиторӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

1) Ҷавобгарии аудиторон бо кодекси ахлоқи аудиторон.Ҷомеаи аудиторон умуман ва ҳар як аудитор дар алоҳидагӣ бояд рафтори ғайриахлоқии аудиторони алоҳидаро муҳокима намоянд ва ҳуқуқ доранд ҷазо додани онҳоро то хориҷ кардан аз иттиҳоди аудиторон талаб намояд, инчунин бо дархости асоснок дар назди мақомоти иҷроия оид ба аз атестати тахассусӣ маҳрум намудани аудитор баромад кунад. 2) Ҷавобгарии интизомӣ. Барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии интизомӣ, яъне иҷро накардан ё иҷрои номатлуби коргар уҳдадориҳои меҳнатии ба души ӯ гузошташуда, роҳбари ташкилоти аудиторӣ ва роҳбари зерсохторҳои он (дар доираи ваколати худ) ҳуқуқ дорад ҷавобгарии интизомиро мувофиқи Кодекси меҳнати ҶТ татбиқ намояд. 3) Ҷавобгарии маъмурии иштирокчиёни фаъолияти аудиторӣ. Ба сифати ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ инҳо баромад мекунанд: амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирии давлатӣ; идоракунии номатлуби шахси ҳуқуқӣ; амалинамоии фаъолият оид ба идоракунии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахси барканоркардашуда; ҷавобгарии аудитории экологӣ барои тавзеҳи дурӯғи барқасдона, хулоса (агар аудитории экологӣ дар муҳокимаи судӣ ба ҳайси мутахассис ё коршинос иштирок кунад). 4) Ҷавобгарии ҷиноятии иштирокчиёни фаъолияти аудиторӣ; 5) Ҷавобгарии ҳуқуқии граждании фаъолияти аудиторӣ; ҷавобгарии иштирокчиёни фаъолияти аудиторӣ дар ҳолати вайронкунии шартҳои бастани шартнома; ҷавобгарии ташкилоти аудиторӣ ва аудитор дар натиҷаи қабул намудани онҳо уҳдадорӣ; ҷавобгарии маҳдуд; бо намудҳои алоҳидаи уҳдадорӣ ва уҳдадории вобаста ба намудҳои фаъолият, қонун мумкин аст ҳуқуқ ба ҷуброни пурраи зарар маҳдуд карда шавад (ҷавобгарии маҳдуд); гузарондани экоауди бесифат мумкин аст ҳамчун расондани зарар ба шахсони ҳуқуқӣ тафсир карда шавад.

6) Ҷавобгарии махсуси аудиторон: гирифтани аттестати тахассусии аудитор бо истифодаи ҳуҷҷатҳои қалбакӣ; ҳукми суд, ки ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ишғол шудан ба

фаъолияти аудиторӣ ба муҳлати муайян ба қувваи қонунӣ даромада бошад; вайронкунии пайдарпайи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ё қоидаҳои фаъолияти аудиторӣ; хулосаи бардурӯғро имзо намудани аудор, ки тартиб додани он ба шахс ҷавобгариро дар намуди бозпас гирифтани аттестати тахассусии аудитор ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онро мувофиқи қонунгузорӣ пешбинӣ мекунад; дар давоми ду соли тақвимӣ аудитор наметавонад пайдарпай ба фаъолияти аудиторӣ машғул шавад; талабот оид ба гузаштани омӯзиш оиди барномаи такмили ихтисос.

БОБИ XXIII. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БОЗОРИ АСЪОР

23.1. Моҳият, мазмун ва намудҳои амалиёти асъор бо қонунгузории ҶТ.

23.2. Ҳуқуқи соҳибкор ба асъор ва амалиёти асъор

23.3. Мақомотҳои танзимкунандаи давлатии амалиёти асъор ва ваколати онҳо дар амалигардонии назорати асъор.

23.1. Моҳият, мазмун ва намудҳои амалиёти асъор бо қонунгузории ҶТ.

Амалиёти асъор объекти танзим ва назорати давлатию бонки мебошад. Дар мамлакатҳои нигоҳдорандаи асъор ва ташкилотҳои бо амалиёти сармоявӣ маҳдуд, ҳаҷми вазъи асъори бонкҳо мутаносибан бо асъори миллӣ яке аз объектҳои назорати асъор мебошад. Бонкҳо фаъолияти худро дар бозори асъор бо роҳи гузарондани амалиётҳои асъор баамал мебароранд. Дар кори такмилдодаи мазкур дар зери асъор аломатҳои пули давлати хориҷӣ, инчунин қуҷҷатҳои кредитӣ ва пардохт, ки дар воҳидҳои пули хориҷӣ ва дар ҳисоббаробаркуниҳои байналмиллалӣ татбиқ карда мешавад, фаҳмида мешавад. Асъори хориҷӣ маблағҳое, ки дар ҳисобҳо дар шакли воҳидҳои пулии давлатҳои хориҷӣ ва воҳидҳои пулии байналхалқӣ ё воҳидҳои ҳисобу китоб қарор доранд. Амалиёти асъор метавонад аз ҷониби бонкҳо ваколатдор, яъне бонкҳои тиҷоратӣ, ки аз Бонки миллии Тоҷикистон барои баамал баровардани амалиёт бо асъори хориҷӣ иҷозатнома гирифтаанд, инчунин бонкҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ ва бонкҳое, ки пурра ба иштирокчии хориҷӣ тааллуқ доранд. Ҳама талаботҳои фурушандагон ё кредиторон, ки дар хориҷа бо асъори хориҷа пардохт карда мешаваду ин сармоя дар бонкҳои хориҷӣ нигоҳ дошта мешавад, бо вомбарг ё чек, ки дар хориҷа бо асъори хориҷӣ пардохт карда мешавад, асъори хориҷӣ номида мешавад. Ҳамаи онҳо дар алоқаи бонк бо муштарӣ нақши асосӣ мебозанд. Дар мавриди бастани аҳд бо асъори хориҷӣ миёни бонкҳо танҳо асъори хориҷӣ истифода мешавад, ки дар суратҳисобҳои бокҳои хориҷӣ нигоҳ дошта мешавад. Истилоҳи «асъори хориҷӣ» ба ин тавр танҳо ба боқимондаҳои суратҳисоб бо асъори хориҷӣ татбиқ мешавад. Инчунин мафҳумҳои асосии амалиёти асъор ва танзими асъор мавҷуд аст, ки бе баррасии онҳо ин ё он лаҳзаҳои аҳдро дуруст муайян намудан намешавад. Яке аз чунин мафҳумҳо «назорати асъор» мебошад. Бозори асъор ба маънои маҳдуд – ин механизми махсуси конститутсионӣ ме-

бошад, ки бо муносибат оид ба хариду фурӯши асъори хориҷӣ алоқаманд мебошад, ки дар он ҷо бисёре аз аҳдҳо миёни бонкҳо (инчунин бо иштироки брокерҳо ва дигар институтҳои молиявӣ) баста мешавад. Инчунин ин муносибат на танҳо миёни бонкҳо ва муштариёна, балки миёни субъектон (асосан миёни бонкҳо) низ ба вуҷуд меояд. Асъор– ин умуман номи воҳиди пули мамлакатҳои гуногун мебошад, ки барои истифода намудан барои пардохт ба мол ва хизматрасониҳо, ки дар ҳудуди мамлакати мазкур харидорӣ карда мешавад, ҳатмӣ мебошад. Ҳар як мамлакат воҳиди пулии худро дорад– рубл, доллар ва ғ., ки мувофиқи қонун муқаррар шудааст. Маблағе, ки дар муносибатҳои иқтисодии байналмиллалӣ истифода мешавад асъор номида мешавад. Маҷудияти асъори миллӣ муомилоти мӯътадили молро таъмин менамояд, ҳисоббаробаркунии ҳукуматро бо шаҳрвандон осон мегардонад, ки дар муассисаҳои давлатӣ кор мекунанд, барои нигоҳдории мудофиа хизмат мекунанд. Давлат бо роҳи бароориши (эмиссия) пул ба муомилоти мӯътадили пулӣ мусоидат мекунад. Он ба корхонаҳое, ки ба ӯ молҳои гуногунро месупоранд, бо пули миллӣ пардохт мекунад. Билохира асъори миллӣ ба таъминоти соҳибихтиёрии мамлакат, мустақилияти он аз иродаи давлатҳои дигар мусоидат мекунад. Агар мамлакат ба истифодаи асъори давлатҳои дигар умед бандад, пас ин муки наст истиқлолияти иқтисодиёти миллӣ ва сиёсати мамлакатро аз давлатҳои дигар вобаста мекунад. Мувофиқи қонунгузории амалкунанда ба амалиёт бо асъори хориҷӣ инҳо дохил мешавад: пешбурди суратҳисоби асъории муштариён; амалиётҳои ғайрисавдоӣ; муқаррар намудани муносибати ахбороти бо бонкҳои ваколатдори дохилӣ ва хориҷӣ; ҳисоббаробаркуниҳои байналмллалӣ вобаста бо содироту воридоти мол ва хизмат; харид ва фурӯши асъори хориҷӣ дар бозори асъори дохилӣ; ҷалб ва тақсим кардани воситаҳои асъорӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон; амалиётщои қарзӣ дар бозори асъори байналхалқӣ; амалиёт бо асъори хориҷӣ – ин маҷмӯи муносибатҳои пулию қарзӣ, ки дар асоси интернатсиализатсияи ҳаёти хоҷагӣ, тақсими байналмиллалии меҳнат ва бозори ҷаҳонӣ ба вуҷуд меояд. Муносибатҳои байналмиллалии асъор, ҳамон вақте ба вуҷуд меояд, ки пул дар муомилоти байналмиллалӣ амал мекунад. Шакли пулҳои ҷаҳонӣ бо гузашти вақт тағйир ёфтанд, шарти ҳисоббаробаркунии байналмиллалӣ низ тағйир ёфт. Дар як вақт аҳамиятнокии муомилоти асъор боло рафт ва сатҳи мустақилияти он баланд шуд. Аз қафои он даврае фаро мерасад, ки амалиётҳои асъор дар ҳадди

муайян ба шартҳо ва талаботи иқтисодиёт мувофиқат мекнад. Ин ба истифодаи самараноки амалиёти асъор оварда мерасонад. Аммо ин ин мустаҳкамии нисбӣ пайдоиши буҳрони локалии тамоми муомилоти асъорро истисно намекунад. Инак пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон буҳрони асъорӣ якчанд бор дар Фаронса, Британияи Кабир ва Италия сар заданд.таснифи амалиёти асъории бонкӣ мумкин аст бо тамоюли ба ҳама амалиётҳои бонкӣ умумӣ-фаъол ва ғайрифаъол ба амал бароварда шавад. Бо ёрии амалиёти ғайрифаъол бонкҳо захираҳои худро таъсис медиҳанд. Моҳияти онҳо дар ҷалби намудҳои гуногуни саҳмҳо, гирифтани қарз аз бонкҳои дигар, баровардани қоғази қимматноки худӣ, инчунин дар гузарондани амалиётҳои дигар зоҳир мегардад, ки дар натиҷа захираҳои бонкӣ зиёд мешаванд. Тақсим намудани захираҳои ҷамъшуда ба мақсади ба даст овардани фоида мазмуни амалиёти фаъоли онро муайян мекунад. Таснифи амалиёти асъорӣ инчунин бо аломатҳои махсуси таснифӣ, ки танҳо ба амалиёти асъор хос аст, ба амал бароварда мешавад. Намуди асосии таснифи амалиёти асъор аз Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» ба аз 4 ноябри соли 1995 , №112 бар меояд. Он чунин аст: Амалиёти асъорӣ: а) Амалиёт бо асъори хориҷӣ: иҷрои амалиёт, ки объекти онҳо асъори хориҷӣ ё талабот ба асъори хориҷӣ мебошад; истифодаи асъори хориҷӣ ба сифати воситаи пардохт; ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва ирсол кардан ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир ва ирсол намудани асъори хориҷӣ. б) Амалиёти бо қоғазҳои қиматнок бо асъори хориҷӣ: додани ҳуқуқ ба асъори хориҷие, ки бо қоғази қиматнок бо асъори хориҷӣ тасдиқ ёфтааст, аз ҷумла ба соҳиби нахустин; барои нигаҳдорӣ, супоридан ё қабул намудани қоғази қиматнок бо асъори хориҷӣ; супоридан ё қабул намудани қоғази қиматнок бо асъори хориҷӣ ба идораи эътимоднок; бозпардохти коғази қиматнок бо асъори хориҷӣ; додани ҳуқуқ ба қоғазҳои қиматнок бо асъори хориҷӣ, бо роҳи анҷом додани амалиёт бо қоғазҳои қиматноки маҳсулӣ ва воситаҳои молиявӣ (фючерсҳо, опсионҳо ва ғайра); ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва ирсол кардан ва аз ҶумҳуриТоҷикистон содир ва ирсол намудани қоғази қиматнок бо асъори хориҷӣ; амалиёти дигар бо қоғазҳои қиматнок бо асъори хориҷӣ. в) Амалиёт бо фулузоти қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ, қоғазҳои қиматнок, ки арзишашон ба фулузоту сангҳои қиматбаҳо ифода ёфтаанд ё бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо таъмин шудаанд: амалиёте, ки ба гузариши ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои дигар ба фулузоту сангҳои қиматбаҳо ё қоғазҳои қиматнок, ки арзишашон бо

фулузоту сангҳои қиматбаҳо ифода ёфтаанд ё бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо таъмин шудаанд, вобастаанд; ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва ирсол кардан, ҳамчунин аз Чумҳурии Тоҷикистон содир ва ирсол кардани фулузоту сангҳои қиматбаҳо, қоғазҳои қиматнок, ки арзишашон бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо ифода ёфтаанд ё бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо таъмин шудаанд; амалиёти дигар бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо, қоғазҳои қиматнок, ки арзишашон бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо ифода ёфтаанд, ё бо фулузоту сангҳои қиматбаҳо таъмин шудаанд. Амалиёти асъор ба амалиёти ҷории асъор ва амалиёти асъорӣ вобаста ба ҳаракати сармоя тақсим мешаванд. Амалиёти ҷории асъорӣ. а) интиқол ва пардохт бо асъори хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳисоббаробаркуниҳои содирот ва воридоти мол, кор ва хизматрасонӣ, (аз ҷумла, дар соҳаҳои туризм, тиб ва маориф), инчунин барои ҳисоббаробаркуниҳои ба кори механизмҳои кӯтоҳмуддати бонкӣ ва қарзӣ вобаста буда; б) интиқол ва пардохти фоизҳо, суди саҳмия (дивидент) ва даромадҳои дигар аз рӯи пасандозҳо, маблағгузориҳо, кредитҳо ва амалиёти дигар, ки бо ҳаракати сармоя вобаста аст, аз ҷумла пардохти маблағҳои маҳдуд ба ҳисоби бозпардохти қарзҳо ё ба ҳисоби истеҳлоки сармоягузориҳои мустақим ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон; в) интиқол ва пардохтҳои дорои хусусияти ғайритиҷоратӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла интиқол ва пардохти музди меҳнат, нафақа алимент, мерос, маблағҳои маҳдуд барои хароҷоти ҷории оилаҳо, инчунин дигар амалиёти ба ин монанд. Ҳамаи дигар амалиёти асъор, ки ба амалиёти ҷории асъор дохил нестанд, амалиёти асъорӣ вобаста ба ҳаракати сармоя мебошанд. Дар айни ҳол бонкҳои тиҷоратӣ хизматҳои зиёди бо асъор алоқамандро пешниҳод мекунад. Амалиёти асъории бонкҳои тиҷоратӣ ба якчанд намуд (хизмат) ҷудо мешавад: 1. Амалиёт оид ба ҳисоббаробаркунии байналмиллалӣ. Ин амалиёт бо воридот ва содироти мол ва хизмат алоқаманд аст. Дар савдои берунӣ чунин шаклҳои ҳисоббаробаркунӣ татбиқ карда мешавад, ба монанди аккредитивӣ ҳуҷҷатӣ, инкассои ҳуҷҷатӣ, интиқоли бонкӣ. 2. Кушодани суратҳисоби асъорӣ ба муштарӣ ва пешбурди он. Амалиёти мазкур намудҳои зайлро дарбар мегирад: кушодани суратҳисоби асъорӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ; гузарондани фоизҳо ба суратҳисоби боқимонда; додани овердрафтҳо (ба муштариёни махсус бо қарори роҳбарияти бонк); бо содир наму-

дани амалиёт расондани хабар; дар ҳама фосилаи вақт таъсис додани бойгонии суратҳисобҳо; бо супориши муштарӣ иҷро намудани амалиёт бо воситаи суратҳисоби асъори он; назорат аз болои амалиётҳои воридотию содиротӣ. 3. Ба роҳ мондани муносибатҳои ахборотӣ бо бонкҳои хориҷӣ. Ин амалиёт шарти зарурии гузарондани суратҳисобҳои бонкӣ мебошад. Қабули қарор оид ба ба роҳ мондани муносибати ахборотӣ бо банкҳои дигари хориҷӣ бояд ба амалинамоии танзими амалиёти воридотию содиротии муштарӣ асос ёбад. 4. Амалиёти ғайрисавдоии бонк. Ба амалиёти ғайрисавдоӣ амалиёт оид ба хизматрасонӣ ба муштариён, ки бо гузарондани ҳисоббаробаркунӣ бо воридоту содироти мол ва хизмати муштариёни бонк бо муомилоти сармоя алоқаманд намебошад, дохил мешавад. Амалиёти ғайрисавдоӣ, дар байни намудҳои алоҳида барои ба муштариён расондани хизматҳои васеътар, ки дар муборизаи рақибонаи бонкҳои тиҷоратӣ барои ҷалб намудани муштариён, бисёр паҳн гаштааст. 5. Амалиётҳои конверсионӣ. Амалиётҳои конверсионӣ ин хариду фурӯши нақдӣ ва ғайринақдии асъори хориҷӣ мебошад. Ба он инҳо дохил мешаванд: аҳди навъи 'TODAY' – амалиёте мебошад, ки санаи асъоргузорӣ ба санаи бастани аҳд мувофиқат мекунад; аҳди навъи 'TOMORROW' амалиётеро ифода мекунад, ки санаи асъоргузорӣ ба санаи рӯзи ояндаи бастани аҳд дар рӯзи кории бонкӣ мувофиқ аст; аҳди «спот» ин амалиёти бо қурби имрӯза мувофиққунонида мебошад; амалиёти «форвард» (аҳдҳои фаврӣ) – ин қарордоде мебошад, ки дар айни замон оид ба хариди як асъор дар мубодила ба асъори дигар бо қурби муайян баста мешавад. Дар навбати худ, амалиёти «форвард» ба аҳдҳои зерин ҷудо мешавад: а) аҳд ба «аутрайдер» - бо шарти расондани асъор дар муҳлати муайян; б) аҳд бо «опсион» бо шарти расондани асъор бе бақди сана; аҳди своп – амалиёти асъорие мебошад, ки харид ё фурӯши асъорро ба шартҳои аҳди нақди «спот» ва дар ҳамин вақт харид ё фурӯши ҳамин асъорро ба муҳлат бо қурби «форвардӣ» омехта мекунад. Аҳди «своп» якчанд намуд мешавад: а) аҳди «репорт» - фурӯши асъори хориҷӣ бо шартҳои «спот» ва ҳамзамон харидорӣ намудани он бо шартҳои «форвардӣ»; аҳди «дерепорт» - хариди асъори хориҷӣ бо шартҳои «спот» ва ҳамзамон фурӯши он бо шартҳои «форвардӣ». Амалиёт оид ба ҷалб ва паҳнкунии воситаҳои асъор намудҳои зерин дорад: ҷалби депозит; додани қарз; паҳнкунии қарз дар бозори байнибонкӣ.

23.2. Ҳуқуқи соҳибкор ба асъор ва амалиёти асъорӣ

Сарватҳои асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам моликияти резидентҳо ва ҳам моликияти ғайрирезидентҳо буда метавонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи моликият ба сарватҳои асъорӣ дар баробари ҳуқуқи моликият ба дигар объектҳои моликият аз тарафи давлат ҳимоя карда мешавад. Тартиби муомилот бо фулузоти қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ, инчунин марворид аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Амалиёти ҷории асъор ва ҳамаи пардохтҳои вобаста ба онҳо аз тарафи резидентҳо бе маҳдудият амалӣ карда мешаванд. Амалиёти асъорӣ вобаста ба ҳаракати сармоя аз тарафи резидентҳо ба тартиби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд. Соҳибкорон дар ҳолати риояи қоидаҳои гумрукӣ ҳуқуқ доранд бе маҳдудият сарватҳои асъориро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол, ворид ва ирсол намоянд. Тартиби ташкили захираҳои давлатии асъориро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Шахсони воқеӣ-резидентҳо дар ҳолати риояи қоидаҳои гумрукӣ ҳуқуқ доранд дар ҳудуде, ки дар эъломия ё санади дигари тасдиққунандаи интиқол, ворид ё ирсоли сарватҳои асъор ба Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, сарватҳои асъори қаблан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол, ворид ё ирсол шударо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол, содир ё ирсол намоянд. Тартиби аз тарафи резидентҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир ва ирсол намудани сарватҳои асъорро ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонун нишон дода шудаанд, Бонки миллии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамоянд. Ғайрирезидентҳо метавонанд ба асъори хориҷӣ ва асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонкҳои ваколатдор ҳисоб дошта бошанд. Тартиби аз тарафи бонкҳои ваколатдор ба асъори хориҷӣ ва асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодан ва нигоҳ доштани ҳисобҳоро Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар мекунад. Амалиёти ҷории асъор ва ҳамаи пардохтҳои вобаста ба онҳо аз тарафи ғайрирезидентҳо бе маҳдудият амалӣ карда мешаванд. Амалиёти асъорӣ вобаста ба ҳаракати сармоя аз тарафи ғайрирезидентҳо ба тартибе амалӣ карда мешаванд, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо мувофиқати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст. Ғайрирезидентҳо ҳуқуқ доранд ба тартиби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар бозори дохилии асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон бе маҳдудият асъори хориҷӣ бифурӯшанд ва бихаранд. Ғайрирезидентҳо дар ҳолати

риоя намудани қоидаҳои гумрукӣ ҳуқуқ доранд сарватҳои асъориро бемамониат аз Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол, содир ва ирсол намоянд, агар ин сарватҳои асъорӣ қаблан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол, ворид ё ирсол шуда бошанд ё дар асоси дар қонун нишондодашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон харидорӣ шуда бошанд ва дар дигар ҳолатҳо мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби аз тарафи ғайрирезидентҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол, содир ва ирсол намудани сарватҳои асъориро, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонуннишон дода шудааст, Бонки миллии Тоҷикистон якҷоя бо Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамоянд.

Соҳибкороне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиёти асъорӣ доранд, ҳуқуқ доранд: а) бо актҳои тафтишоте, ки аз тарафи мақомот ва намояндаҳои назорати асъор гузаронида шудаанд, шинос шаванд; б) нисбати амали намояндаҳои назорати асъор ба мақомоти дахлдори назорати асъор, инчунин аз амали мақомоти назорати асъор ба тартибе, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, шикоят кунанд; в) ба дигар ҳуқуқҳое, ки бо Қонун ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд. Соҳибкороне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиёти асъорӣ мекунанд, вазифадоранд: а) бо мақомот ва намояндаҳои назорати асъор ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дархостшавандаро оид ба амалиёти асъор пешниҳод кунанд; б) ба мақомот ва намояндаҳои назорати асъор дар бораи рафти тафтишоте, ки мебаранд, инчунин аз рӯи натиҷаҳои онҳо баёнот диҳанд; в) дар сурати ба фактҳои акти тафтиши аз тарафи мақомот ва намояндаҳои назорати асъор гузаронидашуда розӣ набудан, дар бораи сабаби имзо накардани чунин акт тавзеҳоти хаттӣ пешниҳод намоянд; г) оид ба амалиёти асъор ҳисобу китоб баранд ва ҳифзи онҳоро камаш панҷ сол таъмин намоянд; д) талаботи (дастури) мақомоти назорати асъорро барои бартараф намудани камбудиҳо иҷро кунанд; е) вазифаҳои дигареро, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, иҷро намоянд.

23.3. Мақомоти давлатии танзими амалиёти асъор ва ваколатҳои онҳо барои баамал баровардани назорати асъор

Бонки миллии Тоҷикистон мақоми асосии танзимкунандаи асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бонки миллии Тоҷикистон: а) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳа ва тартиби муомилаи асъори хориҷӣ ва қоғазҳои қиматнокро ба асъори хориҷӣ

муайян мекунад; б) санадҳои меъёрие мебарорад, ки иҷрояшон аз тарафи резидентҳо ва ғайрирезидентҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад; в) ҳама гуна муомилоти асъорро анҷом медиҳад; г) қоидаҳои аз тарафи резидентҳо ва ғайрирезидентҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани амалиёти асъори хориҷӣ ва коғазҳои қиматнокро ба асъори хориҷӣ, инчунин қоидаҳои аз тарафи ғайрирезидентҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани амалиёти асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коғазҳои қиматнокро ба асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад; д) тартиби ҳатман аз Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додан, ворид намудан ва фиристодани асъори хориҷӣ ва қоғазҳои қиматнокро ба асъори хориҷӣ, ки ба резидентҳо тааллуқ дорад, инчунин ҳолатҳо ва шартҳои ба асъори хориҷӣ аз тарафи резидентҳо дар бонкҳои берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодани ҳисобҳоро муқаррар мекунад; е) тартиби махсуси иҷозатномадиҳии фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷиро муайян менамояд; ж) шаклҳои ягонаи ҳисобу китоб, ҳуҷҷатҳо ва омори амалиёти асъориро, аз ҷумла аз тарафи бонкҳои ваколатдор, инчунин тартиб ва мӯҳлати пешниҳод кардани онҳоро муқаррар мекунад; з) омори амалиёти асъорӣ ва баланси пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи стандартҳои қабулгардидаи байнибонкӣ таҳия ва нашр мекунад; и) қурби расмии асъори хориҷиро нисбати асъори миллӣ ба мақсадҳои баҳисобгирӣ ва пардохтҳои гумрукӣ дар асоси СПОТ - қурби ивазкунии бозорӣ ва дигар қурбҳои бозорӣ муайян ва эълон менамояд; к) вазифаҳои дигареро, ки дар ин Қонун пешбинӣ гардидаанд, иҷро менамояд. Назорати асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти асъор ва намояндаҳои онҳо ба тартибе, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, амалӣ карда мешавад. Мақомоти назорати асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи ҶТ , Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ дар доираи ваколатҳои худ мебошанд. Намояндаҳои назорати асъор, бонкҳои ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Намояндаҳои назорати асъор ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоботдиҳандаанд. Мақомоти назорати асъор дар ҳудуди салоҳиятҳои худ санадҳои меъёрӣ мебароранд, ки иҷрои онҳо аз тарафи ҳамаи резидентҳо ва ғайрирезидентҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти назорати асъор дар ҳудуди салоҳияти худ, ки қонуни мазкур ва қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, корҳои зайлро анҷом

медиҳад: а) аз тарафи бонкҳои ваколатдор ва дигар ташкилотҳои кредитии ваколатдори дигар анҷом додани амалиёти бонкӣ ва амалиёти дигар бо сарватҳои асъор, ба мутобиқати ин амалиёт ба қонунгузории асъор ва риояи санадҳои меъёрии мақомоти танзим ва назорати асъор, назорати асъорро ҷорӣ менамояд: б) аз тарафи шахсони ҳуқуқию воқеӣ анҷом додани амалиёт бо асъори хориҷӣ мувофиқи иҷозатномаҳо ба ҳуқуқи гузаронидани ин гуна амалиёт, ба мутобиқаи ин амалиёт ба қонунгузории асъор, шартҳои иҷозатнома ва риояи санадҳои меъёрии мақомоти танзим ва назорати асъор, назорати асъорро ҷорӣ менамояд; в) аз тарафи бонкҳои ваколатдор иҷро шудани функсияҳои намояндаҳои назорати асъорро назорат менамояд. Бонкҳои ваколатдор, ҳамчун намояндаҳои назорати асъор аз болои амалиёти бонкӣ ва амалиёти дигар бо сарватҳои асъорӣ, ки аз тарафи мизоҷони бонк - резидент ва ғайрирезидентҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд, ба мутобиқаи ин амалиёт ба қонунгузории асъор, санадҳои меъёрии мақомоти танзими асъор ва назорати асъор, шартҳои иҷозатномаҳо бевосита назорати асъор ҷорӣ менамоянд. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди салоҳияти худ, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, аз болои аз тарафи резидентҳо ва ғайрирезидентҳо гузаронида шудани амалиёти асъор назорати асъор ҷорӣ менамоянд, ба истиснои назорати асъор, ба амалиёте, ки дар қонун нишон дода шудаанд. Мақомоти назорати асъор тартиб ва шакли ҳисобу китоб ва ҳуҷҷатҳои оид ба амалиёти асъории резидентҳо ва ғайрирезидентҳоро муайян мекунанд.

БОБИ XXIV. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БОЗОРИ ХИЗМАТҲОИ БОНКӢ

24.1. Мафҳум ва аҳамияти ҳуқуқии хизматҳои бонкӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ.

24.2. Ҷанбаҳои шартномавии хизматҳои бонкӣ.

24.3. Танзими давлатии ташкили ҳисоббаробаркунӣ.

24.4. Хизматҳои бонкӣ оид ба ҷалб намудани воситаи пулӣ.

24.5. Хизматҳои бонкӣ оид ба паҳнкунии воситаҳои пулӣ.

24.1. Мафҳум ва аҳамияти ҳуқуқии хизматҳои бонкӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ

Амалиётҳои чакана – ин дар навбати аввал хизматрасонии шахсони воқеӣ. Хизматҳо барои шахсони воқеӣ – яке аз самтҳои муҳими тиҷорати бонкӣ мебошад. Мисолҳои гуногун овардан мумкин аст, ки ба ҳамаи ин мушкилиҳои бо нобоварии одамон ба бонкҳои тиҷоратӣ алоқамнд нигоҳ накарда, бонкҳои зиёд имрӯзҳо шумораи муштариёни худро зиёд карда гирифтанд. Фаъолияти бонкӣ мумкин аст расман ҳамчун фаъолияти махсус ё истисноии иҷозатдодаи қонун ё дигар ҳуҷҷати ҳуқуқмуқарраркунандаи ташкилоти қарзӣ муайян карда шавад. Аз рӯи мазмун фаъолияти бонкӣ мумкин аст ба воситаи мафҳумҳои асосӣ муайян карда шавад: 1) Маҳсулоти бонкӣ – тарзи мушаххасе мебошад, ки бонк ба воситаи он ин ё он хизматро, ки муштарӣ ба он ниёз дорад мерасонад, яъне амалҳои мураттаб гашта, мувовиқашуда вачун қоида ба расмиёт даровардаи ташкилӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ мебошад, ки муносибати мутақобилаи бонкро бо муштарӣ, технологияи хизматрасонии ягона ва эътимоднокро дар бар мегирад.

2) Амалиёти бонкӣ – ҳаракатҳои амалии (мураттаб гашта, мувовиқашуда)кормандони бонк дар ҷараёни хизматрасонӣ ба муштариён, шакли таҷассумёбии ҳаққонии маҳсулоти бонкӣ мебошад. Маҳсулоти бонкӣ худ ин технологияи бонкӣ, яъне тавоноии муайяни кормандони бонк мебошад, ки метавонад дар мавриди ба муштари лозим буданаш истифода шавад, метавонад истифода нашуда дар «захира» нигоҳ дошта шавад. 3) Хизмати бонкӣ – натиҷаи амалиёти бонкӣ, яъне ҷамъбаст ё самараи амалиёти бонкӣ (фаъолияти мақсадноки коргарони бонкӣ) мебошад, ки ба таъминкунии талаботи муштарии (ба қарз, хизматрасонии ҳисоббаробаркунӣ, дар кафолат, дар хариду фурӯши қоғазҳои қимматнок, асъори хориҷӣ)муроҷиат намуда иборат мебошад. Хизматҳои бонкӣ як қисми муҳими бозори хизматҳои молиро

ташкил медиҳад, ки умуман бо азнавтақсимкунии захираҳо ва олотҳои молиявӣ дар низоми иқтисодӣ алоқаманд мебошад. Дар баробари изматҳои бонкӣ дар бозори хизматҳои молӣ хизматҳои суғуртавӣ ва хизматҳо оид ба бароориш ва муомилоти қоғазҳои қимматнок пешниҳод мешавад. Ҳар як соҳаи бозори молӣ хусусияти худро дорад, аммо дар ҳама ҳолат хусусияти танзими ҳуқуқии ин бозорҳо аз аҳамияти махсус, ки ба онҳо қонун ин махсусиятро додааст шаҳодат медиҳанд. Бозори хизматҳои бонкӣ махсусиятҳои асосии зеринро нишон медиҳад. Пеш аз ҳама танҳо ташкилотҳои қарзие, ки барои ба амал баровардани амалиёти бонкӣ иҷозатномаи БМТ доранд, метавонанд мувофиқи иҷозатномаи мазкур хизмати бонкӣ расонанд. Мувофиқан ҳама амалиётҳои бонкӣ ин аҳе мебошад, ки дар он яке аз тарафҳо ташкилоти қарзии иҷозатнома дашта мебошад. Маҷмӯи ҳамаи ташкилоти қарзие, ки хизмати бонкӣ мерасонанд бо сардории Бонки миллии Тоҷикистон низоми бонкиро ташкил медиҳанд. БМТ бозори хизматҳои банкиро бо баровардани санадҳои ҳуқуқӣ, инчунин дар баъзе ҳолатҳо бо иштироки бевосита ё бавосита дар ин бозор ба танзим медарорад. Мақсади мавҷудияти бозори хизматҳои банкӣ ин таъмин намудани талаботи ҷамъият мебошад, аз қабили дар низоми бонкӣ ҳалл намудани вазифаҳои ташкили муомилоти пулӣ, ҷалби сармояи муваққатан озод, қарздиҳӣ аз ҳисоби маблағҳои ҷамъовардашуда ба он соҳаҳои иқтисодие, ки бисёртар ниёзманд ҳастан ва манфиатноктаранд. Ин вазифаҳо ба воситаи иҷро намудани функсияҳои асосии худ иҷро карда мешаванд, ки ба он инҳо дохил мешаванд: а) функсияи ташкили ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ; б) функсияи нигоҳ доштани маблағҳои муваққатан озод; в) функсияи қарздиҳӣ ба соҳаи афзалиятноки иқтисодиёт. Функсияҳои ҳисоббаробаркунӣ, амонатӣ ва қарзии нишондодашудаи низоми бонкӣ дар амалиётҳои субъектони он таҷассум меёбад. Функсияи ҳисоббаробаркунии низоми бонкӣ ба ташкили муомилотии нақдию ғайринақдии пулӣ оварда мерасонад. Функсияи амонатии низоми бонкӣ дар ҷалби воситаҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба низоми бонкӣ дар намуди депозитҳои аз суратҳисобҳо боқимонда бо роҳи тақсим намудани вексел ва вомбарг мебошад. Функсияи қарзии низоми бонкӣ дар азнавтақсимкунии воситаҳои ҷамъовардашуда мебошад, ки инкишофи умумии иқтисодиётро, зиёдкунии сармояи худии субъектони низоми бонкиро таъмин мекунад. Бозори хизматҳои бонкӣ ба се шоха тақсим мешавад, к ибо вазифа ва функсияҳои низоми брнкӣ муайян мешаванд: бозори хизмат оид

ба ташкили ҳисоббаробаркунии пулӣ, бозори хизмат оид ба ҷалби воситаҳои пулӣ ба низоми бонкӣ ва бозори хизмат оид ба тақсимкунии воситаҳои пулӣ ба соҳаҳои даромадноки иқтисодӣ. Бозори хизматҳои бонкӣ бо қонунгузории амалкунанданда амалиётҳои бонкӣ ва дигар аҳдҳои бонкӣ маҳдуд карда шудаанд, аммо ташкилотҳои қарзӣ ҳуқуқ доранд аҳдҳои ғайрибонкӣ, ки ташкили фаъолияти бонкиро таъмин мекунад низ банданд.

24.2. Ҷабҳаҳои шартномавии хизматҳои бонкӣ

Асосҳои ҳуқуқии ҷабҳаҳои шартномавии хизмати бонкӣ Кодекси граждании ҶТ мебошад. Шартнома созиши ду ё якчанд шахс барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъи ҳуқуқ ва уҳдадории граждани мебошад. Тарафҳо метавонанд шартномаҳои гуногуни чи дар қонун пешбинӣ шуда ва чи нашударо банданд. Бонкҳои ҳозира ба муштариёни худ хизматҳои бузурги бонкиро мерасонанд. Дар мавриди хизматрасонӣ оид ба кушодан ё пешбарии суратҳисоб ё пасандози бонкӣ шартнома оид ба суратҳисоб ё пасандози бонкӣ баста мешавад. Тибқи шартномаи пасандози бонкӣ (депозити бонк) як тараф (бонк), ки маблағ (пасандоз)-и ба ҳисоби тарафи дигар (амонатгузор) воридшударо қабул кардааст, уҳдадор мешавад, ки ба амонатгузор ин маблағро баргардонад ва барои он фоиз ё дар шакли дигар тибқи шарт ва тартиби пешбининамудаи шартнома фоида пардозад. Ҳангоми кушодани тамоми суратҳисоб дар бонкҳо ва ё дигар ташкилотҳои қарзӣ бонк як тараф (бонк) ё дигар муассисаи кредитӣ («бонк») уҳдадор мешавад, ки маблағи пулии ба суратҳисоби тарафи дигар (молики суратҳисоб) воридшударо қабул кунад ва гузаронад, супориши молики суратҳисобро дар мавриди аз суратҳисоб гузаронидан ва пардохти маблағҳои дахлдор ва вобаста ба суратҳисоб иҷро намудани дигар амалиётро анҷом диҳад. Аломатҳои муттаҳидкунандаи шартномаҳои бонкӣ дар хислати музднок доштани онҳо мебошад. Ин банд бо қоида умумӣ муайян карда шудааст ва иҷро мешавад агар дар шартномаи баста шуда истода тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад; яке аз тарафҳо боядж ҳатман бонк ё дигар ташкилоти қарзӣ бошад; қоида муайян мекунад, ки муштари ҳуқуқ дорад дар тамоми бонк ва бо тамоми асъор суратҳисоби ҳисоббаробаркунӣ ё дигар намуди суратҳисоб ба миқдори ба худ зарурӣ дошта бошад. Ба фарқиятҳои шартномаи бонкӣ инҳо дохил мешаванд: шартномаи хизматрасонии бонкӣ консенсуалӣ мебошад, зеро аз лаҳзаи ба даст омадани розигии тарафҳо ба ҳама бандҳои шартнома бас-

ташуда ҳисобида мешавад. дар муқоиса бо он шартномаи хизматрасонии бонкӣ оид ба оид ба пасандоз реалӣ мебошад, зеро он на аз лаҳзаи бастани шартнома, балки аз лаҳзаи ба бонк гузоштани маблағи пасандозкунанда амал мекунад; шартнома оид ба пасандози бонкӣ мақсади нигоҳдорӣ ва зиёдкунии маблағи пасандозро аз ҳисоби фоизҳо доро мебошад. Шартнома оид ба кушодани пасандоз мақсади амалиёт ва хизматрасонии суратҳисоби бонкиро доро мебошад. Ҳама намудҳои шартномаи бонкӣ таснифи умумӣ доранд. Инак, масалан намудҳои зерини суратҳисобҳо ҷудо карда мешавад: ба оъект тақсимшаванда – асъорӣ ё сомонӣ; аз рӯи субъект – суратҳисобҳои ташкилотҳои қарзӣ, соҳибкорони инфиродӣ, шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки чунин суратҳисобҳо дорад – буҷетӣ, ҳисоббаробаркунӣ ва ҷорӣ; аз рӯи мақсади кушодани суратҳисоб ва ҳаҷми амалиёти иҷрошаванда – суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунӣ, барои ҳисоббаробаркунӣ таъсис додан оид ба фаъолияти асосӣ, суратҳисобҳои махсус, ки барои ба амал баровардани амалиётҳои махсус таъин шудааст. Шартномаи дар мавриди кушодани пасандози бонкӣ, дар навбати худ метавонад ин гуна бошад: аз рӯи муҳлати пасандоз муайян шаванда, ки мешаванд муҳлатнок ё бо талаботи аввалин; аз рӯи асъор – метавонад бо як асъор ё бисёр асъор бошад; аз рӯи шахси пасандозро тартибдиҳанда – метавонад ба манфиати пасандозкунанда ё шахси дигар бошад; аз рӯи имконияти пуркунӣ – пуршаванда ё пурнашаванда ҷудо мешаванд.

24.3. Танзими давлатии ташкили ҳисоббаробаркунӣ

Ҳама муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ дар хоҷагии халқ бо принсипи умумӣ барпо карда шудааст, онҳо бо қоидаи ягона ба амал бароварда мешаванд, к ибо қонунгузорӣ ё дигар санади БМТ муқаррар карда мешавад.барои иҷро намудани уҳдадориҳо ба шахсони ҳуқуқӣ ҳисоббаробаркунии дуруст ва саривақтӣ лозим аст.дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ амалисозии бисёр уҳдадориҳо бо муомилоти воситаҳои пулӣ алоқаманд аст, масалан барои маҳсулоти расондашуда, барои пардохти ҳақи меҳнат ва ғ. БМТ мақомоти ҳамоҳангсозанда, танзимкунанда ва иҷозатномадиҳандаи ташкили низоми ҳисоббаробаркунӣ дар ҶТ мебошад. БМТ қоида, шаклҳо, муҳлатҳо ва стандартҳои ба амал баровардани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро муқаррар мекунад.таъмини самаранок ва бетанаффуси амалкунии низоми ҳисоббаробаркунӣ яке аз мақсадҳои фаъолияти БМТ мебошад.

Дар санадҳои меъёри БМТ, ки амалиётҳои ҳисоббаробаркуниро ба танзим медарорад, унсурҳои ташкилӣ ва молумулкиро, ки бевосита ба муомилоти воситаҳои пули корхона ва ташкилот ба воситаи бонк алоқаманд аст, якҷоя мекунад. Шартҳои асосии муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ миёни шахсони ҳуқуқӣ ба ҳолатҳои зерин оварда мерасонад: амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ чун қоида ба воситаи бонкҳои тиҷоратӣ, ки дар он корхонаҳо суратҳисоб ё ҳисоббаробаркунии бонкӣ кушодаанд, ба амал бароварда мешавад; ҳама ҳисоббаробаркуниҳо миёни шахсони ҳуқуқӣ оид ба пардохт, маблағаш аз ҳадди муқаррарнамудаи Ҳукумати ҶТ зиёд аст бо тартиби ғайринақдӣ ба амал бароварда мешавад; шаклҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии БМТ муайян карда мешавад. корхона метавонад тамоми намуди ҳисоббаробаркуниҳои муқарраршударо вобаста ба манфиати худ интихоб намояд. Бонкҳо ҳуқуқ надоранд оид ба шакли ҳисоббаробаркунӣ, ки дар шартномаи тарафҳо пешбинӣ шудааст монеа шавад; аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ аз суратҳисоб дар асоси супориши молики он анҷом дода мешавад; бонк ҳуқуқ надорад самти истифодаи воситаҳои пулии молики суратҳисобро таъин ва назорат кунад ва ё дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқи ӯро дар мавриди тибқи салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ намудани маблағҳои пулӣ, ки дар қонун ё дар шартнома пешбинӣ нашудаанд, муқаррар намояд; пардохтҳо метавонанд пас аз овардани арзишҳои молӣ, иҷрои кор ва хизмат, бо тариқи пешпардохт пешакӣ ба амал бароварда шавад; пардохт дар мавриди суратҳисоб доштани корхона ёбо тартиби муайян намуда аз ҳисоби қарзи бонкӣ ба амал бароварда мешавад; ворид кардани маблағ тибқи чеки инкассашуда ба суратҳисоби соҳиби чек, агар дар шартномаи байни соҳиби чек ва бонк тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, баъди гирифтани пардохт аз пардозанда анҷом дода мешавад; шаклҳои ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ, ки мувофиқи он амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ гузаронда мешавад, БМТ муқаррар мекунад. Корхона ва бонкҳо уҳдадоранд саривақт бо риояи интизоми шартномавӣ ва ҳисоббаробаркунӣ уҳдадориҳои худро ҳисобӣ кунанд.

Ҳисоббаробаркунӣ метавонад бо тартиби ғайринақдӣ ва бо пули нақд ба амал бароварда шавад. Иштирокчии ҳатмии муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунии шакели ғайринақдӣ бонк ё ташкилоти қарзии дигар мебошад. Ҳисоббаробаркунӣ бо пули нақд миёни пардохткунанда ва

қабулкунанда бе иштироки бонк ба амал бароварда мешавад. тарзи ҳисоббаробаркунӣ аз вазъи субъекти муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва асосҳое, к ибо он пардохт ба амал бароварда мешавад, вобаста аст. Ҳисоббаробаркунӣ байни шаҳрвандон ва ҳисоббаробаркунӣ бо иштироки шаҳрвандон, ки бо иҷрои фаъолияти соҳибкории онҳо вобаста намебошад, бо пули нақд бидуни маҳдудияти маблағ ё бо тартиби ғайринақдӣ анҷом дода мешавад.

24.4. Хизматҳои бонкӣ оид ба ҷалби воситаҳои пулӣ

Дар истилоҳоти бонкӣ хизматҳо оид ба ҷалби воситаҳои пулӣ амалиёти ғайрифаъол номида мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо ба амалиёти ғайрифаъол ҷалби воситаҳо дар намуди боқимондаҳои суратҳисоби муштариён низ дохил мешавад, зеро дар натиҷаи бастани шартномаи суратҳисоби бонкӣ дар ташкилоти қарзӣ пассивҳо дар намуди боқимондаҳои суратҳисоби истифоданашудаи муштариён таъсис дода мешавад. Аммо аз фарқият бо шартномаи суратҳисоби бонкӣ мақсади асосии хизмати бонкӣ оид ба ҷалби воситаҳои пулӣ ин на ташкил намудани ҳисоббаробаркунӣ, балки таъсис додани пассивҳои муҳлатнок барои дар оянда ба активҳои даромаднок омехта кардани он мебошад. Аз ин лиҳоз дар амалия пассиви бонкҳо дар намуди бақияи муштариён оид ба суратҳисоби бонкӣ, чун қоида бемузд аст, дар ин маврид оид ба пассивҳои ба муҳлати муайян ҷалбшуда, бонкҳо чун қоида фоиз пардохт мекунанд. Хизматҳо оид ба ҷалби воситаҳои пулии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба пасандозҳо амалиётҳои гурӯҳҳои пассиви васеъ ва барои ташкилотҳои қарзӣ муҳимро дарбар мегирад, ки натиҷааш аз ҷониби ташкилоти қарзӣ гирифтани воситаҳои пулӣ бо шартҳои муҳлатнокӣ, бозгарданда ва музднок мебошад. Амалиётҳои ҳуқуқии бонкӣ оид ба ҷалби воситаҳои пули бо шартномаҳои пасандози бонкӣ ва як қатор шартномаҳои бо паҳнкунии қоғазҳои қимматноки бонк алоқаманд ба расмият дароварда мешавад.

24.5. Хизматҳои бонкӣ оид ба паҳнкунии воситаҳои пулӣ

Хизматҳои бонкӣ оид ба паҳнкунии воситаҳои пулӣ аз ном ва аз ҳисоби худ гурӯҳи муҳимтарини амалиётҳои бонкиро ифода мекунад, фаъол номида мешавад. дар мавриди ба амал баровардани амалиётҳои фаъол бонк аз номи худ ҳамчун молики воситаҳои пулӣ баромад мекунад, новобвста аз он, ки сарчашмаи воситаҳои пулӣ сармояи худи бонк ё воситаҳои ҷалбгардида

(пассивҳо) мебошад. Ефимова Л.Г. чунин меҳисобат, ки «дар мавриди додани қарз аз ҳисоби воситаҳое ки дар суратҳисоб ҷой дорад (аз фарқият бо қарздиҳӣ аз ҳисоби пасандозҳои муҳлатнок) эмиссияи иловагии пулҳои ғайринақдӣ мансуб аст». Ба ин гуфтаҳо розӣ шудан мушкил аст. Агар пули ғайринақдиро ҳамчун ҳуқуқи молумулкӣ, ки талаботи муштариро ба бонк ифода мекунад баррасӣ кунем, пас аз кадом восита қарз дода мешавад умуман фарқ надорад; ҳама ин пассивҳои бонкӣ ба тавозуни ягонаи бонк якҷоя мешавад ва новобаста аз сарчашмаи таъсис додани восита ба активҳои гуногун тақсим мешавад. Ба ғайр аз он танҳо онро эътироф кардан мумкин аст, ки восита оид ба пасандози бонкӣ ба муҳлати муайян паҳн карда шудааст: чи тавре мегӯянд, шахсони воқеӣ (ва шахсони ҳуқуқӣ, агар тартиби дигаре дар шартномаи пасандози бонкӣ) ҳуқуқ доранд пасандози муҳлатнокро дар ҳама вақт то гузаштани муҳлат талаб намояд. Аз ин лиҳоз эмиссияи қарзии бонкро ҳамчун факти иқтисодӣ рад намуда, дар ин мавриди падидаи мазкурро таркиби ҳуқуқии (шартномаи суратҳисоби бонкӣ ё шартномаи пасандози бонкӣ) истифоданамудаи бонк барои таъсис додани пассив, асоснок намудан мумкин нест. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, ҳуқуқи бонк ба воситаи ба пасандоз додашуда ва ба бақияҳои суратҳисоби бонкӣ баробар аст: ин моликияти бон каст.

Ефимова Л.Г. эътироф мекунад, ки бо шартномаи пасандози бонкӣ молики воситаҳои пулӣ бонк мегардад.

Дар ҶТ дар сатҳи дисертатсионӣ танзими ҳуқуқии интизоми ҳисоббаробаркунӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ аз ҷониби Ғафуров А.Д. тадқик шудааст.

БОБИ XXV. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БОЗОРИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИММАТНОК

25.1. Мавқеи бозори қоғазҳои қимматнок дар фаъолияти соҳибкорӣ

25.2. Эмитентҳои қоғазҳои қимматнок.

25.3. Эмиссияи саҳмия ва дигар қоғазҳои қимматнок аз ҷониби ҷамъияти саҳҳомӣ.

25.4. Танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузор дар бозори қоғазҳои қимматнок.

25.5. Иштирокчиёни касбии бозори қоғазҳои қимматнок

25.1. Мавқеи бозори қоғазҳои қимматнок дар фаъолияти соҳибкорӣ

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок» аз 28 июни соли 2011, №745 муносибатҳоеро, ки дар раванди бароришӣ, паҳнкунӣ, гардиш ва пардохти коғазҳои қиматноки эмиссионӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии эмитент, хусусияти таъсисдиҳӣ ва фаъолияти субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок ба вуҷуд меоянд, танзим намуда, тартиби танзим ва назоратро дар бозори коғазҳои қиматнок бо мақсади таъмини амали бехавф, кушода ва самараноки бозори коғазҳои қиматнок, ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон ва дорандагони коғазҳои қиматнок, рақобати боинсофонаи иштирокчиёни бозори коғазҳои қиматнок муайян менамояд. Бозори қоғазҳои қимматнок – ин қисми таркибии бозори ҳама мамлакат мебошад. Таснифи бозори қоғазҳои қимматнок ба таснифи қоғазҳои қимматнок монандиҳои зиёд дорам. Инак, инҳо ҷудо мешаванд ба: 1)бозорҳои қоғази қимматноки байналхалқӣ ва миллӣ; 2)бозорҳои миллӣ ва минтақавӣ; 3) бозори қоғазҳои қимматноки мушаххас; 4)бозори қоғазҳои қимматноки давлатӣ ва корпоративӣ; 5) бозори қоғазҳои қимматноки аввала ва навбатӣ. Бозори аввалияи коғазҳои қиматнок - муносибатҳое, ки дар раванди аз ҷониби эмитент бегонакунии коғазҳои қиматнок ба соҳибони аввал тавассути бастани аҳди граждании ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешаванд. бозори такрории коғазҳои қиматнок – муносибатҳое, ки дар раванди муомилоти коғазҳои қиматноки пештар баровардашуда байни субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок сурат мегиранд, ба истиснои муносибатҳо дар бозори аввалияи коғазҳои қиматнок. Бозори муташаккили коғазҳои қиматнок – доираи гардиши коғазҳои қиматнок, ки дар он аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок бо расмиёт ва шартҳое танзим мешаванд,

ки ташкилкунандаи савдо барои иштирокчиёни ин аҳдҳо мутобиқи қонунгузорӣ муқаррар кардааст. Бозори номуташаккили коғазҳои қиматнок – доираи гардиши коғазҳои қиматнок, ки дар он аҳд бо коғазҳои қиматнок бе риояи талаботи бозори муташаккил амалӣ карда мешавад.

Дар бозори коғазҳои қиматнок намудҳои зерини фаъолияти касбӣ муқаррар карда мешаванд: фаъолияти брокерӣ дар бозори коғазҳои қиматнок ин фаъолият оид ба бастани аҳдҳои гражданию ҳуқуқӣ бо коғазҳои қиматнок бо супориши мизоҷ аз ном ва аз ҳисоби мизоҷ ё аз номи худ ва аз ҳисоби мизоҷ дар асоси шартномаи дахлдор бо мизоҷ эътироф мегардад; фаъолияти дилерӣ дар бозори коғазҳои қиматнок ин бастани аҳдҳои хариду фурӯши коғазҳои қиматнок аз номи худ ва аз ҳисоби худ бо роҳи эълони оммавии нархҳои харид ва ё фурӯши коғазҳои қиматноки муайян бо уҳдадории харид ва ё фурӯши ин коғазҳои қиматнок аз рӯи нархи эълоннамудаи шахсе, ки чунин фаъолиятро амалӣ менамояд, эътироф мегардад; оид ба идораи портфели коғазҳои қиматнок ин фаъолият оид ба идоракунии бовариноки коғазҳои қиматнок эътироф мегардад, ки ба шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби соҳиби ин коғазҳо мутобиқи шартномаи басташуда пешкаш гардидаанд; оид ба муайян кардани уҳдадориҳои тарафҳо (клиринг) аз рӯи амалиёт бо коғазҳои қиматнок (ҷамъоварӣ, муқоиса, таҳрири иттилоот оид ба аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок ва тайёр кардани ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ аз рӯи онҳо) ва ҳисобӣ аз рӯи таъмини коғазҳои қиматнок ва ҳисоббаробаркуниҳо бо онҳо фаъолияти клирингӣ эътироф мегардад; оид ба пешбурди феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок ин фаъолият оид ба ҷамъкунӣ, қайдкунӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва пешниҳод кардани маълумоте эътироф мегардад, ки низоми пешбурди феҳристи соҳибони коғазҳои қиматнокро ташкил медиҳад; фаъолияти маҳфуздорӣ ин хизматрасонӣ оид ба нигоҳдории сертификатҳои коғазҳои қиматнок ва ё баҳисобгирӣ ва гузаштани ҳуқуқ ба коғазҳои қиматнок эътироф карда мешавад; фаъолияти ташкили савдо дар бозори коғазҳои қиматнок ин фаъолияти биржаи фондӣ ва ташкилкунандагони савдои ғайрибиржавӣ оид ба хизматрасоние эътироф карда мешавад, ки ба бастани аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок байни иштирокчиёни савдо мусоидат мерасонад. Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок мақоми идоракунии давлатӣ мебошад, ки сиёсати ягонаи давлатиро дар бозори коғазҳои қиматнок мегузаронад, танзим ва назорати фаъолияти субъектҳои бозори коғазҳои

қиматнокро амалӣ менамояд, ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузоронро таъмин менамояд, инчунин дигар вазифаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд.

25.2. Эмитентҳои қоғазҳои қимматнок

Адабиётҳои гуногунро мутолиа намуда, мафҳумҳои гуногуни эмитентро аз назар гузарондем. Ершова И.В. чунин мафҳум медиҳад: «эмитент — ин субъектест, ки коғазҳои қиматнокро ба муомсилот бароварда аз номи худ уҳдадор мешавад, ки уҳдадориҳоро дар назди соҳибони коғазҳои қиматнок, оид ба амали намудани ҳуқуқҳои дар он дарҷгардида иҷро кунад». Дар адабиётҳои иқтисодӣ чунин мафҳумҳоро во хурдан мумкин аст: «эмитентҳо – ин онҳое мебошанд, ки ба маблағгузории кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати хароҷотҳои ҷорӣ ва сармоявии худ манфиатдор мебошанд ва дар ҳамин ҳолат исбот карда метавонанд, ки ба онҳо ҳамчун ба қарзгиранда, қарздиҳанда ва соҳибкор бовар кардан мумкин аст»; «эмитент ташкилоти тиҷоратие мебошад, ки дар бораи бароориш ва паҳн намудани коғазҳои қиматнок қарор қабул намудааст; «эмитент (англ. issuer) — ташкилоте, ки барои инкишоф ва маблағгузории фаъолияти худ қоғазҳои қимматнок мебарорад; шахси ҳуқуқие, ки таҷҳизоти электронӣ ё дигар воситаҳои махсус (микросхема, чип, барнома ва ғ.) бароварда аст». Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи қоғазҳои қимматнок» шахси ҳуқуқие, ки барооориши коғазҳои қиматнокро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намуда, аз номи худ уҳдадор мешавад, ки уҳдадориҳоро дар назди соҳибони коғазҳои қиматнок, ки аз шартҳои барооориши коғазҳои қиматнок (минбаъд -эмитент) бармеоянд, иҷро мекунад. Эмитент ҳуқуқ надорад қарори барооориши (барооориши иловагии) коғазҳои қиматноки эмиссиониро дар қисмати ҳаҷми ҳуқуқҳо оид ба коғазҳои қиматноки эмиссионӣ, ки бо ин қарор муқаррар карда шудааст, пас аз қайди давлатии барооориши (барооориши иловагии) коғазҳои қиматноки эмиссионӣ тағйир диҳад. Эмитент барои барооориши (барооориши иловагии) коғазҳои қиматноки эмиссионӣ аз лаҳзаи бақайдгирии барооориши коғазҳои қиматнок ва додани рақами бақайдгирии давлатӣ дар мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок ҳуқуқ дорад. Эмитент вазифадор аст дар давоми сӣ рӯзи тақвимӣ пас аз бақайдгирии давлатии (азнавбақайдгирии) шахси ҳуқуқӣ барои бақайдгирӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок тарҳи барооориши коғазҳои қиматнокро

пешниҳод намояд. Коғазҳои қиматноки эмитенти хориҷӣ метавонанд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз бақайдгирии тарҳи бароришикоғазҳои қиматноки эмитенти хориҷӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок паҳн карда шаванд. Коғазҳои қиматноки эмитенти хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд паҳн карда шаванд, агар эмитенти хориҷӣ шартҳои зеринро қонеъ гардонад: эмитент ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дар давлате, ки резиденти он мебошад, ба қайд гирифта шудааст ва мутобиқи қонунгузории давлате, ки дар он ба қайд гирифта шуда, дорои мақоми ҳуқуқии мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷамъияти саҳомии кушода баробар бошад; эмитент бо иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок, ки фаъолияти брокерӣ ва ё дилериро барои муаррифии манфиатҳои он дар бозори коғазҳои қиматноки Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд, шартнома бастааст; эмитент бо иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматноке, ки фаъолияти пешбурди феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнокро амалӣ менамояд, барои баҳисобгирии ҳуқуқҳои соҳибони коғазҳои қиматнок, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коғазҳои қиматноки он пешниҳод шудаанд, шартнома баста бошад. Эмитент вазифадор аст ба мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок тағйиру иловаҳоро ба тарҳи бароришикоғазҳои қиматнок бо маълумоти муфассали нав барои бақайдгирии он дар мӯҳлати на дертар аз панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи бавуҷудоӣ ё ошкор шудани тағйиру иловаҳо дар ҳолатҳои зерин пешниҳод намояд: агар дар маълумоте, ки дар тарҳи бароришдарҷ гардидааст, тағйирот ба вуҷуд ояд; агар маълумоти нави муҳим ба вуҷуд ояд, ки бояд дар тарҳи бароришошкор шавад, агар он то лаҳзаи пешниҳод намудани тарҳи бароришба мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок ҷой дошта бошад; агар тарҳи бароришмаълумотеро дар бар гирад, ки он бардурӯғ бошад, ба иштибоҳ барад ё дар тарҳи бароришоид ба ошкор кардани ахборот камбудиҳо мавҷуд бошанд. Эмитент ҳуқуқ дорад танҳо пас аз бақайдгирии давлатии бароришикоғазҳои қиматноки эмиссионӣ дар мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок ба паҳнкунии коғазҳои қиматнок шурӯъ намояд. Миқдори коғазҳои қиматноки эмиссионии паҳншавандаи набояд аз миқдоре, ки дар тарҳи бароришикоғазҳои қиматнок нишон дода шудааст, зиёд бошад. Эмитент метавонад миқдори камтари коғазҳои қиматноки эмиссионирo нисбат ба миқдори

дар тарҳи бароpиши коғазҳои қиматнок нишондодашуда паҳн кунад. Эмитент вазифадор аст паҳнкунии коғазҳои қиматноки эмиссионии баровардашударо на дертар аз як сол аз рӯзи бақайдгирии (азнавбақайдгирии) давлатии бароpиши (бароpиши иловагии) чунин қоғазҳои қиматнок ба охир расонад. Ба эмитенте, ки коғазҳои қиматнокро паҳн менамояд, истифода бурдани маблағҳое, ки дар рафти фурӯши коғазҳои қиматнок ба даст меоянд, манъ карда мешавад. Маблағҳои пулие, ки дар рафти фурӯши коғазҳои қиматнок ба даст меоянд, то аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок баргузоргардида ё баргузорнагардида эътироф намудани паҳнкунии коғазҳои қиматнок дар ҳисоби бонкии бонки хизматрасон нигоҳ дошта мешаванд. Дар давоми панҷ рӯзи корӣ аз рӯзи тасдиқи ҳисобот дар бораи бароpиши (бароpиши иловагии) коғазҳои қиматнок аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок эмитент вазифадор аст натиҷаҳои бароpиши (бароpиши иловагии) коғазҳои қиматнокро тавассути чоп кардани натиҷаҳои он ошкор намояд. Эмитент бояд ба биржаи фондие, ки листинги коғазҳои қиматноки онро анҷом додааст, нусхаи ҳисоботи солонаро на дертар аз сӣ рӯзи тақвимӣ пас аз тасдиқ гардидани ҳисоботи солона аз ҷониби мақоми ваколатдори эмитент пешниҳод намояд. Эмитенти коғазҳои қиматнок бояд бо нигоҳдорандаи феҳристи коғазҳои қиматнок барои пешбурд ва нигоҳдории феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок шартнома бандад.

25.3. Эмиссияи саҳмия ва дигар қоғазҳои қимматнок аз ҷониби ҷамъияти саҳҳомӣ

Барои фаъолияти бомуваффақияти тамоми ҷамъияти саҳҳомӣ ҷалби сармоя зарур аст. Эмиссияи қоғазҳои қимматнок – яке аз тарзҳои ҷалбионмебошад. Дар ин мавpид вобаста ба мақсади дар назди роҳбарияти ҳар як ҷамъияти саҳҳомӣ ва имконияти ҷамъияти мазкур, эмиссияи қоғазҳои қимматнок имконият медиҳад, ки ҳам ҳаҷм ва ҳам сарчашмаи ҷалби сармояро тағйир диҳем. Қоғази қиматноке саҳмия эътироф карда мешавад, ки ҳуқуқи дорандаи онро (саҳмдорро) барои дар шакли дивиденд гирифтани як қисми фоидаи ҷамъияти саҳҳомӣ, барои иштирок дар идораи корҳои ҷамъияти саҳҳомӣ, инчунин ба қисми молу мулки баъди барҳам додани он боқимонда тасдиқ менамояд. Саҳмия аз ҷониби ҷамъияти саҳомӣ бо бароpиш паҳн карда мешавад; ҳаҷм ва муҳлати ба амалбарории ҳуқуқи баробарро дар

дохили як барориш новобаста аз вақти ба даст овардани қоғази қимматнок доро мебошад. Бароришии саҳмия, дигар қоғазҳои қимматнок- маҷиӯи ин қоғазҳои як ҷамъияти саҳомӣ мебошад, ки ба дорандагони он ҳуқуқи якхеларо таъмин менамояд ва шарти ягонаи (паҳнкунии аввалия) бароришро дорад. Ҳама қоғазҳои қимматноки як барориш бояд як рақами ба қайдгирии давлатӣ дошта бошад. Саҳмия ба ду намуд: саҳмияҳои оддӣ (муқаррарӣ) ва имтиёзнок ҷудо мешавад. Саҳмияи оддӣ ба ҳар як саҳмдори дорои он ҳаҷми баробари ҳуқуқҳоро фароҳам меорад. Саҳмдорон – соҳибони саҳмияҳои оддии ҷаъияти саҳомӣ дорои ин ҳуқуқҳо мебошанд: ба гирифтани суди саҳмияҳо аз фаъолияти ҷамъият; бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гирифтани қисми молу мулки ҷамъияти саҳомӣ, ки баъд аз барҳамдиҳии он бокӣ мондааст; дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳангоми ҳалли ҳамаи масъалаҳое, ки барои овоздиҳӣ пешниҳод мешаванд, бо ҳуқуқи овоздиҳӣ иштирок намоянд; бо тартиби судӣ ҳуқуқҳои худро ҳифз намоянд; оид ба фаъолияти ҷамъият тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоот ба даст оранд. Аз фарқият бо саҳмияҳои оддӣ саҳмияи имтиёзнок ба дорандаи он ҳуқуқи овозро дар Маҷлиси умумии саҳмдорон намедиҳад. Агар тибқи оиннномаи ҷамъияти саҳомӣ имконияти ба саҳмияҳои оддӣ табдил намудани саҳмияҳои муайян пешбинӣ шуда бошад, оиннномаи ҷамъияти саҳомӣ метавонад оид ба саҳмияҳои имтиёзноки намуди муайян ҳуқуқи овоздиҳиро пешбинӣ намояд. Ҷамъияти саҳомӣ ба ғайр аз саҳмия вомбарг ва дигар қоғазҳои қимматнок (вексел, чек, сертификати депозитӣ ва амонатӣ, китоби амонати бонкӣ ба пешниҳодкунанда ва ғ.) муомилоти онҳо бошад бо санадҳои ҳуқуқии мувофиқ муқаррар карда мешавад. Паҳнкунии чунин қоғазҳои қимматнок дар мавриди зарурӣ ба ҷамъият имконият медиҳад, ки захираҳои молиявии муҳими иловагиро захира кунад, ҳисоббаробаркуниро бо кредиторон, молсупорон ва дигар тарафҳо осон кунад. Бароришии вомбаргҳо аз ҷониби ҷамъияти хоҷагидорӣ пас аз пардохти пурраи сармояи оиннномавии он иҷозат дода мешавад. Арзиши номиналии ҳамаи вомбаргҳои ҷамъияти хоҷагидорӣ набояд аз андозаи сармояи оиннномавии он ва ё ҳаҷми таъминоте, ки бо ин мақсадҳо ба ҷамъияти хоҷагидорӣ аз ҷониби шахсони сеюм дода шудааст, зиёд бошад. Ҳангоми набудани таъминоте, ки аз ҷониби шахси сеюм дода шудааст, бароришии вомбаргҳо на пештар аз соли сеюми мавҷудияти ҷамъияти хоҷагидорӣ ва бо шарти ба тариқи муносиб тасдиқ гардидани

ҳисоботи солонаи муҳосибӣ дар ду соли ба охир расидаи молиявӣ иҷозат дода мешавад. Ҳуқуқи соҳибони коғазҳои қиматноки шакли ҳуҷҷатии бароориш бо коғазҳои қиматнок, сертификатҳо ва сабтҳо аз рӯи ҳисоби депо дар маҳфуздорандаҳо (агар сертификатҳо барои нигоҳдорӣ ба маҳфуздоранда супорида шуда бошанд) тасдиқ мегардад. Ҳуқуқи моликият ба коғазҳои қиматноки шакли бароориши ғайриҳуҷҷатӣ дар низоми пешбурди феҳрист - бо сабтҳо дар ҳисобҳои шахсии нигоҳдорандаи феҳрист ё дар ҳолати баҳисобгирии ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматнок дар маҳфуздоранда - бо қайдҳо аз рӯи ҳисоби депо дар маҳфуздоранда тасдиқ карда мешавад. Ҳуқуқ ба коғазҳои қиматноки номии ғайриҳуҷҷатӣ дар ҳолатҳои зерин ба харидор мегузарад: ба ҳисоб гирифтани ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматнок дар низоми пешбурди феҳрист - аз лаҳзаи ворид намудани қайдҳои воридотӣ дар ҳисоби шахсии харидор; ба ҳисоб гирифтани ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматнок ба шахсе, ки фаъолияти маҳфуздорандагиро амалӣ менамояд - аз лаҳзаи ворид намудани қайди воридотӣ аз рӯи ҳисоби депои харидор. Тартиби гузаштани ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Агар бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, дар ин ҳолат маҳфуздоранда ё нигоҳдорандаи феҳрист метавонанд коғазҳои қиматнокро аз ҳисоби як нигоҳдорандаи бақайдгирифташуда ба ҳисоби шахси дигар бо асосҳои зерин интиқол диҳанд: бо супориши шахси бақайдгирифташуда; фармоиши интиқолӣ; бо ҳуҷҷатҳое, ки бастани аҳдро дар биржаи фондӣ тасдиқ менамоянд; бо ҳуҷҷатҳое, ки вориси ҳуқуқиро тасдиқ менамоянд; бо қарори суд. Шахсе, ки пешбурди феҳристи нигоҳдорандагони коғазҳои қиматнокро амалӣ менамояд, вазифадор аст дар бораи гузариши ҳуқуқ ба коғазҳои қиматнок дар феҳрист дар давоми се рӯзи бонкӣ аз лаҳзаи гирифтани ҳуҷҷатҳо қайди дахлдор кунад ё раддияи асоснокро ба қайди дахлдор пешкаш намояд. Дар ҳолатҳое, ки агар маълумот дар бораи ҷой доштани бавуҷудоӣ, гузариш (супоридан), тағйир ёфтан, гаронӣ ва қатъ гардидани ҳуқуқ ба коғазҳои қиматнок ба шахси баҳисобгирандаи ҳуқуқ ба коғазҳои қиматнок дар лаҳзаи пӯшида шудани феҳрист барои иҷрои уҳдадориҳои эмитент, ки таркиби коғазҳои қиматнокро (овоздиҳӣ, гирифтани суди саҳмия ва ғайраҳо) дар бар мегирад, хабар дода нашудааст, иҷрои уҳдадориҳо нисбат ба шахси бақайдгирифташуда муносиб эътироф мегардад. Масъулият барои сари вақт расонидани чунин

огоҳисозӣ ба уҳдаи харидори коғазҳои қиматнок вогузор мешавад. Маълумот дар бораи соҳибони коғазҳои қиматнок, миқдори ба онҳо тааллуқдоштаи коғазҳои қиматнок ва дар бораи амалиёт бо онҳо махфӣ мебошад, ба истиснои маълумот дар бораи соҳибони бастаи калони саҳмияҳои ҷамъиятҳои саҳомии кушода, ки мувофиқи Қонун ошкор карда мешавад. Маълумоти мазкур метавонад ба инҳо дода шавад: ба соҳибони коғазҳои қиматнок ва намояндагони қонунии онҳо; ба мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок; ба шахсони дигар дар асоси санади судӣ, ки қувваи қонунӣ пайдо кардааст. Аҳдҳо оид ба хариду фурӯши коғазҳои қиматноки ҷамъиятҳои саҳомӣ дар бозори муташаккил ва номуташаккил баста мешаванд. Аҳдҳо дар бозори муташаккили коғазҳои қиматнок аз ҷониби иштирокчиёни касбӣ бо роҳи хариду фурӯши коғазҳои қиматнок аз номи худ ё аз номи муштарӣ, аз ҳисоби худ ё аз ҳисоби муштарӣ баста мешаванд. Аҳдҳо дар бозори номуташаккили коғазҳои қиматнок метавонанд ҳам аз ҷониби худи сармоягузорон ва ҳам бо истифодаи хизмати иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок баста шаванд. Ваколатҳои иштирокчии касбӣ дар бастани аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок бо бастани шартнома бо муштариёне, ки шартҳои барои бастан ва иҷрои аҳдҳо зарурро муайян мекунанд, тасдиқ мегарданд. Расмиёти бастани аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок ва сабти онҳо бо қоидаҳои ташкилоти дар бозори муташаккили коғазҳои қиматнок амалкунанда муайян карда мешавад.

25.4. Танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузор дар бозори қоғазҳои қимматнок

Вазъи ҳуқуқии сармоягузор вобаста аз моҳияти хусусӣ-ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Сармоягузорӣ яке аз намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкормебошад, ки аз номи худ ва бо таваккали худ ба амал бароварда мешавад. Субъекти фаъолияти сармоягузорӣ метавонад ҳам шахси воқеӣ ва ҳам шахси ҳуқуқӣ боша два мутаносибан вазъи ҳуқуқии онҳо бо қонунгузории соҳибкорӣ муайян карда мешавад. Субъектоне, ки маблағгузор ҳастанд дар санадҳои ҳуқуқӣ ва адабиётҳо номҳои гуногун доранд: саҳмгузор, қарздиҳанда, саҳмдор, сармоягузор ва ғ. Факти сармоягузор шудани субъектро вақте, ки он сармояро ҳамчун воситаи ба даст овардани фоида ба истеҳсолот мегузорад ва онро интизор мешавад ҳама мутахассисон эътироф мекунанд. Қонуни ҶТ «Дар бораи бозори қоғазҳои қимматнок» мафҳумҳои зерини сармоягузорӣ пешбинӣ шудааст: сармоягузор – шахси воқеӣ ва

ҳуқуқие, ки маблағгузориро ба коғазҳои қиматнок анҷом медиҳад; сармоягузори институтсионалӣ - шахси ҳуқуқие, ки маблағҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро бо мақсади сармоягузорӣ ба дороиҳои сармоявӣ ҷалб менамояд; сармоягузори инфиродӣ - сармоягузоре, ки сармоягузори институтсионалӣ намебошад; Дар асоси моддаи 26 Қонуни ҶТ «Дар бораи бозори қоғазҳои қимматнок» барои ҳимояи манфиати сармоягузорон чораҳои иловагӣ пешбинӣ шудааст. Агар дар давраи гузаронидани фурӯши озоди коғазҳои қиматнок эмитент ба маълумот дар бораи барориши коғазҳои қиматнок, ки дар тарҳи барориши коғазҳои қиматнок нишон дода шудааст, ислоҳот дарорад, шахсоне, ки ба коғазҳои қиматнок обуна шудаанд ё онҳоро харидаанд, метавонанд дар давоми понздаҳ рӯзи баъди нашри маълумоти нав шартномаро бекор намоянд, агар онҳо чунин шуморанд, ки ин ислоҳот метавонад ба қурби (арзиши) коғазҳои қиматнок таъсири номусоид расонанд. Дар сурати шартномаро бекор кардани харидор эмитент барои талофӣ намудани хароҷоту зиёнҳои сармоягузорон, ки ба обунашавӣ ва харидории коғазҳои қиматнок алоқаманданд, масъул мебошад. Агар ахбори аввал нашргардидаи тарҳи барориши коғазҳои қиматнок, ки минбаъд ба он тағйирот ворид шудааст, аз тарафи иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок тасдиқ шуда бошад, ин иштирокчӣ якҷоя бо эмитент дар назди сармоягузорон масъул мебошад. Агар маблағи воқеии обунашавӣ ё харидории коғазҳои қиматнок аз маблағе, ки онро эмитент дар тарҳи барориши коғазҳои қиматнок эълон карда буд, кам бошад, шахсоне, ки ба коғазҳои қиматнок обуна шудаанд ё онҳоро харидорӣ намудаанд, дар мӯҳлати понздаҳ рӯзи баъди ба итмом расидани мӯҳлати обунашавӣ метавонанд шартномаро бекор кунанд. Эмитент бошад, дар ин ҳолат вазифадор аст ба сармоягузорон пулҳои гирифтаашро бе уҳдадории пардохти фоизҳо ва талофии хароҷот ё зиёнҳои эҳтимолӣ баргардонад. Дар мавриди аз маблағи дар тарҳи барориши коғазҳои қиматнок эълонгардида зиёд будани маблағи обуна эмитент вазифадор аст ба обуначиён пулҳоро ба миқдоре баргардонад, ки аз андозаи барориши эълонгардида зиёд мебошад. Тартиби баргардонидани маблағҳо дар маълумот дар бораи барориши коғазҳои қиматнок тавсиф мегардад.

Сармоягузор дар бозори қоғазҳои қимматнок қоғазҳои қимматнокро ба мақсади ба даст овардани фоида ё баланд бардоштани арзиши қоғазҳои қимматнок, ё ба даст овардани ҳуқуқе,

ки мувофиқи қонун бо қоғазҳои қимматнок мегузарад, аз ном ва аз ҳисоби худ ба даст меоранд.

25.5. Иштирокчиёни бозориқоғазҳои қимматнок

Дар бозори коғазҳои қиматнок намудҳои зерини фаъолияти касбӣ муқаррар карда мешаванд: фаъолияти брокерӣ дар бозори коғазҳои қиматнок; фаъолияти дилерӣ дар бозори коғазҳои қиматнок; оид ба идораи портфели коғазҳои қиматнок; оид ба муайян кардани уҳдадориҳои тарафҳо (клиринг) аз рӯи амалиёт бо коғазҳои қиматнок; оид ба пешбурди феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок; фаъолияти маҳфуздорӣ; фаъолияти ташкили савдо дар бозори коғазҳои қиматнок. Иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок шахсони ҳуқуқие буда метавонанд, ки танҳо бо фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок машғул мебошанд. Иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» амалӣ карда мешавад. Шахси ҳуқуқие, ки дар фонди оинномавии он ҳиссаи ягон иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок аз панҷ фоиз зиёд аст ё ҳиссаи шахси ҳуқуқӣ, ки ширкаткунандаи он иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок мебошад, аз даҳ фоиз зиёд аст, барои ҳуқуқи пешбурди фаъолияти касбӣ бо коғазҳои қиматнок ҳамчун иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок иҷозатнома гирифта наметавонад. Иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок наметавонад аз дигар иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок моликиятро ба андозаи беш аз панҷ фоизи фонди оинномавӣ харидорӣ намояд. Иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок наметавонад бо инҳо савдо кунад: коғазҳои қиматноки манзурии барориши худ; саҳмияҳои он эмитенте, ки ӯ соҳиби беш аз панҷ фоизи фонди оинномавии он мебошад. Маълумоти дар моддаи мазкур ифодагардида наметавонад ҳамчун сирри тиҷоратии иштирокчиёни аҳдҳо эътироф гардад. Иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок бояд ба талаботи зерин мутобиқат намояд: доштани воситаҳои барномавию техникӣ ва таҷҳизоти дигар, ки барои амалӣ намудани фаъолият дар бозори коғазҳои қиматнок заруранд; ҳуҷҷатҳои дохилии иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок, ташкилотҳои худтанзимкунанда, ки шарт ва тартиби амалӣ намудани фаъолиятро дар бозори коғазҳои қиматнок муқаррар менамоянд, бояд ба талаботи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок мувофиқат

намоянд; риояи дигар талаботи пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кормандони иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок, ки дар амалӣ намудани фаъолияти касбӣ бевосита иштирок менамоянд, вазифадоранд ба талаботи тахассусии муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок мувофиқ бошанд. Тартиби гузаронидани аттестатсияи кормандони иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок ва додани шаҳодатномаи тахассусиро мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок муқаррар менамояд. Шаҳодатномаи тахассусӣ ба мӯҳлати амали иҷозатномаи иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок дода мешавад. Фаъолияти брокерӣ ин фаъолият оид ба бастани аҳдҳои гражданию ҳуқуқӣ бо коғазҳои қиматнок бо супориши мизоҷ аз ном ва аз ҳисоби мизоҷ ё аз номи худ ва аз ҳисоби мизоҷ дар асоси шартномаи дахлдор бо мизоҷ эътироф мегардад. Иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок, ки фаъолияти брокериро амалӣ менамояд, брокер ном бурда мешавад. Брокер вазифадор аст коғазҳои қиматнок, маблағҳои мизоҷон ва амалиётро бо онҳо мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирад. Пул ва коғазҳои қиматноки мизоҷ алоҳида аз дороиҳои шахсии брокер ба ҳисоб гирифта мешаванд ва дар ҳолати муфлисшавӣ ё барҳамдиҳии ихтиёрии брокер ба тавозуни барҳамдиҳӣ дохил карда намешаванд. Брокер баҳисобгирии ҳуқуқ ба коғазҳои қиматноки мизоҷони худро дар маҳфуздоранда, нигоҳдории пулҳои мизоҷро дар ҳисоби (ҳисобҳои) алоҳида дар бонкҳои тиҷоратӣ, ки брокер ё маҳфуздорандаи брокер мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодааст, таъмин менамояд. Дороиҳои мизоҷони брокер, ки дар маҳфуздоранда ё дар бонкҳои тиҷоратӣ ҷойгир мебошанд, наметавонанд аз рӯи уҳдадориҳои брокер ситонида шаванд. Аз ҷониби брокер бе супориши хаттии мизоҷ аз номи мизоҷ харидан ё фурӯхтани коғазҳои қиматнок ё ба шахси дигар додани коғазҳои қиматноке, ки ба мизоҷ мансубанд, манъ аст. Брокер вазифадор аст супоришҳоеро, ки ӯ ё шахси ваколатдори вай аз мизоҷон мегирад, бо нишон додани номи ҳар як мизоҷи супоришдода, тафсилоти супориш ва вақти воридшавии он ҳаррӯза ба ҳисоб гирад. Брокер вазифадор аст ба мизоҷон ошкорсозии иттилоотро дар бораи коғазҳои қиматноке, ки мавзӯи аҳдҳо мебошанд, мутобиқи талаботи Қонуни мазкур таъмин намояд. Брокер вазифадор аст супоришҳои мизоҷонро барои харид, фурӯш ва ивази коғазҳои қиматнок бо тартибе, ки супориш ворид

мешавад, иҷро намояд ва вазифадор аст ба супориши мизоҷ нисбат ба супоришҳои шахсии брокер ё шахси бонуфуз ё шахси ба брокер алоқаманд доир ба амалиёт бо коғазҳои қиматнок афзалият диҳад. Брокер вазифадор аст супориши мизоҷро бечунучаро иҷро намояд, агар иҷрои супориш бар хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон набошад. Дар ин ҳолат брокер вазифадор аст ба мизоҷ хабар расонад, ки вай ҳуқуқ надорад супориши ӯро иҷро намояд. Брокер ҳуқуқ надорад бо коғазҳои қиматноке, ки эмитенти он худи ӯ мебошад, аҳдҳо бандад. Фаъолияти дилерӣ ин бастани аҳдҳои хариду фурӯши коғазҳои қиматнок аз номи худ ва аз ҳисоби худ бо роҳи эълони оммавии нархҳои харид ва ё фурӯши коғазҳои қиматноки муайян бо уҳдадории харид ва ё фурӯши ин коғазҳои қиматнок аз рӯи нархи эълоннамудаи шахсе, ки чунин фаъолиятро амалӣ менамояд, эътироф мегардад. Иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматноке, ки фаъолияти дилериро амалӣ менамояд, дилер ном бурда мешавад. Ба ғайр аз нарх дилер ҳуқуқ дорад дигар шартҳои муҳими шартномаи хариду фурӯши коғазҳои қиматнокро эълон намояд: миқдори камтарин ва зиёдтарини коғазҳои қиматноки харидашаванда ва ё фурӯхташаванда; инчунин мӯҳлате, ки дар давоми он нархҳои эълоншуда амал мекунанд. Ҳангоми дар эълон набудани ишора ба дигар шартҳои муҳим дилер вазифадор аст тибқи шартҳои муҳими аз ҷониби мизоҷ пешниҳодшуда шартнома бандад. Дар ҳолати саркашӣ кардани дилер аз бастани шартнома нисбат ба он мумкин аст дар бораи бастани маҷбурии чунин шартнома ва ё дар бораи ҷуброни зарари ба мизоҷ расонидашуда даъво карда шавад. Дилер ҳуқуқ надорад бо коғазҳои қиматноке, ки эмитенти он худи ӯ мебошад, аҳдҳо бандад. Фаъолият оид ба идоракунии портфели коғазҳои қиматнок ин фаъолият оид ба идоракунии бовариноки коғазҳои қиматнок эътироф мегардад, ки ба шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби соҳиби ин коғазҳо мутобиқи шартномаи басташуда пешкаш гардидаанд. Иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок, ки фаъолияти идоракунии портфели коғазҳои қиматнокро амалӣ менамояд, идоракунанда номида мешавад. Фаъолият оид ба идоракунии портфели коғазҳои қиматнок аз ҷониби идоракунанда бо мақсади гирифтани фоида ба манфиати мизоҷи идоракунанда бар ивази мукофотпулӣ амалӣ карда мешавад. Идоракунанда соҳиби дороиҳои мизоҷ намебошад. Молу мулки идоракунанда бояд аз молу мулки мизоҷони идоракунанда ҷудо карда шавад. Ситонидани дороиҳои инвеститсионии мизоҷони ширкати идоракунанда аз

рӯи уҳдадориҳои ширкати идоракунанда манъ аст. Тартиби амалӣ намудани фаъолият оид ба идоракунии портфели коғазҳои қиматнок, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои идоракунанда бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок муайян карда мешаванд. Фаъолият оид ба муайян намудани уҳдадориҳои тарафҳо (ҷамъоварӣ, муқоиса, таҳрири иттилоот оид ба аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок ва тайёр кардани ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ аз рӯи онҳо) ва ҳисобӣ аз рӯи таъмини коғазҳои қиматнок ва ҳисоббаробаркуниҳо бо онҳо фаъолияти клирингӣ эътироф мегардад. Иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок, ки фаъолияти клирингиро амалӣ менамояд, ташкилоти клирингӣ номида мешавад. Ташкилотҳое, ки клирингро бо коғазҳои қиматнок амалӣ менамоянд, бинобар сабаби ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи амалиёт бо коғазҳои қиматнок ҳуҷҷатҳои муҳосибиро, ки ҳангоми муайян намудани уҳдадориҳои тарафҳо дар асоси шартномаҳо бо иштирокчиёни бозори коғазҳои қиматнок омода карда шуданд, ки барои онҳо ҳисоббаробаркунӣ гузаронида мешавад, барои иҷро қабул мекунанд. Ташкилоти клирингӣ вазифадор аст қоидаҳои амалӣ намудани фаъолияти клирингиро тасдиқ кунад. Талабот нисбат ба ташкилотҳои клирингӣ, инчунин қоидаҳои амалӣ намудани клиринг бо коғазҳои қиматнок аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок муқаррар карда мешаванд. Қоидаҳои амалӣ намудани клиринг бо коғазҳои қиматнок, инчунин тағйиру иловаҳо ба онҳо бояд бо мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок мувофиқа карда шаванд. Ташкилоти клирингӣ, ки ҳисоббаробаркуниро аз рӯи аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок амалӣ менамояд, вазифадор аст барои паст кардани хавфҳои иҷро накардани аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок фондҳои махсус таъсис диҳад. Андозаи камтарини фондҳои махсуси ташкилоти клирингиро мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок муқаррар менамояд. Фаъолият оид ба пешбурди феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок ин фаъолият оид ба ҷамъкунӣ, қайдкунӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва пешниҳод кардани маълумоте эътироф мегардад, ки низоми пешбурди феҳристи соҳибони коғазҳои қиматнокро ташкил медиҳад. Иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок, ки фаъолиятро оид ба пешбурди феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок амалӣ менамояд, дорандаи феҳрист номида мешавад. Эмитенти

коғазҳои қиматнок бояд бо нигоҳдорандаи феҳристи коғазҳои қиматнок барои пешбурд ва нигоҳдории феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок шартнома бандад. Дар ҳолатҳои истисноӣ мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок барои пешбурди феҳристи саҳмдорони ҷамъиятҳои саҳомӣ, ки дар онҳо ҳиссаи давлат мавҷуд аст ва аз рӯи хусусияти фаъолияти худ объектҳои махсусан муҳим ба ҳисоб мераванд, ҳуқуқ дорад. Ҷамъияти саҳомии пӯшида ҳуқуқ дорад пешбурд ва нигоҳдории феҳристи саҳмдоронро мустақилона таъмин намояд ё пешбурд ва нигоҳдории онро ба нигоҳдорандаи феҳрист супорад. Феҳристи дорандагони коғазҳои қиматноки як эмитент бояд аз ҷониби як нигоҳдорандаи феҳрист пеш бурда шавад. Нигоҳдорандаи феҳрист метавонад феҳристҳои соҳибони коғазҳои қиматноки шумораи номаҳдуди эмитентҳоро пеш барад. Тартиби пешбурди феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок, супоридани феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои дигари вобаста ба пешбурди феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок муқаррар карда мешавад. Нигоҳдорандаи феҳрист вазифадор аст бо талаби дорандаи коғазҳои қиматнок иқтибосро аз феҳрист, ки дорои маълумот дар бораи соҳиби ҳисоби шахсӣ, миқдори коғазҳои қиматноки мансуб ба ҳамин дорандаи талабкунанда, далелҳои гаронии онҳо бо уҳдадориҳо, инчунин иттилооти дигари марбут ба ин коғазҳои қиматнок мебошад, пешниҳод намояд. Иқтибос аз низоми пешбурди феҳрист, ки ҳангоми гузариши ҳуқуқ ба коғазҳои қиматнок ба расмият дароварда шудаанд, ба соҳибони онҳо ройгон дода мешавад. Дар ҳолати қатъ кардани амали шартнома аз рӯи нигоҳдории низоми пешбурди феҳрист байни эмитент ва нигоҳдорандаи феҳрист, нигоҳдорандаи феҳрист иттилоотро, ки аз эмитент гирифтааст, ҳамаи маълумот ва ҳуҷҷатҳоеро, ки низоми пешбурди феҳристро ташкил медиҳанд, инчунин феҳристеро, ки дар санаи қатъ кардани амали шартнома таҳия гардидааст, ба дигар нигоҳдорандаи феҳристи нишондодаи эмитент месупорад. Нигоҳдорандаи феҳрист, инчунин кормандони он, муассисон набояд шахси бонуфузи эмитент, шахси мансабдори он ва иштирокчии эмитент бошанд, ки мустақилона ё якҷоя бо шахсони бонуфуз соҳиби панҷ фоиз ва зиёда аз он саҳмияҳои эмитенти мазкурро соҳибӣ менамоянд. Нигоҳдорандаи феҳрист ҳуқуқ надорад дар ихтиёри худ коғазҳои қиматноки эмитентеро, ки феҳристи нигоҳдории коғазҳои қиматноки онро пеш мебарад,

дошта бошад. Раддияи беасоси нигоҳдорандаи феҳрист дар бораи ворид намудани қайдҳо ба феҳрист ё саркашӣ кардан аз чунин қайдҳо боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Нигоҳдорандаи феҳрист барои зарараре, ки бинобар сабаби ғайриимкон гардидани амалисозии ҳуқуқҳои қонунии мизоҷ дар натиҷаи аз ҷониби нигоҳдорандаи феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок вайрон кардани тартиби пешбурди феҳрист дар назди мизоҷ масъул мебошад. Нигоҳдорандаи феҳрист барои аз ҷониби эмитент пешниҳод шудани маълумоти носаҳеҳ бо мақсади таҳия ва пешбурди феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок ҷавобгар намебошад. Маълумот дар бораи амалиёт бо коғазҳои қиматнок, ҳисобҳо, миқдори коғазҳои қиматноки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар феҳристи соҳибони коғазҳои қиматнок ифода ёфтаанд, махфӣ мебошад. Иттилооти мазкур ба инҳо дода мешавад: соҳибони коғазҳои қиматнок ва намояндагони қонунии онҳо; мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок; шахсони дигар дар асоси қарори суд, ки мавриди амал қарор гирифтааст. Фаъолияти маҳфуздорӣ ин хизматрасонӣ оид ба нигоҳдории сертификатҳои коғазҳои қиматнок ва ё баҳисобгирӣ ва гузаштани ҳуқуқ ба коғазҳои қиматнок эътироф карда мешавад. Иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок, ки фаъолияти маҳфуздориро амалӣ менамояд, маҳфуздоранда номида мешавад. Шахсе, ки аз хизматрасонии маҳфуздоранда барои нигоҳдории коғазҳои қиматнок ва ё баҳисобгирии ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматнок истифода мебарад, депонент номида мешавад. Шартномаи байни маҳфуздоранда ва депонент, ки муносибатҳои онҳоро дар раванди фаъолияти маҳфуздорӣ танзим менамояд, шартномаи маҳфуздорӣ номида мешавад. Шартномаи маҳфуздорӣ бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Маҳфуздоранда вазифадор аст шартҳои амалӣ кардани фаъолияти маҳфуздориро, ки қисми таркибии ҷудонашавандаи шартномаи маҳфуздории басташуда мебошанд, тасдиқ намояд. Бастани шартномаи маҳфуздорӣ боиси гузаштани ҳуқуқи соҳибият ба коғазҳои қиматноки депонент намегардад. Маҳфуздоранда ҳуқуқ надорад коғазҳои қиматноки депонентро ихтиёрдорӣ кунад, онҳоро идора намояд ё аз номи депонент ҳама гуна амалиётро бо коғазҳои қиматнок, ба ғайр аз супориши депонент дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартномаи маҳфуздорӣ иҷро намояд. Маҳфуздоранда барои таъмини амнияти сертификатҳои коғазҳои қиматноки дар ӯ маҳфуздошта масъулияти гражданию ҳуқуқӣ дорад. Ба

коғазҳои қиматноки депонентҳо наметавонад аз рӯи уҳдадориҳои маҳфуздоранда ҷарима баста шавад. Маҳфуздоранда ҳуқуқ дорад маблағҳои пулии депонентҳоро, ки барои маблағгузории коғазҳои қиматнок пешбинӣ гардидаанд, маблағҳои пулие, ки аз фурӯши коғазҳои қиматнок ба даст омадаанд, инчунин маблағҳои пулиеро, ки дар шакли даромад аз рӯи коғазҳои қиматноки дар маҳфуздоранда нигоҳдоришавандаи депонент ба даст омадаанд, нигоҳ дорад ва ба ҳисоб гирад. Маҳфуздоранда маблағҳои пулиро дар ҳисоби (ҳисобҳои) бонкии алоҳида, ки маҳфуздоранда дар бонкҳои тиҷоратӣ мекушояд, нигоҳ медорад. Маҳфуздоранда ҳуқуқ дорад дар феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок ҳамчун дорандаи номиналии коғазҳои қиматнок ба қайд гирифта шавад. Маҳфуздоранда барои иҷро накардан ё ба таври номуносиб иҷро кардани уҳдадориҳои худ аз рӯи баҳисобгирии ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматнок, аз ҷумла барои пуррагӣ ва дурустии қайдҳо аз рӯи ҳисобҳои депо масъул мебошад. Фаъолият оид ба ташкили савдо дар бозори коғазҳои қиматнок ин фаъолияти биржаи фондӣ ва ташкилкунандагони савдои ғайрибиржавӣ оид ба хизматрасоние эътироф карда мешавад, ки ба бастани аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок байни иштирокчиёни савдо мусоидат мерасонад. Биржаи фондӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқие, ки иҷозатномаи иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнокро доранд, таъсис дода шуда, фаъолияти худро дар шакли ташкилию ҳуқуқии ҷамъияти саҳомӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Биржаи фондӣ вазифадор аст ҳуҷҷатҳои зерини дохилиро тасдиқ намояд: қоидаҳои савдои коғазҳои қиматнок; қоидаҳои листинги коғазҳои қиматнок; маблағ ва тартиби пардохти боҷ, аъзоҳаққиҳо ва пардохтҳои дигаре, ки биржаи фондӣ меситонад; қоидаҳое, ки фаъолияти иштирокчиёни савдоро барои қаллобии нархҳо маҳдуд месозад; тартиби ошкорсозии ахборот аз ҷониби биржаи фондӣ. Қоидаҳои савдои коғазҳои қиматнок бояд инҳоро дар бар гиранд: тартиби бастани аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок тавассути низоми савдо ва шартҳои гузаронидани савдо; талаботе, ки нисбат ба иштирокчиёни савдо, тартиби роҳ додан барои иштирок дар савдо ва хориҷ намудан аз ҳайати иштирокчиёни савдо пешниҳод мешаванд; тартиби роҳ додани коғазҳои қиматнок ба савдо; тартиби боздоштан ва идомаи савдо; тартиби иҷрои аҳдҳое, ки дар биржаи фондӣ баста шудаанд; тартиби баррасии баҳсҳо байни иштирокчиёни савдо, инчунин байни иштирокчиёни савдо ва биржаи фондӣ. Қоидаҳои савдои коғазҳои қиматнок,

инчунин тағйиру иловаҳо ба онҳо бояд ҳатман бо мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок мувофиқа карда шуда, пас аз он мавриди амал қарор дода мешаванд. Биржаи фондӣ вазифадор аст қоидаҳои савдои коғазҳои қиматнок, рӯйхати коғазҳои қиматнокеро, ки ба листинги биржаи фондӣ ворид карда шудаанд, маълумот дар бораи аҳдҳо бо онҳо (ба ғайр аз маълумот дар бораи иштирокчиёни аҳдҳо) ва нишондиҳандаҳои биржавиро барои шиносшавӣ ба ҳар шахси манфиатдор пешниҳод намояд. Биржаи фондӣ ҳуқуқ дорад андоза ва тартиби аз иштирокчиёни савдо ситонидани аъзоҳаққӣ, боҷҳо ва пардохтҳои дигарро барои хизматрасониҳои худ муайян кунад. Биржаи фондӣ бояд аз рӯи бастани аҳдҳо дар биржаи фондӣ бо мақсадҳои ошкорсозии ҳолатҳои истифодабарии иттилооти хизматӣ, қаллобии нархҳо ва риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи коғазҳои қиматнок ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок аз ҷониби иштирокчиёни савдо ва эмитентҳое, ки коғазҳои қиматноки онҳо ба рӯйхати нархгузорӣ дохил шудаанд, назорати доимӣ барад. Иштирокчиёни савдо вазифадоранд ба биржаи фондӣ тибқи талабаш маълумоти ба он барои назорат зарурро мувофиқи қоидаҳои гузаронидани савдо дар биржаи фондӣ пешниҳод намоянд. Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок ҳуқуқ дорад нозирони биржавиро, ки барои назорат бурдан ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби биржаи фондӣ ваколатдор мебошанд, таъин намояд. Биржаи фондӣ ҳуқуқ надорад фаъолияти ташкили савдои коғазҳои қиматнокро бо дигар намудҳои фаъолият омехта намояд. Ифодаи «Биржаи фондӣ» ё ифодае, ки дар он ибораи «Биржаи фондӣ» мавҷуд аст ё ибораи ба он монандро дар номгӯи ширкати худ ё барои мақсадҳои корӣ ё рекламаи оддӣ танҳо ҳамон ташкилоте истифода бурда метавонад, ки бо тартиби муайяннамудаи қисми 2 моддаи мазкур таъсис гардида бошад. Талаботи иловагӣ нисбат ба иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматноке, ки фаъолияти ташкили савдоро дар бозори коғазҳои қиматнок ва фаъолияти маҳфуздориро дар бозори коғазҳои қиматнок амалӣ менамоянд, инҳоро дар бар мегиранд: мавҷуд будани қоидаҳои амалиётӣ ва иқтидорҳои техникии дахлдор барои таъмини иттилоотрасонӣ дар бораи амалиётҳои гузаронидашуда дар реҷаи вақти воқеӣ; чорабиниҳои кофӣ барои таъмини назорат ба фаъолияти иштирокчиён ва субъектҳои бақайдгирифташуда дар раванди савдо, инчунин

чораҳое, ки иҷрои талаботи биржаи фондиро аз ҷониби онҳо таъмин менамоянд; ҳуҷҷатҳои дохилӣ, ки талабот ва ваколатҳои дахлдореро муайян месозанд, ки барои амалӣ сохтани назорат дар бозори коғазҳои қиматнок бо мақсади пешгирии амалҳои қаллобӣ ва амалӣ сохтани мониторинг бо риояи қоидаҳои дахлдори амалиётии иштирокчиёни бозори коғазҳои қиматнок кофӣ мебошанд; талаботи дигар, ки мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок муқаррар кардааст. Фаъолият оид ба пешбурди феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок фаъолияти истисноӣ буда, наметавонад бо дигар намудҳои фаъолияти касбии бозори коғазҳои қиматнок якҷоя карда шавад. Маҳдудияти омехта намудани намудҳои фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок ва аҳдҳо бо коғазҳои қиматнок аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок муқаррар карда мешавад. Дар ҳолати аз ҷониби як шахси ҳуқуқӣ омехта кардани якчанд намуди фаъолияти касбӣ, барои амалӣ намудани ҳар кадоми онҳо шахси ҳуқуқии мазкур бояд иҷозатномаи дахлдор ва воҳиди сохтории алоҳида дошта бошад. Дорандаи номиналӣ метавонад ҳуқуқҳои зерини молумулкиро амалӣ намояд: хариду фурӯши (иваз намудани) коғазҳои қиматнок; аз номи мизоҷ гирифтани даромад аз рӯи коғазҳои қиматнок, агар ин дар шартнома пешбинӣ шуда бошад. Ба ҳайси дорандаи номиналии коғазҳои қиматнок маҳфуздоранда ва брокер метавонанд баромад кунанд. Иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок, ки маҳфуздоранда намебошад, наметавонад ҳамчун дорандаи номиналии коғазҳои қиматнок ба манфиати дигар дорандаи номиналӣ баромад кунад. Супоридани коғазҳои қиматнок ба дорандаи номиналӣ боиси гузаштани ҳуқуқи моликият ба коғазҳои қиматнок ба дорандаи номиналӣ намегардад. Дорандаи номиналӣ уҳдадор аст: аҳдҳоро бо коғазҳои қиматнок бо супориши шахс (ё намояндаи он), ки ба манфиати он ӯ дорандаи номиналии коғазҳои қиматнок мебошад ва мутобиқи шартномае, ки бо ин шахс баста шудааст, амалӣ намояд; коғазҳои қиматнокеро, ки ӯ ба манфиати шахси дигар дар ҳисобҳои ҷудогонаи берун аз тавозун дорад, ба ҳисоб гирад; бо талаби шахс (ё намояндаи вай), ки ӯ ба манфиати вай дорандаи номиналии коғазҳои қиматнок мебошад, коғазҳои қиматнокро ба ҳисоби шахсии он дар феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок ё ба ҳисоби депо дар маҳфуздоранда диҳад; маълумотро дар бораи соҳибони коғазҳои қиматнок бо талаби нигоҳдорандаи феҳрист, маҳфуздоранда, мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба

танзими бозори коғазҳои қиматнок дар мӯҳлати муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор созад; на дертар аз се рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани пардохтҳо аз рӯи ин коғазҳои қиматнок дар ин бора шахсеро, ки ба манфиати ӯ дорандаи номиналии коғазҳои қиматнок мебошад, огоҳ намояд ва маблағи аз ин коғазҳои қиматнок бадастомадаро ба суратҳисоби шахси мазкур дар давоми се рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани супориши дахлдори вай гузаронад. Ба ҳайси андеррайтер танҳо брокер ва дилер баромад карда метавонанд. Паҳнкунӣ ва рекламаи коғазҳои қиматнок аз ҷониби андеррайтер наметавонад то бақайдгирии тарҳи барориши коғазҳои қиматнок дар мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок ба ҷо оварда шаванд. Андеррайтер вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:

1) омода кардани эмиссияи оммавии коғазҳои қиматнок: эълони оммавӣ дар бораи нияти эмитент ҷиҳати гузаронидани эмиссияи оммавии коғазҳои қиматнок; якҷоя бо эмитент таҳия намудани ҳуҷҷатҳо ва муайян кардани шартҳои эмиссияи оммавии коғазҳои қиматнок; додани баҳои пешакӣ ба эмиссияи оммавии коғазҳои қиматнок, барқарор намудани робитаҳо байни эмитентҳо ва сармоягузорон; мусоидат намудан ба бақайдгирии тарҳи барориши коғазҳои қиматнок дар мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок. 2) фурӯши қоғазҳои қиматнок: фурӯши коғазҳои қиматнок ба сармоягузорон; гузаронидани маъракаи рекламавӣ; вобаста ба шакли андеррайтинг кафолат додани хариди коғазҳои қиматнок ҳангоми паҳнкунии онҳо; дастгирии корҳои таҳлилӣ ва тадқиқотӣ. Аз рӯи шартнома метавонад дигар намудҳои хизматрасониҳо аз ҷониби андеррайтер ё андеррайтерҳо оид ба ташкили оммавии пешниҳод ва хизматрасонии паҳнкунии коғазҳои қиматнок пешбинӣ гардад. Бо шартномаи байни эмитенти коғазҳои қиматнок ва андеррайтер ба ӯҳдаи андеррайтер уҳдадории обуна шудан ба ҳамаи коғазҳои қиматнок ё қисми онҳо ё харидани ҳамаи коғазҳои қиматнок ё қисми онҳо, ки бо тариқи обуна паҳн карда намешаванд ё аз рӯи натиҷаҳои барориши оммавӣ дар рӯзи охирини барои обунашавии оммавии муқарраршуда харида мешаванд, гузошта мешавад. Дар шартнома бояд андозаи мукофоти андеррайтер барои ҳамаи намудҳои хизматрасонӣ оид ба ташкили пешниҳоди оммавӣ ва хизматрасонии паҳнкунии коғазҳои қиматнок пешбинӣ гардад. Андеррайтерҳо ҳуқуқ надоранд: ба саҳмгузорони эҳтимолӣ бо мақсади ҳавасмандкунии онҳо итти-

лооти носаҳеҳ пешниҳод намоянд ва ба қабули қарори инвеститсионӣ таъсир расонанд; оид ба гузаронидани таҳқиқотҳо ба эмитент ҳисоботи ғалат ва носаҳеҳ пешниҳод намоянд ва инчунин тарҳи бароришеро пешниҳод кунанд, ки дар он иттилооти носаҳеҳ ё нопурра ифода гардида бошад; тарҳи бароришеро, ки дар мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок ба қайд гирифта нашудааст, истифода ва паҳн намоянд; маъракаи рекламавиро гузаронанд ё ба таври оммавӣ коғазҳои қиматнокро дар давраи то бақайдгирии тарҳи бароришдар мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок пешниҳод намоянд; иттилоотро дар бораи эмитент пешниҳод намоянд, ки ба пешниҳоди оммавии коғазҳои қиматнок робита надорад. Андеррайтер дар ҳолатҳое, ки агар дар натиҷаи амали ғайриқонунии он эмитент зарар бинад, дар назди эмитент масъулияти пурраи молумулкӣ дорад.

БОБИ XXVI. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ

26.1. Мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқии сармоягузории соҳибкорӣ.

26.2. Намудҳои асосҳои инвеститсия

26.3. Имтиёзҳои дар соҳаи мазкури фаъолияти соҳибкорӣ ҷойдошта.

26.4. Мафҳум ва шаклҳои шартномаи инвеститсионӣ.

26.5. Кафолати давлатии ҳимояи соҳибкор ҳамчун соҳибкори фаъол.

26.1. Мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқии сармоягузории соҳибкорӣ.

Дар шароити иқтисодию иҷтимоии имрӯза талаботҳои объективии ҷалби сармоя ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба мақсади таъмини инкишофи иқтисодиёт вуҷуд дорад. Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 12 маи соли 2007, №260 сармоягузорӣ – ҳама гуна шаклҳои ҳуқуқи молу мулкӣ (ба истиснои молу мулке, ки ба истифодабарии шахсӣ ва ё бо фаъолияти фурӯши мол бе коркарди он алоқаманд аст), бо шумули маблағ, коғазҳои қиматнок, таҷҳизоти истеҳсолию-технологӣ ва натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, ки ба сармоягузор аз рӯи ҳуқуқи моликият мансубанд ва аз тарафи ӯ ба объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади гирифтани фоида ва ё расидан ба натиҷаи дигари назарраси фоиданок гузошта шудаанд. Ҳар як соҳибкор барои ба даст овардани фоида метавонад сармоягузор бошад. Сармоягузор – шахси воқеӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ мекунад. Фаъолияти сармоягузорӣ - амали сармоягузор вобаста ба гузоштани сармоя ба истеҳсоли маҳсулот ва (ё) тарзи дигари истифодаи он бо мақсади ба даст овардани фоида ва (ё) муваффақ шудан ба натиҷаи дигари назаррас. Объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ инҳо мебошанд: молу мулки ғайриманқул; коғазҳои қиматнок; моликияти зеҳнӣ; дигар объектҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти сармоягузориро дар онҳо манъ накардааст. Масъалаҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар сафи пеши инкишофи сва ислоҳотонии давлатӣ қаор дорад. Ҳама вақт сиёсати нави пулию молиявӣ, мувофиққунии фаъолияти сармоягузорзарур аст. Яке аз тарафҳои муҳими инкишофи фаъолияти сармоягузорӣ робита бо ҷомеа мебошад. Амалисозииақидаи ҷомеа бе сармоя имконнопазир аст, аз ин лиҳоз фаъолияти сармоягузорӣ низ бояд бо ҷамъият робита дошта бошад.Сармоя ин сармоягузорӣ мебошад, ки бо дарозмуд-

датиаш, бо сарчашмаҳои маблағгузорӣ, бо ҳаҷм, ставкаи фоизӣ, бо воситаҳои мушаххаси гузошташуда фарқ мекунад. Сармоягузорон бо ҳаҷми маблағгузориашон фарқ мекунанд, зеро ҳар яки онҳо дар бонкҳо суратҳисоб доранд ва новобаста аз ҳаҷми суратҳисоб сармоягузор мебошанд. Сармоягузорӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсон ва нигоҳдошти табиат, яъне сармоягузорӣ ба экология амалкарда мешавад. Ҷамъият нисбати он, ки сармоягузорӣ ба куҷо равона карда мешавад, фаъолияти сармоягузорӣ чи мақсад дорад беаҳамият нестанд. Вазифаи асосии фаъолияти сармоягузорӣ ин дар ҳақиқат хуб гардонидани ҳаёт ва фаъолияти одамон, беҳтаргардонии шароити муҳити зист, таъмини бехатарии ҳаёт ба шумор меравад. Дар замони имрӯза бисёре аз онҳое, к ибо сармоягузорӣ сарукор доштанд, дар ҳолати ҷараёни сармоягузорӣ ба ақида ва назарҳо ҷудо шудаанд.Баъзе аз одамон ба масъалаҳои сармоягузорӣ шаклҳои гуногуни онро азхуд намуда, бомуваффақият фаъолият мекунанд, дигарон бошанд таҷрибаи кофӣ ба даст оварда ба самтҳои дигар кор мекунанд, шахсоне, ки ҳоло танадоранд, умедворанд, ки сармоя меёбанд ва ин воситаҳо барои оғоз намудани ягон фаъолияти ҷамъиятӣ ёрӣ мерасонад. Лекин ҳастанд одамоне, ки дар пайдо намудани сармоя ноумед ҳастанд ва ин гурӯҳ одамон бисёранд. Ҳатто агар ба онҳо сармоя пешниҳод кунанд ҳам, онҳо ба ҳақиқати ин пешниҳод бовар накарда ба он аҳамияти зарурӣ намедиҳанд. Ба назари мо, робита бо ҷомеа, фаъолияти мақомотҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва ВАО метавонанд ба оптимизацию сармоя дар ҶТ таъсир расонанд. Ҳамаи ҳуқуқҳои сармоягузор нисбат ба объекти моликияти зеҳнӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимоя карда мешаванд.Аз тарафи сармоягузор ба даст овардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, захираҳои дигари табиӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Ҳангоми гузаштани ҳуқуқи моликият ба бино ва иншоот, ҳамроҳ бо ин объектҳо ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин низ мутобиқи тартиб ва шартҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармоягузор мегузарад. Аз тарафи сармоягузор ҳуқуқи иҷораи қитъаи замин метавонад бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шавад.

Дар ҶТ ҳуқуқи инвеститсионӣ ҳамчун курси махсус дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар асоси нақшаи таълимӣ ва асарҳои олимони ватанӣ (ма-

салан, Инвестиционное право. Учебник. ТГНУ. Душанбе, 2008. 480с. Дар зери муаллифииБозоров Р.Б.) дарс дода мешавад.

26.2. Намудҳои асосҳои инвеститсия

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ», намудҳои фаъолияти сармоягузорӣ: фаъолияти сармоягузории хусусие, ки онро шаҳрвандон, корхонаҳои ғайридавлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо ва сохторҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонанд; фаъолияти сармоягузории давлатие, ки онро мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ, корхонаҳои давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо аз ҳисоби фондҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, маблағҳои худӣ ва қарзӣ амалӣ мегардонанд; фаъолияти сармоягузории хориҷие, ки онро шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ, давлатҳои хориҷӣ, муассисаҳои молиявии байналмилалӣ, инчунин шахсони бешаҳрванд амалӣ мегардонанд; фаъолияти сармоягузории муштарак, ки шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ амалӣ менамоянд. Сармоягузорӣ ин тарзи беҳтарини пулкркунӣ мебошад. Асосаш, дуруст ва самаранок ҷойгир намудани онҳо мебошад. Ҳама фаъолият бо таваккал алоқаманд аст, аз ҷумла сармоягузорӣ низ. Сармоягузорон бояд паст кардани сатҳи таваккалро омӯзанд. Пас сармоягузорӣ фоида меорад. Ҳар як намуди сармоягузорӣ хусусияти худро дорад, ки дар ин бора сармоягузор набояд фаромӯш кунад. Сармояро метавонем вобаста ба сармоягузор, бо объекти сармоягузорӣ, муҳлати он ҷудо кунем. Инак, ҳама сармояҳо ба дахилӣ ва хориҷӣ ҷудо мешаванд. Ба сармояи дохили инҳо дохил мешаванд: 1.сармояи молиявӣ-сармоягузорӣ барои ба даст овардани қоғазҳои қимматнок, ба депозитҳо ва сертификати бонкӣ. Ин сармояҳо бисёр фоидаовар аст, зеро сармоягузор фоидаи ғайрифаъол мегирад. ба туфайли сармояи молиявӣ бо гузашти муҳлати муайян мумкин аст маблағи иловагӣ ба даст оварда шавад. Сармоягузорро зарур нест, кик ор кунад, зеро сармояи он барои он кор карда истодааст. Аммо сармоягузорон набояд фақат ба омад ва муваффақият умед бандад,онҳо бояд дастгоҳи фаъолияти бозори қоғазҳои қимматнокро донанд. Танҳо бо ҳамин тавр онҳо ба даромади худ боварӣ карда метавонанд. 2. Сармояи ҳақиқӣ- сармоягузорӣ ба истеҳсолот. Ин намуди сармоягузорӣ ба инкишоф ва васеъкунии тиҷорат ёрӣ мерасонад. Даромадро на аз сармоягузорӣ, балки аз истеҳслоти худ, ки ба туфайли сармоягузории ҳақиқӣ хубтар, васеътар ва навтар шудааст ба даст меоред. 3. Сармоягузории

зеҳнӣ- намуди сармоягузорие мебошад, ки ба ҷараёнҳои илмию техникӣ, дар барномаҳои тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо, додани иҷозатнома гузошта мешавад. Чун қоида ин намуди сармоягузорӣ дарозмуддат мебошад. Ба сармояи беруна инҳо дохил мешаванд: 1. Сармоягузории бевосита- сармояи хориҷӣ, ки сармоягузор ба дигар корхонаҳо мегузорад. Чун қоида ин сармоягузорӣ на камтар аз 25% аз ҳама сармояи ширкатро ташкил медиҳад. Маблағро ба сармояи оинномавӣ гузошта, сармоягузори хориҷӣ ҳуқуқи идора намудани корҳои корхонаро ба даст меорад. Ӯ тамоми фаъолияти истеҳсолиро идора мекнад. 2. Сармоягузории портфелӣ сармояи хориҷие мебошад, ки ба қисми ҳаҷми ҳама мқоғазҳои қимматнок гузошта мешавад. Аз сармоягузории бевосита онҳо бо ҳаҷм ва муҳлаташ фарқ мекунад. Чун қоида ин сармояи кутоҳмуддат ва камҳаҷм мебошад, аз ин лиҳоз сармоягузори хориҷӣ ҳуқуқи идоракунии корхонаро надорад. Он танҳо аз сармояи гузоштааш даромад мегирад. Сармоя инчуни мешавад таваккалӣ ва аннуитет. Сармояи таваккалӣ – сармояи таваккалӣ мебошад, (аз кал.англ. venture - «таваккал намудан»). Сармояи таваккалӣ сармояро дар шакли бароришиҳ саҳмия ифода мекунад. Ин сармоягузорӣ дар соҳаҳои нав бо таваккали калон ба амал бароварда мешавад. Сармояи таваккалӣ лоиҳаҳои миёни худ алоқа надошта бо фоидаи зиёд манфиатдор аст. Сармоягузори агрессивӣ – сармоягузориемебошад, ки сармоягузор ба таваккали зиёд майл дорад. Сармоягузори консервативӣ (кӯҳнапарастона)- харидор ба таваккали кам майл дорад.

26.3. Имтиёзҳои дар соҳаи мазкури фаъолияти соҳибкорӣ ҷойдошта

Мақсади дастгирии давлатии сармоягузорӣ фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёт ва ҳавасманд гардонидани сармоягузорӣ, бунёд намудани истеҳсолоти нав, таҷдиди истеҳсолоти амалкунанда бо истифода аз таҷҳизот ва технологияи муосир, нигоҳ доштан ва муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист ва додани имтиёзҳо барои дастгирии соҳаи сармоягузорӣ мебошад. Дастгирии давлатии сармоягузор аз тарафи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси низомномаитасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ карда мешавад ва вазифаҳои зеринро иҷро менамояд: робитаи байни мақомоти ваколатдори давлатӣ ва сармоягузоронро таъмин месозад; иттилоотро дар хусуси

имкониятҳои сармоягузорӣ, барномаҳо, лоиҳаҳо ва шароит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда, интишор менамояд;барои беҳбудии фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо таҳия месозад; вазифаҳои дигарро, ки ба пешбурди сармоягузорӣ, дастгирӣ ва ҳимояи сармоягузор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд, ба амал мебарорад. Мақомоти ваколатдори давлатӣ уҳдадор аст, ки барои сармоягузор дар асоси баробарӣ ба ҳифз ва пешбурди манфиатҳои онҳо мусоидат кунад, ба ҳолатҳои вазнин шудани вазъияти молиявию истеҳсолии онҳо роҳ надода, принсипи ошкоро ва шаффофиятро дар тартиби ҷалб намудани сармоягузорӣ бо роҳи гузаронидани тендерҳои байналмилалӣ амалӣ намояд. Имтиёзҳои сармоягузорӣ дар намудҳои зерин дода мешаванд: имтиёзҳои андозбандӣ; имтиёзҳои гумрукӣ; додани грантҳои аслии давлатӣ. Имтиёзҳои андозӣ ба сармоягузор мутобиқи тартиби муқарраркардаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд.Масалан мувофиқимоддаи 110 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои нави молистеҳсолкунанда аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ҳангоми аз ҷониби муассисони онҳо дар муҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии давлатӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ворид намудани ҳаҷмҳои дар поён пешбинигардидаи сармоягузориҳо ба муҳлати: а) 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 200 ҳазор доллари ИМА то 500 ҳазор доллари ИМА бошанд; б) 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 500 ҳазор доллари ИМА то 2 миллион доллари ИМА бошанд; в) 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 миллион то 5 миллион доллари ИМА бошанд; г) 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 миллион доллари ИМА бошанд.

Тартиби додани грантҳои аслии давлатӣ ва намудҳои онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи Тоҷикистон эътирофгардида ба сармоягузор ҳимояи пурра ва ҳатмии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниашро кафолат медиҳанд. Дар ҳолати ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории вобаста ба сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорон ба мӯҳлати панҷ сол аз рӯзи интишори расмии тағйиру иловаҳо ҳуқуқи интихоби шароити барои онҳо мусоидтарро доранд. Ин низом нисбат ба тағйиру иловаҳои воридшаванда дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо масъалаҳои амнияти миллӣ, тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист, маънавиёт ва ахлоқ вобастаанд, татбиқ намегардад.

26.4. Мафҳум ва шакли шартномаи сармоягузорӣ

Шартномаи сармоягузоӣ ин созишномаи миёни субъектони фаъолияти сармоягузорӣ оид ба иҷро намудани як қатор амалҳои муайян барои амалӣ намудани лоиҳаи сармоягузорӣ мебошад. Ба сифати аломатҳои шартномаи сармоягузор хусусиятҳои зеринро номбар намудан мумкин аст: 1) асоси бастани шартнома лоиҳаи инвеститсионӣ мебошад; 2) дарозмуддат будани муносибатҳои шартномавӣ; 3) манфиатнокии тиҷоратӣ; 4) музднок будани шартнома чи аз тарафи шаҳрвандон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва чи аз тарафи давлат; 5) мақсаднок исифода намудани воситаҳои созишнома; 6) имкон доштани таъсири сармоягузор ба фаъолияти истеҳсолӣ, дар мавриди сармоягузорӣ намудани на танҳо молиявӣ инчунин хоҷагӣ; 7) моликияти умумии ҳиссагӣ ба молумулки ба сифати сармоя гузошта шуда. Намудҳои шартномаи инвеститсионӣ инҳо мебошанд: шартномаи консессионӣ, созишнома оид ба тақсими маҳсулот, шартномаҳои хизматрасонӣ, шартномаи иҷораи молиявӣ- лизинг.

26.5. Кафолати давлатии ҳифзи соҳибкор ҳамчун сармоягузори фаъол

Давлат баробарҳуқуқии сармоягузори хориҷӣ ва сармоягузори ватаниро кафолат дода, дар муносибат бо сармоягузорон вобаста ба мансубияти шаҳрвандӣ, миллӣ, забонӣ, ҷинсӣ, нажодӣ, эътиқоди динӣ, ҷои анҷом додани фаъолияти иқтисодӣ, инчунин кишвари асли баромади сармоягузор ва сармоягузорӣ, ба ҳеҷ гуна поймолкунии ҳуқуқ роҳ намедиҳад. Сармоягузор мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷуброни зарари расонидашуда ҳуқуқ дорад, ки дар натиҷаи аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ қабул шудани санадҳои мухолифи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар натиҷаи амалҳои (беамалии) ғайриқонунии шахсони мансабдори ин мақомот ба вай расонида шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯътадилии шартҳои шартномаҳоеро, ки байни сармоягузор ва мақомоти давлатӣ баста шудаанд, кафолат медиҳад, ба истиснои ҳолатҳое, ки тағйиру иловаҳо дар шартномаҳо бо ризоияти тарафҳо ворид карда шаванд. Сармоягузорони хориҷӣ, намояндагони онҳо ва коргарони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

бо мақсади фаъолияти сармоягузорӣ қарор доранд, ҳуқуқи ҷойивазкуниро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд, ба истиснои қаламраве, ки дар онҳо шароит ва тартиби будубош бо қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд. . Сармоягузорон ҳуқуқ доранд: барои нигоҳ доштан ва истифода бурдани даромадҳо ва маблағҳои дигар дар бонкҳои қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пули миллӣ ва (ё) асъори хориҷӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобҳои бонкӣ кушоянд; бо салоҳдиди худ фоидаҳои аз фаъолияти худ ба дастовардаро баъди пардохтани андозҳо ва пардохтҳои дигари ҳатмӣ истифода намоянд. Ба сармоягузорон ва кормандони хориҷӣ ҳуқуқи барои ба хориҷа интиқол додани маблағи даромади онҳо ва музди меҳнат бо асъори хориҷӣ, ки ба таври қонунӣ аз сармоягузориҳо ва фаъолияти истеҳсолӣ ба даст омадааст, кафолат дода мешавад. Ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти сармоягузорӣ бе гуноҳи сармоягузор ӯ ба ҷуброни сармояҳояш ва даромадҳои ба ин восита гирифта, дар шакли пулӣ ва ё молӣ аз рӯи арзиши аслӣ дар лаҳзаи қатъи фаъолияти сармоягузорӣ ҳуқуқ дорад. Сармоягузорон дар робита бо тамоми пардохтҳои ба сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста, барои мубодилаи озодонаи пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асъори озодона мубодилашаванда, инчунин барои хариди асъори хориҷӣ ҷиҳати пардохти муомилоти берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд. Муомилоти асъориро сармоягузорон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» амалӣ менамоянд. Маҳдудиятҳо оид ба интиқоли пул бо асъори хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорон танҳо дар асоси Қонун бо мақсади пешгирии амалиётҳои қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ғайриқонунӣ бадастомада мумкин аст ҷорӣ карда шаванд. Маълумотҳои расмии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба манфиати сармоягузорон дахл доранд, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр мешаванд. Ба сармоягузорон дастрасии озод ба маълумот дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва оинномаи онҳо, бақайдгирии аҳдҳо вобаста бо молу мулки ғайриманқул, инчунин додани иҷозатнома, ба истиснои маълумоте, ки сирри тиҷоратӣ ё сирри дигари бо Қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд, таъмин карда мешавад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ надорад, ки ба фаъолияти сармоягузорӣ дахолат намояд, ба истис-

нои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст. Дар ҳолатҳои офати табиӣ, садама, касалиҳои сироятӣ, эпидемия, талафоти ҳайвонот (эпизоотия) ва дигар ҳолатҳои истисноии фавқулодда молу мулк метавонад аз молик, мутобиқи тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, ба манфиати ҷомеа гирифта шуда, ба ӯ арзиши молу мулки реквизитсияшуда пардохта шавад. Нисбати нархе, ки мутобиқи он ба молик арзиши молу мулки реквизитсияшуда пардохта мешавад, ба суд шикоят кардан мумкин аст. Шахсе, ки молу мулки ӯ реквизитсия шудааст, ҳақ дорад баъди қатъи ҳолате, ки вобаста ба он молу мулкаш реквизитсия шуда буд, баргардонидани молу мулки зарарнадидаашро талаб намояд ва дар ҳолати рад кардани он ба суд мурочиат намояд. Бо роҳи миллӣ кунонидан аз моликии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба моликияти давлат даровардани молу мулк танҳо дар асоси қонунгузорӣ, ки оид ба милликунонии ин молу мулк мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, бо пардохти арзиши молу мулк ва ҷуброни дигар зиёне, ки вобаста ба милликунонӣ ба молик расонида шудааст, иҷозат дода мешавад. Андозаи ҷуброни арзиши молу мулки сармоягузории милликунонидашуда ё реквизитсияшуда дар асоси арзиши бозории амвол муайян карда мешавад. Ҷуброн бояд ба таври воқеӣ татбиқшаванда буда, дар мӯҳлати аз ҷониби тарафҳо мувофиқашуда иҷро гардад ва бо асъори озод мубодилашаванда пардохта шавад. Андозаи ҷуброни арзиши молу мулки сармоягузории милликунонидашуда ё реквизитсияшуда метавонад аз тарафи сармоягузор дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар суди ҳакамӣ, суди байналмилалӣ ва суди байналмилалии арбитражӣ мавриди баҳс қарор дода шавад, агар ин дар шартномаи байни тарафҳо ё шартномаи байналмилалӣ пешбинӣ шуда бошад. Агар давлати хориҷӣ ё мақомоти давлатии ваколатдори он ё агентии суғурта пардохтҳоро ба нафъи сармоягузор тибқи кафолати шартномаи суғуртаи ба ӯ вобаста ба сармоягузориҳои дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон додашуда анҷом диҳад ва ба ин давлати хориҷӣ, мақоми давлатии ваколатдоршуда ё агентии суғурта ҳуқуқи сармоягузор ба сармоягузориҳои мазкур дода шавад, пас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳуқуқдорӣ фақат дар он ҳолат қонунӣ эътироф мешавад, ки сармоягузор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузориҳоро амалӣ карда бошад ва (ё) уҳдадориҳои муайяни шартномавиро дар ҳаҷми пурра ба иҷро расонида бошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи уҳдадориҳои

резидентҳо ва ғайрирезидентҳо, ки сармоя ҷалб мекунанд, ҷавобгар нест, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин уҳдадориҳо дар шакли муқаррарнамудаи Қонун аз тарафи давлат кафолат дода шуда бошанд. Сармоягузоре, ки дар ибтидо ба қалamрави Ҷумҳурии Тоҷикистон молу мулк ва иттилоотро дар шакли ҳуҷҷат ё дар шакли сабтҳои электронӣ ба сифати сармоягузорӣ ворид кардааст, ҳуқуқ дорад, ки бе мамоният (бе квотакунонӣ, иҷозатномадиҳӣ ва истифодаи тадбирҳои дигари танзими ғайритарифии фаъолияти савдои хориҷӣ) молу мулк ва иттилооти мазкурро аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди анҷоми мӯҳлати сармоягузорӣ мутобиқи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон берун барад. Сармоягузор бо ихтиёри худ фоидаи пас аз пардохти андозҳо ба дастомадаро метавонад дар қалamрави Ҷумҳурии Тоҷикистон такроран сармоягузорӣ намояд. Ҳангоми амалӣ гардонидани сармоягузории такрорӣ сармоягузор ба пуррагӣ аз ҳимояи ҳуқуқӣ, кафолатҳо ва имтиёзҳое, ки Қонун муқаррар намудааст, истифода менамояд.

БОБИ XXVII. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ

27.1. Мафҳум ва намудҳои инноватсия.
27.2. Фаъолияти инноватсионӣ.
27.3. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ.
27.4. Шаклҳои ҳуқуқии таъсис ва амалисозии инноватсионӣ.
27.5. Танзими давлатии фаъолиятиинноватсионӣ.

27.1. Мафҳуи ва намудҳои инноватсия.

Мувофиқи ҚонуниҶТ «Дар бораи фаъолияти инноваисионӣ» аз 16 апрели соли 2012, №822 **фаъолияти инноватсионӣ** – фаъолияте, ки ба таҳия ва ҷорӣ намудани инноватсия (натиҷаи нав ё такмилдодашудаи таҳқиқоти илмӣ, корҳои таҷрибавию конструкторӣ ё дигар дастовардҳои илмию техникӣ) алоқаманд буда, барои расонидани он то бозор дар шакли нав ё такмилдодашудаи маҳсулот, хизматрасонӣ, усули истеҳсолот ё дигар натиҷаи самараноки ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Ин мафҳум маънощои дигар низ дорад. Инноватсия, навоварӣ (англ. innovation) –ин навигарии ҷоришуда мебошад, ки болоравии босифати ҷараёни манфиатнок ё маҳсулоти талабнамудаи бозорро таъмин менамояд. Натиҷаи ниҳоии фаъолияти зеҳнии одам, тахайюлоти ӯ,ҷараёни эҷодиёт, кушодан, ихтироъ ва такмилдиҳӣ мебошад. Мисоли равшани инноватсия ин ба бозор баровардани маҳсулоти нав бо хусусиятҳои истеъмолӣ ё баланд бардоштани сифати самаранокии низоми истеҳсолот мебошад. Истилоҳи «инноватсия» аз калимаи лотинии «novatio» вапешоянди «in» иборат аст, ки маънояш «азнавкунӣ» (ё «тағйирдиҳӣ»)ва «самт» мебошад, агар «Innovatio» - ро тарҷума кунем пас он чун «ба самти тағйирёбиҳо» тарҷума мешавад. Худи мафҳуми innovation аввалин маротиба дар тадқиқотҳои илмӣ дар асри XIX пайдо шуд. Зиндагии нав мафҳуми «инноватсия» - ро дар аввали асри XX дар асари иқтисодчии австриягӣ Шумпетер Й.дар натиҷаи таҳлили «мувофиқатҳои инноватсионӣ» ва тағйиротҳо дар инкишофи низоми иқтисодӣ ба худ гирифтааст. Инноватсия –ин на ҳама навигарӣ ва навовариҳо, балки чунин навоварие, ки амали самараноки низомро ҷиддан ба боло мебардорад. Инноватсия –ин натиҷаи сармоягузорӣ намудани қарори зеҳнӣ дар коркард ва гирифтани дониши нав, ақида оид ба азнавкунии соҳаҳои ҳаёти одамон, ки пештар татбиқ нашудааст ба шумор меравад. Ҳамин тавр ҷараёнҳои зерин заруранд: сармоягузорӣ – коркард – ҷараёни ҷорикунӣ –ба даст овардани беҳ гардонии босифат.

Мафҳуми инноватсия ҳам ба дигаргуншавии қатъии маҳсулот, ҷараён ва стратегияи ташкилот ва ҳам ба дигаргунии оҳиста – оҳистаи онҳо тааллуқ дорад. Аз сабаби он, ки мақсади инноватсия ин ҷорӣ намудани навоварӣ, самаранокӣ, масрафнокӣ, сифати ҳаёт таъмин намудани талаботи муштариён мебошад, мафҳуми онро ба мафҳуми ҷуръатнокию боғайоатӣ (ба имкониятҳои нави беҳгардонии кори ташкилот бовар кардан) шабоҳат додан мумкин аст. Инноватсия –ин чунин ҷараён ё натиҷаи ҷараёне мебошад, ки натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии ҳифзшаванда пурра ё қисман истифода карда мешавад; ё бароориши маҳсулоти қобили патенткуниро таъмин мекунад; ё бароориши мол ва маҳсулотро бо сифати ба сатҳи ҷаҳонӣ баробар ё аз он зиёди худро таъмин мекунад; ё дар истеҳсолот ё истеъмоли маҳсулот самаранокии иқтисодии олиро ба даст меорад.

Инноватсии бо нуқтаҳои назари гуногун баррасӣ карда мешавад: дар алоқамандӣ бо технология, тиҷорат, шабакаҳои иҷтимоӣ, инкишофи иқтисодӣ ва ташкили сиёсат. Дар адабиётҳои илмӣ доираи васеи нуқтаи назар оид ба инноватсия вуҷуд дорад. Дар мавриди консептуализатсияи мафҳуми «инноватсия» онро ба мафҳумҳои дигар муқоиса намудан самаранок аст. Баъзан дар адабиётҳои илмӣ ба чашм мерасад, ки мафҳуми «инноватсия» - ро бо мафҳуми «ихтироот» омехта мекунанд. Ба ғайр аз ин бисёр мукаммалгардониҳои мол ва хизматро «беҳгардонӣ» гуфтан дуруст. Мафҳумҳои «тағйирот» ва «пешравӣ» - ро инчунин ба ҷои мафҳуми «инноватсия» истифода намудан мумкин аст. Барои фарқ намудани инноватсия аз мафҳумҳои дар боло номбаршуда, дақиқ карда мешавад, ки хусусияти инноватсия дар он аст, ки он имконияти бунёди арзиши иловагиро медиҳад. Мувофиқи ин ақида инноватсия то он даме, ки бомуваффақият ҷорӣ карда нашавад ва овардани фоидаро оғоз накунад, инноватсия нест. Мафҳуми инноватсияи иқтисодиро ЙозефШумпетердар асари худ «TheTheoryofEconomicDevelopment» (1934) коркард кардааст. Дар чорчӯбаи ақидаҳои алтернативӣ мафҳумҳои дигар ҳамчун қисми муйяни инноватсия истифод мешаванд: «Инноватсия ҳамон вақте ҷой дорад, ки агар касе ихтироотро истифода кунад ё чизи алакай мавҷудбударо бо таври нав барои тағйир додани тарзи ҳаёти одамон истифода барад». Дар ин ҳолат ихтироъ метавонад фарзияи нав, таҷҳизот ё чизҳои дигар, ки фаъолиятро осон мекунад бошад, инноватсия ба он тааллуқ надорад, ки таш-

килкунандаи он ягон фида гирифтааст ё не, ё ки манфиати мусбӣ додааст ё не.

Намудҳои инноватсия. Технологӣ – ба даст овардани истеҳсолоти нав ё самараноки маҳсулот, ҷавоҳирот, техникаи мавҷудбуда, ҷараёнҳои технологии нав ё мукаммалгардида мебошад. Инноватсиядар соҳаи таъсис ва идоракунии истеҳсолоте, ки ба технология тааллуқ надорад. Иҷтимоӣ (ҷараёнӣ)- ҷараёни азнавкунии соҳаи ҳаёти одам дар азнавкунии ҷамъият (педагогика, низоми идоракунӣ, ободкорӣ, хизматрасонӣ, ташкили ҷараён). Маҳсулотӣ- таъсиси маҳсулоти нав бо хусусиятҳои нав ва манфиатнок. Ташкилӣ – мукаммалгардонии низоми менеҷмент. Маркетингӣ–амалисозии усулҳои нав ё беҳтар намудаи маркетингӣ, ки дигаргунии назаррасро дар зебоӣ ва борпечи маҳсулотҳо дар бар мегирад, истифодаи усулҳои нави фурӯш ва намоишдиҳии маҳсулот (хизмат), пешниҳод ва пешравии онҳо дар бозори маҳсулот, таъсиси стратегияи нави нархӣ.

27.2. Фаъолияти инноватсионӣ

Фаъолияти инноватсионӣ–ин маҷмӯи чораҳои илмӣ, технологӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва тиҷоратӣ мебошад, ки ба **коммерциализатсияи** донишҳо, технология ва таҷҳизотҳои ҷамъшуда равона аст. Натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ ин мол ва хизмати нав ё иловагӣ, ё мол ва хизмат бо сифати нав мебошад. Инчунин фаъолияти инноватсионӣ мумкин аст ҳамчун фаъолият оид ба ташкил, азхудкунӣ, паҳнкунӣ ва истифодаи инноватсия фаҳмида шавад. Ба масъалаи идоракунии фаъолияти инноватсион самти алоҳидаи менеҷмент- менеҷменти инноватсионӣ бахшида шудааст. Барои маблағгузории фаъолияти инноватсиони фондҳои **венчурӣ** таъсис дода мешавад. Фаъолиятиинноватсионӣ- ин фаъолияте мебошад, ки ба истифода ва коммерциализатсияи натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ ва коркард барои васеъ ва азна кардани номенклатура ва беҳгардонии сифати маҳсулоти истеҳсолшуда (мол, хизмат), мукаммалгардонии технология ва бо ҷорикунии он истеҳсол намудани маҳсулот ва самаранок ба фурӯш баровардани он дар бохорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, маҷмӯи чораҳои илмӣ, технологӣ, техникӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва тиҷоратӣ, ки дар натиҷа ба инноватсия оварда мерасонад. Фаъолияти инноватсионӣ- ин фаъолияте мебошад, ки ба ҷустуҷӯ ва амалисозии инноватсия ба мақсади васеъ кардани номгӯ ва баланд бардоштани сифати маҳсулот, мукаммалгардонии технологӣ ва ташкили истеҳсолот равона мебошад. Фаъолияти

инноватсионӣ инҳоро дар бар мегирад: маълум намудани масъалаи корхона; ба амал баровардани ҷараёни инноватсионӣ; ташкили фаъолияти инноватсионӣ. Моҳияти асосии фаъолиятиинноватсионӣ дар он аст, ки ҳама чизи мавҷудбуда кӯҳна мешавад. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки ҳама чизи фарсудашуда, кӯҳнашуда, ба роҳи ҷараён монеашавандаро партоем, инчунин хатогиҳо, нокомиҳоро ба назар гирем. Барои ин дар корхона бояд аттестатсияи маҳсулотҳо, технологияҳо ва ҷои кор гузаронда шавад, бозор ва роҳҳои паҳнкуниро таҳлил намояд. Ин солимгардонии фаъолияти истеҳсолии корхона, маҳсулоти он, бозорҳо мебошад. Дар асоси он роҳбарон бояд дар навбати аввал дар бораи он фикр кунад, ки маҳсулоти худро чигуна азнав кунанд. Ин вазъият корхонаро ба инноватсия водор мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки: ҳеҷ чиз ин тавр роҳбарро ба ақидаҳои инноватсионӣ водор месозад, дарк карда мешавад, ки маҳсулотҳои истеҳсолнамудаи онҳо дер ё зуд кӯҳна мешавад. Ақидаҳои инноватсионӣ аз куҷо пайдо мешаванд? Ҳафт сарчашмаи ингуна ақидаҳоро номбар намудан мумкин аст: Сарчашмаҳои дохилиро номбар мекунем, онҳо дар чорчӯбаи корхона ё соҳа ба вуҷуд меоянд. Ба онҳо инҳо дохил мешаванд: ҳодисаҳои ғайричашмдошт (барои корхона ё соҳа)- муваффақҳодисаҳои беруна; **неконгруэнтность**- номувофиқатӣ миёни ҳақиқат ва тасаввуроти мо; навоварии ба талаботи ҷараён асосёфта; тағйироти ногаҳонӣ дар сохтори бозор ва соҳа. Се сарчашмаҳои боқимондаи навовариҳоро ба беруна дохил мекунанд, зеро онҳо берун аз корхона ё соҳа ба вуҷуд меояд. Ин:тағйиротҳои демографӣ; тағйиротҳо дар дарккунӣ, табъ ва таҷҳизотҳои арзишнок; донишҳои нав.

27.3. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ

Фаъолияти инноватсионӣ – фаъолияте, ки ба таҳия ва ҷорӣ намудани инноватсия (натиҷаи нав ё такмилдодашудаи таҳқиқоти илмӣ, корҳои таҷрибавию конструкторӣ ё дигар дастовардҳои илмию техникӣ) алоқаманд буда, барои расонидани он то бозор дар шакли нав ё такмилдодашудаи маҳсулот, хизматрасонӣ, усули истеҳсолот ё дигар натиҷаи самараноки ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Маҳсулоти инноватсионӣ – натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ, ки дар шакли нави маҳсулот, кор ва хизматрасониҳо, усули истеҳсолот ё натиҷаи дигари барои ҷамъият самаранокиаш баланд ё натиҷаи интиқоли маҳсулоту хизматрасониҳои мавҷуда, усулҳои истеҳсолот ва натиҷаҳои дигари фоиданоки ҷамъиятӣ ифода меёбад. Лоиҳаи нноватсионӣ –

натиҷаи нерӯи зеҳнии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба истифодаи ғояҳои нав мусоидат намуда, бо мақсади рушди илм ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир таҳия мегардад. Ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ дохил мешаванд: шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки фаъолияти инноватсиониро амалӣ менамоянд; соҳибмулкони объектҳои моликияти зеҳние, ки дар татбиқи фаъолияти инноватсионӣ иштирок менамоянд; сармоягузороне, ки фаъолияти инноватсиониро сармоягузорӣ менамоянд; ташкилотҳои инфрасохтори инноватсионӣ; мақомоти давлатӣ, ки дар ҳамоҳангсозӣ ва танзими фаъолияти инноватсионӣ иштирок мекунанд. Ба объектҳои фаъолияти инноватсионӣ дохил мешаванд: маҳсулоти инноватсионӣ; дастовардҳои фаъолияти зеҳнӣ, ки дорои иттилооти нав ва самарабахши техникӣ мебошанд; объектҳои ҳуқуқи истисноие, ки бо офаридани маҳсулоти инноватсионӣ алоқаманд мебошанд; лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ, барномаҳо, кору хизматрасонӣ, ки бо офаридан, истифода ва паҳн намудани маҳсулоти инноватсионӣ алоқаманд мебошанд; дороиҳои молиявӣ ва коғазҳои қиматноки ташкилотҳои инноватсионӣ. Ба фаъолияти инноватсионӣ дохил мешаванд: ҷорӣ намудани ғояҳо ва дастовардҳои нави илмӣ дар сохтори идоракунии давлатӣ; иҷро ва хизматрасонии корҳои илмию таҳқиқотӣ, лоиҳавӣ, кашшофӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ, ки барои ба даст овардани маҳсулоти нав ё такмилдодашуда, усули нав ё такмилдодашудаи кору хизматрасониҳо, ҷараёни технологии нав ё такмилдодашудае, ки дар гардиши иқтисодӣ татбиқ мегарданд, равона шудаанд; ташкили бозори фурӯши маҳсулот (кору хизматрасониҳо)-и инноватсионӣ; азнавҷиҳозонии технологӣ ва омодасозии истеҳсолот; гузаронидани озмоишҳо бо мақсади сертификатсиякунонӣ ва стандартонии ҷараёнҳои нави технологӣ, маҳсулот (кору хизматрасониҳо); истеҳсоли маҳсулот (кору хизматрасониҳо)-и нав ё такмилдодашуда ва ё мавриди истифода қарор додани технологияи нав ё такмилдодашуда дар марҳилаи ибтидоӣ то анҷоми мӯҳлати меъёрии талофияти лоиҳаи инноватсионӣ; ташкил ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ; тарғиби натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ ва паҳн намудани инноватсия; ҳифз кардан, вогузоштан ва ба даст овардани ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ (аз ҷумла ба дастовардҳои илмӣ, илмии техникӣ ва технологие, ки пурра ошкор нагардидаанд) бо мақсади азхудкунӣ ва татбиқи онҳо; дигар намудҳои фаъолият, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст. Фаъолияти инноватсионӣ бо

мақсади азхудкунии истеҳсолӣ, таҳвили дастовардҳо ва натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва ё илмию техникӣ дар асоси шартномаҳои зерин амалӣ карда мешавад: оид ба иҷрои корҳои лоиҳавӣ, кашшофӣ, техникӣ, илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ, ки барои татбиқи лоиҳаи инноватсионӣ зарур мебошанд; оид ба хизматрасонӣ барои амалӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ ва суғуртаи таваккалҳои инноватсионӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳо; бо сармоягузороне, ки тартиб ва шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ, ҳисоб ва қабули натиҷаҳои татбиқи лоиҳаҳоро муайян мекунанд; дигар шартномаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст. Иҷрокунанда тибқи шартномаи инноватсионӣ уҳдадор мешавад, ки истифодаи маҳсулот (кор ва хизматрасониҳо)-и навро омода ва таъмин намояд. Фармоишгар уҳдадор мешавад, ки ба иҷрокунанда ҳуҷҷатҳо ва иттилооти дахлдорро пешниҳод намуда, натиҷаи фаъолияти инноватсиониро қабул ва маблағи маҳсулотро пардохт кунад. Бастани шартномаҳо, интихоби шарикон барои иштирок дар фаъолияти инноватсионӣ, муайян намудани уҳдадориҳо, шартҳои дигари муносибатҳои тарафайн, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, ҳуқуқи истисноии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ маҳсуб меёбад. Натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ моликияти ҳиссавии субъектҳои фаъолияти инноватсионие мебошанд, ки дар татбиқи он бевосита иштирок намудаанд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

27.4. Шаклҳои ҳуқуқии таъсис ва амалисозии инноватсия

Шаклҳои ҳуқуқии таъсис ва амалисозии инноватсия –ин шартномаҳои гуногуне мебошад, ки муносибатҳои субъектони фаъолияти инноватсиониро ба танзим медарорад. Якчандтои онро номбар мекунем: шартномаи пудрат оид ба корҳои лиҳакашӣ ва ҷустуҷӯӣ. Тибқи шартномаи пудрат як тараф (пудратчӣ) уҳдадор мешавад тибқи супориши тарафи дигар (фармоишгар) кори муайянеро анҷом диҳад, онро дар мӯҳлати муайян ба фармоишгар супорад ва фармоишгар бошад, уҳдадор мешавад корро қабул намуда, ҳаққи онро пардозад (ҳаққи корро пардозад Шартномаҳо барои корҳои илмию тадқиқотӣ, таҷрибавию (озмоишӣ) конструкторӣ ва корҳои технологӣ. Тибқи шартнома барои корҳои илмию тадқиқотӣ пудратчӣ (иҷрокунанда) уҳдадор мешавад, ки тадқиқоти илмии бо фармоишгар қайду шартшударо

анҷом диҳад ва тибқи шартномаи таҷрибавию конструкторӣ ва корҳои технологӣ бошад намунаи маҳсулоти нав, ҳуҷҷатҳои конструктории он, технологияи навро таҳия намояд ва ё намунаи нав созад; фармоишгар уҳдадор мешавад, ки ба пудратчӣ (иҷрокунанда) супориши техникӣ диҳад, корро қабул кунад ва арзиши онро пардозад. Ин метавонад шартномаи литсензионӣ бошад. Мувофиқи чунин шартнома дорандаи патент (иҷозатномадеҳ) уҳдадор мешавад, ки ҳуқуқро барои истифодаи ихтирои ҳифзшуда дар ҳаҷми дар шартнома пешбинишуда ба шахси дигар (иҷозатномагир), ки ӯ уҳдадории иҷро намудани ҳамаи амалҳои дар шартнома пешбинишударо ба зиммаи худ мегирад, диҳад.Дар ҳолати пешниҳоди иҷозатномаи истисноӣ ҳуқуқи истисноии истифодаи ихтироъ дар ҳудуди дар шартнома зикршуда ба иҷозатномагир мегузарад. Ҳуқуқи истифодаи қисми ба иҷозатномагир доданашавандаи ихтироъ дар ҷониби иҷозатномадеҳ мемонад. Иҷозатномадеҳ дар ҳолати иҷозатномаи ғайриистисноӣ ба иҷозатномагир ҳуқуқи истифодаи ихтироъро дода истода, ҳамаи ҳуқуқҳоеро, ки ҳуҷҷати муҳофизатӣ тасдиқ мекунад, аз ҷумла, ҳуқуқи ба шахсони сеюм додани иҷозатномаҳоро нигоҳ медорад. Тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ як тараф (дорандаи ҳуқуқ) уҳдадор мешавад, ки ба тарафи дигар (истифодабаранда) бо пардохти подошпулӣ барои мӯҳлати муайян ё бидуни зикри мӯҳлат барои фаъолияти тиҷоратии истифодабаранда маҷмӯи ҳуқуқҳои мустаснои барои истифода тааллуқдошта, аз ҷумла ҳуқуқи номи фирмавӣ ва (ё) аломати тиҷоратии дорандаи ҳуқуқ, ба иттилооти ҳифзшавандаи тиҷоратӣ, инчунин ба дигар объектҳои ҳуқуқи мустаснои дар шартнома пешбинишуда - тамғаи мол, тамғаи хизматрасонӣ ва ғайраро диҳад.

27.5. Танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ

Мақомоти давлатӣ шаклҳои зерини танзими фаъолияти инноватсиониро истифода менамоянд: муайян намудани афзалиятҳои рушди инноватсия; таҳия, татбиқ ва маблағгузории барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ ва дигар барномаҳо, аз ҷумла дар самти ҳавасмандгардонии рушди фаъолият ва инфрасохтори инноватсионӣ; пешбинии маблағҳои буҷетӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ, корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ доир ба самарабахшии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ, ҷойгиронии фармоишҳо ба таҳвили мол, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва

маҳаллӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҷойгир намудани фармоиши давлатӣ барои хариди маҳсулоти дар натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ истеҳсолшуда дар доираи барномаҳое, ки мутобиқи сиёсати давлатии инноватсионӣ тасдиқ шудаанд; таъсиси фондҳои инноватсионӣ ва венчурӣ, сармоягузории таъсис ва рушди дигар субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, саҳмгузорӣ, аз ҷумла ҷалби сармояи хориҷӣ бо мақсади таъсиси субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, ки барои рушди равандҳои инноватсионӣ муҳиманд; андешидани чораҳои зарурӣ оид ба тарғиби фаъолияти илмию техникӣ дар воситаҳои ахбори омма ва баланд бардоштани сатҳи ҷалби сармоя ба фаъолияти инноватсионӣ. Танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ метавонад мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи дигар шаклҳо амалӣ гардад. Дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар шаклҳои зерин амалӣ мегардад: маблағгузории корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ барои ба вуҷуд овардани маҳсулоти нав ё такмилдодашуда, технологияи нав ё такмилдодашуда, ки барои истифодабарии амалӣ таъин шудаанд; ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ барои ихтиёрдорӣ ё истифодабарӣ пешниҳод намудани молу мулки давлатӣ, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонидашудаи ба онҳо баробар; муқаррар намудани имтиёзҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; мусоидат ба рушди корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд; дастгирии истеҳсолию технологии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ; расонидани хизматҳои махсусгардонидашуда ва машваратӣ; маблағгузории корҳо оид ба тайёр намудан ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусии мутахассисон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ; фароҳам овардани шароити зарурии ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, ки сармоягузориро барои татбиқи сиёсати давлатии инноватсионӣ таъмин менамояд; ташаккули инфрасохтори инноватсионии илм, истеҳсолот ва хизматрасонӣ; иштирок дар ташкили истеҳсолоти рақобатпазир; таъмини бозори кафолатноки фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ дар асоси фармоиши давлатӣ; пешбарии инноватсияҳои ватанӣ ба бозори хориҷӣ; дигар шаклҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст. Дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар мӯҳлати талофияти лоиҳаи инноватсионӣ, вале на зиёда аз панҷ

соли баъди татбиқи амалии он таъмин карда мешавад. Дастгирии давлатии азхудкунӣ ва паҳнкунии маҳсулоти инноватсионӣ дар давраи муқарраршуда пешниҳод гардида, дар ин мӯҳлат он маҳсулоти инноватсионӣ ҳисобида мешавад. Лоиҳаҳои инноватсионии барои дастгирии давлатӣ пешниҳодшаванда бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: дорои пешниҳодҳое бошанд, ки бо мақсади ягонаи таъсиси инноватсияҳо муттаҳид шудаанд; дорои асосноккунии техникӣ ва мақсаднокии иқтисодии татбиқи лоиҳаи инноватсионӣ бошанд; дар ҳолатҳое, ки дастгирии давлатӣ бо шарти баргардонидани маблағ ба буҷет амалӣ мешавад, тасдиқи баргардонидани маблағ пешниҳод карда шавад; дорои ҳуҷҷатҳое бошанд, ки мавҷудияти навоварӣ, мӯҳлати муайяни вақт, ки дар давоми он маҳсулот инноватсионӣ ҳисобида мешавад, инчунин ҳимояи ҳуқуқии лоиҳаи инноватсиониро таъмин карда тавонанд; дорои нақша ва ҷадвали татбиқи лоиҳаи инноватсионӣ бошанд; дорои хулосаи ташхисии мусбии мақоми ваколатдор бошанд, ки маводи пешниҳодгардидаи лоиҳаи инноватсиониро ҳамаҷониба арзёбӣ намояд. Тартиби аз ҷониби субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ пешниҳод кардани лоиҳаҳои инноватсионӣ барои дастгирии давлатӣ аз ҷониби мақоми ваколатдор муқаррар карда мешавад. Агар лоиҳаи иноватсионии ба дастгирии давлатӣ пешниҳодшуда ба талаботи Қонун ҷавобгӯ набошад, мақоми ваколатдор дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи муроҷиати субъекти фаъолияти инноватсионӣ ба он раддияи далелнок мефиристад. Асосҳо барои рад намудани дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ инҳоянд: мувофиқат накардани лоиҳаи инноватсионии пешниҳодгардида ба талаботи Қонун; қарздор будани субъекти фаъолияти инноватсионӣ дар назди ташкилотҳои қарзӣ ва буҷет. Аз рӯи қарори мақоми ваколатдор оид ба рад намудани дастгирии давлатии лоиҳаи инноватсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд шикоят кардан мумкин аст. Фаъолияти инноватсионӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо, грантҳо ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, маблағгузорӣ карда мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ салоҳияти зеринро дорад: самтҳои асосии сиёсати давлатии инноватсиониро муайян менамояд; стратегияи рушди инноватсиониро тасдиқ менамояд; мақоми ваколатдорро дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ муайян менамояд; татбиқи барномаҳои

мақсадноки инноватсиониро назорат мекунад; барои ташкил ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ чораҳои зарурӣ меандешад; чораҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсиониро муайян менамояд; дигар салоҳиятро дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Мақоми ваколатдор дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ваколатҳои зеринро дорад: стратегияи рушди инноватсионӣ ва барномаҳои мақсадноки инноватсиониро таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад; ташхис ва озмуни лоиҳаҳои инноватсиониро мегузаронад; мониторинги фаъолияти субъектҳои фаъолияти инноватсиониро тибқи самтҳои мақсадноки фаъолияти онҳо, ки стратегияи рушди инноватсионӣ тасдиқ намудааст, амалӣ менамояд; ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ барои ихтиёрдорӣ ё истифодабарӣ молу мулки давлатӣ, дастовардҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонидашудаи ба онҳо баробарро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд; ваколатҳои дигарро дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Ба ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ дохил мешаванд: дар асоси стратегияи рушди инноватсионӣ ва барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ таҳия намудани арномаҳои мақсадноки инноватсионии маҳал ва пешниҳод намудани онҳо ба баррасии Маҷлиси вакилони халқи дахлдор; ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор барои ихтиёрдорӣ ё истифодабарӣ пешниҳод намудани молу мулки давлатӣ, дастовардҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонидашудаи ба онҳо баробар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; амалӣ намудани ваколатҳои дигар дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

БОБИ XXVIII. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ САЙЁҲӢ

28.1. Мафҳум ва намудҳои фаъолияти сайёҳӣ
28.2. Вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни фаъолияти сайёҳӣ.
28.3. Шартнома ҳамчун шакли хизматрасчонии сайёҳӣ.

28.1. Мафҳум ва намудҳои фаъолияти сайёҳӣ

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми фаъолияти сайёҳӣ ҳамчун «ифодаи сиёсати иҷтимоии давлат, иттифоқҳои касаба, корхонаҳо бо мақсади амлинамоии ҳуқуқи шаҳрвандон ба истироҳат, озодии ҳаракат ва дигар ҳуқуқҳо ҳангоми сайёҳат»[1], «ҳамоҳангсозии муносибатҳои бо сайёҳӣ алоқаманд бо воситаи меъёрҳои граждани-ҳуқуқӣ, ки дар маҷмӯъ шароити хусусӣ-ҳуқуқӣ барои амали намудани он чун фаъолияти соҳибкорӣ муҳаянамоянда»[2], «фаъолияти танзимгари сайёҳӣ оид ба фурӯш ва ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ, инчунин муносибатҳои ҳуқуқии байни танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ ҷиҳати пешниҳод ва фурӯш ба сайёҳ дар намуди хизмати комплексиии сайёҳӣ (тур)»[3] ва «фаъолият оид ба ташаккул, пешбур ва фурӯши неъмати комплексии иқтисодӣ, ки ба он на камтар аз ду неъмат – расонидани сайёҳ ва боғоҷи он ба нуқтаи зарурӣ ва муваққатан ҷойгирнамудан дар раванди саҳат»[4] дарҷ гардидааст.

Ба ақидаи мо фаъолияти сайёҳӣ ин фаъоляти соҳибкорӣ оид ба ташаккул, пешбурд ва хизматрасонии сайёҳии амаликунандаи танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ дар асоси иҷозатнома аст.

Фаъолияти сайёҳӣ аз дигар фаъолиятҳои иқтисодию соҳибкорӣ бо чунин нишонаҳои хос фарқ карда мешавад: мақсади ин фаъолият гирифтани фоида аст; ин фаъолиятро субъектони алоҳида баамал мебароранд, ки дорои иҷозатнома мебошанд: ин фаъолият доимо ба шахси ҷисмонӣ равона гардида, талаботи шахсии ӯро қонеъ менамояд; навобаста аз он, ки пешиҳод ва истифодабарии хизмати сайёҳӣ мақсади мушаххас до-

---

[1] Зорин И.В., Квартальнов В.А. Энциклопедия туризма: Справочник. М., 2003. С.65.

[2] Чененов Ю.А. Гражданско-правовое регулирование туристской деятельности: Дис. … канд. юрид. наук. Екатеринбург, 2003. С.6.

[3] Ахтямова Е.В. Гражданско-правовое регулирование туристской деятельности в Российской Федерации: Автореф. дис. … канд. юрид. наук. Краснодар, 2007. С.7.

[4] Зыкова И.В. Комментарий к Федеральному закону «Об основах туристской деятельности в Российской Федерации»: Постатейный. М., 2007.С.12.

рад,натиҷаи хизмат дар аксарияти ҳолатҳо аз ҷониби иҷрокунанда кафолат дода намешавад[1].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» меъёре оид ба фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ муқаррар нагардидааст. Ба ҳайси фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи фаъолияти сайёҳӣ чунин намудҳои фаъолият дохил мешаванд: а) фаъолияти сайёҳӣ (хизматрасони сайёҳӣ) хизматрасони танзимгари сайёҳӣ (фаъолияти танзимгари сайёҳӣ); хизматрасонии агентии сайёҳӣ (фаъолияти агентии сайёҳӣ); б) фаъолияти экскурсионӣ (хизматрасони экскурсионӣ) хизматрасони инструктор доир ба сайёҳӣ; в) фаъолияти меҳмонхонаҳо (хизматрасони меҳмонхонаҳо) хизматрасониҳои воситаҳои колективии ҷойгиркунонӣ; хизматрасониҳои воситаҳои махсуси ҷойгиркунонӣ; хизматрасониҳои воситаҳои инфиродии ҷойгиркунонӣ; г) хизматрасониҳо оид ба пешбурди сайёҳӣ хизматрасонии марказҳои иттилоотии сайёҳӣ; хизматрасонии рекламавӣ; хизматрасонии ташкилкунандагони намоишҳо, ярмаркаҳои махсус; д) фаъолияти нақлиётӣ (хизматрасонии перевозчикҳо) хизматрасони оид ба кашонидан ба машрути сайёҳӣ ва экскурсионӣ- сайрӣ; е) хизматрасони хуроки умумӣ; ё) дигар хизматрасониҳо дар доираи фаъолияти сайёҳӣ: хизматрасони санатори- курортӣ; хизматрасони саноати машғули ва варзишӣ; хизматрасони суғуртавӣ; хизматрасони фарҳанг; дигар хизматрасониҳо.

Дар зери мафҳуми дигар фаъолияти иқтисодии субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ фаъолияте фаҳмида мешавад, ки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳот ғайритиҷоратӣ барои баамалбарори ҳуқуқҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сайёҳӣ ва фаъолияти сайёҳӣ равона намудаанд.

Дар сатҳи диссертатсинӣ танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳиро дар ҶТ аз ҷониби дотсент Сангинов Д.Ш. (Танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ дар ҶТ. Автореферат барои унвонҷӯӣ ба номзади илмҳои ҳуқуқ. Душанбе, 2010; Танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳиро дар ҶТ. Диссертатсия барои унвонҷӯӣ ба номзади илмҳои ҳуқуқ. Душанбе, 2010) . Ҳуқуқи сайёҳии ҶТ аз ҷониби омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳамчун фанни таълимӣ ба донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодӣ дар асоси барномаи таълимӣ ва асарҳои олимони ватанӣ (Масалан, Танзими

[1] Сангинов Д.Ш. Прававое регулирование туристской деятелности в Республике Таджикистан. Дис. канд. юрид. наук. Душанбе, 2010. С.8.

ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ дар ҶТ: масъалаҳо ва роҳҳои ҳалли он. Монография. Душанбе, 2010; Вазъи ҳуқуқии сайёҳ дар фаъолияти сайёҳӣ. Воситаи таълимӣ. Душанбе: «Маориф ва фарҳанг». 2011; Ҳуқуқи сайёҳии ҶТ (санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ). Воситаи таълимию амалӣ. Душанбе: «Эр-граф», 2012; Ҳуқуқи сайёҳии ҶТ. Воситаи таълимӣ. Душанбе, «Эр-граф», 2012 бо муаллифии Сангинов Д.Ш.) дарс дода мешавад.

28.2. Вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни фаъолияти сайёҳӣ

Иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин шахсоне мебошанд, ки дар фаъолияти сайёҳӣ ширкат меварзанд ва ё ин фаъолиятро амалӣ менамоянд. Барои муайян намудани ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни ҳуқуқи сайёҳӣ мо бояд моҳияти онро аниқ созем. Иштирокчии ҳуқуқ категорияи васеъи ҳуқуқшиносӣ аст. Ба ин мафҳум ҳамаи шахсони дар муносибатҳои ҷаъмиятӣ ширкаткунанда дохил мешавад, ки дорои ҳуқуқ ва уҳдадории субъективӣ мебошанд. Ҳуқуқ ва уҳдадории субъективӣ дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкуниро ифода мекунад. Қобилияти доштани ҳуқуқу уҳдадории граждани (қобилияти ҳуқуқдории граждани) нисбати ҳамаи шаҳрван-дон ба андозаи баробар эътироф карда мешавад. Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд аз лаҳзаи таваллуд ёфтанаш ба миён омада, пас аз вафоташ қатъ мегардад. Шаҳрванд метавонад ҳам дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он дорои ҳуқуқи моликият ба амвол, аз ҷумла асъори хориҷӣ бошад; амволро мерос гирад ва васият кунад; дар қаламрави ҷумҳурӣ озодона ҳаракат карда, ҷои зист интихоб намояд; ҳудуди ҷумҳуриро озодона тарк карда, ба қаламрави он баргардад; бо ҳар гуна фаъолияти манънакардаи асноди қонуни машғул шавад; мустақилона ё якҷоя бо шаҳрвандон ва ашхоси ҳуқуқии дигар шахси ҳуқуқи таъсис диҳад; ҳар гуна аҳдҳои бо асноди қонуни манънашударо анҷом дода, дар уҳдадориҳо иштирок намояд; дорои ҳуқуқи моликияти зеҳни ба ихтироот, асари илмӣ, адабӣ, санъат ва натиҷаҳои дигари фаъолияти зеҳнӣ бошад; ҷуброни зиёни моддӣ ва маънавиро талаб намояд; ҳуқуқи дигари амволӣ ва шахсӣ дошта бошад.

Қобилияти шаҳрванд барои бо амали хеш ба даст овардан ва татбиқ намудани ҳуқуқи граждани, барои худ муқаррар намудани уҳдадорӣ ва иҷро намудани он (мукаллафияти граждани) дар ҳаҷми пурра бо фаро расидани балоғат, яъне пас аз расидан ба синни ҳаждаҳ, ба миён меояд. Агар тибқи қонун издивоҷ то ба

синни ҳаждаҳсолагӣ расидан иҷозат бошад, шаҳрванди ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасида аз вақти издивоҷ карданаш пурра қобилияти амалро ба даст меорад. Қобилияти амали дар натиҷаи издивоҷ бадастомада дар сурати бекор кардани никоҳ низ пурра боқӣ мемонад. Ба истиснои ҳолатҳо ва мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амали ҳеҷ касро маҳдуд сохтан мумкин нест. Риоя накардани шарту тартиби дар қонун муқарраргардидаи маҳдуд сохтани қобилияти амали шаҳрвандон ё ҳуқуқи машғул шудани онҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти дигар боиси беэътибор донистани санади мақоми давлатӣ ё мақоми дигаре мегардад, ки маҳдудиятҳои дахлдорро муқаррар намудааст. Пурра ё қисман даст кашидани шаҳрванд аз қобилияти ҳуқуқдорӣ ё қобилияти амал ва аҳдҳои дигар, ки ба маҳдуд сохтани қобилияти ҳуқуқдорӣ ё қобилияти амал равона гардидаанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин аҳдҳоро қонун иҷозат додааст, эътибор надоранд.

Шахси ҳуқуқи метавонад мутобиқи мақсадҳои фаъолияти дар ҳуҷҷатҳои таъсисии он пешбинигардида ҳуқуқи граждани ва вобаста ба ин фаъолият уҳдадорӣ дошта бошад. Ташкилотҳои тиҷоратӣ, ба истиснои корхонаҳои воҳид ва намудҳои дигари ташкилотҳои пешбининамудаи қонун метавонанд ҳуқуқу уҳдадориҳое дошта бошанд, ки барои татбиқи ҳар намуди фаъолияти бо қонун манънашуда заруранд. Шахси ҳуқуқи бо намудҳои алоҳидаи фаъолияте, ки номгӯи онҳо бо қонун муайян карда мешавад, танҳо дар асоси иҷозатномаи махсус (литсензия) машғул шуда метавонад. Ҳуқуқи шахси ҳуқуқи танҳо дар ҳолатҳо ва мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонун метавонад маҳдуд карда шавад. Нисбати қарори маҳдуд кардани ҳуқуқ ба суд шикоят кардан мумкин аст. Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқи аз лаҳзаи таъсиси он ба миён омада, дар лаҳзаи ба охир расидани он қатъ мегардад. Ҳуқуқи шахсӣ ҳуқуқи ҷиҳати татбиқи фаъолияте, ки барои машғул шудан ба он гирифтани иҷозатнома (литсензия) зарур аст, агар дар қонунҳо тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, аз лаҳзаи гирифтани чунин иҷозатнома (литсензия) ё дар мӯҳлати дар он зикргардида ба миён омада, бо гузаштани мӯҳлати амали он қатъ мегардад

Ҳамаи иштирокчиёни ҳуқуқи сайёҳиро мо метавонем ба панҷ гурӯҳ тақсим намоем: шахсони воқеӣ; шахсони ҳуқуқӣ; давлат, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар иштирокчиён.

Аз рӯи таснифоти умумиэътирофшуда иштирокчиёни ҳуқуқи сайёҳиро чунин гурӯҳбандӣ менамоянд:

1. Сайёҳ ҳамчун истъмолкунандаи маҳсулоти сайёҳӣ;
2. Танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ.
3. Давлат ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи сайёҳӣ.
4. Ташкилотҳои байналмилалии соҳаи сайёҳӣ.
5. Дигар иштирокчиёни муносибатҳо дар бахши ҳуқуқи сайёҳӣ.

Дар соҳаи сайёҳӣ инсони истеъмолкунанда сайёҳ мебошад. Сайёҳ ин шаҳрванд ва шахсони бешаҳрвандии истифодабарандаи хизматрасонии сайёҳӣ, ки аз ҷои истиқомати доимӣ ба кишвари (макони) дигари муваққатӣ ба мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат (ба истиснои ҳаҷ), тиҷорат, варзиш ва дигар мақсадҳои вобаста ба саёҳат сафар мекунад. Хизматрасонии сайёҳӣ аз ҷониби субъектони фаъолияти сайёҳӣ яъне танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ ба анҷом расонида шуда, танҳо дар раванди истеъмоли хизматрасонии сайёҳӣ он аз ҷониби сайёҳ ин хизматрасонӣ баҳогузорӣ мешавад.

Дар муносибатҳои саёҳӣ саёҳ дар мавриди таёрӣ ба саёҳат ва ҳангоми ба амалбарории он доро чунин ҳуқуқҳо мебошад: ба итилооти зарурӣ ва воқеӣ дар бораи қоидаҳои ворид шудан ба давлати (маҳали) ҷойгиршавии мувақатӣ ва иқомат дар онҷо; ба итилооти зарурӣ ва воқеӣ дар бораи суннат, урфу одат, ҷойҳои муқаддас, эътиқоди динию мазҳабӣ, муҷасамаҳои табиӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва объектҳои саёҳии дигаре, ки таҳти ҳимояи махсуси давлат қарор доранд; ба итилооти зарурӣ ва воқеӣ дар бораи ҳолати муҳити атроф; озодона ҳаракат намудан, озодона дастрас кардани захираҳои сайёҳӣ бо дар назардошти маҳдудиятҳои аз ҷониби давлатӣ (маҳалӣ) исти мувақатӣ қабулшуда; таъмини бехатарии шахсӣ, ҳуқуқҳои истеъмолӣ ва амволи худ, гирифтани ёрии тиббии фаврӣ; ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ дар ҳолати иҷро нашудани шартҳои шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ аз ҷониби танзимгари сайёҳӣ ва ё агентии сайёҳӣ бо тартиби муқаррар намудаи қонунгузорӣ; мусоидати мақомоти ҳокимияти давлатии кишвар (маҳал) ба гирифтани ёрии ҳуқуқӣ ва дигар намуди ёрӣ. дастрасии бемамоният ба воситаҳои алоқа.

Сайёҳон вазифадоранд: қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд, ба низоми сиёсию иҷтимоии давлатӣ, суннат, урфу одат, эътиқоди динию мазҳабӣ ва тарзи зиндагии аҳолии маҳаллӣ эҳтиром гузоранд; нисбат ба муҳити зист, ёдгориҳои мероси таърихию фарҳангӣ, ҷойҳои муқаддас ва осори дигаре, ки таҳти ҳимояи махсуси давлат қарор доранд, бо эҳтиёт муносибат намоянд; қоидаҳои дохил шудан ба Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва хориҷ шудан аз ҳудуди онро риоя намоянд; шартҳои қарордодҳо оид ба хизматрасонии сайёҳиро риоя намоянд; зарар ва хароҷоти аз тарафи сайёҳ дар давраи саёҳат ба ташкилоти сайёҳӣ қабулкарда ё фиристода расонидаро пурра ҷуброн намоянд; зарари ба шахсони сеюм дар давраи саёҳат расонидашударо ҷуброн намоянд; қоидаҳои шахсии бехатариро ҳангоми саёҳат риоя намоянд.

Дар баробари ин ҳар як инсон, ки ба муносибатҳои ҳуқуқи сайёҳӣ ворид мегардад, яъне сайёҳ мешавад аз ҳуқуқҳое, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дарҷ ёфтааст, истифода мебарад.

Тибқи моддаи 3 Қонуни зикршуда истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад: ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон; ба маълумот доир ба хизматрасонӣ ва ҳамчунин доир ба иҷрокунандагони он; ба бехатарии хизматрасонӣ; ба интихоби озоди хизматрасонӣ; ба сифати муносиби хизматрасонӣ; ба ҷуброни пурраи зараре (зиёне), ки бинобар нуқсони хизматрасонӣ расидааст; ба ҳимояи ҳуқуқҳои худ; ба таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон; ба пешниҳод кардани таклифу дархостҳо оид ба беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ба иҷрокунандагон.

Мутобиқи сархати 19 моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» субъекти фаъолияти туристӣ - ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ, аз он ҷумла ашхоси ҳуқуқӣ ё воқеии хориҷӣ, ё ашхоси бе шаҳрвандӣ, ки хизматрасонии туристиро мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунанд. Қонуни мазкур ду иштирокичии баамалбарорандаи фаъолияти сайёҳиро пешбинӣ намудааст: танзимгарӣ сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ. Дар асоси моддаи 2 Қонун фаъолияти танзими туризм - фаъолият оид ба ташаккул, пешбурд ва фурӯши маҳсулоти туристӣ, ки дар асоси иҷозатнома аз ҷониби ашхоси воқеӣ ё ҳуқуқӣ (минбаъд - «танзимгари туризм») амалӣ мегардад; фаъолияти агентии туризм - фаъолият оид ба пешбурд ва фурӯши маҳсулоти туристӣ, ки дар асоси иҷозатнома аз ҷониби ашхоси воқеӣ ё ҳуқуқӣ минбаъд («агентии туристӣ») амалӣ мегардад.

Аз муқаррароти қонунгузории амалкунанда бармеояд, ки ягон маҳдудият барои ташкил намудани фирмаи сайёҳӣ (танзимгарӣ сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ) ҳамчун соҳибкорӣ инфиродӣ ва ё шахси ҳуқуқӣ ҷой надорад.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» се намуди фаъолияти амаликунандаи танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ ҷой дорад:

1) фаъолият оид ба ташаккули маҳсулоти туристӣ;

2) фаъолият оид ба пешбурди маҳсулоти туристӣ;

3) фаъолият оид ба фурӯши маҳсулоти туристӣ.

Ташаккули маҳсулоти туристӣ – фаъолияти танзимгари сайёҳӣ оид ба бастан ва иҷро намудани шартнома бо шахсонии сеюм ҷиҳати расонидани хизматҳои алоҳида, ки ба саёҳат дохил мешавад (меҳмонхонаҳо, боркашонандагон, экскуосаводҳо, роҳбаладон).

Пешбурди маҳсулоти туристӣ - маҷмӯи тадбирҳое, ки ба фурӯши маҳсулоти туристӣ (реклама, иштирок дар намоишгоҳҳои махсусгардонидашуда, ярмаркаҳо, ташкилӣ марказ-ҳои иттилоотии туристӣ оид ба фурӯши маҳсулоти туристӣ, нашри феҳристҳо, буклетҳо ва г.) нигаронида шудаанд.

Фурӯши маҳсулоти туристӣ – фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва ё агентии сайёҳӣ оид ба бастани шатномаҳои хизматрасонии сайёҳӣ бо сайёҳон, инчунин фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва ё шахсони сеюм оид ба расонидани хизмат ба сайёҳ мутобиқи шартнома аст.

Танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ ҳуқуқ доранд: ба ташаккул, пешбурд ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; ба пешниҳоди таклифо ҷиҳати ҳимояи захираҳои сайёҳӣ, нигоҳдорӣ ва эҳёи онҳо, тартиби истифодабарии онҳо; ба пешниҳоди таклифҳо оид ба мукамалгардонии барномаҳои таълимӣ ҷиҳати омузиши касбӣ дар соҳаи сайёҳӣ, баланд гардидани сатҳи тайёрии кормандон ва мутахасисони соҳаи сайёҳӣ; ба объектҳои саноати сайёҳӣ, ки соҳибмулки он мебошанд муайян намудани категорияҳое, ки ҳангоми таснифи сертификатсияи он муқаррар мегардад; бо тартиби муқарарашуда гирифтани маълумоти зарурӣ барои баамалбарории фаъолияти худ аз мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ; ба иштирок бо тартиби муқарарраршуда дар коркарди барномаҳои рушди сайёҳӣ; ба таъсиси иттиҳодияҳо (иттифоқ ва асотсатсияҳо) бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин пешниҳод ва ҳифзи манфиатҳои умумии молумулкӣ; ба ҷуброни зарари дар натиҷаи ҳаракат ва ё беҳаракатии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансадор, қарорҳои ғайриқонунӣ онҳо расонидашуда.

Субъектҳои фаъолияти туристӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеанд, вазифадоранд: барои ҳуқуқи шуғл ба фаъолияти туристӣ

дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома, инчунин сертификати мутобиқат ба маҳсулот ва хизматрасонии туристии пешниҳодшаванда дошта бошанд; оид ба хизматрасонӣ ба туристон ба тартиби муқаррар-гашта ҳисоботи аснодӣ баранд; ба мақомоти идораи давлатӣ дар соҳаи туризм тибқи намунаҳои муқарраршуда маълумот ва ҳисобот пешниҳод намоянд; ба турист оид ба ташкил ва гузаронидани сайёҳат маълумоти пурра ва дақиқ, дода, ба турист барои хизматрасониҳо мутобиқи маълумоти пешниҳодшуда роҳҳати туристии намунаи ягона фурушанд; бехатарии туристон ва нигоҳдории амволи онҳо, муҳайё намудани шароити амният барои фаъолияти туристӣ, омузо-нидани қоидаҳои амният, расонидани ёрии таъҷилиро ба туристон таъмин намуда, барои зарари ба туристон расонидашуда мувофиқи қонунгузорииҶумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд; оид ба масъалаҳои эҳёи саноати туристӣ (сохтмони меҳмонхонаҳо, базаҳои туристӣ, кемпингҳо, марказҳои истироҳатӣ ва г.) бо мақомоти идораи давлатӣ мувофиқа кунанд; субъекти фаъолияти туристӣ ҳангоми ташкил ва амалӣ сохтани саёҳат, дар назди муштарӣ, чӣ барои амали худ ва чӣ барои амали шариконӣ хеш оид ба ташкили саёҳат (пешниҳоди хизматрасонии ҷойгиркунӣ, озуқа, нақлиёт ва дигар хизматрасоние, ки дар барномаи сафар ворид гардида, дар роҳҳат зикр шудаанд) ва фурӯши он ҷавобгар мебошад.

Дар банди 3 ва 4 қисми 2 моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» ба сифати уҳдадории танзимгари туризм ва агентии туристӣ муқаррар шудааст, ки тибқи он ба мақомоти идораи давлати дар соҳаи туризм тибқи намунаҳои муқарраршуда маълумот ва ҳисобот пешниҳод намоянд, ба турист оид ба ташкил ва гузаронидани саёҳат маълумоти пурра ва дақиқ дода, ба турист барои хизматрасониҳо мутобиқи маълумоти пешниҳодшуда роҳҳати туристии намунаи ягона фурӯшанд. Ин муқаррарот наметавонад, ки дар чунин шакл ифода гардида, суъбектони фаъолияти сайёҳиро дар дигар мавридҳо аз пешниҳоди иттилоот озод намояд. Ба ақидаи мо моддаи алоҳида оид ба уҳдадории иттилоотӣ дар Қонун бояд ҷой дошта бошад, ки мутобиқи он танзимгари сайёҳӣ уҳдадор аст, ки саривақт ба сайёҳ маълумоти зарурӣ ва дурустро дар бораи худ, суъектҳои фаъолияти сайёҳии хизматрасон, ки ба маҷмӯаи хизматрасонии сайёҳӣ дохил мегардад ва инчунин дар бораи хусусиятҳои хизматрасони, ки таъминкунандаи интихоби дурусти он мегарданд, пешниҳод намояд. Ба ингуна маълумот дохил мегарданд: дар бо-

раи танзимгари сайёҳӣ, ҷойи ҷойгиршавӣ ва нишонаи он, мавҷудияти иҷозатнома барои фаъолияти сайёҳӣ; дар бораи мавҷудияти шартномаи суғурта ва ё дигар таъминоти молиявии таъминкунандаи масулияти танзимгари сайёҳӣ дар мавриди муфлисшавии он; дар бораи сана ва вақти оғозу анҷоми сайёҳат, давомияти он; дар бораи шумораи камтарини сайёҳон дар гурӯҳ, мӯҳлати ба истеъмолкунандагон расонидани маълумот дар бораи баргузор нагардидани саёҳат бо сабаби ҷамъ нагардидани гурӯҳ; дар бораи тартиб ва мӯҳлати пешниҳод намудани шикоят аз ҷониби сайёҳ ва ғайра.

Дар баробари сайёҳ, танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ давлат низ яке аз иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи сайёҳӣ аст. Таҷрибаи давлатҳои гуногун нишон медиҳад, ки омили рушди сайёҳӣ аз он вобастааст, ки то кадом дараҷа ин соҳа аз ҷониби давлат дастгирӣ меёбад. Ҳар як давлат барои он ки аз сайёҳӣ ба буҷет маблағҳои калон ворид намояд бояд дар муносибатҳои ҳуқуқи сайёҳӣ иштирокчии фаъол бошад.

Дар айни ҳол дар муносибатҳои сайёҳӣ давлат дар симои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ (мақоми ваколатдори давлатӣ) ҳамчун иштирокчии муносибатҳои сайёҳӣ баромад менамояд.

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ дохил мешаванд: қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқие, ки фаъолияти сайёҳиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамоянд; муқаррар намудани тартиби воридоту содироти хизматрасонии сайёҳӣ; басташудани созишномаҳои байниҳукуматӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва муайян намудани тартиби тадбиқи онҳо: тасдиқи барномаҳои давлатии инкишофи сайёҳӣ, ки ба такмили саноати сайёҳӣ равона шудаанд, иштирок дар иҷрои барномаҳои байналмилалӣ; муқаррар ва ҷори намудани тартиби истифодаи захираҳои сайёҳӣ бо мақсади туризм ва ҷуброни зарарҳои расонидашуда; фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоя ба соҳаи сайёҳӣ; ташкили усулҳои давлатии тайёрнамудани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва таъминоти илмии соҳаи сайёҳӣ; муайян намудани тарифҳои ягона барои баромадан ба қуллаҳои кӯҳӣ, пардохти наҷоти кӯҳӣ, боҷи экологӣ; сиёсати давлатиро дар соҳаи сайёҳӣ амалӣ менамояд; ҳалли дигар масъалаҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти он вобастаанд.

Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ ҳуқуқ надорад функсияҳои назорат ва функсияи идораи амволи давлатиро анҷом диҳад, ба истиснои ҳолатҳое, ки фармонҳои Президенти Ҷумҳурим Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд. Маҳдудиятҳои муқаррарнамуда ба ваколатҳои Раис оид ба идораи амволи давлатӣ, ки ба Кумита бо ҳуқуқи идораи оперативӣ дода шудааст, ҳалли масалаҳои кадрӣ ва масьалҳои ташкили фаъолияти Кумита татбии намегардад.

Яке аз вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ коркарди қонунгузории муосири умумифародигардаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилаии сайёҳӣ мебошад. Нақши муасир дар ноил шудан ба ин вазифа ба зиммаи ташкилотҳои байналмилалии соҳаи сайёҳӣ гузошта шудааст.

Муомилоти доимии сайёҳӣ боиси бавуҷудоии ташкилот-ҳои сайёҳии махсусгардонидашуда гардидааст: ВТО, IATA, ICAO, PATA ва ғайра. Дар ҷаҳон дар айни ҳол зиёда аз 200 ташкилотҳои байналмилаии сайёҳӣ бақайд гирифта шудааст.

Ташкилотҳои сайёҳӣ қувваи худро баҳри қабули рекламентҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, омӯзиши мушкилоти соҳаи сайёҳӣ, коркарди тавсияҳои муҳим барои рушди сайёҳӣ равона намудаанд. Фаъолияти ташкилотҳои сайёҳӣ барои рушди сайёҳӣ нақши басо муҳим доранд. Ташкилотҳои байналмилалии сайёҳӣ манфиатҳои давлатҳои ҷаҳонро ифода намуда, ба рушди сайёҳии байналмилалӣ мусоидат менамоянд. Ба фаъолияти онҳо такия намуда давлатҳо, минтақаҳо, вилоятҳо ташкилотҳои сайёҳии худро баҳри рушд ва ташаккули сайёҳӣ тасис медиҳанд.

Фаъолияти баъзе аз ташкилотҳои байналмилалиро баррасӣ менамоем.

Созмони миллали мутаҳид (СММ) – ташкилоти пешбаранда, ки танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалиро баамал мебарорад. Вазифаи асосии СММ нигоҳдорӣ ва устуворнамоии сулҳи байналмилалӣ ва бехатарӣ, бехатарӣ ва рушди ҳамкории байни давлатҳо мебошад. Аз ҷониби СММ конвенсияҳо асосӣ оид ба масоили танзими ҳуқуқии сайёҳӣ коркард ва қабул карда шудаанд. Дар конфронси СММ оид ба сайёҳии байналмилалӣ ва сайёҳат соли 1963 нақши иҷтимоӣ, таълимӣ ва фарҳангии сайёҳӣ баён гардида, ҷойи он дар рушди иродаи самимӣ ва ҳамкорӣ, нигоҳдории сулҳ байни давлатҳо баён гардида буд. Конфронс ҳукуматҳои кишварҳоро даъват намуд, ки «нақши роҳнамо ва

ҳамоҳангсозандаи ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти сайёҳии миллиро иҷро намоянд» ва тавсия дод, ки ба ташкилотҳои сайёҳии миллӣ «ҳуқуқ ва захираҳои заруриро ҷиҳати андешидани чораҳои судмад барои рушди сайёҳӣ миллӣ ба байналмилалӣ, бо ризояти ҳукуматҳо таъмин намояд». Тавсияҳои конфронс асос барои бавуҷудоии сиёсати миллии сайёҳӣ гардида, мафҳумҳои алоҳида «сайёҳ», «экскурсант», «иқоматкунандаи муваққатӣ» дар омори сайёҳӣ муайянитро бавуҷуд овард.

Аъзоёни Ташкилоти умумиҷаҳонии сайёҳӣ ба 3 гурӯҳ ҷудо карда мешавад:

1) Аъзоёни воқеӣ - ҳама давлатҳои соҳибистиқлол;

2) Аъзоёни ассотсатсияшуда – ҳудудҳо ва ё гурӯҳи ҳудудҳо, ки барои муносибатҳои берунаашон ҷавобгар намебошанд;

3) Аъзоёни ҳамрошуда – ташкилотҳои байналмилалӣ, байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматие, ки дар соҳаи сайёҳӣ манфиатдор мебошанд.

ТУС ташкилоти бузургтарини байниҳукуматӣ буда, 143 давлатро мутаҳид менамояд, 350 аъзоёни ҳамрошуда (фирмаҳои сайёҳӣ, ташкилотҳои ҳавопаймоӣ, меҳмонхонаҳо, ташкилотҳои ҷаъмиятӣ, муасисаҳои таълимӣ) дорад. Мақомоти ин ташкилот Асамблеяи генералӣ, Шӯрои иҷроиявӣ, Котибот.

27 ноябри соли 2008 дар Шӯрои ҳабдаҳуми ТУС Созмони миллали муттаҳид, ки дар шаҳри Картахена-де-Индиаси Колумбия баргузор шуд, Тоҷикистон узви комилҳуқуқӣ ин ташкилот интихоб гардид. Узвият Тоҷикистонро уҳдадор месозад, ки тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи сайёҳияшро ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ин соҳа мутобиқ намояд.

Дар соҳаи сайёҳӣ чунин ташкилотҳои байналмилалӣ низ фаъолият менамоянд:

– Федератсияи байналмилалии асостсатсияҳои агентиҳои сайёҳӣ – вазифааш муттаҳиднамоӣ ва устуворкунии асотсатсияҳои миллӣ ва дигар иттиҳодҳо, иттифоқҳои танзимгарон ва агентиҳои сайёҳӣ бо роҳи расонидани хизмат ҷиҳати ёрии касбӣ ва техникӣ, иникоси манфиати ин ташкилотҳо дар сатҳи байналмилалӣ, дастгириии обурӯи ин касб аст;

– Асотсатсияи байналмилаии меҳмонхонаҳо – вазифааш рушди ҳамкории байни асотсатсияҳои миллии меҳмонхона-ҳои ҳамаи давлатҳои ҷаҳон, ҳифзи манфиатҳои шахсӣ ва касбии аъзоёни худ, омузиши мушкилоти саноати меҳмонхонаҳо, нашр ва мубодилаи маводҳои иттилотӣ;

– Асотсатсияи байналмилалии нақлиёти ҳавоӣ ва Ташкилоти байналилалии авиатсияи граждани – вазифаи асосияшон рушд ва таъмини бехатарии бозори байналмилалии боркашонии ҳавоии махусгардонидашуда ва аз нигоҳи иқтисодӣ муфид мутобиқи стандарт ва меъёрҳои байналмилалӣ;

– Асотсатсияи Осиё-Уқёнуси ороми сайёҳӣ – вазифааш коркарди санадҳои қонунгузории минтақаи Осиё-Уқёнуси ором;

– Асотсатсияи байналмилалии ташкилотҳои Франчайзнг (МАФО) – вазифааш ҳамоҳангсозии ҳамкориҳо дар франчайзинг, коркарди тавсияҳо, унификатсияи мафҳумҳо;

– Ташкилоти байналмилалии матбуоти сайёҳӣ (МФТП) – вазифааш коркарди тавсияҳо, пешбурди маниторенги рушди сайёҳӣ, фаъолияти рекламавӣ, гузаронидани озмунҳо, додани мукофотҳо;

– Асотсатсияи байналмилалии бизнеси меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо – вазифааш гузаронидани омзунҳои солона, ташкили вохуриҳо, муайян кардани мақсад ва вазифаҳо барои оянда;

– Иттиҳоди аврупо – иттиҳоди 25 кишвари Аврупо – вазифааш мутаҳиднамоӣ барои пешрафти оянда ва фаъолият дар асоси қонунҳо ва стандартҳои ягона;

– Асотсатсияи умумиҷаҳонии дастгирии маориф ва тайёри кадрҳои соҳаи сайёҳӣ ва бизнеси меҳмонхонаҳо – вазифаи асосияш коркарди тавсияҳо, стандартҳо, талаботи класификатсионӣ барои кормандони саноати сайёҳӣ, баррасии мушкилоти тайёрнамудани мутахассисони касбии соҳаи сайёҳӣ;

– Асотсатсияи мактабҳои аврупоии бизнеси меҳмонхонаҳо – вазифааш коркарди тавсияҳо барои рушди саноати меҳмонхонаҳо;

– Комиссияи аврупоӣ оид ба сайёҳӣ – вазифааш рекламаи Аврупо дар бозори байналмилалии сайёҳӣ;

– Маъмурияти миллии сайёҳӣ (НТА) – ташкилотҳои махсусгардонидашудаи ҳукуматҳо (вазоратҳо)-и давлатҳои рушдёфта – вазифаашон ташаккул ва коркарди маҳсулоти сайёҳӣ, пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ ба бозори сайёҳӣ, ҳалли масоили дохилӣ, коркарди маркетинг, омузиши қисмати банднабудаи бозори сайёҳӣ. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни ҳол чунин маъмурияти махсусгардонидашудаи сайёҳӣ Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ мебошад.

Дар баробари ташкилотҳои номбаршуда садҳо ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавии сайёҳӣ мавҷуд мебошанд, ки вазифаи асосии онҳо мубодилаи иттилооти сайёҳӣ, омузиши омори

сайёҳии байналмилалӣ, пешбинии рушди сайёҳӣ, маркетенг, дастгирии мунтазамии иқтисодиёт, рушди саноати меҳмоннавозӣ ва масоили дигар оид ба соҳаи сайёҳӣ аст. Ҳуҷҷатҳои аз ҷониби ин ташкилотҳо қабул-шаванда аҳмияти муҳим барои рушди сайёҳии байналмилалӣ доранд. Ин ҳуҷҷатҳо ҳамоҳангии қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ, унификатсияи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳамкории амиқи ҳамаи иштирокчиёни бозори сайёҳӣро таъмин намуда, асос барои таъсиси ҳуқуқи сайёҳии миллӣ гардидаанд.

Дар муносибатҳои ҳуқуқи сайёҳӣ ба истиснои сайёҳ, танзимгарӣ сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ, давлат, ташкилотҳои байналмилалӣ инчунин иттиҳодияи сайёҳон, танзимгарон ва агентиҳои сайёҳӣ, марказҳои дилхушӣ, ташкилотҳои суғур-тавӣ ва ғайра низ ширкат меварзанд.

Иштирокчии дигари муносибатҳои ҳуқуқи сайёҳӣ иттиҳодияи танзимгарон ва агентиҳои сайёҳӣ мебошад. Ташкилотҳои тиҷоратӣ ба монанди танзимгару агентии сайёҳӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкориашон, инчунин намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии молу мулкӣ метавонанд тибқи шартномаи байни худ иттиҳодияҳоро дар шакли ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) таъсис диҳанд, ки онҳо ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд. Агар бо қарори иштирокчиён ба зимаи ассотсиатсия (иттифоқ) фаъолияти соҳибкорӣ гузошта шавад, чунин ассотсиатсия (иттифоқ) бояд бо тартиби пешбининамудаи қонун ба ҷамъият ё ширкати хоҷагидорӣ табдил дода шавад. Барои татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ҳуқуқ доранд, ки ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ таъсис диҳанд ё дар онҳо иштирок намоянд. Ассотсиатсия шахси ҳуқуқӣ мебошад. Аъзои ассотсиатсия мустақилияти худ ва ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро нигоҳ медоранд. Ассотсиатсия аз рӯи уҳдадориҳои аъзои худ масъулият надорад. Номи ассотсиатсия бояд ишора ба мақсади асосии фаъолияти он ва мақсади асосии фаъолияти аъзои онро бо иловаи калимаҳои "ассотсиатсия" ё "иттифоқ" дар бар гирифта бошад. Ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия (иттифоқ) шартномаи таъсиси аз ҷониби аъзоёни он имзогардида ва оинномаи тасдиқнамудаи онҳо мебошанд.

Аъзои ассотсиатсия (иттифоқ) ҳуқуқ доранд, ки аз хизматҳои он ба таври ройгон истифода намоянд, ба шарте ки дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад ва аз хусусияти хизматрасонӣ барнаояд. Узви ассотсиатсия (иттифоқ) ҳақ дорад, ки пас аз хотимаи соли молиявӣ бо

салоҳдиди хеш аз ҳайати ассотсиатсия барояд. Дар ин сурат ӯ аз рӯи уҳдадориҳои ассотсиатсия дар давоми ду соли пас аз хориҷ шуданаш мутаносибан ба аъзоҳаққии худ масъулияти иловагӣ бар дӯш дорад. Узви ассотсиатсия дар ҳолатҳо ва мувофиқи тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия муқаррагардида мумкин аст бо қарори иштирокчиёни боқимонда аз он хориҷ карда шавад. Дар мавриди аъзоҳаққии молу мулкӣ ва масъулияти узви хориҷшудаи ассотсиатсия қоидаҳои марбут ба баромадан аз ҳайати ассотсиатсия истифода мешаванд. Бо ризоияти узви ассотсиатсия ба он метавонад узви нав шомил шавад. Ба ассотсиатсия (иттифоқ) шомил шудани иштирокчии нав мумкин аст вобаста ба масъулияти иловагии доштаи он оид ба уҳдадориҳои ассотсиатсия (иттифоқ), ки то шомилшавии ӯ ба миён омадааст, сурат гирад.

Дар айни ҳол дар Тоҷикистон 4 Асостсатсияи сайёҳӣ, 1 ҷумҳуриявӣ ва 3 минтақавӣ фаъолият дорад, ки аксарияти танзимгарон ва агентиҳои сайёҳиро муттаҳид намудааст.

Дигар иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи сайёҳӣ марказҳои дилхушӣ мебошанд. Марказҳои дилхушӣ ин клубҳои шабона, дискоклубҳо, интернеткафеҳо, марказҳои компютерӣ, толорҳои букмекерӣ ва марказҳои бозиҳои бурднок, тарабхонаҳо ва дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои фароғатӣ ва истироҳатӣ машғуланд.

Дар муносибатҳои сайёҳӣ осорхонаҳо (музей) ва боғҳо (паркҳо) низ ширкат меварзанд, ки дар ҳамчун муасиса фаъолият менамоянд.

Масалан бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 1996 № 135 Низомномаи Осорхонаи миллии бос-тонии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, ки тибқи он Музеи миллии бостонии Тоҷикистон дар заминаи музеи таърих, археология ва этнографияи назди Пажӯҳишгоҳи таърих, археология ва этнографияи ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун музеи давлатии аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта таъсис ёфтааст. Музеи миллии бостонии Тоҷикистон муассисаи илмию тадқиқотӣ ва илмию фарҳангӣ буда, яке аз ганҷинаҳои асосии осори таърихи тамаддун ва санъати Тоҷикистон аст. Дар фаъолияти худ Музеи бостонии Тоҷикистон (минбаъд Музеи миллӣ) Конститутсия, қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастури амал қарор медиҳад. Музеи миллӣ шахси ҳуқуқӣ буда, мӯҳр, бланка ва штамп бо унвони худ

дорад. Музеи миллӣ аз панҷ шуъба: таърих, археология, этнография, тармим ва намоиш иборат аст.

Музеи миллӣ барои ҷамъоварӣ, ҳифз, омӯзиш, тармим ва намоиши барҷастатарин ёдгориҳои таърихӣ, археология, этнография ва санъати халқӣ, ки дар натиҷаи экспедицияҳои археологии Пажӯҳишгоҳи таърих, археология ва этнографияи ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, экспедицияҳои худӣ, экспедицияҳои муштараки байналмиллалӣ, бозёфтҳои тасодуфии ҳамчун тӯҳфа додашуда ва ё тавассути ҳайати харидории Музеи миллӣ бадастомада таъсис гардидааст. Маблағҳои Музеи миллӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои зерин ташаккул меёбанд:

а) маблағе, ки тибқи смета аз буҷети ҷумҳурӣ ҷудо карда мешавад;

б) маблағи махсусе, ки аз билетпулӣ, фурӯши нашрия, тӯҳфа, нусхаҳои экспонатҳо ва хизматрасонии дигари мухталифи пулакӣ, аз ҷумла ташкили намоишҳои тиҷоратии байналмилалӣ ба даст меояд;

в) кӯмакҳои хайрияи муассисоти ҷумҳурӣ, хориҷӣ ва шахсони алоҳида.

Низомномаи Парки Миллии Тоҷикистон бошад бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2002, №277 тасдиқ шудааст. Дар асоси ин Низомнома Парки Миллии Тоҷикистон бо мақсади тақвияти ҳифзи табиат, нигоҳ доштани комплекси ландшафтҳои пурбаҳо, намудҳои нодир ва аз нобудшавӣ нигоҳ доштани набототу ҳайвонот, системаи экологии беназир, ёдгориҳои табиӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ, гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, рушду танзими туризм, инчунин истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ таъсис ёфтааст. Парки Миллии Тоҷикистон моликияти давлатӣ буда ва бевосита тобеъи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ аст ва шахси ҳуқуқӣ мебошад, дорои суратҳисоб аз ҷумла ҳисоби арзӣ дар бонкҳо, мӯҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи худ ба забонҳои давлатӣ ва англисӣ мебошад.

Ташкилоти суғуртавӣ низ дар муносибатҳои ҳуқуқи сайёҳӣ бо мақсади суғуртаи сайёҳ, танзимгару агентии сайёҳӣ ширкат меварзанд.

Суғуртакунанда (ташкилоти суғуртавӣ) - шахси ҳуқуқӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатномаи дахлдоре, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ додааст, фаъолияти суғуртавиро амалӣ менамояд. Суғуртакунан-дагон (ташкилотҳои суғуртаӣ) ба таваккали суғуртавӣ баҳо медиҳанд, ҳаққи суғуртавӣ

мегиранд, захираҳои суғуртавӣ ташкил медиҳанд, дороиҳоро (активҳоро) пурра менамоянд, ҳаҷми талафот ё зарарро муайян менамоянд, пардохтҳои суғуртавиро анҷом медиҳанд, дигар амалҳои ба иҷрои уҳдадориҳои шартномаи суғурта вобастаро амалӣ менамоянд.

Дар муносибатҳои ҳуқуқи сайёҳӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар низ, ки барои рушди сайёҳӣ, гирифтани фоида аз сайёҳон ва умуман аз иштирок дар муносибатҳои сайёҳӣ фоида ба даст меоранд, ширкат меварзанд.

28.3. Шартнома ҳамчун шакли ҳуқуқии хизматрасонии сайёҳӣ

Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ намуди шартномаи хизматрасонии пулакӣ буда, тибқи он як тараф (танзимгари сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ) уҳдадор мешаванд ба тарафи дигар (сайёҳ) ба воситаи худ ва ё шасони сеюм хизмати сайёҳӣ расонад ва тарафи дигар (сайёҳ) уҳдадор мешавад, ки маблағи муқарраршударо пардохт намояд.

Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ дорои чунин нишонаҳо мебшад:

1. Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ намуди шартномаи хизматрасонии пулакӣ аст.

2. Он консесуалӣ буда, иҷроиши пайдарпаи амалҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва воқеиро дарбар мегирад.

3. Дутарафа аст, яъне танзимгар ва ё агентии сайёҳӣ ва сайёҳ.

4. Он шартномаи пулакӣ аст. Ҳар як тараф дар ин шартнома дорои манфиати амволӣ аст, яъне ҳуқуқ ба қонеъ намудани талаботимуайяни худро дорад.

5. Хизмати бо ин шартнома пешбинишуда шахсан аз тарафи иҷрокунанда (танзимгари сайёҳӣ) ва ё шахсони сеюме, ки иҷрокунанда ба онҳо шартнома бастааст (интиқолдиҳандагон, меҳмонхонаҳо, экскурсаводҳо ва ғайра) расонида мешавад.

6. Ин шартнома шартномаи оммавӣ аст, бинобар ин нисбати ин шартнома муқаррарот оид ба ҳуқуқи даст кашидани бастани шартнома аз ҷониби иҷрокунанда (танзимгар ва агентии сайёҳӣ) паҳн намегардад.

7. Яке аз тарафҳои ин шартнома доимо шахси воқеӣ – сайёҳ мебошад.

8. Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ба мӯҳлати муайян баста мешавад (аз 24 соат то 12 моҳ).

9. Агар иҷроиши шартнома ба зиммаи шахси сеюм гузошта шуда бошад, барои иҷро накардан ва ё батаври дахлдор иҷро на-

кардани шартнома аз ҷониби шахси сеюм танзимгари сайёҳӣ ҷавобгар аст.

10. Мавзӯи шартноами хизматрасонии сайёҳиро хизмати сайёҳӣ (маҳсулоти туристӣ) ташкил медиҳад. Хизмати сайёҳӣ (маҳсулоти сайёҳӣ) - ҳуқуқ ба саёҳат, ки барои фурӯш, ба турист мутобиқи дастурҳои муқарраркардаи давлат пешбинӣ гардидааст. Маҳсулоти туристӣ бо дарназардошти вазъи бозори туристӣ ё тибқи фармоиши мушаххаси турист ташаккул меёбад. Фурӯши маҳсулоти туристӣ дар асоси шартнома амалӣ карда мешавад.

Шартномаҳои хизматрасонии сайёҳиро вобаста ба иштирокчиёни шартномаро баста метавонем ба 3 гурӯҳ ҷудо намоем:

1. Шартномаҳое, ки байни танзимгари сайёҳӣ (агентии сайёҳӣ) ва сайёҳ баста мешаванд.

2. Шартномаҳое, ки байни танзимгари сайёҳӣ ва шарикони ӯ – иҷрокунандагони бевоситаи хизмат басташаванда.

3. Шартномаҳое, ки байни танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ баста мешаванд – агентӣ, комисия ва супориш.

Дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва илми ҳуқуқӣ шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ибораҳои гуногун истифода мешаванд. Дар Конвенсияи байналмилалӣ дар қарбораи қордод ба сайёҳат (соли 1970) ибораи «қарордод барои сайёҳат» и стифода мешавад. Директивае Иттиҳоди аврупо номи мушаххаси шартномаро ифода накарда, ба «шартномаи алоқамандкунандаи истеъмолкунанда ва ташкилкунандаи маҳсулоти сайёҳӣ ва ё фурӯшандаи чакана» ишора мекунад. Улаженияи граждании Олмон танзимкунандаи уҳдадории аз шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ бароянда аст. Дигар давлатҳо ибораи «қарордод ба саёҳат» (travel contract). Дар адабиёти илмӣ аҳди байни фирмаи сайёҳӣ ва сайёҳро «шартномаи сайёҳӣ» меноманд. Навобаста аз ин гуногун ифоданамоиҳои номи шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ моҳияти онҳо дар хизматрасонии сайёҳӣ ифода меёбад, ки дар худ унсурҳои интиқолдиҳӣ, иқомат, хурдан ва дигар хизматҳоро дар соҳаи сайёҳӣ дарбар мегирад. Бастан, тағийр додан ва бекор намудани шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ дар асоси муқаррароти боби 27-28, моддаҳои 464-477-и қисми якум ва бо дарназардошти меъёрҳои боби 37 қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 13-15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» баамал бароварда мешавад.

Агар байни тарафҳо, мутобиқи шакли дар ҳолатҳои муайяни зарурӣ аз рӯи ҳама шартҳои асосии шартнома созиш ба даст омада бошад, шартнома басташуда дониста мешавад. Шартҳои оид

ба мавзӯи шартнома, шартҳое, ки дар қонун ё дигар санади ҳуқуқӣ барои шартномаи мазкур муҳим ва зарурӣ номбар шудаанд, инчунин ҳамаи он шартҳое, ки дар алоқамандӣ ба онҳо тибқи аризаи яке аз тарафҳо бояд созиш ба даст ояд, шартҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Шартнома бо фиристодани оферта (пешниҳод барои бастани шартнома) аз ҷониби як тараф (танзимгар ва агентии сайёҳӣ) ва аксепти он (қабули пешниҳод) аз ҷониби тарафи дигар (сайёҳ) баста мешавад. Оферта пешниҳоди ба як шахс ё якчанд шахси муайян фиристодае мебошад, ки мақсади шахси пешниҳод кардаро аниқ ифода намуда шартномаро бо унвоне, ки пешниҳодро қабул кунад, имзо карда шуда ҳисоб мекунад. Оферта бояд шартҳои муҳими шартномаро дар бар гирад. Аксепт ҷавоби шахсе мебошад, ки офертаи ба ӯ фиристодашударо гирифтааст. Аксепт бояд пурра ва бечунучаро бошад. Шартнома аз лаҳзаи аз ҷониби шахси фиристодаи оферта гирифтани аксепти он баста шуда ба ҳисоб меравад. Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад. Шартнома дар шакли хаттӣ бо роҳи тартиб додани як санади имзокардаи тарафҳо, инчунин бо роҳи мубодилаи аснод аз тариқи почта, телеграф, телетайп, телефон, алоқаи электронӣ ё дигар навъи алоқае, ки имконияти аз ҷониби тарафи шартнома фиристода шуданашро мӯътамад тасдиқ менамояд, баста шуданаш мумкин аст. Агар дар шартнома маҳалли имзои шартнома муайян нагардида бошад, шартнома дар маҳалли зисти шаҳрванд ё маҳалли буду боши шахси ҳуқуқӣ, ки оферта фиристодааст, баста шуда эътироф мегардад. Агар ихтилофоте, ки ҳангоми бастани шартнома ба миён омадаст, дар асоси Кодекси гражданӣ ё тибқи созишномаи байни тарафҳо манзури баррасии суд карда шавад, шартҳои шартнома, ки нисбат ба онҳо тарафҳо ихтилофи назар доштанд мутобиқи қарори суд муайян карда мешаванд.

Агар дар қонунҳо ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, шартномаро бо созиши тарафҳо тағйир додан ё бекор кардан мумкин мебошад. Шартномаро бо талаби яке аз тарафҳо танҳо дар ҳолатҳои зайл аз тариқи суд тағйир додан ё бекор кардан мумкин аст:

а) ҳангоми шартномаро ба таври назаррас вайрон кардани тарафи дигар;

б) дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси гражданӣ, қонунҳои дигар ё шартнома.

Ҷиддан риоя накардани шартнома он аст, ки ба ҷониби дигар аз ин зиён расида, ӯро аз умеди ба даст овардани нафъи зиёде

маҳрум созад, ки ҳангоми бастани шартнома дар назар дошт. Ҳангоми яктарафа рад намудани иҷрои пурра ё қисмани шартнома, агар чунин радро қонун ё созишномаи тарафҳо иҷозат диҳад, шартнома мувофиқан бекор ё тағйирдодашуда ба ҳисоб меравад. Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад ва ё аз моҳияти он барнаояд тағйир ёфтани ҳолат, ки тарафҳо ҳангоми бастани шартнома онро ба инобат гирифта буданд, барои тағйир додан ё бекор кардани он асос буда метавонад. Тағйир ёфтани ҳолат ҳангоме ба таври назаррас эътироф карда мешавад, ки агар тарафҳо чунин тағйир ёфтани ҳолатро оқилона пешбинӣ карда бошанд, умуман шартнома намебастанд ё он бо шартҳои то андозае дигар ба имзо мерасид. Агар тарафҳо дар мавриди ба ҳолати ба таври назаррас тағйирёфта мутобиқ гардонидани шартнома ё бекор кардани он ба мувофиқа нарасида бошанд, вайро суд бекор карда, тибқи талаби тарафи манфиатдор ҳамзамон бо шартҳои зайл тағйир дода метавонад:

а) агар дар лаҳзаи бастани шартнома тарафҳо онро ба асос гирифта бошанд, ки чунин тағйир ёфтани ҳолат ба миён намеояд;

б) агар ҳолат бо сабабҳое тағйир ёфта бошад, ки тарафи манфиатдор пас аз рух доданаш онро ба ҳадди ғамхорӣ ва эҳтиёткорие, ки аз талаби шартнома ва шарти аҳдҳо бармеоянд бартараф карда наметавонист;

в) агар иҷрои шартнома бидуни тағйир додани шарт таносуби ба шартнома мувофиқи манфиати молу мулкии байни тарафҳоро то андозае вайрон кунад ва ба тарафи манфиатдор он қадар зиёне расонад, ки аз манфиати калоне, ки ҳақ дошт ҳангоми бастани шартнома ба он умед бандад, маҳрум шуда метавонист;

г) агар аз анъанаҳои аҳдҳои корӣ ё моҳияти шартнома барнаояд, ки таваккали тағйир ёфтани ҳолат ба зиммаи тарафи манфиатдор аст.

Ҳангоми бекор кардани бинобар ҷиддан тағйир ёфтани он суд бо талаби ҳар кадоме аз тарафҳо оқибати бекор кардани шартномаро бо назардошти тақсими одилонаи хароҷоти иҷрои ин шартнома масраф шудааст, муайян мекунад. Бекор кардани шартнома аз сабаби ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат танҳо бо қарори суд, дар ҳолатҳои мустасно, ҳангоме, ки бекор кардани шартнома ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мухолиф аст ё ба тарафҳо зиёне ворид мекунад, ки аз хароҷоти баъди тағйир додани шартҳо аз ҷониби суд барои иҷрои шартнома зарурӣ хеле зиёд аст, иҷозат дода мешавад.

Агар аз қонун, дигар санади ҳуқуқӣ, шартнома ё анъанаҳои аҳдҳои корӣ тартиби дигаре барнаояд, созишномаи тағйир додан ё бекор кардани шартнома, ба ҳамон шакле ки шартнома дорад, сурат мегирад. Тараф талаби тағйир додан ё бекор кардани шартномаро танҳо баъди гирифтани раддияи тарафи дигар оиди тағйир додан ё бекор кардани шартнома ё дар мӯҳлати дар пешниҳод ё дар қонун ва ё дар шартнома муайяншуда нагирифтани ҷавоб ва дар сурати набудани он дар муддати сӣ рӯз ба суд арз карда метавонад.

Ҳангоми тағйир додани шартнома уҳдадории тарафҳо дар шакли тағйирёфта нигоҳ дошта мешавад. Ҳангоми бекор кардани шартнома уҳдадории тарафҳо қатъ мегардад. Агар аз созишнома ё моҳияти тағйир додани шартнома тартиби дигаре барнаояд, дар ҳолати тағйир додан ё бекор кардани шартнома уҳдадорӣ аз рӯзи бастани созишномаи тарафҳо дар мавриди тағйир додан ё бекор кардани шартнома, ва ҳангоми тағйир додан ё бекор кардани шартнома тибқи тартиби судӣ бошад, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд дар бораи тағйир додан ё бекор кардани шартнома тағйирёфта ё бекоркардашуда ба ҳисоб меравад. Агар дар қонун ё созишномаи тарафҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, тарафҳо ҳақ надоранд баргардонидани чизеро, ки онҳо мутобиқи уҳдадорӣ то рӯзи тағйир додан ё бекор кардани шартнома анҷом додаанд, талаб намоянд. Агар аз ҷониби яке аз тарафҳо ба таври назаррас вайрон кардани шартнома барои тағйир додан ё бекор кардани шартнома асос шуда бошад, тарафи дигар ҳақ дорад товони зиёни аз тағйир додан ё бекор кардани шартнома расидаро талаб намояд.

Шартномаро мутобиқи аризаи яке аз тарафҳо танҳо дар ҳолатҳои зайл тағйир додан ё бекор кардан мумкин аст: а) агар иҷрои шартнома имконнопазир бошад; б) аз ҷониби тарафи дигар вайрон кардани шартҳои пешбининамудаи қонунҳо ё шартнома дар мавриди сифат, мӯҳлати иҷро ва дигар шартҳо; в) агар тарафи дигар тибқи тартиби муқарраргардида муфлис эътироф шуда бошад; г) агар санади мақомоти давлатӣ, ки дар асоси он шартнома баста шуда буд, тағйир дода ё бекор карда шуда бошад; д) дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунҳо ё шартнома. Дар сурати яктарафа тағйир додан ё бекор кардани шартнома як тараф бояд тарафи дигарро на дертар аз як моҳ пешакӣ огоҳ созад.

Дар фаъолияти сайёҳӣ ҷавобгарии шартномавӣ дар мавриди иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳо

дар асоси шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ мебошад. Таҳти мафҳуми вайрон кардани уҳдадорӣ иҷро накардан ё иҷрои номатлуб (сари вақт иҷро накардан, норасоиҳои мол ва корҳо, вайрон кардани дигар шартҳо ё ки аз моҳияти уҳдадорӣ бармеояд) дар назар дошта шудааст (иҷрои номатлуб). Дар сурати пеш омадани ҳолати ғайриимкони иҷрои матлуб қарздор бояд фавран кредиторро огоҳ созад. Ба ҷавобгарӣ кашидани қарздор барои вайрон кардани уҳдадорӣ тибқи талаби кредитор анҷом дода мешавад. Қарздоре, ки уҳдадориро вайрон кардааст, вазифадор аст ба кредитор товони зиёни дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадорӣ расидаро пардозад. Ҷуброни зиён оид ба уҳдадориҳое, ки бо ҷаримаи аҳдшиканӣ таъмин шудааст, мутобиқи қоидаҳои пешбининамудаи Кодекси граждани муайян карда мешавад. Созишномаи то вайрон кардани уҳдадорӣ қабулнамудаи тарафҳо дар мавриди озод кардани қарздор аз товони зиёни аз вайрон кардан расонидашаванда беэътибор буда, вале тарафҳо бо розигии ҳамдигар метавонанд танҳо рӯёнидани зиёни воқеии ба молу мулк расонидашударо пешбинӣ намоянд. Агар дар қонунҳо ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ҳангоми муайян кардани зиён нархҳои маҳалле, ки уҳдадорӣ мебоист дар он ҷо ба иҷро расонда шавад, дар рӯзи ихтиёран қонеъ намудани талаби кредитор аз ҷониби қарздор ба эътибор гирифта мешавад, вале агар талабот ихтиёран қонеъ карда нашуда бошад – нархҳои дар рӯзи арз шудани даъво амалкунанда ба инобат гирифта мешаванд. Бо назардошти ҳолатҳо, суд метавонад талаби товони зиёнро бо ба инобат гирифтани нархҳое, ки дар рӯзи баровардани қарор амал мекунанда ё дар рӯзи пардохти воқеӣ ҷорӣ мебошанд, қонеъ намояд. Ҳангоми муайян кардани андозаи даромади аздастрафта, тадбирҳои андешидаи кредитор барои гирифтани ин даромад ва барои ин мақсад омодагӣ дидани ӯ ба инобат гирифта мешавад. Агар кредитор, исбот карда тавонад, ки ҳамагуна амали қарздор, бо мақсади саркашӣ аз масъулият барои вайрон кардани уҳдадорӣ анҷом дода шудааст, оид ба беэътибор донистани ин амалҳо ҳақ дорад, талабот арз намояд.

Агар барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ ноустуворона муқаррар гардида бошад, пас зиён дар қисми бо ноустуворона таъминнашуда рӯёнида мешавад. Қонунҳо ва ё шартнома ҳолатҳои зайлро пешбинӣ намуданашон мумкин аст: ҳангоме, ки танҳо рӯёнидани ноустуворона иҷозат дода мешавад, вале на товони зиён; ҳангоме, ки товони зиён метавонад ба маблағи пурра бар замми ҷаримаи ахдшиканӣ руёнида шавад;

ҳангоме, ки мутобиқи интихоби кредитор ё ҷаримаи ахдшиканӣ ё товони зиён руёнида мешавад. Дар ҳолатҳое, ки барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ масъулияти маҳдуд муайян карда шудааст, товони зиёне, ки бояд дар қисми бо ҷаримаи аҳдшиканӣ таъминнашуда ё бар замми он ё бар ивази он руёнида шаванд, то ҳадде бо чунин маҳдудсозӣ муқарраргардида, ҷуброн шуданашон мумкин аст.

Дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартномаи хизматрасонии пулаки иҷрокунанда вазифадор аст ба фармоишгар зарари расонидашударо дар ҳаҷми пурра, ҷуброн намояд. Дар ҳолате ки агар иҷрокунанда уҳдадориро ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкори иҷро накардааст ё номатлуб анҷом додааст, дар шартнома масъулияти баландтаре пешбини шуданаш мумкин аст.

Вобаста ба се намуди шартномаҳо дар соҳаи сайёҳӣ се гурӯҳи ҷавобгарии шартномавиро дар соҳаи сайёҳӣ аз ҳам ҷудо менамоянд:

а) Ҷавобгарии танзимгари сайёҳӣ (агентии сайёҳӣ) дар назди сайёҳ;

б) Ҷавобгарии танзимгари сайёҳӣ (агентии сайёҳӣ) дар назди шарикон;

в) Ҷавобгарии сайёҳон, ташкилотҳои сайёҳӣ дар назди танзимгари сайёҳӣ (агентии сайёҳӣ).

Дар фаъолияти сайёҳӣ ҷавобгарии шартномавӣ дорои хусусиятҳои махсус мебошад:

– субъекти ин ҷавобгарӣ сайёҳ, танзимгари сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ, шарикони танзимгар ва агентии сайёҳӣ мебошанд:

– танзимгари сайёҳӣ (агентии сайёҳӣ) дар назди сайёҳ дар ҳолатҳое низ ҷавобгар мебошанд, ки сабаби ҷавобгарӣ амал ва ё беамалии шахсони сеюм (шарикони онҳо) гардида бошад;

– ин ҷавобгарӣ дар мавриди бегуноҳии танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ низ бавуҷуд меояд, агар исбот накунад, ки иҷрои матлуби уҳдадорӣ дар натиҷаи қувваи рафънопазир, яъне дар ҳамон шароит фавқулодда ва ногузир имконнопазир гаштааст, масъулият ба зимма дорад.

БОБИ XXIX. МОҲИЯТИ ҲУҚУҚИИ ЛИЗИНГИ МОЛИЯВӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

29.1. Мафҳум ва мазмуни лизинги молиявӣ.

29.2. Намудҳои алоҳидаи лизинги молиявӣ ва аломатҳои шартномавии онҳо.

29.3. Вазъи ҳуқуқии ширкатҳои лизингӣ дар ҶТ.

29.1. Мафҳум ва мазмуни лизинги молиявӣ

Лизинги молиявӣ – ин амалиёт оид ба бадастории махсуси молумулк ба моликият ва дар оянда додани он барои доштан ва истифода намудани муваққатӣ дар муҳлати муайян, ки аз рӯи давомнокиаш ба муҳлати истифода ва камшавии пурра ё қисми арзиши молумулк наздик аст. Дар давоми шартнома лизингдиҳанда аз ҳисоби пардохтҳои лизингӣ ҳама арзиши молумулкро ба худ бармегардонад ва аз аҳди молиявӣ даромад мегирад. Умуман лизинги молиявӣ мумкин аст ҳамчун шакли қарзи дарозмуддат баррасӣ карда шавад. Лизинги молиявӣ хислати муносибати сетарафа дорад. Бо дархости лизинггиранда лизингдиҳанда аз молсупор таҷҳизотро мегирад ва онро ба сифати лизинг ба лизинггиранда медиҳад, хароҷоти молиявии худро пурра ҷуброн намуда ба воситаи пардохтҳои лизингӣ фоида ба даст меорад. Аломатҳои асосии лизинги молиявӣ: лизингдиҳанда молумулкро на барои истифодаи шахсии худ, балки махсус барои онро ба лизинг додан мегирад; ҳуқуқи интихоби молумулк ва фурӯшандаи он ба истифодабаранда тааллуқ дорад; фурӯшандаи молумулк медонад, ки молумулк махсус барои ба лизинг додан харидорӣ карда мешавад, дар ин маврид молумулк бевосита ба истифодабаранда дода мешавад ва аз ҷониби он барои истифода қабул мешавад; иддаоро оид ба сифати молумулк, комплектнокии он, бартараф намудани нуқсонҳо дар мӯҳлати кафолатдодашуда лизинггиранда бевосита ба фурӯшандаи молумулк равон месозад; хатари ногаҳон нобуд шудан ё нокорам шудани молумулк пас аз имзо гузоштан ба санади доду гирифти молумулк барои истифода ба лизинггиранда мегузарад. Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» аз 22 апрели соли 2003, №9 асосҳои умумии ҳуқуқӣ ва иқтисодии иҷораи молиявӣ (лизинг)-ро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян менамояд ва муносибатҳои ҳуқуқиеро, ки дар ҷараёни амали фаъолияти иҷораи молиявӣ ба вуҷуд меоянд, танзим мекунад. Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода шудаанд; иҷораи молиявӣ (лизинг) – маҷмӯи муносибатҳои

иқтисодӣ ва ҳуқуқие, ки вобаста ба иҷрои шартномаи иҷораи молиявӣ, аз ҷумла хариди предмети иҷораи молиявӣ, ба вуҷуд меоянд; шартномаи иҷораи молиявӣ – шартномае мебошад, ки дар асоси он иҷорадеҳ уҳдадор мешавад, ки амволи нишондодаи иҷорагирро аз фурӯшандае, ки ҳамин иҷорагир муайян кардааст, ҳамчун моликият харидорӣ намуда, онро барои соҳибӣ ва истифодабарии муваққатии пулакӣ бо мақсадҳои соҳибкорӣ ба иҷорагир пешниҳод намояд; фаъолияти иҷораи молиявӣ – намуди фаъолияти инвеститсионӣ оид ба харидани амвол ва ба иҷораи молиявӣ додани он; хизматрасонии (корҳои) иловагӣ – ҳама гуна хизматҳое (корҳое), ки иҷорадеҳ ё фурӯшанда ҳам то оғози истифода ва ҳам дар ҷараёни истифодабарии предмети иҷораи молиявӣ ба иҷорагир расонидааст ва бевосита бо татбиқи шартномаи иҷораи молиявӣ вобаста мебошанд. Предмет - мавзӯи иҷораи молиявӣ метавонад ҳама гуна ашёву анҷоми ғайриистеъмолӣ, аз ҷумла корхонаҳо ва дигар маҷмӯи амволӣ, бино, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва дигар амволи манқул ва ғайриманқуле бошанд, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд. Предмети иҷораи молиявӣ наметавонад қитъаҳои замин ва дигар объектҳои табиӣ ва инчунин амволе бошад, ки гардиши озоди он маҳдуд карда шудааст ё барои он тартиби махсуси муомилот муқаррар гардидааст. Субъектҳои иҷораи молиявӣ инҳо мебошанд: иҷорадеҳ - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки аз ҳисоби маблағҳои ҷалбгардида ё худӣ дар ҷараёни татбиқи шартномаи иҷораи молиявӣ амволро ба моликият мехарад ва онро ба сифати предмети иҷораи молиявӣ ба иҷорагир ба ивази маблағи муайян ба мӯҳлат ва бо шартҳои муайян барои соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ бо гузаштан ё нагузаштани ҳуқуқи моликият ба предмети иҷораи молиявӣ ба иҷорагир медиҳад; иҷорагир – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ вазифадор аст, предмети иҷораи молиявиро ба ивази маблағи муайян ба мӯҳлат ва бо шартҳои муайян барои соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ қабул намояд; фурӯшанда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки мутобиқи шартнома амволеро, ки предмети иҷораи молиявӣ ҳисоб мешавад, ба иҷорадеҳ дар мӯҳлати шартгардида мефурӯшад. Фурӯшанда ҳамзамон метавонад дар доираи як муносибати ҳуқуқии иҷораи молиявӣ ба сифати иҷорагир баромад намояд. Субъекти иҷораи молиявӣ метавонанд резидентҳо ва ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд.

29.2. Намудҳои алоҳидаи лизинги молиявӣ ва аломатҳои шартномавии онҳо

Намудҳои иҷораи молиявӣ (лизинг). Аз рӯи таркиби иштирокчиёни амалиёти лизингӣ намудҳои лизинги молиявии бевосита ва бавосита ҷудо мешавад. Лизинги бевосита чунин амалиёти лизингӣ мебошад, ки бевосита миёни лизингдиҳанда ва лизинггиранда бея гон миёнарав баамал бароварда мешавад. Яке аз шаклҳои лизинги бевосита ин додани актив ба лизинги бевоситаи истеҳсолот мебошад, ки хароҷотро ба баамал баровардани амалиётҳои лизингӣ паст мекунад ва ҷараёни бастани шартномаи лизингро осон мекунад. Шакли дуюми лизинги бевосита лизинги баргарданда мебошад, ки дар он ташкилот активи худро ба лизингдиҳандаи оянда мефурӯшад, баъд худ онро ба иҷора мегирад. Дар ҳарду шакли лизинги бевосита иштироки шахсони сеюм дар амалиёти лизингӣ дида намешавад. Лизинги бавосита амалиёти лизингие мебошад, ки дар он молумулки ба иҷора додашаванда ба лизинггиранда ба воситаи миёнарав (чун қоида ташкилоти лизингӣ) ба амал бароварда мешавад. Дар намуди лизинги бавосита дар замони имрӯза амалиётҳои бисёртари лизингӣ ба амал бароварда мешавад. Аз рӯи тааллуқ доштани он ба минтақа амалиётҳои лизингиро ба лизинги дохилӣ ва берунӣ (байналмиллалӣ) ҷудо мекунанд. Лизинги дохилӣ амалиёти лизингие мебошад, ки ҳама иштирокчиёнаш резидентҳои мамлакати мазкур мебошанд. Лизинги беруна амалиёти лизингие мебошад, ки аз ҷониби иштирокчиёни мамлакатҳои гуногун ба амал бароварда мешавад. Дар давраи ҳозира лизинги молиявии беруна чун қоида, дар вақти баамал баровардани амалиёти лизинги корхонаҳои муштарак бо иштироки сармояи хориҷӣ истифода мешавад. Вобаста ба объекти лизингшаванда ба лизинги молумулки манқул ва ғайриманқул ҷудо мекунанд. Лизинги молумулки манқул шакли асосии амалиёти лизингӣ мебошад, к ибо қонунгузорӣ дар мамлакати мо ба танзим дароварда мешавад. Чун қоида, объекти ин намуди лизинг мошинҳо ва тауҳизотҳое, ки ба таркиби воситаҳои асосии амалиётӣ дохил мешаванд, буда метавонад. Лизинги амволи ғайриманқул дар харидан ё сохтани объектҳои алоҳидаи истеҳсолоти ғайриманқули таъиноти иҷтимоӣ ё дигар дошта, бо супориши лизингдиҳанда мебошад, ки онро бо шартҳои лизинги молиявӣ ба иҷора медиҳад. Ин намуди лизинг ҳоло дар мамлакати мо паҳн нагаштааст. Вобаста ба шакли пардохтҳои лизингӣ лизингҳои пулӣ, ҷубронӣ ва омехтаро ҷудо мекунанд. Лизинги пулӣ ин мувофиқи созишномаи лизингӣ

танҳо дар шакли пулӣ пардохт намудан аст. Ин намуди лизинг дар низоми баамалбарории лизинги молиявӣ аз ҷониби корхонаҳо паҳнгаштатар аст. Лизинги ҷубронӣ имконияти амалӣ намудани пардохти лизингиро дар шакли супоридани маҳсулоте (мол, хизмат), ки дар мавриди истифодаи активҳои лизингшуда истеҳсол шудаанд. Лизинги омехта пардохтро бо созишномаи лизингӣ ҳам дар шакли пулӣ ва ҳам дар шакли молӣ (ҷубронӣ)(шакли хизматрасонии мутақобил) пешбинӣ мекунад. Вобаста ба хислати маблағгузорӣ ба объекти лизинг лизинги фардӣ ва ҷудогонаро ҷудо мекунанд. Лизинги фардӣ амалиёти лизингие мебошад, ки лизингдиҳанда истеҳсолот ё хариди амволи ба иҷора додашавандаро пурра маблағгузорӣ мекунад. Лизинги ҷудогона (леверичлизинг) аҳди лизингие мебошад, ки лизингдиҳанда объекти иҷораро қисман аз ҳисоби сармояи худ ва қисми дигарро аз ҳисоби қарз ба даст меорад. Ин намуди лизинг дар амалиётҳои лизинги сармоявӣ бо маблағгузории бисёртарафаи объекти иҷорашаванда ҷой дорад. Шартномаи иҷораи молиявӣ сарфи назар аз мӯҳлаташ дар шакли хаттӣ баста мешавад. Барои иҷрои уҳдадориҳои худ аз рӯи шартномаи иҷораи молиявӣ субъектҳои иҷораи молиявӣ шартномаҳои ҳатмӣ ва иловагӣ мебанданд. Ба шартномаҳои ҳатмӣ шартномае мансуб мебошад, ки мутобиқи он амвол аз фурӯшанда ба иҷорадеҳ дода мешавад. Ба шартномаҳои иловагӣ шартномаи ҷалб намудани маблағҳои пулӣ, шартномаи гарав, шартномаи кафолат, шартномаи замонат ва ғайраҳо мансуб мебошанд. Шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бояд: предмети шартнома; тартиби таҳвил ва қабули амвол; ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо; истифодаи амвол, нигоҳубину таъмир ва тачдиди он; мӯҳлати иҷораи молиявӣ; пардохтҳои иҷораи молиявӣ ва муҷозотҳои ҷаримавӣ; масъулияти тарафҳо; тартиби ҳаллу фасли баҳсҳо; шартҳои пеш аз мӯҳлат бекор кардани шартнома; амали тарафҳо оид ба анҷомрасонии аҳдҳо; форс – мажор; суроғаҳои ҳуқуқӣ ва реквизитҳои бонкӣ; ва шартҳои дигарро муайян намояд. Шартномаи иҷораи молиявӣ шартҳои расонидани хизматрасонии иловагӣ ва гузаронидани корҳои иловагиро метавонад дар бар гирад. Номгӯй, ҳаҷм ва арзиши хизматрасонии (корҳои) иловагӣ бо созишномаи тарафҳо муайян карда мешавад. Бо созишномаи тарафҳо дар шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст шартҳои дигари иҷораи молиявӣ муайян карда шаванд. Шартномаи иҷораи молиявӣ метавонад пешбинӣ намояд, ки интихоби фурӯшанда ва амволи харидоришаванда аз ҷониби иҷорадеҳ анҷом дода шавад. Дар ин ҳолат

иҷорадеҳ барои интихоби фурӯшанда ва предмети иҷораи молиявӣ масъулиятро ба зимма мегирад.Шартномаи иҷораи молиявӣ метавонад ҳуқуқи иҷорагирро барои дароз намудани мӯҳлати иҷораи молиявӣ бо нигоҳ доштан ё тағйир додани шартҳои шартномаи иҷораи молиявӣ пешбинӣ намояд. Иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад: а) пардохтҳои иҷораи молиявии мӯҳлаташон гузаштаро, ки бояд ба ӯ пардохт карда шаванд ва инчунин ҷуброни зарарро талаб намояд; б) аз болои фаъолияти иҷорагир дар он қисмате, ки ба предмети иҷораи молиявӣ ва иҷрои уҳдадориҳои иҷорагир мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ мансуб аст, назорат барад; в) дар ҳолати аз тарафи иҷорагир вайрон гардидани уҳдадориҳо оиди баргардонидани предмети иҷораи молиявӣ, ворид намудани пардохтҳоро барои мӯҳлати вайронкардашуда ва ҷуброни зарар талаб намояд; г) аз иҷорагир иттилооти заруриро ба таври хаттӣ барои анҷом додани назорат аз болои вазъияти молиявии иҷорагир талаб намояд; д) ба предмети иҷораи молиявӣ тамғае гузорад, ки вай аз моликияти иҷорадеҳ будани ин ашё ва он мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ дар соҳибӣ ва истифодабарии иҷорагир қарор доштан гувоҳӣ диҳад; е) предмети иҷораи молиявиро аз иҷорагир дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур талаб намояд; Иҷорадеҳ уҳдадор аст:а) предмети иҷораи молиявиро, ки бо иҷорагир мувофиқа шудааст, аз фурӯшанда барои моликияти худ харидорӣ намояд ва онро бо шартҳои дар шартномаи иҷораи молиявӣ муайянгардида барои соҳибӣ ва истифодабарӣ ба иҷорагир диҳад; б) баъди харидорӣ намудани предмети иҷораи молиявӣ фурӯшандаро ба таври хаттӣ дар бораи он, ки вай барои додан ба иҷораи молиявӣ ба шахси муайян (иҷорагир) таъин гардидааст, огоҳ намояд. Иҷорадеҳ метавонад ҳуқуқу уҳдадориҳои дигаре дошта бошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаи иҷораи молиявӣ муқаррар намудааст. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои фурӯшанда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи хариду фурӯш ё таҳвил муайян карда мешаванд. Иҷорагир ҳуқуқ дорад талабҳоеро, ки аз шартномаи хариду фурӯши байни фурӯшанда ва иҷорадеҳ басташуда, аз ҷумла дар бобати сифат ва мукаммалии амвол, мӯҳлатҳои таҳвили он ва дар дигар ҳолатҳои ба таври лозима иҷро нагардидани шартнома бармеоянд, бевосита ба фурӯшандаи предмети шартномаи иҷораи молиявӣ пешниҳод намояд. Дар ин ҳолат иҷорагир ҳуқуқ ва уҳдадориҳои барои харидор пешбинигардидаро бидуни ризоияти иҷорадеҳ, ба ғайр аз уҳдадориҳои пардохти амволи харидашуда ва бекор кар-

дани шартномаи хариду фурӯшро бо фурӯшанда, дорад. Фурӯшанда оиди як зарари расонидашуда набояд ҳамзамон ҳам дар назди иҷорадеҳ ва ҳам дар назди иҷорагир масъулият дошта бошад. Дар ҳолате, ки шартномаи иҷораи молиявӣ бо иштироки иҷорадеҳ, иҷорагир ва фурӯшанда баста шуда бошад, он гоҳ ҳуқуқ ва вазифаҳои фурӯшанда мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ муқаррар карда мешаванд. Бо талаби яке аз тарафҳо шартномаи иҷораи молиявӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст тағйир дода шавад ё бо тартиби судӣ пеш аз мӯҳлат бекор карда шавад. Дар ҳолатҳои зерин аз рӯи талаби иҷорадеҳ шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст бо розигии тарафҳо ё аз ҷониби суд пеш аз мӯҳлат бекор карда шавад, предмети иҷораи молиявӣ бошад, ба иҷорадеҳ аз ҳисоби иҷорагир баргардонида шавад: а) агар иҷорагир ҳолати предмети иҷораи молиявиро ба таври назаррас бад гардонад; б) агар иҷорагир предмети иҷораи молиявиро бо вайрон кардани шартҳои шартномаи иҷораи молиявӣ ё шартҳои таъинотии предмети иҷораи молиявӣ, сарфи назар аз огоҳии хаттии иҷорадеҳ дар бораи хотима додани ҳамин гуна амалҳо, истифода барад; в) агар иҷорагир ҳангоми ба охир расидани мӯҳлати пардохте, ки шартномаи иҷораи молиявӣ муқаррар намудааст, ду маротиба ва ё бештар аз он паси ҳам пардохти номбурдаро ворид накунад; г) агар таъмири асосии предмети иҷораи молиявиро дар мӯҳлатҳои дар шартномаи иҷораи молиявӣ муқарраргардида ва дар сурати дар шартнома набудани онҳо бошад, дар мӯҳлати муқаррарӣ анҷом надиҳад, дар ҳамон ҳолатҳое, ки мутобиқи қонун ё шартномаи иҷораи молиявӣ уҳдадории гузаронидани таъмири асосӣ ба зиммаи иҷорагир гузошта шуда бошад. Дар ҳолатҳои зерин бо талаби иҷорагир шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст бо розигии тарафҳо ё аз ҷониби суд пеш аз мӯҳлат бекор карда шавад, предмети иҷораи молиявӣ бошад, ба иҷорадеҳ аз ҳисоби ӯ баргардонида шавад: а) агар иҷорадеҳ предмети иҷораи молиявиро надиҳад ё барои истифодаи предмети иҷораи молиявӣ мутобиқи шартҳои шартнома монеаҳо ба вуҷуд орад; б) агар предмети иҷораи молиявии додашуда камбудиҳое дошта бошад, ки барои истифодаи он монеъ шаванд ва онҳо дар шартномаи иҷораи молиявӣ зикр нашуда бошанд; в) агар иҷорадеҳ мӯҳлати таҳвили предмети иҷораи молиявиро вайрон карда бошад, ба истиснои он ҳолатҳое, ки таҳвилгарро иҷорагир интихоб намуда бошад; г) агар иҷорадеҳ таъмири асосии предмети иҷораи молиявиро дар

мӯҳлатҳои дар шартномаи иҷораи молиявӣ муқарраргардида ва дар сурати дар шартнома набудани онҳо бошад – дар мӯҳлатҳои муқаррарӣ анҷом надиҳад, дар ҳамон ҳолатҳое, ки мутобиқи қонун ё шартномаи иҷораи молиявӣ уҳдадории гузаронидани таъмири асосӣ ба зиммаи иҷорадеҳ гузошта шуда бошад. Масъулияти иҷорадеҳ, иҷорагир ва фурӯшанда мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ, шартномаи хариду фурӯш ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Масъулият дар назди шахсони сеюм барои зараре, ки предмети иҷораи молиявӣ ба онҳо расонидааст, ё зарари вобаста ба он ба души соҳиби номии (титулии) предмети иҷораи молиявӣ гузошта мешавад. Иҷорагир ва иҷорадеҳ дар муносибат бо фурӯшанда ҳамчун кредиторони муштарак баромад мекунанд. Иҷорадеҳ вазифадор аст амволеро, ки предмети иҷораи молиявӣ мебошад, дар ҳолати мутобиқбуда ба шартҳои шартномаи иҷораи молиявӣ ва таъинотии ҳамин амвол ба иҷорагир пешниҳод намояд. Предмети иҷораи молиявӣ дар якҷоягӣ бо ҳамаи асбобу анҷом ва ҳуҷҷатҳо (паспорти техникӣ ва ғайра) ба иҷораи молиявӣ дода мешавад, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Иҷорагир аз ҳисоби худ хизматрасонии техникии предмети иҷораи молиявиро ба ҷо меорад, нигоҳдории онро таъмин мекунад, инчунин таъмири асосӣ ва ҷории предмети иҷораи молиявиро анҷом медиҳад, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Хизматрасонии кафолатноки предмети иҷораи молиявӣ мумкин аст аз ҷониби фурӯшанда анҷом дода шавад, агар ин дар шартномаи хариду фурӯш байни иҷорадеҳ ва фурӯшандаи предмети иҷораи молиявӣ пешбинӣ гардида бошад. Ҳангоми қатъ гардидани шартномаи иҷораи молиявӣ иҷорагир вазифадор аст предмети иҷораи молиявиро дар ҳолате, ки вай гирифта буд, бо назардошти фарсудагии миёна ё фарсудагии дар шартномаи иҷораи молиявӣ қайду шартгардида, ба иҷорадеҳ баргардонад. Агар иҷорагир предмети иҷораи молиявиро барнагардонад ё сари вақт барнагардонад, иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад барои мӯҳлати гузаронидашуда ворид намудани пардохтҳоро талаб намояд. Дар ҳолате, ки агар пардохти номбурда зарари ба иҷорадеҳ расонидашударо напӯшонад, ӯ метавонад пӯшонидани онҳоро ба воситаи суд талаб намояд. Дар ҳолате, ки агар иҷорадеҳ барои сари вақт барнагардонидани предмети иҷораи молиявӣ ноустуворона пешбинӣ намуда бошад, мумкин аст зарар аз иҷорагир дар ҳаҷми пурра илова ба ноустуворона ситонида шавад, агар дар шартно-

маи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Бақайдгирии ҳуқуқ ба амвол (предмети шартномаи иҷораи молиявӣ) аз рӯи шартномаи иҷораи моливӣ дар ҳолатҳо ва бо тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, анҷом дода мешавад. Предмети шартномаи иҷораи молиявӣ аз рӯи созиши тарафҳо ба номи иҷорадеҳ ё иҷорагир ба қайд гирифта мешаванд. Зимнан дар ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ маълумот дар бораи молик ва соҳиби (истифодабарандаи) амвол ҳатман зикр карда мешавад. Дар ҳолати бекор карда шудани шартномаи иҷораи молиявӣ ва аз тарафи иҷорадеҳ баргардонида гирифтани предмети иҷораи молиявӣ, бо аризаи ӯ мақомоти давлатие, ки барои бақайдгирӣ ваколатдор мебошад, вазифадор аст сабти номи соҳиби (истифодабарандаи) амволро беэътибор гардонад. Предмети иҷораи молиявӣ аз таваккали гум шудан (нобуд шудан), камомад ё зарар дидан аз лаҳзаи таҳвили амвол ба фурӯшанда то лаҳзаи анҷом ёфтани мӯҳлати амали шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст суғурта карда шавад, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Суғурта намудани таваккалҳои соҳибкорӣ (молиявӣ) бо ризоияти тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ анҷом дода мешавад. Иҷорагир дар ҳолатҳои муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҷавобгарии худро барои уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи шахсони дигар дар ҷараёни истифодабарии амволи иҷораи молиявӣ ба вуҷуд меоянд, суғурта намояд. Иҷорагир ҳуқуқ дорад таваккали ҷавобгарии худро барои вайрон кардани шартномаи иҷораи молиявӣ ба фоидаи иҷорадеҳ суғурта намояд. Ҷавобгарӣ барои ҳифзи предмети иҷораи молиявӣ аз ҳама гуна зарари молиявӣ ва ҳамчунин барои таваккали вобаста ба нобудшавӣ, гумшавӣ, корношоямшавӣ, дуздидан, пеш аз мӯҳлат вайрон шудан, хатогиҳои ҳангоми васлкунӣ ё истифодабарӣ роҳдодашуда ва дигар хавфҳои амволӣ аз лаҳзаи қабули аслии предмети иҷораи молиявӣ ба дӯши иҷорагир мебошад, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад.Таваккали аз ҷониби фурӯшанда иҷро нагардидани уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯши предмети иҷораи молиявӣ ва зарарҳои вобаста ба он ба дӯши ҳамон тарафи шартномаи иҷораи молиявӣ мебошад, ки фурӯшандаро интихоб намудааст, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад. Таваккали мутобиқат накардани предмети иҷораи молиявӣ ба ҳадафҳои истифодабарии ҳамин предмет тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ

ва зарарҳои вобаста ба он ба дӯши тарафе мебошад, ки предмети иҷораи молиявиро интихоб намудааст, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад. Ба предмети иҷораи молиявӣ ба фоидаи шахси сеюм аз рӯи уҳдадориҳои иҷорагир рӯёнидани зарар ба кор бурда намешавад, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки агар предмети иҷораи молиявӣ ба номи иҷорагир ба қайд гирифта шуда бошад. Рӯёнидани зарар ба фоидаи шахсони сеюм, ки ба амволи иҷорадеҳ нисбати предмети иҷораи молиявӣ ба кор бурда шудааст, метавонанд танҳо ба ҳамин объекти ҳуқуқи моликияти иҷорадеҳ нигаронида шавад. Аз рӯи натиҷаи қонеъ гардонидани рӯёнидани зарар ба гирандаи ҳуқуқҳои иҷорадеҳ оиди предмети иҷораи молиявӣ ба таври ҳатмӣ на танҳо ҳуқуқ, балки уҳдадориҳои иҷорадеҳ, ки дар шартномаи иҷораи молиявӣ муайян шудаанд, мегузаранд. Предмети иҷораи молиявӣ, ки мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ ба иҷорагир дода шудааст, бо ризоияти тарафҳо дар баланси иҷорадеҳ ё иҷорагир ба ҳисоб гирифта мешавад. Тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ ҳуқуқ доранд аз рӯи мувофиқаи мутақобила истеҳлоки (амортизатсияи) босуръати предмети иҷораи молиявиро истифода намоянд. Ҳисоб карда баровардани истеҳлокро (амортизатсияро) ҳамон тарафи шартномаи иҷораи молиявӣ анҷом медиҳад, ки предмети иҷораи молиявӣ дар балансаш мебошад. Тартиби кашида гирифтан ва баргардонида гирифтани предмети иҷораи молиявӣ аз ҷониби иҷорадеҳ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи иҷораи молиявӣ муайян карда мешавад. Пардохт барои соҳибӣ ва истифодабарии амволе, ки мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ дода шудааст, аз ҷониби иҷорагир дар шакли пардохтҳои иҷораи молиявӣ ба иҷорадеҳ пардохта мешаванд. Пардохтҳо метавонанд чӣ дар шакли пулӣ ва чӣ дар шакли молӣ анҷом дода шаванд. Таҳти пардохтҳои иҷораи молиявӣ маблағи умумии пардохтҳои шартномаи иҷораи молиявӣ дар тамоми мӯҳлати амал намудани шартномаи иҷораи молиявӣ фаҳмида мешавад, ки ба онҳо баргардонидани хароҷотҳои иҷорадеҳ вобаста ба харидорӣ ва таҳвили предмети иҷораи молиявӣ ба иҷорагир, ҷуброни хароҷотҳои вобаста ба расонидани хизматрасониҳои дигари дар шартномаи иҷораи молиявӣ пешбинигардида, инчунин даромади иҷорадеҳ дохил мешаванд. Ба маблағи умумии шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст нархи хариди предмети иҷораи молиявӣ дохил карда шавад, агар шартномаи иҷораи молиявӣ ба иҷорагир гузаштани ҳуқуқи моликиятро ба предмети иҷораи

молиявӣ пешбинӣ карда бошад. Ҳаҷм, тарз, шакл ва давра ба давра ворид намудани пардохтҳо дар шартнома бо мувофиқаи тарафайн муқаррар карда мешаванд. Агар иҷорагир ва иҷорадеҳ ҳисоббаробаркунии пардохтҳои иҷораи молиявиро бо маҳсулоте (дар шакли молие), ки бо воситаи предмети иҷораи молиявӣ истеҳсол мешавад, анҷом диҳанд, нархи ин маҳсулот бо мувофиқаи тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ муайян карда мешавад. Агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, андозаи пардохтҳои иҷораи молиявӣ метавонад бо мувофиқаи тарафҳо ба мӯҳлатҳои пешбининамудаи шартнома, вале на бештар аз як маротиба дар се моҳ, тағйир дода шавад. Уҳдадориҳои иҷорагир оид ба ворид намудани пардохтҳои иҷораи молиявӣ аз лаҳзаи аз ҷониби иҷорагир истифода гардидани предмети иҷораи молиявӣ фаро мерасанд, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад.

29.3. Вазъи ҳуқуқии ширкатҳои лизингӣ дар ҶТ

Ширкатҳои лизингӣ ин ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошад, ки вазифаи лизингдеҳро мувофиқи қонунгузории ҶТ ва ҳуҷҷатҳои таъсиси худ баамал мебарорад. Ширкатҳои лизингӣ ин на танҳо додани молумулк ба лизинг, инчунин хизматҳои машваратӣ ва дигарҳо, аз он ҷумла олоти пасткунандаи сарбориҳои андаз мебошад. Иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад: а) пардохтҳои иҷораи молиявии муҳлаташон гузаштаро, ки бояд ба ӯ пардохт карда шаванд ва инчунин ҷуброни зарарро талаб намояд; б) аз болои фаъолияти иҷорагир дар он қисмате, ки ба предмети иҷораи молиявӣ ва иҷрои уҳдадориҳои иҷорагир мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ мансуб аст, назорат барад; в) дар ҳолати аз тарафи иҷорагир вайрон гардидани уҳдадориҳо оиди баргардонидани предмети иҷораи молиявӣ, ворид намудани пардохтҳоро барои муҳлати вайронкардашуда ва ҷуброни зарар талаб намояд; г) аз иҷорагир иттилооти заруриро ба таври хаттӣ барои анҷом додани назорат аз болои вазъияти молиявии иҷорагир талаб намояд; д) ба предмети иҷораи молиявӣ тамғае гузорад, ки вай аз моликияти иҷорадеҳ будани ин ашё ва он мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ дар соҳибӣ ва истифодабарии иҷорагир қарор доштан гувоҳӣ диҳад; е) предмети иҷораи молиявиро аз иҷорагир дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур талаб намояд; Иҷорадеҳ уҳдадор аст: а) предмети иҷораи молиявиро, ки бо иҷорагир мувофиқа шудааст, аз фурӯшанда барои моликияти худ

харидорӣ намояд ва онро бо шартҳои дар шартномаи иҷораи молиявӣ муайянгардида барои соҳибӣ ва истифодабарӣ ба иҷорагир диҳад; б) баъди харидорӣ намудани предмети иҷораи молиявӣ фурӯшандаро ба таври хаттӣ дар бораи он, ки вай барои додан ба иҷораи молиявӣ ба шахси муайян (иҷорагир) таъин гардидааст, огоҳ намояд. Иҷорадеҳ метавонад ҳуқуқу уҳдадориҳои дигаре дошта бошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаи иҷораи молиявӣ муқаррар намудааст. Иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад бе иҷозатномаи (литсензияи) Бонки миллии Тоҷикистон амалиёти байналмилалиро вобаста ба гардиши сармоя анҷом диҳад, воситаҳои пулиро аз ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади харидани предмети иҷораи молиявӣ ба муҳлати бештар аз шаш моҳ (180 рӯз), вале на бештар аз муҳлати амали шартномаи иҷораи молиявӣ ҷалб намояд. Иҷорадиҳандагон ҳуқуқ доранд бе иҷозатномаи (литсензияи) Бонки миллии Тоҷикистон амалиёти вобастаро ба гардиши сармоя, пардохтани фоизҳо барои истифодаи маблағҳои пардохташон гузаштаро, ки фурӯшандаи предмети иҷораи молиявӣ пешниҳод намудааст, сарфи назар аз муҳлати ҳақиқии гирифтани предмети иҷораи молиявӣ (амалиёти асъории ҷорӣ ва амалиёти вобаста ба гардиши сармояро) амалӣ намоянд. Барои анҷом додани иҷораи молиявии байналмилалӣ: ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани (аз тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани) предмети иҷораи молиявӣ бо мақсади истифодаи он тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ ба муҳлати бештар аз шаш моҳ, инчунин пардохтани маблағи пурраи шартномаи иҷораи молиявӣ дар давраи зиёда аз шаш моҳ, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи назорати асъор ва танзими асъор амалиёти вобаста ба гардиши сармоя ҳисобида намешаванд; ҳангоми ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ё аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани (аз тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани) предмети иҷораи молиявӣ ҳамаи намудҳои пардохтҳои гумрукӣ ба арзиши умумии гумрукии амвол ҳисоб карда мешаванд. Пардохтҳои гумрукӣ ба тариқи зайл ворид карда мешаванд: дар лаҳзаи ворид (содир) намудани предмети иҷораи молиявӣ ба маблағи ҳамон қисми арзиши гумрукии амвол, ки пардохт карда шудааст ва бо ҳуҷҷатҳои бонкӣ тасдиқ карда шудааст; минбаъд пардохтҳои гумрукӣ баробари пардохтҳои иҷораи молиявӣ ё дар давоми 20 рӯз аз лаҳзаи анҷом ёфтани пардохтҳои иҷораи

молиявӣ ворид карда мешаванд. Тартиби (низоми) ворид намудани пардохтҳои гумрукӣ, ки ҳамин модда муқаррар намудааст, батаъхирандозии муҳлати пардохтҳои гумрукӣ ё кредити инвеститсионии андозӣ ҳисобида намешавад. Иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад риоя гардидани шартҳои шартномаи иҷораи молиявиро аз тарафи иҷорагир ва шартномаҳои замимашударо дар қисмате, ки ба иҷро гардидани уҳдадориҳои шартномаи иҷораи молиявӣ аз тарафи иҷорагир таъсир мерасонанд, назорат намояд. Тартиби назорати шартҳои шартнома дар шартномаи иҷораи молиявӣ ва дигар шартномаҳои замимавии байни иштироккунандагони он пешакӣ қайд карда мешавад. Иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад ба иҷорагир дар шакли хаттӣ оид ба пешниҳоди иттилооте, ки барои анҷом додани чунин назорат зарур мебошад, дархост фиристонад, иҷорагир вазифадор аст ҳамин гуна дархостҳоро қонеъ гардонад. Иҷорадеҳ метавонад пурра ё қисман ҳуқуқҳои худро оиди предмети иҷораи молиявӣ ба шахси сеюм гузашт намояд ё ба гарав монад. Иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад бо мақсади ҷалб намудани маблағҳои пулӣ предмети иҷораи молиявиро ба сифати гарав истифода барад. Иҷорадеҳ ҳуқуқ надорад предмети иҷораи молиявиро ба сифати гарав бе ризоияти иҷорагир истифода намояд. Иҷорадеҳ вазифадор аст иҷорагирро дар бораи ҳамаи ҳуқуқҳои шахсони сеюм ба предмети иҷораи молиявӣ огоҳ намояд. Предмети иҷораи молиявӣ, ки барои соҳибӣ ва истифодабарии муваққатӣ ба иҷорагир дода шудааст, моликияти иҷорадеҳ мебошад. Дар шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст пешбинӣ гардад, ки предмети иҷораи молиявӣ ҳангоми ба охир расидани муҳлати шартномаи иҷораи молиявӣ ё то анҷом ёфтани он ба моликияти иҷорагир гузарад, ба шарте, ки аз ҷониби иҷорагир арзиши пурраи харидории дар шартномаи қайду шартгардида ворид карда шавад. Агар шарти харид намудани предмети иҷораи молиявӣ дар шартномаи иҷораи молиявӣ пешбинӣ нашуда бошад, онро метавонанд бо созишномаи иловагии тарафҳо, ки зимнан ҳуқуқ доранд дар бобати ба ҳисоби арзиши харидорӣ пардохт намудани маблағҳои истифодабарии предмети иҷораи молиявӣ ба мувофиқа омада, муқаррар кунанд. Бо Қонун мумкин аст ҳолатҳои манъ намудани харидории предмети иҷораи молиявӣ пешбинӣ карда шаванд. Ҳуқуқи соҳибӣ ва истифодабарии муваққатии предмети иҷораи молиявӣ дар ҳаҷми пурра ба иҷорагир мегузарад, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад. Ҳуқуқи ихтиёрдории иҷорадеҳ ба предмети иҷораи молиявӣ аз ҳуқуқи гирифтани

предмети иҷораи молиявӣ аз соҳибӣ ва истифодабарии иҷорагир дар ҳолатҳо ва бо тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи иҷораи молиявӣ муқаррар намудааст, иборат мебошад. Ҳангоми муфлисшавии иҷорагир, инчунин ҳабс ва мусодира намудан ё ба кор бурдани рӯёнидани зарар ба амволи ӯ, предмети иҷораи молиявӣ аз амволи иҷорагир ҷудо карда мешавад ва бояд ба иҷорадеҳ, ки метавонад онро тибқи салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ намояд, баргардонида шавад. Беҳсозиҳои ҷудошавандае, ки иҷорагир дар предмети иҷораи молиявӣ анҷом додааст, моликияти ӯ мебошанд, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад. Дар ҳолате, ки иҷорагир бо ризоияти хаттии иҷорадеҳ аз ҳисоби маблағҳои худ беҳсозиҳои аз предмети иҷораи молиявӣ ҷудонашавандаро бидуни зарар ба предмети иҷораи молиявӣ анҷом дода бошад, иҷорагир баъди қатъ гардидани шартномаи иҷораи молиявӣ ҳуқуқи баргардонидани арзиши ин беҳсозиҳоро дорад, агар шартномаи иҷораи молиявӣ тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошад. Дар дигар ҳолатҳо иҷорагир барои талаб намудани баргардонии арзиши ин беҳсозиҳо ҳуқуқ надорад.

БОБИ XXX. ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ ВА МАНФИАТҲОИ ҚОНУНИИ СОҲИБКОРОН

30.1. Шакл ва тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон.
30.2. Шакли судии ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон.
30.3. Шакли ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон.

30.1. Шакл ва тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон

Ҳуқуқ ба ҳимоя дар муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд дорад ва ба он уҳдадориҳои субъекти дигар мувофиқ меояд. Дар назарияи умумии ҳуқуқ дар зери ҳуқуқи субъективӣ ба субъекти мушаххас додани ҳуқуқ мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба мақсади таъмин намудани манфиати он, ҳадди рафтори имконпазири он дар муносибатҳои ҳуқуқӣ, таъмини уҳдадории муқарраршудаи субъекти дигари муносибатҳои ҳуқуқӣ ва кафолатноки давлатро мефаҳманд. Дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳимояи ҳуқуқ масалан, пас аз муроҷиат намудани субектони фаъолияти соҳибкорӣ ба мақомоти амалисозандаи ҳимояи ҳуқуқ пас аз нисбати он татбиқ намудани санади ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқи онҳоро ба ҳимоя маҳдуд мекунад, пас аз интишори санадҳои ғайримеъёрӣ нисбати онҳо ба вуҷуд меояд. Чун ҳама ҳуқуққои субъективӣ, ҳуқуқ ба ҳимоя мустақилона ҳимоя карда мешавад, баъзан ҳангоми шикоят намудани рад кардани судро дар баррасии парванда, ҳангоми шикоят кардани санадҳои меъёрию ғайримеъёрӣ, ки ҳуқуқи онҳоро маҳдуд мекунад. Ҳуқуқдорӣ ин имконияти ҳуқуқӣ чун қисми таркибии ҳуқуққои субъективӣ мебошад. Аз ҳисоби ҳуқуқдорӣ ба ҳимояи ҳуқуқ имконияти истифодаи дастгоҳи маҷбуркунии давлатиро муқобили шахси уҳдадор дар ҳолати иҷро накардани уҳдадориҳо ё ҳимояи мустақилона ба миён меояд. Дар баробари ҳуқуқ ба ҳимояи ҳуқуқ дар таркиби ҳуқуқи субъективӣ ҳуқуқ ба талабкунӣ дохил мешавад. Ба ҳуқуқҳои амволӣ ва истисноодатан ҳуқуқи амалҳои фаъол (яъне ҳуқуқи ба амал баровардани амалҳои мустақилома) дохил мешавад. Дар ҳама давлат уҳдадории таъмин намудани амалисозии ҳуқуқ ба ҳимояро аз тарафи субъектони гуногун мавҷуд аст. Бар замми ин ин уҳдадорӣ нисбати на танҳо шахси мушаххас, балки ба ҳама иштирокчиёни бомаҳорати муносибатҳои ҷамъиятӣ татбиқ карда мешавад. Масалан, уҳдадории давлат оид ба муайян намудани тартиби ба даст овардани вазъи соҳибкор, оид ба таъсис ва таъмин намудани амалкунии мақомотҳои судӣ, ки дар онҷо мумкин аст ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро ҳимоя кунем. Хусусияти ингуна уҳдадорӣ дар он аст, ки давлат бевосита наметавонад онҳоро ба

иҷро кардан ма ҷбур кунад. Инак, масалан даъво оид ба маҷбур намудани давлат барои қабули ягон намуд қонун, таъсис додани ягон мақомот, муқаррар намудани ҳаҷми муайяни боҷи давлатӣ мумкин нест. Ҳама объектҳои ҳифзи ҳуқуқро дар соҳаи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст: ҳуқуқ ва манфиатҳои молумулкӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои ғайримолумулкӣ ва ҳуқуқ ва манфиатҳои ташкилию ҳаволакунандаи соҳибкор. Ба гурӯҳи аввал пеш аз ҳама ҳуқуқи амволӣ дохил мешавад: ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ, ҳуқуқи идораи оперативии молумулк. Ба ҳамин гурӯҳ инчунин ҳуқуқи уҳдадории талаби соҳибкор дохил мешавад, ки аз иштирок дар таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ, аз шартномаҳои бастаи онҳо, аҳдҳои басташаванда ва дигар асосҳо ба вуҷуд меоянд, масалан дар ҳолати расондани зарари молумулкӣ ба соҳибкор дар муносибатҳои берун аз шартнома. Гурӯҳи дуюм объектҳои ҳифзшаванда- неъматҳои ғайримоддӣ. Ин обрӯи корӣ, ҳуқуқ ба объекти моликияти саноатӣ ва зеҳнӣ мебошад. Ба ин гурӯҳ инчунин ҳуқуқи ҳифзи сирри хизматӣ дохил мешавад. Ба гурӯҳи сеюми объектҳои ҳифзшаванда мумкин аст ҳуқуқ ва манфиатҳои ташкилию ҳаволакунандаи соҳибкор ҷудо карда шавад. Ин ҳуқуқ ба бақайдгирии давлатӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ва шахси ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ба гирифтани сертификатҳо ва иҷозатномаҳо барои ин намуди фаъолият ки мувофиқи қонун бояд ҳатман иҷозатнома гирифта шавад, ба шумор меравд. Ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ташкилию ҳаволакунандаи соҳибкор инчунин ҳуқуқ ба ба ҳисоботи андоз гузоштан ва гирифтани рақами ягонаи андозсупоранда, ҳуқуқ ба гирифтани вазъи соҳибкори хурд, ҳуқуқ ба бастани шартнома бо бонкҳои тиҷоратӣ оид ба кушодани суратҳисоби бонкӣ ҳуқуқ ба муайян намудани сохтори истеҳсолии дохилии шахси ҳуқуқӣ ва ташкили муносибатҳои меҳнатӣ дохил мешавад. Конститутсияи ҶТ муқаррар мекунад: ҳуқуқи ҳар як шахс ба ҳмояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои худ бо тамоми тарзҳо, ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, ҳуқуқ ба ҷуброни зарари расондашуда, ба ҷуброни зарари давлат. Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ – ин воситаҳои ҳуқуқии дар қонунгузорӣ пешбинӣ гардидае мебошад, ки татбиқи он ба эътирофи ҳуқуқ асос меёбад, ба барқароркунии вазъияти то ҳуқуқвайронкунӣ ҷойдошта оварда мерасонад, инчунин пешгирии амлҳое, ки ҳуқуқро поймол мекунад ё ба татбиқ намудани он таҳдид мекунад таъмин мекунад. Предмети ҳимояи дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии поймолшуда ё мавриди

баҳс қарор дода шуда мебошад, ки фаъолияти ба ин монандро ба амал мебарорад. Ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкор ва манфиатҳои қонунӣ бо тартиби пешбинӣ намудаи қонун, яъне бо татбиқи шакл ва тарзҳои мувофиқи ҳимоя ба амал бароварда мешавад. Дар зери ҳифзи ҳуқуқ ин дар қонун мустаҳкам гардидани чораҳои моддию мурофиавии хислати маҷбуридошта мебошад, ки ба воситаи он барқарорсозии ҳуқуқи поймолшуда ба амал бароварда мешавад ва ба ҳуқуқвайронкунанда таъсир расонда мешавад. Асосҳои гуногуни тасниф ҷой дорад: Вобаста аз мазмуни амали ҳуқуқӣ тарзҳои ҳимояро ба моддию ҳуқуқӣ ва ба мурофиавӣ ҷудо мекунанд. Тарзҳои моддию ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорӣ ин тарзҳои амал оид ба ҳимояи ҳуқуқ мувофиқи меъёрҳои ҳифзкунандаи ҳуқуқи моддӣ мебошад. Тарзҳои моддию ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ вобаста аз шарт, хислат, мутааллиқии соҳавӣ, намудҳои ҳуқуқҳои ҳимояшаванда, таркиби субъективӣ фарқ карда мешавад. вобаста аз мақсад тарзҳои моддию ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ба пешгирикунанда, барқароркунанда ва ҷаримавӣ ҷудо мешавад. Тарзҳои мурофиавии ҳимоя - амалисозии ваколати мақомотҳои ваколатдор дар намудани баровардани санад, ки мақсади муқаррар намудан, эътироф ё тасдиқи ҳуқуқ ва фактҳои аҳамияти ҳуқуқӣ дошта, инчунин барқарор намудани манфиатҳои қонунии субъекти муносибатҳои ҳуқуқиро дошта бошад. Тарзҳои мурофиавии ҳимоя вобаста аз мақсад, хислати амалҳои мурофиавӣ, санадҳои гуногуни ҳокимиятӣ ва шакли мақомотҳои ваколатдор фарқ мекунад. Тарзи мустақили ҳимояи ҳуқуқ ин худмуҳофизаткунӣ мебошад. Тарзҳои ҳимоя ҳуқуқ – категорияи ҳуқуқи моддӣ мебошад, дар зери шакли ҳимоя бошад фаъолияти дар қонун муайяншудаи мақомотро оид ба ҳимояи ҳуқуқ мефаҳманд. Дар моддаи 12 Кодекси граждани тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ номбар карда шудааст, ки инҳо ба фаъолияти соҳибкордохил мешаванд: эътирофи ҳуқуқ; барқарор намудани вазъе, ки то вайрон гардидани ҳуқуқ ҷой дошт ва пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё барои вайрон кардани он таҳдид менамоянд; беэътибор донистани аҳдҳои мавриди баҳс ва истифодаи оқибатҳои беэътибор донистани он, истифодаи оқибатҳои беэътибор донистани аҳдҳои беэътибор; беэътибор донистани санади мақоми давлатӣ ё мақоми ҳокимияти маҳаллӣ; худмуҳофизаткунии ҳуқуқ; водор намудан ба иҷрои уҳдадориҳо дар шакли асл (натура); рӯёнидани товони зиён; ситонидани ноустуворона; ҷуброни зарари маънавӣ; қатъ кардан ё тағйир додани муносиботи ҳуқуқӣ; аз ҷониби суд татбиқ нагар-

дидани санади мухолифи қонун қабул намудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; бо роҳҳои дигари пешбининамудаи қонун. Ҳар як тарзҳои номбаршуда метавонад дар алоҳидагӣ ё дар маҷмӯ бо дигар тарзҳо татбиқ карда шавад. Қонун инчунин татбиқи чунин тарзҳоеро иҷозат медиҳад, ки дар моддаи 12 КГ пешбинӣ нашудааст, аммо дар дигар қонун пешбиншудааст, масалан ҳуқуқ ба мурочиат намудан ба мақомотҳои ваколатдори давлатӣ оид ба талаб намудани татбиқи чораҳои хислати давлатию маҷбурӣ дошта. Тарзҳои гуногуни ҳимоя инчунин тартиботҳои гуногуни дастгоҳи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорро пешниҳод мекунад. Дастгоҳи ҳимояи ҳуқуқ ин ба амал баровардани тарзҳои ҳимоя мебошад. Дар зери шакли ҳимояи ҳуқуқ маҷмӯи чораҳои дохилии мувофиқашудаи муташаккил оид ба ҳимояи ҳуқуқи субъективӣ ва манфиати ҳифзнамудаи қонун фаҳмида мешавад. Шаклҳои зерини дастгоҳи ҳимоякунӣ мавҷуд аст: ғайрисудӣ-худмуҳофизатӣ;танзими норозигӣ бо тартиби ғайрисудӣ; ҳалли ариза ва шикоятҳо аз ҷониби мақомотҳои ҳокимияти иҷроия бо тартиби итоатӣ. Судӣ – ҳимояи конститутсионӣ; баррасии баҳсҳои иқтисодӣ аз ҷониби судҳои умумӣ, судҳои иқтисодӣ ва судҳои ҳакамӣ. Чун қоида қонунгузории амалкунанда ба соҳибкор барои интихоб намудани тарз ва шаклҳои ҳимоя, ки барояш мувофиқ мебошад монеа намешавад. Дар Ҷумҳурии тоҷикистон ҷавобгарии ғайришартномавии давлат барои зарари ба соҳибкорон расондашударо дотсент Мирзоев П.З. дар сатҳи дисертатсионӣ тадқиқ карда шудааст.

30.2. Шакли ҳимояисудии ҳуқуқи соҳибкорон

Дар зери шакли ҳимояи судӣ фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатиро оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшуда ё мавриди баҳс қарордодашуда мефаҳманд. Моҳияти он дар ин аст, ки шахси ҳуқуқ ва манфиати қонуниаш бо амалҳои зиидиҳуқуқӣ поймол шудааст, ба мақомоти давлатӣ ё дигар мақомоти ваколатдор, ки барои барқарор намудани ҳуқуқи помолшуда ё пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ чораҳои зарурӣ меандешад мурочиат мекунад. Дар чорчӯбаи ҳимояи судӣ, мақомоти таъминкунандаи барқароркунии ҳуқуқҳои поймолшуда ё мавриди баҳс қарордодашуда, мақомотҳои зерин мебошанд: Суди конститутсионии ҶТ; Суди иқтисодии ҶТ; судҳои умумӣ. Суди конститутсионии ҶТ имконияти ҳимояи судии ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкоронро васеъ мекунад. Ин бо омилҳои зерин фаҳмонда

мешавад: якум, қонунгузор дар мафҳуми «ҳуқуқҳо ва озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон» принсипҳо ва манфиатҳои конститутсиониро ҷойгир намудааст ва он на танҳо шахсони воқеӣ, инчунин шахсони ҳуқуқиро низ ҳифз мекунад. Дуюм, фаҳмиши асосҳои санадҳои ҳуқуқии конститутсионӣ васеъ шуда истодааст. Санади ҳуқуқи ғайриконститутсионӣ эътироф карда мешавад, агар он ба принсип ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ мухолифат кунад. Новобаста аз он, ки чи тавр соҳибкорон ҳуқуқ ба муроҷиатро амалӣ менамоянд, ҳолатҳои зеринро ба назар бояд гирем. Якум, шикоят ба номувофиқии қонун ба Конститутсия, аз он ҷумла агар ягон қарори ба қувваи қонунӣ даромадаи суд ё дигар мақомоти давлатӣ, инчунин шахсони мансабдор, ки ҳуқуқ ва озодиҳои арзкунандаро поймол мекунад, дар асоси ин қонун қабул шуда бошад, метавонад дода шавад. Дуюм, шикоят новобаста аз мазмуни ҳалномаи дар суди умумӣ нисбати парванда қабулшуда роҳ дода мешавад. Истифода намудани ҳама имкониятҳо барои ҳимояи ҳуқуқ, барои раво донистани шикоят шарти ҳатмӣ буда наметавонад. Ҳатто агар судҳои болоӣ шикояти соҳибкорро бо тартиби касатсионӣ ва назоратӣ қонеъ гардонда ҳуқуқҳои ӯро ҳимоя кунанд ҳам, ӯ метавонад бартараф нагардидани мухолифати қонун ба Конститутсияи ҶТ-ро дарёфт намуда, ба Суди Конститутсионӣ муроҷиат намояд кунад. Сеюм, дар ҳолате, ки агар гап сари ба Конститутсияи ҶТ мувофиқат кардани қонуни ҳоло татбиқ нашуда, аммо дар оянда нисбати парвандаи мушаххас татбиқшаванда равад, шикояти шахс метавонад танҳо пас аз муроҷиат намудан ба суди умумӣ баррасӣ карда мешавад. Аз қоидаи умумӣ истисно намудан мумкин аст, масалан Суди Конститутсионӣ ҳуқуқ дорад бо татбиқи қонуни судҳои умумӣ, дар шароите, ки агар шахси шикоят намуда зараре расонида бошад, ки онро бартараф кардан имконнопазир аст ва шаҳрвандон бо шикоят бо тартиби оддии судӣ муроҷиат намуда бошанд, қарор қабул намояд. Салоҳияти Судиконститутсионӣ: **1**) муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон. Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, қарордодҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсия; **2**) ҳалли баҳсҳои байни мақомоти давлати доир ба салоҳияти онҳо; **3**) иҷрои ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд. Санадҳои Суди конститутсионӣ қатъист.

Суди иқтисодӣ мақомоти давлатие мебошад, ки махсус барои баррасӣ ва ҳал намудани баҳсҳои иқтисодӣ миёни корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, ки шахси ҳуқуқӣ мебошанд ва шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба амал бароварда, вазъи соҳибкорро доранд таъсис дода мешавад. Мувофиқи қоидаҳои умумӣ суди иқтисодӣ баҳсҳои иқтисодиро ба шарте баррасӣ мекунад, ки агар онҳо аз муносибатҳои зерин бар оянд: а) миёти ташкилотҳо- шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони соҳибкор; б) миёни ташкилотҳо- шахсони ҳуқуқӣ ва мақомотҳои давлатӣ ва дигар мақомотҳо; в) миёнишаҳрвандони соҳибкор ва мақомотҳои давлатӣ ва дигар мақомотҳо. Мувофиқи моҳияти қонун муносибате, ки аз фаъолияти иқтисодӣ бар меояд, на танҳо муносибатҳои соҳибкорӣ инчунин дигар муносибатҳои ба онҳо алоқамандро дар бар мегирад, аз қабили: 1) ҳангоми таъсис, азнавтаъсисдиҳӣ ва барҳамдиҳии корхона; 2) ҳангоми аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба амал баровардани идоракунии ваколати худ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ, назорат ва функсия; 3) ҳангоми расонидани зарар ба объектҳои табиӣ; 4) ҳангоми сӯистифода намудани ҳуқуқҳои соҳибкор ва ӣҷро накардани уҳдадориҳои худ. Муҳим он аст, ки ин муносибатҳо аз фаъолияти соҳибкории ташкилот- шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба вуҷуд оянд. Ҳангоми ҳалли масъалаи итоати идоравии парванда ба суди иқтисодӣ, мавҷуд будани ду асоси дар боло номбаршуда зарур аст: хислати муносибатҳои ҳуқуқӣ ва таркиби субъективии иштирокчиёни онҳо. Ташкилоте, ки шахси ҳуқуқӣ намебошад, ҳуқуқ дорад танҳо дар ҳолати бевосита дар қонунгузорӣ пешбинӣ гардиданаш ба суди иқтисодӣ мурочиат кунад. Мувофиқи қоидаи умумӣ баҳсҳо миёни шандони соҳибкор, инчунин миёни онҳо ва шахсони ҳуқуқӣ аз ҷониби суди иқтисодӣ баррасӣ карда мешавад, ба истиснои баҳсҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳолатҳои зерин алоқаманд нестанд:

1. Агар парванда дар алоқамандӣ бо фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд наомада бошад, пас он аз тарафи суди умумӣ баррасӣ карда мешавад. 2. Агар ақалан яке аз тарафи баҳс вазъи соҳибкорро надошта бошад, пас ин баҳс ҳам дар суди умумӣ баррасӣ карда мешавад. Бисёртар даъво дар бораи беэътибор донистани аҳд оид ба фурӯши саҳмияи ҷамъияти саҳомӣ дар музояда, ки иштирокчиёнаш шахсони воқеӣ мебошад, бояд дар суди умумӣ баррасӣ карда мешавад. 3. Агар шанд вазъи соҳибкори инфиродиро дошта бошад, аммо баҳсна дар алоқамандӣ бо фаъолияти

соҳибкории он, балки аз муносибатҳои оилавӣ, манзилӣ ва дигар муносибатҳои граждани ба вуҷуд омада бошад, пас он дар суди умумӣ баррасӣ карда мешавад. 4. Аз лаҳзаи қатъ гаштани бақайдгирии давлатии шаҳрванд ба сифати соҳибкори инфиродӣ парвандае, ки бо фаъолияти соҳибкории пештар ба амал баровардаи он алоқаманд аст, дар суди умумӣ баррасӣ карда мешавад, агар он аз ҷониби судҳои иқтисодӣ то фаро расидани ҳолати нишондодашуда ба истеҳсолот гирифта нашуда бошад. Дар судҳои умумӣ бисёртар парвандаҳои бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд баррасӣ карда мешавад: 1) баҳсҳо оид ба барқарор намудани ҳуқуқ ба қоғазҳои қимматноки гумшудаи оддӣ ё ордерӣ; 2) аризаи шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба амал ва қарори зиддиҳуқуқии мақомоти идоракунии давлатӣ ва шахсони мансабдор, ки ҳуқуқ ва озодиҳои онҳоро поймол мекунад. 5. Суди умумӣ инчунин аризаи шахс, ки амалҳои нотариалӣ ё рад намудан аз ягон амалро зиддиҳуқуқӣ меҳисобанд, баррасӣ мекунад. 6. Ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки ба итоати идоравии суди умумӣ, инчунин якчанд талабҳои даъвоии муттаҳидгашта, ки яке ба итоати идоравии суди умумӣ тааллуқ дошта, дигаре ба суди иқтисодӣ, ки онро ҷудо кардан имконнопазир аст, дохил мешаванд. 7. Дар суди умумӣ инчунин баҳсҳо бо иштироки ташкилоти хориҷӣ ва ташкилот бо сармоягузории хориҷӣ бо тартиби муқаррар намудаи қонунгузории мурофиавии граждании ҶТ баррасӣ карда мешавад. Дар ҳамин ҳол, агар созишномаи байнидавлатӣ ё розигии тарафҳо вуҷуд дошта бошад, метавонад баҳсҳои музкурро барои баррасӣ ба суди иқтисодӣ пешниҳод кунанд. Мухолифати муқаррарот оид ба итоати идоравии баҳсҳои иқтисодӣ миёни соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар ду санади ҳуқуқии дорои қуваи ҳуқукии баробар дарҷ гардидааст, ба мо маълум аст. Дар натиҷаи ин ҳангоми интихоби суд барои ҳалли баҳс, қоидае вуҷуд дорад, ки мувофиқи он даъвогар новобаста аз он, ки он соҳибкори ватанӣ аст ё хориҷӣ, ҳуқуқ дорад бо хоҳиши худ барои ҳалли баҳсҳо суди иқтисодӣ ё суди умумро интихоб намояд. Агар мақомоти ваколатдор бевосита дар созишномаи байнидавлатӣ ё бо созишномаи тарафҳо муайян шуда бошад, пас ҳуқуқи интихоб намудан аз байн меравад. Дар ин маврид, гап сари созишномаи **пророгатсионӣ** меравад, яъне розигии мутақобилаи тарафҳои қарордод оид ба додани баҳс барои ҳал ба суди мушаххас,то лаҳзаи онро ба истеҳсолоти худ қабул намудани суд мебошад. Созишнома метавонад ба ҳуҷҷати алоҳида ба расмият дароварда шавад, аммо бисёр вақт он дар як банди

алоҳидаи шартнома ҷой дода мешавад. Ба табиати ҳуқуқиаш созишномаи **пророгатсионӣ** (яъне созишнома оид ба интихоби суд) дар муомилоти байналмиллалии савдо ба қоида оид ба аз пешбурди судҳои давлатӣ гирифтани баҳси ба вуҷудоянда ё алакай мавҷудбуда ва онро ба судҳои ҳакамӣ супоридан наздикӣ дорад.

30.3. Шакли ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорон

Ба шакли ғайрисудии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкорон инҳо дохил мешаванд:ҳимояи нотариалӣ; баррасии ҳакамӣ; тартиби тосудии (иддаоӣ) танзими баҳсҳо. Бар души нотариат таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва шахсон ҳуқуқӣ бо роҳи ба амал баровардани амалҳои нотариалӣ аз номи давлат гузошта шудааст. Бо фарқият аз суд, ки онҷо асосан баҳсҳои ҳуқуқи граждани карда мешавад, мавзӯи фаъолияти нотариалӣ парвандаи бебаҳс мебошад, ки усули махсуси ҳалли масъалаҳои ба ваколати онҳо тааллуқдоштаро пешбинӣ менамояд. Нотариус аҳдҳоро тасдиқ намуда, дурустии нусхаи ҳуҷҷатҳоро шаҳодат дода, иҷрои маҷбурии уҳдадориҳои бебаҳси қарздорро таъмин намуда, дигар амалҳои нотариалиро ба амал бароварда, шакли мубоҳисавии мурофиа ва принсипҳои оммавиро истифода намекунанд, танҳо амалҳои нотариалиро дар танҳоӣ ба амал мебарорад, фактҳои ҳуқуқиро чун қоида дар асоси далелҳои хаттӣ муқаррар мекунад.Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон ба воситаҳои зерин ба амал бароварда мешавад: а) ба воситаи тасдиқи ҳуқуқӣ ва дарҷ кардани ҳуқуқи граждаӣ ба мақсади пешгирии поймолгардии онҳо дар оянда (тасдиқи ҳуқук ва фактҳои бебаҳс, шаҳодаткунонии ҳуҷҷатҳо ва ғ.); б) ба воситаи ҳуқуқи поймолгашта (масалан, ҳангоми додани навиштаҷоти иҷроиш, пешниҳоди чек барои пардохт ва тасдиқи напардохтани чекҳо ва ғ.). Дар назар доштан зарур аст, ки нотариус ҳангоми ба амал баровардани амали нотариалии мазкур асосҳои ба вуҷудоии ҳуқуқи кредитор ва уҳдадории қарздорро намесанҷат. Қонунгузорӣ имконияти баррасии баҳсҳоро на танҳо дар суди иқтисодӣ, инчунин дар судҳои ҳакамӣ низ пешбинӣ намудааст, яъне дар судҳои махсус, ки баҳси миёни тарафҳо ба вуҷуд омадаро танҳо бо розигии тарафҳо ба супоридани баҳс ба чунин суд баррасӣ мекунад.Ба баррасии суди ҳакамӣ метавонад баҳсҳои алакай ба вуҷудомада, ё баҳсе, ки дар оянда ҳангоми иҷрои уҳдадорӣ метавонад ба вуҷуд ояд, супорида шавад. Созишнома оид ба супоридани баҳс ба суди ҳакамӣ мумкин аст ба ҳама баҳсҳо ё баҳсҳои муайян, ки миёни тарафҳо ба вуҷуд

омадаанд ё дар оянда ба вуҷуд меоянд, тааллуқ дошта бошад. Мувофиқи ин судҳоро ба якчанд намуд ҷудо мекунем: барои баррасии баҳси мушаххас таъсис додашуда (ad hoc); судҳои ҳакамии доимо амалкунанда. Дар ҳолати аввал, судҳои ҳакамӣ аз ҷониби худи тарафҳо таъсис дода мешавад ва фаъолияти онҳо пас аз баррасии баҳси мушаххаси мазкур қатъ мегардад. Дар ҳолати дуюм бошад, гап сари судҳои ҳакамии доимоамалкунанда (судҳои ҳакамии институтсионалӣ) меравад, ки метавонад дар палатаҳои савдо, биржаҳо, асотсиатсияҳо таъсис дода шавад. Бартарияти асосии судҳои институтсионалӣ дар он аст, ки онҳо мақомоти расман ташкилшуда мебошанд, ки ҳалли вазъияти баҳснокро ҳатто дар он ҳолате, ки яке аз тарафҳо аз интихоби судҳои ҳакамӣ (судҳои ҳакамии институтсионалӣ онҳоро раис ё президенти ин суд) саркашӣ мекунад, имконпазир мешуморад. Инак, ҳангоми мавҷуд будани созишномаи дахлдор бо иштироки корхонаҳо бо сармоягузории хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмиллалии дар ҳудуди ҶТ таъсисдодашуда, миёни худ бо иштироки онҳо ва баҳси онҳо бо дигар субъектони ҳуқуқ, инчунин баҳсҳое, ки ҳангоми баамалбарории робитаҳои савдои беруна ва дигар робитаҳои байналмиллалӣ ба вуҷуд меоянд, аз ҷониби Судҳои арбитражии тиҷоратии байналмиллалӣ баррасӣ карда мешавад. Ба нуқтаи назари нави қонунгузорӣ оид ба масъалаи тартиби тосудии танзими баҳсҳо диққат додан лозим аст, ки новобаста аз он, имконияти риояи он аз байн рафтааст ё не. Новобаста аз ин, риоя накардани тартиби тосудии танзими баҳсҳо бо ҷавобгар, ин барои бебаррасӣ гузоштани даъво асос шуда метавонад. Аз нуқтаи назари амалӣ, расмиётҳои маблағи эътироф намудаи қарздор, вақте, ки тартиби иддаоӣ дар шартнома пешбинӣ гардида бошад, бисёр ҷолиб аст. Гап дар сари он аст, ки қонунгузории амалкунанда ба кредитор ҳуқуқи аз ҳисоб баровардани маблағи иддаоиро бо тартиби бебаҳс эътироф намудаи қарздорро надодааст. Аммо дар он ҳолате, ки шарти аз ҳисоб баровардани маблағи иддаоӣ бо тартиби бебаҳс эътирофшуда дар шартнома ва ҷваоби иддао вуҷуд надошта бошаду қарздор маблағи эътирофшударо насупорад, пас кредитор ҳуқуқ дорад новобаста аз эътироф намудани иддао ба суди иқтисодӣ бо аризаи даъвогӣ оид ба аз қарздор рӯёнидани қарз муроҷиат намояд.

БОБИ XXXI. КОРИ ҲУҚУҚӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

31.1. Мафҳум ва вазифаи кори ҳуқуқӣ дар шароити имрӯзаи инкишофи соҳибкорӣ.

31.2. Шаклҳо ва тартиби пешбурди кори ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ.

31.3. Вазъи ҳуқуқии машваратчии ҳуқуқии соҳибкор ва адвокати он.

31.4. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои қонунии соҳибкорон.

31.5. Баҳсҳои ҳуқуқӣ, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меояд.

31.1. Мафҳум ва вазифаи кори ҳуқуқӣ дар шароити имрӯзаи инкишофи соҳибкорӣ

Дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ нақш ва аҳамияти таъминоти ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ бисёр боло рафт. Хизмаирасонии ҳуқуқии соҳибкорон айни замон фаъолияти фахрӣ ва гуногуннақшавӣ, ки ба татбиқи меъёрҳои гуногуни соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ асос ёфтааст.Ба ҳуқуқшиносоне, ки амалкунии субъектони хоҷагидорро таъмин мекунанд талаботҳои баланди касбӣ талаб карда мешавад, ки аз зарурати мавҷуд будани маҷмӯи донишҳо ва маҳоратҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи моддиву мурофиавӣ бармеоянд. Дар зери кори ҳуқуқӣ дар соҳаи соҳибкорӣ низоми чораҳо оид ба таъмини ҳуқуқ ва манфиати субъектони фаъолияти соҳибкорӣ фаҳмида мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки хизматрасонии фаъолияти соҳибкорӣ як қисми кори ҳуқуқӣдар бахши хоҷагии халқмебошад, зеро охирон таъминкунии на танҳо фаъолияти соҳибкорӣ, балки ташкили инфрасохтори ҳуқуқии таомоми ҳаёти хоҷагӣ, масалан кори ҳуқуқшиносон дар муассисаҳои ҳуқуқии оммавӣ (мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва раёсатҳо) , ки ба таъсиси инкишофи шароити тиҷорат равона аст, дарбар мегирад. Вазифаи асосии кори ҳуқуқӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ин таъмини риояи қонуният дар фаъолияти субъектони хоҷагидор ҳангоми амалисозии мақсадҳои он, аз ҷумла мақсади ба даст овардани фоида; ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии он ҳангоми муносибат бо мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва раёсатҳо, бо конрагентҳо мувофиқи шартномаҳо, бо молики молумулк(аз ҷумла барои ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ-бо саҳмдорон ё иштирокчиён), кормандон ва дигар субъектони дигаре, ки бо ин субъектони фаъолияти соҳибкорӣ

муносибати дуҷониба доранд дар бар мегирад. Дар доираи вазифаҳои умумӣ кори ҳуқуқӣ дар соҳаи соҳибкорӣ бо дастгирии маданияти корпоративии ташкилот, бо воситаҳои ҳуқуқӣ ҳифз намудани молумулки субъектони фаъолияти соҳибкории ташкилот, мавҷудияти интизоми шартномавӣ дар соҳа ва умуман дар мамлакат таъмин карда мешаванд.Маҳз барои ҳамин таъмини соҳибкорони шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ бо кадрҳои баландихтисоси ҳуқуқӣ вазифаи умумидавлатӣ мебошад.

31.2. Шаклҳо ва тартиби пешбурди кори ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ

Шаклҳои гуногунитаъмини ҳуқӯқии фаъолияти соҳибкорӣ вуҷуд дорад, ки аз ҳама паҳнгаштатарини он ин дар сохтори ташкилию идоракунии хизмати ҳуқуқӣ(департамент, шуъба, идора, юристконсулт- вобаста аз ҳаҷм ва мушкилии кори иҷро мешуда) мавҷуд будани субъекти хоҷагидор мебошад.Дар баробари ин соҳибкорон метавонанд оид ба хизматрасонӣ бо адвокат, ки мувофиқ Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура» дар идораҳои адвокатӣ, коллегияи адвокатҳо ва юристконсултҳо таъсис ёфтааст; бо ташкилотҳое, ки хизматрасонии ҳуқуқиро ба дигар ташкилотҳо ва шаҳрвандон мерасонад; бо ҳуқуқшиносоне, ки мувофиқи қонун фаъолияти соҳибкории инфиродиро ба амал мебарорад шартнома банданд. Таъмини ҳуқӯқии фаъолияти соҳибкориро дар чорчӯбаи вазифаи бар дӯши онҳо гузошташуда мақомоти нотариалӣ ба амал мебарорад. Фаъолияти адвокатӣ дар асоси созишномаи миёни адвокат ва ваколатдиҳанда, ки шартнома оид ба хизматрасонии ҳуқуқиро ба ваколатдиҳанда ё ба шахси таъинкардаи он ифода мекунад, ба амал бароварда мешавад. Адвокат метавонад ба сифати намояндаи ваколатдиҳанда дар истеҳсолоти конститутсионӣ, гражданӣ, инчунин ба сифати ҳам намоянда ва ҳам ҳимоягари ваколатдиҳанда дар истеҳсолотҳои ҷиноятӣ ва истеҳсолоти судӣ оид ба парвандаҳои маъмурӣ баромад намояд, инчунин метавонад манфиати ваколатдиҳандаро дар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ намояндагӣ кунад.Ширкатҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқшиносон –соҳибкорон, дар айни замон метавонанд ба машварати ҳуқуқӣ диҳанд, шартномаҳо тайёр кунанд, гуфтушунидҳо гузаронанд, ба муштариён ёрии ҳуқуқии дигар расонанд, аммо ҳуқуқ надоранд дар мурофиаҳои суд иштирок кунанд. Хизматрасонии ҳуқуқӣ –фаъолияте мебошад, ки дониш ва маҳорати махсусро талаб мекунад ва мавҷудияти он санҷида мешавад, бар

замми ин ташкилотҳое, ки хизмати ҳуқуқӣ мерасонанд, барои хизматрасонии ҳуқуқии номатлуб ба ҷавобгарӣ ҷалб намудан мушки ласт, иҷозатнома барои ин намуди фаъолият бошад, метавонист муштариёни бомаҳоратро аз хизматрасонии бесифати ҳуқуқии ҳуқуқшиносони бемаҳорат оградить кунад. Дигарон низ чунин меҳисобанд, ки вазъи бозори хизматҳои ҳуқуқӣ аломати устувори сифати хизматрасонии ҳуқуқӣ мебошад, ки новобаста аз иьозатномадиҳӣ ва дигар шаклҳои назорат аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ вуҷуд дорад.

31.3. Вазъи ҳуқуқишимашваратчии ҳуқуқии соҳибкор ва адвокати он

Мафҳуми машварати ҳуқуқӣ якчанд маъно дорад. Дар навбати авал коллективи адвокатҳо ва ҳуқуқшиносонро, ки аз ҷониби коллегияи адвокатҳо дар нуқтаи аҳолинишини муайян ба мақсади таъсис додани кори мутахассисон оид ба хизматрасонии ҳуқуқӣтаъсис дода шудааст, дар назар дорад. Ба маънои дигар, ин як намуди хизмати ҳуқуқӣ оид ба додани маслиҳат ва тавсия оид ба ин ё он масъалаҳои ҳуқукӣ ба шумор меравад. Ҳар як шахс дер ё зуд ба гирифтани тавсияи махсуси ҳуқуқӣ дучор мегардад. Баъзе шахсон ба хизмати идораи адвокатӣ мурочиат намуда онро истифода мекунанд, баъзе аз дигарон бошанд, вақт ва воситаро сарфа намуда, масъаларо ҳалношуда боқӣ мегузоранд. На ҳама шахс фикр мекунад, ки ин метавонад оқибатҳои номусоид дошта бошад, аз ҷумла вақт ва воситаи зиёдро мегирад. Машварати ҳуқуқӣ метавонад дар шаклҳои гуногун амалӣ карда шавад: дар доираи хизматрасонии ҳуқуқии муштарӣ; дар доираи пешбурди ҳуқукии лоиҳа ё аҳд; мониторинги қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои муайян; экспертиза ва таҳлили ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ; машваратҳои якдафъаина оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ. Хизматрасонии ҳуқуқии муштарӣ дар пешбарии (сопровождении) ширкат бо ҳаҷми дар шартнома пешбинишуда, дар муҳлати муайян ифода меёбад. Дар шартнома метавонад номгӯи дақиқи хизматҳо, ки одатан маслиҳати ҳуқуқӣ дохил мешавад, муайян карда шавад. Мутаносибан, арзиши хизматрасонӣ аз ҳаҷми хизмат ва мазмуни он вобаста аст.сопровождение ҳуқукии лоиҳа ё аҳдҳо одатан инҳоро ифода мекунад: тайёр намудани лоиҳаи ҳуҷҷатҳо, ки амалисозии аҳдҳо ва лоиҳаҳоро таъмин мекунад; коркарди нақшаи бастани аҳдҳо; иштирок намудан дар пешбурди гуфтушунидҳо; коркарди дастгоҳи обгарӣ ва таъмин намудани иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ; коркарди нақшаи имконияти

фурӯбарии қарздорӣ, таъсис додани занҷири ҳисоббаробаркунии мутақобила, ҳифз ва асосноккунии мавқеи манфиати муштарӣ дар назди шахси сеюм, дар мақомотҳои давлатӣ, дар зинаҳои судӣ. Маслиҳатчии ҳуқуқӣ (юрисконсулт) –маслиҳатчии доимии корхона, ташкилот, ширкат оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, ҳифзкунандаи манфиати корхонаи худ дар зинаҳои судӣ ва ғайра мебошад. Маънои истилоҳи «юрист» аз калимаи лотинии Jus гирифта шуда маънояш ҳуқуқ мебошад. Дар ин рӯзҳо мафҳуми ҳуқуқшинос одамеро ифода мекунад, ки маълумоти ҳуқукӣ дорад ва ба фаъолияте, ки бевосита ба амалисозии ҳуқуқ алоқаманд аст, машғул мебошад. Ҳуқуқшиносе, ки маълумоти ҳуқукӣ дорад, метавонад дар соҳаҳои гуногун кор кунад. Дарк намудан лозим аст, ки ҳар як кор, аз он коре, ки бо мафҳуми ҳуқуқшинос алоқаманд аст, бисёр масъулиятнок буда иҷрои уҳдадориҳои муайянро талаб мекунад. Юрисконсулт –корманди шуъбаи ҳуқукии корхона, муассиса ва ташкилот мебошад. Ба дӯши юрисконсулт назорат аз болои қонуни будани фаормонҳо ва амрҳо, ки аз ҷониби маъмурияти корхона дода мешавад, иштирок дар тайёр намудани шартнома ва созишнома, к ибо дигар корхонаю муассиса баста мешавад; иттилоотонии кормандон ва дигар хизматчиён бо қонунгузории ҷорӣ ва ёрии ҳуқуқӣ ба онҳо; пешбурди парванда дар судҳо ва судҳои иқтисодӣ, ки дар он корхона ба сифати даъвогар ё ҷавобгар иштирок мекунад ва ғайра гузошта шудаст. Зарбулмасале ҳаст, ки «аз маблағ то маҳбас не зарекайся » ҳақиқати имрӯзаро бисёр хуб ифода мекунад, махсусан агар гап сари тиҷорати хурд, миёна ва бузург бошад. Ҳар як соҳибкор мумкин аст ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ ҷалб карда шавад. Сабабҳо метавонанд гуногун бошанд: яке дар ҳақиқат қонунгузории амалкунандаро вайрон мекунад, дигаре дар зери «фишор» аз ҷониби рақибон мемонад, сеюмин бошад метавонад бо аҳмақии худ (мехостем ба шарикамон ёрӣ диҳем, аммо намедонистем, ки баъзе ҳуҷҷатҳоро ба расмият даровардан даркор буд) ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Агар кор то ба суд равад, пас бе ёрии ҳуқуқшиноси касбӣ халос шудан имконнопазир аст. Кӣ метавонад штати ҳуқуқшиносони таҷрибадор ва такмилёфтаро дошта бошад? Танҳо ширкатҳои бузург ва хеле бузург. Бар замми ин ба намояндагони тиҷорати хурд ва миёна «сер кардани» чунин мутахассисон хеле мураккаб аст. Хубтараш инҷоро одаме мегирад, ки ба истеҳсолоти парванда машғул аст ва ба шаффофияти ҳуҷҷатҳо назорат мекунад. Ширкатро дар суд намояндагӣ кардан

барояш хеле мушки ласт, зеро он таҷриба ва маҳорати мувофиқ надорад. Агар вазъияти нохуш диҳад, агар адвокат оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ лозим шавад, пас ширкатеро дарёфт намудан лозим аст, ки муштарии худро метавонад дар суд ҳимоя кунад. Аз як тараф инро кардан осон, аз тарафи дигар мумкин аст ба номутахассисоне вохӯред, ки «хизмати баландсифат»-ро ваъда медиҳанд, аммо дар кор наметавонанд уҳдадориҳои бар дӯш гирифтаашонро иҷро намоянд. Дар бораи он, ки бо ҳуқуқшиносони бемаҳорат ва такмилнаёфта ба чи оварда мерасонад, ҳарф задан мсазад ё не? Бо ҷаримаҳои миллионкарата, ҳабси молумулк, бастани ташкилот, аз даст додани обрӯ ва ҳатто бо муҳлати ҷиноятӣ. Ҳеҷ кас ба худ ингуна ояндаро намехоҳад. Аз ин лиҳоз корро оид ба ҳифз бояд танҳо ба мутахассиси кори худ бовар намудан мумкин аст. Барои он, ки адвокатҳои касбиро пайдо кунем бояд, ки якчанд қоидаҳои оддиро донем. Якум, бояд ба таҷрибаи кори идора дар бозор ҳатман диққат додан лозим аст. Дуюм, ҳатман ба обрӯи ҳуқуқшинос диққат додан лозим аст. Баъзан шумораи парвандаҳои бурдкардаи ӯро донем. Дар ин маврид тавсия дода мешавад, ки ҷараёне, ки бо ҷараёнҳои бо соҳибкор барҳӯранда монанд аст, баррасӣ карда шавад. Аз гирифтани рақамҳои телефони муштарии пештара набояд шарм кунем. Бозхондҳо ва нишондодҳои хуб дар суд ин аз ҳама аломати боваринок ба манфиати ин ё он адвокат мебошад. Ин ду маслиҳати оддӣ ба дарёфт намудани ҳуқуқшиноси такмилёфта ва таҷрибадор, ки қобилияти аз ҷаримабандӣ, ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ раҳониданро дорад, ёрӣ мекунад. Адвокат – ин маслиҳатчӣ ва консултанти мустақили касбӣ мебошад. Ин ваколатдоре мебошад, ки манфиатро намояндагӣ мекунад, аз айбдоркунии беадолатона ҳифз мекунад, шикоят ва дархостҳоро баррасиамуда моҷароҳоро ҳал мекунад. Ӯ аз номи муштарӣ тамоми амалҳоро ҳангоми баррасӣ ба амал мебарорад. Адвокат маълумотҳоро, ки барои ҳимоя зарур аст ҷамъ, замима ва пешниҳод мекунад, маълумот ва хислатномаҳои заруриро мепурсад. Пурсиши шахсонро, ки эҳтимолан маълумоти ба парванда тааллуқдоштаро доранд мегузаронад, ашёҳо ва ҳуҷҷатҳоро ҷам мекунад ва пешниҳод мекунад, саволҳоро мефаҳмонад. Ӯ бе монеа бо ваколатдиҳандаи худ дар алоҳидагӣ, дар шароите, ки махфиятнокиро таъмин мекунад вомехӯрад. Ӯ ёрдамчиён дорад, ки уҳдадоранд сирри адвокатиро нигоҳ доранд.

31.4. Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқии манфиатҳои қонунии соҳибкорон

Ҳимояи ҳӯқукии манфиатҳои қонунии соҳибкорон дар асоси қонун, яъне ба воситаи татбиқи шаклҳои зарурии восита ва тарзҳои ҳимоя ба амал бароварда мешавад. Дар зери шакли ҳимоя маҷмӯи чораҳои ташкили дохилан мувофиқашуда оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои ҳифзнамудаи қонун фаҳмида мешавад. Ду шакли асосии шаклҳои ҳимоя - юрисдиксионӣ ва ғайриюрисдиксионӣ вуҷуд дорад. Шакли юрисдиксионии ҳимояи ҳуқуқи субъективӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи поймолшуда ва мавриди баҳс қароргирифта мебошад. Моҳияти он дар он зоҳир мегардад, ки шахсе, ки ҳуқуқ ва манфиати қонуниаш бо амали ғайриқонунӣ поймол шудааст, барои ҳимоя ба мақомоти давлатӣ ё дигар мақомоти ваколатдор (суд, суди иқтисоӣ, суди ҳакамӣ ва ғ.), ки барои барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда ваколатдоранд, ки чора андешанд, муроҷиат намояд. Дар чорчӯбаи шакли ҳимояи юрисдиксионии ҳуқуқ, дар навбати аввал тартиби умумӣ ва махсуси ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшуда ҷудо карда мешавад. Бо қоидаи умумӣ ҳимояи ҳуқуқи граждани ва манфиатҳои қонунӣ ба тартиби судӣ ба амал бароварда мешавад. Бисёре аз баҳсҳои граждани дар суди умумӣ баррасӣ карда мешавад. Дар баробари онҳо ҳокимияти судиро судҳои иқтисодӣ, ки баҳсҳои дар фаъолияти соҳибкорӣ ба амал омадаро баррасӣ мекунад, ба амал мебарорад. Ба сифати воситаи ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунӣ мувофиқи қоидаи умумӣ даъво, яъне муроҷиат намудан ба суд оиди талаб намудани барқарор намудани ҳуқуқҳо аз як тараф, аз тарафи дигар муроҷиат намудан ба ҷавобгар оиди талаб намудани иҷрои уҳдадориҳои бар дӯшаш буда ё оид ба эътироф намудани мавҷуд будан ё набудани муносибатҳои ҳуқукӣ мебошад. Дар ҳолатҳои ҷудогона, воситаи ҳимояи судии ҳуқуқ ариза мебошад, аз ҷумла оид ба парвандаҳои махсус, ё шикоят бисёртар ҳангоми муроҷиат намудан ба Суди конститутсионии ҶТ. Тартиби судии ҳимоя дар ҳама ҳолат татбиқ карда мешавад, ба истиснои он ҳолатҳое, ки махсус дар қонун қайд шудааст. Ҳимояи ҳуқуқҳои граждании поймолшуда ё мавриди баҳс қарордодашуда мувофиқи итоати идоравии парванда, ки қонунгузории мурофиавӣ муқаррар намудааст, суд, суди иқтисодӣ ё суи ҳакамӣ ба амал мебарорад. Ҳимояи ҳуқуқҳо бо тартиби маъмури танҳо дар ҳолатҳои пешбинӣ намудаи қонун ба амал бароварда мешавад. Қарори ба тариқи маъмурӣ қабулгардидаро метавонанд ба суд арз кунанд. Шакли ғайриюрисдиксионии ҳимояи ҳуқуқҳо ин

амали шаҳрвандон ва ташкилот оид ба ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунӣ мебошад, ки аз ҷониби онҳо мустақилона, бе мурочиат намудан ба мақомотҳои давлатӣ ё дигари ваколатдор ба амал бароварда мешавад. Дар кодекси граждани амалҳои нишондодашуда ба мафҳуми худ ҳимоякунии ҳуқуқҳои граждани муттаҳид карда шудааст ва ба сифати яке аз тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои граждани баромад мекунад. Ҳимояи ҳуқуқҳои граждани ва манфиатҳои ҳифзнамудаи қонун бо татбиқи тарзҳои пешбининамудаи қонун ба амал бароварда мешавад. Дар зери тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои граждани чораҳои моддию ҳуқуқии хислати маҷбуркунӣ дошта, ки дар қонун дарҷгардидааст ва ба воситаи он баркарорсозии (эътирофкунии) ҳуқуқҳои поймолгардида (мавриди баҳс қарордодашуда) ва таъсиррасонӣ ба ҳуқуқвайронкунанда ба амал бароварда мешавад, фаҳмида мешавад. Номгӯи умумии ин чораҳо дар моддаи 12 КГ ҶТ пешбинӣ шудааст: эътирофи ҳуқуқ; баркарор намудани вазъе, ки то вайрон гардидани ҳуқуқ ҷой дошт ва пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё барои вайрон кардани он таҳдид менамоянд; беэътибор донистани аҳдҳои мавриди баҳс ва истифодаи оқибатҳои беэътибор донистани он, истифодаи оқибатҳои беэътибор донистани аҳдҳои беэътибор; беэътибор донистани санади мақоми давлатӣ ё мақоми ҳокимияти маҳаллӣ; худмуҳофизаткунии ҳуқуқ; водор намудан ба иҷрои уҳдадориҳо дар шакли асл (натура); рӯёнидани товони зиён; ситонидани ноустуворона; ҷуброни зарари маънавӣ; қатъ кардан ё тағйир додани муносиботи ҳуқуқӣ; аз ҷониби суд татбиқ нагардидани санади мухолифи қонун қабул намудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; бо роҳҳои дигари пешбининамудаи қонун.

31.5. Баҳсҳои ҳуқуқие, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ ба миён меояд

Баҳси ҳуқуқӣ– ин муноқишаи манфиатҳои якчанд субъектон мебошад, ки барои ҳалли ҳуқуқӣ дар асоси меъёрҳои қонун ба шахсон ва мақомотҳои ваколатдор пешниҳод карда мешавад. Зеро соҳаи фаъолияти соҳибкор гуногун мебошад, дар он шумораи зиёди намудҳои баҳсҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд, ки ҳар яки онҳо танзими махсуси ба худ хосро доро мебашанд. Намудҳои зерини баҳсҳое, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд мавҷуданд: 1) баҳсҳои граждани. Гурӯҳи мазкури баҳсҳои ҳуқуқӣ васеътар буда, баҳсҳои ҳуқуқии зеринро дар бар мегиранд: оид ба

рӯёнидани қарзи кредиторон; оид ба беэътибор донистани аҳд ва татбиқ намудани оқибатҳои он; корпоративӣ; баҳсҳои бо амволи ғайриманқул алоқаманд; манзилӣ, меҳнатӣ, замин; аз шартнома ва дар натиҷаи расонидани зарар ба вуҷуд оянда; оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; 3)баҳсҳои маъмурӣ; 4) ҷиноятӣ; Ҷараёни ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ давраҳои зеринро дарбар мекунад: давраи тосудии баҳсҳои ҳуқуқӣ, ки гуфтушунид бо контрагент, то ба тарафи муқобил овардани он ва маълум намудани мубоҳисаи онҳо, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли ба тарафҳо мувофиқ, кориддаоиро дарбар мегирад; давраи судии баҳсҳои ҳуқуқӣ. Ҷараёни ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ давраи судии баҳсҳои ҳуқуқро дарбар мегирад. Инҷо хизмати асосӣ ин намояндагӣ дар суд мебошад. Дар ин давраҳам ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли ба тарафҳо мувофиқро фаромӯш набояд кард. Ҳатто дар ин давра мумкин аст созишномаи мусолиҳа баста шавад. Ба ғайр аз ин ҳангоми амалисозии ҳалномаи суд мумкин аст масъалаҳо ба вуҷуд оянд, зарурати шикоят намудан аз болои таъинот ва амали пристав иҷрочӣ, шикоят ба суд барои ба таъхир андохтани амалисозии ҳалномаи суд ва ғ.

БОБИ XXXII. ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИИ СУБЪЕКТОНИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

32.1. Ҷавобгарии соҳибкор: мафҳум ва шарти пайдоиши он.

32.2. Муқаррароти ҳуқуқии ҷавобгарии соҳибкорӣ дар шартнома.

32.3. Ҳолатҳои озод намудани соҳибкор аз ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи савдо ва молия.

32.4. Ҷавобгарии соҳибкор барои ҷиноятҳои иқтисодӣ.

32.1. Ҷавобгарии соҳибкор: мафҳум ва шарти пайдоиши он

Дар шакли умумӣ дар зери ҷавобгарии соҳибкор уҳдадории иҷрои ҳатмии амалҳои муайян, ки ба барқароркунии уҳдадориҳои иҷроношудаи муқаррарнамудаи шартнома, ки ҳуқуқи субъекти хоҷагӣ, муштариён, коргарон, давлатро вайрон мекунад. Мувофиқан шарикони хоҷагидор, мақомоти давлатӣ дар назди соҳибкорон ҳангоми иҷро накардани уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонун, қабул намудани қароре, ки ҳуқуқи соҳибкоронро вайрон мекунад, ҷавобгар мебошад. Ҷавобгарӣ дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонун ё иҷрои номатлуби шартнома ба вуҷуд меояд. Соҳибкорон ба ҷавобгарии ҳуқуқие кашида мешаванд, ки уҳдадории муқаррарнамудаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва уҳдадорҳоро ифода мекунад. Вобаста ба муттаалликӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷавобгариҳои зеринро муқаррар мекунад: граждани, маъмурӣ ва ҷиноятӣ. Инчунин ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ, маънавӣ амал мекунад.

32.2. Муқаррароти ҳуқуқии ҷавобгарии соҳибкорӣ дар шартнома

Ҷавобгарии соҳибкорон дар шартнома дар ҳолати вайрон намудани уҳдадорӣ, яъне иҷро накардан ё иҷрои номатлуби он ба вуҷуд меояд. Соҳибкорон ҳамчун субъекти иқтисоди бозоргонӣ, иштирокчиёни муомилоти граждани дар навбати аввал ҷавобгарии граждани доранд, ки дар қонунгузории граждани муқаррар намудани оқибатҳои ҳуқуқӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои пешбининамуда ва уҳдадориҳоро ифода мекунад. Ҷавобгарии граждани дар татбиқ намудани чораи таъсиррасонии муқаррарнамудаи қонун ё шартнома нисбати ба гунаҳкорон аз ҷониби шахси дигар ё давлат, ки ба ҳуқуқвайронкунанда оқибатҳои молумулкии манфӣ дар шакли пардохти ноустуворона, ҷуброни зарар, ҳабси амвол, ҷуброни зарар дорад. Ҷавобгарии граждани ҷавобгарии молумулкӣ буда, хислати ҷубронӣ дорад, зеро мақсади асосии татбиқи он

барқароркунии ҳуқуқи тарафи ҷабрдида мебошад. Ҷавобгарии граждании соҳибкорон аз муносибатҳои ғайришартномавӣ ба вуҷуд меояд. Он дар меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад, инчунин шартномавӣ мебошад, ки дар натиҷаи иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартномаи басташуда ба вуҷуд меояд. Вобаста ба сатҳи ҷавобгарии тарафи гунаҳкор ҷавобгарии граждани ба ҳиссагӣ, муштарак. Иловагӣ ва омехта ҷудо мешавад. Уҳдадории муштарак ё талаби муштарак ба агар дар шартнома пешбинӣ шуда бошад ё дар қонун муқаррар шуда бошад, баъзан дар ҳолати тақсим карда нашудани ашёи уҳдадорӣ вуҷуд меояд. Уҳдадориҳои якчанд қарздорон аз рӯи уҳдадории ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд, ба талаби якчанд кредиторон дар чунин уҳдадорӣ баробар аст, муштарак мебошад агар дар қонун, санадҳои дигари ҳуқуқӣ ва шартҳои уҳдадорӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Дар ҷавобгарии муштараки қарздорон кредитор ҳуқуқ дорад иҷрои уҳдадориро аз ҳама қарздорон якҷоя талаб намояд, инчунин аз ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ. Кредиторе, ки аз қарздори муштарак пурра талабашронагирифтааст, ҳуқуқ дорад, ки онро аз қарздорони муштараки боқимонда талаб намояд, ки то он лаҳзае, ки уҳдадорӣ пурра иҷро карда намешавад уарздор мемонад. Иҷрои пурраи уҳдадории муштарак аз ҷониби як қарздор боқимондаҳоро аз иҷрои уҳдадорӣ озод мекунад. Инак, иштирокчиёни ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд, ки ҳиссаи худро пурра пардохт накардаанд, бо уҳдадори он дар ҳаҷми арзиши напардохтаи қисми ҳиссаи ҳар як иштирокчӣ масъулияти муштарак дорад. Ҷавобгарии муштарак ҷавобгарии иловагии шахс мебошад, ки дар қатори қарздор дар назди кредитор барои иҷрои дурусти уҳдадорӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома масъулият дорад.

Инак, мувофиқи КГ ҶТ иштирокчиёни ширкати комил байни худ муштаракона аз рӯи уҳдадориҳои ширкат бо тамоми молу мулки худ масъулияти иловагӣ доранд. Иштирокчии ширкати комил, ки муассиси он намебошад, дар қатори дигар иштирокчиён аз рӯи уҳдадориҳои ба миён омада то ба ширкат дохил шуданаш баробари иштирокчиёни дигар масъулият дорад. Иштирокчии аз ширкат хориҷшуда аз рӯи уҳдадориҳои ширкат, ки то хориҷшавии ӯ ба миён омадаанд, аз санаи тасдиқи ҳисобот дар бораи фаъолияти ширкат дар соли аз ширкат хориҷ шуданаш баробари иштирокчиёни боқимонда дар муҳлати се сол масъулият дорад. Масъулияти омехта масъулияте мебошад, ки дар натиҷаи

иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ бо гуноҳи ҳарду тараф ба вуҷуд меояд. Соҳибкор ҳамчун молики ташкилот мувофиқи ҳуқуқи меҳнат ҷавобгарии моддии коргаронро барои бо гуноҳ зарари ба соҳибкор расондаашон муқаррар мекунад. Ҷавобгарии моддӣ танҳо ба зараре муқаррар карда мешавад, ки дар натиҷаи рафтори зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳкорона пайдо шудааст. Ҷавобгарии моддӣ ду намуд мешавад: маҳдуд (дар доираи 1/3 музди миёнаи меҳнат) ва пурра ба коргароне муқаррар карда мешавад, ки бо онҳо шартнома оид ба ҷавобгарии инфиродӣ ё коллективӣ баста шудааст. Ҷавобгарии пурраи моддӣ бояд дар ҳолате муқаррар карда шавад, ки коргар арзиши моддӣ (пул) бо ҳисоботи ҳуҷҷати якдафъаина гирад, инчунин агар амали коргари зарар расонда аломат ҷиноятро дарбар гирифта бошад. Дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ташкилоти соҳибкорӣ мувофиқи ҳуқуқи меҳнат, ҷавобгарии интизомии коргаронро ҳамчун шакли таъсиррасонӣ (ҷубронӣ) ба вайронкунандагони интизоми меҳнат муқаррар намудан лозим аст. Музоқотҳои интизомӣ дар шаклҳои зерин татбиқ карда мешавад: огоҳӣ, танбеҳ, озод намудан аз кор. Ҷавобгарии граждани дар мавриди аз ҷониби соҳибкорон вайрон кардани муқаррароти қонунгузории граждани, ки муносибатҳоро миёни шахсони амлисозандаи фаъолияти соҳибкорӣ ё бо иштироки онҳо ба танзим медарорад, ба вуҷуд меояд. Ҷавобгарии граждании ташкилоти соҳибкорӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқи граждании шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар мувофиқи қонуни амалкунанда, санадҳои меъёри дигар, дар натиҷаи иҷро ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ мувофиқи қонун ва шартномаи басташуда ба вуҷуд меояд. Соҳибкор ҳамчун шаҳрвандбо тамоми молумулки ба ӯ тааллуқ дошта, ба истиснои молумулке, ки мувофиқи қонун аз он ҷуброн гирифта намешавад, масъулият дорад.

32.3. Ҳолатҳои озод намудани соҳибкор аз ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи савдо ва молия

Ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи савдо ва молияи соҳибкор дар ҳолати муқаррарнамудаи Кодекси ҶТ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба вуҷуд меояд:

Моддаи 624. Риоя накардани қоидаҳои савдо ва хизматрасонӣ

1. Барои риоя накардани қоидаҳои савдо ва хизматрасонӣ дар корхонаю ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, инчунин аз ҷониби шахсони воқеӣ, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз се то ҳафт, ба шахсони мансабдор аз даҳ то бист ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то бист, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз дусад то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 625. Истеҳсол, фурӯш, барориш, таҳвил, истифодаи маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ки ҷавобгӯйи талаботи стандартҳои давлатӣ ва шартҳои техникӣ нестанд

Барои истеҳсол, фурӯш, барориш, таҳвил, истифодаи маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ки ҷавобгӯйи талаботи стандартҳои давлатӣ ва шартҳои техникӣ нестанд, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз се то ҳафт, ба соҳибкорони инфиродӣ аз ҳафт то даҳ, ба шахсони мансабдор аз бист то сӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 626. Фурӯш, истеҳсол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ки сертификатсияи ҳатмӣ надоранд

Барои фурӯш, истеҳсол, иҷрои кор ва хизматрасоние, ки сертификатсияи ҳатмӣ надоранд, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз се то ҳафт, ба шахсони мансабдор аз сӣ то чил ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 627. Фиреб додани истеъмолкунандагон

Барои фиреб додани истеъмолкунандагон бо роҳи кам чен кардан, кам бар кашидан ва зиёд ҳисоб кардан, ба фурӯш бароварданни моле, ки муҳлати истеъмолаш гузаштааст, гумроҳ кардан оид ба хусусиятҳои истеъмолӣ ва сифати мол ё бо дигар роҳ фиреб додани харидорон аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии фурӯшандаи мол ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ ҳангоми набудани аломати ҷиноят, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳафт то понздаҳ, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 628. Риоя накардани талаботи стандарт ва шартҳои техникӣ, қоидаҳои сертификатсия ва хизматрасонӣ

1. Барои риоя накардани талаботи стандарт ва шартҳои техникӣ, қоидаҳои сертификатсия ва хизматрасонӣ, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ, ба шахсони мансабдор аз бист то сӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз понздаҳ то бист ва ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 643. Бе муоинаномаи тиббӣ истеҳсол кардан ва фурӯхтани маҳсулоти хӯрокворӣ

1. Барои бе муоинаномаи тиббӣ истеҳсол кардан ва фурӯхтани маҳсулоти хӯрокворӣ, –

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз се то ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои иҷозат додан бе муоинаномаи тиббӣ ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, –

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз ҳафт то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 644. Фурӯши ғайриқонунии мол

Барои фурӯши ғайриқонунии мол, ки тибқи қонунгузории амалкунанда фурӯши озоди он манъ ё маҳдуд карда шудааст, –

ба андозаи аз даҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 674. Саркашии бадқасдона аз барасмиятдарории амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, таҳриф ва нобуд кардани ҳуҷҷатҳо ва ҳисобот

Барои саркашии бадқасдонаи шахси матасаддии пешбурди баҳисобгирии муҳосиботӣ ё роҳбари ташкилот аз амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ кардаанд ба расмият даровардан ё ба асноду ҳисоботи молиявӣ, муҳосиботӣ ва оморӣ даровардани маълумоти таҳрифшуда оид ба фаъолият ё амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, инчунин нобуд кардани асноди молиявӣ ва дигар асноди баҳисобгирӣ ҳангоми набудани аломати ҷиноят, –

ба андозаи аз сӣ то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Қонунгузории амалкунанда асосҳо ва тартиби аз ҷавобгарии маъмурӣ озод намудани соҳибкоронро пешбинӣ кардааст. Яке аз

чунин асосҳо-камаҳамият будани кирдори содиршуда мебошад. Масъалаи он, ки кирдори мазкур камаҳмият аст ё не бо дар назар дошти ҳама аломатҳои субъективию объективӣ (ҷой, тарзи содиркунӣ, хислати гуноҳ ва ғ.) ҳал мекунанд. Дар ин маврид ашхоси ваколатдори мансабдор ҳуқуқ дорад танҳо бо огоҳии шифоҳӣ, ки ягон оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд намеорад татбиқ намояд. Аз ҳама муҳим он аст, ки дар вақти ҳалли масъалаи аз ҷавобгарии маъмурӣ озод намудани ҳуқуқвайронкунанда ҳама тарафҳои субъективию объективӣ, хислатҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҳуқуқвайронкунандаро муайян мекунад омӯхтан шавад. Ҷавобгарии маъмуриро мумкин аст бо чораҳои интизомӣ ва дигар чораҳои таъсиррасонӣ иваз карда шавад. Соҳибкороне, ки ҳуқуқвайронкуниро дар ҳолати зарурати ниҳоӣ содир намудаанд ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешавад. Дар ҳолати зарурати ниҳоӣ ба манфиатҳои ҳифз намудаи қонун расондани зарар бо роҳи содир намудани ҳуқуқвайронкуни маъмурӣ, яъне барои бартараф намудани хатаре, ки бевосита ба шахсият ва ҳуқуқи он ва ё дигар шахс, инчунин ба манфиатҳои ҷамъият ва давлати ҳифзнамудаи қонун таҳдид мекунад, агар ин хатар бо роҳи дигар бартараф кардан намешуд ва зарари расонда шуда камаҳмият бошад, шахс аз ҷавобгарӣ озод карда мешавад. Зарурати ниҳоӣ яке аз воситаҳои ҳуқуқии бартарафкунии хатар, ки ба манфиатҳои ҳифзнамудаи қонун таҳдид мекунад ба шумор меравад.

32.4. Ҷавобгарии соҳибкор барои ҷиноятҳои иқтисодӣ

Ҷавобгарии ҷиноятӣ яке аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқии соҳибкорон мебошад, ки дар натиҷаи содиркунии рафтори зиддиҳуқуқӣ дар ҷараёни фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд иеояд. Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар КҶ ҶТ пеш аз ҳама дар бобби 27 пешбинигардида аст. Ҷиноят дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ. Танҳо шахсе дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф мешавад, ки ӯ ин кирдорро қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир карда бошад. Намудҳои ҷиноят дар фаъолияти соҳибкорӣ:

Моддаи 259. Соҳибкории ғайриқонунӣ

1) Татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирӣ ё бидуни иҷозатномаи махсус (лицензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозат (лицензия) ҳатмӣ мебошад ё бо вайрон кардани шартҳои лицензиякунонӣ инчунин машғул шудан ба намудҳои манъшудаи фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо ба даст овардани даромад ба

миқдори калон ё расонидани зарар ба микдори калон ба манфиати шаҳрвандон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё ба давлат содир шудааст,

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то панҷсаду чилу ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил:

б) бо ба даст овардани даромад ба миқдори махсусан калон;

в) аз ҷониби шахси қаблан барои соҳибкории ғайриқонунӣ ё фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ судшуда содир шуда бошад, –

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсаду чилу ҳафт то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол бо ҷарима ба андозаи то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷазо дода мешавад.

Моддаи 259[1]. Истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ё ба муомилот баровардани мол ва маҳсулоти тамғаношуда

Истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл бо мақсади муомилот ё ба муомилот баровардани мол ва маҳсулоти тамғанашуда, ки ҳатман бояд бо маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқатии аз сохтакори муҳофизатшаванда тамға карда шаванд, агар он ба миқдорои калон содир шуда бошад,–

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2. Ҳамин кирдор агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ва ё гурӯҳи муташаккил;

б) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад,–

бо ҷарима ба андозаи аз аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озоди ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Моддаи 260. Соҳибкории сохта

Соҳибкории сохта, яъне таъсиси корхонаи тиҷоратӣ бидуни нияти анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти бонкӣ, ки бо мақсади ба даст овардани кредит, озод шудан аз андоз, ба даст даровардани дигар фоидаи молу мулкӣ ё рӯйпӯш кардани фаъолияти манъгардида, агар он ба шаҳрвандон, ташкилотҳои

тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё давлат ба миқдори калон зарар расонида бошад, –

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад.

Моддаи 263. Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ

1) Татбиқи фаъолияти бонкӣ (амалиёти бонкӣ) бидуни бақайдгирӣ ё иҷозатномаи махсус (лицензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозатнома ҳатмӣ мебошад, ё бо вайрон кардани шартҳои лицензиякунонӣ, агар ин кирдор бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон вобаста бошад ё ба манфиати шаҳрванд, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё давлат ба миқдори калон зарар расонида бошад; –

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то панҷсаду чилу ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

б) бо ба даст овардани даромад ба миқдори махсусан калон;

в) аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ё соҳибкории ғайриқонунӣ судшуда содир гардида бошад; –

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсаду чилу ҳафт то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷазо дода мешавад.

Моддаи 273. Кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат

1) Кирдори инҳисорӣ (монополистӣ), ки бо роҳи муқаррар намудани нархҳои баланди инҳисорӣ ё нархҳои пасти инҳисорӣ содир шудаанд, ҳамчунин маҳдуд кардани рақобат бо роҳи тақсим кардани бозор, маҳдуд кардани дохилшавӣ ба бозор, аз он танг карда баровардани дигар субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ, муқаррар намудан ё нигоҳ доштани нархи ягона,–

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад,–

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад. 3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар:

а) бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;

б) бо несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр ё таҳдиди несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр бидуни нишонаҳои тамаъҷӯӣ;

в) бо сӯиистифодаи мақоми хизматӣ;

г) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад,–

бо ҷарима ба андозаи аз нӯҳсаду дувоздаҳ то як ҳазору ҳаштсаду бисту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он ва бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

РӮЙХАТИ МАВЗӮҲО БАРОИ КОРҲОИ ДИПЛОМӢ, КУРСӢ ВА САНҶИШӢ

1. ИҚТИСОДИЁТ, БОЗОР ВА ҲУҚУҚ
2. Иқтисодиёт: хусусиятҳои асосӣ ва вазифаҳо
3. Таносуби иқтисодиёт ва ҳуқуқ
4. Мазмун ва сохтори бозор
5. МАФҲУМ, МАВЗӮ ВА НИЗОМИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ
6. Ҳуқуқи соҳибкорӣ: мафҳум ва мавзӯ
7. Усул ва принсипҳои ҳуқуқи соқибкорӣ ва тиҷорат
8. Вазифаҳои ҳуқуқи соқибкорӣ ва тиҷорат
9. Мавқеи ҳуқуқи соқибкорӣ дар низоми ҳуқуқ
10. Таносуб ва таъсири меъёрҳои оммавӣ ва хусусӣ дар танзимнамоии ҳуқуқи соқибкорӣ ва тиҷорат
11. Низоми фанни ҳуқуқи соқибкорӣ ва тиҷорат
12. Илми ҳуқуқи соқибкорӣ: таърихи пайдоиш ва инкишоф
13. САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ ВА ТИҶОРАТ
14. Мафҳум ва намудҳои сарчашмаи ҳуқуқи соқибкорӣ ва тиҷорат
15. Масъалаи соҳибкорӣ дар Сарқонуни ҶТ, Кодекси андози ҶТ, Кодекси граждании ҶТ ва дар дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ
16. Нақши санадҳои корпоративӣ дар танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ
17. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ дар танзими фаъолияти соҳибкорӣ
18. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИ ДАР МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶА
19. Мафҳум, мавзӯ ва институтҳои ҳуқуқи соқибкорӣ дар мамлакатҳои хориҷа
20. Сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи соқибкорӣ ва тиҷорати малакатҳои хориҷа
21. Мақсад, вазифа ва шаклҳои асосии танзими ҳуқуқи соқибкорӣ ва тиҷорати мамлакатҳои хориҷа
22. СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ ВА ТИҶОРАТ
23. Мафҳум ва намудҳои субъекти ҳуқуқи соқибкорӣ ва тиҷорат
24. Таъсиси ташкилотҳои тиҷоратӣ
25. Бақайдгирӣ ва иҷозатномадиҳии фаъолияти соҳибкорӣ

26. Қобилияти ҳуқуқдории субъектони фаъолияти соҳибкорӣ
27. Соҳибкории инфиродӣ
28. Ҷамъият ва ширкати хоҷагидорӣ
29. Вазъи ҳуқуқии соҳибкорони хориҷӣ дар ҶТ
30. ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ НАМУДҲОИ АЛОҲИДАИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ
31. Хусусиятҳои таъсис ва ба даст овардани фоида дар ширкати хоҷагидорӣ
32. Ширкати комил
33. Ширкати ба боварӣ асосёфта
34. Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд
35. Ҷамъияти дорои масъулияташ иловагӣ
36. Ҷамъияти саҳҳомӣ
37. Ҷаъияти фарҷӣ ва вобаста
38. Кооперативи истеҳсолӣ
39. Фаъолияти фоидаовари корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ
40. Иттиҳоди соҳибкорон
41. Масъалаҳои ҳуқуқии муфлисшавӣ
42. Мафҳум ва аломатҳои муфлисшавӣ
43. Расмиётҳои муфлисшавӣ
44. Идоракунии беруна
45. Мушоҳида
46. Истеҳсолоти озмунӣ
47. Созишномаи мусолиҳа
48. Ваколати маҷлиси кредиторон
49. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани муқаррароти қонунгузорӣ дар соҳаи муфлисшавӣ
50. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МЕНЕҶМЕНТ
51. Мафҳум, мазмун ва намудҳои менеҷмент
52. Вазифа ва принсипҳои менеҷмент
53. Таъминоти ҳуқуқии менеҷмент
54. Нақшаи соҳибкорӣ
55. Вазъи ҳуқуқии менеҷер
56. РЕЖИМИ ҲУҚУҚИИ МОЛУМУЛКИ СОҲИБКОР
57. Молумулк ҳамчун асоси фаъолияти соҳибкорӣ
58. Ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои амволӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ
59. Ашёҳо ва асъор ҳамчун объекти фаъолияти соҳибкорӣ
60. Ҳуқуқи молумулкии соҳибкор ба қоғазҳои қимматнок
61. Таснифи қоғазҳои қимматнок

62. Маълумоти иҷтимоӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ
63. Моликияти зеҳнӣ.Тамғаи молӣ (тамғаи хизматрасонӣ). Номи фирмавӣ. Номи ҷои баромади мол.Ихтироот, наму
64. ҲУҚУҚИ ХУСУСИГАРДОНӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ
65. Мафҳум, субъект ва объекти хусусигардонӣ
66. Тартиб ва тарзҳои хусусигардонии моликияти давлатӣ
67. Аҳамияти шартномаҳои граждонӣғҳуқуқӣ дар танзими хусусигардонӣ
68. ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИТИ СОҲИБКОРӢ
69. Мақсад ва вазифаҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ
70. Шаклҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкорӣ ва назорати он
71. Сарчашмаҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ
72. Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон
73. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ ТЕХНИКӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ
74. Моҳияти ҳуқуқии танзими техникӣ
75. Мафҳум ва хусусияти стандартизатсия
76. Моҳияти ҳуқуқии сертификатсия ва изҳороти техникӣ
77. Асосҳои ҳуқуқии воҳидҳои ченак
78. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани муқаррароти ҳонунгузорӣ дар соҳаи танзими техники фаъолияти соҳибкорӣ
79. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ РАҚОБАТ ВА МАҲДУДКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ИНҲИСОРӢ ДАР БОЗОРИ МОЛӢ
80. Моҳияти танзими ҳуқуқии раҳобати иқтисодӣ ва фаъолияти инҳисорӣ дар бозори молӣ
81. Мафҳум, вазифаҳо ва намудҳои рақобати иқтисодӣ
82. Мафҳум ва аломати вазъи ҳукмфармо
83. Мафҳум ва намудҳои фаъолияти инҳисорӣ
84. Мафҳум ва шаклҳои рақобати бевиҷдонона
85. Воситаҳои ҳуқуқии пешгирии вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисории ҶТ
86. Монополияи табиӣ ва танзими ҳуқуқии он
87. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ НАРХ ВА НАРХГУЗОРӢ ДАР БОЗОРҲОИ МОЛӢ
88. Мафҳум ва тартиби нархгузорӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ
89. Нархҳои озод ва тартиби ҳуқуқии татбиқи он

90. Нархгузории субъектони хоҷагие, ки дорои вазъи ҳукмфармо ва монополияи табиӣ мебошанд
91. Нархгузорӣ дар вақти хусусигардонӣ ва харидории давлатӣ
92. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои муқаррар намудани нархи беасос ва ғайриқонунӣ
93. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ ФАЪОЛИЯТИ БИРЖАВӢ
94. Моҳият, принсип ва вазифаҳоии биржаҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ
95. Биржа ҳамчун шакли ташкилии фаъолияти миёнравӣ: сохтор, мақомотҳои идоракунӣ ва баррасии баҳсҳо
96. Вазъи ҳуқуқии брокерҳо, дилерҳо ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои биржавӣ
97. Мафҳум ва вазифаҳои аҳдҳои биржавӣ
98. Намудҳои аҳдҳои биржавӣ
99. Вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни аҳдҳои биржавӣ
100. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои риоя накардани муқаррароти қонунгузорӣ ҳангоми фурӯши биржавӣ
101. ШАРТНОМАҲО ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ
102. Мафҳум ва хусусиятҳои шартномаҳои соҳаи соҳибкорӣ
103. Бастан, тағйир додан ва қатъ намудани шартномаҳои соҳаи соҳибкорӣ
104. ҲУҚУҚИ ИТТИЛООТӢ ВА ВОСИТАҲОИ ИТТИЛООТОНӢ ДАР АМАЛӢ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ВА ТИҶОРАТ
105. Моҳияти ҳуқуқи иттилоотии соҳибкор
106. Ҳуқуқи моликият ба боигариҳои иттилоотӣ ва воситаҳои иттилоотонӣ
107. Маълумоти ҳуҷҷатикунонида
108. Масъалаҳои ҳуқуқии Интернет ва савдои электронӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ
109. Аҳамияти имзои электронии рақамӣ
110. Қонунгузории ҶТ дар бораи иттилоот ва иттилоотонӣ
111. Ҳифзи иттилооти тиҷоратӣ
112. ҲУҚУҚ БА РЕКЛАМАИ ТИҶОРАТӢ
113. Мафҳум ва танзими ҳуқуқии истеҳсолот ва ҷойгиркунии маҳсулоти рекламавӣ
114. Субъект муносибатҳои рекламавӣ
115. Талаботи нисбати рекламаи тиҷоратӣ муқарраршуда

116. Мафҳум ва намудҳои рекламаи номуносиб
117. Ҷавобгари ҳуқуқӣ барои истеҳсол ва паҳн намудани рекламаи номуносиб
118. МАСЪАЛАИ ҲУҚУҚИИ PR-ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР АЛОҚАИ СОҲИБКОР ВА ИСТЕЪМОЛКУНАНДА
119. Моҳияти ҳуқуқии PR-хизматрасонӣ дар алоқаи иҷтимоӣ
120. Вазъи хадамоти алоқа бо ҷамъият (пресс-секретар), услубшинос (стилист), рекламачӣ, нутқнавис ва имиҷмейкер
121. Мавқеи эҳсонкорӣ, гуфтушунидҳои бевосита, баромади соҳибкор, гуфтушунидҳои аудиовизуалӣ ва телефонӣ дар инкишофи алоқаи иҷтимоӣ
122. Сазовор гаштан ба боварии истеъмолкунандагон (муштариён)
123. Аҳамияти алоқаи соҳибкор бо истеъмолкунанда
124. Поквиҷдонӣ- гарави ба даст овардани фаъолияти самараноки соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ
125. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ
126. Мафҳум ва аҳамияти баҳисобгирии муҳосибӣ
127. Қоидаи баҳисобгирии муҳосибӣ
128. Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии содакардашуда барои соҳибкории хурд
129. Ҷавобгарии ҳуқуқии соҳибкор барои вайрон намудани қоидаи баҳисобгирии муҳосибӣ
130. УҲДАДОРИИ ҲИСОБОТДИҲИИ МУҲОСИБӢ ВА ОМОРИИ СОҲИБКОР
131. Мафҳум ва асосҳои ҳуқуқии уҳдадории баҳисобгирӣ ва омории соҳибкор
132. Моҳияти ҳуқуқии ҳисоботдиҳии муҳосибӣ
133. Ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадории баҳисобгирӣ ва омории соҳибкор
134. Ҷавобгарии маъмурӣ барои иҷро накардани уҳдадории баҳисобгирӣ ва оморӣ
135. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ АУДИТОРӢ
136. Мафҳум, мазмун ва намудҳои хизмаҳрасониҳои аудитӣ
137. Ташкил ва амалӣ намудани хизматрасонии аудитӣ
138. Иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти аудиторӣ
139. Мафхум ва моҳияти шартномаи хизматрасонии аудиторӣ
140. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайронкунии қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ

141. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БОЗОРИ АСЪОР

142.

а. Моҳият, мазмун ва намудҳои амалиётҳои асъорӣ бо қонунгузории ҶТ

143. Ҳуқуқи соҳибкор ба асъор ва амалиёти асъорӣ

144. Мақомотҳои танзими давлатии амалиётҳои асъорӣ ва ваколати онҳо барои амалӣ намудани назорати асъор

145.

146. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БОЗОРИ ХИЗМАТҲОИ БОНКӢ

147. Мафҳум ва аҳамияти ҳуқуқии хизматҳои бонкӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ.

148. Ҷанбаҳои шартномавии хизматҳои бонкӣ.

149. Танзими давлатии ташкили ҳисоббаробаркунӣ.

150. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БОЗОРИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИММАТНОК

151. Мавқеи бозори қоғазҳои қимматнок дар фаъолияти соҳибкорӣ

152. Эмитентҳои қоғазҳои қимматнок.

153. Эмиссияи саҳмия ва дигар қоғазҳои қимматнок аз ҷониби ҷамъияти саҳҳомӣ.

154. Танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузор дар бозори қоғазҳои қимматнок.

155. Иштирокчиёни касбии бозори қоғазҳои қимматнок

156. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ

157. Мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқии сармоягузории соҳибкоӣ.

158. Намудҳои асосҳои инвеститсия

159. Имтиёзҳои дар соҳаи мазкури фаъолияти соҳибкорӣ ҷойдошта.

160. Мафҳум ва шаклҳои шартномаи инвеститсионӣ.

161. Кафолати давлатии ҳимояи соҳибкор ҳамчун соҳибкори фаъол.

162. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ

163. Мафҳум ва намудҳои инноватсия.

164. Фаъолияти инноватсионӣ.

165. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ.

166. Шаклҳои ҳуқуқии таъсис ва амалисозии инноватсионӣ.

167. Танзими давлатии фаъолиятиинноватсионӣ.
168. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ САЙЁҲӢ
169. Мафҳум ва намудҳои фаъолияти сайёҳӣ
170. Вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни фаъолияти сайёҳӣ.
171. Шартнома ҳамчун шакли хизматрасчонии сайёҳӣ.
172. МОҲИЯТИ ҲУҚУҚИИ ЛИЗИНГИ МОЛИЯВӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ
173. Мафҳум ва мазмуни лизинги молиявӣ.
174. Намудҳои алоҳидаи лизинги молиявӣ ва аломатҳои шартномавии онҳо.
175. Вазъи ҳуқуқии ширкатҳои лизингӣ дар ҶТ.
176. ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ ВА МАНФИАТҲОИ ҚОНУНИИ СОҲИБКОРОН
177. Шакл ва тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон.
178. Шакли судии ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон.
179. Шакли ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон.
180. КОРИ ҲУҚУҚӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ
181. Мафҳум ва вазифаи кори ҳуқуқӣ дар шароити имрӯзаи инкишофи соҳибкорӣ.
182. Шаклҳо ва тартиби пешбурди кори ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ.
183. Вазъи ҳуқуқии машваратчии ҳуқуқии соҳибкор ва адвокати он.
184. Тарзҳои ҳизи ҳуқуқии манфиатҳои қонунии соҳибкорон.
185. Баҳсҳои ҳуқуқӣ, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меояд. ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚИИ СУБЪЕКТОНИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ
186. Ҷавобгарии соҳибкор: мафҳум ва шарти пайдоиши он.
187. Муқаррароти ҳуқуқии ҷавобгарии соҳибкорӣ дар шартнома.
188. Ҳолатҳои озод намудани соҳибкор аз ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи савдо ва молия.
189. Ҷавобгарии соҳибкор барои ҷиноятҳои иқтисодӣ.

РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ВА ТАВСИЯШАВАНДА

1. Абдуджалилов А. Правовое регулирование электронной коммерции в глобальной сети Интернет законодательством Республики Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2009.

2. Абдуллаева Р.А. Проблемы правового регулирования аудиторской деятельности в Республике Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2010.217с.

3. Агарков М.М. Основы банковского права / Учение о ценных бумагах. М. Изд. БЕК. 1994г.

4. Аграновский А.В. Проблемы правового регулирования безналичных расчетов в предпринимательской деятельности на территории Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2005.

5. Акционерное общество и товарищество с ограниченной ответственностью. Сборник зарубежного законодательства. Под ред. профессора В.А. Туманова. М. Изд. БЕК. 1995 г.

6. Алексеев С.В. Административно-правовое регулирование предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2005.

7. Амвросова О.Н. Становление и развитие отечественной науки хозяйственного (предпринимательского) права: историко-правовой анализ. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Краснодар, 2007.

8. Андреев В.К. Основы предпринимательской деятельности. М. 1995 г.

9. Антипов А.А. Правовое регулирование ассоциаций и союзов, их роль в предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2009.

10. Антонова Н.А. Гражданско-правовые проблемы страхования предпринимательского риска. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Ростов-на-Дону, 2003.

11. Арутюнян А.А. Правовое регулирование банковского кредитования субъектов предпринимательской деятельности в Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2012.

12. Ахунов Б.Ю. Защита прав субъектов предпринимательской деятельности по законодательству Республики Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2010.

13. Бабайцева Е.А. Коммерческая организация как юридическая форма осуществления права на занятие предпринимательской деятельностью. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Волгоград, 2004.

14. Баймуратова З.М. Саморегулируемые организации в сфере предпринимательской деятельности: административно-правовой аспект. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2010.

15. Бандорин А.Е. Механизм правового регулирования предпринимательской деятельности в России. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Саратов, 2010.

16. Барканов А.С. Коллизии частного и публичного права в регулировании распределения денежных средств, полученных от предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2005.

17. Барыкин Д.А. Страхование предпринимательских рисков: Правовой аспект. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Санкт-Петербург, 2002.

18. Басова А.В. Саморегулируемые организации как субъекты предпринимательского права. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2008.

19. Беляева И.А. Гражданско-правовое регулирование финансовой аренды (лизинга) в предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2005.

20. Белых С.В. Свобода предпринимательской деятельности как конституционно-правовая категория в Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Екатеринбург, 2004.

21. Бережной Ю.С. Защита прав субъектов предпринимательской деятельности при осуществлении государственного контроля (надзора). Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2011.

22. Бобоев Д.К. Договор коммерческой концессии по законодательству Республики Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2010.

23. Богуславский М.М. Международное частное право: Учебник. М. Международные отношения, 1994 г.

24. Бозоров Р.Б. Обязательства, возникающие вследствие предотвращения угрозы ущерба чужому имуществу. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 1997.

25. Бозоров, Р.Б. Инвестиционное право. Учебник. ТГНУ. Душанбе, 2008. 480с.

26. Бозоров Р.Б. Действия в чужом интересе. Душанбе, 2001. 86с.

27. Борисова С.В. Организационные и правовые основы создания субъектов предпринимательской деятельности в России. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2002.

28. Ванин В.В. Правовые проблемы государственного программно-целевого планирования предпринимательской деятельности в Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Ростов-на-Дону, 2000.

29. Васильев А.А. Проблемы правового регулирования индивидуальной предпринимательской деятельности в Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Волгоград, 2005.

30. Велигон В.Ф. Формирование правовой культуры предпринимательской деятельности у студентов экономических специальностей вузов. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Магнитогорск, 2003.

31. Величко Д.А. Гражданско-правовые основы предпринимательской деятельности в Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2003.

32. Вершинин С. Н. Правовое регулирование использования банковской гарантии в предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2007.

33. Вилкова Н.А. Объединения коммерческих организаций, участвующих в предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Волгоград, 2007.

34. Волкова В.В. Государственные гарантии предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2009.

35. Волохова Е.В. Правовое регулирование предпринимательской деятельности по российскому законодательству: теоретико-правовое исследование. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Ростов-на-Дону, 2006.

36. Газетдинов Е.В. Административная ответственность за правонарушения в области предпринимательской деятельности: по материалам судебной практики. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Киров, 2008.

37. Галиуллин Р.Р. Правовой режим недвижимого имущества в предпринимательском обороте. Казань, 2009.

38. Гафуров А.Д. Правовое регулирование дисциплины расчетов в условиях рыночной экономики. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2004.

39. Гаюров Ш.К. Проблемы гражданско-правового регулирования акционирования государственных предприятий в Республике Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 1996. 195с.

40. Гаюров Ш.К. Личное информационное право граждан: проблемы гражданско-правового регулирования в Республике Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. д-ра. юрид. наук. Москва, 2010. 371с.

41. Гаюров, Ш.К. Информационные обязательства ликвидируемого юридического лица: Основные вопросы теории и практики. Душанбе: Андеша, 1999. 65с.

42. Голованов А.К. Категориальная и субстративная сущность юридического лица. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2010.

43. Громова М.Н. Субъекты и содержание права на занятие предпринимательской деятельностью. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Казань, 2005.

44. Гуляева Н.С. Коммерческая тайна в предпринимательской деятельности: сравнительно-правовое исследование законодательства РФ, зарубежных государств и международно-правового регулирования. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2002.

45. Гуща В.Г. Гражданско-правовые предпринимательские отношения: вопросы взаимодействия норм гражданского права и налогового права. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2004.

46. Давтян Д.Н. Возмещение вреда, причиненного жизни и здоровью физического лица в процессе осуществления предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Волгоград, 2011.

47. Данилочкина Ю.В. Правовое регулирование предпринимательской деятельности на рынке медицинских услуг. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Сахара, 2003.

48. Дедов Д.И. Реализация принципа соразмерности в правовом регулировании предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2005.

49. Демиева А.Г. Система правовых средств обеспечения предпринимательской деятельности без образования юридиче-

ского лица. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Казань, 2008.

50. Дрогунова А.С. Граждане как субъекты предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Самара, 2007.

51. Дурнов А.Н. Правовое регулирование предпринимательской деятельности профессиональных участников рынка ценных бумаг-депозитариев. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2005.

52. Егоров С.А. Конституционно-правовые основы права граждан на свободное использование своих способностей для занятия предпринимательской деятельностью. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2005.

53. Ерахтина О.С. Договоры в сфере предпринимательской деятельности (проблемы оптимизации правового воздействия). Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2009.

54. Ефимова Л.Г. Банковское право. М. Изд. БЕК. 1994 г.

55. Жамен С., Лакур Л. Торговое право: Учебное пособие: Пер. с французского. М. Межд. отнД 1993 г.

56. Жданов А.А. Финансовое право. М. Изд. Рос. открытый ун-т, 1995 г.

57. Журавлев Р.А. Административное разрешение в предпринимательской деятельности в Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2008.

58. Занковский С.С. Предпринимательские договоры в России. Проблемы теории и законодательства. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2004.

59. Ибатуллина Э.А. Правовая категория "предпринимательская деятельность" в истории учений о праве и государстве. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Краснодар, 2008.

60. Иванов А.Б. Фирменное наименование как средство индивидуализации субъектов предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2010.

61. Илюхина Ю.Ю. Конституционно-правовые гарантии реализации права на предпринимательскую деятельность в современной России. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Саратов, 2011.

62. Ишанкулова Е.М. Проблемы права частной собственности граждан в Республике Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2003.

63. Каримов А.К. Проблемы правового обеспечения конкурентной деятельности в Республике Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2010. 188с.

64. Картамышев В.В. Финансово-промышленная группа - организационная форма предпринимательских объединений по законодательству Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Белгород, 2007.

65. Кашковский О.П. Правовое регулирование предпринимательской деятельности некоммерческих организаций. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2000.

66. Килина Е.Э. Недействительность сделок в предпринимательской деятельности: Проблемы теории и практики. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2006.

67. Ковалев М.В. Предпринимательский договор в системе Российского гражданского права. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2004.

68. Ковязин В.В. Предпринимательская деятельность некоммерческих организаций системы МВД России: Правовые и организационные аспекты. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2000.

69. Копытин Д.А. Правовое регулирование рекламного рынка: предпринимательское-правовой аспект. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2008.

70. Кочев А.А. Особенности предпринимательской деятельности с использованием института доверительного управления имуществом. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2008.

71. Кошанина Т.В. Предпринимательство (правовые основы). М. Юридическая литература. 1994 г.

72. Крусс В.И. Конституционное право личности на предпринимательскую деятельность в Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 1997.

73. Крутикова С.В. Предпринимательская правосубъектность финансово-промышленных групп в Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Тюмень, 2005.

74. Кузнецова В.В. Правоотношения доверительного управления имуществом в предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Самара, 2006.

75. Кулиуш О.А. Защита деловой репутации субъектов предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2011.

76. Лазарева Т.А. Правовой механизм обеспечения предпринимательской деятельности специализированного регистратора на рынке ценных бумаг. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2009.

77. Лаптев В.А. Правосубъектность предпринимательских объединений. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2005.

78. Лаптев В.В. Введение предпринимательское право. М. Институт государства и права РАН. 1994 г. 1.

79. Лаптев В.В. Предпринимательское право: Понятие и субъекты. -М.: Юристь. 1997г.

80. Леонов М.Г. Уголовная ответственность за воспрепятствование законной предпринимательской или иной деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Саратов, 2009.

81. Макарова Е.М. Проблемы правового регулирования использования интернета в предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2007.

82. Малаховский К.В., Павленко А.А. Биржа. М. Издат-банк. 1990 г.

83. Маркович А.М. Реклама (рекламная деятельность) как вид предпринимательской деятельности в России. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2010.

84. Мартинсон Д.Ю. Правовое регулирование предпринимательской деятельности без образования юридического лица в Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2005.

85. Меликов У.А. Правовое регулирование предпринимательской деятельности при создании и распространении средств массовой информации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2010.

86. Мельничук Г.В. Лицензирование как форма государственного регулирования предпринимательской деятельности в России и США. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2007.

87. Менглиев Р.Ш. Защита права владения. Душанбе: Конуният, 2002. 150с.

88. Меркулова А.В. Субъекты предпринимательских правоотношений: вопросы теории и практики. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Коломна, 2006.

89. Минасян С.Д. Правовое регулирование интеграционных процессов в предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2006.

90. Михайлов А.В. Роль императивных норм в правовом регулировании отношений между лицами, осуществляющими предпринимательскую деятельность, или с их участием. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Казань, 2001.

91. Могильникова Н.Б. Организационно-правовой механизм управления в сфере предпринимательской деятельности в Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Хабаровск, 2005.

92. Морозов А.А. Правовое регулирование использования в предпринимательской деятельности имущества, ограниченного в обороте. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2010.

93. Муртазакулов Д.С. Гражданско-правовой статус дехканских (фермерских) хозяйств по законодательству Республики Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2000.

94. Насиров Х. Правовые формы имущественной самостоятельности предприятий. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 1998.

95. Нодиров Ф.М. Некоторые дискуссионные проблемы теории договора// Гос. и право. Душанбе, 2005. №3. С. 40-47.

96. Нодиров Ф.М. Регулирующая роль договора в современных условиях // Государство и право. Душанбе, 2007. №2. С. 31-32.

97. Носиров А.Р. Правовой механизм несостоятельности (банкротства) банков и иных кредитных организаций по законодательству Республики Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2008.

98. Носиров Н.Б. Гарантии обеспечения частных и публичных интересов по законодательству Республики Таджикистан о банкротстве. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2009.

99. Нурмамедова Д. Правовое регулирование предпринимательской деятельности на рынке услуг почтовой связи. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2005.

100. ОвсянкоД.М. Административное право. М. Изд. Юрист. 1995 г.

101. Ойгензихт, В.А. Имущественная ответственность в хозяйственных договорах. Учеб. пособие / В.А. Ойгензихт; Тадж. гос. ун-т. Душанбе, 1980. -111с.

102. Ойгензихт В. А. Проблема риска в гражданском праве. Душанбе.: "Ирфон", 1972,- 224с.

103. Ойгензихт В. А. Проблема риска в гражданском праве. //Автореф. дисс. док. юрид. наук. М.; 1974. 35с.

104. Ойгензихт В. А. Риск при просрочке исполнения. Укрепление законности и правопорядка в период строительства коммунизма. Часть 3. Душанбе; 1973. - с. 174-197

105. Ойгензихт В. А. Презумпции в советском гражданском праве. Душанбе: "Ирфон", 1976. 190с.

106. Ойгензихт В. А. Имущественная ответственность в хозяйственных договорах. Душанбе, 1980. 112с.

107. Ойгензихт В.А. Юридическое лицо и трудовой коллектив: Сущность. Поведение. Ответственность. Учебное пособие. Душанбе; 1988. 116с.

108. Ойгензихт В. А. Воля и волеизъявление. Очерки теории, философии и психологии права. Душанбе.: Изд-во "Дониш", 1983. 256 с.

109. Ойгензихт В. А. Альтернатива в гражданском праве. Душанбе: Изд-во "Ирфон", 1991. 115с.

110. Осляков В.Г. Государственный контроль за осуществлением предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2010.

111. Оськин И.Н. Правовые ограничения в предпринимательской деятельности гражданина (физического лица), действующего без образования юридического лица. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Волгоград, 2003.

112. Отарова К.Г. Правовое регулирование применения банковской гарантии в предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2005.

113. Панов В.А. Гражданско-правовой режим документов в сфере предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Казань, 2006.

114. Пилецкий А.Е. Теоретические проблемы предпринимательской правосубъектности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2006.

115. Погорелов Д.В. Правовые формы государственного регулирования предпринимательской деятельности в Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Белгород, 2006.

116. Позднякова А.С. Реализация права на занятие предпринимательской деятельностью, связанной с перевозками пассажиров автомобильным транспортом. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2008.

117. Половникова Н.В. Правовое регулирование предпринимательской деятельности: гражданско-правовой и финансово-правовой аспекты. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Екатеринбург, 2008.

118. Польников В.В. Проблемы правового регулирования предпринимательской деятельности иностранных юридических лиц на территории Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2003.

119. Попова С.В. Защита прав предпринимателей по российскому и германскому праву. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Ставрополь, 2006.

120. Посунько Д.А. Холдинг как предпринимательское объединение: на примере агропромышленного комплекса. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2007.

121. Правовое регулирование предпринимательской деятельности. Сборник статей. Под ред. В.В. Лаптева. Изд. Институт государства и права РАН. 1995г.

122. Предпринимательское право: Учебник / Под ред. И.В. Ершова. - М.: Юриспруденция, 2002.

123. Предпринимательское (хозяйственное) право и реальный сектор экономики: В. В. Лаптев. Санкт-Петербург, Инфотропик Медиа, 2010 г.88 с.

124. Предпринимательское (хозяйственное) право: О. А. Кудинов - Санкт-Петербург, Дашков и Ко, 2010 г. 268с.

125. Предпринимательское право для студентов вузов: М. Б. Смоленский - Москва, Феникс, 2004 г.128с.

126. Предпринимательское право. Вопросы и ответы: И. В. Ершова - Санкт-Петербург, Юриспруденция, 2002 г.256 с.

127. Предпринимательское право. Курс лекций. В 2 частях: В. С. Анохин - Москва, Волтерс Клувер, 2009 г.- 688 с.

128. Предпринимательское право. Правовая защита бизнеса в России: — Москва, Юнити-Дана, Закон и право, 2007 г.- 192 с.

129. Предпринимательское право: - Санкт-Петербург, РГГУ, 2008 г.760с.

130. Раджабов М.Н. Гражданско-правовой статус иностранцев в Республике Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2004.

131. Райш Й.Г. Государственное регулирование предпринимательской деятельности в сфере страхового дела. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2009.

132. Рассказов О.Л. Юридические лица в сфере предпринимательской (хозяйственной) деятельности в Российском государстве: теоретический и историко-правовой анализ. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Краснодар, 2009.

133. Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2000.

134. Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. д-ра. юрид. наук. Душанбе, 2000. 354с.

135. Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. Душанбе: Деваштич, 2007. 294с.

136. Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности.- Душанбе: Сино, 1998. 176с.

137. Рахимов М.З. Предпринимательское право: Учеб. пособие. Душанбе: Деваштич, 2005. - 408с.

138. Ремишевская О.В. Правовое регулирование агентского договора в предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2009.

139. Ровный В.В. Феномен предпринимательства в гражданском праве. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Иркутск, 1996.

140. Ручкина Г.Ф. Финансово-правовое регулирование предпринимательской деятельности в Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2004.

141. Савватеев В.Ю. Гражданско-правовая защита прав участников предпринимательских отношений. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Самара, 2007.

142. Савостьянов А.Г. Правовое регулирование предпринимательской деятельности в сфере недропользования. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2011.

143. Салибаева Н.А. Защита прав инвесторов на рынке ценных бумаг в Республике Таджикистан. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2004.

144. Салихова М.А. Недвижимость как объект предпринимательских правоотношений. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2001.

145. Самадов Б.О. Правовой режим индивидуальной предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан и в

Российской Федерации: сравнительно-правовой анализ. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2010.

146. Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан. Автореферат на соискание ученой степени кандидата юридических наук. Душанбе, 2010. 24с.

147. Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан. Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. Душанбе, 2010. 193с.

148. Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан: проблемы и пути их решения. Монография. Душанбе, 2010. 180с.

149. Сангинов Д.Ш. Правовое положение туриста в туристской деятельности. Учебное пособие. Душанбе: «Маориф ва фарханг». 2011. 268с.

150. Сангинов Д.Ш. Туристическое право Республики Таджикистан (нормативно-правовые акты). Учебно-практическое пособие. Душанбе: «Эр-граф», 2012. 320с.

151. Сангинов Д.Ш. Туристическое право Республики Таджикистан. Учебное пособие. Душанбе, «Эр-граф», 2012. 500с.

152. Саркисьян Г.И. Частноправовые аспекты влияния налогового регулирования на осуществление предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2010.

153. Сахаров А.В. Правовое регулирование регрессных обязательств, возникающих в сфере предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2010.

154. Сафин З.Ф. Гражданско-правовое регулирование договорных отношений субъектов предпринимательской деятельности агропромышленного комплекса в валютно-финансовой сфере. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Казань, 2005.

155. Соболь О.С. Лицензирование предпринимательской деятельности: Правовой аспект. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2004.

156. Стенина Н.П. Правовые проблемы залога как способа обеспечения исполнения кредитных обязательств в предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2009.

157. Страхова С.Г. Ограничения права на осуществление предпринимательской деятельности: частноправовые и публично-

правовые аспекты. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Самара, 2006.

158. Стукалова Ю.В. Юридические лица как субъекты предпринимательской деятельности в России XIX - начала XX века: историко-правовое развитие и теоретическое осмысление. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Воронеж, 2007.

159. Султонова Т.И. Злоупотребление хозяйствующими субъектами доминирующим положением на товарном рынке в Республике Таджикистан: вопросы теории и законодательства. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Душанбе, 2007.

160. Суханов Е.А. Правовые основы предпринимательства. М. Издательство БЕК. 1993 г.

161. Сухоруков В.А. Договор охраны имущества как средство минимизации предпринимательских рисков. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Волгоград, 2007.

162. Тальчиков С.А. Понятие и содержание договора простого товарищества в предпринимательской сфере. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2009.

163. Тимофеев С.В. Правовое регулирование предпринимательской деятельности банков в Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2010.

164. Томилова Л.Н. Правовые формы и способы участия муниципального образования в предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Саратов, 2003.

165. Троценко О.С. Проблемы лицензирования предпринимательской деятельности: Гражданско-правовой аспект. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Екатеринбург, 2005.

166. Тускаев Г. Г. Правовое регулирование инновационной предпринимательской деятельности в Российской Федерации. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2011.

167. Тюкавкин-Плотников А.А. Правовое положение производственного кооператива как субъекта предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Иркутск, 2003.

168. Усков Д.Г. Конституционные гарантии права на предпринимательскую деятельность. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2007.

169. Устинова Т.Д. Актуальные проблемы уголовной ответственности за преступления, посягающие на предпринимательскую

деятельность. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2005.

170. Флоря О. В. Правовое регулирование предпринимательской деятельности в особых экономических зонах. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2011.

171. Фроловский Н.Г. Управление предпринимательскими корпорациями в Российской Федерации: Правовой аспект. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Белгород, 2004.

172. Халфина Р.О. Современный рынок: правила игры. Учебное пособие по гражданскому и торговому праву. М. 1993 г.

173. Хамидуллина Ф.И. Гражданско-правовая ответственность субъектов предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Казань, 2005.

174. Хозяйственное право, т. 1 и 2. Под редакцией В.С. Мартемьянова, М. Изд. БЕК. 1994г.

175. Хоменко А.Б. Гражданско-правовое регулирование инвестиций на строительство объектов предпринимательского назначения. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2007.

176. Шершеневич Г.Ф. Учебник торгового права. М. Издательство Спарк. 1995г.

177. Шигин А.И. Защита информации с ограниченным доступом в предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Владикавказ, 2011.

178. Шонасридинов Н.Ш. Договорное регулирование энергоснабжения. Учебное пособие. Душанбе: Сино, 1992. 122с.

179. Шонасридинов Н. Ш. Гражданский кодекс Республики Таджикистан (часть первая): анализ и проблемы // Материалы международной научно -теоретической конференции, посвященной памяти В.А.Ойгензихта. Душанбе, 2004. С. 48-58.

180. Шонасридинов Н.Ш. Анализ гражданского кодекса Республики Таджикистан (часть первая) // Анализ коммерческого законодательства Республики Таджикистан. Душанбе, 2003. С. 307-308.

181. Шонасридинов Н. К вопросу о правовой статус дехканского (фермерского) хозяйства как одной из форм предпринимательской деятельности // Законность основа правового государства. Душанбе, 1995. 79с.

182. Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М. Предпринимательское право. Учебное пособие. Часть 1. Душанбе: Прогресс, 2009. 473с.

183. Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М. Предпринимательское право. Учебник. Часть 2. Душанбе, 2010.

184. Шпагонов А.Н. Система правовых стимулов и ограничений предпринимательской деятельности в банковской сфере. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Казань, 2011.

185. Шубников Ю.Б. Становление и развитие правового обеспечения предпринимательской деятельности в России IX - начала XX вв. Историко-теоретическое исследование. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Санкт-Петербург, 2002.

186. Шугаев Д.В. Ограничение предпринимательской деятельности иностранных лиц по Российскому законодательству. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2009.

187. Щёкина С.Н. Определение и регулирование эффективности предпринимательской деятельности субъектов хозяйствования. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Санкт-Петербург, 2008.

188. Чернова А.А. Правовое регулирование предоставления лесных участков в пользование субъектам предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2009.

189. Чугунов А.А. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2001.

190. Чуковская Е.Э. Правовые аспекты предпринимательской деятельности в кинематографии. Москва, 1999.

191. Чукреев А.А. Субъективные условия применения санкций гражданского законодательства о предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Тюмень, 2003.

192. Чуряев А.В. Административно-правовое регулирование государственной регистрации субъектов предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Орел, 2009.

193. Якимова О.Е. Правовое регулирование предпринимательской деятельности в Особых экономических зонах в РФ. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2010.

194. Янушка А.С. Административные правонарушения в области предпринимательской деятельности. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. юрид. наук. Москва, 2005.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Факултети ҳуқуқшиносӣ
Кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

Ба истиқболи ҷашни 20 солагии қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60 солагии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М.З. бахшида мешавад

ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Воситаи таълимӣ

Бо қарори Шӯрои илмӣ-методии ДМТ ба сифати воситаи таълимӣ барои чоп тавсия шудааст.

Ба матбаа 04.03.2014 таҳвил гардид. Чопаш 13.03.2014 ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопии шартӣ 31,25. Адади нашр ___ нусха. Супориши № ___. Нархаш шартномавӣ.

Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев 218.
Тел.: 37-881-15-16, 227-39-92, 907-37-37-26